ÔÍÜÚÇÔØÔ ÙÌÉÉÚ ä

СУХАНВАРОНИ ЗАРАФШОН

ДУШАНБЕ
«ИРФОН»
2019

ББК 83,3 (2тоҷик)+84 тоҷик 7-5+92Я2
С - 95

Мураттиб:
Иброҳими Наққош.

Ҳайати таҳририя:
Бахтиёр Ҷумъазода, Аслиддин Қамарзода, Исмоил Зарифӣ, Равшани Ҳамроҳ, Абдуҷаббори Суруш, Афсар Сармад ва Фаридуллоҳи Убайдуллоҳ

Суханварони Зарафшон. – Душанбе: Ирфон, 2019 – 504 саҳ.

Китобе, ки шумо, хонандагони азиз, дар ихтиёр доред, фарогири мухтасари ҳасби ҳол ва намунаи эҷодиёти шоирону нависандагони гуногунпояи муосири водии Зарафшон аст. Шумо метавонед зимни мутолиаи ин тазкира бо вазъи шохаи адабиёте ошноӣ пайдо намоед, ки муаллифони ин осор имрӯз дар шаҳру музофотҳои гуногуни ин водӣ-дар навоҳии Кӯҳистони Мастчоҳу Айнӣ ва Панҷакенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар шаҳрҳои Самарқанду Бухорои Ҷумҳурии Ӯзбекистон зиндагӣ ва эҷод менамоянд. Ин маҷмӯаи дастаҷамъӣ иқдоми нахустинест, ки дар баробари муаррифии ин қаламкашон ба вусъати дӯстиву ҳамкориҳои эҷодии тоҷикони ду ҷумҳурӣ мусоидат менамояд.

ISBN 978-99975-1-118-8

© Иброҳими Наққош, 2019

ПЕШГУФТОР

Тазкиранависӣ аз иқдоми хайру савобест, ки дар таърихи адабиёти форсу тоҷик собиқаи дерина дорад. Хонандагону ҳаводорони каломи бадеъ метавонанд тавассути тазкираҳо аз намунаи эҷодиёти адибони қарнҳои гузашта ва мухтасари ҳасби ҳоли эшон огоҳӣ пайдо намоянд. Аксари тазкираҳо чун анъана бо наср навишта шудаанд. Ба нудрат тазкираҳое ҳам ба арсаи адабиёт ворид шудаанд, ки манзуманд. Ҳадаф аз навиштани тазкира зикри шахсият, мақому мартаба, вазъи иҷтимоӣ ва ба ҳайси мисол дарҷ намунаи эҷодиёти ин ё он адиб аст. Аҳамияти аввалиндараҷаи тазкира аз он иборат аст, ки вай метавонад ба ҳайси сарчашмаи илмӣ хидмат кунад. Яъне, муҳаққиқони адабиёт далелҳои дар тазкираҳо омадаро дар таҳқиқоти худ ба сифати манбаъ истифода мебаранд. Дар таърихи адабиёти мо яке аз машҳуртарин тазкираҳо «Тазкирату-ш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандист, ки мавриди корбурди зиёд қарор гирифтани он дар асарҳои адибону тазкиранависони баъдина ба мушоҳида мерасад. Қисматҳои ҷудогонаи «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ ва «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ низ чунин хусусиятро касб кардаанд.

Яке аз вижагиҳои дигари тазкира он аст, ки шоирони алоҳидаро аз гумномӣ наҷот медиҳад. Далели равшанаш он аст, ки мо ба тавассути тазкираҳои қадима огаҳӣ пайдо намудаем, ки қадимтарин шоири форсигӯ Баҳроми Чӯбина будааст. Ба шарофати тазкираҳо мо аз шоире бо номи Абӯҳафси Суғдӣ огоҳ шудаем. Байти машҳури ӯ «Оҳуи кӯҳӣ дар дашт чӣ гуна давадо, Ӯ надорад ёр, бе ёр чӣ гуна бувадо?» беш аз ёздаҳ қарн аст, ки аз тазкирае ба тазкирае нақл шуда, аз вуҷуди чунин шоири суғдзамин гувоҳӣ медиҳад. «Оҳуи кӯҳӣ»-и Абӯҳафс ҳанӯз дар даштҳои адабиёти мо давидан дорад ва то қиёмат хоҳад давид. Дар тазкираҳои қадима бештар зикри шоироне рафтааст, ки онҳо соҳибдевонанд. Мутаассифона, девонҳои онҳо дар тӯли асрҳо ё ба коми оташ рафтаанд, ё беному нишон шудаанд, аммо намунаи ашъорашон, ки дар тазкираҳо дарҷ ёфтаанд, номи онҳоро чун шоир дар таърихи адабиёт зинда нигоҳ доштаанд.

Тазкираҳо бар замми аҳамияти илмиву адабӣ доштанашон аз аҳамияти таърихӣ низ орӣ нестанд. Мо ба тавассути мутолиаи тазкираҳо аз вазъи рӯзгори адибони қарнҳои гуногун ва авзои таърихи он замонҳо низ маълумоти мушаххас гирифта метавонем.

Тазкиранависӣ ва тадвини баёз дар оғози қарни бист бо «Намунаи адабиёти тоҷик»-и устод Садриддин Айнӣ ҷамъбаст шудааст. Баъдан ин анъана дар тадвини «Тазкираи адабиёти бачагона» идома ёфтааст, ки дар он бештар худи адибони муосир ҳасби ҳоли хешро мухтасар баён намудаанд. Сипас дар замони Шӯравӣ ва ахиран дар даврони Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон бисёр маҷмӯаҳои дастаҷамъӣ ба нашр расидаанд. «Тазкираи адибони Бадахшон» аз зумраи онҳост. Аммо аксарияти ин баёзҳо намунаи ашъори шоирони моро муаррифӣ мекунанд, лекин аз ҳасби ҳоли онҳо маълумоти мушаххас намедиҳанд.

Мураттибони тазкираҳо воқеан, мардони хайрандешу хайрхоҳе будаанд, ки ному намунаҳои осори гузаштагон ва муосирони худро зинда ва маҳфуз нигоҳ доштаанд. Дар адабиёти замони истиқлоли мо дар ин ҷода то ҳол касе аз домулло Иброҳими Наққош қадам фарохтар наниҳодааст. Ин марди шоирпешаву хаттот ва матншиносу фарҳангпарвар солҳост, ки дар тадвину нашри баёзҳо ва тазкираҳо аз ҳаёту эҷодиёти шоирони гузаштаву муосир хидматҳои пайгиронаро ба анҷом расонида истодааст. Ӯ аз соли 2008 сар карда, то имрӯз тазкираҳои «Накҳати куҳандиёри Ҳафткӯл», «Гулчини ғазал», «Гулшани ғазал», Армуғони ғазал», «Ҳазор ғазал аз сад шоир», «25 гуфтор» ва «Наврӯзи Зарафшон»-ро таҳия карда ба нашр расонидааст. Наққош инчунин, мураттиби якчанд баёз аст, ки нусхаи мукаммали онҳо дар китоби муҳташами «Ашъори дилпазир» фароҳам омадаанд.

Тазкирае, ки дар замони мо фарогири ҳасби ҳол ва намунаи эҷодиёти шоирону нависандагони муосири қаламрави Зарафшон аст, дар чунин шакл бори нахуст аз ҷониби Иброҳими Наққош таҳияву тадвин ва нашр мешавад. Сабаби асосии тавлиди ин тазкира пеш аз ҳама, бо иқдоми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев эҳёву густариш ёфтани ҳусни тафоҳум ва ҳамкориҳои дуҷонибаи ду кишвари ҳамсояву бародар аст. Вақте, ки чунин вазъи мусоид фаро расид, Иброҳими Наққош тасмим гирифт, ки тазкираи зеринро таҳия намояд. Бо ҳамин нияти нек ӯ ба тавассути шабакаҳои интернет эълон намуд, ки нависандагону шоирони қаламрави Зарафшон метавонанд намунаи осори худро ба суроғаи мураттиб ирсол намоянд. Аз эълони зикршуда зиёда аз як сол сипарӣ шуд. То имрӯз 125 нафар муаллифони машҳуру номашҳур асарҳои худро ба мураттиб пешниҳод намудаанд. Ногуфта намонад, ки бо мақсади тадвини ин тазкира худи Иброҳими Наққош борҳо ба шаҳрҳои Самарқанду Бухоро сафар карда, бо муаллифон вохӯрдааст ва навиштаҳояшонро ҷамъ овардааст, яъне, ин асари дастаҷамъӣ самараи заҳматҳои пайдарпайи Наққош аст.

Муаллифони ин асарҳо намояндагони синну сол ва касбу кори мухталифанд. Аз ин ваҷҳ, тарзи ҷобаҷогузории номи муаллифон на аз рӯи синну солу мақому мартаба ва сатҳу сифати навиштаҳо, балки

тибқи тартиби алифбо сурат гирифтааст. Қисми зиёди муаллифон даъвои нависандагиву шоирӣ ҳам надоранд, аммо табъу завқашон водор менамояд, ки асаре эҷод кунанд ва навиштаҳояшонро манзури ҳаводорони адабиёти муосир намоянд. Зеро, ба қавле маъруф, барои эҷодкор нанавиштан баробари марг аст. Дар байни ин муаллифон шоирону нависандагони касбӣ ба нудрат дучор меоянд. Аз ҳамин лиҳоз, ин тазкира аз навоқису норасоиҳо орӣ нест. Албатта, ҳадафи мо зикру нақди ҳамаи он камбудиҳо набуда, аммо қайд намудани бархе аз онҳоро зарур медонем. Умумигӯӣ аз норасоиҳои асосии аксари муаллифони ашъор буда, онҳо зимни суннатгароӣ даст ба корбурди ташбеҳу истиораҳои шахшудаву куҳна задаанд, ки ин падидаи номақбул боиси коҳиши таъсири суханҳои эшон гардидааст. Дигаре аз норасоии шеъри қаламкашон, бавижа, шоирони ҷавон ва калонсоли камтаҷриба сактаҳо дар вазни шеър аст, ки аз надонистани вазни арӯз сар задааст. Ағлаби суханварон ҳолатҳои отифиро ба сарҳади шеър расонида натавонистаанд. Аз ҳамин рӯ, ашъорашон каммоя ва беҷавҳар аст. Азбаски сайри он суханварон дар олами тахайюл ба нудрат сурат мегирад, ҷараққаҳо дар чакидаҳои хомаи онҳо ба мушоҳида намерасад. Фуқдони тасвирҳои тозаи шоирона нуқсони дигари он навиштаҳост. Камбудии дигаре, ки ҳам дар назму ҳам дар насри суханварон ҷой дорад, ин забони носуфта ва камбағали онҳост.

Бо вуҷуди ин норасоиҳо дар навиштаҳои суханварони алоҳида иддае аз навпардозиҳову тозагӯиҳо ва самимияти гуфтору бозёфтҳои шоирона мавҷуданд, ки хонандаи воқеӣ бе мушкилӣ онҳоро дарк менамояд ва ин падида, бидуни иштибоҳ, бурди он эҷодкорон аст. Ба нашр фаро гирифтани як даста шеъри хоми шоирони ҷавон ё калонсолони камтаҷриба маънои онро надорад, ки мураттиб ва муҳаррир онҳоро бе дудилагӣ пазируфта бошанд. Ин амал ба он мақсад анҷом ёфтааст, ки ҳаводорон ва алоқамандони сухан аз вазъи имрӯзаи адабиёти қаламрави мавриди назар тавонанд воқеъбинона воқиф шаванд. Ба ҳамин хотир, таҳрири осори манзуму мансур чандон ба таври ҷиддӣ сурат нагирифтааст, то ҳолати табиии вазъи эҷод халалдор нашавад. Шояд хонанда аз миёни ин навиштаҳо як ё ду байт, як ё ду ҷумлаю ифодаи тару тоза пайдо намояд. Боқӣ қазовати ҳусну қубҳи онҳоро ба ихтиёри хонандагон вогузор менамоем.


Тадвин ва нашри ин тазкира, яъне маҷмӯаи дастаҷамъӣ бар замми ин гуфтаҳо аз дигар ҷиҳатҳо низ манфиатбахш аст. Ин асар муаррифи намунаи эҷодиёти суханварони машҳуру номашҳур ва таҷрибаноку камтаҷрибаи шаҳру музофотҳои водии Зарафшон буда, аз вазъи адабиёти ин қаламрав, ки поягузори он устод Абӯабдуллоҳ Рӯдакист, маълумот медиҳад. Манфиати дигари ин маҷмӯа дар он аст, ки ба робитаи адабии қаламкашони ин водӣ, ки имрӯз дар ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон зиндагиву эҷод мекунанд, мусоидат менамояд. Хонандагону алоқамандони адабиёт аз он огоҳӣ меёбанд, ки

хушбахтона, чароғи илму маърифат ва шеъри тоҷикӣ дар шаҳрҳои қадимаи Самарқанду Бухоро хомӯш нашудааст ва забони ноби тоҷикӣ гӯёву роиҷ аст. Ба туфайли ин маҷмӯаи дастаҷамъӣ намунаи эҷодиёти суханварон муддатҳои мадид маҳфуз мемонад ва ин тазкира ба рушди минбаъдаи эҷодиёти қаламкашон ва равнақи робитаҳои адабии тоҷикони ду кишвари дӯсту ҳамсоя такон хоҳад бахшид.

Дар охир ба ҳамаи суханварон табъи саршору комёбиҳои эҷодӣ таманно намуда, умед бар он мебандем, ки ин ташаббуси хайрхоҳона минбаъд ба анъанаи нек табдил ёбад.

Равшани Ҳамроҳ
22 июни соли 2019,
шаҳри Душанбе.

АБДУВАКИЛ РАҶАБӢ



Абдувакил Раҷабӣ 7 июни соли 1945 дар деҳаи Барҳаво (Шӯрчаи хурд) ҷамоати Халифа Ҳасани ноҳияи Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дунё омадааст.

Дастпарвари ҳунаристони №36 буда, шуғлаш ронандагист. Аммо дорои истеъдоди модарзод буда, ба адабиёт ва шеъри тоҷик дилбастагии зиёд дорад.

Чакидаҳои хомаи ӯ дар матбуоти давр ва маҷмӯаҳои зерин дар солҳои мухталиф рӯйи чоп омадаанд. «Тавлиди обшор» с.2002, «Подоши амал» с.2003.

Бо тавсияи Шоири халқии Тоҷикистон Гулназар маҷмӯаи ӯ бо номи «Бо дили ташна» дар нашриёти Деваштич аз чоп баромадааст. «Замзамаи муҳаббат» (2005), «Боғи баланд» (2009), «Сайри хуршед» (2011), «Боғи тиллоӣ» (2015) ва «Кабӯтарҳои навбол» (2016) дастраси ҳаводорони назм, хусусан бачаҳо гардидаанд.

Ғайр аз ин, якчанд номгӯй маҷмӯаҳояш бо номҳои «Наматак», «Чаққонак» ва ғайра омодаи чоп аст.

ДӮСТИ ДЕРИНА

Самарқандӣ – Бомулло,
Ба Тоҷикистон биё.
Оғӯши худ карда боз,
Мегирем туро пешвоз.
Ҳамчун дӯсти дерина,
Дар дил надорем кина.
Мисли ёру бародар,
Ту акою ман додар.
Ба хонаи ҳамдигар,
Меоем шому саҳар.
Шуд байнамон бесарҳад,
Аз ҳамин дам то абад.
Самарқанду Бухоро,
Ин кӯҳу дашту саҳро.
Макони Ориёӣ,
Ҷаҳони Ориёӣ.
Будем мо якдилу ҷон,
Дар даври Сомониён.
Аз нав барқарор шавем,
Ҳамсояву ёр шавем.
Якҷоя амал кунем,
Мушкилотро ҳал кунем.
Гар об даркор, об диҳем,
Аз баҳри савоб диҳем.
Мо аз Роғун барқ диҳем,
Ба тамоми Шарқ диҳем.
Чӣ дорем, бинем бо ҳам,
Зиҳем бо хотири ҷамъ.

Бо ҳам ӯзбеку тоҷик,
Шавем дӯстони наздик!

ДАР ОҒӮШИ ДӮСТ

Шудам пазмони дидори Самарқанд,
Ба хешону ба наздикону пайванд.
Дилам моил ба нони ширмолаш,
Ки бифрӯшанд хубон бо шакарханд.

Самарқандӣ маро ҷоне ба ҷон аст,
Дилу ҷону ҷигар аз бостон аст.
Ба ҳам зистем дар як обу як хок,
Чунин ҳамсоягӣ то ҷовидон аст.

Кушода сӯйи ҳам оғӯш имрӯз,
Ба шайтони ҷудоӣ гашта пирӯз.
Бале, дар шодиву дар ғам шарикем,
Барои ҳамдигар ҳастем дилсӯз.

Дари баста дар охир боз гардид,
Равуоҳо зи нав оғоз гардид.
Зи шаҳри Панҷакенту деҳаҳояш
Бад-он сӯ мавриди парвоз гардид.

Самарқандӣ, биё, бар хонаи мо,
Туро дар дидаву дил медиҳам ҷо.
Дар ин соли ҳунарҳо рӯйи хона
Гузорем аз мавизу нону ҳалво.

Бинои дӯстӣ обод созем,
Рафоқатҳо зи нав эҷод созем.
Ту меҳмонам бишав, ман меҳмонат,
Дили худро зи ваҳдат шод созем.

НАВРӮЗИ МО ҶАҲОНИСТ

Наврӯз рӯзи нав аст,
Ба ҳамдигар диҳем даст.
Бо як ташаббус Наврӯз
Ҷаҳонро ба ҳам пайваст.

Наврӯзи мо ҷаҳонист,
Ин ид ҷовидонист.
Дар байни аҳли олам
Эъҷози мо ҷаҳонист.

Ҳамдигарро писандем,
Аз дидорҳо хурсандем.
Бо сад меҳру муҳаббат
Бо ҳам гӯему хандем.

Наврӯзи мо ҷаҳонист,
Ин ид ҷовидонист.
Дар байни аҳли олам
Эъҷози мо ҷаҳонист.

АБДУКАРИМ ҒАНИЗОДА



Абдукарим Ғанизода (Ғаниев) соли 1936 дар деҳаи Хоҷа Аҳрори Валии ноҳияи Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон таваллуд шудааст. Баъди хатми мактаби миёнаи рақами 16-и зодгоҳ дар факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд хондааст. Муддате дар мактабҳои таълими умумии вилоятҳои Тошканд ва Самарқанд омӯзгорӣ кардааст.

Соли 1966 дар Осорхонаи таърихи санъат ва маданияти халқҳои Ӯзбекистон (дар шаҳри Самарқанд) ҳамчун ходими илмӣ адои вазифа намуда, соли 1967 дар таъсиси Хона – музейи Садриддин Айнӣ дар шаҳри Самарқанд иштирок ва баъдан мудири он шудааст.

Абдукарим Ғанизода аз овони донишҷӯӣ ба шеъру адабиёт майлу рағбати зиёде дорад. Беҳтарин шеърҳояш дар маҷмӯаи «Меҳрнома» (соли 2003) гирд оварда шудаанд. Як силсила шеърҳояш дар маҷмӯаҳои дастҷамъӣ низ ба табъ расидаанд.

Соли 2014 китоби калонҳаҷми ӯ бо номи «Кошонаи бахт» манзури хонандагон гардида буд. Китобҳои «Махзани илҳом» ва «Ба ҳазор дарӣ» давоми мантиқии ин китоб аст.

АЗИЗАМ, МУЛКИ ЗЕБОЯМ, САМАРҚАНД!

Азизам, мулки зебоям, Самарқанд!
Макони ҷаннатосоям, Самарқанд.
Туро ман аз дилу ҷон дӯст дорам,
Ба қалбу дидаҳо ҷоям, Самарқанд!

Зи дил васфи туро ман месароям,
Тамоми манзили ту саҷдагоҳам.
Барои ман азиз аст он чӣ дорӣ,
Худамро зарра хокат мешуморам.

Ҳамеша номи ту вирди забонам,
Зи ту зебо диёреро надонам,
Ҳаловатбахш баҳри ман ҳавоят,
Ҳамеша меҳри ту дар ҷисму ҷонам.

Ту доим пеш рав, эй, мулки покам,
Намо нашъу намо ҳар лаҳза, ҳар дам,
Зи меҳру меҳнати халқи азизам,
Бимонӣ то абад машҳури олам.

МАРҲАБО, БАҲОР

Марҳабо фасли накӯ бар кишвари мо, марҳабо,
Дар диёри хостгори сулҳи дунё, марҳабо.
О, бароят интизор ин водиҳои зарнисор,
Зинату ороиши ҳар дашту саҳро, марҳабо.
Бар Ватан аз мақдамат бахшӣ ту ҳусни тозае,
Манбаи файзовари мулки тавоно, марҳабо.
Фотеҳону зарбдорони диёри амният,
Бо камоли хуррамӣ гӯянд ҳар ҷо: марҳабо!
Бӯи амният насими ҷонфазоят ончунон,
Мерасонад бар димоғи халқи дунё, марҳабо.

МАКТАБАМ

Ҳар саҳар сӯят шитобон меравам, ҷон, мактабам,
Менамоӣ дар назар хуршеди тобон, мактабам.
Насли наврасро дар оғӯшат намудӣ тарбият,
Илмомӯзон дар оғӯшат фаровон, мактабам.
Шавқи ман бо диданат ҳар лаҳза афзун мешавад,
З-ин сабаб хонам туро гулзори шодон, мактабам.
Илми нусратбахши оламро ба ман омӯхтӣ,
Кадрҳои навҷавон аз ту дучандон, мактабам.
Бахту иқболи накӯ – ояндаи рахшони мо,
Зиндаю поянда бош аз баҳри моён, мактабам.

ТОКИ АЙНӢ

Даруни боғ чанде токи Айнӣ,
Шукуфон мисли рӯи поки Айнӣ.
Ҳамеша баргҳову навдаҳояш,
Бувад сарсабз дар афлоки Айнӣ.
Ба моён ток месозад ҳикоят,
Зи сӯзи тахтапушти чоки Айнӣ.
Намегардад ба дунё пир ҳаргиз,
Мисоли донишу идроки Айнӣ.
Барои наслҳояш ҳамчу устод,
Самарҳо медиҳад ин токи Айнӣ.

ОШИҚАМ

Аё, эй духтари зебо, ба рафтори ту ошиқ ман,
Ба он лабҳои хандону ба гуфтори ту ошиқ ман.

Ба ман бо гӯшаи чашмат замоне ту назар кардӣ,
Ба он ду наргиси доим шараrбори ту ошиқ ман.
Чӣ дар меҳнат, чӣ дар ҳусну латофат бемисол астӣ,
Ба он дастони пурэъҷозу пуркори ту ошиқ ман.
Намоӣ меҳнати арзандае баҳри Ватан аз дил,
Ба шаъну шӯҳрати хубу ба атвори ту ошиқ ман.
Намуда меҳнати шоён ба ҳуснат ҳусн кардӣ зам,
Ба он ҳусни зиёду офаринбори ту ошиқ ман.
Ба меҳру ишқу ҳуснат кардаӣ, ҷонон, маро мафтун,
Ба қадду басти шамшоду рухи нори ту ошиқ ман.

ЧӢ МЕШУД?

Зи меҳмон хона пур буду валекин,
Фақат ҷои ту холӣ буд, нигоро.
Аҷаб не ин ки он гаҳ шоду хандон,
Ту Маскавро ҳамекардӣ, тамошо.
Ба каф бигрифта зебо сурататро,
Яке хоҳарчаат таъриф бинмуд.
Худаш бӯсиду аз рӯт, инчунин кор,
Ба ҳар як меҳмон таклиф бинмуд.
Чу омад навбати ман, аз хиҷолат
Надонистам чӣ созам, охир он гоҳ.
Гапи ӯро нашуд ду карда асло,
Ки «ҳукми бача зӯр аз ҳукми подшоҳ».
Чӣ мешуд бар Самарқанд ар биёӣ,
Ба як бӯса сазоворам намоӣ.

АНИСҶОН

Абераам Анисҷон,
Дар мактабаш аълохон.
Китоб мехонад бисёр,
Баҳои панҷаш қатор.
Ӯ писари боодоб,
Ба дасташ доим китоб.
Ба ҳар кори хонадон,
Доимо ёрирасон.
Варзишро дӯст медорад,
Медалҳо мебиёрад.
Ғайрат кунад Анисҷон,
Мешавад ӯ чемпион.
Ӯ қобилу гапдаро,
Ҳурмат кунад ҳамаро.
Муаллимонаш хурсанд,
Аз одоби ин фарзанд.
Чун бобокалон ҳар дам,
Ӯро дуо мекунам:
– Бахту давлат ёрат бод,
Худо мададгорат бод!

АБДУРАЗЗОҚИ РАЗЗОҚ



Раззоқов Абдураззоқ Ашурович (Абдураззоқи Раззоқ) 26 марти соли 1972 дар деҳаи Ёрии ноҳияи Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст.

1979-1989 – таҳсил дар мактаби миёнаи №9 – и зодгоҳ;

1990–1995 таҳсил дар шуъбаи рӯзона, ихтисоси математика - информатикаи факултети математикаи ДДОТ ба номи Қ. Ш. Ҷӯраев (ҳоло ба номи Садриддин Айнӣ) ҳамзамон таҳсил дар курси рӯзноманигории назди ИЖ Тоҷикистон;

1999 – узви Шӯрои олимон ва муҳаққиқони ҷавон дар назди Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2000 – узви Конфедератсияи байналмилалии рӯзноманигорон дар назди ИЖ Тоҷикистон;

2002 – бо Ифтихорномаи Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мукофотонида шудааст;

1998-2003 – ассистент, 2003 то соли 2011 муаллими калони кафедраи геометрияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ;

2001-2011 – муовини декани факултети математикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ;

2006-2011 – аввалин эдвайзер, ташкилкунанда ва танзимгари ҳуҷҷатҳои Низоми кредитии таҳсилот дар ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ (дар симои факултети математика);

01.10.2011-10.01.13 ва боз 01.10.2014-20.02.2017 – мудири кафедраи геометрияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент;

2011-2014 – котиби Шӯрои таълимӣ-методии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ;

10.01.2013-01.10.2014 – декани факултети математикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент;

Аз 20.02.2017 – мудири кафедраи Методикаи таълими математикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, дотсент;

- Ҳамзамон дотсенти кафедраи математика ва информатикаи Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ.

- Муаллиф, мусанниф, мураттиб, муқарриз ва муҳаррири беш аз 60 номгӯйи китобу дастурҳои илмиву адабиву соҳавӣ буда, беш аз 340 номгӯи мақолаҳои илмиву методиву оммавиаш дар матбуоти даврӣ чоп ва гузоришу суҳбатҳояш тавассути садову симо пахш гардидаанд.

ҚАСИДАИ ШУКРОНА

Илҳом аз қасидаи «Шикоят аз пирӣ»-и устод Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ

Биё шукрона гӯ, шоир, фалакро чарх гардон шуд,
Шукӯҳи миллатат омад, аҷоиб давру даврон шуд.
Шикоят кардӣ аз пирӣ, машав навмед аз олам,
Зи нав омад ҷавоният, кунун бахти ту хандон шуд.
Бувад оинаи даврон Шикоятнома аз пирӣ,
Ки ҳар як ҳарфи ашъорат беҳ аз сад дурру марҷон шуд.
Ҷаҳон, то ҳаст, ай Ҷаъфар, ту ҳастиву ҳама дандон,
Ҳама он байти пуршӯрат дурахшонтар зи дандон шуд.
Зи чашми тираат гарчи адӯи тирадил болад,
Вале биност чашмонат, магар ин амри Яздон шуд?
Машав ғамгин, аё шоир, аз он ноаҳлии даврон,
Қадамгоҳи азизи ту ғариб аз Наҳси Кайҳон шуд.
Самарқанду Бухороят кунун афтода дур аз ту,
Душанбе чун Бухорову нигар Варзоб Мӯлён шуд.
Зи Панҷинрӯд меояд садойи чангу руду уд,
Ҳазорон нағмапардозанд, хушо, тӯйи Зарафшон шуд.
Ало, ай Рӯдакӣ, бишнав, малак мехонад ашъорат,
Ки қанди порсӣ ширин аз он сабки Хуросон шуд.
Биё шукрона гӯ, шоир, ки шеъри ту ҷаҳон бишнуфт,
Фалак гӯё дигарбора фидойи Оли Сомон шуд.
Ба майдони Аҷам рӯзе забони тозӣ тозон буд,
Шикастӣ лаҳни тозиро аз он покиза майдон шуд.
Забони порсиро ту зи нав эҳё намудастӣ,
Биёву бин кунун, шоир, забон ҳамболи Раҳмон шуд.
Рубоиву қасоидро ба мулки назм овардӣ,
Ғазалҳоят ба сӯзи дил мисоли оби борон шуд.
Ба назми мо паямбар ту, ҳадиси ту ҳама панд аст,
Ҳама омӯхт панди ту, фалак аз ту сухандон шуд.
Ту худ Хуршеди назмиву ҳама истора дар гирдат,
Яке истораи тобон, дигар чун наҷми паррон шуд.
Ҳаким Фирдавсии Тӯсӣ ба шоҳон достон гуфта,
Туро ҳар мисраи пандат ҳидояткори шоҳон шуд.
Каломи Саъдиву Ҳофиз, чи Хайёму чи Мавлоно,
Зи назми ту таҷаллӣ ёфту наҷми дурахшон шуд.
Зи Тирози Ҷаҳон гӯӣ Камоле бар ҷаҳон омад,
Суханро мулки худ хонду ғарибе аз ғарибон шуд.
Назар кун ҷоми Ҷомиро пур аз ашъори поку ноб,
Ҳилолӣ ошиқин гуфту шаҳиди ишқи ҷонон шуд.
Ба қанди порсӣ Бедил сиришта сабки ҳиндиро
Аҷаб шаҳдухтар он Махфӣ канизи шеърат аз ҷон шуд.

Дуоятро гирифт Айнӣ дифойи тоҷикон бинмуд,
Камоли миллатат омад, диёрат Тоҷикистон шуд.
Бубин Суғду Бадахшонро, Ҳисору мулки Хатлонро,
Нигаҳ кун Вахшу Раштонро ҳама пайванди як ҷон шуд.
Ба мулки Ҳинду Африқо паёмат бурда он Мирзо,
Суруди дӯстӣ хонду шукӯҳи мо дучандон шуд.
Биё, шукрона гӯ, шоир, ки рӯҳат зинда аз нав шуд,
Зи баъди даҳ сада гӯӣ рӯҳат андар тане ҷон шуд.
Ба қарни бист, ай Ҷаъфар, суханвар Лоиқе омад,
Ки бо шеъру ғазалҳояш ба дарди ишқ дармон шуд.
Забонро пуштибон гашту сухан аз дарди миллат гуфт,
Вале… дар сина сад армон ба зери хок пинҳон шуд…
Ачам имрӯз меболад зи неруйи суханҳоят,
Ҷаҳон гӯё ба оҳанги сурудат масту рақсон шуд.
Чи дар Эрону Ҳиндустон, чи дар Олмон, Фарангистон,
Зи Машриқ то ба он Мағриб суханҳоят парешон шуд.
Замоне, гар Хуросонро ба шеъри хеш бигрифтӣ,
Кунун дар ҳалқаи шеърат Замин гӯё, ки печон шуд…
Биё шукрона гӯ, шоир, ки рушди миллатат омад,
Ҳама сарҷамъ ворисат зи ҳоли хеш пурсон шуд.
Ҳама саргарми ҷашну ид, суруди Рӯдакӣ дар лаб,
Сабақ омӯхт аз ҳарфат, зи рӯйи дӯст шодон шуд.
Ало, Ҷаъфар, биё бингар, замона чун дигаргун шуд,
Чу даври Оли Сомонат, диёри ту басомон шуд.
Ба зери сояи Тӯбо бихоб осуда, ай устод,
Ба зери лаб суруди ту фалак ҳамвора гардон шуд.
Зи Раззоқ омад, ай Ҷаъфар, ба номат ҳарфи шукрона,
Ҷаҳон шукри ту месозад, қасида гарчи поён шуд...

ҒАЗАЛҲО

Номи некат дар забонам ҳар куҷо бошӣ, падар,
Орзуям то абад дар назди мо бошӣ, падар.
Дидаӣ бас неку бад, пасту баландии ҳаёт,
Аз барои зиндагӣ мушкилкушо бошӣ, падар.
Лаҳзае гар нестӣ, бемори дидори туем,
Дарди фарзандони худро чун даво бошӣ, падар.
Давлати пирии ту – ин сарвату дороиям,
Аз ҳама ранҷу азобу ғам раҳо бошӣ, падар.
Дасти оминат кушоӣ, чеҳраат гул мекунад,
Эй Худоё, ҳар қадам кони дуо бошӣ, падар.
Абдураззоқи сухангӯ бандавор гӯяд сухан,
Сарварам дар зиндагӣ баъд аз Худо бошӣ, падар.

* * *

Ту монанди замин танҳоӣ, модар,
Ту монанди замин яктоӣ, модар.

Лоиқ

Худо яктову ту яктоӣ, модар,
Бароям аз ҳама болоӣ, модар.
На молеву на дунё мепарастам,
Барои ман ту худ дунёӣ, модар.
Зи батни туст оғози ҷаҳонам,
Ту худ созандаи фардоӣ, модар.
На ман афтодарӯҳи зиндагиям,
Барои ман ту рӯҳафзоӣ, модар.
Манам қурбони Раззоқе, ки гуфта:
Ту яктоиву ту танҳоӣ, модар.

* * *

Аҷаб шаҳри шукуфонӣ, Самарқанд,
Дар оғӯши гулистонӣ, Самарқанд!
Бигӯяндат қадимӣ, лек ин дам,
Ҷавонӣ бо ҷавононӣ, Самарқанд!
Чӣ хуш бо гулрухон дорӣ тароват,
Ту балки ҷону ҷононӣ, Самарқанд!
Ба дида молам он хоки муборак,
Қадамгоҳи азизонӣ, Самарқанд!
Ба Гӯри Миру Регистону Шердор,
Равам ҳар дам ба пазмонӣ, Самарқанд!
Зарафшон гар туро шодоб созад,
Ту ҳуршеди Зарафшонӣ, Самарқанд!
Зи Ёрӣ Абдураззоқе ба васфат,
Суруд шеъре ба осонӣ, Самарқанд!

* * *

Мужда, эй ёрон, шаби ҳиҷрон ба фарҷом омада,
Боз субҳи пурзиё, гӯӣ пас аз шом омада.
Миллати ҳамрою ҳамдинро ба ҳам оварда Ҳақ,
Рашки чандин миллате, гӯӣ зи иқдом омада.
Раҳбарони ҳарду давлатро Худо бидҳад амон,
Ин дуо аз сӯи Ҷамшеду ҳам аз Сом омада.
Рақс дорад дар Бухоро рӯҳи Сомонӣ кунун:
Мулки Сомон шуд басомон, нек айём омада.
Шоҳи Зинда зинда шуд, аз Гӯри Мир омад садо,
Кулчаю нони Самарқанд боз инъом омада.
Дар наво нойи Навоӣ, тоҷику ӯзбек шод
Ҷом бар каф, ҷома дар тан, Ҷомӣ аз Ҷом омада.
«Хуш келибсиз, дӯстлар»-гӯяд Раззоқ ин замон,
Дар тараб булбул, ба ноз сад нозукандом омада.

АБДУРАСУЛ ИБРОҲИМЗОДА



Абдурасул Иброҳимзода 2-юми октябри соли 1952 дар деҳаи Бӯзии ноҳияи Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон таваллуд шудааст. Пас аз хатми мактаби миёнаи зодгоҳаш дар Донишкадаи омӯзгории шаҳри Самарқанд таҳсил гирифта, онро соли 1975 хатм кард. Бо роҳхати донишкада як сол дар деҳаи Обикандаи ноҳияи Китоби вилояти Қашқадарё омӯзгорӣ кардааст. Баъд ба зодгоҳаш баргашта, то соли 2008 ба шогирдон аз адабиёти тоҷик дарс гуфт.

Абдурасул Иброҳимзода падари як духтар ва ду нафар писар мебошад.

Ӯ ҳоло дар нафақаи пиронсолӣ буда, машғули эҷод аст. Китобҳои ӯ бо номи «Қарзи фарзандӣ» (соли 2011), «Олами рангини ман» (соли 2012), «Дунёи ман» (соли 2015) ва «Ватанҷон» (соли 2017) чоп шудаанд.

МОДАРАМ

Офтоби пурпоши навбаҳорон, модарам!
Майсаҳои махмалини сабзазорон, модарам!
Меваҳои ҳавлӣ пухту шод авлоди Шумо,
Эй барои ҳар ниҳоле боғбон, ҷон модарам!
Хислати хуби шумо гӯям намегардад адо,
Зеби манзил, нури маҳфил, мӯниси ҷон, модарам!
“Ҳурмати инсон на аз симу на аз зар”- гуфтаед,
Порсову покқалбу, покдомон, модарам!
Байни ёронам ба некӣ сарфарозам кардаед,
Эй чароғи оламафрӯз, нури чашмон, модарам!
Ин аҷал будаст доим дар камини ҳар касе,
Ман надонистам, даме будед меҳмон, модарам!
Рӯи ҳавлӣ мекунам ҳар лаҳза сӯи дар назар,
Эй дуогӯю насиҳатгӯ, сухандон, модарам!
Медароям ман ба хона, то ки бинам рӯяшон,
Ҷоятон холию ман бо чашми гирён, модарам!
Ҷисматон бар зери хоки тира рафта рӯҳатон
Шод бодо ҷоятон бошад ба ризвон, модарам!
Доимо дар ёди мо ҳастед бо номи накӯ,
Ман, Расул, гӯям дуо бо зикри имон, модарам!

* * *

Баски гуворо ҳамин забони модарӣ бувад,
Шукр намоям ба Худо забони мо дарӣ бувад.
Суғдиву тоҷикӣ бидон, форсӣ ва ё дарӣ бихон,
Ҳар чи бихоҳӣ, ин ҳамон забони модарӣ бувад.

Шаҳду шакар ҳамин бувад, дуру гуҳар ҳамин бувад,
Иваз намекунад забон, шеваи ҳар парӣ бувад.
Иффати поки хоҳарон, ҳамон виқори додарон,
Покии шири модарон чу оби кавсарӣ бувад.
Забони худ дигар макун, хун дилу ҳам ҷигар макун,
Забони поки аҳли дил, забони модарӣ бувад.
Абдурасул, дигар магӯ, хуштар аз ин дигар мачӯ,
Дил, ки ба дилбараш расад, оини дилбарӣ бувад.

ВАТАНИ МАН

Сад кӯҳи баланд дораду дарёи калоне,
Роҳҳо ҳама мумфарш шуда, ваҳ чи равоне!
Тифлон ҳама дар хандаву озод замоне,
Бо илму ҳунар шод дили пиру ҷавоне,
Зебо Ватани ман, якто Ватани ман!

Шабҳои Самарқанд ҳама ҷо гашта чароғон,
Бар толеи халқам бувад ин некӣ дурахшон,
Сайёра занад паҳлӯ ба он моҳи фирӯзон,
Фардои Ватан гашта ба чашмон намоён,
Зебо Ватани ман, якто Ватани ман!

Обод шуда чӯлу ҳама дашту биёбон,
Фархунда бувад толеи хушбахти ҷавонон,
Дарҳо ҳама боз аст, ба ҳар толиби ирфон,
Ҳам раҳмати ҳақ борида бар мо чи фаровон,
Зебо Ватани ман, якто Ватани ман!

Бо дасти дуо пир ҳама болидаиқбол,
Бар кори накӯ гашта ҷавонон ҳама фаъол,
Обод шуда манзили мо рӯзу ҳама сол,
Хуллас, ки ҳама пиру ҷавон гардида хушҳол,
Зебо Ватани ман, якто Ватани ман!

Дарёи Зарафшон, ки зар афшонда равон аст,
Ҳар қатраи обаш ба замин роҳати ҷон аст,
Бо меҳнати халқам, Ватанам нурфишон аст,
Чун Абдурасул шукри ҳақаш вирди забон аст,
Зебо Ватани ман, якто Ватани ман!

* * *

Бар хонаи ҳар мӯъмин моҳи рамазон омад,
Ин моҳи муборак бин, бо нуру имон омад.
Аз холиқи бахшанда, мағфирати ҳар банда,
То бар дили ҳар банда ҷӯянда нишон омад.
Доим бо умедворӣ, парҳез зи хатокорӣ,
Бо мағфирати холиқ тавба ба забон омад.
Ин моҳи накӯкорон, ин моҳи саҳархезон,
Бо нури худовандӣ бар халқи ҷаҳон омад.
Бо хоҳиши субҳонӣ, бо тоати раҳмонӣ,
Ин лутфи худовандӣ бар хурду калон омад.
Ту аз шаби қадри он ҳаргиз машавӣ ғофил,
Файзи чи хуше имшаб бар одамиён омад.
Ғофил ту машав, эй дил, рав баҳра бигир охир,
Ҳушёр шаву бедор, моҳи рамазон омад.

* * *

Омадӣ бар қалби ман, сарви равон, хуш омадӣ,
Омадӣ, биншин ба чашм, ороми ҷон, хуш омадӣ.
Ҷойи ту бар дидаи бедори ман моҳи мунир,
Омадӣ, эй дилбари ширинзабон, хуш омадӣ.
Будаам дар роҳи ту шому саҳар ман интизор,
Омадӣ қалби маро нури ниҳон хуш омадӣ.
Ғунчаи қалбам шуда ин лаҳза пояндози ту,
Омадӣ ин дам баҳори гулфишон, хуш омадӣ.
Қалби моро нозанин, бо нози худ ранҷур макун,
Омадӣ дармони дарди ошиқон, хуш омадӣ.
Хонаи дил ҷои ту шуд, интизор Абдурасул,
Омадӣ бо лутфи хуш, нозукбаён, хуш омадӣ.

* * *

Бӯйи биҳишт орад он дару девори дӯст,
Шаҳду шакар бирезад маънии гуфтори дӯст.
Заррае аз қалби ман кам нашавад меҳри ӯ
Рӯзу шабон будаам толиби дидори дӯст.
Зикри мудомат басе гашта равон бар забон,
Бод баланду рафеъ толеъи бедори дӯст.
Толиби рӯяш будам то ба саҳар кош боз,
Бӯса занам бо нигоҳ бар гули рухсори дӯст.
Лофи рафоқат задӣ, бош ту худ устувор
Он, ки дурӯғӣ бувад, душмани беори дӯст.
Абдурасулро ба худ дӯст напазируфтаӣ,
Ранҷа мадеҳ пойро дар раҳи озори дӯст.

ОИЛАИ МО

Хеле ҳам тифоқ,
Оилаи мо.
Набинад нифоқ,
Оилаи мо.
Бобову момо,
Модару додо.
Ҷамъ оем ҳама,
Мо бо амакҳо.
Назди дастурхон,
Нишинем моён.
Бобо дуогӯй,
Андар хонадон.
Монанди ризвон,
Ватан шукуфон.
Сулҳ бошад доим,
Ба бахти моён.

ДУНЁИ МАКТАБ

Дунёи рангин,
Дунёи мактаб.
О ваҳ чи ширин,
Дунёи мактаб.
Тифли китобхон,
Нест тифли нодон.
Қалбаш мунаввар,
Бо нури ирфон.
Мехонад китоб,
Медонад ҳисоб.
Мебошад машҳур,
Бо хулқу одоб.
Аввал бо салом,
Мегӯяд калом.
Фахри ҳама аст,
Фарзанди некном.
Писар ё духтар,
Бувад тоҷи сар.
Бо вай бифахрад,
Падару модар.
Хеле қобил аст,
Маъвои дил аст.
Ба ин хел фарзанд,
Ҳама қоил аст.



Абдурауф Муродӣ 1-уми апрели соли 1961 дар деҳаи Хӯҷапанҷи шаҳри Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Дар мактаби деҳа таҳсил карда, баъдан Омӯзишгоҳи омӯзгории Панҷакент (1981) ва факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айниро (1985) бо дипломи аъло хатм кардааст.

Дар шаҳри Роғун ба сифати омӯзгори мактаби миёна ва ҷонишини сармуҳаррири нашрияи “Нурафшон” оғози фаъолият намудааст. Солҳои 1992-2001 дар Панҷакент омӯзгори гимназия, мушовири шуъбаи маориф ва раиси бахши Бунёди байналмилалии забони форсии тоҷикӣ будааст. Дар кори таъсис ва нашри маҷаллаҳои “Дайри муғон” ва “Сомониён” (нашрияҳои ҳукумати шаҳри Панҷакент) фаъолона ширкат варзида, соле чанд дар вазифаи ҷонишини сармуҳаррири ин маҷаллаҳо кор кардааст. Аз соли 2002 ҷонишини сармуҳаррири ҳафтаномаи “Омӯзгор” мебошад.

Аз овони донишҷӯӣ ба эҷоди бадеӣ машғул шудааст ва навиштаҳояш пайваста тавассути маҷаллаву рӯзномаҳо ба табъ расидаанд. Муаллифи китобҳои “Дили гарм” (ҳикояҳо, 1997), “Мӯйлаб” (ашъори хаҷвӣ), “Ҷасорат” (қиссаи ҳуҷҷатӣ), “Аз нешханд то нӯшханд” (ҳаҷвияҳо, 1999), “Лутфи Худованд” (назму наср, 2000), “Шукуфти ғунчаи лабҳо” (ҳикояҳои ҳаҷвӣ, 2006), “Анори дона-дона” (2005), “Чошнӣ” (ашъори ҳаҷвӣ, 2009), “Ман ошиқи Наврӯзам”, “Паҳнои меҳр”, “Дарункӯб” (2012), “Бархез, баҳор омад” (2017) ва қиссаи ҳаҷвии “Ману занам” мебошад. Силсилаи бардавоми навиштаҳои ҳаҷвии ӯ “Анори дона-дона” аз ҷониби хонандагон истиқболи гарм ёфтаанд.

Китоби “Биё, то қадри якдигар бидонем!” (2009) сафарнома буда, бо сабки хосу ҷолибе нигориш ёфтааст.

Китобҳои “Дилнавоз”, “Посдори ҳақиқат” ва “Анҷумани дӯстон”-аш аз кору пайкори бархе аз ҳамдиёрони маъруфамон ҳикоят мекунанд.

Мақолаҳои илмию методии ӯ дар китобҳои “Дурахши вожаҳо”, “Ҷашнномаи мактаб” ва “Паёми мушовир” гирд оварда шудаанд.

Як силсила ашъори ҷавоншоирони ӯзбекзабони Тоҷикистонро ба тоҷикӣ тарҷума кардааст.

Намунаҳое чанд аз эҷодиёташ ба забонҳои русиву ӯзбекӣ тарҷума ва чоп шудаанд. Китоби “Як танӯр кулча”-аш соли 2013 аз ҷониби Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ “Китоби сол” эътироф шудааст.

Дорандаи нишонҳои “Аълочии маорифи Тоҷикистон”, “Аълочии фарҳанги Тоҷикистон”, “Аълочии матбуоти Тоҷикистон”, барандаи Ҷоизаи Ҷамъияти умумииттифоқии “Знание”, Ҷоизаи ИЖ Тоҷикистон ба номи Абулқосим Лоҳутӣ ва нишони “Сухан” мебошад.

Соли 1996 ба узвияти Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ва соли 2004 ба узвияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон пазируфта шудааст.

ПАЙКОРИ МӮРОН

Ниҳоят мурғи илҳомаш ба парвоз омад, вале онро зуд паронданд.

* * *

Бисёр шодӣ намекард аз омади кораш. Метарсид, ки аз шодии зиёд ба куртааш нагунҷида, онро бидаронад.

* * *

«Бе қафомондагон кор мекунем», - гуфта ҳайкалро низ ҳар рӯз ду-се қадам пештар меғеҷонданд.

* * *

Нависанда деҳқонест, ки дар панҷ-шаш моҳ ҳосил мерасонад. Мунаққид комбайнест, ки дар ду-се соат онро даравида мепартояд.

* * *

Олимшавандае мунаққидро ҳам ба гурӯҳи хояндагон дохил кардааст.

* * *

Ҳоло ҳаҷми асари адибро на илҳом, балки эҳтиёҷи иқтисодияш муайян мекунад.

* * *

Меҳмон ба хон «ҳуҷум» кард, мизбон даступо гум кард.

* * *

Азбаски шамъу парвонагӯй дар адабиёт аз ҳадди эътидол гузашт, чароғи барқиро офариданд.

* * *

Лаққӣ ҳатто ба онҳое ҳасад мебарад, ки шабона дар хоб гап мезананд.

* * *

Шоире дар бораи демократия манзумаи сусту тӯлоние эҷод намуд. Ихтисоран чоп карданд. «Дар кишвари мо ҳанӯз ҳам демократияро буғӣ мекунанд», - хулоса бароварда шоир.

* * *

Аз дашном танҳо як кас намеранҷад: кар.

* * *

Аз зарби гурзи мунаққид асари адиби ҷавон пора-пора шуда, ҳарфҳояш чун шарора ба чор тараф пош хӯрданд ва аниқ кардан душвор гардид, ки он асар чӣ ҳаҷм дошту дар кадом жанр иншо шуда буд.

* * *

- Хирагии чашм дарди сари мо шуд, - миннат карданд гӯшу бинӣ, ки айнакро нигоҳ медоштанд.

* * *

Шоир аз пайи ташбеҳи тоза шуда лабони сурхимолидаи маъшуқаро ба лабони гурги хоношомида монанд кард.

* * *

Ягона чизи хонданибоби китоби нависанда Н. пешгуфтори ба он навиштаи нависандаи машҳур А. буд.

* * *

Мунаққиде ба китоби тозаи ҳаҷвнигор тақризи сермурчу қаламфуре навишта, аз тарси қалами ҳаҷвнигор тақризро дар қавсайн ҳазли рафиқона номид.

* * *

«Даҳони пӯшида сад тилло», - гуфта хомӯш нишаст. Аз ин истифода карда, ҳазор тиллояшро рабуданд.

* * *

«Ишқро оғоз ҳаст, анҷом нест», - бихонд марде аз катибае ва зери лаб гуфт: «Ишқ ҳам чун суҳбати занҳо барин будаст».

* * *

Зимистон ба арӯси фаслҳои сол – баҳор дил бохта, онро ба оғӯш кашид.

Оқибат гиёҳу дарахтонро хунук зад.

* * *

Милисаю ронанда мисли мушу гурбаанд. Ҳеч ба ҳамдигар муросо надоранд.

* * *

Филро ба «Китоби сурх» даровардан шуданд, нагунҷид.

* * *

Поквиҷдоне порагирии рӯирости сардорро дида аз ғазаб ба ларза омад.

«Маст!»-гӯён ӯро ба ҳушёрхона фиристоданд.

* * *

Барои арӯс хушдоман ҳам модар аст, вале нозунузро намебардорад.

* * *

Забон устухон надорад, нохоида гап задан гиред!

* * *

Зоғе сари дарахти чормағз нишаста суруди коғ-коғ хонду ба подош чормағзе гирифту рафт. Хӯйи ин зоғро дорад муфаттиш.

* * *

Булҳавас дар дили ҳеч як зан доиман ҷойгузин нашавад: ӯ ҳамеша иҷорашин аст.

* * *

Хар корпартоӣ карда бошад ҳам, борпартоӣ карда натавонист: онро ба пушташ сахт баста буданд.

* * *

Пиёла бо мурури замон гов шудани гӯсоларо мушоҳида карда, инак, чанд вақт боз умедвор аст, ки коса мешавад.

* * *

Духтаре, ки дӯстдори шаб аст, шӯталаб аст.

* * *

Аз шиносоӣ то дастобадастӣ як хез, аз дастобадастӣ то ҳамоғӯшӣ як қадам, аз ҳамоғӯшӣ то бӯсобӯсӣ як вақаб, он тарафаш бемасофа.

* * *

Кулли адабиёти ҷаҳон пеши қассоб баробари мақолаи «Гӯш бе устухон намешавад» қадр надорад.

* * *

Ҷанозахоне дар ҷанозаи марди саховатманде соҳиби хайроти зиёд гардида, афсӯс хӯрд, ки чунин мардон як маротиба мемиранд.


* * *

Ба шоире ҳучрае доданд ниҳоят танг. – Ба ҳар ҳол, аз тангнои қофия фарохтар, - худро таскин дод ӯ.

* * *

Аз дафтари адиби ҷавон: Субҳ аз самти уфуқ оҳиста-оҳиста домани шабро бардошт. Ҳай, фоҳишабоз аст субҳ!

АБДУРОФЕЪ РАБИЗОДА



Ин ҳикояҳои реза ба тоҷикмарде дахл дорад, ки имрӯз дар ҳар гӯшаи дунё асарҳояшро мутолиа мекунанд бо забонҳои гуногун ва ҳама ҷо мухлисоне дорад.

Вай Шераки Ориён бошад, ки навиштаҳояш бо инглисӣ, фаронсавӣ, ҷопонӣ, чинӣ, ҳанду, урду, полякӣ, қазоқӣ, украинӣ, белорусӣ, узбекӣ, чехиву олмонӣ, арманиву гурҷӣ, испониву арабӣ, яъне ҷамъулҷамъ ба чил забони хориҷӣ тарҷума шудаанд. Вай муаллифи 85 китоби нашршуда мебошад, яъне 74-то бо тоҷикӣ ва 11-то бо русӣ.

Ҳамчунин, Шераки Ориён муаллифи 42 филми бадеӣ, фалсафӣ ва ҳунарӣ ба шумор биравад. Филмҳояш «Дӯстонро намефурӯшанд», «Марди мутаалиқи ду зан», «Вақте болои шаҳр борон мерехт», «Афсонаи зиндагӣ» ва ғайра дар кишварҳои зиёди олам дар намоиш гузошта шудаанд, эҷодиёташ ба ҳафт ҷоизаи байналхалқӣ мушарраф гардидааст...

Нигоштаҳои Шераки Ориён, яъне Абдурофеъ Рабизода ба китобҳои дарсии макотиби олии Русия «Этика ва эстетикаи ҳаёти оилавӣ», макотиби кишварҳои аврупой «Анатомияи садоқату муҳаббати инсонӣ» ва макотиби олии Тоҷикистон ва чанд кишварҳои дигар «Эҷод чист? Эҷодгар кист?» ворид шудаанд.

Барои шӯҳрат бахшидани адабиёти тоҷик дар арсаҳои байналхалқӣ бо қарори Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон нависанда ва кинодраматург Шераки Ориён (Абдурофеъ Рабизода) бо орденҳои «Шараф» мукофотонида шудааст...

ҚАБРИСТОН ҲАМ ЗАБОН ДОРАД
(резаҳикоя)

ҚАБРИСТОНИ БОЛОИ ДЕҲ

Қабристонро дар теппаи болои деҳ ҷой додаанд.

Аз дару манзилат мебароиву мебинӣ онро, дар кӯчаҳои тангкӯчаҳои деҳ қадам мезаниву мебинӣ онро, рӯи суфаи ҳавлиат мешиниву мебинӣ. Яъне пеши назарат бошад мудом, балки як ҷузъи ҷудонавашандаи деҳа бошад, чунон ки марг ҳамеша дар атрофи зиндагӣ, пиромуни он, балки андаруни зиндагӣ вуҷуд дорад.

Он ҷузъи ҷудонавандаи деҳа, яъне қабристон, огаҳ бикунад: оқибати кор чунин бошад!

Балки таъкид бисозад: ту зиндаӣ ҳанӯз, пас ба қадри зиндагӣ бирас, баҳраҳо бардор. Балки барои зиндагии рӯи замин ва зиндагии худ талош биварз. Ва чун оқибат ба коми марг биравӣ, яъне ба қабристони болои деҳ ҷой бигирӣ, он ҷо рӯи ҷисмат қабрпушта нишон бимонад, пас дар зиндагие, ки инак ҳастӣ, ҳамчунин нишон бигзор.

Нишони нек бигзор, ки бигӯянд баъд: азони туст. Онро нишон гузоштаӣ ту дар зиндагие, ки будаӣ. Бале нишони нек бояд гузошт, то зиндагӣ аз он расонда тавонад ҳастии туро ба зиндагии оянда, садои туро бубарад ба ояндагон ва бигӯяд: ту ҳам зиста будӣ. Балки арзанда зиста будӣ. Аз некон боғ, аз бадон доғ боқӣ бимонад. Хубаш боғамсол кору нишон гузоштан, то аз меваҳои он даҳон ширин бикунанд зиндагони оянда, вобастаи ин туро ёд биоваранд. Ва ё рӯ ба қабристон оварда, ба хотири ту ва оромиши рӯҳат ва шодии он дуои хайр бифиристанд.

Ҳоло ту ҳам рӯ ба қабристон биист. Қабристоне, ки ҳама роҳи зиндагиву зиндагон биёяд ин ҷо, ҳама роҳҳо бирасонад ин ҷо, ҳама роҳ нуқтаи итмом биёбад дар ин ҷо.

Дар рӯ ба рӯи қабристон биисту дар бораи зиндагӣ ва нишони зиндагӣ андеша бисоз…

Қабристоне, ки дар теппаи болои деҳ истода.

Аз дару манзилат мебароиву мебинӣ онро, дар кӯчаҳои тангкӯчаҳои деҳ қадам мезаниву мебинӣ, рӯи суфаи ҳавлиат мешиниву мебинӣ. Яъне пеши назарат бошад мудом қабристон, балки ҷузъи ҷудонавашандаи деҳ бошад, чунон ки марг ҳамеша дар атрофи зиндагӣ, пиромуни он, балки андаруни зиндагӣ вуҷуд дорад...

ЛАҲЗАЕ ЧАНД ДАР МАДФАНГОҲ

Зиндагони зиндагӣ, ҳангоме ки аз ҳаёт зиёд монда мешаванд, дилгир мешаванд, ғуборолуд мешаванд, бефараҳ мешаванд меоянд гоҳе қабристон, менишинанд чанде ин ҷо, ё миёни гӯрпуштаҳо гардиш мекунанд, яъне оқибати зиндагиро, то куҷо расидани ҳаётро ин ҷо бештар эҳсос менамоянд, нафаси маргро, оғӯши маргро, ки инсонро билохир ба оғӯш мегирад, аёнтар, дарк месозанд ин ҷо…

Он гаҳ зиндагии беқадршуда, берангшуда барошон қадр ва ранг мегирад, яъне қадр ва ранги арзанда пайдо мекунад дар муқоисаи нестӣ, ки қабристонро фарогир бошад, аз дили назорагарон майле падид меояд барои ба зиндагӣ баргаштан, зиндагиро идома додан.

Яъне қабристон, ки оғӯши марг бошад, зиндаҳоро аз нав ба оғӯши зиндагӣ гардонда тавонад, балки ҳар дами зиндагии боқимондаро барои онҳо азизтар ҷилвагар бисозад.

Хуллас қабристон на танҳо мадфангоҳи ҷисму турбатҳо бошад, балки маънибахш ҳам шуморида шудааст. Ба хулосаҳои умқу сара низ расонда тавонад зиндагонро…

Ва як дабистони дигарест қабристон ё таскинбахши дигар.

Балки ин ҷо ҳикмате ниҳон бошад доири зиндагӣ, ки дар ҷойи дигар набошад ё ҷойи дигар натавон дарёфтан. Балки аз ин ҷо ун қадар ҳикмат бардоштан мумкин доири зиндагӣ, ки натавонӣ дарк кардан дар

макони дигар, ҳатто дар бару оғӯши худи зиндагӣ натвон ин ҳад дарк намудан. Яъне натвон дарк кардан ин тур амиқмаъно, ин тур аён, ин тур возеҳ, ҳарчанд худи зиндагӣ рӯшантар бошад дар муқоисаи якрангӣ ва хирагиҳои қабристон, дар муқоисаи якрангӣ ва хирагиҳои марг.

Балки дар миёни зиндагӣ умр ба сар бурда, зинда будани худро камтар дарк бикунад одамӣ, ба фаҳмаш камтар бирасад, вале дар қабристони мурдагон, дар муқоисаи ин ҷо хуфтагон амиқтар дарк бисозад зиндагиро. Дарк бисозад, ҳатто, зинда будани худашро возеҳ. Яъне дар муқоисаи мурдагон, ки зери гӯрпуштаҳо хобидаанд бирасад ба чунин натиҷа назорагар. Ин ҷо инсон бештар дарк бисозад, зинда бошад ҳанӯз; яъне дар муқоисаи хуфтагони зери гӯрпуштаҳо, ки хеста натвонанд, вай тавонад ҳаракате, тавонад ҷумбише, тавонад амале, зеро умраш идома дорад…

Хуллас қабристон соҳибзабон бошад, ҳарчанд ин ҷо сукунату хомӯшии мутлақу мутлақ ҳукмфармост.

Қабристон баргӯяд: зиндагӣ гузарон. Оқибати зиндагӣ ва талошҳо барои зиндагӣ поён биёбад, мисли ҷисми зери гӯрпуштаҳо, ба хоки гӯристон бадал бигардад.

Аз ин боис зумрае аз зиндагони зиндагӣ, ҳангоме ки аз ҳаёт зиёд дилгир мешаванд, хастаю безор мегарданд, бефараҳ мешаванд меоянд қабристон, лаҳзае чанд мешинанд ин ҷо, ё гардиш мекунанд ва оқибати зиндагиро, то кучо расидани ҳаётро то умқи умқаш эҳсос месозанд дар ин ҷо, нафаси маргро, оғӯши маргро дарк менамоянд жарфи жарфе; марге, ки инсонро ба оғӯш бигирад билохира.

Ин ҳамаро дар қабристон бештар дарк бикунад одамизода, он гаҳ зиндагии беқадршуда, берангшуда барояш аз нав қадр ва ранги тоза пайдо бикунад, яъне қадр ва ранги арзанда. Аз қаъри дили назорагарони гӯрпуштаҳои қабристон майле пайдо шавад барои баргаштан аз нав ҷониби зиндагӣ, барои идома додани ҳаёт.

Қабристон, ҳарчанд оғӯши марг бошад, вале зиндаҳоро аз нав гардонда тавонад ба оғӯши зиндагӣ, ҳар дами зиндагиро барои онҳо азиз ва гиромитар ҷилвагар бисозад.

Балки қабристон на танҳо мадфангоҳи турбатҳост, балки маънибахш ҳам бошад барои зиндагӣ, таскинбахш ҳам бошад ва хулосагар ҳам бошад барои зиндагон…

ЗАН СЕ БОР МЕМИРАД

Дар кӯҳистон ақидае доранд; зан се бор бимирад.

Якум: мурдани аслӣ, яъне даме ки аҷалаш бирасад.

Дуввум: дами тавлид кардани фарзанд, ки маргро рӯ ба рӯ мебинад, балки онро чордард ё чормарг биноманд.

Севвум: даме ки шавҳараш аз болояш зан бигирад.

Ва мӯътақиданд: мурдани аз ҳама даҳшатноки зан даме бошад, ки шавҳараш аз болояш зан гирифтааст… Ва ин на танҳо як бор, балки ҳар рӯз мекушта зани авваларо, идома меёфта ин ҳафтаҳо, моҳҳо, солҳо, балки то расидани марги охирини вай, ки аҷал ном бубаранд.

Мегӯянд, турбати зани мурда, дар гӯрхона ҳам, агар рӯҳаш хабар биоварад, ки баъди сари вай шавҳараш зан гирифта, ё гирифтанӣ бошад, алоб мебароварда, месӯхта, балки тӯлонӣ дармегирифта, балки ҳар шаб месӯхта, ки шунаҳи он баъзан ҳис мешуда рӯи гӯрпушта.

Аз ин боис марди кӯҳистон, чун занаш мурдаву зани нав, яъне зани дигар интихоб кардан бихоҳад, меояд гӯристон, паҳлӯи гӯрхонаи зани марҳумаш нишаста, барои рӯҳи вай дуову фотиҳа ба ҷо меорад, пасон бо рӯҳи занаш пайвандии фикрӣ ва хаёлӣ ҷуста, ба вай узру маънӣ ва бахшишу пӯзиш пеш меоварад. Яъне узре, ки аз чӣ боис ва чӣ зарурате интихоб кардан пеш омадааст ҳамсари нав. Ва баъди ин ташреҳ, як кӯза оби сард, ки бо худ оварда, ба гӯрпуштаи занаш мерезад, ки дили бонуро зери хок сард бикунад, оташи ҳасрати варо паст нишонда тавонад…

Бигӯянд, баъзан се ва баъзан то ҳафт кӯза оби сард рехта шавҳарон рӯи пуштагӯри зани худ…

Бигӯянд: марде то чил кӯза об рехта рӯи гӯрпуштаи занаш муддати чил шаборӯз, то дар хонаи лаҳад алоб гирифта, сӯхтани ҳамсараш, балки тӯлонӣ сӯхтанаш, балки ҳар шаб сӯхтанаш, ки баъзан, шунаҳи он болои гӯрпушта ҳис мешуда аз байн рафта бошад…

АБДУҶАББОРИ СУРУШ



Суруш – Абдуҷаббори Шоҳаҳмад зодаи деҳаи Искодари ноҳияи Айнии Водии Зарафшони вилояти Суғд аст, ки 13-уми апрели соли 1967 дар оилаи омӯзгор таваллуд шудааст. Таҳсилоти муқаддамотиро дар мактаби деҳаи Искодар гирифта, баъдан дар Донишкадаи омӯзгории шаҳри Хуҷанд дар риштаи забон ва адабиёти тоҷик таҳсил намудааст.

Абдуҷаббори Суруш пас аз хатми донишкада аз соли 1992 дар бахши вилоятии «Бунёди забони тоҷикӣ» ба кор шуруъ намуда, дар фосилаи ду сол «Фарҳанги ашъори Камоли Хуҷандӣ»-ро дар ду ҷилд таълиф намуд, ки ҳамон замон шарҳу тафсири наздик 12000 вожаву ибораҳои ашъори Камоли Хуҷандиро фаро мегирифт. Ҷилди аввали «Фарҳанги ашъори Камоли Хуҷандӣ» бо кӯмаки сафорати Ҷумҳурии исломии Эрон дар Тоҷикистон соли 1996 ба чоп расид.

Минбаъд ӯ ин фарҳангро дар фосилаи 20 сол такмил дод ва таҳриру тасҳеҳ кард, ки дар нусхаи комили он ба 17000 вожаву ибораҳои ашъори Камоли Хуҷандӣ шарҳу тафсир навишта шудааст ва соли 2015-ум дар нашриёти “Хуросон”-и шаҳри Хуҷанд нашр шуд.

Ҳамчунин бо эҳтимоми Абуҷаббори Суруш бори нахуст дар Хуҷанд девони комили Камоли Хуҷандӣ бо ҳуруфи тоҷикӣ ва форсӣ таҳия ва чоп шуд.

Суруш муддате дар маҷаллаи «Хуҷанд», Комиссияи татбиқи Қонуни забони вилояти Суғд, ДДХ ба номи Академик Бобоҷон Ғафуров, сарредаксияи Энсиклопедияи миллии тоҷик кор кардааст. Ҳоло дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон кор мекунад. Узви иттифоқи нависандагони Тоҷикистон аз соли 2001-ум мебошад. Оиладор аст, чаҳор фарзанд дорад.

Маҷмуъаҳои шеъраш бо номҳои «Фарёди силсилаи хомӯшӣ», «Симоби маҳбус», «Салиби сафед» ва «Ҷазираи танҳоӣ», «Бишав аз най... «Дарахт, сапеда ва оина (ба хатти форсӣ), «Муҳри меҳр», «Шабнами нафас», «Фарёди ёдҳо» ва «Ишқ аз сӯи Худост» мунташир гаштаанд.

ГОҲЕ, КИ ҒАМГИНОНА МЕГИРЙӢ...

Мегирйӣ андӯҳи маро, Борони ман, Борон!
Аҷаб ҳамдардие дорӣ!
Медонам охир... абрро – абри сиёҳи дардро –
яъне ҳамин оҳи маро
аз осмонҳо бар сарам баргашта меборӣ...
(Бубахшоям... Аҷаб номардие дорӣ!)

Дарди қадимӣ аст, эй Борони ман, Борон!
Ҳамон дарде, ки Одам дошт, Ҳавво дошт...
Дарди ману Ширини ман ҳоло ҳам он дард аст –

дарди Ишқи беохир –
ҳамон дарде, ки як инсони танҳое
ба як инсони монанди худаш танҳои танҳо дошт.

Медонӣ, охир нағз медонӣ ту, эй Борони ман, Борон!
Беш аз шумори баргҳо дар ҷангалистонҳо
бо ташнаҷонӣ дӯст медорам,
ҳамеша дӯст медорам ҳамонеро, ки медонӣ... ҳамонро! –
Яъне ҳамон Ширини ширинтар зи ҷонро, меҳрубонро.
ҳам ошкоро, ҳам ниҳонӣ дӯст медорам!

Аз Ишқ мегирйӣ ту, эй Борони ман, Борон!
Дилат об аст, медонам... дилат аз дарди ман об аст.
Вақте ман аз Ширину ҳаҷраш шеър мегӯям,
Қарорат нест...
Рӯҳи беқарорат чакрае аз рӯҳи симоб аст –
яъне рӯҳи ноорому бетоб аст.

Марг аст пушти Зиндагӣ, Борони ман, Борон!
Шояд ту аз ин дард огоҳӣ, ки ғамгинона мегирйӣ?
Огоҳӣ, медонам... ту огоҳӣ!
Ин ман ҳамин ғофил, ҳамин ғофил,
ҳамин ғофил, ки механдам ба ҳоли хештан гоҳе –
ҳамон гоҳе, ки ғамгинона мегирйӣ...

Рӯзе, Худо нохоста, Борони ман, Борон!
Ширини ман аз ман равад чун ҷони ман аз тан
ва ман нохост аз андӯҳи танҳоӣ бимирам,
Дар мотамам биншин,
ба ҷои хоҳари ман гиряҳо кун, гиряҳо кун, гиряҳо кун...
Ёдам бикун гоҳе ту, эй Борони ман. Борон!
Биё, бо чашми гирёнат нигар дар чашми гӯри ман!

ЭЙ КОШКӢ ПАРАНДА МЕБУДАМ

Ширини ман! Ширин!
Дилсӯзии хуршед бар вартоҷ,
Дилгармии вартоҷ бар хуршед аз Ишқ аст!
Вартоҷро бингар,
ба сӯи рӯи гарми Офтобаш чашм медӯзад,
яъне ба умри пуршитобаш чашм медӯзад...
Ин як далели равшани уммед аз Ишқ аст!

Ширини ман! Ширин!

Бингар, зи ишқи Офтоби зард
Варто̧ дар андозаи гулбаргҳои зард меболад,
чун офтобак медурахшад, мегуволад.
Ватоҷ ҳатто зоҳиран
чун Офтоби нурпош аст...
Аз ин масал манзури ман Ишқ аст,
Аз Ишқ манзурам талош! Оре, талош аст!

Ширини ман! Ширин!
Бояд ту гоҳе офтоби гармрӯ бошӣ,
то дар талоши меҳри ту бошам гиёҳи Меҳр,
Танҳо як гиёҳи Меҳр!
Бояд гаҳе ман офтоби гармхӯ бошам,
то дар талоши Ишқи ман бошӣ гиёҳи Ишқ!
Танҳо як гиёҳи Ишқ!

Ширини ман! Ширин!
Вақте ки хубиҳои ту дар хубии ман,
Вақте ки хубиҳои ман дар хубии ту
бо ҳам биёмезанд мисли шир дар шаккар
ва ё ҳамчун шакар дар шир,
Коми дили мо мешавад аз Ишқ ширинтар,
Аз зиндагӣ ҳаргиз намегардем
дилозурдаву дилгир!

Ширини ман! Ширин!
Ман бо ту бояд меҳрубон бошам ҳамеша
монанди як шабнам, ки рӯи барг
мебӯсад пагоҳӣ.
Бояд ту ҳам бо ман ҳамеша меҳрубон бошӣ
монанди оби зиндагибахшо ба моҳӣ!

Ширини ман! Ширин!
Эй кошкӣ парранда мебудам,
худро раҳо аз ин ҷаҳони обу дому дона мекардам.
Гунҷишкаки ҷон мешудам,
Аз шохаи танҳоии худ мепаридам,
дар шохаи танҳоии
қадди ниҳолат лона мекардам.

Ширини ман! Ширин!
Ширини ширинтар зи ҷони ман!
Овози пои марг - он пайғоми хомӯшии беохир
меояд аз инсӯтар аз як ҳадди оворас,

Ночор ин овози ваҳмангезро бояд шунидан
дар лаҳзаи вопас, ки
аз гуфтор мемонад забони ман!

БОЗ ЁДАТ КАРДАМ...

Борон шудаму таронаро сар кардам,
Гӯши шаби бекаронаро кар кардам,
Чун чашми кабуди чархро тар кардам,
Бо чарх ҳисоби худ баробар кардам.

Имшаб ба Худои худ ғами дил гуфтам,
Аз мурдани ишқу мотами дил гуфтам,
Гирйистаму шеър аз алами дил гуфтам,
Аз коғази рӯйи зард дафтар кардам.

Эй ёри ба сад ситам зи ман гашта ҷудо,
Ранҷида зи ҷабри қисмату кори Худо,
Имшаб ҳама саргузашти ғамбори туро
Оварда ба ёду хок бар сар кардам!

Ман ёди ту кардаму ҳаво вайрон шуд,
Яъне ки ҳавои хотирам борон шуд,
Дар рӯи саҳифаҳо қалам гирён шуд,
Аз ашки қалам саҳифаҳо тар кардам.

Монанди шамоли рафтанат оҳ шудам,
Бо сояи сарсони ту ҳамроҳ шудам,
Ту азми сафар кардиву ман роҳ шудам,-
Пуштора ғами туро чу замбар кардам.

Рафтиву наҷустам аз касе осорат,
Пинҳон хӯрдам ғами ту чун ғамхорат,
Пеши назар оварда шаби дидорат,
Шамъи дили мурдаро мунаввар кардам..

Монанди ситораи ғариби саҳарӣ
Наздики дили маниву дур аз назарӣ,
Аз дур ба меҳр сӯйи ман менигарӣ,
Шукронаи он ду чашми ахтар кардам.

Монанди қатора соати умр гузашт,
Рӯзу шабам аз масоҳати умр гузашт.
Афсӯс, дурӯза роҳати умр гузашт,
Ман бе ту ба марги хеш бовар кардам.



АБУЛҲАЙ САИДҚОСИМ

Абулҳай Саидқосим 10 январи соли 1959 дар деҳаи Ёрии ноҳияи Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дунё омадааст.

Дастпарвари ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров. Омӯзгор, мудири қисми таълимии МТМУ № 9-и зодгоҳаш мебошад.

Дар навиштани ҳаҷву мутоиба ва ҳикоёти латиф шавқу завқ дорад.

Китобҳояш таҳти унвонҳои «Ҳикояҳои латиф» ва «Оббо, мардуми кунҷкове...» нашр гардидаанд.

Узви Иттифоқи журналистони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

ХУМОРИИ СКАНВОРД

(Мутоиба)

Бояд эътироф кунам, ки ин бандаи фақир дар ибтидо барои бо сканворду кроссворду филворд ва «ворд»-ҳои дигар машғул шудан ҳавас надоштам.

- Ту чаро мурғи курк барин дар канор нишастаӣ? – тез мекард маро Нозим ва ба тарафи ҳамкорони дар гирди миз ғуншуда ишора менамуд: - Биё, бо мо ҳамроҳ шав. Ин хеле шавқовар аст.

- Нӯшидани як пиёла лимӯчой аз садто мисли ин машғулияти каллагарангкунак зиёдтар ҳаловат дорад, - гуфтам як пора лимӯро ба даҳон андохта.

- Бин-дия, - гуфт ӯ, - боз ба ин бозӣ ҳавасат омадаю чанд калимаро ёфтан пас сканвордёби ашаддӣ нашавӣ...

Аммо чӣ мегӯед, ки ҳамин тавр ҳам шуд: тӯда маро ноаён ба сафи худ қабул кард.

- Онро дар синф муаллим ва шогирдон зиёд истифода мебаранд, - хонд Маҷид аз рӯзнома. – Калима аз се ҳарф иборат аст.

- Тахтаи синфтозакунак, яъне латта, - овоз баланд кард Аваз.

- Худат латта. Ба ту гуфта истодаанд, ки калима аз се ҳарф иборат аст. «Латта»-и ту бошад, аз чор ҳарф сохта шудааст, чун аломати ташдид ба ҳарфи те меафтад, он панҷ мешавад, - мегӯяд Арбоб, ки камакак бо ҳуруфу хати ниёгон балад аст.

- Бӯр! – хитоб мекунам худро дошта натавонистаю ба баҳси онҳо эътибор надода.

- Бар падарат раҳмат, - мегӯяд Маҷид катакчаҳоро зуд бо ҳарфҳои лозима пур карда истода, - ана, инро калла мегӯянд.

- Ҳашароти аз худаш равшанибароранда, - иҷрои вазифаашро идома медиҳад ӯ. – Калима аз ҳашт ҳарф иборат аст.

Ҳама ба фикр фурӯ мераванд.

- Малах! – аз даҳони Аловиддин садо мебарояд.

- Шояд аз куҷои малах баромадани равшаниро ҳам донӣ? – тамасхур мекунад ба ӯ Қодир. – Ҳар чизи ба даҳонат омадаро гуфтан нагир. Андак ист, канӣ, мардум чӣ мегӯянд?

- Кирми шабчароғ, - оҳиста изҳор мекунам ман.

- Кирмаш нею шабчароғаш дуруст меояд. Офарин! – гуфта дар саҳифаи рӯзнома қайд мегузорад Маҷид ва қаламро рӯйи миз гузошта ҳадаҳа сӯям медавад: - Ту нобиға будаӣ, ҷӯраҷон, бисёр чизҳоро медонистаӣ, - мегӯяд ӯ ва маро ба ҳамон ҳолам намонда, маҷбуран бурда дар паҳлуяш мешинонад. – Ҷойи ту ин ҷо аст. Ба ман ёрдам мекунӣ, - хоҳиш мекунад вай, гӯё, ки мо кори ба ҷамъият ниҳоят муҳимро сомон медода бошем.

Дар корхона акнун монанди пештара ҳар рӯз аҳвол ҳамин, ҳар кадоме ду-се соат ба шуғли муқаррариашон, ки таъмири мошинолот мебошад, машғул мешавем. Баъд, агар сардор дар коргоҳ ҳузур надошта бошад, якто-якто ба сехи таъмири асосӣ, ки ҷойи чойнӯшиамон аст, ҷамъ меоем. Ҳама, ки ҳозир шуд, сармуҳандисамон Маҷид мепурсад:

- Кӣ дастурамали нав дорад?

«Дастурамал» - рӯзнома ё маҷаллаи дар он сканворд дарҷгардида мебошад. Агар дар кадоме ёфт шуд, онро мавриди истифода қарор медиҳем. Дар бештарин маврид чун аз касе садо намебарояд, Маҷид ноилоҷ, ба қавли худаш, аз «маводи захиравӣ», яъне аз «дастурамал»-и дар ҷайбаш буда, хуморашро мешиканад.

Маҷид одами ҳушёр аст. Ӯ мефаҳмад, ки дар давоми рӯзи корӣ дер ё зуд, ҳеч набошад, ақаллан як маротиба сардор ба коргоҳ сар мехалонад ва аз эҳтимол дур нест, ки дар сари сканвордбозӣ ба даст афтида, мавриди сарзаниш қарор гирад. Барои пешгирии ин лаҳзаи номатлуб ӯ аз посбони назди даромадгоҳ хоҳиш карда мондааст, ки чӣ вақте мошини сардор намоён мешавад, занг зада, маро огоҳ кун. Посбони бовафо ҳам холисона ин илтимосро иҷро менамояд.

Дар вақти гирифтани занги «SOS» мо, агар бо сканвордёбӣ банд бошем, Маҷид зуд ҳамаро ба курсиҳо мешинонад. «Дастурамал»-ҳоро зери миз пинҳон мекунад. Аз он ҷо чанд китобу дафтари муқоваашон доғҳои равғандоштаро бароварда мемонад ва сардор аз дар дароям-надароям ба «фаҳмондан» оғоз мекунад:

- Насоси сӯзишворикашак (топливной насос), буродаро, чизи нозук аст. Агар сӯрохии онро камакак чирк гирад, сӯзишвориро ба миқдори зарурӣ аз худ намегузаронад. Дар натиҷа кори муназзами муҳаррик ё халал меёбад, ё умуман қатъ мегардад. Бинобар ин, ошноҳо, онро сари ҳар вақт аз назар гузаронида истодан даркор. Аз ин рӯ, ба ин қисми муҳими ҳар як худгарди барои таъмир воридгардида дар навбати аввал эътибор додан лозим. Фаҳмидед?

- Фаҳмидем, - бо як овоз такрор мекунем мо, «шунавандаҳо».

- Фаҳмида бошед, ана, акнун ҳама аз пайи кор мешавем, - мегӯяд ӯ ва якумин шуда, аз ҷой хеста, гӯё ногаҳон чашмаш ба сардор меафтаду саросемавор ду даст пеши бар гирифта, ба истиқболаш медавад.

- Ассалому алайкум, Ғанӣ Қобилович…

Дар лабони пургӯшти сардор табассум гул мекунад.

- Ташаккур, Маҷидбой, - баъди адои салом ризомандона арз мекунанд он кас. – Ана, ҳамин хел ба устоҳо ҷойҳои нафаҳмидаашонро фаҳмонида диҳед. Ягон нақлиёт бояд бетаъмир намонад: дар вақташ босифат аз таъмир баромада, боз ба хизматрасонӣ идома диҳад.

Баъзан мешавад, ки сардор рӯзи дароз аз утоқи кориаш намебарояд ё таъмири таъҷилии нақлиёте пеш меояд. Ана, дар чунин ҳангом баъди соати сеюм ё чоруми корӣ ҳамкорони ман одами ягон чиз гум кардагӣ барин шуда мемонанд. Аваз номаълум худро назди Арбоб мегирад:

- Як ним соат барин вақт ёфта, ба гӯшае равем-чӣ? – мегӯяд ӯ. – Ман дастурамали нав дорам.

- Ту девона шудӣ магар? – воҳимаангез ҷавоб мегардонад вай. – Сардор бинад, бегуфтугӯ кафшҳоятро пеши пойҳоят мегузорад. Баъд ман оҷилан таъмири ин мошинро аз даст баровардаанам даркор. Дар акси ҳол аз мукофотпулӣ маҳрум шуданам яқин аст, - мегӯяд, вале барои наранҷонидани табъи ҳамкораш оҳанги гапашро қадре нарм мекунад. – Бо ҷону дил ба ту ҳамроҳ мешудаму лекин чӣ илоҷ? Вазъият намебардорад. Хайр, бесаранҷом нашав, баъди кор вақт меёбем, ягон ҷо рафта, камакак мешинем…

Ман ҳам беихтиёр хумории сканвордёбӣ мегардам. Аммо аз хавфи он ки мабодо корманди мулоимхунук ном нагираму ба рӯйхати «сиёҳ»-и сардор наафтам, бо азоб бошад ҳам, шилқиниамро ба ин шуғл нишон намедиҳам. Ба сканвордёбии ҳамкорон кам ҳамроҳ мешавам. Лекин пас аз фориғ шудан аз кор аз рӯзҳои истироҳат ба ғайр аз ёфтани «ворд»-ҳои дар боло номбаршуда дигар саргармие маро андармон карда наметавонад. Чизҳои надонистаамро аз ошнову шиносҳои дуру наздикам пурсида, фаҳмида мегирам.

- Салом, ҷӯраҷон, - занг мезанам ба шиноси деринаам Анварбеки адвокат, - мебахшӣ, ки дар ин бевақтӣ ташвишат додам. Дар ҳалли як масъала ёрии ту зарур шуд: намегӯӣ, ки асари машҳури Карл Маркс чӣ ном дошт?

- Муборак шавад, - механдад ӯ дар гӯшӣ. – Донистани он ба ту чӣ лозим? Ё аз нав сотсиализм сохтанӣ магар?

- Мон ҳамин гапҳоро. Сотсиализм сохтагиҳо чӣ кор карданд, ки акнун ман созам. Сканворд пур карда истодаам, агар бемалол бошад…

- Ин тавр гӯй, - мулоҳиза мекунад вай ва мегӯяд: - «Капитал». Навис канӣ, шояд дуруст ояд.

Ман аз ҷавобаш қаноатманд мешавам ва ба дӯстам шаби хуш орзу намуда, боз рӯйи саҳифаи рӯзнома сар хам мекунам. Кӯтоҳи гап, сканвордёби ашаддӣ шуда мондам. Аз ғояти шавқ ба олами саволу ҷавоб чунон ғӯтавар шуда мемонам, ки баъзан даъвати чандинкаратаи бачаҳо ва очаи онҳоро ба хӯрокхӯрӣ бо «ҳозир»-гӯии такрор ба такрори худ аксар вақт ба таъхир меандозам ва дар натиҷа чою таоми сардшуда насибам мегарданд. Аз ин ҷиҳат гоҳ-гоҳ мавриди ғур-ғури кадбонуи хона қарор мегирам. Аммо чӣ кунам, ки Офаридгор аз касбҳо устогии таъмири мошинҳо ва аз шуғлҳои фардӣ ҳамин сканвордёбиро ба ман арзонӣ доштааст.

АМИРҲАМЗАИ ҲОҶӢ САЙИДОЛИМ



Амирҳамзаи Ҳоҷӣ Сайидолим (Ҳамза Боқиев) 15 январи соли 1969 дар деҳаи Каздони ноҳияи Айнии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хонадони марди зиёӣ ба дунё омада, соли 1986 мактаби миёнаи зодгоҳашро хатм намудааст. Солҳои 1990-1995 донишҷӯйи факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ буда, аз соли 1996 то соли 1999 дар шуъбаи рӯзонаи аспирантураи донишгоҳи мазкур таҳсил намудааст. 20-уми июли соли 2000 дар мавзӯи "Роҳи эҷодӣ ва афкори маорифпарварии Мирзо Сироҷи Ҳаким" рисолаи номзадӣ дифоъ намудааст.

Амирҳамзаи Ҳоҷӣ Сайидолим пайваста машғули тадқиқоти илмӣ ва эҷоди осори бадеӣ буда, муаллифи зиёда аз 150 мақолаи илмӣ, илмӣ-методӣ ва оммавӣ буда, инчунин китобу дастурҳои таълимии "Таърихи адабиёти хориҷа" (Адабиёти Юнону Рими бостон) (2002, 2018), "Таърихи адабиёти Амрико" (2011, 2017) ва сафарномаҳои "Бар диёри хеш меҳмон омадам"(бо ҳуруфи форсӣ ва сирилик) (Душанбе 2002), "Боз омадам бар диёри хеш" (бо ҳуруфи форсӣ ва сирилик) (Теҳрон, 2007), "Теҳроне, ки ман шинохтам..."(бо ҳуруфи форсӣ ва сирилик) (Душанбе, 2016) ва "Як қадам роҳ то Бухоро" (Душанбе, 2019) мебошад. Номзади илмҳои филология, дотсент, узви Иттиҳодияи журналистони Тоҷикистон (2010), "Аълочии матбуоти Тоҷикистон" (2003), "Аълочии маорифи Тоҷикистон" (2005) мебошад.

ПАДАР

Ахтари шабҳои торам, эй падар,
Марди фарди рӯзгорам, эй падар.
Маънии рафтори ман бошӣ мудом,
Хизр дар ҳар кору борам, эй падар.
Аз дуоят зиндагӣ гул мекунад,
Пири ботадбири корам, эй падар.
Дар каломат маънии одамгарист,
Ту беҳин омӯзгорам, эй падар.
Ҳастии ту ифтихори мо бувад ,
Рӯдакисон дар диёрам, эй падар.
Гуфт, Ҳамза, аз муҳаббат ин сухан,
Неъмати ноёб дорам, эй падар

ДОВАРИ ҲАҚ

Аҷалро умр бошад бас ҳазорон,
Хазон созад ба ҳар дам сад баҳорон.

Аз ин пири фиребо, эй дареғо,
Амон ҳаргиз наёбад насли инсон.
Ба ҳар вақту ба ҳар соат, ба ҳар дам,
Биафзояд зи одам ризқи мӯрон.
Бувад ӯ довари ҳақ, ки ба як чашм,
Нигаҳ созад ба атфолу ба пирон.
Гадову шаҳ занад наздаш ба зону,
Набошад ӯ ҳарис бар моли мирон.
Ту, эй Ҳамза, чӣ дил бандӣ ба дунё,
Чу аз олам бирафта ҷумла урён.

* * *

Омадӣ, бояд равӣ аз ин ҷаҳон,
Зиндагӣ бошад ба ту бори гарон.
Чун ҳубоби рӯи дарёи ҳаёт,
Маҳв гардӣ зери мавҷаш бенишон.
Ҳамчу хас бошӣ ту дар амвоҷи об,
Ғофилӣ аз қаъри дарёи равон.
Гар бисозӣ киштӣ аз кирдори нек,
Ёварат гардад дар он баҳри дамон.
Гар замират зиннате бо некӣ ёфт,
Аз ҳаводиси замон бошӣ амон.
Гар забони ту навохт аҳли башар,
Сарбаландӣ ёбӣ дар ҳар ду ҷаҳон.
Ҳамзаё, сарват мачӯ аз даҳри дун,
Чун гадо шоҳон равад аз ин ҷаҳон.

* * *

Аҷаб дунёст, дунёи дили ман,
Аҷаб зебост маъвои дили ман.
Бичӯшад андарунаш шодию ғам,
Аҷаб савдост савдои дили ман.
Шароби арғувон-ш эҳёгари ҷисм,
Ҳазор аҳсан ба эҳёи дили ман.
Танӯраш медиҳад гармӣ ба ҷонам,
Аҷаб гармост, гармои дили ман.
Ба мағзаш ҷо диҳад имони покам,
Ҳамин ганҷ аст колои дили ман.
Ту эй Ҳамза, бикун саҷда ба дилҳо,
Аҷаб пок аст маъвои дили ман.

* * *

Сафои рӯйи ту гулро набошад,
Ҷилои мӯйи ту гулро набошад.
Муҳаббат он чунон арзанда дорӣ,
Ҳавои кӯйи ту гулро набошад.

Ба рӯзи шодию ғам дар бари ман,
Вафою хӯйи ту гулро набошад.
Муаттар мекунӣ ҷону диламро,
Насиму бӯйи ту гулро набошад.
Мунаввар мекунӣ шабҳои торам,
Дурахши рӯйи ту гулро набошад.
Нагардат Ҳамзаат мафтуни гулҳо,
Хами абруйи ту, гулро набошад.

***

Хонаи чашми туро раҳгузарон хона кунанд,
Бар сари кӯйи ту оянду зи ғам лона кунанд.
Меваи пухтаат шаҳд агар бар ком аст,
Оқилонро майи лабҳои ту девона кунанд.
То расидан ба висолат чӣ аҷаб сӯхтанест,
Баҳри ороиши ҳуснат зи қалам шона кунанд.
Ҳамзаё, бохтаӣ дар раҳи ишқаш сари худ,
Ашк резӣ ба раҳи ёр, ки дурдона кунанд.

БЕДИ МАҶНУН

Беди Маҷнун сархаму ошуфта аст,
Беди Маҷнун қиссаи ногуфта аст.
Рӯзгори талхро шоҳид бувад,
Миҳани худ аз замин норуфта аст.
Рӯзу шабҳо бар замин дорад назар,
Аз куҷо мағруру ҳам олуфта аст?
Ҳамчу Маҷнун бар раҳи Лайлои худ,
Дар замини ошиқӣ по кӯфтааст.
Беди Маҷнун мотаме дорад ба дил,
З-он ки аз сад як гулаш нашкуфтааст.
Беди Маҷнун сарнавишти талхи мост,
Ёдгоре аз ниёи хуфта аст.
Бо забони безабонӣ бар ҳама,
Ҳарфҳояш ҳамчу дурре суфтааст.
Беди Маҷнун чӯби гӯри ошиқон,
Ошиқони дарди дил ногуфта аст.
Беди Маҷнун, Ҳамзаро бошад гувоҳ,
З-он ки садҳо розро бинҳуфтааст.

ДАР МАЗОРИ ШАХИ ПОК

Ҳар гаҳ ба ёдат, модарам,
Дилпора гардад хоҳарам.
Аз чашми сар борони ғам,
Резам бароят, додарам.

Ҳайфи азизони дилам,
Гумкардагони манзилам.

Оям мазорат, эй падар,
Бинам канорат модарам.
Ин ҳамҷаворӣ бо Шумо,
Ҳоло насиби додарам.
Ҳайфи азизони дилам,
Гумкардагони манзилам.

Фарёд аз бахти бадам,
Аз нокасии қисматам.
Шодӣ куҷову ман куҷо,
Афтода дар кӯйи ғамам.
Ҳайфи азизони дилам,
Гумкардагони манзилам.

Оворaю ҳам дар ба дар,
Ҳамза куҷо ёбад падар?
Андар мазори Пок Шах,
Овардааст ӯро сафар.
Ҳайфи азизони дилам,
Гумкардагони манзилам.

* * *

Доим бинӯшад паймонаи субҳ,
Ҳар кас, ки бошад парвонаи субҳ.
Мо пок бозем, мо дилнавозем
Мо ошиқони якдонаи субҳ.
Ин зулмати шаб сад оҳ бар лаб,
Рафта канора аз хонаи субҳ.
Боғу чаманро, дашту даманро,
Созад муаттар кошонаи субҳ.
Файзе набинад дар рӯзгорон,
Ҳар кас, ки бошад бегонаи субҳ.
Ҳаргиз нахандад бахте ба рӯяш,
Бе завқи васли ҷононаи субҳ.
Файзи ду олам дорад, азизон,
Дасти дуои пиронаи субҳ.
Бошад ғизои рӯҳаш бихонад,
Зеро ки Қуръон дурдонаи субҳ.
Ҳамза бигӯяд таҳсин ба Туғрал:
“Ҳар кас,ки бошад ҳамхонаи субҳ”.

АМРУЛЛО АВЕЗОВ



Авезов Амрулло Шукруллоевич 15-уми октябри соли 1953 дар деҳаи Қўрғони Вардонзеи ноҳияи Шофиркони вилояти Бухорои Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар оилаи омӯзгор ба дунё омадааст.

Соли 1969 мактаби миёна, дар соли 1973 факултети забон ва адабиёти тоҷики Институти давлатии педагогии Самарқанд ба номи С.Айниро бо дипломи имтиёзнок хатм кардааст. Аз соли 1973 то соли 1998 дар мактаби № 20 ба номи А.Берунии зодгоҳ ҳамчун омӯзгор, ҷонишини директор оид ба корҳои таълиму тарбия фаъолият намудааст.

Аз моҳи августи соли 1998 то имрӯз хабарнигори рӯзномаи ҷумҳуриявии «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро мебошад. Мақолаҳо, очерк, ҳикоя, тарҷумаҳои вай дар матбуоти Ӯзбекистону Тоҷикистон рӯи чопро дидаанд. Ӯ соли 1999 ба депутатии Шӯрои намояндагони халқи вилояти Бухоро интихоб шудааст. Соҳиби нишонҳои «Аълочии маорифи халқ», «Аълочии матбуоти Тоҷикистон» ва ордени «Дӯстлик» мебошад.

Ӯ ду бор (солҳои 2012 ва 2017) соҳиби ҷоизаи озмунҳои Иттиҳоди эҷодии журналистони Ӯзбекистон «Журналисти беҳтарини сол» шудааст.

Соҳиби оила, фарзандон ва наберагон аст.

МАГАСҲО
(Ҳикоя)

Чанд рӯз аст, ки Носир аз мактаб ба хона барвақт мегардад. Ҳоло вай вориди ҳавлиаш шуду чашмонаш ба гӯсфанди ялагард афтида, фавран велосипедро ба ҷояш гузошт. Ба дасташ кулӯх гирифта, онро аз дарвоза берун кард. Аҷабо, ҳамсараш куҷо бошад?

- Дилафрӯз, ҳо Дилафрӯз!

- Ҳа, дадеш?

- Охир ҳамин ҷо будию гӯсфанди ҳамсояро ба дарун қаба карда, эътибор намедиҳӣ.

Дилафрӯз қоҳ-қоҳзанон хандид:

- Э мардак, ду сол роҳбарӣ мекунам гуфта, ба фарқи гӯсфанди худу бегона намеравед! Ибӣ, ман мурам, аз дарвоза берун кардед?

Дилафрӯз ба берун давид. Носир низ аз дунболи ӯ баромад. Баъди кофтукови зиёд гӯсфандро аз даруни ҷӯи беоб ёфтанд. Носир ҳамоно ҳайрон буд.

- Чӣ, аз қӯраи Ҳасан гурехта омадааст? – пурсид ӯ.

- Э, намуред Шумо, баъди яку ним сол? Худи ҳамкасбатон ним соат пештар бо сечархааш оварда партофта рафт.

- Аз чи сабаб?

- Ҷояш танг будааст, - маънидорона гуфт Дилафрӯз.

- Ҳамин қадар вақт ғунҷида буд-ку... Носир ба андеша фурӯ рафт.

- Он гоҳ шумо одами даркорӣ будед, акнун...

- Не, Дилафрӯз, ту хато мекунӣ, Ҳасан аз он хел одамон нест.

- Мебахшед, вақте ки гӯсфандро бачаҳо мечаронанд, бист сар нею бисту як сар шавад, чи вазнинӣ дорад", гӯён бурда буд, рӯи хотири директориатонро мекард. Ҳоло аз Шумо ба вай чи суд? Фақат вай не, се рӯз ин ҷониб аз хонаатон пои худро кашидани ака-Файзию мудири хоҷагии мактабатон Бахтиёрро низ тасодуфӣ мегӯед? Не, ин ҷо гап ҳаст, мардакҷон, гап. Одамон ҳоло ҳамин хел, бе ҳисобу китоб қадам намегузоранд.

Носир чизе нагуфт. Вай сари дастархон нишаста, чой менӯшиду меандешид. Гуфтаҳои охирини ҳамсараш паси гӯшҳояш аз нав садо медоданд. Наход, Дилафрӯз ҳақ бошад? Чаро аз посбони мактаб Файзӣ-ака, ки чор рӯз пеш ин ҷо омада буду гулҳои бунафши алафро дида, "Юнучқа пухтааст, ҳатман пагоҳ омада медаравам", гӯён ваъда дода буд, на пай ҳасту на ҳайдар?

Носир ду сол боз сарвари мактаб, боз сарвари мактаби деҳа буд. Ташвишҳои рӯзгор гарон омад.

Аз пагоҳии солеҳон, то қарибии говгум аз паи кори давлат давутоз карда, танҳо шаб дар ҳавлии худ чун меҳмон омаду рафт кардани шавҳараш ба дили Дилафрӯзбону зада буд. Ниҳоят, рӯзе ӯ масъаларо кӯндаланг гузошт:

"Мардак инсоф доред? Калониатон ба дилам зад-ку. Ман ҳам одамам, ҳамон кори давлат ба ман ҳам аст. То кай бори оиларо танҳо мекашам? Молу ҳол, хонаю чой фақат аз они ман бошад, бареду ҳамаашро фурӯшед. Пагоҳ-фардо онҳоро ҳамроҳам ба гӯр намебарам. Ҷавоби роҳбариро тиеду ба кашидани бори рӯзгор кӯмак расонед. Гардам савлати хушки шумоя!"

Ғавғою дилсиёҳӣ, даводавиҳои бенатиҷа ба дили худи Носир ҳам зада буд. Вай хуб медонист, ки ҳамин бори гарони оила Дилафрӯзи нозанинро солҳои охир ҷаз барин об кард. Алалхусус, дар дӯконҳои хӯрокворию гӯшт навбат поида, чун марди хона масъулиятро ба гардан гирифтани завҷаашро Носир дарк карду ба хулосаи қатъӣ омад. Бе ягон маслиҳат ба шӯъбаи маориф ариза супорид. Ана, се рӯз мешавад, ки ӯ омӯзгори одӣ асту хурсандии ҳамсараш андоза надорад.

Ғиҷирроси дарвоза Носирро ба худ овард. Писарчааш Илҳом, ки дар синфи дуюм мехонд, аз мактаб бармегашт.

- Дада, дада, Файзи-амак дар хонаи Комилино таги дарахт мӯи гӯсфанд метарошанд. Ман пурсидам, ки: "амак, алафи моро кай медаравед?" Гуфтанд ки: "акнун худи падарат медаравад..."

Носир рӯй турш кард:

- Ба ту ки пурс гуфт?

- Пагоҳи модарам таъйин карда буданд, - ҷавоб дод Илҳом ва ба хонаи дарун даромада рафт.

Комил писарчаи Раҳим-сарвари ҳозираи мактаб ҳамсинфи фарзандаш аст.

Носир пиёлаи охирини чойро менӯшиду чашмонашро аз магасҳо, ки болои шираи мураббои дастархон шинухез доштанд, намеканд.

- Аҷиб, куҷое, ки шира ҳаст, магасҳо он ҷо тайёр, - пичиррос зад ӯ, баъд сабук ҷаста, либосҳояшро иваз намуду ба дасташ дос гирифта, даруни алаф даромад. То фаро расидани шом нисфи алафро, саҳарии бармаҳал хеста, қисми боқимондаашро даравид.

Пагоҳӣ ба мактаб мерафту аз қафо овози Дилафрӯзро шунид.

- Тракторчии мактабатон Маҳмудро бинед, хоҳиш намоед, ки як присеп хушкӣ (рег) биёрад, ба таги молҳо нигоҳ карда намешавад. Ҳама ҷо обу лой.

Носир аз долони мактаб мегузашту овози ширадори Маҳмуд аз дафтари (кабинет) директор ба гӯшаш мерасид: “Гапаш нест, худи ҳамин рӯз мекашонем...” Вай он ҷо каме таваққуф кард. Маҳмуд баромад. Онҳо боҳам вохӯрданд. Аз чи сабаб бошад, дар нигоҳу ҳаракатҳои Маҳмуд сардие эҳсос мешуд.

Маҳмудҷон, чорвоямон болои обу лой хуфту хез дорад. Агар вақтатон мешуд, як раҳ хушкӣ меовардед, - рӯй оварад ӯ.

- Малимҷон, меовардаму... саларка надорам. Набошад, садқаи як даҳан гапи шумо...

Ба ин ҷавони ҳалиму хушгуфтор чи шуд? Охир ҳамеша ду дастро сари дил монда, “Гапаш нест, садқаи як даҳан суханатон...” гӯён аз паи кор мешуд. Агар саларка надошт, пас чаро ба сардор “худи ҳамин рӯз мекашонам”, гуфт?

Табъи Носир хира гашт. Вай як лаҳза назди тиреза истода, чи кор карданашро намедонист.

Дари дафтари директор пай дар пай боз гардида, омӯзгорон бо навбат даромада мебаромаданд.

Ана, Одил низ он ҷо рост истода, аз афташ навбат мепоид. Чаро вай худро нодида вонамуд карда, бо Носир ҳатто салому алейк кардан намехост. То қарибиҳо дар атрофи ӯ чун парвона гирд гашта, қариб ҳар соат лофи бародарию садоқатманди мезад-ку. Одаму одамгарии моро чи шуд? Агар мо омӯзгорон чунин бошем, аз дигарон чӣ ҷои гила?

- Ҳа, муаллим, ба дарёи хаёл ғӯта задед? – гуфтани ошпази мактаб Носирро ба худ овард. Вай ба директори мактаб чой оварда буд.

Агар дарсатон набошад, гардед, як пиёла чой нӯшед, - Носирро ба ошхона таклиф намуд ӯ. Носир, ки дарс надошт, розӣ шуд. Вай аз паси Мирзо қадам мегузошту дар бораи ӯ фикр мекард: “Ҷавони ҳамиятнок ва боандеша аст ин Мирзобой”.

Дар ошхонаи мактаб таомул чунин буд: як зумра омӯзгорони хӯрокхӯрда пули таомро фавран медоданду қисми дигарашон дар охири моҳ, баъди гирифтани маош. Номи омӯзгорони қарздор дар дафтари алоҳида қайд мегардид. Носир ба гурӯҳи аввал дахл дошт. Вақте, ки Мирзо ба кор омад, ин анъана халалдор шуд.

- Муаллимҷон, ҳеч гап не, буду шуд як коса хӯрок будааст, аспу уштур не-ку. Пулаш лозим не. Монед акнун, одамро шарм надоронед. Бе ҳамин ҳам рӯзе як-ду коса таом боқӣ мемонад. Кӯшишҳои Носир суде намебахшиданд. Мирзо пулро намегирифт. Ин муносибат ҳар рӯз такрор меёфт.

Носир пулро супорида натавониста, дасту по мехӯрду ошпаз чарбзабониро идома медод. Тадриҷан вай ба ошпаз кашмакаширо ба худ эб надида, чанд муддат ором шуд. Ду сол сипарӣ гашт. Ана, ӯ ҳоло сарвар нею муаллими оддист, вале муомилаю муносибати Мирзо ҳамон асту ҳамон...

Садои занги танаффус риштаи хотироти Носирро гусаст. Вай чои хунукшудаи пиёларо ошомиду аз ҷой хеста тараддуди рафтан кард.

- Муаллимҷон, мебахшед, як дақиқа... – Мирзо каме сурху сафед шуда аз рӯи дафтаре чашм намеканд.

- Ҳа, Мирзоҷон?

- Камтар қарзатон буд...

- Чӣ хел қарз? Э, ҳа, шояд пули хӯрок бошад?...

- ...

- Чӣ қадар мешавад?

- Муаллимҷон, ба дил намегиред, корамон беҳисобу китоб е... Хӯш, ки гӯем, соли якум барои 174 рӯзи хӯрок 1080 сӯм бошад, соли дуюм 192 дафъа таоми хӯрдагиатон 1864 сӯм, яъне ҷамъаш 2944 сӯм мешудааст. Равед ки чор сӯмаш сақдаи сар, агар 2940 сӯм диҳед, мо аз шумо розӣ.

Носир гӯё саркӯб шуда бошад, ҳайкалосо чизеро дарк намекард. Вай аз ҷайбаш ҳамон сето ҳазорсӯмаеро, ки ба нияти хариди палто баҳри ҳамсараш пасандоз мекард, бароварда пеши Мирзо партофту нохуш қафо баргашт.

- Муаллимҷон, боқимондааш-садқа, Мирзоҷон, - ӯ дарро оҳиста пӯшида, берун баромад.

Дар ҳавлии мактаб касе намонда буд. Машғулот идома дошт. Болои меваҳои ширабастаи тути балхӣ магасҳо шинухез доштанд...

соли 1996

АНВАРБЕКИ АБӮНАСР



Анварбеки Абӯнаср 15-уми январи соли 1947 дар деҳаи Варзикандаи ноҳияи Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дунё омадааст. Вай соли 1959 мактаби ҳафтсолаи деҳааш ва соли 1962 мактаби мутавасситаи №6 шаҳраки Ғӯсар, ба номи Абдусалом Деҳотиро ба охир расонидааст.

Ӯ аввал коргар, баъд аз соли 1964 ҳамчун муаллим фаъолият намуда, дар як вақт соли 1969 Донишкадаи омӯзгории шаҳри Хуҷандро дар риштаи забон ва адабиёти тоҷик хатм кардааст.

Аз соли 2005-ум ӯ дар шаҳри Панҷакент истиқомат дошта, дар Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон вазифаи муҳарририи нашрияи таълимгоҳ «Махзани илм»-ро ба уҳда дорад ва дар як вақт дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷик мебошад.

Маҷмӯаҳои ашъораш «Расид айёми тобистон» (1991), «Умеди сабз» (1994), «Нишони ишқ» (2007), «Гулбоғи ғазал» (2008) ба воситаи нашриёти «Адиб» ва зиёда аз 20 китоби дигари ӯ дар матбааҳои шаҳрҳои Панҷакенту Хуҷанд ба нашр расидааст.

Ӯ соли 2004 ба дарёфти унвони «Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон», соли 2008 «Аълочии матбуоти Тоҷикистон» ва соли 2009 «Аълочии фарҳанги Тоҷикистон» мушарраф гардидааст. Соли 2008 бо медали Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон «Нишони сухан» мукофотонида шудааст.

Соли 2007 бо ордени «Шараф» дараҷаи 1 сарафроз гардидааст.

Анварбеки Абӯнаср нафақахӯри аҳамияти ҷумҳуриявӣ буда, як қатор шеърҳояш ба забонҳои русӣ ва ӯзбекӣ тарҷума шудаанд. Китоби алоҳидааш бо забони ӯзбекӣ «Ӯқиймиз аъло» (Панҷакент-2011) низ ба нашр расидааст.

Аз моҳи январи соли 2000 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон мебошад.

АЗ ДАФТАРИ ДУБАЙТӢ

Бирафта умри ширин барнаояд,
Гузашта зиндагонӣ сар наояд.
Дарахти хушкида дигар насабзад,
Ба қалби сӯхта бовар наояд.

На ҳар номе бувад чун номи Лоиқ,
На ҳар ҷоме бувад чун ҷоми Лоиқ.
Бигардад хомҳо пухта, валекин
Набошад пухтае чун хоми Лоиқ.

Зарафшоно, Зарафшоно, Зарафшон,
Бувад ҳар чор фасли ту гулафшон.
Бихонад Гулназар андар канорат
Ва ҳам Қутбию Дорои ғазалхон.

Бидодӣ Ҳазрати Туғрал, Зарафшон
Ва ҳам он Рӯдакии марди майдон.
Макони шоирони номвар ту,
Убайду Лоиқу Ансорӣ, Мастон.

Суруди зиндагӣ мехонам имшаб,
Дуруди зиндагӣ мехонам имшаб.
Шабонгоҳон садои рӯд ояд,
Чу рӯди зиндагӣ мехонам имшаб.

Ба сина ман гулу гулзор дорам,
Гули бишкуфтаи ашъор дорам.
Набӯйида гули шеърам чӣ донӣ?
Дилe, ки пораю хунбор дорам.

Ҷаҳони ман фидои модарам бод!
Равони ман фидои модарам бод!
Ҳамеша номи покаш дар забонам,
Забони ман фидои модарам бод!

Маро чун шоири дилдода бишнос,
Маро чун шоири озода бишнос.
Бубинӣ ҷоми ман бебода бошад,
Маро бо соғари сарвода бишнос.

Маро бо хомаи ман мешиносанд,
На аз ҳангомаи ман мешиносанд.
Дубайтиҳои ман – дилномаи ман,
Зи ҳар дилномаи ман мешиносанд.

Зи гулзори сухан гулдаста чидам,
Гули боғи суханро ман шамидам.
Ҷавониям, азизон, ёд омад,
Зи умқи дил зи нав оҳе кашидам.

Суханро аз Ватан оғоз кардам,
Диламро бо сухан ҳамроз кардам.
Навиштам байтҳои ошиқона,
Ба шаҳболи сухан парвоз кардам.

Чароғи дил бувад аз ахтари ишқ,
Фароғи дил бувад аз гавҳари ишқ.
Диламро мерабояд ҳарфи ширин,
Кушоям ҳар гаҳе гар дафтари ишқ.

Ба танҳоӣ маро илҳом бошад,
Аз ин илҳом ширин ком бошад.
Нависам ман рубоию дубайтӣ,
Ки рӯзе аз бароям ном бошад.

Аҷаб фикру хаёле дорам имшаб,
Ба сар садҳо саволе дорам имшаб.
Зи ишқи шӯрангезам ба сина
Нахустин навниҳоле дорам имшаб.

Ало, ҳофиз, суруди тозае хон,
Суруди хуш, баландовозае хон.
Дилам таркидааст аз дарду андӯҳ,
Зи Лоҳутӣ ба ман дилномае хон!

Сухан гӯям, ки вай ҷовид бошад,
Дурахшон чун ҷамоли шед бошад.
Диле хоҳам, ки вай испед бошад,
Гуле рӯяд, гули уммед бошад.

Зибас бар сӯзи дил фарёдрас нест,
Маро дар зиндагӣ чашми ҳавас нест.
Дареғи рӯзҳои рафтаи умр,
Ки кори мо ҳама ғайри абас нест.

Биёмад навбате дар даҳри мо, дӯст,
Равем аз ин ҷаҳони бевафо, дӯст.
Бимонад қатраобе дар гулӯям,
Ситора канда гардад аз само, дӯст.

Чу ахтар ман ба Варзиканда ҳастам,
Ба ҳар сӯ нури худ афканда ҳастам.
Биёрам бандагӣ як рӯз бар ҷой,
Худои покро, ки банда ҳастам.

Агарчанде ки дилафрӯз будам,
Ба деҳа ахтари нимрӯз будам.
Ба мактаб ман сабақомӯз будам,
Ва худ гоҳе сабақандӯз будам.

Бидеҳ бар дарди ман дармон, Худоё!
Бикун равшан ба ман имон, Худоё!
Агар рӯзе равам аз зери гардун,
Бикун ҷон канданам осон, Худоё!

Агарчи симу зар хирвор бошад,
Чӣ суд аз он ба кас, бемор бошад?
Ба ғайри ошиқу шоир мабодо
Каси дигар ба шаб бедор бошад.

Фалон неше зада бар мағзи ҷонам,
Зи дунё кай равам, инро надонам.
Фақат донам, ки баъди мурдани ман
Шавад оғоз умри ҷовидонам.

Суханро дар ҷавонӣ гуфт Лоиқ,
Зи боғи зиндагонӣ гуфт Лоиқ.
Гаҳе аз шодмонӣ гуфт Лоиқ,
Гаҳ аз дарди ниҳонӣ гуфт Лоиқ.

Ало, эй моҳпайкарҳо, куҷоед?
Шумо гулғунчаи боғи вафоед.
Шумо ҳастеду ин дунёст зебо,
Шумо дармони дарди қалбҳоед.

Рухат монанди гулҳои саҳар буд,
Зи сӯзи ишқ қалбат пуршарар буд.
Мани бечора уфтода ба роҳат,
Туро он гаҳ куҷо аз ман хабар буд?!

Туро фатҳу зафар буду зафар буд,
Лабат пурханда, қалбат пуршарар буд.
Мани бечораро аз сӯзи ишқат
Фақат хуни ҷигар андар ҷигар буд.

АСАД ГУЛЗОДАИ БУХОРОӢ



Асад Гулзодаи Бухороӣ 5-уми январи соли 1935 дар деҳаи Шавгони ноҳияи Пешкӯҳи вилояти Бухорои Ҷумҳурии Ӯзбекистон таваллуд шудааст.

Маълумоти миёнаро дар зодгоҳаш, маълумоти олиро дар факултаи филологияи Донишкадаи давлатии омӯзгории Душанбе соҳиб гардидааст. То соли 1968 дар мактабҳои тоҷикии вилояти Бухоро, то соли 1995 дар Бахши тоҷикии Ширкати телевизиону радиошунавонии вилояти Бухоро фаъолият доштааст. Аз соли 1995 чун сардабири радиожурнали «Насриддин дар Бухоро» ифои вазифа кардааст.

Ҳоло машғули кори эҷодист. Асосан барои кӯдакону наврасон менависад.

Маҷмӯаҳои шеъриаш дар Душанбе, Бухоро, Тошканд ва Теҳрон ба чоп расидаанд, ки «Насими Бухоро» (2001), «Хатти пешонӣ» (2003), «Шукуфаҳои Бухоро» (2004), «Нафаси баҳор» (2007), «Намози рӯйи барг» (2007), «Арзи сипос» (2012) ва ғайра аз хамин қабиланд. Инчунин, шеърҳояш ба даҳҳо маҷмӯаҳои дастҷамъӣ дохил шудаанд.

Ду ҷилди «Куллиёт»-и сеҷилдааш бо ибтикори профессор Таваккал Чо-риев дар шаҳри Тошканд ба табъ расида, ҷилди саввуми он низ омодаи чоп аст.

Осори ӯ дар Эрон мақбули хосу ом аст ва дар назар аст, ки «Куллиёт»-аш дар Эрон низ ба табъ мерасад.Соҳиби даҳҳо мукофот аст.

БУХОРО

Қадиму навҷавон астӣ, Бухоро,
Бароям як ҷаҳон астӣ, Бухоро.
Ту шаҳри қиссаву афсонаҳоӣ,
Ба дунё достон астӣ, Бухоро.
Диҳад таърих аз шаънат гувоҳӣ,
Ту таърихи аён астӣ, Бухоро.
Чу Дониш, Ал-Бухорӣ, Ибни Сино,
Бузургонро макон астӣ, Бухоро.
Манору гумбаду Арки ту бемисл,
Ҳунарро ошён астӣ, Бухоро.
Чу маҳди илму ирфон, дину фарҳанг
Ба дунё ҷовидон астӣ, Бухоро.

ОШИҚИ ШАЙДО ШУДАМ

Эй парӣ, ман ошиқи шайдо шудам,
Лол будам, булбули гӯё шудам.
Чун шунидам лафзи ширини туро,
Аз ҳама ширинӣ бепарво шудам.

Хоби худ бар об гуфтӣ, ҷонакам,
Таъбираш ҷӯё таҳи дарё шудам.
Гуфта будӣ: «Сӯйи ман фардо биё!»
Гӯиё сар то қадам фардо шудам.
Бо умеди васли ту, моҳи ҷаҳон,
Гирди дунё гаштаму дунё шудам.
Бахти некӯ бар ту хандид, эй Асад,
Дар ҷаҳони ошиқӣ бино шудам

ДАР ҶАВОНӢ МЕШАВАД

Ғайрату маҳсули меҳнат дар ҷавонӣ мешавад,
Мояи ишқу муҳаббат дар ҷавонӣ мешавад.
То шавад нахли умедат сарбаланду мевадор,
Кун ту коре, фатҳу нусрат дар ҷавонӣ мешавад.
То тавонӣ, гӯшаи мулки диле обод кун,
Ҳарчи буд аз лутфу ҳиммат, дар ҷавонӣ мешавад.
Дасти худ аз кору бори зиндагӣ ҳаргиз мадор,
Ҳар чи буд аз ганҷу сарват, дар ҷавонӣ мешавад.
Рав, дили маҳбубаи беҳтар зи ҷони худ биёб,
Чунки ҳар бахту саодат дар ҷавонӣ мешавад.
Дар муҳаббат тоза будан мисли гавҳар кори мард,
Мард будан дар муҳаббат дар ҷавонӣ мешавад.

БУХОРО

Дар кафи дашту саҳро,
Шаҳри қадим Бухоро,
Қасрҳои пуршукӯҳ
Аз ганҷи санги хоро.

Нақши дару деворат,
Зебо асту дилрабо.
Шаҳрӯди пури обат,
Гӯё кони қаҳрабо.

Манораи Калонат,
Зи абри гардун боло.
Таърихи хоса дорад,
Ширбадану Дилкушо.

Ситораи Моҳихоса,
Гашта Ҷаҳоноро.

Лаби Ҳавзи нотакрор
Фақат хоси Бухоро.

Шукри беҳад намуда,
Дорам поси Бухоро.
Ҳар гӯшаи ҳисорат
Зебо зи мулки Доро.

Гарчи синнат норавшан,
Зистӣ ҳазорсолаҳо.
Барои мардуми мо,
Ватан ҳастӣ Бухоро.

ҚАДРИ ЗАБОН

Забонгумкардагон аз қавми моянд,
Ба назди дигарон мисли гадоянд.
Куҷо донанд забони модариро?
Зи фарҳанги ғании худ ҷудоянд.

Ба назди халқи худ қадре надоранд,
Ба ёру дӯсти худ ҳаргиз нафоранд.
Миёни кафтарон чуғзи хароба,
Қадам бар мулки худ бечо гузоранд.

Чунин ашхоси нопок нотавонанд,
Ба мисли гову гӯсфанд безабонанд.
Ҷудо аз нангу номуси ниёгон,
Асарҳои бузургонро нахонанд.

Гумон созам ба қайди мурдагонанд,
Ки лаънатзадаи давру замонанд.
Зи тақдири баде доимо ноланд,
Дар зиндагӣ беному нишонанд.

Гирифтори дардеву бедавоянд.
Ба ҳалқу Меҳани худ бевафоянд.
Ҳама мункири дину мазҳаби худ
Надоранд эътиқоду, бехудоянд.

КИСТАМ МАН?

Гар нашиносед маро,
Шинохта монед шумо.
Аз наҷоти Ориё,
Дониста монед маро.

Тоҷикаму тоҷ бар сар
Ба эронӣ бародар.
Бо дариён якзабон,
Фаҳмед шумо аз дигар.

Забони шево дорам,
Забони гуё дорам.
Мероси бойтарин аст,
Лафзи гуворо дорам.

Забони Рӯдакӣ аст,
Забони Фирдавсӣ аст.
Забони Саъдӣ, Ҳофиз,
Забони он Тӯсӣ аст.

Ифтихори шоирон,
Сармояи олимон.
Мушкилкушои ҳама,
Донед шумо, ҷанобон!

ДӮСТ

Сагбачаи ман
Хеле меҳрубон,
Ҷое, ки равам,
Аз паям равон.

Дасту поямро
Оҳиста лесад,
Субҳи дилрабо
Баробар хезад.

Аз мактаб оям,
Пешвозам ояд,
Роҳи маро ӯ
Пайваста пояд.

Чунон меҳрубон,
Баробари ҷон.
Дар боби дӯстӣ
Беҳтар зи дӯстон!

АСЛИДДИН ҚАМАРЗОДА



Аслиддин Қамарзода (Асилзодаи Самарқандӣ) 26-январи соли 1941 дар деҳаи Шалғамони деҳкадаи Даштакиболои ноҳияи Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон таваллуд ёфтааст.

Баъди хатми мактаби миёнаи рақами 21-и ноҳия дар бахши суханшиносии тоҷикии шуъбаи шабонаи факултети филологияи ӯзбек ва тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд, ба номи Алишер Навоӣ таҳсил намуда, ҳамзамон дар нашрияи ҳамин донишгоҳ кор кардааст.

Фаъолияти меҳнатии Аслиддин Қамарзода аз соли 1961 бо кафедраи забон ва адабиёти тоҷики донишгоҳ вобаста буда, алъон вай профессори кафедраи адабиёти тоҷики ҳамин донишгоҳ аст.

Фаъолияти илмӣ ва эҷодии Аслиддин Қамарзода аз овони донишҷӯӣ оғоз ёфта, нахустин ҳикоя ва мақолаҳои илмии ӯ аз солҳои 50-уми асри XX дар рӯзнома ва маҷаллаҳои Ӯзбекистон ва Тоҷикистон нашр шудааст.

Аслиддин Қамарзода баробари омӯзгорӣ дар донишгоҳ солҳои 1963-1965 муҳаррири барномаҳои радиои тоҷикии вилояти Самарқанд, солҳои 1992-1999 сармуҳаррири барномаҳои тоҷикии ширкати симо ва садои вилояти Самарқанд буд.

Аслиддин Қамарзода устоди Донишгоҳи давлатии Самарқанд, академики Академияи фанҳои Турон, Корманди шоистаи фарҳанги Ҷумҳурии Ӯзбекистон, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон мебошад.

Маҷмӯаи ҳикоя ва қиссаҳои “Нолаи дарахти тут”, китобҳои ашъори “Маънои зиндагӣ”, “Таронаи Истиқлол”, “Ду шохи як дарахт”, “Нури Зиё. 101 мухаммас”, “Дафтари Америка” ва як қатор китобҳои илмӣ, зиёда аз 500 мақолаҳои илмӣ-оммавии ӯ дар Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Эрон, Амрико, Чехия, Олмон ва ғайра нашр шудаанд. Ӯ муаллифи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ аз адабиёт барои мактабҳои миёна ва олӣ мебошад.

Дӯстиву рафоқат, васфи Самарқанд ва дастовардҳои Истиқлоли Ватан мавзӯъ ва ғояи асосии шеъру манзума, ҳикоя ва қиссаҳои Аслиддин Қамарзодаро ташкил менамоянд.

МЕТАРСАМ

Мухаммас бар ғазали Лоиқ Шералӣ

На зи чашми пуроб метарсам,
На зи қалби кабоб метарсам,
На зи қаҳру итоб метарсам,
«На зи ранҷу азоб метарсам,
На зи ҳоли хароб метарсам».

Хавф дар сина аз ҷафоям нест,
Ҷуз вафо ҳеҷ муддаоям нест,
Бо сухан ҳеҷ интиҳоям нест,
«Бими тӯфони мавҷҳоям нест,
Аз хаси рӯи об метарсам».

Сина аз бухли ахтарон чок аст,
Майли ман сӯи ҳосили ток аст,
Дар дилам садҳазор идрок аст,
«Бо замона ҳисоби ман пок аст,
Аз ду-се каҷҳисоб метарсам».

Нахламу ман ба реша ҳамрадифам,
Кӯҳканам, ман ба теша ҳамрадифам,
Аз ҳунар ман ба пеша ҳамрадифам,
«Бо сиёсат ҳамеша ҳамрадифам,
Аз сиёсатмаоб метарсам».

Бо хитобу итоб мерафтам,
Дар суроғи китоб мерафтам,
Сӯи фардо чу об мерафтам,
«Дӯш гар бошитоб мерафтам,
Ин замон аз шитоб метарсам».

Бахти ман ҳамчу ғунча механдид,
Заҳраи кӯҳ зи тарс метаркид,
Дил зи ҳарфи касе намеранҷид,
«Дӯш аз ман шароб метарсид,
Ман кунун аз шароб метарсам».

ЯК ЗУМРА...

Мухаммас бар ғазали Лоиқ Шералӣ

Ҷуз замзамаи хазонашон нест,
Аз одамият нишонашон нест,
Дурдонаи хуш ба конашон нест,
«Як зумра, ки сӯзи ҷонашон нест,
Ҷуз мақсади обу нонашон нест».

Дар фикру ҳавои мағзу чағзанд,
Дар кӯи гуноҳи худ билағзанд,
Дар дидаи хештан чи нағзанд,
«Бас хушкдимоғу хушкмағзанд,
Ҳарфи таре дар забонашон нест».

Банданд ҳама ба кори савдо,
Доранд ҳавои сайри саҳро,
Пур карда ҷаҳон зи шӯру ғавғо,
«Гованд ҳама ба хӯрдан, аммо
Як говҷигар миёнашон нест».

Бо ҳарфи сари забон ғаниянд,
Дар кибр зи ҷумла кон ғаниянд,
Дар лофу газофи хон ғаниянд,
«Бо он ки дар ин ҷаҳон ғаниянд,
Як зарра ғами ҷаҳонашон нест».

Бар нокасӣ бастаанд эҳром,
Бошанд ҳамеша дар пайи ком,
Гарчанд буванд пастфарҷом,
«Доранд ҳама мақому диплом,
Ҳайфо, хиради замонашон нест».

Душман ба худанд ҳамчу гирдоб,
Бошанд ҳама тиҳӣ зи одоб,
Бошанд зи кина дар табу тоб,
«Чун беди канори рӯд шодоб,
Суди самару нишонашон нест».

Дар разм намешавад музаффар,
Чун субҳ намешавад муаттар,
Як ҷода намекунад муанбар,
«Бошанд зиён зи пой то сар
Аммо ба назар зиёнашон нест».

Гӯё ки ҳама китоби панданд,
Дар дидаи одамон писанданд,
Хубанду азизу арҷманданд,
«Ин тоифа ошёнбаланданд,
Ҳарчанд ки ошёнашон нест».

КОРИ ШУМО НАБОШАД
Мухаммас бар ғазали Лоиқ Шералӣ

Бо нангу бо надомат, кори шумо набошад!
Бо роҳату фароғат, кори шумо набошад!
Бо сиҳату саломат, кори шумо набошад!
«Бо ҳусну бо малоҳат, кори шумо набошад!
Бо лутфу бо назокат, кори шумо набошад!»

Арчанд ман надорам дар даҳр дастгире,
Монанди ман набошад дар ҷода як фақире,
Дар мулки ишқ набвад монанди ман амире,
«Аз ишқи камназире, аз ҳусни дилпазире,
Дорад дилам қиёмат, кори шумо набошад!»

Бар Каҳкашон расонам афғони бехудиро,
Аз дил бурун насозам армони бехудиро,
Корам ба боғи маънӣ райҳони бехудиро,
«Ошӯби ташнагиро, туғёни бехудиро,
Дил донаду муҳаббат, кори шумо набошад!»

Ошиқтар аз ман, эй дил, дар ин замон кадом аст?
Бо ишқ умри одам волою бардавом аст,
Қалбам ба сӯи ёру дастам ба сӯи ҷом аст,
«Аз ишқи нотамоме кори дилам тамом аст,
Ин ҳам бувад саодат, кори шумо набошад!»

Гарчанд ҳамчу зарра дар дида ноаёнем,
Аз қаҳри чархи гардун дар гиряю фиғонем,
Бар сӯи қисмати худ бо пои худ равонем,
«Дар базми зиндагонӣ пирем ё ҷавонем,
Дорем ҳаққи навбат, кори шумо набошад!»

Дарҳои бастаро мо бар рӯи худ кушоем,
Шодии қалби ёрон бо ҳарфи хуш физоем,
Ҳаққи ҳалоли худро аз зиндагӣ рабоем,
«Сиратпараст моем, дил рӯи даст моем,
Эй ошиқони сурат, кори шумо набошад!»

Ҳарчанд мисли ахтар болои сар натобем,
Дар роҳи қисмати худ ҷурми касон накобем,
Бар сӯи олами нур бо ташнагӣ шитобем,
«Мо меравем аз худ, то хешро биёбем,
Эй ноширони ғайбат, кори шумо набошад!»

АСЛИДДИН ОДИНАЕВ



Аслиддин Одинаев 19-уми марти соли 1965 дар деҳаи Дардари ноҳияи Айнии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дунё омадааст.

Ӯ соли 1982 мактаби миёнаи деҳа ва соли 1988 Донишкадаи омӯзгории ба номи Шевченкои шаҳри Душанберо хатм кардааст. Баъди хатми донишгоҳ то соли 2004 дар зодгоҳаш машғули омӯзгорӣ будааст.

Аслиддин Одинаев ҳанӯз дар синфи чорум хонданаш ба гуфтани шеъру чистонҳо шурӯъ намуда, намунаҳои эҷодиёташ дар рӯзномаи «Пионери Тоҷикистон», маҷаллаи «Машъал» ва рӯзномаи ноҳиявии «Меҳнат» чоп шудаанд.

Китобҳои ӯ бо номҳои «Сайри дунёи куҳан» (2014), «Екатеринбург – пойтахти Урал» (2015), «Дарвозаи Шарқ», «Навои Дардар» (2018) ба дастраси хонандагон гарадидаанд. Ба қарибӣ боз як китоби нави Аслиддин бо номи «Замини падарон» нашр гардид.

Аз соли 2004 инҷониб дар шаҳри Екатеринбург зиндагӣ мекунад.

ИСТИҚЛОЛ

Эй кишвари тоҷикон,
Эй биҳишти ҷовидон,
Дар сояи истиқлол
Ҳастӣ озоду амон.
Эй кишвари беамсол,
Муборакат истиқлол!

Раҳбари Тоҷикистон,
Ҳастӣ ба мо саробон.
Эй Пешвои миллат,
Меҳри ту дар дилу ҷон.
Эй кишвари беамсол,
Муборакат истиқлол!

Меҳнат чу Фарҳод кунем,
Ватанро обод кунем,
Умеди душманонро
Ҳамеша барбод кунем.
Эй кишвари беамсол,
Муборакат истиқлол!

Ту ҷон ҳастӣ дар бадан,
Зинда бошӣ, эй Ватан!

Истиқлолат муборак,
Эй Тоҷикистони ман!
Эй кишвари беамсол,
Муборакат истиқлол!

МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ ОРЗУ ШОДӢ

Аз кибру бухлу ғайбат бигрез, то тавонӣ,
Бинмо ту аз бадиҳо парҳез дар ҷавонӣ,
Беҳуда мекунӣ фанд, эй ёраки забонӣ,
«Бар як дирам наарзад ёру рафиқи нонӣ,
Ҷонам фидоятон бод, эй дӯстони ҷонӣ!»

Бо молу мансаби худ ҳастӣ чаро ту мағрур?
Бо ин ҳама салобат ту аз Худо наӣ зӯр,
Бар дарду бар ғами кас ҳаргиз машав ту масрур,
«Бар як дирам наарзад фарзанди аз адаб дур,
Ҷони падар, биёмӯз одоб дар ҷавонӣ».

Эй бандаи пулу мол, ҳастӣ ғуломи мансаб,
Тозӣ ту аз паси пул аз субҳ то дили шаб,
Беҳуда орӣ берун ҳарфи баде ту аз лаб,
«Бар як дирам наарзад соҳибзабони бадгап,
З-ин гуна бадзабонӣ беҳ аст безабонӣ».

Имону ишқу уммед ҳамрози марди ҳақҷӯ,
Имону ишқу уммед раҳбар ба кори некӯ,
Имрӯз Аслиддин шуд мафтуни марди ҳақгӯ,
«Имону ишқу уммед маънии умри Орзу,
Бар як дирам наарзад бе ишқ зиндагонӣ».

ҚАҲР МАКУН, ЗИ МАН МАРАВ!

Сарви равони ман туӣ,
Бахти ҷавони ман туӣ,
Маҳрами ҷони ман туӣ,
Қаҳр макун, зи ман марав!

Ишқи ту, эй нигори ман,
Дар дили беқарори ман,
Орази ту баҳори ман,
Қаҳр макун, зи ман марав!

Гарчи ба ман ҷафо кунӣ,
Пеши дарат гадо кунӣ,
Дарди маро даво кунӣ,
Қаҳр макун, зи ман марав!

Ҷону сиришти ман туӣ,
Боғу биҳишти ман туӣ,
Чу сарнавишти ман туӣ,
Қаҳр макун, зи ман марав!

Дорӣ агар ту кешу дин,
Шод кун ин дили ғамин,
Раҳм намо ба Аслидин,
Қаҳр макун, зи ман марав!

МАН МЕРАВАМ СӮЙИ ВАТАН

Ин ҷо ғариб, ovораам,
Беҳурмату бечораам,
Бо ин дили садпораам
Ман меравам сӯйи Ватан!

Чун булбули дур аз чаман,
Нолам ман аз меҳри Ватан,
Сӯзам ба ҳоли хештан,
Ман меравам сӯйи Ватан!

Ман аз қафои нон шудам,
Сарсону саргардон шудам,
Афтодаву ҳайрон шудам,
Ман меравам сӯйи Ватан!

Пазмони модар гаштаам,
Пазмони додар гаштаам,
Пазмони дилбар гаштаам,
Ман меравам сӯйи Ватан!

Модар бувад бо чашми чор,
Ҳам зан ба роҳам интизор,
Он тифлаконам хору зор,
Ман меравам сӯйи Ватан!

Ман Аслиддини бенаво,
Аз хонаву Меҳан ҷудо,
То кай ғарибам, эй Худо?
Ман меравам сӯйи Ватан!

ЗИНДАГӢ МАЪНО НАДОРАД

Гар набошӣ ошиқи зор,
Аз фироқаш гашта бемор,
Гар намирӣ баҳри дилдор,
Зиндагӣ маъно надорад!

Гар набошад соғари май,
Гар набошад нолаи най,
Гар набӯсӣ аз лаби вай,
Зиндагӣ маъно надорад!

Дар лаби ҷӯ, сояи бед,
Бӯса аз он рӯйи хуршед,
Гар набошад ишқу уммед,
Зиндагӣ маъно надорад!

Мо агар имон надорем,
Такя бар Яздон надорем,
Мо агар вичдон надорем,
Зиндагӣ маъно надорад!

Бо нигоҳи масти дилҷӯ,
Аслидинро кардӣ ҷоду,
Бе тамошои рухи ту
Зиндагӣ маъно надорад!

РУБОӢ

Зебосанаме нишаста буд дар лаби ҷар,
Ойина ба дасту рӯйи ӯ шамсу қамар.
Гуфтам: «Санамо, бӯса бидеҳ аз лаби тар»,
Гуфто, ки: «Чӣ ғофилӣ, бишуд файзи саҳар?!»

АТО КАРИМ



Ато Карим (Ниёзов Атовулло Каримович) 15-уми июли соли 1950 дар деҳаи Дашти Қозии шаҳри Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст.

Баъди хатми Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Панҷакент чун омӯзгори синфҳои ибтидоӣ дар мактабҳои миёна кор карда, соли 1978 факултаи таърихи Донишгоҳи шаҳри Хуҷандро хатм намудааст.

Ба шеъру адабиёт шавқи зиёде дошта, гоҳ-гоҳе эҳсосоти худро бо шеър мегӯяд.

Намунаҳои ашъораш таҳти унвонҳои «Садо аз зиндон» (1998), «Ашки ҳасрат» (1999), «Тӯшаи ғарибон» (2009), «Фарёди дил» (2011), «Пули ҳаром» (2014) ва инчунин, дар якчанд маҷмӯаҳои дастаҷамъӣ нашр шудаанд.

Алъон бо касби омӯзгорӣ ба тарбияи насли наврас машғул мебошад.

Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

БО ДАСТИ ХОЛӢ МЕРАВЕМ

Сад ҳайфи умри барабас, бо дасти холӣ меравем,
Аз олами ишқу ҳавас бо дасти холӣ меравем.
Дида ҳазорон дарду ранҷ, ҳирсу тамаъ аз баҳри ганҷ,
Аз ин ҷаҳони нуктасанҷ бо дасти холӣ меравем.
Дунёи пур аз оҳу уф, ғамҳои дил дорӣ маҳуф,
Тақдир кунад як пора суф, бо дасти холӣ меравем.
Гаҳ бурдаю гаҳ бохтем, чашми тамаъ андохтем,
Қасри забарҷад сохтем, бо дасти холӣ меравем.
Соҳиб шуда рӯйи ҷаҳон, пеши аҷал шуд нотавон,
Ҳамчун Сикандар ногаҳон бо дасти холӣ меравем.
Ё Раб, ба ту дорем ниёз, мо бандагони бенамоз,
Аз олами шебу фароз бо дасти холӣ меравем.
Боре, Карим, андеша кун, оёти «Қуръон» тӯша кун,
Хайру саховат пеша кун, бо дасти холӣ меравем.

МЕКУНАМ ЁД

Суруди резаборон мекунам ёд,
Навои чашмасорон мекунам ёд.
Ба гӯшам нағмаҳои кабки хушхон,
Ҳавои кӯҳсорон мекунам ёд.
Баҳори наврасиҳоям ба хотир,
Такопӯйи ғизолон мекунам ёд.

Нигоҳи пурхумору шеваи ёр
Ба рӯйи сабзазорон мекунам ёд.
Бубинам мавҷи зулфони муаттар,
Насими обшорон мекунам ёд.
Гузашта шавқу завқи зиндагонӣ,
Сафои рӯзгорон мекунам ёд.
Ба дил меҳру вафодорӣ ба кишвар,
Зи рӯйи ҷоннисорон мекунам ёд.
Карим, бинам ба ҳар ҷон гулпарасте,
Зи гулзори Зарафшон мекунам ёд.

ЗАРАФШОНАМ, ЗАРАФШОН

Аё Суғди далер, номовари ман,
Сари таъзим фуруд орам ба хокат!
Ба қалби тоҷики бооруномус –
Девоштич зинда гашта рӯҳи покат!

Зи қаъри асрҳо бикшода чеҳра,
Саразму Панҷакенти бостонат.
Кунун Таррору Анзобат расонад
Ба ғарбу шарқи олам достонат.

Ба ёди Рӯдакӣ – хуршеди Сомон,
Ба ёди Туғралу Қутбию Мастон.
Ба ёди Сармаду Махсуми Олим,
Фиғону нолаҳо дорад Зарафшон.

Суруди Ҷӯрабек парвоз дорад,
Навои Хосият, ашъори Лоиқ.
Шунида панди Сорбону Рабизод,
Шавӣ бар зиндагонӣ аз нав ошиқ.

Туӣ як пора ҷисми Тоҷикистон,
Диёри зарфишони ман – Зарафшон!
Карим дасти дуо дорад ҳамеша,
Ки бошӣ хурраму сабзу гулафшон!

МЕБОЯД ШУДАН

Аз хок пайдо гаштаем, хоксор мебояд шудан,
Дар сабру тамкину қарор кӯҳсор мебояд шудан.
Аз қалби покат бигзарад дарёи меҳри мардумӣ,
Аз баҳри кори хайр ҳам саркор мебояд шудан.

То бар дили халқу Ватан ҷовид монад номи ту,
Дар дидаи хурду калон пуркор мебояд шудан.
Ояд зи марзи кишварам бӯйи муаттар бар димоғ,
Дар саҳнаи боғу чаман, гулзор мебояд шудан.
То ҳосили бигрифтаат табдили симу зар шавад,
Дар арсаи меҳнаткашон заркор мебояд шудан.
Умрат гузашта, эй Карим, бе сураю оёти Ҳақ,
Ҳоло ки ҷон дорӣ ба тан, бедор мебояд шудан.

БИГЗАРАД

Ҳар шаби ман дар фироқи моҳи тобон бигзарад,
То саҳар аз дидагонам ашки борон бигзарад.
Булбули ошуфтаҳолам, аз гули раъно ҷудо,
Дар ғами гул нолаам аз қалби гирён бигзарад.
Тоҷу тахту қасру манзил рафта бар боди фано,
Чун шаҳаншоҳе гузашт, ин давру даврон бигзарад.
Бе намозу рӯза кас бар роҳи шайтон меравад,
Сад дареғ аз зиндагӣ бе зикри Яздон бигзарад.
Гар ятимонро нагирад даст кас, мегӯ, Карим:
«Ҳайфи умри барабас аз худ пушаймон бигзарад!»

УМРИ ДУБОРАИ МАН

Бар зери абр монда имшаб ситораи ман,
Чашмакзанӣ надорад қутби назораи ман.
Боди фано рабуда барги хазони умрам,
Гирдоби зиндагонӣ гум карда чораи ман.
Теғи ситам расида бар ҷони ман, Худоё,
Омад фалак ба ларза аз оҳу зораи ман.
Хуршеди нурфишонам шоми ғуруб дорад,
Якбора гашт хомӯш нуру шарораи ман.
Ҳаргиз магӯ, Каримӣ, як фарди бенишонӣ,
Шеъру таронаҳоям – умри дубораи ман.

ГУЗАШТ

Беғамию кӯдакӣ чун абри гирёнам гузашт,
Лаҳзаҳои хушдилӣ аз пеши чашмонам гузашт.
Навҷавонӣ давраи тиллоӣ буд дар умри ман,
Ҳайф, к-андар бод ин даври шукуфонам гузашт.
Тахту бахту симу зар шаҳде ба коми дигарон,
Мижа бар ҳам нозада, гӯё, ки давронам гузашт.
Шишаи уммеду армонам шикаст дар нимароҳ,
Ханҷари ҷабру ситам аз ҷавшани ҷонам гузашт.

Ман ҷудо аз дилбару меҳру нигоҳи кӯдакон,
Заҳри ғурбат мечашам дар кунҷи зиндонам, гузашт.
Пардаи абри сияҳ хуршеди бахтам тира кард,
Бар сарам борони дарду раъди ғурронам гузашт.
Сад дареғо, эй Карим, бе сураву оёти Ҳақ,
Дар ҷаҳони торикӣ умри пушаймонам гузашт.

НАЗДИ МАН ОЯД

Сабо, арзам расон, то зулфи райҳон назди ман ояд,
Ки аз бӯяш нафас гирад дилу ҷон, назди ман ояд.
Ба ҳичронаш бимонда ёди васлаш мекунам охир,
Ки гулрези ҷаҳон гардида зиндон, назди ман ояд.
Ба дидораш басе ҳам зору муштоқам, бигӯедаш,
Намонад бар дилам армон, шитобон назди ман ояд.
Баҳори умри ман имрӯз, к-айёми хазон дорад,
Ҳама дардам шифо бахшад, шукуфон назди ман ояд.
Каримӣ, кун дилу ҷонро ту қурбони қадамҳояш,
Бигӯ, дар шоми ҳичрон моҳи тобон назди ман ояд.

РОҒУН КОХИ НУР АСТ

Имсол ҷашну сур аст,
Хушбахтию сурур аст,
Дар сарчашмаи тоҷик,
Роғун кохи нур аст.

Фарзанди Тоҷикистон –
Эмомалии Раҳмон.
Бо азми шоҳи миллат
Роғун шуда нуристон.

Таърихи корнамоӣ
Бо хатти зар навишта,
Дар рӯйи номи тоҷик
Тоҷи зафар навишта.

Ин рӯзи ид муборак!
Ҷашну навид муборак!
Дар хонадони тоҷик
Бахти сафед муборак!

АФСАР САРМАД



Афсар Сармад (Ҳамрозода Бӯрӣ Сармад) 23-юми марти соли 1964 дар деҳкадаи Пули Гирдоби ҷамоаи деҳоти Моғиёни ноҳияи Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хонаводаи марди бофитрат Ҳоҷӣ Сармад Ҳамрозода ва модари парҳезгор Бибӣ Шарофат ба дунё омадааст.

Донишкадаи кишоварзии Тоҷикистонро бо ихтисоси иқтисодчӣ-ташкилотчӣ хатм намудааст. То соли 1992 дар Пажӯҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии иқтисодӣ ба ҳайси корманди илмӣ амал намуда, баъд аспиранти ҳамин муассиса маҳсуб мешуд.

Афсар Сармад полковники хадамоти гумрук буда, дар мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи сентябри соли 1992 то имрӯз фаъолият дорад.

Фориғ аз кор ба эҷоди қиссаву ҳикоя ва шеър машғул аст. Эҷоди Афсар Сармад мавзӯъҳои меҳнатпарастию инсонпарварӣ, ишқу ормонҳои пок ва монанди инҳоро дар бар гирифта, маҳсули эҷодаш дар рӯзномаву маҷаллаҳои ҷумҳурӣ ба табъ расидаанд.

Китобҳои Афсар Сармад бо унвонҳои «Савти Истиқлол» (Адиб, 2011) ва «Фарозҳои зиндагӣ» (Душанбе, 2018) чоп шудаанд.

Афсар Сармад бо Ифтихорномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарафроз гардонида шудааст.

ТОҶИКОНИ ҶАҲОН

Баъди давлатдории он Оли Сомон,
Миллати тоҷик ҷудо шуд аз макон.
Ҳиссае дар мулки афғон ҷо гирифт,
Ҳиссае бо сад алам дар мулки Ирон.

Як гурӯҳе дар ғарибӣ кӯй бигрифт,
Қисми дигар монд дар мулки Хуросон.
Бо ҳама неку бадии зиндагонӣ
Он накард ин тоҷики манро ҳаросон.

Миллати тоҷик давлатдор гардид,
Насли Раҳмонӣ ба он сардор гардид.
Тоҷики кулли ҷаҳон бо ҳам биёвард,
Бахту шодию фараҳ бисёр гардид.

Файзи истиқлолу бахти тоҷикона
Тоҷиконро кард машҳури ҷаҳонӣ.
Хизмати шоистаи марди хирадманд,
Кард аз нав номи тоҷик ҷовидонӣ.

Тоҷики рӯйи ҷаҳонро ҷамъ овард,
Аз барои анҷуман дар Тоҷикистон.
Ҷамъ шуд тоҷик аз кунҷу канора
Дар Душанбе - пойтахти бахту армон.

ИФТИХОР

Аз Самангон ё Бухоро, ё Тахор,
Насли мо як решаву мо як табор.
Тоҷику афғону эронӣ чаро?
Як диёру як ватан бошад ба мо.
Тоҷикию форсию ҳам дарӣ
Баҳри ман бошад забони модарӣ.
Мо нишоне аз билоди Ориён,
Аз Хуросони куҳан ҳамчун нишон.
Дини мо пайванди як пайғамбар аст,
Қиблаи мо ҷойи ҳаҷҷи акбар аст.
Ифтихори мо бувад Мавлои Рум,
Ибни Синову ҳама аҳли улум.
Рӯдакиву Ҳофизу Иқболи мо
Бас навишта қисмату аҳволи мо.
Қисмати мо сатрҳои Бедил аст,
Ҳастии мо бал зи як обу гил аст.
Мекунем аз ин ҳама мо ифтихор,
Чунки мо худ зодагони як диёр.
Аз ҳасад чашмони душман кӯр бод,
Сарзамини Ориён пурнур бод!
Кӯр гардад чашми бадхоҳу ҳасуд,
Хонаи душман бигардад пур зи дуд!

ҲУШДОР

Ин насиҳатро шунав, ҷони падар,
Гар ту хоҳӣ, ки бигардӣ муътабар.
Ин насиҳатҳову пандам гӯш кун,
То набошӣ аз ҳақиқат бехабар.

Дасти худро рӯйи Қуръони карим
Монда гуфтӣ исми Раҳмону Раҳим.
То баданро дорӣ ту ҷону рамақ,
Меравӣ то бо сироталмустақим.

Мекунӣ хизмат ту аз баҳри Ватан,
Лозим ояд, медиҳӣ сад ҷону тан.

То бигардӣ назди мардум сарбаланд,
Вирд кардӣ дар забонат ин сухан.

Нури чашмам, ҳадди худро ту бидон,
Гар қасам хӯрдӣ, қасамро пос дор.
Нест шӯхӣ ин қасам назди Худо,
Ин насиҳатҳои ман мерос дор.

Нафси худро дор аз нони ҳаром,
Луқмаи покиза гир андар даҳон.
Бар Ватан хизмат бикун бо қалби пок,
То бимонад номи некат ҷовидон.

Гуфт Сармад ин суханҳо баҳри ту,
То кунӣ андеша як бори дигар.
Аз азал то ҳашр дар рӯйи замин,
Кас набурда ҷуз кафан тиллову зар.

САРИ БАЛАНД

*Мушти хоки поки сарзамини
тоҷиконро Сино ба Ҳамадон ва
Камол ба Табрез бурда буд.*

Қатраҳоро ҷамъ созам,
Қатраҳо дарё кунам.,
Дар ғами миллат бисӯзам,
Доду вовайло кунам.
Пораи хоки ватанро
Ман ба дилҳо ҷо кунам.
Рӯзу шаб бо хуни дилҳо
Маснавӣ иншо кунам.
То қатори шеъри Ҳофиз
Шеъри нав пайдо кунам.
Аз Хуросон то Бадахшон,
Пораи хоки ниёгон,
Рӯҳи поки Оли Сомон
Дар дили худ ҷо кунам.
Сӯхт ҷону дил пур аз ғам,
Дидаҳо гардида пурнам.
З-ин ҳама ноодамиҳо
Гаштаам ҳайрону сархам.
Хоки поки кишвари ман
То ба Эрон бурдаанд,
Аз Бухоро, аз Самарқанд,
Ҳам зи Хатлон бурдаанд.

Гард-гарду пора-пора
Ҳам парешон бурдаанд.
Давлату дорои тоҷик
Аз Зарафшон бурдаанд.
Ҳам ғариб фарзандҳояш
Дар ғами нон мурдаанд.
З-ин ҳама он тохтанҳо,
Ҳам зи бурду бохтанҳо,
Хоки тоҷик заррае ҳам
Кам нашуд,
Ҳам сари болои тоҷик
Назди душманҳош боре,
Лаҳзае ҳам хам нашуд,
Хам нашуд!

БА ТОҶИКСИТЕЗОН

Мазан санге ба номи поки тоҷик,
Маранҷон қалби сӯзишноки тоҷик.
Ки кӯрат мекунад рӯзе ба ногаҳ
Дуову обу нону хоки тоҷик.
Чаро бо кинаву бухлу адоват
Ту месозӣ сияҳ афлоки тоҷик?!
Маҷусӣ ё яҳудӣ, ё насоро,
Надорӣ қувваи идроки тоҷик.
Агарчи косалеси дигаронӣ,
Бираксӣ зери савту роки тоҷик.
Бузургонро бидорам зинда доим,
Манам он Афсари бебоки тоҷик!

ҶАВОНӢ ЁДАМ ОМАД

Лаби дарё ҷавонӣ ёдам омад,
Баҳори зиндагонӣ ёдам омад.
Зи шаффофии рӯди софу ором
Нигоҳи ёри ҷонӣ ёдам омад.
Лаби дарёи деҳа ҷониби ёр
Нигаҳҳои ниҳонӣ ёдам омад.
Ҷавонии гузашта мисли дарё
Ба сад нуру маонӣ ёдам омад.
Қатори хотироти кӯдакона
Зи «ҷангу қаҳрамонӣ» ёдам омад.
Равон гардида ашкам мисли дарё,
Ғами дунёи фонӣ ёдам омад.

Шудам хушҳолу кардам ман табассум,
Чу аз сулҳу амонӣ ёдам омад.
Бирав, Сармад, шунав овози дарё,
Зи дарё ҷовидонӣ ёдам омад.


МУНОЗИРА БО ДИЛ

Гаштаӣ танг, эй дилам, дар тангнои зиндагӣ,
Ё малулу хастаӣ аз кардаҳои зиндагӣ.
Пас чаро доим фишорат пасту боло меравад?
Ё бигаштӣ хаста ту аз нолаҳои зиндагӣ?!
Зиндагӣ зебо бувад бо ин ҳама шебу фароз,
Баҳравар шав доим аз обу ҳавои зиндагӣ.
Аз чӣ танг ойӣ барои будаю нобудае,
Эй дили ман, зиндагӣ кун аз барои зиндагӣ.
Ҷӯш зан, эй дил, ту аз ишқу муҳаббат ҳар замон,
Аз барои дилбарони дилрабои зиндагӣ.
Ман намемирам, аё дил, хуни дил кардӣ маро,
То нарезам хуни дил дар хунбаҳои зиндагӣ.
Эй дили шӯридаи Сармад чаро ғам мехурӣ?
Хуррамӣ кун дар баҳори бебаҳои зиндагӣ.

ВАТАН, ЭЙ САҶДАГОҲАМ

Зи куҳсорат бихоҳам устуворӣ,
Зи ҳар сангат бихоҳам бурдборӣ.
Биомӯзам ҳадиси сарбаландӣ,
Матонат, ҷонсупорӣ, пойдорӣ.
Сафо бахшад дилам боду ҳавоят,
Маро бахшида хокат хоксорӣ.
Зи оби нукраосою зулолат
Ба дил афтода ҳусни беғуборӣ.
Диёри орзуҳои ҷавонӣ,
Диёри ошиқию интизорӣ.
Диёри сирру асрори табиат,
Диёри обҳои шӯху ҷорӣ.
Ватан, эй саҷдагоҳам, саҷда орам
Ба ҳар сангеву хоре, ки ту дорӣ.

БАХТИЁРИ ҶУМЪА



Бахтиёри Ҷумъа соли 1953 дар деҳаи Ҷарқишлоқи ноҳияи Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон таваллуд шудааст.

Ӯ аввал мактаби ҳаштсолаи зодгоҳ ва баъдан мактаби №16 маркази ноҳия ва сипас факултаи забон ва адабиёти Институти давлатии педагогии ба номи Садриддин Айниро хатм кардааст.

Соли 1974 соҳиби дипломи омӯзгорӣ шуда, як сол дар мактаби миёнаи рақами 51-и ноҳияи Деҳнави вилояти Сурхондарё аз фанни забон ва адабиёти тоҷик дарс гуфтааст. Баъд ба Душанбе омада, ба кори рӯзноманигорӣ машғул шудааст.

Ҳикояву ҳаҷвияҳояш дар матбуоти даврӣ ва нахустин намунаи ҳикояҳои ҳаҷвияш дар китоби дастҷамъии «Хандахариш» (1988), маҷмӯаҳои «Гап байни худамон монад» (1992) ва «Савғо» (Душанбе, 1991) ба чоп расидаанд.

Охирҳои соли 1994 барои зисти доимӣ ба Самарқанд баргаштааст. Бо душвориҳои зиёде маҷмӯаи ҳикояҳои ҳаҷвии худ «Доруи дарозумрӣ» (Самарқанд, 1997), маҷмӯаи очеркҳои «Роҳ ба сӯйи дарвозаи марг» (Самарқанд, 1998), гулчини ҳикояҳои бачагонаи «Маликаи доно» (Самарқанд, 2002), маҷмӯаи ҳикояҳои ҳаҷвии «Хазинаи ханда» (ҳамроҳи Маҳбуба Турсунова: Самарқанд, 2009)-ро ба чоп расонидааст. Маҷмӯаи афсонаҳояш «Бойчечак» ва китоби ҳикояҳояш «Асали бобо» соли 2012 ба табъ расидаанд.

Аз соли 1995 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон аст.

МАН ЗАНАМРО РӮЙИ ДАСТОНАМ БАРДОШТА МЕГАРДАМ
(Ҳикояи ҳаҷвӣ)

Ман ба баъзе мардҳо ҳайронам. Афту сумоташон одамбашара бошад, ки дар асл девонатабиатанд. Ба ноомадҳои корашон занашон гунаҳкор барин, бо ҳар гуна сабабу баҳонаҳои беҳуда қасдашонро аз онҳо мегиранд. Ҳамсари бечораашонро дар паҳлӯи сафедори кӯча бинанд, ки рашк бурда, ғурбат мебардоранд. Баъзан аз ҳад гузаронида, мушту лагадашонро ҳам ба кор мебаранд. Ин ҷангу ҷанҷолҳои онҳо ба қаҳру ситеза, суду судбозӣ ва ҳатто хонавайронӣ оварда мерасонад. Э хомкаллаҳои ношуду ноуҳдабаро-е! Худо мардро нимта офаридааст. Бо ҳамсараш яктои бутун мешавад. Одам нисфи худаша худаш чӣ хел мезанад?! Бе занҳо, ки рӯзи мардҳо нагузарад, ҳазору як роҳи ҳаёти оилавии бечангу ҷанҷол вуҷуд дорад.

Ана, барои мисол. Як дӯсте дорам. Вай интеллигент. Овози зану фарзандонаш аз дарвозаи ҳавлиашон берун намебарояд. Албатта, дар дунё гӯри бе тақар–туқур нест. Дар хонаи онҳо низ низоъҳои оилавӣ барпо мешаванд. Вале бедастпарроиву гулӯдарронӣ. Дӯстам ҳам одами аноӣ не. Аз тарафи занаш камбудие содир шавад, ё аз гуфтаи шавҳараш саркашӣ кунад, зуд ҷазоякашро медиҳад. Вале вай ин корро

ба таври худ мекунад: гуноҳ, камбудӣ, норасоиҳои занашро нарезондаву начакконида, як–як ба рӯйи коғаз менигорад, ҳақорат, гапҳои тезу тунд ва сарзанишомезро турнақатор мекунад, як гапҳое менависад, ки мор шунавад, пӯст мепартояд. Баъде, ки ҳамаи заҳру зақуми дилашро ба рӯйи коғази сап-сафед рехта тамом кард, коғазҳои сиёҳкардааш гӯё ҳамсари гунаҳкораш бошад, пачақу мачақ менамояд, баъд пора-пора сохта, дар оташдон месӯзад. Гӯё бо дуду ғубори он кинаву кудураташ пароканда мешавад, аз сари нав ба занаш дил додаву ошиқи шайдояш мегардад.

- Ҳамин ҷаҳли шавҳарам ояд, ман сахт метарсам, — аз ин рафтори ӯ ба таҳлука афтода, ба ҳаққу ҳамсояҳо шикоят мекунад ҳамсараш. — Ба ҷойи ин корашон дошта кӯфта, чашму рӯямро сурху кабуд кунанд, беҳтар аст. Охир изи дасту пойи шавҳар ҳам, ба сару рӯйи занҳо ҳусну малоҳати нав мебахшад. Агар ҳамаи мардҳо занашонро кӯбанд, рафта-рафта ин хел нақшу нигорҳо ба мӯд медарояд. Лекин аз сӯхтани хонаи одам дида, дар дунё бадбахтии калонтаре нест…

Оташи ғазаби «Закончӣ» ҳам ганда. Вай юрист набошад ҳам, тамоми қоидаву қонунҳои давлатро об карда хӯрдагӣ. Ба ҳама маслиҳати ҳуқуқии бепул медиҳад. Барои ҳамин ӯро Закончӣ мегӯянд. Ҳамсараш фариштаи барин. Мабодо аз тарафи ҳамсараш нӯги сӯзан барин норасоие сар занад, ҳатман ҷазояшро мегирад. Охир ба ҳар гуна камбудиву гуноҳ аз рӯйи қонун ҷазо муқаррар. Вай асосан ба занаш ҷазои забонӣ медиҳад. Ҳа, изи шаттаву шаллоқ аз бадан равад, ки захми сухан не. Фақат вай барои ин хел ҷазодиҳӣ азоби бисёре кашида, ҳангоми хизмат дар Бангола забони балучиро ёд гирифтааст. Закончӣ бо ҳамон забон ончунон занҷонашро аз гӯр гирифта ба гӯр мезанад, ки мондан гиред. Баъде, ки мисли паравоз ҷӯши қаҳру ғазаби худро бароварда, ба чор тараф пароканда кард, нафаси осуда мекашад. Ҳатто зани миёнсоли бенураш ба чашмаш ҳамчун паризоде метобад.

Баъди рафъи қаҳру ғазаб ҳамсараш оҳиста аз ӯ мепурсад:

- Мардакҷон, болои қаҳру ғазаб ин қадар чиҳо гуфта маро ҷанг кардед?

- Туро задан он тараф истад, ҳатто ҷанг кардан гуноҳ, — ҳамчун ҷавони ошиқи 18-сола бо чашмони харидорона ба занаш нигоҳ карда мегӯяд вай. – Фақат модарҷонатро ба ёдат оварда мондам.

Ин кори ӯ, яъне бо забони бегона ҷазодиҳии ҳамсараш нағз-дия. Ҳатто ҳаққу ҳамсояҳо намефаҳманд. Илова бар ин, ба тарбияи ахлоқии фарзандонаш ҳам таъсири манфӣ намерасонад.

Ҷаҳли устои маҳаллаамон аз асбобу анҷомҳои устогиаш ҳам тезтар. Ҷангу ҷанҷоли оилавии онҳо аз худи рӯзи тӯй сар шудааст. Усто ғубори дилашро баровардани шавад, пешакӣ мегӯяд:

- Хӯ занаки ҷиннӣ, хеста гурез, ки ҳозир дошта мезанам!

Занаш ҳам аз тарси шаттаву шаллоқ хеста мегурезад. Зану шавҳар сагу гурба мешаванд. Вай аз пушти занаш бо қаҳру ғазаби беандоза

пеш мекунад. Занаш ҳам балои аждар. Гирд-гирди ҳавлии калон давида истода, ҷорӯби таги поро гирифта, ба каноре мегузорад. Давраи дуюми чархзании рӯйи ҳавлӣ сатили холиро ба таги ҷумаки об мемонад. Ҳамин тавр, чӯбу чахсҳоро ғундошта, ба даруни танӯру оташдон ҷой мекунад, либосҳои хушкшударо аз тор чинда, ба рӯйи кат партофта, аз дасти шавҳараш гурехтанро давом медиҳад. Шавҳараш аз паси занаш суркунон ҳар замон даҳшатомез дод мезанад:

- Ҳӯ, занаки калтамӯйи беақл, аҷалат омадааст, ки тезтар намедавӣ. Ман ташнаи хунат. Дорам, беҳазл ҷо ба ҷо мекушам!..

- Э, шумо чӣ хел мардак?! – гурехта истода, иллатомез мегӯяд ҳамсараш. – Саҳл сусттар сур кунед. Ҳамин замон рӯз бегоҳ мешавад, ман ҳам як кор – ним кори хонаро кунам! Усто аз давутоз нафасгардон мешавад. Дигар, ки тохта наметавонад, оҳиста ба ягон ҷой мешинад. Занаш ба пешаш меояд. Акнун усто мадори даст бардоштан надорад. Зан силаи раҳм-дия, боз дилаш ба ҳоли шавҳараш сӯхта, бо сачоқ ё рӯзнома ӯро шамол медиҳад. Оби хунук меорад, ки шавҳари бечорааш ӯро доштаву кӯфта натавонист, ақаллан ба дилаш оби хунук занад.

Як ошнои дигарамон қаҳр карда, ба хонаи модарарӯсаш меравад. Модарарӯсаш ӯро дӯст медорад.

- Вай ҷувонмаргро занед, ки мурад. Ҳа, шумо натарсед, мурад, худам ба шумо зани дигар гирифта медиҳам, — мегӯяд модарарӯсаш ва оварда онҳоро оштӣ медиҳад. Дар ин хел вақтҳо кампир духтарашро ҷанг кунад, вай тарафи занашро мегирад.

Як каси дигар қасди ҳамсарашро аз кор мегирад. Вай каланди калони дупудиашро гирифта, ба сари замин мебарояд ва тамоми гапҳои дилашро ҳамроҳи ҳақоратҳои болохонадор ба забон оварда, ба замин каланд мезанад. Бо як тир ду нишон: ҳам ҳосил фаровон мегардаду ҳам оташи ғазабаш пасанда гашта, бачаҳояш зиндаятим намемонанд. Дар бобати ҷазодиҳии занҳо ихтироъкорон бисёранд. Як ҷӯраи дурам бо чашмони хунгирифтаву ғазаболудаш занашро хӯрам гуфта, бераҳмона ба дару девори хона ё танаи дарахти рӯйи ҳавлӣ мушт мезанаду мушт мезанад. Вақте, ки монда шуд, шукргӯён ба ҷояш мешинад. Занҳои мо чашмаи меҳру садоқат-дия. Баъди пасанда шудани қаҳру ғазаби ӯ занаш дорукуттиро бароварда, ҳамчун гуноҳкори ашаддӣ пеши шавҳараш чорзону мезанад. Ба ҷойҳои харошхӯрдаву хуншоршудаи дастони шавҳараш ёд молида, докапеч мекунад.

- Э, мани беақл мурам-дия, мардакҷон. Шуморо хуб азоб додам-а?! – гӯён аз айбу гуноҳи содиркардаи худ ҳазорҳо пушаймон шуда, қасам мехӯрад, ки дигар ин хел номаъқулиашро намекунад. Вале пас аз як ҳафта – даҳ рӯз боз ин аҳвол такрор мешавад.

- Ҷаҳли ҳамсари ман аз ҳама ганда. Ғазабашон ояд, ҷиннии таппа-тайёр мешаванд, — бо ифтихори ба худ хос мегӯяд ҳамсари Ғуломалӣ. — Аз хонаи модарам дер монда оям, ё се – чор соат бо занҳо ҷоғамон тафсад, шир барин якбора ҷӯшида мераванд. Гуноҳам дар гарданам.

Зуд тайёрӣ мебинам. Зарфҳои нағзу қиматро дар ҳар куҷо руст карда, чойнику пиёлаҳои лабшикаста, косаву табақҳои кӯҳнаро ба чашм намоёнтар карда мемонам. Он кас бо коса ё чойники ба дасташон афтода, рост маро нишон гирифта, ба сӯйи дар ё девор меғурронанд. Зарфҳо чингаву пора шуда, рӯйи хона кӯрпа мешаванд. Баъде, ки ҷаҳлашон фаромад, даст афшонда ба кӯча баромада мераванд. Рӯзе, ки кайфашон баланду димоғашон чоқ гардид, зери лаган ё сатил латтакӯҳна монда, ба болояш зарфҳои шикастаашонро рӯйкаш мекунам ва ба худашон нишон медиҳам.

- Хайр, занакҷон, ба дилат нагир. Гоҳ – гоҳ дар зиндагӣ ин хел корҳо ҳам мешавад, — мегӯянд навозишкунон. – Чизу чораи дунё ёфт мешавад, вале ту не. Кӯҳна садқаи наваш шавад, навашро мехарем.

Бо ҳамин баҳона зани донояш ҷевони ошхонаашро бо зарфҳои олиҷаноб пур мекунад. Ба тӯю зодрӯзҳои авлодаш фақат зарфҳои беҳтарини хрусталиву чинӣ мебарад. Э бало вай, дил меёбаду қанд мехӯрад.

Аз ҳама ҷаҳли поччои маҳаллаамон даҳшатнок аст. Вай аз деҳаи дигар ба маҳаллаи мо хонадомод шуда омадааст. Барои аҳли маҳалла ӯ поччо аст. Вай муттаҳам, дар ҳақиқат занашро мезанад. Фақат бо химчаву қамчин ё дасту лагад не, балки бо болишт. Як-ду бор ба пушту паҳлӯи занаш мезанаду баъд ба худи болишт мечаспад. Бо мушту лагади бешумор ончунон буғзи дилашро мебарорад, ки пахтаҳои санг барин сахти даруни болишт пари қу барин фаххаку мулоим мешаванд. Дар ин гуна болиштҳо саратонро, ки мондед, хобатон ҷурғот барин мебарад.

Занчеки поччо корчаллони бало. Зуд-зуд ба асаби шавҳараш расида, ғазаби ӯро оварданро дӯст медорад. Зеро ҳамсояҳо пахтаҳои кӯҳнаву чандсолаи кӯрпаву кӯрпачаҳояшонро оварда ба ӯ медиҳанд. Вай аз онҳо болишт месозад. Қаҳри шавҳараш ояд, вай ҳамон болиштро нишон медиҳад ва дар зарфи 10 – 15 дақиқа пахтаҳояш нав мешаванд. Бо ин гуна тадбиркорӣ бизнесаш рӯз то рӯз гул-гул мешукуфад.

Э, ношуду ноӯҳдабароҳои хонашеру майдонғариб! Ширинии дунё дар зану дандон аст. Дар Самарқанди мо ана ин хел роҳҳои ҷазодиҳӣ, пешгирии ҷангу ҷанҷолҳо ва ҷудошавию хонавайроншавиҳо ҳам ҳастанд.

Шумо мепурсед, ки худи ман ба занам чӣ хел ҷазо медиҳам? Ҳеҷ хел. Чунки то ҳол ягон роҳи нави ҷазодиҳиро меҷустам. Дар 40-солагӣ хайрият ёфтам. Акнун бемалол зан гирифтанам мумкин аст. Ягон духтараки парипайкари чашму абрӯсиёҳи мӯрчамиёнеро мегирам. Гирифтам, даруни пахта андохта, рӯйи дастонам бардошта мегардам. Агар аз хати кашидаам саҳл берун барояду қаҳрамро орад, ошхона ба ошхонаву ресторан ба ресторан гирифта мегардам. Фигурааш вайрон шавад. Ба фикрам, барои занҳо аз ин ҷазои сахттаре нест!

БЕҲРӮЗ МАЪРУФӢ



Беҳрӯз Маъруфӣ 26-уми апрели соли 1969 дар шаҳри Самарқанд дар оилаи зиёӣ ба дунё омадааст.

Пас аз хатми мактаби таълими умумии рақами 21-уми шаҳри Самарқанд дар бахши ғоибонаи факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд таҳсилро давом додааст.

Солҳои 1989-1990 дар Иттиҳодияи "Усто" чун коргар фаъолият намуда, тӯли солҳои 1990-1994 дар рӯзномаи "Самарқанд"-и шаҳр кор кардааст. Аз соли 1995 дар музей-мамнӯъгоҳи давлатии Самарқанд ба фаъолият оғоз намуда, аз соли 2006 ин ҷониб дар ансамбли Регистон кор мекунад. Ҳоло вазифаи директории ансамблро дар ӯҳда дорад.

Мақолаҳои гуногунмавзӯи Беҳрӯз Маъруфӣ, инчунин, як силсила тадқиқоти илмии ӯ оид ба меъморихои таърихии Самарқанд дар нашрияҳои даврии вилоятӣ ва ҷумҳурӣ чоп гардидаанд.

Дӯстдори адабиёт ва санъат аст. Дар ҳар соҳа бо ташаббусоти наҷиб баромад мекунад. Китоби нахустини ӯ ба чоп омода мегардад.

ШАМЪИ ХОМӮШГАШТА

Дар кунҷи хонаи нимторику заҳкашида шамъ фурӯзон буд. Рӯз ба пешин расида, офтоби тобистон ба нуқтаи баланд, заминро дурахшон кунад ҳам, хонаи ориятнишин Назира нимторик буд. Аз хона бӯи бад паҳн мешуд. Дар он чизҳои зиёде бесару сомон хоб мерафтанд, аз буғ, чангу ғубор, оинаҳои тиреза хира гашта, аз онҳо кайҳо боз нури хуршед намегузашт. Дар хонаи хурди пастак ба як чаккаи шолча соҳибхона сар ба зону монда менишаст. Дар масофаи ду қадам аз ӯ мизе меистод. Дар болои он табақчаҳои олудаи хӯрокҳои гӯштин, ду- се шиша арақ ва се - пиёла меистоданд. Манзарае вуҷуд дошт, ки ба тасвири он қалам оҷизӣ мекашад. Кас аз чунин ҳол диққат шуда, ҳаракат мекард, ки ҳар чи зудтар ин бошишгоҳро тарк кунад.

Назира бехудона сар боло карда, ба боқимондаи шароби шиша даст дароз карданӣ шуд, вале аз чӣ бошад, ки аз ин нияташ гашта, оҳи сӯзоне кашид. Оҳе кашид, ки гӯё дунёро фурӯ бурда бошад. Он оҳе буд, чун барқу оташ, чун дарёи хурӯшон пурдарду алам. Ӯ рӯ ба болини аз чирк ғарқ бастаю равған гирифта ниҳоду зор – зор гирист. Ин гиряе буд, ки Назира солҳо боз интизораш мекашид. Ашк аз дили санггаштаи ӯ чакра – чакра ҷорӣ мешуд, тамоми вуҷудаш ба ҷунбиш меомад. Мехост, ки соатҳо, рӯзҳо, ҳафтаю солҳо гузаранд, ашкаш сели борон

шуда, рӯи ҷаҳонро фаро гирад, то ки башарият аз ғами синаи дилхароши ӯ огоҳ шавад. Вале…

Назира дар ин ҳолати ногувор андаке сар монда оби дида рехт. Чашмони пурғуссаю масташ варам карда, руҳаш андаке сабукӣ пайдо кард.

- Надя,… Надя – чунин садо медод дугонаи «ҳамкасабааш», - хоб рафтӣ - чӣ?

- Меҳмонро қабул кун.

Назира бо одати пешинаи худ зуд аз ҷояш ҷаста пардозу андоз карданӣ шуд. Чеҳраи хандони сохта зоҳир карда, ба пешвози мизоҷ баромаданӣ шуд. Вале аз чӣ сабаб дар ҷояш шах шуда монд.

Ӯ сукут мекард. Дугонааш интизори ҷавоби ӯ шуда, оинаи тирезаи хирагаштаро боз ба кӯфтан даромад. Аз омадани мизоҷ ӯ маъюсу беҳол гашт. Аз чӣ сабаб ӯ мехост, ки вайро ба ҳоли худ гузоранд, танҳоӣ меҷуст. Баъд аз чанде бо садои нимғурмаю ларзон посухаш дод:

- Не… Не р-а-ав, ман бетобам… Рав, нест шав, дигар наё ба кулбаи ман.

Дугонааш бо лаби инҷ ва кайфияти бад бо ҳамроҳи бо худ овардааш баргашта, дар сари роҳ ғурунгосу ким - чӣ хел суханҳои қабеҳу ноҳинҷор мегуфт, ки баъзе аз онҳо ба гӯшаш мерасиду баъзе не.

Назира ҳоле, ки дар болои кӯрпача нишаста ба фикру андешаҳо ғӯта зада, сукут мекард. Овони кӯдакиаш, модари маҳбубаш ва падари ғамхораш, ки ӯро навозиш карда, даст ба даст мегирифтанд, ба ёдаш мерасиданд. Либосҳои сафед пӯшонида ба сараш лентаҳои рангин мебастанд. Мактабхонӣ, вохӯриҳои аввалин бо дӯстдоштааш, шаби никоҳ, бахтиро ёд карду дар рухсорааш табассуме падидор шуд. Дере нагузашта кайфияташ боз хира гашт, дар чашмонаш даҳшате пайдо шуданд, ӯ назари худро ба шифти хона дӯхта саргузаштҳои талхи ҷудоӣ аз шавҳар, падару модар, муносибати хешу ақрабо, дугонаҳо, дӯстони наздик, бемеҳрӣ, сарсонию саргардонӣ, оворагардӣ, чоплусии мардони бадкирдор ва ғайраҳо чун кинолента аз пеши назараш гузаштанд. Ӯ ҷое намеёфт, ки худро бимонад. Ба аҳволи имрӯзаи худ нигоҳ карда, чун оташпора месӯхту адо мешуд. Аз болои миз шароби боқимондаро бошиддат ба пиёла рехта бардошт, вале ин чиз ҳам фоида надод, вазъаш ноҳинҷор буд.

- Назира, ҳой Назир-а-а! Ин сӯ баро! – овози таҳдидомез шунида шуд аз беруни ҳавлӣ.

Назира ба худ омада дарк кард, ки ин овози Парпархола аст, ки худаш ба назди ӯ ташриф кардааст. Аввалҳо фақат як нигоҳи ин заифи тануманди солхӯрда ба дили Назира ҳисси тарсро пайдо мекард. Ҳоло бошад, парво ҳам надошт. Ба таҳдид ӯ ҳатто ҷавоб ҳам надод.

Парпархола бо «дугона»-и ранҷида ва ду паҳлавонписар ба назди Назира барои тарсонда, ҷазо додан омада буданд. Парпархола фармуд,

ки вайро аз хона берун карда, ба наздаш биёранд. Паҳлавонон Назираи бечораро аз мӯйҳояш кашида, сахт таҳдид карданд. Парпархола ҷолаи ҳақорату нафринро ба сари Назира рехта, дод мезад, вале аз ин додҳои ҷонкоҳ ӯ ҳеҷ чизро дарк намебурд. Дид, ки суханҳояш суд накарданд, фармуд ба латтукӯб дароянд. Назира намедонист, ки чи қадар мушту лагад ба сару рӯи ӯ афтод, вале тани ӯ хеле хастаҳол гашта, устухонҳои қабурғааш сахт осеб дида бошад ҳам, ба ин чиз аҳамият надод, овоз набаровард.

Парпархола ва полвонҳо Назираро ба ҳоли худ монда рафтанд, вале як сухани Парпархола, ки пеш аз он ки ба латтукӯб дароянд, гуфт, зарбаи охирини ҷароҳати дилаш буд.

- Ақлат ба ҷояш наояд, гардантобӣ кунӣ аз ин бадтар мекунам, фаҳш…, - аз гӯшҳояш намерафтанд.

Суханҳои охирин Парпархола «аз худат дон», «фаҳш» ва дигарҳо ба Назира аз ҳама зарбу лат зиёдтар шуданд. Зеро, ки танро муолиҷа карда мешуд, вале зарбаҳои аз чоплусӣ, авомфиребӣ, худбинӣ, ҷоҳилӣ ба дилаш расидаро чӣ давое бахшад, ранҷе ки ӯро ба ин аҳволи мудҳиши ҳозирааш оварда, аз одамон аст. Дардаш бедаво, чорагар кист?

Бо ин саргузаштҳои нохуш ӯ сар ба болин монду шабро саҳар кард, вале ҳисси ғаму алам аз дили ӯ нарафта буд. Ҳамин ғаму андӯҳ дарди дутарафа буд, ки ӯ аз ҷояш нахест.

Баъди чанде дар кунҷи хонаи нимторику заҳкашида шамъ ҳам хомӯш гашту роҳгумкардае ҳам аз олам чашм пӯшид.

ВИРКАН МУЗАФФАРПУР



Виркан Музаффарпур 24-уми сентябри соли 1976 дар деҳаи Нигноти шаҳри Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оилаи муаллим таваллуд шудааст. Солҳои 1993-1998 дар факултаи таърих, шуъбаи фалсафаи ДДМТ (ДМТ) таҳсил намудааст.

Солҳои 1996-98 ба ҳайси лаборанти калони шуъбаи таърихи дин ва назарияи озодфикрии Институти фалсафа ва ҳуқуқи АИ ҶТ, солҳои 1998-1999 муаллими тақрибаомӯз дар Академияи Байналхалқии Экологию Гуманитарӣ (МЭГА)-и ҷумҳурии Қазоқистон, дар солҳои хониши 2004-05 ҳамкор дар ДТТ ба номи академик М. Осимӣ, аз 1.09.2004 - ассистенти кафедраи «Фалсафаи фарҳанг»-и ДДОТ, аз 2.04.2007 то 1.09.2010 муаллими калони кафедраи «Фалсафа ва фарҳанг»-и ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ кор кардааст. Дар шуъбаи таърих ва фалсафаи дини Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АИ ҶТ солҳои 2004-09 ҳамчун ходими хурди илмӣ, аз соли 2009 то инҷониб ҳамчун ходими калони илмӣ кор мекунад. Бо Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамкорӣ дорад.

Самти фаъолияти илмию педагогиаш: 1. Таърих ва фалсафаи дин, исломшиносӣ, ислоҳи шуури динии ҷомеа, фарҳангшиносӣ, падидаҳои фарҳангӣ (илмӣ-таҳқиқотӣ); 2. Омодасозии мавод, дастур ва барномаҳои таълимӣ, тестҳо ва силлабусҳо (илмӣ- педагогӣ) маҳсуб меёбад.

Дастовардҳо: «Ҳикмати ҷавонмардӣ» (2010), «Тестҳо аз фарҳангшиносӣ» (2010), «Барномаи таълимӣ аз фарҳангшиносӣ» (2009), «Барномаи таълимӣ аз фанни маданияти тасвирии ҷаҳон» (2008) ва «Фарҳангшиносӣ» (матни лексияҳо) - китоби дарсӣ, омодаи чоп.

Виркан Музаффарпур дар чорабиниҳои гуногуни илмӣ-фарҳангӣ, семинару конфронсҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ фаъолона ширкат варзида, дар онҳо бо маърӯзаҳо баромад намудааст. Аз тариқи ВАО низ роҷеъ ба масоили рӯзи ҷомеа фикрҳои худро баён мекунад. Ӯ муаллифи зиёда аз 30 мақолаҳои илмӣ ва илмӣ-оммавӣ, дастуру воситаҳои таълимӣ мебошад.

ШЕЪРИ МАН

Надида ҳеҷ кас то ин замона,
Зи шеъри ман дар ин дунё нишона,
Вале хоҳам, ки то бо ин баҳона,
Нишоне бошад аз ман ҷовидона.

ИДИ МОДАР

Иди модар медиҳад бӯйи баҳор,
Мужда меорад зи фасли киштукор.
Баъди сардӣ гармиҳо меоварад,
Зинда месозад ба дил ёди нигор.
Чунки ҳар як зан ба қувват модар аст,
Ибтидои зиндагониро мадор.
Модар оғози ҳаёти нав бувад,
Ҳам табиатрост оғозаш баҳор,
Эй занону модарони меҳрубон,
Туҳфаҳо аз баҳратон бошад қатор.
Бо шумо ҳар рӯз моро ид ҳаст,
Туҳфа бар моед аз Парвардигор.

ЗИНДАГӢ

Зиндагӣ оварда илҳоми маро,
Бурда бо худ фикру авҳоми маро.
Маст не, ҳастам хуморӣ дар ҷаҳон,
Нима карда зиндагӣ ҷоми маро.
Ман насӯзам ҳеҷ гаҳ дар зиндагӣ,
То ки пухта зиндагӣ хоми маро.
Талху ширин, ҳарчӣ буд санҷидаам,
Комронӣ шуд насиб коми маро.
Зинда андар ин ҷаҳон дорад ҳаме,
Кори ман, ашъори ман номи маро.

ЁД КУН

Бӯса аз он рухи зебо ба хаёл аст маро,
Шиква з-он аст, ки ин амр маҳол аст маро.
Рӯзу шаб сарви қадат бар назар меорам,
Дурам аз сарви қадат, бин ки чӣ ҳол аст маро.
Пой андар гиламу сахт гирифтори замин,
На камол асту ҷалол асту маҷол аст маро.
Рӯйи моҳи ту чу бадрест тамом, эй дилбар,
Аз ғами дурии ту ҷисм ҳилол аст маро.
Ёд кун гаҳ-гаҳе аз сари сидқ аз Виркан,
Ки ба дил рӯзу шабон шавқи висол аст маро.

ЯК ЗАМОНЕ

Шеъри ман монанди фавора
Ҷӯш зад, берун зи дил омад…
Баъд ногаҳ гашт хомӯш,
Рафт бар девор чун муш,
Дигаронро дод танҳо гӯш.
З-он замон пас,
Гоҳ-гоҳе, андак-андак,
Чанд боре дар давоми сол,
Ё ки боре чанд соле
Мешавад беруну он фавворааш нест,
Чунки ҳоло шавқу шӯри онзамонӣ,
Лаҳзаҳои фориғ аз дунёи фонӣ
Нест дигар.
Он замон ман зистам
гӯё, ки дар дунёи дигар.
Лек баъд аз ин,
Олами воқеию рӯъё,
Кош дар ҳамкорӣ бо ҳам
Баҳри эҷоди ягон шеъре
Ин забонро менамуд гӯё!!!

ЗОДРӮЗИ ПАДАР

Дил зи ҷашни зодрӯзат ин саҳар,
Шод шуд, овард бар лаб шеъри тар:
60 соли пурсамар табрик бод,
60 соли пургуҳар чун кони зар.
Доимо бошӣ қавию шодмон,
Бар сари мо сояафкан, эй падар.
Эй басо шогирдакони хешро,
Кардаӣ аз илму маъно баҳравар.
Шеъри ту гаҳ буд андар «Навсафар»,
«Риштаборон» киштро дода самар.
Аз муҳаббатҳою шавқи зиндагӣ,
«Шохаҳо» андар ҷавонӣ карда бар.
Чун «Бунафша» сар зада дар Зарфишон,
Бӯйи хуш афканд андар баҳру бар.
«Офтобак», ҳам «Куҷо шуд офтоб?»,
Кӯдаконро гармибахшу шуълавар.
Чашмаи илҳоми мо «Чашми Ватан»,
Қосиди иқболу бахту шаъну фар.

Пораҳои шеър чун «Дилпораҳо»,
Берун омад аз дилу қаъри ҷигар.
Боз аз ашъори ту маҷмӯаҳо,
Буду бошад чанди дигар номабар.
Аз Музаффарпур Виркан чанд байт,
Бар падар чун таҳният шуд аз писар[1].

ЗИНДАГӢ

Зиндагӣ андар ҷаҳон аз баҳри чист?
Умр чуну чанд бояд кард зист?
Ранҷу шодӣ чанд пушти сар кунам?
То зи фонӣ бар абад по дар кунам.
Чанд афтам, чанд хезам аз замин?
То кунам боло сарамро дар барин.
Ин ҳама ҷаҳду талошам чун бувад?
Ё зи имкони амал берун бувад?
Ҷаҳду кӯшиш буду ҳасту бошадам,
То бувад аз умр дар ин беша дам.
Ҷаҳду кӯшиш баҳри чӣ? Аз баҳри он,
Бошадам ҷон дар ҷаҳон то ҷовидон.
Ҷовидонӣ мақсади инсон бувад,
Баҳри фардо раҳнамуни ҷон бувад.

[1] Илова аз Гулназар Келдӣ баъди қироати шеър дар базми таҷлили 60-солагии падари шодравонам Музаффар Суғдзод

Рӯзи ҷашнат, Суғдзодо, то саҳар,
Гашта махмур, буд майкаш Гулназар.

ҒОФИЛИ ПАҒНАГӢ



«Ғофили Пағнагӣ» (Нуруллоев Нурулло) 3-юми сентябри соли 1989 дар деҳаи Пағнаи ҷамоати Ворӯи ноҳияи Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Таҳсилкардаи мактаби миёна.

Ӯ аз хурдӣ дӯстдори шеър буд, ӯро дар кӯчаҳову мактаб ва дигар ҷойҳо саргарми мутолиаи шеър медиданд.

Ҷудоӣ аз модар ва соле чанд дар шаҳрҳои ғурбат ӯро водор кард, ки калам ба даст гираду дарди дилашро бинависад. Ӯ ҳамеша аз дард менависад, чунон, ки худаш мегӯяд:

Эй ғусса, эй алам, эй дард, эй бало!
Эй ранҷу сӯзу ғам, эй мотаму азо!
Ман бе шумо киям? Хокистареву дуд,
Худро шинохтам бо будани шумо..

ФАРЁДИ МАН ШУНАВ, МОДАР, КУҶОӢ ТУ?

Имшаб фиғон кунам андар ҳавои ту .
Сӯзад вуҷуди ман имшаб барои ту.
Гум мезанад дилам бар хандаҳои ту,
Фарёди ман шунав, модар, куҷоӣ ту?

Имшаб ба чашми ман ҷорист ашки ғам,
Ин синаи ҳазин пурдарду пур алам,
Бо дардҳову ғам бишкаста шуд қалам,
Фарёди ман шунав, модар, куҷоӣ ту?

Имшаб баҳори дил чун тирамоҳ гашт,
Ҷисми ситамкашам бесарпаноҳ гашт,
Шаъну шуури ман чун гарди роҳ гашт,
Фарёди ман шунав, модар, куҷоӣ ту?

Имшаб зи боғи дил гул кӯч басту рафт,
Булбул зи нолаҳо дилро шикасту рафт,
Ганҷи умеди ман баршуд дасту рафт,
Фарёди ман шунав, модар, куҷоӣ ту?

Бе ту ба шоми дил ахтар намондааст,
Нуру зиёи ишқ дигар намондааст,
Бар сина ҷуз пайи ханҷар намондааст,
Фарёди ман шунав, модар, куҷоӣ ту?

Имшаб ба хобам о, баҳрам фасона хон,
Бар дил умед бахш, шеъру тарона хон,
Аз арзу осмона, аз остона хон,
Фарёди ман шунав, модар, куҷоӣ ту?

Эй қаҳрамони ман, эй қаҳрамони дил!
Эй рӯҳбахши дил, эй тарҷумони дил!
Бо худ рабудаӣ амну амони дил,
Фарёди ман шунав, модар, куҷоӣ ту?

Имшаб замини дил сард аст, модаро!
Дар пеши дидаам гард аст, модаро!
Бе ту вуҷуди ман дард аст, модаро!
Фарёди ман шунав, модар, куҷоӣ ту?

Бархез, очаҷон, аз синаи замин,
Эй накҳати хушӣ, эй мушку анбарин,
Бо ёди ту бисӯхт ин Нурии ҳазин,
Фарёди ман шунав, модар, куҷоӣ ту?

Имшаб биё-биё, имшаб хумориям,
Имшаб алам кашам, дар роҳпоиям,
Охир надонӣ ту чашмintизориям,
Фарёди ман шунав, модар, куҷоӣ ту?

ДАСТИ МОДАР

Маро тобу тавонам дасти модар буд, аммо нест,
Тароватҳои ҷонам дасти модар буд, аммо нест.
Сарамро силаҳо мекард бо меҳри асили хеш,
Шукӯҳи хонадонам дасти модар буд, аммо нест.
Нигоҳам бо нигоҳаш шуълаафшон буд, хуш будам,
Ҳавасҳои ниҳонам дасти модар буд, аммо нест.
Сарам бар осмонҳо мерасид бо дидани рӯяш,
Ҳама лабханди ҷонам дасти модар буд, аммо нест.
Ғариби кӯйи бадбахтӣ шудам дар пояи қисмат,
Умеду ормонам дасти модар буд, аммо нест.
Хумораш мегирад ҳар дам, ба худ печида мегирям,
Баракатҳо ба хонам дасти модар буд, аммо нест.
Замину осмон беранг, рӯзам шом гардида,
Замину осмонам дасти модар буд, аммо нест.

ҒАРИБӢ

Ба мулки Рус сафар кардам ба ногоҳ.
Баромад бо алам аз синаам оҳ.
Дигар ҳаргиз макун сарсон, Худоё,
Бигаштам мисли он хори сари роҳ .

Ғаму андӯҳи дунёро бидидам.
Ҳазорон ранҷу савдоро бидидам.
Дар ин мулки ғарибӣ, эй азизон,
Ғами имрӯзу фардоро бидидам.

Бидидам тоҷикони беватанро,
Бидидам мурғакони бечаманро.
Ғариб афтода андар шаҳри мардум,
Бидидам мурдаҳои бекафанро.

Бидидам гиряҳои зори онон,
Бифаҳмидам ғами бисёри онон.
Дар ин шаҳри ғарибӣ ҷуз Худованд,
Набошад ҳеҷ кас ғамхори онон.

Яке худ мӯсафеду кор меҷуст,
Гулистон дар миёни хор меҷуст.
Бигирйистам зи аҳволи парешаш,
Ки нонаш бо дили афгор меҷуст.

Яке мегуфт: «Сад ҳайфи ҷавонӣ,
Ки рафт ин фасл аз ман ногаҳонӣ.
Дар айёми ҷавонӣ бар сари ман,
Биёмад ғуссаҳои зиндагонӣ».

Яке пазмони чашмони падар буд,
Ба ёди абрувони гулписар буд.
Дигар дар ҷустуҷӯи меҳри модар,
Фиғону нолаҳояш беасар буд.

Яке худро ба ҳар сӯ банд мекард,
Шикастасинаро пайванд мекард.
Вале афсӯс мебинам дигарро,
Бародарзодаашро фанд мекард.

Яке ёде намеорад Ватанро,
Ба оби фисқ мешӯяд баданро.

Бимонда зери боли макри шайтон,
Зи ёдаш бурдааст фарзанду занро.

Яке ду дидааш ғарқоби хун аст.
Дилаш сарду аламҳояш фузун аст.
Шикоятномаҳои ӯ саросар
Зи дасти ранҷи ин дунёи дун аст.

Яке нолад зи кору ҷои хобаш,
Бигиряд бар чунин ҳоли харобаш.
Ҳақиқат ку, адолат ку, ғирево?!
Чунин бошад саволи бечавобаш.....

Худовандо, ғарибонро нигаҳ дор,
Ту пайвандони эшонро нигаҳ дор.
Нуруллоҳ дар ғарибӣ нола дорад,
Худоё, Тоҷикистонро нигаҳ дор!

ЧОРГОНАҲО

Худоё, ҳолати афгори ман бин,
Тани ранҷури ғамбемори ман бин.
Кушоиш деҳ, раҳо кун аз мусибат,
Зи ғамҳо дидаи хунбори ман бин.

***

Табибо, ҳозиқо, бемор моем,
Ба банди ғуссаву озор моем.
Агарчи сад азобу дард дорем,
Валекин шукр, ғамбардор моем.

***

Бар ҳоли чашми кӯри худам гиря мекунам,
Дар мотами ғурури худам гиря мекунам.
Шаб тору кӯча сарду дилам пошикастааст,
Бар ҳасрати шуури худам гиря мекунам.

***

Ё Раб, хазони дард зи боғам намеравад,
Аз сина бӯйи ҳасрату доғам намеравад.
Гумкарда хешро зи такопӯйи зиндагӣ,
Ҷуз ғусса ҳеч кас ба суроғам намеравад!

***

Аз офату аз алам дилам реш бишуд,
Аз ғуссаву дарду ғам дилам реш бишуд.
Хурсандӣ даме ҳамнафасам нест, дареғ,
Аз файзу нишоти кам дилам реш бишуд.

ГУЛАФЗО



Саидова Гулафзо 1-уми январи соли 1962 дар деҳаи Пағнаи ноҳияи Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оилаи хизматчӣ таваллуд шудааст.

Мактаби 8-солаи деҳаи Марғедарро хатм кардааст.

Айни ҳол дар шаҳри Панҷакент истиқомат дорад. Соҳиби 9 фарзанд мебошад.

Ӯ аз даврони таҳсили мактабиаш то ин замон ба шеъру ғазалнависӣ майлу рағбати зиёде дорад. Узви маҳфили Хайрандеш аст.

Чакидаҳои хомааш дар рӯзномаву маҷаллаҳои «Истиқлол», «Муҳаббат», «Рӯзгор», «Зарафшон», «Омӯзгор» ва маҷмӯаҳои дастаҷамъии «Армуғони ғазал», «Шеърҳо дар васфи падару модар», «25 гуфтор» ва «Наврӯзи Зарафшон» нашр гардидаанд.

Китоби нахустинаш бо номи «Хандаи гул» манзури хонандагон гардидааст.

ДУХТАРИ ДЕҲОТӢ

Духтари деҳотиям, деҳзодаам,
Кибр дар ман нест, яксар содаам.
Обро аз саргаҳаш нӯшидаам,
То ки бошам софдил, кӯшидаам.
Аз ҳавои соф бигрифта нафас,
Тинати покиза мекардам ҳавас.
Духтари деҳотиям, деҳзодаам,
Чун русуми деҳаам озодаам.
Панд аз пирони деҳ омӯхтам,
Дар дилам шамъи сухан афрӯхтам.
Обу хоку санги деҳам дилписанд,
Мардумаш ширинзабону сарбаланд.
Духтари деҳотиям, деҳзодаам,
Дил бибурдам аз деҳу дилдодаам.
Ман Гулафзоям, зи деҳ рӯйидаам,
Гул ҳам аз гулзори деҳ бӯйидаам.
Деҳаро васфи накӯ арзанда аст,
Хандаи деҳдухтарон зебанда аст.
Гарчи дар шаҳри бузург афтодаам,
Духтари деҳотиям, деҳзодаам.

ДИЛ

Дил мурғаки озод аст, ӯ дом намехоҳад,
Азбаски тарабнок аст, ӯ ҷом намехоҳад.

Дар зиндагӣ побанд аст, бо ёди Худованд аст,
Оғози таманноро фарҷом намехоҳад.
То ҷон ба бадан дорад бар назму сухан шайдост,
Дил дар такупӯ бошад, ором намехоҳад.
Ҳарчанд пур аз сӯз аст, ҳар як шаби ӯ рӯз аст,
Рӯшноӣ парастад ӯ, чун шом намехоҳад.
Бо рафтани айёмаш, бо пухтагиву хомаш,
Парвози баландашро анҷом намехоҳад.
Гуфтори Гулафзоро раҳтӯшаи дилҳо кун,
Чун номи накӯяшро бадном намехоҳад.

ТАБРИКОТИ НАВРӮЗӢ

Эй нахлҳои ғарқи гул, Наврӯзатон табрик бод!
Эй зинати ҳар ҷузву кул, Наврӯзатон табрик бод!
Эй ошиқони гулбасар, эй шоири волоасар,
Эй лолаву гулбарги тар, Наврӯзатон табрик бод!
Чангу дутору сурнай, тору рубобу созу най,
Мутриб шуда сархуш зи май, Наврӯзатон табрик бод!
Борони найсонат чӣ хуш, хунёи мурғонат чӣ хуш,
Ҳам боғу саҳро сабзапӯш, Наврӯзатон табрик бод!
Худ ҳафтсину ҳафтшин, ороста дар рӯйи хон,
Бошад шиори тоҷикон, Наврӯзатон табрик бод!
Ҳам сабза пуршабнам шуда, ҳам шохаи гул хам шуда,
Пурбода ҷоми Ҷам шуда, Наврӯзатон табрик бод!

ҒАЗАЛИ НАВРӮЗӢ

Наврӯзи накӯпай, ки имрӯз расидаст,
Бар лавҳи лаиб[2] тифли навомӯз расидаст.
Балъид хурӯс аз паси ҳут мастии дайро[3],
Дил гашт фараҳманд, дилафрӯз расидаст.
Ин муғҷаи гул шиквакунон лаб бикушода,
Андар дили мурғони чаман сӯз расидаст.
Омад ба машомам зи саҳар накҳати гулҳо,
Шаббода вазон, шамъи шабафрӯз расидаст.
Гулнеш[4] дили реш ба зархок намудаст,
Гул ёфт дили хоку ба ин рӯз расидаст.
Олам ҳама шуд сабзу дилорою фиребо,
Оҳубара бар сабзаву бар бӯз расидаст.

[2] **Лаиб** – айшу ишрати зиёд.
[3] **Дай** – сармо.
[4] **Гулнеш** – неши гул.

Дар дафтари ман шеър шукуфтаст, Гулафзо,
Наврӯзи гулафшону гулафрӯз расидаст.

СУРУДИ АЛЛА

Ҷони ман, бо алла оромат кунам,
Шири худро шираи комат кунам.
Бо каломи исми Аллоҳи бузург
Гарчи бетобӣ кунӣ, ромат кунам.
Алла гӯям, бачаҷонам, аллаё,
Номи ширинат ба ҷонам, аллаё.

То ки гардӣ тифлаки хандону шод,
Сад дуои нек бар ҷонат кунам.
Гарчи озору азобам медиҳӣ,
Ҷони худ доруву дармонат кунам.
Алла гӯям, бачаҷонам, аллаё,
Номи ширинат ба ҷонам, аллаё.

Касбу кор омӯзию олим шавӣ,
Қалби худ аз шодӣ қурбонат кунам.
То ки бошад рӯзиат нони ҳалол,
Ман дуоҳо бар сари хонат кунам.
Алла гӯям, бачаҷонам, аллаё,
Номи ширинат ба ҷонам, аллаё.

ФАСЛИ БАҲОР

Сабзаборонат чӣ хуш, фасли баҳор,
Резаборонат чӣ хуш, фасли баҳор.
Соли нав бо ҳафтсину ҳафтшин,
Зиннати хонат чӣ хуш, фасли баҳор.
Қаҳ-қаҳи кабки ҳилол аз кӯҳсор,
Сучу торонат чӣ хуш, фасли баҳор.
Баррапоӣ дар лаби сарчашмаҳо,
Хӯрдани нонат чӣ хуш, фасли баҳор.
Гаҳ ҳаво борону гаҳ хуршедӣ аст,
Ҳам ину онат чӣ хуш, фасли баҳор.
Зирку қоту кудричу кокӯтиат,
Бӯйи райҳонат чӣ хуш, фасли баҳор.

НАДОРАМ

Дарёдиламу тарс зи гирдоб надорам,
Мастам зи худу майли майи ноб надорам.
Дорам дили шаффофу чу ойина мусаффо,
Дар зулмати шаб ҳоҷати маҳтоб надорам.
Абруи базебат ба гирех нест мувофиқ,
Бикшо гирехи ноз, ки ман тоб надорам.
Хоҳам, ки нависам сари ҳар мӯй тарона,
Шаб то ба саҳар бо ҳавасат хоб надорам.
Аз дард тиҳӣ нест тани гарм дар ин даҳр,
Ман тоқати дарди дили нобоб надорам.
Холӣ ба барам бошад агар кӯзаи зардам,
Мақбул нагардад, чу дар он об надорам.
Асло ба сарам фикри хато нест, Гулафзо,
Дар ҳар ду ҷаҳон шиква зи Сӯҳроб надорам.

МЕДИҲАД

Гул хабар аз рӯйи ҷонон медиҳад,
Бӯйи хоки баъди борон медиҳад.
Абри найсон дар ғуруби офтоб
Сурхии рухсори ёрон медиҳад.
Моҳи тобон дар шаби ялдои тар
Бар замин шире зи пистон медиҳад.
Он ду чашме, ки ҷамоли ёр дид,
Сад нишон аз чашмасорон медиҳад.

НАБУДААМ, НАМЕШАВАМ

Ғайри ту ёри дигаре набудаам, намешавам,
Дилбару зори дигаре набудаам, намешавам.
Сайр ба боғи дигаре нарафтаам, намеравам,
Боғу баҳори дигаре набудаам, намешавам.
Ба хонаи нахонда ман нарафтаам, намеравам,
Гарду ғубори дигаре набудаам, намешавам.
Ғайбати ёру дӯстон накардаам, намекунам,
Банд ба кори дигаре набудаам, намешавам.
Ҷону мадори ман туӣ, равнақи кори ман туӣ,
Ҷону мадори дигаре набудаам, намешавам.

ГУЛИ МУРОД



Гули Мурод (Гулов) 25- майи соли 1959 дар деҳаи Росровути ноҳияи Ғончии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дунё омадааст. Гузаштагони ӯ аз табори мардуми Кӯҳистони Масчоҳ буда, ба деҳаи Росровут муҳоҷират кардаанд. Мактаби миёнаро соли 1976 хатм кардааст.

Солҳои 1978-1980 дар сафи Армияи Шӯравӣ хидмат намуда, аз соли 1980 то соли 1985 косибӣ кардааст.

Солҳои 1985-1989 дар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд таҳсили илм намудааст. Аз соли 1989 то соли 1993 дар деҳааш ҳамчун омӯзгор кор кардааст. Аз нимаи соли 1993 то ба имрӯз дар Россия истиқомат мекунад.

Муаллифи китобҳои «Нафаси тоза», «Фардои дигар», «Манзараи умр» ва «Ҳазору як дард» мебошад.

Шеърҳояш инчунин дар маҷаллаву рӯзномаҳо ва маҷмӯаҳои дастҷамъии давлати Россия дар тарҷумаи шоир Анатолий Антоненко ба табъ расидааст.

ЗИНДА БОД КОРЧАЛЛОН!

Ба раҳбар дода пулҳо кора буд кард,
Замини киштро аз они худ кард.
Дар ин ҷо киссаи раҳбар пур аз пул,
Дар он ҷо каппаи бечора дуд кард.

ҲАЛОЛАТ БОД, ҶАЛЛОБ!

Қапида, даст карда мефурӯшад,
Баланду паст карда мефурӯшад.
Чу пуфак пуф намуда молу худро,
Харонро маст карда мефурӯшад.

АРЗИ ЗАНАК БА ҲАМСОЯЗАН

Ба зери ғурбату шарму гуноҳам,
Фазои хонаро пур карда оҳам.
Ба Гулҷон оштӣ гардам бигӯям,
Ғурурам гашта ҳар дам садди роҳам.

РАСИДА

Лабонаш бар лаби нӯшам расида,
Тани гармаш ба оғӯшам расида.
Зи хурсандӣ намегунҷам ба олам,
Даҳонам то баногӯшам расида.

ШУДААМ

Медонӣ маро, ба кӣ мубаддал шудаам?
Ман «оқилу пурдону мукаммал» шудаам.
Диплуми муаллимира як сӯ монда,
Ронандаи мошини самосвал шудаам.

КАРДЕМ ИМШАБ

Муҳаббатро рақам кардем имшаб,
Ба ҳам қавлу қасам кардем имшаб.
Ману янга чӣ мегӯед, азизон,
Сари шайтона хам кардем имшаб.

БА ДИЛБАРИ ХАЁЛӢ

Ту ҳастӣ манбаи обу ҳавоям,
Матори қалбу зӯри дасту поям.
Ту илҳоми худododи ман астӣ,
«Шпаргалка» барои шеърҳоям.

НАМОНДА

Таҳи шаст омадам, шастам намонда,
Ба сар мӯ, қоши пайвастам намонда.
Барои бар муроди дил расидан,
Дигар як «шанс» дар дастам намонда.

ТАХТАБАНД

Гаҳе андешаи савдо кунам ман,
Гаҳе андешаи саҳро кунам ман.
«Миёни чор дарё тахтабандам»,
Ба қадри хештан ғавғо кунам ман.

ЁД БИНМО

Фаромӯшам набинмо, ёд бинмо,
Зи банди ғуссаам озод бинмо.
Бимон акси маро дар рӯи тилфон,
Назар бинмову худро шод бинмо.

СИРДАРЁКАНОР

Лабонат лаззати себи баҳорӣ,
Ту бо Ширину Лайло ҳамтаборӣ.

Маро дар рӯди ишқат кардаӣ ғарқ,
Ҳамедонам, ки сирдарёканорӣ.

БУХОРИДУХТАРАК

Бухоридухтарак, мӯ шона кардӣ,
Шумори кокула чил дона кардӣ.
Ба нозу бо адо дар шоми ялдо,
Гули Росровута девона кардӣ.

ДУОИ МУСОФИР

Амонат мондамаш бому дарамро,
Ду фарзанди гулу гулпайкарамро.
Таваккал карда рафтам кишвари дур,
Диҳӣ инсоф, ё Раб, ҳамсарамро.

КУҶОЙ?

Дар деҳа гулеву навниҳоле дорӣ,
Кошонаву қасри безаволе дорӣ.
Мо дида ба роҳи омадат дӯхтаем,
Додо, ту куҷоиву чӣ ҳоле дорӣ?

ЗОҒИ БЕДОҒ

Яке бинӣ, ба дарди меъда банд аст,
Якеяш мубталои дарди қанд аст.
Дар ин дунё набошад зоғи бедоғ,
Фишори дигаре хеле баланд аст.

ДОРАД ИН ГУЛ

Чу себи пухта ғабғаб дорад ин гул,
Чу кавкаб нур дар шаб дорад ин гул.
Асал дорад, шакар дорад, бидонӣ,
Ҳама ширинӣ бар лаб дорад ин гул.

ТУХМИ УМЕД

Ба дил тухми умеде коштам, мурд,
Муҳаббат зиндагӣ пиндоштам, мурд.
Худовандо, бидеҳ сабри ҷамилам,
Таманноҳо, ки бо худ доштам, мурд.

ЭЙ ГУЛ

Ду чашмони ту хандон аст, эй гул,
Ду лабҳои ту хандон аст, эй гул.
Илоҳо, хандаҳоят ҷовидон бод,
Саропои ту хандон аст, эй гул.

ЗЕБО

Нигоҳи дилкаши масти ту зебо,
Ду қоши нимапайвасти ту зебо.
Ба сони чеҳраи хуршедии ту,
Гуло, маҳкулчаи дасти ту зебо.

ДУБАЙТИСОЗӢ

Гаҳе ҳушёр ҳастам, гоҳ мастам,
Ҳунарманди диёри шеър ҳастам.
Зи хишти ҳазлу шӯхӣ, эй азизон,
Дубайтисозӣ меояд зи дастам.

ПАНД

Ба дунё омадӣ, дунё бикун соз,
Пайи ороиши олам бипардоз.
Ғанимат дон, ҷоно, лаҳзаи умр,
Дигар имкон оё мешавад боз?!

МЕРАВӢ, ДИЛ

Чу меҳмон будӣ, меҳмон меравӣ, дил,
Гаронӣ, лек арзон меравӣ, дил.
Ҳавасҳо доштӣ беҳад дар олам,
Аз ин дунё ба армон меравӣ, дил.

НИГАҲ ДОР!

Ба ҳар ҷо меравӣ, номат нигаҳ дор,
Ба сони манзиле бомат нигаҳ дор.
Амал аз рӯйи Қуръон кун ҳамеша,
Шукӯҳу номи исломат нигаҳ дор!

ГУЛРЕЗ



Гулрез (Ҳикоят Қурбонова) 1-уми апрели 1958 дар деҳаи Ғезани Поёни шаҳри Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дунё омадааст.

Ӯ пас аз хатми мактаби миёнаи зодгоҳаш соли 1977 ба Донишкадаи омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Т. Г. Шевченко дохил шуда, онро бо ихтисоси муаллимаи забонии русӣ дар соли 1982 ба поён расондааст.

Солҳои тӯлонӣ дар макотиби таҳсилоти ҳамагонии шаҳри Душанбе ба ҳайси омӯзгор ва ҷонишини директор кору фаъолият намудааст.

Айни замон дар МД «Қасри миллат»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон бар ҳайси мудири бахши умумӣ ва коргузорӣ фаъолият менамояд.

Шеърҳояш дар маҷмӯаи дастаҷамъии «Наврӯзи Зарафшон» ва рӯзномаву маҷаллаҳои ҷумҳуриявӣ ба нашр расидаанд.

Китоби нахустинаш «Меҳри Ватан» ном дорад.

ТУ ШИРИНУ ГУВОРОӢ

Забони модарии ман,
Ту ширину гуворoӣ,
Миёни ҷумлаи алфоз
Ту яктою дилороӣ.

Забони Рӯдакӣ ҳастӣ,
Забони ноби тоҷикӣ.
Маро бо ҳарфи ҷонбахшат
Раҳонидӣ зи торикӣ.

Забони аллаи модар,
Забони шеъру оҳангӣ,
Забони Ҷомиву Бедил,
Забони илму фарҳангӣ.

Бариям ҷониби фардо,
Ту бо ин гулфишониҳо,
Агарчанде шавам ман пир,
Зи ту дорам ҷавониҳо.

ТУӢ ФАСЛИ БАҲОРИ МАН

Туӣ, модар, баҳори ман,
Ҳама авҷу барори ман,

Ҳамеша дӯстдори ман,
Чароғи шоми тори ман.

Бирезам гул ба домонат,
Нахоҳам ашки резонат,
Ҳамеша ин талаб дорам,
Ки бинам рӯи хандонат.

Туӣ фасли баҳори ман,
Шукӯҳи рӯзгори ман,
Дар ин дунёи бесомон,
Туӣ зӯру мадори ман.

Туӣ модар баҳори ман,
Ҳама авҷу барори ман,
Ҳамеша дӯстдори ман,
Чароғи шоми тори ман.

ХОҲИШ

Нахоҳам шӯру исёнро,
Зару сим, лаълу марҷонро,
Нахоҳам ганҷи Қорунро,
Шикасту ранҷи гардунро.

Намехоҳам шаҳоматро,
Хусумат, ҳам маломатро,
Намехоҳам надоматро,
Хиёноту ғироматро.

Нахоҳам гӯшаи зиндон,
Набинам халқ саргардон,
Нахоҳам туҳмату буҳтон,
Набинам хонае вайрон.

Нахоҳам ман садои тир,
Фиғону хориву таҳқир,
Бихоҳам дар сарам бошад,
Ҳамеша марди ботадбир.

Ҳамехоҳам адолатро,
Садоқатро, рафоқатро,
Ҳамехоҳам нафосатро,
Хушию ганҷи роҳатро.

Муҳаббат дар ҷаҳон монад,
Зи мо некӣ нишон монад,
Суруди дилпазири сулҳ
Дар олам ҷовидон монад.

ВАҲДАТ

Сурхии рухсори мо дар Ваҳдат аст,
Нармии гуфтори мо дар Ваҳдат аст.
Хоҳиши мо иттифоқу ҳамдилист,
Пешрафти кори мо дар Ваҳдат аст.
Роҳати дил мешавад бар мо насиб,
Сояи девори мо дар Ваҳдат аст.
Сӯйи ҳам бо меҳри дил кардан назар,
Дидаи бедори мо дар Ваҳдат аст.
Парчамат бодо парафшон, эй Ватан!
Хубии пиндори мо дар Ваҳдат аст.
Миллати бо нангу орам, зинда бош!
Нангу ному ори мо дар Ваҳдат аст.
Ой, то базми тараб барпо кунем,
Шеъри нотакрори мо дар Ваҳдат аст.

БОРОН

Борон, чак-чак меборӣ,
Нармак-нармак меборӣ,
Дар кӯҳу дашту барзан
Андак-андак меборӣ.

Эй борони найсонӣ,
Матлаи фаровонӣ.
Ҳар қатраат зар бувад,
Рашки гули хандонӣ.

Аз ту шавад замин тар,
Гул кунад кӯҳу камар,
Сияҳгӯши нозанин
Ханда кунад дар назар.

Борон, чак-чак меборӣ,
Нармак-нармак меборӣ.
Дар кӯҳу дашту барзан,
Андак-андак меборӣ.

ИСТИҚЛОЛ

Пиру барно шоду хандон омада,
Кӯдакони гулбадомон омада.
Шукри Истиқлолу сулҳу дӯстӣ,
Мардуми шоду ғазалхон омада.
Парчами мо парфишонӣ мекунад,
Суннате аз Оли Сомон омада.
Эй, ки ҳастӣ тоҷдору номвар,
Ахтари бахтат дурахшон омада.
Аз Самарқанду Бухорову Ҳирот
Акрабоят ҳамчу меҳмон омада.
Аз Душанбе то ба Хатлони шариф
Бо зару лаъли Бадахшон омада.
Шодмон Гулрез дар базми тараб
Аз Хуҷанду аз Зарафшон омада.

МОДАРИ МАН

Эй модари ман, ахгари ман, оҳ, куҷоӣ?
Тоҷи сари ман, гавҳари ман, оҳ, куҷоӣ?
Бе ту дили ман тоқати пайкор надорад,
Болу пари ман, сарвари ман, оҳ, куҷоӣ?
Бар сӯйи мазори ту равам баҳри зиёрат,
Зебу фари ман, раҳбари ман, оҳ, куҷоӣ?
Бе ту шудаам лолу забун, вой, ба ҳолам,
Файзи дари ман, довари ман, оҳ, куҷоӣ?
Гулрез ба ёди ту шабу рӯз бинолад,
Кони зари ман, ахтари ман, оҳ, куҷоӣ?

ГУРЕЗАМ

Чӣ сон аз синаи пурғам гурезам?
Чӣ сон аз дидаи пурнам гурезам?
Қарину ғамгусорам, модарам нест,
Чӣ сон аз панҷаи мотам гурезам?
Нахоҳам сарнавиштам талх бошад,
Чӣ сон аз бори ғам сархам гурезам?
Ба ҷуз хушбахтӣ аз олам нахоҳам,
Зи ганҷи Қоруну хотам гурезам.
Зи чашмонам фурӯ резад ба шаб ашк,
Чӣ сон аз қатраи шабнам гурезам?
Ба қасди дил равонам дар биёбон,
Мани лабташна аз Замзам гурезам.
Ба алтофат даво кун қалби Гулрез,
Магар аз маҳраму марҳам гурезам?

ДАВЛАТШОҲИ ТОҲИРӢ



Давлатшоҳи Тоҳирӣ 16 апрели соли 1947 дар шаҳри Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Ӯ пас аз хатми мактаби асосӣ ва омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Панҷакент дар Донишгоҳи шаҳри Самарқанд (бахши филология) таҳсили илм намудааст.

Давлатшоҳ ёдовар мешавад, ки падараш Облоқул Тоҳирӣ дорои истеъдоди шоирӣ ва модараш Ҳафизаи Тоҳирӣ махзани эҷодиёти шифоҳии мардумӣ буданд ва ӯ дар ҳамин муҳити адабӣ ба воя расидааст.

Давлатшоҳи Тоҳирӣ солҳои 1995-2003 устоди омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Панҷакент ва аз соли 2003 устоди калони Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент мебошад.

Давлатшоҳ як идда асарҳои таърихӣ, аз қабили қиссаҳои: “Девачтич”, “Суғдидухтари уднавоз”, “Меванча”, “Дуои модар”, “Ситораи Рӯдак”, “Ишқи шаҳбону”, “Дарё ва шоир”, “Саъдиё! Шерозиё!”, “Дили Бедил”, “Ҳазрати Одам”, “Санги фалахмон” ва романҳои таърихии “Рухшона”, “Оли Сомон”-ро офаридааст. Вай инчунин асарҳои илмӣ: “Зардонаҳои Зарафшон”, “Офтоби маънавият”, “Пандномаи Бузургмеҳр” ва дигарро навиштааст.

Ӯ аз моҳи марти соли 2003 раиси бахши панҷакентии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон аст. Аз соли 1994 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон мебошад.

АССАЛОМУ САД САЛОМ БАР РӮДАКӢ
(тарона)

Рӯди Суғд маҷро ба бузургиҳо мезад, хешро аз соҳил ба соҳил дода, талотум дошту магарам туғёни қалбӣ зоҳир менамуд. Балки шитоб мекард дарё, мастона итоб мекард дарё. Амвоҷи тезу тундаш бандҳоро убур карда, марзҳоро канда-канда, шӯру шар мекард дарё. Рӯди бостониву достонӣ рӯ ба Оли Сомон оварда буд, з-ин рӯ номаш машҳури дунё гашта. Давон-давон меомаду меояд, ҷавон-ҷавон меомаду меояд ва ҷовидон мепояд…

Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар писари Муҳаммад Рӯдакӣ аз ин дарёи муборизи суғдӣ рамуз гирифта, аз деҳкадаи Рӯдак роҳ ҷониби мақсадҳои неку олӣ, тавассути шаҳри бостонии Панҷекат баҳри илму дониш, баҳри хонишу омӯзиш ба муборакшаҳри Самарқанд омад.

Ҳеч ганҷе нест аз фарҳанг беҳ,
То тавонӣ, рӯй бар ин ганҷ неҳ.

Фурсати кӯчаке нагузашта ба сифати толибилм дар мадрасаҳои Самарқанд хирвори улум аз хизонаи фарҳангу ҳикмат биандӯхт. Тавассути устоди бузурги мусиқӣ Абулаббоси Бахтиёр ба мутрибӣ пардохта, чангу барбат азбар мекарду ҳаме навоҳо тасниф кард, ушшоқу баёту мақомҳои олӣ таълиф кард.

Донишу хирад рӯҳи ӯро сайқал медод ва пайваста ғазалу рубоӣ, таронаку чакомак месуфт.

Ин ҷаҳонро нигар ба чашми хирад,
Не бад-он чашм, к-андар ӯ нигарӣ.
Ҳамчу дарёст в-аз накӯкорӣ
Киштие соз, то бад-он гузарӣ.

Сомонхудотҳо, ки ҳамагон шеърдону маънипардоз ва қадршинос буданд, Рӯдакиро ба маскани илму фарҳанги замона – Бухорои илмпарвар бихонданд. Ва шоир боз ҳам қад-қади дарёи Зарафшон шеърхонону барбатзанон ба ҳумоюншаҳри хушҳаво – Бухоро, ба дарбори асилзодагони дунё қадам дарниҳод.

Киро бузургию неъмат зи ину он будӣ,
Варо бузургию неъмат зи Оли Сомон буд.

Вале шеъри маликушшуаро, сипаҳсолори каломи бадеъ, Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, беадабу раҳгумзадагонро адаб медод, нопоконро пок месохт, носипосу бехудҳоро адлу дод дод. Зулмпешаву ҷоҳилонро раҳму шафқат дод, дод! Бехудоро растагорӣ дод, дод! Кӯрдилонро чашми равшан дод, дод! Ҳасадбару кинаварро илму фарҳанг дод, дод!

Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ,
Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ.
Мардӣ набувад фитодаро пой задан,
Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ!

Устод Рӯдакӣ асосгузору қофиласолори қасидаву ғазал, рубоиву маснавӣ, байтҳову қитъаҳои ҷолиб ва ба маънӣ жарфу ба шакл возеҳи адабу фарҳанги дарӣ шинохта шуд. Осори ӯ сар ба сар панду андарз асту рамз асту олитарин назм аст.

Эзид ҳаргиз даре набандад бар ту,
То сади дигар ба беҳтарӣ накшояд.

Меҳри адаб аз Рӯдакӣ, завқе аҷаб аз Рӯдакӣ, ҳарфу сабақ аз Рӯдакӣ. Машқи забон аз Рӯдакӣ, тарзи баён аз Рӯдакӣ. Шарҳи ғазал аз

Рӯдакӣ, шаҳду асал аз Рӯдакӣ, болонишин аст Рӯдакӣ, волонишон аст Рӯдакӣ. Сидқу сафо аз Рӯдакӣ, савту наво аз Рӯдакӣ, назми замон аз Рӯдакӣ, базми шаҳон аз Рӯдакӣ, шуҳрату шон аз Рӯдакӣ, лаззати ҷон аз Рӯдакӣ! Ассалому сад салом бар Рӯдакӣ!

ДАВЛАТИ МАН

Рӯзе ҳаммактаби собиқи ба дониш номутобиқам пурсид:

- Давлатшоҳ ном дорӣ. Чӣ давлате дорӣ ва чӣ гуна шоҳӣ, ки арзанда ба номат бошад?

Гуфтамаш:

- Ку биё, бар хонаам, то бубинӣ дороиям.

Ҳаммактаби кунҷкоби бекитоби ман омад рӯзе чун нобоб тан. Дар ҳавлиям на мошин дид, на ашёи заррин дид, на қасру на фахр. Ба гумоне, ки дорӣ дар хона аст, хизонаву ганҷ дар ҳуҷра аст, қадам андар ошёнам зад. Чун ба хона ворид шуд, симои ӯ чун дуд шуд, лаб газид ва китфон дарҳам кашид ва пурсид:

- Фақат китоб?! Таҳмон китоб, рафҳо пур аз китоб, рӯйи мизҳо ҳам китоб, замину осмонат ҳама китоб? Дигар чизе надорӣ?!

Гуфтам ба он ҳамдабистони нодон:

- Бидон, эй тан! Китоб маънии ҷаҳон аст. Ҳама шоҳу гадо муҳтоҷи он аст. Ҳама дурру маънӣ аз китоб резад, саноеву ҳунар аз китоб хезад. Китобҳои муқаддас аз Худо аст, агар донӣ, мисли обу нон аст, офтоби тобон аст. Китоб ҳасту ҷумла дунё обод аст, бандагонаш озод аст. Агар нест он: ҳама олам хароб аст, ҷаҳолату итоб аст, хоб асту ҳубоб аст, сароб асту сароб аст!..

СУРУДИ СУҒДИДУХТАР

Духтар суруд мехонд. Духтари суғдӣ буд он. Сурудҳои ӯ гӯё қалби ошуфтааш буд. Сурудҳояш аз насими атрбези водии зарнисори Зарафшон мисли кокулони парешон мавҷ андар мавҷ мезаданд. Вай дилбохтаву шефтаи дидори ёраш буд, ёри раҳдураш буд.

Ногоҳ ғулғулаву садои даҳшатангезе ба гӯшаш халид. Некӯ нигоҳ кард. Аз дур суруди якнавохти рӯди Суғд ба ҷӯшу хурӯш омада, хешро аз соҳил ба соҳил дода, аз санг ба санг зада, ангор духулу нағора мезад. Духтар аз ин ҳол хомӯшу сархам шуд. дилаш боз ҳам маҳзунтару ғамгинтар гашт, сангинтару хунинтар гашт.

Рӯзе чанд нагузашта, аввал садои мошинҳову сипас тӯдаи коргарони нақбкан ба дида расиданд.

Ин лаҳза духтар ногоҳ байни онҳо азизашро дид ва бишкуфту ба дидори ёраш шитобид. Мошинҳо санг меовардану дарёро банд мезаданд, коргарон нақб меканданд.

Духтари суғдӣ бо ёри нақбканаш кор мекарду гӯё дарёро убур мекард.

Дере нагузашта пеши дарёи маст садди мустаҳкаме сохта шуд ва акнун рӯди суғдӣ ром шуда, гӯё беҳолу тамом шуда, чун аспи саркаш ба лаҷом шуда, аз нақби кӯҳӣ неруи барқ тавлид мекарду ба дарёи нур табдил гашта буд. Бале, кунун дарё сӯйи заминҳои ташналаб равон гашта буд.

Ҳамин вақт суруди суғдидухтар танинандоз шуд, ба сурудаш садои ёри азиз ҳамовоз шуд, гӯё саҳифаи ишқу ошиқӣ оғоз шуд, тамоми водӣ хушҳолу ҳамроз шуд. Кунун дарё ба азму иродаи одамон қоил шуда, сарҳаму тобеъ ҳамчун гил шуда буд. Аммо сурудҳои суғдидухтар кунун дарё шуда, шунавову гӯё шуда, заминҳои навро эҳёву овозаи тамоми дунё шуда буд.

Ҳамоно духтар суруд мехонд. Духтари суғдӣ буд он.

ЗАРДОНАҲОИ ЗАРАФШОН

Фикри беҳад дорам ва ба Худои меҳрубон ҳазорҳо бор шукр мегӯям, ки тоҷикаму сарзамини шоирхез дорам.

* * *

Мастӣ ақлро мерабояд. Рафтани ақл бошад, қадаме бар ҷаҳл аст. Худовандо! Моро аз ҷаҳли бемаънӣ нигаҳ дор!

* * *

Барои он шароб менӯшанд, ки худро шод кунанд, вале ақлҳоро ҷунун ва тақдирҳоро шуму худи худро гум кунанд.

* * *

Шароб сӯҳони асабу ҳалокати майнӯшон аст!

* * *

Дар ҳаёт деҳқони ҳалолкору одӣ будан чӣ қадар хуб аст!

* * *

Вақте ки сухан дар бораи дӯстӣ мераваду руфақо аз ман моҳияти ин вожаро пурсон мешаванд, ман бе дудилагӣ мегӯям:

- Шумо ақаллан бо ҳамсарони хеш дӯстиро устувор созед!

ДИЛШОДАИ ФАРҲОДЗОД



Ҳазратқулиён Дилшодаи Фарҳодзод 31-уми майи соли 1975 дар ноҳияи Тайлоқи вилояти Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба дунё омадааст. Таҳсили ибтидоиро дар зодгоҳ дар муддати солҳои 1982-1992 гирифтааст. Пас аз он омӯзишро дар факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд идома дода, соли 1997 онро хатм намудааст.

Солҳои 2003-2006 дар шӯъбаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии Самарқанд таҳсил намуда, дар асоси пажӯҳишҳояш доир ба вижагиҳои ашъори Фарзонаи Хуҷандӣ соли 2011 монографияеро бо унвони “Поэтикаи шеъри Фарзона” ба табъ расонида, соли 2012 дар ҳамин мавзӯъ рисолаи илмии номзадиро ҳимоя кардааст.

Дилшодаи Фарҳодзод бо эҷоди бадеӣ низ машғул буда, ба сифати шоира соли 2004 дар ҳамоиши нахустини шоирони форсигӯи ҷаҳон дар Теҳрон (бо унвони «Чашмандози шеъри нав») ширкат варзидааст.

Муаллифи маҷмӯаҳои шеърии «Шабҳои маҳовез» (2004), «Як қалам рӯшноӣ» (2009) ва «Наврӯзии навсӯзӣ» (2018) аст.

Аз соли 2007 инҷониб муаллимаи кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд аст. Соҳиби 2 фарзанд аст: Анвар ва Фарҳод.

ШАҲРИ ДИЛ
(манзума)

Самарқанди дилам[5]- шаҳри дили ман,
Ки дарёест аз наҳри дили ман,
Зарафшонест аз баҳри дили ман...

Чаро дилбастагӣ дорам ба ин шаҳр?
Чи пайванде миёни мост,
Чаро по бастаам дилро ба ин шаҳр,
Ба кӣ вобастаам..?

Чаро ин хок мехонад ба ҳар дам,
Бухоро бошаму дар Амрико бошам, -
чи аз наздик ё аз дур
Маро ин хок мехонад ба ҳар дам...

Ту гӯӣ пӯстпайвандам ба ҷисмаш,
Ту гӯӣ дӯстпайвандам ба ҷонаш,

[5] Таъбир аз Мавлавии Балхӣ.

Ба хуршедаш –нонаш,
Ба хокаш –устухонаш .
Бале, як шохапайвандам
андар шонаи тановари боғи ниё,
дар остонаш.

Ниёву қиблагоҳамро
дарахти ёдгори рӯи ҳавлӣ пойбарҷояст.
Варо ман дӯстдорӣ менамоям гоҳ.
Ба рӯи панҷаи шахшӯли он бинҳода дастонам,
ту гӯӣ менавозам дастҳошонро.
Намедонам, чаро ман дӯст медорам дарахтонро...

Намедонам...
Кӣ медонад...
Замин –“хоки паноҳанда”[6]
маро гоҳо ба сӯи хеш мехонад,
Ба ҳар як зарра аз хоки вуҷудам,
Ба гарди пораҳои устухонам
орзуманд аст.

Чунонам менамояд ҷазб,
Чунон гӯӣ, ки орифро
кашад ҷозибаи хоки сурайёяш.
Маонии зи батни хок то ин ҷо расиданро,
Дубора бозгаштанро ба оғӯшаш ба барги
зарди поиз мекунам талқин.
(Ту гарди устухонамро аз ин бум
Нагардонӣ дур, ай Парвардигор,
Омин!)

Ман аз дунёву аз хоки Самарқандам,
Бале, хоки Самарқандам...
Ҳама гӯянд “Регистону Шоҳизиндаву ҳар санг
аз ин шаҳр
Ба ҷони сокинонаш ҷои тӯмор аст”...
Маро дар сина темор аст...
Чаро гӯянд “хоки ин замин - вазнин”?
“Гаронҷон аст” мегӯянд?

[6] Таъбир аз Фурӯғи Фаррухзод

...Ба ҳар як кӯча ин шаҳр аз паи пои бузургонаш
шарофат дошт,
Зи кимёи нафасҳои бузургон гӯӣ испар рӯи офат дошт.
Дигар,
Он кӯчаҳояш ин шарофатро гадоӣ мекунанд
яксар...

Бале,
Шояд ки хоки шаҳр вазнин аст, -
Дурӯғ ин ҷо зиёд томот мебофад,
Гунаҳ ин ҷо чу лӯлӣ баччазо аст,
Ва бунёди ҳама имону виҷдон суст меларзад,
Агарчи файз меборад, аз ин аст.
“Чу ҳар ҷое гуноҳ аст,
файз меёбад фаровонӣ”[7].
Ало, эй ёри ҷонӣ, ёри ҷонӣ!
Накӯхоҳони хокаш даст бар омин агар доранд,
Дуое мисли собун бар тани ин шаҳр,
мисоли марҳаме бар захм, бигзоранд,
Бале, ёбад зи алтофи Худовандаш фаровонӣ.

Чаро вораста на, -
по бастаам дилро ба ин манзил,
Чаро вменамоям – беҳтарин вассофи ин шаҳрам?
Чу ман дар дил
бунёди Самарқанди дигар дорам,
Мисоли гавҳари носуфта аст, оре,
Ва ин гавҳар, хаёлашро
Кафи гавҳаршиносаш дурҷи симин аст,
Ки ноёб аст.
Ту гӯӣ Шамс нопайдову
Кунё шаҳри бетоб аст.
Бале, шаҳри дилам як гавҳари носуфта аст, оре.

Варо бунёд хоҳам кард,
Агарчи дар баҳои устухон бишкастанам бошад,
Ва ё бо зарраҳо пайвастанам бошад,
Варо обод хоҳам кард...

Ман аз он рӯз, ки Ҷавзоям
зи бурҷи худ дурҷе армуғон овард,
Ба паҳлӯи дили ман як дилеро, - арғувон, овард,
Ду дил дар сина андар пуршарар дорам.

[7] Мазмун аз Инҷил

Ба як дил шаҳрванди ин Самарқандам,
Ба ҷайби як дили дигар ҳуҷҷат аз Самарқанди
дигар дорам.
Дигар,
Дар пои ин гуфтори манзум
чу халхоле, ки ангезанда бошад мавҷи овояш,
Дар даст
як хабар дорам:
Агар хоки Самарқанди диламро сабз гардонам,
Ва боғи манзиламро сабз гардонам,
Ту гӯӣ ҳар Самарқандам ба худ дилбанд мегардад,
Аз он пас ин дилам бо он дилам пайванд мегардад.
Дарахтони ниёгонам зи нав гулбанд мегардад.
Самарқанди гилам - озод,
Самарқанди дилам – обод.

***

Кулли явминро на бадтар, балки беҳтар мекунем,
Эй азизи беҳтар аз беҳтар, биё, сар мекунем.
Чунки беҳ аз беҳтаронӣ, бадтар аз бадтар манам,
Эй Худо, инсоф деҳ, аз хеш то сар мекунем.
Дар ҷаҳони танги худ дунёи дигар офарем,
Аз дили ту то дили ман дори акбар мекунем.
Модари бар содагӣ содиқи бар ғам дилсупор,
Бар сари гӯри ғамонат санги мармар мекунем!
Ашкҳоят бар сари санги дилам беҳуда аст,
Кор агар бо ашк созад, баҳри Мармар мекунем!
Модари осонтаслими ғамони беамон,
Дар ҷиҳод аз баҳри шодӣ кори барбар мекунем!
Гунг то кай менишинӣ, безабони розҳо,
Шеърро дар бозгӯи роз ёвар мекунем.

ДОРО НАҶОТ



Доро Наҷот соли 1946 дар рустои Урметани ноҳияи Айнӣ, вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон дида ба ҷаҳон кушод.

Таҳсилоти худро дар мактаби миёнаи зодбум ва Донишгоҳи давлатии шаҳри Хуҷанд (бахши забон ва адабиёти форсӣ-тоҷикӣ) ба поён расонид ва солҳои мадиде ба рӯзноманигорӣ машғул буд. Нахустин дафтари шеъри ӯ ба унвони “Соҳиби кӯҳсор” дар соли 1979 ба чоп расид. Баъдан 10 маҷмӯа аз ашъори ӯ дар Тоҷикистон интишор ёфт. Доро Наҷот аз пешгомони шеъри сапед дар Тоҷикистон ба шумор меравад. Муҳаққиқони эронӣ ӯро бунёдгузори шеъри мудерни тоҷикӣ унвон карда, пиромуни шеъри ӯ ба вижа дар қиёс ба осори Аҳмади Шомлу ва Суҳроби Сипеҳрӣ таҳқиқоте анҷом додаанд. Ду маҷмӯа аз ашъори сапеди ӯ дар Теҳрон ба унвони “Лашкари ишқ” ва “Дар кӯчаи Лайлӣ”, дафтари дигаре дар Париж ба унвони “Озарахши озаройин” мунташир гардидаанд. Доро Наҷот дар соли 2010 Ҷоизаи давлатии Рӯдакӣ ва дар соли 2016 унвони Шоири халқии Тоҷикистонро дарёфт намуд.

Доро Наҷот ҳамчунин таҳқиқоти амалӣ ва фарҳангнигориро шуғли худ қарор дода, дар ин раванд таълифоти худро ба унвони “Шайх Абулқосими Гургонӣ” (1999), “Ҳумои раҳмат” (2006) ва “Фарҳанги Доро” ба чоп расонида аст.

ЭҲЁ

Барои донишманди тоҷик Акбари Турсон

То даме тобу табе дар хок ҳаст,
Мазҳаре дар гунбади афлок ҳаст,
Ҷисму ҷонро ҷавҳари идрок ҳаст,
Одамиро фикрати бебок ҳаст;
Нест асло марги мо нобуди мо,
Дар фанои мо бувад мавҷуди мо.

То даме ки будро тағйир ҳаст,
Ҳар куҷо вайронаро таъмир ҳаст,
Зарраи худсозро тадбир ҳаст,
Қосиди эъҷозро табшир ҳаст;
Асли мо моро таваллуд мекунад,
Насли мо моро таҷаддуд мекунад.

То даме ки таъбият бошад қабул,
Синҷ бошад ҷисми мо ё шоҳпул,

Ё сабӯи мул бувад ё банди пул,
Ё пари булбул бувад ё барги гул;
Мо ба ранги нав таҷалло мекунем,
Ҷовидон худро муҷалло мекунем.

То даме ки марги марг ин зиндагист,
Бебақоӣ зодаи пояндагист,
Гирудори наввӣ аз коҳидагист,
Вусъати аздод аз ҳамбастагист;
Зарраи мо пойбасти буди мост,
Шуълаи мо сарпарасти дуди мост.

То даме бунёд ҳамзоди фаност,
Шашҷиҳат шаш равзани дурулбақост,
Ибтидо оинадори интиҳост,
Интиҳо Парвардигори ибтидост;
Мо ҳазорон бор пайдо мешавем,
Мо зи мавти хеш эҳё мешавем.

МАНУ ПАРАНДАҲО

Биравам
то фариштарези субҳу
бо як салом
ҳазор алайки шево бишнавам
аз ҳаракоти зебои гардани мусичаҳо.

Биравам
кӯи ба кӯ
то ирфони ку-ку,
то фалсафаи ёҳу,
то маърифати ҳуштаки мурғи ҳулол,
то моҳияти болгарди парасту.

Биравам,
парандаҳо дӯстам медоранд
ва шамомаи намози гандумзор меоранд
аз фаросӯҳо.
Зиндагиям акнун
тухм кардааст
дар бағали гарми кабкҳо,
зиндагиям
бӯи хаслонаву
бӯи ишқи мусича мекунад.

Ман, ки аз табори хирманкӯбонам,
ҳасратам вовайло мевазад
бо савти “майдаё”:
овоҳ,
кӯ посирае,[8] ки арзан корам
ва бияфшонам
ба порисаҳои[9] кафтаршин?
Аммо
парандаҳо
бо тасалло
сипосам мехонанд,
ки ҳар гоҳ
ба донкосаи завқи онҳо
донвожаҳое аз хирмани ғазал мерезам.

Биравам
то бомдоди мусичаҳои бом,
он ҷо, ки садои парандаҳои ҳазрати Заҳро[10]
убур мекунад
аз дили ман
то бар Худо.

САРГУЗАШТ

Он замонҳо
куҷо будӣ,
ай набуда дар буда?
Ки дар ковоки як арчаи пӯк
ҳазорхонаи занбӯрам буд
ва як кӯза асал.

Он замонҳо,
дар набуданат
буданам иборат буд
аз хоби як сапедор,
аз нутфаи як гунҷишк,
аз зеҳни як заморуғ,

[8] Посира – замини берун аз ҳавлӣ барои киштукор.
[9] Пориса – пардабом, бомгӯша.
[10] Мусичаро парандаи ҳазрати Заҳро гӯянд.

аз хоҳиши як барг
ва аз ошуфтагии як ҷангал
дар убури сабзи баҳор.

Он замонҳо,
миҳанам сапедадам буд,
манзилам
сояи гули хуршед.
Як занбил хаёли парешонам буд,
як сабад гули чашми оҳу.
Зиндагиям метобид
дар ҳавзе аз сафои ояҳо,
ғирболам аз тори анкабут
ва сабӯям аз лонаи парасту.
Рӯи суфрае аз барги нилуфар
қумқумае аз кадуям буд
ва пиёлае аз лола.
Падарам сахраи азиме буд,
дар бағалаш
модарам –
гули ревоҷ.

Он замонҳо,
дарс мехондам
бо бачаҳои сафедор
ва духтаракони заркокули бед
дар мактаби шабонаи маҳтоб.
Дарсамон буд
алифбои ишораҳо,
алҷабри чашмакии ситораҳо,
нуҷуми нозу ҷуғрофиёи роз,
фалсафаи ишқ
ва сарфу наҳви сукут.

Он замонҳо,
ошиқе будам шармин,
мисли як шоха алови гули насрин,
дарун-дарун месӯхтам.
Ишқ,
гули ҳаросон буд,
маъшуқа –
гули печон.

Атрамон ба ҳам меомехт,
рангамон
ва рӯҳамон
ба ҳам меовехт.
Ишқе буд
аввалаш гулбез,
охираш хазонрез,
аввалаш болидан,
охираш нолидан.
Он замонҳо,
дар хокии зот,
дар обии насаб,
дар оташии ишқ,
дар бодии ҳавас будам.
Бунёни барбод
ва барбоди бунёнро
ба сар мебурдам.
Он замонҳо,
дар садо будам,
садо дар ҳаво,
ҳаво дар само,
само дар Худо буд.
Ва Худо,
мазҳари пайдоям
аз нопайдо буд.

Он замонҳо,
куҷо будӣ,
ки мастият диҳам
аз атри нафаси як занбӯри асал
ва ҳушёрат кунам
дар ҳиси дақиқи як мӯрча?!

Оҳ,
куҷо будӣ он замонҳо,
ай набуда дар буда?!

ДАР КӮЧАИ ЛАЙЛӢ

Ҳайкали шикастаи Маҷнунам
дар кӯчае
пур аз ҷудоии Лайлӣ.
Сабзаи жӯлидамӯй
печ зада
ба урёнии зонувон
ва сафолинаҳои кафидаи сарам.
Сангандозҳо
доира мекашанд
дар ҳавзи оби борони чашмонам.
Вале ҳанӯз
ғурурам бол мезанад,
ки сарлашкарам
дар набарди ишқ,
ва сардӯшие[11] дорам
аз лонаи гунҷишк.

ҒАЗАЛВОРА

Ман худамро борҳо мирондаам,
Зиндагиро борҳо гирёндаам.
Парзанон бо як кабутар содагӣ
Орзуро бар ҳаво афшондаам.
Шӯша буд дар новдон пистони гов,
Ҳасратамро шири ях нӯшондаам.
Дар хутути чеҳра рангам ҳак зада,
Ранги бенақшии худ резондаам.
Дар мазори синаам хон фотеҳа,
К-охирин лабхандро гӯрондаам.
Ишқро дар партави рухсори ёр
Бо паранди сояҳо пӯшондаам.
Ашкро дар зарфи ҷӯшоии чашм
Бо алоби мағзи дил ҷӯшондаам.
Дар гузори атри нури Мустафо
Гулбуни имони худ рӯёндаам.
То бузургии Худоро ҳис кунам
Шашҷиҳатро дар дилам гунҷондаам.

[11] Сардӯшӣ – погон; ин ҷо ташбеҳ ба сардӯшии шилшиладори генералҳои қарни нуздаҳум аст.

ЗАМИРАИ ШАМСИДДИН



Шамсиддинова Замира 6 январи соли 1963 дар шаҳри Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Соли 1978 мактаби миёнаи № 30-и шаҳри Панҷакент ва соли 1985 факултаи таърихи Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Ленинобод (ҳоло Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров)-ро хатм намудааст. Сараввал ба ҳайси мураббия ва муаллимаи фанни таърих дар мактаби миёнаи № 30 ба номи Исмоили Сомонӣ кор кардааст. Соли 1994 ба сифати мушовири боғча ба кор пардохтааст. Айни ҳол ба ҳайси мудири кӯдакистони «Меҳргон»-и шаҳри Панҷакент фаъолият мекунад.

Оиладор, соҳиби 3 фарзанд ва 2 набера аст.

«Гулҳои кӯдакистон» нахустин маҷмӯаи ӯ буда, китоби дигараш бо унвони «Базми гулҳо» соли 2016 чоп шудааст.

МЕВАҲО
Алифбои гиёҳу меваҳо

А *Анор, ангуру анҷир,*
Меваҳои дилпазир.

Б *Банана ояд аз дур,*
Ба тан бубахшад ҳузур.

В *Ватани мо сермева,*
Вай мерасад ба ҳама.

Г *Гелос ин ҷо фаровон,*
Ба манфиати инсон.

Ғ *Ғозичойро дам кунед,*
Хастагиро кам кунед.

Д *Дӯлонаи сурху зард,*
Даво бувад ба ҳар дард.

Ё *Ёбед шифои худро,*
Аз ҳар гуна меваҳо.

Ж *Жож рӯяд дар биёбон,*
Танҳо ба нафъи ҳайвон.

З *Зардолуи серҳосил,*
Неру мебахшад ба дил.

И *Ин меваҳои кишвар,*
Машҳур андар баҳру бар.

Й *Йирғай дарахти сахт аст,*
Дар зимистон карахт аст.

К *Кивӣ орад штиҳо,*
Харобӣ орад бар мо.

Қ *Қаролую қарақот,*
Хеле қулай ба кампот.

Л *Лимӯ меваи бебод,*
Беморонро кунад шод.

М *Мавизу ҳам марминҷон,*
Хунро кунад фаровон.

Н *Ноку норинҷи Қафқоз,*
Беморонро кунад соз.

О *Олу, олучабандак,*
Хуштаъму дилписандак.

П *Паниряку парпигул,*
Ба ҳар беморе маъқул.

Р *Раҳдаваку ҳам райҳон,*
Давобахши беморон.

С *Себи турушу ширин,*
Ғаниянд аз витамин.

Т *Туту тарбузи сероб,*
Гуворою хӯрданбоб.

У *Ушна доруи хориш,*
Дардашро диҳад коҳиш.

Ӯ *Ӯҳдадорам, ки бисёр*
Чинам гиёҳи кӯҳсор.

Ф *Фиреб намехӯрӣ ту,*
Аз кокутию ҳулбӯ.

Х *Харбуза хӯр ҳар саҳар,*
Аз он набинӣ зарар.

Ҳ *Ҳил вақти диққи нафас,*
Ёрӣ диҳад ба ҳар кас.

Ч *Чойу чукрию чормағз,*
Фоидаовару нағз.

Ҷ *Ҷавдор бо ҷуворӣ,*
Растании даркорӣ.

Э *Элеутрокок аз Чин,*
Асабро бахшад таскин.

Ю *Юнучқа дар баҳорон,*
Рӯяд ба нафъи инсон.
Я *Явшон форад бар асаб,*
Витаминаш лаб ба лаб.

БАЙТҲО БО АЛИФБО

А *Аввал зи мо ассалом.*
Баъди он дигар калом.
А *А ҳарфи аввалин аст,*
Асал барин ширин аст.
Б *Бе бузголаву барра,*
Зебо набошад дара.
В *Валӣ мешавад вазир,*
Ин орзуяш дилпазир.
Г *Гови мо бо гӯсола,*
Чарад дар кӯҳу ёла.
Ғ *Ғанӣ мекунад ғайрат,*
Ҳама аз ӯ дар ҳайрат.
Д *Дилафрӯзу Дилшода,*
Дугонаи Зиёда.
Е *Елена духтари хуб,*
Туҳфа меоварад тӯб.
Ё *Ёрӣ диҳам ба модар,*
Ба модарам ман ёвар.
Ж *Жола борад баҳорон,*
Зарар орад ба деҳқон.
З *Замираю Заррина,*
Ҳамсояи Амина.
И *Инсонро ҳурмат кунед,*
Барояш хизмат кунед.
Й *Йодомарин хӯрданбоб,*
Ба касалиҳои зоб.
Ӣ *Ӣ-ро нависад ҳама,*
Дар охири калима.
К *Камолидин касал шуд,*
Хӯроки ӯ асал шуд.
Қ *Қаландару Самандар,*
Қоматбаланди логар.
Л *Латофату Афифа,*

Мухлисони Атифа.

М *Модар ба мо меҳрубон,*
Маъвои ӯ дилу ҷон.

Н *Нон неъмати муқаддас,*
Азиз бувад ба ҳар кас.

О *Офарин бар Озода,*
Ба ҳама кор омода.

П *Падар барои фарзанд,*
Диҳад насиҳату панд.

Р *Рафиқон, ба роҳи рост,*
Рафтан ин шиори мост.

С *Сафар ҳангоми саҳар,*
Мебарояд ба сафар.

Т *Туту талқони бибӣ,*
Роҳати ҷони бибӣ.

У *Усто шахси ҳунарманд,*
Ҳама зи кораш хурсанд.

Ӯ *Ӯсма корад бобоям*
Баҳорон аз бароям.

Ф *Фарангису Фархунда,*
Ду ахтари тобанда.

Х *Ханда кунад Хиромон,*
Ханда ба дардаш дармон.

Ҳ *Ҳар кас, ки ёбад ҳалол,*
Зиндагиаш бемалол.

Ч *Чӯпон ҳамроҳи чорво,*
Гардад ба кӯҳу саҳро.

Ҷ *Ҷорӯб занам ба ҳар ҷо,*
Меояд меҳмони мо.

Ш *Шарбат хеле ширин аст,*
Ширини дилнишин аст.

Ъ *«Ъ» - аломати сакта,*
Менависем дар тахта.

Э *Эрағ ҳамроҳи Эгам,*
Ёру рафиқи ҳамдам.

Ю *Юсуф андар биёбон,*
Давид аз пушти юрмон.

Я *Яхмос орам аз дӯкон,*
Барои хоҳари ҷон.

ЗАРНИГОРИ ШОДӢ



Зарнигори Шодӣ 18-уми марти соли 1949 дар деҳаи Дардари ноҳияи Айнии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дунё омадааст.

Ӯ соли 1966 мактаби миёнаи деҳаашро бомуваффақият хатм намудааст.

Зарнигор баъд аз оиладор шудан ба шаҳраки Сарводаи ноҳияи Айнӣ рафта, дар комбинати маъдантозакунии Анзоб ба сифати коргар ба меҳнат пардохтааст.

Ӯ аз солҳои толибаи мактаб буданаш ба офаридани шеърҳо рағбат пайдо намуда, аввалин сурудаҳояшро рӯйи авроқи дафтар оварда, то имрӯз ҳанӯз ба ин пеша дилбастагиву ҳиссиёти беандазае дорад.

Чакидаҳои Зарнигори Шодӣ дар рӯзномаву маҷаллаҳо чоп шуда, инчунин, то имрӯз маҷмӯаҳояш бо унвонҳои «Нолаи дил» (2000), «Модарнома» (2003) ва «Сӯзи модар» (2018) ба дасти хонандагон расидааст.

ОМАДАНАТ МУБОРАК!

Наврӯзи навбаҳорон!
Бо резаҳои борон
Бар чашми интизорон
Омаданат муборак!

Туӣ иди ниёгон,
Файёзи дасти деҳқон,
Табиатро диҳӣ ҷон,
Омаданат муборак!

Сабза пойандози ту,
Гулғунча ҳамрози ту,
Булбул навосози ту,
Омаданат муборак!

Ту Наврӯзи гулқадам,
Рамзи арӯси олам,
Бо шамолаки форам
Омаданат муборак!

Бо қадами гулафшон,
Бо хуршеди дурахшон,
Ба водии Зарафшон
Омаданат муборак!

НОЛАИ МОДАР

(барои фарзанди дар Россия гумшуда)

Ту нури дида, фарзандам,
Давои ман, ҷигарбандам,
Зи ҳичронат намехандам,
Шунав ту нолаи модар.

Писар, дур аз Ватан рафтӣ,
Чу булбул аз чаман рафтӣ,
Пайи рӯзӣ зи ман рафтӣ,
Шунав ту нолаи модар.

Ба ин ҳоли ту месӯзам,
Ба роҳат дида медӯзам,
Шаби тор аст ҳар рӯзам,
Шунав ту нолаи модар.

Туӣ шамъи шабистонам,
Агар оӣ ба айвонам,
Дамад андар бадан ҷонам,
Шунав ту нолаи модар.

ПУЛРО УМЕДВОР МАШАВ

(ҷавоб ба телефони зан)

Дилбари меҳрубонам,
Дарду балот ба ҷонам.
Аз камбудии рӯзгор
Фиристодиям ба кор.
Занак, то рӯз нахуфтӣ,
«Ба Россия рав» - гуфтӣ.
Дар ин ҷо ман дармондам,
Пеши зане сар мондам.
Худакат айбдор ҳастӣ,
Ба диданам зор ҳастӣ.
Бидон, ки ҳар рӯз мастам,
Як суме не дар дастам.
Бинам араку нашъа,
Гирдашон шавам пашша.
Бо Наташаҷон ҳамроҳ
Вино хӯрем то пагоҳ.
Ба гӯшаи хаёлам
Намерасӣ, аёлам.

Эй моҳу хуршеди ман,
Нашав ба уммеди ман.
Зангам мазан ин қадар,
Барнамегардам дигар.
Ба шӯят кордор машав,
Пулро умедвор машав!

АЛҲАЗАР ГЎЯМ ТУРО

(аз забони фарзанди бепадар)

Эй падарҷон, бадгуҳар гӯям туро,
Аз муҳаббат бехабар гӯям туро.
Гарчи ту фарзанд дорӣ ҳар кучо,
Чун дарахти бесамар гӯям туро.
Вақти тифлиям маро партофтӣ,
Садқаи номи падар гӯям туро.
Аз навозишҳои ту бебаҳраам,
Тирабахту фитнагар гӯям туро.
Тифлбезориву ҳам ношукр ту,
Нанги авлоди башар гӯям туро.
Дил кунад ёди навозишҳои ту,
Манбаи доғи писар гӯям туро.
Модарам парвард бо меҳру вафо,
Аз ду олам бехабар гӯям туро.
Мардумон гӯянд: «Рав назди падар»,
Дил нахоҳад, алҳазар гӯям туро.

МО МЕРАВЕМ

Аз ин ҷаҳони бебақо,
Пурмакру дуну пурриё,
Чун корвон пешу қафо
Мо меравем, мо меравем.

Аз волидайн пайдо шуда,
Чун ошиқи шайдо шуда,
Гаҳ хубу гаҳ расво шуда,
Мо меравем, мо меравем.

Гарчи тавоно мешавем,
Боақлу доно мешавем,
Масти таманно мешавем,
Мо меравем, мо меравем.

Гаҳ масту гаҳ девонаем,
Гаҳ ёру гаҳ бегонаем,
Чун чуғз дар вайронаем,
Мо меравем, мо меравем.

Дар ин ҷаҳони бевафо,
Гарчи кунем кайфу сафо,
Аз марги худ гар норизо,
Мо меравем, мо меравем.

Аз имтиҳонат, эй Худо,
Худ бигзарон рӯзи ҷазо,
Ғарқи гунаҳ аз ин саро
Мо меравем, мо меравем.

Бо лутфат, эй Парвардгор,
Ин модари шабзиндадор,
Бахшо ба ҳаққи чор ёр,
Мо меравем, мо меравем.

ХУДОҶОНАМ, НИГАҲ ДОР!

Аз раҳбари ноодил,
Аз фарзанди ноқобил,
Аз ёри баду ҷоҳил,
Худоҷонам, нигаҳ дор!

Аз инсони каҷрафтор,
Дурӯяву бадгуфтор,
Аз марди бачабезор,
Худоҷонам, нигаҳ дор!

Аз ҳамсояи ганда,
Аз ношукрии банда,
Бар мотами кас ханда,
Худоҷонам, нигаҳ дор!

Аз нохушиву туҳмат,
Аз андуҳу мусибат,
Аз офати табиат,
Худоҷонам, нигаҳ дор!

Аз душмании дӯстон,
Аз хори ин гулистон,
Аз ҷанги Тоҷикистон,
Худоҷонам, нигаҳ дор!

ЗАРРИНАИ ШОДӢ



Шодизода Заррина Ёқубӣ 30 январи соли 1975 дар шаҳри Хуҷанди вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дунё омадааст.

Ӯ соли 1992 мактаби миёна ва шуъбаи фортепианои мактаби санъати деҳаи Сарводаи н. Айниро хатм намудааст.

Заррина солҳои 1994-1999 Донишгоҳи озоди Тоҷикистонро дар шаҳри Панҷакент бо ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намудааст.

Солҳои 1994-2001 дар Китобхонаи муттамарказонидашудаи шаҳри Панҷакент ба сифати коргузор фаъолият кардааст.

Солҳои 2014-2017 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳсил намудааст.

Аз соли 2001 то ин ҷониб дар суди шаҳри Панҷакент ба сифати мудири Шуъбаи оилавӣ-граждани кор мекунад.

ВАФОДОРӢ

Дар рӯйи миз дафтар ва қаламе меистод. Соҳиби онҳо аз сабаби серкорӣ ё шояд аз боиси дигар, сари миз намеомад, дафтару қаламро мавриди истифода қарор намедод.

Аз байн рӯзҳо мегузаштанд, ба ҳафтаву моҳ бадал меёфтанд.

Дафтару қалам ҳанӯз паҳлӯи ҳамдигар буданд рӯи миз. Ва онҳо ба ҳамдигар бештар унс гирифта, ин ҳама то ҷое расида буд, ки ҳаёташонро минбаъд бе якдигар тасаввур карда наметавонистанд.

Қалам рӯзҳои дароз дар васфи дафтар шеъру тарона навиштан мехосту дафтар низ дар навбати худ ба қалам изҳори иштиёқу ҳавас зоҳир карданӣ мешуд.

Вале…

Бо вуҷуде, ки масофаи байн наздик буд, қаламу дафтар наметавонистанд ба висоли якдигар расида бошанд. Зеро висоли дафтару қалам даме муяссар шуда тавонад, ки қалам рӯи варақ бидавад, яъне ҳарфу вожа ва калимаву ибора навиштаву нигошта тавонад. Ва ин бошад, фақат бо василаи дасти инсон амалӣ гардида метавонист.

Вале дасти соҳибашон ба ин кор намерасид, яъне барои қаламро рӯи варақ давонидану навиштан ҳавас зоҳир намекард.

Дар орзуи рӯзи висол мезистанд ҳамоно ин ду ҳастӣ, яъне қалам ва дафтар. Ва рӯзу шабон дуо мекарданд, ки висолашон наздик шавад ва бирасад ин муъҷиза.

Шояд дуоҳои ҳарду мустаҷоб гардида, ки рӯзе соҳиб, яъне соҳиби хонадон омада биншаст сари миз ва нӯги қаламро тез бикард ва дафтарро кушода, ба навиштан оғоз намуд, дар ниҳоят.

Ва гуворотарин ва хушбахттарин рӯз буд ин барои қалам ва дафтари ташнаи иштиёқ…

Вале қаламу қоғаз, ба зудӣ, боз паҳлуи ҳам гузошта шуданд: яъне қалам дигар болои дафтар намедавид, варақҳои дафтар низ аз бӯсаи қалам нақши нав намеёфт дигар.

Рӯзҳои навбатӣ мегузаштанд, балки ҳафтаву моҳ пушти сар мешуда.

Соҳиб дигар сӯи онҳо намеомад, ҷониби онҳо даст намебурд.

Қаламу қоғазро чанги фаромӯшӣ пахш менамуд аз нав.

Боз рӯзҳо мегузашта. Ба ҳафтаҳо бадал меёфта. Ҳафтаҳо моҳ мешуда.

Қалам дигар қалами зебою дилрабо набуд. Балки бештар рангпарида метофт.

Дафтар низ дафтари озодаву тозаву батартиб набуд дигар, яъне бо мурури замон куҳнаву коставу пачақ мегардид.

Лекин аҷаб! Ин ду ҳастӣ, яъне қаламу дафтар ҳолиё аз зери чангу костагӣ ва фаромӯшии одамон шеърҳои ошиқона мегуфтанд ба ҳамдигар ва изҳори муҳаббат мекарданд ба якдигар.

Рӯзе аз рӯзҳо дафтар бо дили ғамину пурреш ба қалам бигуфт:

- Ёри азизу меҳрпарварам, ҳамдаму ҳамрозам. Бо тамоми вуҷуд эҳсос мекунам, лаҳзаҳои ҷудоии ману ту наздик расида, яъне, ман чунин рангзарду наҳиф шуда, нолозим гардида, соҳиб метавонад маро иваз карда бошад бо дафтари нав. Ва ту ҳам дер ё зуд ба дафтари наву тоза майл мекунӣ. Ман бошам дар танҳоӣ, дар фироқат ва ёдат бештар ҳулидаю, тика ҳам мешавам ва нобуд мегардам…

Қалам аз ин сухани ҳазини дафтар дар ташвиш ва изтироб омад, бо дилсӯзӣ ва ғамхорагӣ изҳор бикард:

- Ҳаргиз на! Ман туро ҳеҷ гоҳ иваз нахоҳам кард. Зеро лаҳзаҳои аз ҳама хотирмони саргузаштам ва зиндагиам вобастагӣ дорад ба ту. Бигзор чун пештара тару тоза набошӣ, вале ман туро чӣ хеле ки пеш дӯст дошта будам ҳанӯз дӯст бидорам. Ман ошиқи вафодори туям, ҳеҷ гоҳ бевафоӣ накунам. Ту ишқи аввалу охири ман ҳастӣ ва чунин хоҳӣ монд…

Рӯзе, дар ҳақиқат, дафтарро партофт соҳиб, ба сатили партов, ки зери миз меистод ва дафтар аз назари қалами азизи худаш нопайдо гардид.

Қалами танҳомонда ғамин бигардид, аз доғи ҷудоӣ нола кард ва суруди ҷудоӣ навиштан бихост, лек фиғони варо мешунид магар соҳибаш?

Соҳиби паси миз нишаста, рӯи миз дафтари навин гузошта буд ва қалами ошиқро ба даст гирифт. Қалам ба дафтари нав менигарист ҳайрон ва пакар.

Дафтари нав зебоандом, варақҳояш сап-сафедаки ҷилодор буд, ҳатто кадом бӯи хуше дошт, бо як нозу карашмаи хоса наззора мекард ҷониби қалам.

Ва қалам бошад, ин дафтарро бо «дафтари азизи дилаш» муқоиса

мекард. Не, ин дафтари нав наметавонад ҷойи дафтари куҳнаи пешинаи вайро бигирад, дафтаре, ки бо вай дар муддатҳои тӯлоние унс гирифта буд.

Аммо дастони соҳибмард қаламро ба дафтари нав васл карданӣ мешуд.

Қалами ошиқ чӣ сон метавонист нисбати ёри азизи собиқаи худаш бевафоӣ зоҳир бикунад?

Ангуштони дасти мард, ки қаламро медошт, онро ба дафтари нав торафт наздик мебурд.

«Не, ман нисбати ёри аввала бевафоӣ карда натавонам!» - нолаву фиғон ҳастии қалам буд, вале соҳиб ба овози вай парво дошт магар?

Ва нӯги қалам ба дафтари нав расидан замон даршикаст.

Соҳиб дар тааҷҷуб бимонд, ки чӣ хел нӯги қалам даршикаста ҳамон, ки оҳиста расонда буд рӯи варақи дафтари нав.

Ва нӯги қаламро боз тез бикард соҳиб.

Лек нӯги қалам боз даршикаст бо расиши худ ба варақи дафтари нав.

Бори дигар ҳам чунин шуд.

Соҳиб дилгир шуда, маротиби дигар қаламро тез бикард, ки нӯги он боз даршикаст.

Соҳибмард андеша кард: қалам аз истоди дуру дароз аз дарун ковоку фатарот гардида, тамом шуда, аз баҳри он баромадан лозим, аз ин боис партофташ ба сатилчаи зери миз.

Дар асл, қалам фарсуда нашуда буд, балки нӯги худро мешикаст худи худаш. Мешикаст аз ғами ҷудоӣ аз дафтари азизи дилаш, яъне аз дафтари собиқа.

«Пӯку нодаркор шудааст» - хулоса карда буд соҳибмард ва барои ҳамин қаламро афканда буд андаруни сатилчаи партов.

Ва афтида буд болои дафтари куҳна қалам. Дафтаре, ки андаруни сатили партов меистода ҳанӯз.

Ду ёри қадим, акнун, буданд якҷо. Тарабу фараҳ зоҳир кардан мехостанд аз ҳамоғӯш буданашон. Ҳарчанд медонистанд; дер ё зуд ин сатилчаро мебаранду чизҳои дарунашро ба партовҷо холӣ карда бармегарданд.

Вале дафтару қалам аз он таскини дил доштанд, ки лаҳзаҳои охири умрашон оғӯш ба оғӯш мондаанд.

Баъдан чун дар партовҷойи дур рехта шуданд, аз ҳамдигар дур не, балки якҷоя буданд, ин имкон медод якҷо рӯ ба фарсудагӣ биоваранд ва якҷо хок бишаванд ва хокашон ба ҳам биомезад, як зарраи хоки замини азими гардон шавад, аз ин хоки пайваста гули вафо бирӯяд, ки атрофро музайяну ороставу муаттар гардонад ва дар шохааш булбулон нишаста таронаи вафо ва ғазали муҳаббат тараннум бикунанд, аз ин, дунё огаҳӣ биёбад бори дигар аз ишқи кӯтаҳу фоҷиабор, вале самимиву ҳаққонии онҳо ва асрори муъҷизабори муҳаббати ҳамешагӣ…

ЗИЁД АШӮР



Зиёд Ашӯр (Ашӯров Зиёд Бегимович) 5 октяри соли 1960 дар деҳаи Дардари ноҳияи Айнии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон чашм ба олами ҳастӣ кушода, маълумоти миёнаи умумиро дар ҳамин ҷо ба даст овардааст. Баъди адои хизмати ҳарбӣ соли 1982 фаъолияти кориашро дар Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон шурӯъ намуда, дар барқарор намудани сохти конститутсионии ҷумҳурӣ саҳми босазои худро гузоштааст. То соли 2002 адои вазифа намуда, бо рутбаи капитани милитсия ба нафақа баромад.

Дар деҳаи Ҳаёти нави ҷамоати деҳоти Ҳисори шаҳри Ҳисор умр ба сар мебарад. Бо таклифи сарвари МТМУ - № 8 шаҳри Ҳисор соли 2010 ҳамчун омӯзгори фанни омодагии дифои ҳарбӣ дар деҳаи худ ба шогирдон дарс дода, ифтихори онро дорад, ки шогирдонаш дар сафи Қуввахои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат карда истодаанд. Ӯ Абдуллоев А-ро дар ҷодаи омӯзгорӣ устоди худ дониста, пайваста эҷод менамояд. Эҷодиёташ дар рӯзнома ва маҷаллаҳои шаҳри Ҳисор ба табъ расидааст.

ИСТИҚЛОЛИЯТ

Чунин сулҳу ваҳдатро,
Ғамхории давлатро.
Рушди ҳама миллатро,
Дидам андар истиқлол.

Озодии инсонро,
Оромии давронро,
Ободии маконро,
Дидам андар истиқлол.

Ифтихори хештанро,
Роҳати ҷону танро,
Меҳри Модар-Ватанро,
Дидам андар истиқлол.

Қаҳрамони замонро,
Пешвои тоҷиконро,
Сарвари боимонро,
Дидам андар истиқлол.

САРБОЗИ ВАТАН

Артиши шабзиндадору чусту чолоки Ватан,
Душманат гардад ҳамеша зери ин хоки Ватан.
Шаб нахуфтанхои ту оромии халқу Ватан,
Ҳар касе ранҷат диҳад, ӯ шахси нопоки Ватан.

Саф кашидӣ чун алиф зери дирафши Ковиён,
Аз Курӯшу Суғду Деваштичу Сомонӣ нишон.
Бо низому шуҳратат афзуд нуфузат дар ҷаҳон,
Бо қӯшунҳои мусаллаҳ ифтихори Ориён.

Эй ту фарзанди замон, сарбози ин майдон бош,
Ҳам ҳунар омӯзу ҳам созандаи даврон бош.
Шукри ин даврон намо, пайгири устодон бош,
Чун ба устодӣ расӣ, устоди шогирдон бош!

Эй ту сарбози силаҳбишкан, ҳимоятгар туӣ,
Шодию хурсандию дилпурии Модар туӣ.
Ифтихори ҳар падар, сарбоз бошад гар писар,
Фахр дорам ман, агар гӯям ватанпарвар туӣ.

ИЛМУ АДАБ ЯК ҶО ШАВАД

Илму амал воло шавад,
Дониш зи он пайдо шавад.
Ҳар як ҷавон доно шавад,
Илму адаб як ҷо шавад.

Пайдо шавад касбу ҳунар,
Созандагиҳо дар назар.
Аз саҳнаҳо бологузар,
Илму адаб як ҷо шавад.

Ҳар шахсро пурнур кунад,
Кибру ғурурро дур кунад.
Савту наворо пур кунад,
Илму адаб як ҷо шавад.

Ҳифзат намояд доимо,
Бар ҷону тан орад шифо.
Ҷоно, ҳунармандӣ намо,
Илму адаб як ҷо шавад.

БОҒИ ПАРЧАМ

Парчами мо аз баландиҳо парафшон мешавад,
Шавкати миллат зи мавҷи ӯ намоён мешавад.
Зеби «Боғи Парчам» аст ин рамзҳои давлатӣ,
Ҳар замоне бингарам, қалбам дурахшон мешавад.

Дар бари Парчам ҷило дорад нишони давлатӣ,
Дар гиребону кулоҳи дидбони давлатӣ.
Орзу дорам, ки халқам бо суруди миллиаш,
Пой бар майдон ниҳад чун посбони давлатӣ.

Бо ҳама рамзи саодат Тоҷикистон зинда бод,
Бо суруду сулҳу ваҳдат Тоҷикистон зинда бод!
Тоҷикистон бо нумӯи тоза бошад устувор,
Пешвояш раҳнамо, ин шаъни миллат зинда бод!

РӮЗИ ДОНИШ

Марҳабо бар маҳфили имрӯзи дониш, марҳабо,
Марҳабо бар даргаҳи одобу кӯшиш, марҳабо.
Дарси Сулҳи Пешворо кардаӣ сармашқи кор,
Омадӣ бо сарбаландӣ баҳри хониш, марҳабо.

Мақсади хондан намову даст зан бар илму фан,
Бар китобу дафтару ободии мулку Ватан.
То бигардӣ бовафову босаводу боҳунар,
Ифтихори халқ гардӣ як замон, эй ҳамватан!

Донишомӯзӣ намову бош ҳам марди ҳунар,
Вой бар он бесаводе, ки нагардад хушназар.
Бесаводу беҳунар рӯзе пушаймон мешавад,
Он пушаймонию ҳайронӣ надорад суд дигар.

Муътабар кардаат моро даргаҳи илму адаб,
Рӯзу шаб хонем мо дар саргаҳи илму адаб.
Саргаҳи илму адабро устодон, раҳнамо,
Оқилу доно бигардем дар раҳи илму адаб.

ВАҲДАТ

Марҳабо бар ҷашни Ваҳдат, марҳабо,
Аз дилу ҷон бо муҳаббат, марҳабо!
Бар диёри ҷаннатосо омадӣ,
Як дуо бар халқу миллат, марҳабо!

Халқи мо меҳнаткашу созанда аст,
Сулҳу Ваҳдат ҳам ба ӯ арзанда аст.
Шукри ин рушду нумӯи зиндагӣ,
Ҳар кӣ меҳнаткаш бувад, ёбанда аст.

Офтобо, хуб нур афшон ба мо,
Неру бахшо бар гиёҳу ҳам ғизо.
Мо ҳама бо Ваҳдати худ зиндаем,
Ваҳдати моро нигаҳбон шав, Худо!


САРҚОНУН

Армони ниёгони манӣ, Сарқонун,
Мероси дурахшони манӣ, Сарқонун.
Ороми тану ҷони манӣ, Сарқонун,
Ободии даврони манӣ, Сарқонун.
Сарқонуни арзанда, ту ҷовид бошӣ,
Нурат ба мисоли шед бар мо пошӣ.

Бо конуну парчамат зафарҳо дорам,
Бо кишти муроди худ самарҳо дорам.
Рӯ ҷониби оянда сафарҳо дорам,
Орзую умеду хуш назарҳо дорам.
Сарқонуни арзанда, ту ҷовид бошӣ,
Нурат ба мисоли шед бар мо пошӣ.

Донистани қонун, ки бувад вичдонам,
Волоияташ қарзи вуҷуди ҷонам,
Бо миллати худ ҳамеша ман меболам,
Бо сулҳу салоҳу ваҳдати давронам.
Сарқонуни арзанда, ту ҷовид бошӣ,
Нурат ба мисоли шед бар мо пошӣ.

ЗУБАЙДУЛЛОҲИ АМОНУЛЛОҲ



Зубайдуллоҳи Амонуллоҳ (Ҷомаҳмадов) 1-уми октябри соли 1966 дар деҳаи Марғедари ҷамоати деҳоти Рӯдакии ноҳияи Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон зода шудааст.

Соли 1991 Донишкадаи техникии ба номи Абӯрайҳони Берунии шаҳри Тошкандро хатм намудааст.

Чанде ба ҳайси муҳандиси кони мармари Тиллогул ва муаллими омодагии дифои ҳарбии мактаби зодгоҳаш кор кардааст.

Аз соли 2002 то ин дам ба ҳайси муҳандиси нақбҳои кӯҳӣ дар конҳои алмоси Айхали шаҳри Мирнийи Ҷумҳурии Саха-Якутия фаъолият дорад.

Оиладор, соҳиби чор фарзанд бо номҳои Бахтафрӯз, Меҳрафрӯз, Сапеда ва Шамшер мебошад.

Маҷмӯаҳои ашъораш то имрӯз бо номҳои: «Тулӯи оташранги меҳр» (2008), «Гулҳои зери барф» (2009), «Бозгашти субҳи умед» (2010), «Ашки ғам» (2012), «Хокистар аз оташ» (2013) ва «Оҳе, ки аз ҷигар» (2015) нашр гардидаанд.

ПАНДИ МОДАР

Дар кӯчаҳои ҳастӣ ҳаргиз марав парешон,
Ё аз паси замин шав, ё аз паси замон шав!
Ин аст панди модар, яъне, ки пухтадон шав!

Дар умр роҳи нав ҷӯ, то кӯйи бахт ёбӣ,
Ё шуҳраи замин шав, ё моҳи осмон шав!
Ин аст панди модар, яъне, ки ину он шав!

Як шуъла тоб афзо, баҳри дурахши исмат,
Чун офтоби сӯзон фирӯзаи ҷаҳон шав!
Ин аст панди модар, хуршеди ҷовидон шав!

Чун оби чашмасорон афзо ба обшорон,
Борони навбаҳорон, ҷӯшандаву дамон шав!
Ин аст панди модар, дар ҷӯйи Ҳақ равон шав!

МЕҲРИ ГӮЁ

Ман забон бикшодаам бо номи модар тоҷикӣ,
Мекашам бо ин забон дар ришта гавҳар тоҷикӣ.
Меҳри модар ҳамсадо бо меҳри Меҳан будааст,
Ман ато кардам ба Меҳан мушку анбар тоҷикӣ.

Шуд баланд овози пири маърифат аз Панҷрӯд,
Гашт пайдо шеъри нав бо лафзи шаккар тоҷикӣ.
Борбад бо лаҳни оламгири худ дунё гирифт,
Нағмаҳои «Шашмақом»-у нури ховар тоҷикӣ.
Шукри соҳибдавлативу шукри истиқлоли мо,
Шуд муҳайё баҳри миллат рамзи кишвар тоҷикӣ.
Кӯҳсори пур зи сангам кишвари мардони род,
Кӯҳу сангу обу хокаш беҳтар аз зар тоҷикӣ.

ТОҶИКӢ

Ёди модар мекунад лафзу каломи тоҷикӣ,
Лафзи ӯ омӯхт моро ин паёми тоҷикӣ.
Дар миёни халқи олам фахр дорам бо сухан,
Медиҳам, ду даст пеши бар, саломи тоҷикӣ.
Ҳурмати пирон барои ман азиз аз қисмат аст,
Пос медорам ба ҳиммат эҳтироми тоҷикӣ.
Кӯҳсори кишварам бодо ба олам сарбаланд,
Ифтихори ман баланд омад ба номи тоҷикӣ.
Мебарад ҳар ҷо яке аз бодаи Хайём ҳарф,
Ман ба лаб ин ҳарф мегирам ба ҷоми тоҷикӣ.
Манзили дил хоки поки Тоҷикистон кардаам,
Шукри ҷову кулбаву девору боми тоҷикӣ.
Дар ғарибӣ, эй Зубайдуллоҳ, надорӣ зиннате,
Зиннате дорад ба номат интизоми тоҷикӣ.

НАМЕДОНАМ

Намедонам, чӣ мегардам, Худоё,
На бо гармам, на бо сардам, Худоё!
Ҳама аз мардӣ мелофад, чӣ созам,
Ба бахти сахт номардам, Худоё?
Ҳама бо фазл мегирам, ки ёбам,
Ба ҳоли ҳиммат аз дардам, Худоё!
Ба рӯйи нокасон дидан гуноҳ аст,
Бубин аз чеҳраи зардам, Худоё!
Дили тангам ҳама фарёд дорад,
Ба даври ишқ мегардам, Худоё!
Зубайдуллоҳ, ба Ҳақ хоҳам расидан,
Ки дар Ҳақ рӯй овардам, Худоё!

ШАРАФ АСТ

Эй писар, хондани Қуръон шараф аст,
Ёфтан маснади ирфон шараф аст.
Зиндагӣ бо ҳама зеру забараш,
Мушкил аз ёфтан осон шараф аст.
Суҳбати марди ҳунарманд накӯст,
Панди мардони баимон шараф аст.
Эътибори ману ту дар номус,
Ҳикмати ҳарфи ниёгон шараф аст.
Кӯш, бо халқи Худо ёр шавӣ,
Ҷустани улфати Яздон шараф аст.
Гар ҳамоварди Зубайдуллоҳӣ,
Бошараф бош, ки вичдон шараф аст!

БА ДУХТАРИ ДЕҲОТӢ

Ту оғози суруди ман,
Ту оғози дуруди ман.
Зи ишқат тору пуди ман,
Туӣ ҳастӣ, вуҷуди ман.

Дилам сози ту мехоҳад,
Ҳама нози ту мехоҳад.
Ту меоиву созатро,
Ба овози ту мехоҳад.

Туӣ дар орзуи ман,
Камоли гуфтугӯйи ман.
Зи кӯят бол мегирад,
Хаёли ту ба кӯйи ман.

Ҷавониям! Ҷавониям!
Умеди умри сониям!
Туро мехоҳам аз дунё,
Ба бахти ҷовидониям!

ЁҚУТИСТОН

Кишвари сабзу тар зи боронҳо,
Кишвари пур зи барфу яхбандон.
Кони тиллову симу нуқраву зар,
Кишвари мардумони нек ба ҷон.

Ёқутистон, ба номи пургуҳарат,
Самар аз зевари ту дорад ном.
Ҳама дороии ҷаҳон аз ту,
Номи некӯят аз Худо инъом.

Кӯҳсорат мисоли кишвари ман,
Рӯдҳоят чу Зарфишон ҷорӣ.
Ёқутистон, чу Тоҷикистонам,
Дар канори ту ёфтам ёрӣ.

АШКИ САРИ МИЖГОН

Ашки сари мижгон ба самар марди муҳоҷир,
Бе бистару бе хонаву дар марди муҳоҷир.
Дар шаҳри ғарибони Худо ризқ биҷӯяд,
Ҳар рӯзи Худо ҳоли батар марди муҳоҷир.
Дур аз Ватану хонаву аз бистари гармаш,
Дур аст ҳам аз кӯҳу камар марди муҳоҷир.
Бо ёди Ватан бодхури бодияи вақт,
Дар орзуи ҳарфу хабар марди муҳоҷир.
Дар дафтари Меҳан варақи сабзи хаёлаш,
Аз зардии рангаш ҳама зар марди муҳоҷир.
Бе ёру бародар, ба ғами модари зор аст,
Хуни ҷигару доғи падар марди муҳоҷир.

БИШНАВ, ЭЙ ДӮСТ!

Дилам фарёд дорад, бишнав, эй дӯст!
Ҳавои дод дорад, бишнав, эй дӯст!
Хазон гардад баҳори рӯзгорон,
Ҷавонӣ ёд дорад, бишнав, эй дӯст!
Ғарибонро ғарибӣ чорагар шуд,
Ғамаш бо бод дорад, бишнав, эй дӯст!
Қафасҳоро шикастан чора ин буд,
Ки раҳ озод дорад, бишнав, эй дӯст!
Шароби кӯзаи ҳастӣ чӣ талх аст,
Ба сар бунёд дорад, бишнав, эй дӯст!
Вафои дӯстонро каъбаи дил,
Раҳи иршод дорад, бишнав, эй дӯст!
Зубайдуллоҳи мискин нола дорад,
Ки ин эҷод дорад, бишнав, эй дӯст!

ИБОДУЛЛОИ РАҶАБ



Ибодуллои Раҷаб соли 1969 дар деҳаи Косатароши ноҳияи Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дунё омадааст. Мактаби миёнаи №25-уми деҳаи Филмандарро хатм кардааст. Айни замон корманди Корхонаи Муштараки «Зарафшон».

Шеърҳояш дар рӯзномаҳо, китоби дастҷамъии «25 гуфтор» (Душанбе, 2016) ва маҷмӯаи аввалинаш «Сарчашма» (Душабе, 2007) чоп шудаанд.

РӮДАКӢ

Офтоби пурзиёи кӯҳсорӣ, шоиро,
Чун навои дилрабои обшорӣ, шоиро.
Аз Зарафшони сухан овозаат бар арш рафт,
Шабнами гулҳои боғи навбаҳорӣ, шоиро.
Бо забони тоҷикӣ машҳури дунё гаштаӣ.
Баҳри авлоди башар сад ифтихорӣ, шоиро.
Аз Самарқанду Бухоро бӯйи шеърат мерасад,
Тоҷи шеъри тоҷикони тоҷдорӣ, шоиро.
Як ҳазору яксаду панҷоҳ солат рафтааст,
Шамъи оламтоб дар ҳар рӯзгорӣ, шоиро.
Лоиқе бархост аз гаҳвораи тифлии ту,
Дар ҷаҳон ин гуна ҳам фарзанд дорӣ, шоиро.
Зикри ҷӯйи Мӯлиён вирди забони анҷуман,
Дар замину осмон анвор борӣ, шоиро.
Сад наво дорад Зарафшон аз китоби шеъри ту,
Сархати шеъру суруду азми корӣ, шоиро.
Бо ҳазор ово ҳазорон васфи килкат мекунанд,
Бо ҳазор абёт устоди ҳазорӣ, шоиро.
Рӯдакиё, як нигоҳи лутф бахшо бар Ибод,
Ин ҷаҳон фонист, даҳри пойдорӣ, шоиро.

* * *

Марҳабо, эй ҷону ҷонон, бар диёри Рӯдакӣ,
Бар диёри хушҳавову файзбори Рӯдакӣ.
Дар Самарқанду Бухорои Шарифу дар Ҳирот,
Тоҷикон доранд арҷу ифтихори Рӯдакӣ.
Шукри дидори Шумову шукри шодӣ, дӯстон,
Накҳати гулҳо расад аз навбаҳори Рӯдакӣ.
Дастҳо пеши бару ҳарфи таманно бар забон,
Марҳабо, бар сарзамини зарнисори Рӯдакӣ.
Сайқали шоҳонаат афзун, Самарқанди азиз,
Мову ту хонем шеъри ширадори Рӯдакӣ.

Шоҳи ваҳдат, марҳабо, бар ҷашни султони ғазал,
Аз нигоҳат гул кунад хори диёри Рӯдакӣ.
Халқи олам бар диёри Рӯдакӣ ҷамъ омаданд,
Зинда монад дар ҷаҳон шеъру шиори Рӯдакӣ.
Сад дуо гӯйӣ ба рӯҳи пири пирони Сухан,
Кам намегардад, Ибод, аз сар хумори Рӯдакӣ!

ШАҲРИ БАХТИ ТОҶИКОН

Шаҳри ободу дилороӣ, Душанбе,
Шаҳри ишқу орзуҳоӣ, Душанбе.
Пойтахтам, мазраи сабзи умедам,
Шаҳсутуни осмонҳоӣ, Душанбе.
Ҳар куҷо бошам, туӣ андар дили ман,
Субҳи тобони таманноӣ, Душанбе.
Шаҳри бахти тоҷикони рӯйи дунё,
Ту нигини тоҷи дунёӣ, Душанбе.
Шаҳри дилҳои кушода, чеҳраи боз,
Дидаи бо меҳр биноӣ, Душанбе.
Шаҳри гул, шаҳри ҷавонию муҳаббат,
Шаҳри Маҷнун, шаҳри Лайлоӣ, Душанбе.
Ҳар саҳар хуршед бӯсад парчаматро,
Ифтихору номи болоӣ, Душанбе.
Тоҷикистон, асли буду ҳастии мост,
Чун дили поку мубарроӣ, Душанбе.

ЗАРАФШОН, МОДАРИ ҶОНАМ…

Зарафшон, бо насими кӯҳсорони ту менозам,
Қатори сабзаҳо бо абру борони ту менозам.
Ба он гулхандаҳои гулрухонат гул шавад мафтун,
Ҳама дам бо суруди андалебони ту менозам.
Бубахшад қатраҳоят ганҷҳо бар махзани тоҷик,
Зи оби ганҷбахши чашмасорони ту менозам.
Парешон мешавад чун кокулони духтарон обат,
Ба гесувони обии парешони ту менозам.
Расад аз кӯчабоғи ҳусн овози чаманафрӯз,
Дилам шайдои гулҳои баҳорони ту менозам.
Ҷавонони саодатманди ту фахри ватан бошанд,
Зи бахти неку иқболи ҷавонони ту менозам.
Ту бо ҳусну ҷамолат боғи сарсабзу шукуфонӣ,
Зи сабзишҳои боғу саҳну майдони ту менозам.
Зарафшон, ҷовидон монӣ ҳамеша дар бари дунё,
Манам ҳамрози амвоҷат, зи ҷавлони ту менозам.

Ту аз мо бар Самарқанду Бухоро мебарӣ пайғом,
Ба он дилҳои пазмони азизони ту менозам.
Ибодулло нишаста дар бари домони ту чун тифл,
Зарафшон, модари ҷонам, ба домони ту менозам.

* * *

Ёд орам, модари ҷон, ҳар замон бому дарат,
Аллагӯиҳои ширину шукӯҳи манзарат.
Баҳри ман афсона мегуфтӣ, ки хобам то саҳар,
То ҳанӯзам, модари ҷон, кӯдаки ҷонпарварат.
Халтаи ҷурғот дар шохи дарахти ток буд,
Қатраи зардоби дил мерехт чун ашки тарат.
Ҷойи нон ғам хӯрдаӣ аз давраи хони фалак,
Ашки ҳасрат мечакид аз чашми пурмеҳри сарат.
То саҳар гаҳвора меҷунбондӣ бо дасти умед,
Бо муҳаббат парваридӣ рӯзу шаб андар барат.
Ту маро аз синаи раҳмат намекардӣ ҷудо,
Хуш биҳиште доштам ман дар канори Кавсарат.
Шири дегат ҳар пагоҳӣ буд ризқи тифлакон,
Шир мепухт аз шарори он дилу аз ахгарат.
Куртаи бечорагии ту пур аз дарбеҳ буд,
Нур мерехт аз ду чашму қалби инсонпарварат.
Он замон дар кӯлвори кӯдакӣ чизе набуд,
Зиндагӣ мекардӣ бо сабру қарору боварат.
Ҷайби ман аз гандуми бирён ҳамеша буд пур,
Мушти пар будиву мо будем он болу парат.
Шол мемондӣ ту аз он риштаҳои кандагӣ,
Тору пудаш ранҷ медоданд дасти лоғарат.
Рӯзҳое, ки гузашта бо ҳазорон хориҳо,
Ман намегӯям, парешон то нагардад хотират.
Эй Ибодулло, ба ёд овардӣ даври бачагӣ,
Ин ғазал поянда монад нақш андар дафтарат.

ҶАВОНӢ БАРНАМЕГАРДАД

Дареғо, дӯстони ман, ҷавонӣ барнамегардад,
Баҳори гулфишони ман, ҷавонӣ барнамегардад.
Ҷаҳон пур аз муҳаббат буду ҷавлони ҷавониҳо,
Нигори меҳрубони ман, ҷавонӣ барнамегардад.
Ғазалҳо гуфтаам дар васфи айёми ҷавониям,
Ғазалҳои равони ман, ҷавонӣ барнамегардад.
Гумон кардам, ки айёми ҷавонӣ ҳамдами умр аст,
Хато омад гумони ман, ҷавонӣ барнамегардад.

Ба нахлам ошёне дошт шаҳбози ҷавонӣ, оҳ,
Дигар бар ошёни ман ҷавонӣ барнамегардад.
Замину осмон гулхез аз файзи ҷавонӣ буд,
Замину осмони ман, ҷавонӣ барнамегардад.
Зарафшон бо суруди мавҷҳо гӯяд ба ман ҳар дам:
Шунав, ороми ҷони ман, ҷавонӣ барнамегардад.
Ман аз рангинкамон ранги ҷавонӣ ҷӯям аз дигар,
Чу тире аз камони ман, ҷавонӣ барнамегардад.
На гул монду на овои хуши булбул дар ин гулбоғ,
Умеди бехазони ман, ҷавонӣ барнамегардад.
Ибодулло, ду-се рӯзе дар ин дунё ҷавонӣ кард,
Дигар сӯйи ҷаҳони ман ҷавонӣ барнамегардад.

* * *

Маро дар ошиқӣ афсона кардӣ,
Басо ҳушёрро мастона кардӣ.
Ба саҳрои фироқ овора гаштам,
Гадои ҳусни он ҷонона кардӣ.
Рабудӣ ақлу ҳушам, эй парирӯй,
Маро аз хештан бегона кардӣ.
Китоби ҳасрати Маҷнун кушодам,
Дили фарзонаам девона кардӣ.
Ду рухсорат, нигоро, моҳу хуршед,
Ба гирди шамъи рух парвона кардӣ.
Ба афсуни нигоҳи наргиси маст,
Ҳарифи бодаву паймона кардӣ.
Маро аз кӯйи ошиқ кай хабар буд,
Ба ҷойи ҷонам, эй гул. хона кардӣ.
Ибодулло ба дунёи ғазал рафт,
Дареғо, қалби ӯ вайрона кардӣ.

ИБОДУЛЛОҲИ СОЛЕҲ



Ибодуллоҳи Солеҳ (Солиҳов Ибодулло Саъдуллоевич) 5-уми январи соли 1962 дар деҳаи Лоҳутии ноҳияи Ховалинги вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оилаи зиёӣ чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Модари Ибодуллоҳ зодаи деҳаи Пули Гирдоби ҷамоати деҳоти Моғиёни ноҳияи Панҷакент мебошад.

Дар муассисаи таҳсилоти ҳамагонии деҳаи Лоҳутӣ солҳои 1969-1979 таҳсил намуда, солҳои 1981-1983 дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Иттиҳоди Шӯравӣ хизмат кардааст.

Соли 1983 ба Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 1988 бо ихтисоси зоомуҳандис хатм кардааст. Баъди хатми донишгоҳ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ дар вазифаҳои гуногуни раҳбарӣ кор карда, айни замон ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мебошад.

Ба эҷод намудани шеър шавқи беандоза дошта, бо тахаллусҳои «Ҳоҷӣ» ва «Солеҳ» шеър мегӯяд.

Соли равон маҷмӯаи нахустини ашъораш бо номи «Ишқи зиндагӣ» дастраси хонандагон гардид.

ТОҶИКИСТОН ВАТАНАМ

Тоҷикистон, Ватанам, ҷон Ватанам, ҷон Ватанам,
Намакат захр шавад бе ғами ту дар баданам.
Шавад об ин дилу хок ин тани ман дар ғами ту,
Бе ту обе бихӯрам, хок шавад дар даҳанам.
Сози дарёт навозиш бикунад гӯши маро,
Дил агар аз ту канам, риштаи дилро биканам.
Наканад меҳри дилам, то наканад риштаи умр,
Тору пудам биканад, риштаи меҳрат битанам.
Кӯҳ гаҳвораву ҳар санги ту болишти ман аст,
Ҳамчу атре бибарам бӯи туро дар кафанам.
Меҳри ту гашта равон дар рагу шарёни ман аст,
Меҳри ту ҳеҷ нагунҷад ба дилу дар суханам.

ИСТИҚЛОЛ

Чист истиқлол? Меҳан доштан,
Ҷомаи номус бар тан доштан.
Меҳри поке бар ҳама халқу диёр,
Ғайрате бар рағми душман доштан.
Шукри ваҳдат, шукри неъматҳои ӯ,
Роҳ бар фардои равшан доштан.

Бо забони модарӣ бо ифтихор
Дар танӯри шеър пухтан доштан.
Дар фазои беғубори ин диёр
Сайр дар гулзору гулшан доштан.
Дар раҳи фардои миллат машъале
Андаруни сина гулхан доштан.
Ҷоннисори марзу буми ин Ватан,
Азми чун фӯлоду оҳан доштан.

БӮЙИ ҶОН ОЯД ҲАМЕ

Бӯйи ҷон аз Моғиён[12] ояд ҳаме,
Бар тани афсурда ҷон ояд ҳаме.
Пул ба дилҳо шуд Пули Гирдоби ӯ,
Оби ҷӯяш дафзанон ояд ҳаме.
Оби Лойаш софтар аз ҷони мо,
Аз баҳоре армуғон ояд ҳаме.
Пушти Қӯрғон меравам доманкашон,
То зи пуштам сад ҷаҳон ояд ҳаме.
Парчами хуршед чун рангинкамон
Рӯи бомаш парфишон ояд ҳаме.
Аз дили ман мавҷзан дарёи ӯ
То Зарафшон зарфишон ояд ҳаме.
Бар сарам ояд хумори баччагӣ,
Аз дилу ҷонам фиғон ояд ҳаме.

БА МОДАР

Обод олами мо аз як дуои модар,
Сад садди раҳ шикаста аз як садои модар.
Шири сафеди ӯ шуд шеъри сафеди шоир,
Боло набуда шеъре аз аллаҳои модар.
Гар бахти худ биёбем дар олами ҳаводис,
Дар олами дили мо холист ҷои модар.
Ғарқи гунаҳ шавад даҳр аз оби дидаи ӯ,
Ашке агар бирезад аз дидаҳои модар.
Хушбахти олам астем аз ҳар каломи некаш,
Ҳарфи хуше наёбем андар баҳои модар.
Розӣ аз ин ҷаҳону розӣ зи хеш бошем,
Розӣ зи мо Худо ҳам, бошад дуои модар.
Ҷанноти нақди одам бошад канори модар,
Ҷанноти ҳарду олам дар пеши пои модар.

[12] Номи ҷамоат ва деҳаҳо дар ноҳияи Панҷакент – зодгоҳи модари шоир

АНДЕШАҲО ДАР ТАНҲОӢ

Ҳарзаҳои беши мо аз мастии бисёр нест,
Ё ки ман бисёр мастам, ё касе ҳушёр нест.
Бодаи лабҳои майгунат ба ёд ояд маро,
Пас, чу Мансури Ҳалоҷ андешае аз дор нест.
Ҳасрати гуфтор бешу ҷуръати гуфтор не,
Ҳоҷатам бисёр ҳасту ҳоҷати гуфтор нест.
Ҷомаи шарму ҳаё бар тан агар зебанда аст,
Ифтихори мо вале аз ҷомаву дастор нест.
Нест парвое агар аз бохту бурди ҷаҳон,
Ошиқонро ишқбозӣ бозии душвор нест.
Кӯр гашта сатрҳо чун ҷӯяи нокиштаҳо,
Деҳқони табъи моро дафтару ашъор нест.
Ҳайф бошад, гар набинад чашми равшан сӯзи мо,
Кӯрро дар шоми тира равшанӣ даркор нест.

ТУРО ХОҲАМ

Гар ту мехоҳӣ, намехоҳӣ маро, хоҳам туро,
Солу моҳу рӯзу шаб танҳо туро хоҳам, туро.
То ба ҳусни дигаре хоҳам, ки бинам рӯи ту,
Дар дуову дар намозам аз Худо хоҳам туро.
Ҷуз вафо чизе нахоҳам аз ҷаҳони ишқи ту,
Аз ҷаҳони бевафо, эй бевафо, хоҳам туро.
Хунбаҳо аз ту намехоҳам, биё, хунам бирез,
Дар баҳои ҷони худ, эй бебаҳо, хоҳам туро.
То зи ман бегонаӣ, бегонаам аз ақли хеш,
Бо дили дардошно, эй ошно, хоҳам туро.
Ҳар нафас дорам ҳавас, бошӣ ту бо ман ҳамнафас,
Дар нафасҳои пасинам чун ҳаво хоҳам туро.
Гар ту медонӣ, намедонӣ, намедонам дигар,
Гар ту мехоҳӣ, намехоҳӣ маро, хоҳам туро.

ХУШАМ МЕОЯД

Ғамзаву нозу адои ту хушам меояд,
Иффату шарму ҳаёи ту хушам меояд.
Гар дусад бор маро таънаву тавҳин бикунӣ,
Ҳам дусад бор садои ту хушам меояд.
Пайрави қофияи байти лаби майгунат,
Ман радифам зи қафои ту, хушам меояд.

Чӣ ҷафо аст балои ғами деринаи ту,
Чӣ бало аст ҷафои ту, хушам меояд.
Наравад ёди рухат ҳеч гаҳе аз ёдам,
Дами маргам зи адои ту хушам меояд.
Ман хушомад бикунам, лек наёяд ба ту хуш,
Хушии даҳр барои ту хушам меояд.

НОЗИ ЗАНОНА

Борон тарона дорад, нози занона дорад,
Ширин фасона дорад, нози занона дорад.
Хушрӯст беди маҷнун, чун ошиқи ҷигархун,
Мӯҳора шона дорад, нози занона дорад.
Дарё бувад шитобон, бо хеш ӯ ба исён,
Дарди замона дорад, нози занона дорад.
Гоҳе чу абри хотир андешаҳо шавад тир,
Ашки равона дорад, нози занона дорад.
Хуршеди бахт хандад аз субҳи рӯи ҷонон,
Меҳри ягона дорад, нози занона дорад.
Рӯят чу моҳи олам, аз сина мебарад ғам,
Шарми занона дорад, нози занона дорад.

ДУБАЙТИҲО

Шароби макри ишқат нӯш созам,
Ба ҳар фанду фиребат гӯш созам.
Занӣ оташ ба қалби пуршарорам,
Ба оби дидаам хомӯш созам.

Гаҳе сила, гаҳе сил мекунӣ ту,
Фишору сактаи дил мекунӣ ту.
Ба «бисмиллаҳ» қасам хӯрдӣ, ки ёрӣ,
Чу душман лек бисмил мекунӣ ту.

Ғами шеъри тарам бӯйи ту дорад,
Тамоми пайкарам бӯйи ту дорад.
Шароби васли ту дар соғарам нест,
Сабӯву соғарам бӯйи ту дорад.

ИБРОҲИМИ МИРМУҲАММАД



Иброҳими Мирмуҳаммад 27-уми декабри соли 1978 дар рустои Косатароши шаҳри Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар хонадони коргар ба дунё омадааст. Таҳсили ибтидоиро деҳаи Филмандар фаро гирифта, баъдан дар мактаби зодгоҳаш соли 1994 маълумоти миёнаи умумиро соҳиб мешавад. Бо вуҷуди дониши хуб доштан, авзои давр монеи донишомӯзии ӯ мегардад. Аз ин рӯ соҳиби маълумоти миёнаи махсуси техникӣ мегардад. Айни ҳол корманди корхонаи муштараки «Зарафшон» мебошад.

Аз овони наврасӣ ба шеър дилбастагӣ дорад.Ашъори бузургонро дӯст медорад ва дар пайравии онон шеър эҷод мекунад. Нахустин китоби ашъорашро таҳти унвони «Зангӯлаи ашк» манзури хонандагон гардонид.

Шеърҳои ӯ ба китобҳои дастаҷамъии «25 гуфтор» ва «Наврӯзи Зарафшон» дохил шудаанд. Инчунин, баъзе шеърҳояш дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ ҷой ёфтаанд.

Ҳоло китоби дуюмаш омодаи чоп аст.

АВЗОИ ЗИСТАН

Зи санге панд гир, эй марди оқил,
Агар сарзер гардад, пас нагардад.
Яқин дон, ки ягон инсони комил
Зи бухли синаат вопас нагардад.

Назар кун чеҳраи гулро ҳамеша,
Ба олам чеҳраи пурханда дорад.
Намедонад, ки умри кӯтаҳаш ҳаст,
Ба худ нозад, ки ӯ оянда дорад.

Зи дарё ёд гир авзои зистан,
Ҳамеша бо талотум дар шитоб аст.
Валекин ин замини ташнаи зор
Ҳама атрофи он муҳтоҷи об аст.

Аҷаб дунёи ҳасратзост ин ҷо,
Ҳама андешаи андуҳ дорад.
Наёбӣ дар ҷаҳон маъвои хилват,
Агар сад ҷангали анбӯҳ дорад.

НАМЕБИНАМ ТУРО

Нозанинам, дар куҷоӣ, дар куҷо?
Дар куҷоӣ, ки намебинам туро?
Ё шудӣ монанди анқо нопадид,
Аз назарҳо, ки намебинам туро?

Сӯйи ошиқ кай нигоҳе мекунӣ?
Не, магӯ ҳаргиз, табоҳӣ мекунӣ.
Худ бигӯ, то кай ту меозориям?
То ба кай ту дилсиёҳӣ мекунӣ?

Ҷуз ту дигар дилбаре даркор нест,
Ғайри ту ёри шакаргуфтор нест.
Ишваву нози ту мезебад туро,
Ҷони ман мислат дигар дилдор нест.

Кош, мебудӣ даме ҳамбистарам,
Кош, мебудӣ ҳамеша дар барам.
Кош, мекардӣ даво қалби маро,
Кош, мегардидӣ умре дилбарам.

Гар равӣ аз ман, наосоям даме,
Синаро гирад фаро сӯзу ғаме.
То ба кай гирям ба сони кӯдакон?
Баҳри Ҳавво мисли ҷаддам Одаме....

МЕРАВӢ АЗ МАН...

Гумон ҳаргиз намекардам,
Ки рӯзе меравӣ аз ман,
Дилатро хун намекардам,
Ки дилхун мешавӣ аз ман.

Чи шуд ҳоло? Ки мову ту
Зи ҳам бегона гардидем.
Ману ту ду тани танҳо,
Ду тан девона гардидем.

Қасам бар торикии шаб,
Зи ёди ман нарафтастӣ.
Қасам бар субҳи побарҷо,
Ҳама сабрам гирифтастӣ.

Ба ёдат зиндагӣ дорам,
Азизо,то дами мурдан.

Маро хушҳол месозад,
Ғаматро бо худам бурдан.

Ба зери хок ҳам бошам,
Туро ман ёд хоҳам кард.
Ба ёдат хок хоҳам шуд,
Ғамам барбод хоҳам кард....

ДОРАМЕ

Тора-тора мӯйи резон дораме,
Қатра-қатра ашки сӯзон дораме.
Нописандӣ мекунӣ, эй худписанд,
Мисли ту андар бадан ҷон дораме.
Кам мабин аз дигарон ҳаргиз маро,
Мисли эшон аҳду паймон дораме.
Дар замири хештан шукри Худо,
Меҳри халқи Тоҷикистон дораме.
Ман мусалмонам, ҳамин кофӣ маро,
Бар Худои хеш имон дораме.

МЕГИРЯМ

Дар азои хоҳарзодаам Шоҳрӯз

Бароят, пораи ҷонам, зи ғам бемор мегирям,
Ба сӯзу ҳасрату дарду дили афгор мегирям.
Хазон гаштӣ, гули навруста, дар айни шукуфтанҳо,
«Дареғо» гуфта, ҳар соат бароят зор мегирям.
Муҳибби хонадон будиву хандонрӯву хушқомат,
Ба хоки тира яксониву ман бисёр мегирям.
Ҳазорон орзу бар хоки тар бурдӣ, ҳазор афсӯс,
Ба ёди оразат такрор бар такрор мегирям.
Ту рафтиву ғами дунё ба дӯши модари зор аст,
Барои ту, барои модарат ҳар бор мегирям.
Наосудӣ дар ин дунё, аё Шоҳрӯзи берӯзӣ,
Туро пеши назар оварда, кӯдаквор мегирям.
Куҷо шуд хандаҳои ту, куҷо шуд лаҳни зебоят?
«Тағоҷон» гуфтанатро ёд карда, зор мегирям.
Бароям қуввати дил будӣ, бо дарди ҷигар рафтӣ,
Ҷигарсадпораам , бо дидаи хунбор мегирям.
Худо бахшад туро, ҷони тағову ҷаннатӣ гардӣ,
Ба ёдат то қиёмат мисли ғамбемор мегирям.
Бароят менависам сад ғазал бо оби чашми худ,
Касе хонад бидонад ман, бародарвор мегирям.

ҚАДРИ МО

Қадри мо баъди сари мо боз афзун мешавад,
Баъди мо ёри азизи мо ҷигархун мешавад.
Ҷумла хешу ақрабо афсӯс гӯянду дареғ,
Бемуҳобо, ашки эшон мисли Ҷайҳун мешавад.

Гиряҳо созанд баъди мо чу абри навбаҳор,
Гӯиё бошем чун оина бе гарду ғубор.
Лек чанде баъди мо суру ғазалхонӣ кунанд,
Бо ҳавас нӯшанд май, бо шодмонии ҳазор.

Ҳайф бошад, мо зи олам мисли тӯфон меравем,
Шодмонӣ кардаву охир пушаймон меравем.
Гар бубахшӣ ҷурми мо, эй Холиқи кавну макон,
«Шукргӯён» сӯи даргоҳат ғазалхон меравем.

ВАФОДОРАМ ТУРО

Бевафоӣ мекунӣ, аммо вафодорам туро,
Ман ба нақди ҷони ширинам харидорам туро.
Гарчи меозориям, эй носипоси нохалаф,
Аз чӣ бошад як сари мӯе наёзорам туро?
Бо ҳама кибру ғурурат, эй муҳаббатношинос,
Аз дилу ҷонам зиёда дӯст медорам туро.
Солҳо дар итизорат будаам нозукписанд,
Хоб медидам, ба хобам ҳар шабе ёрам туро.
Ҳусни нотакрори ту қалби маро шайдо намуд,
Ошиқат гаштам, ту медонӣ, гирифторам туро?
Гуфт Иброҳим ба ту: Рафтӣ зи ман ёдат кунам,
Ваъдаи ман инчунин аз дил набигзорам туро.

ИБРОҲИМИ НАҚҚОШ



Иброҳими Наққош (Хоҷаев) соли 1969 дар шаҳри Панҷакент таваллуд ёфтааст.

Ӯ баъд аз хатми мактаби миёнаи №47-и шаҳри Панҷакент соли 1984 ба омӯзишгоҳи касбию техникии №36-и шаҳри Панҷакент дохил шуда, онро соли 1987 хатм кардааст.

Намунаи ашъораш дар маҷмӯаҳои дастаҷамъӣ ва маҷаллаву рӯзномаҳо чоп шудааст.

Маҷмӯаи нахустинаш «Пиёла қандамро хӯрд» (Панҷакент, 1998), маҷмӯаҳои дигараш «Саду як ғазал» (Ирфон, 2010) ва «Шикасти ранг» (Адиб, 2010) чоп шудааст. Инчунин зиёда аз ҳаштод асари таҳиякардаи адабӣ ва диниву ахлоқии ӯ манзур ва писанди хонандагони ҷумҳурӣ гардидаанд, ки аз байни онҳо ин асарҳо: «Адаб тоҷест аз нури Илоҳӣ», «Китоби дуову салавотҳо», «Қиссаҳо аз рӯзгори Имоми Аъзам», «Дуррату-л-воизин» (қисмҳои саввуму чаҳорум), «Китоби дуоҳо» (дар панҷ қисм), «Маноқиби Шайх Абдулқодири Ҷелонӣ ва девони эшон», мунтахаби «Саду як ғазал»-и Аттор, Зебуннисо, Мушфиқӣ, Ҷунунӣ ва ғайраро метавон ном бурд.

Ӯ мураттиби тазкираҳои «Накҳати куҳандиёри Ҳафткӯл» (Душанбе, 2008), «Гулчини ғазал» (Ирфон, 2010), «Гулшани ғазал» (Ирфон, 2011), «Армуғони ғазал» (Ирфон, 2012), «25 гуфтор» (Ирфон, 2016) ва «Наврӯзи Зарафшон» (Ирфон, 2017) мебошад.

Иброҳими Наққош хаттот буда, хати форсиро хубу зебо менависад, ки «Баёзи Иброҳими Наққош» (Хуҷанд, 2006) намунаи беҳтарини ин ҳунари волои ӯст.

ҒАЗАЛҲО

Бо гуноҳи маҳраму бегона месӯзад китоб,
Ҳам ба ҷурми душману ҳамхона месӯзад китоб.
Гоҳ аз дасти мусалмонону асҳоби салиб,
З-оташи муғ гоҳ бераҳмона месӯзад китоб.
З-истилову инқилобу душманиву дӯстӣ
Гаҳ чу шамъу гоҳ чун парвона месӯзад китоб.
Ёд дорад оташи Искандару турку муғул,
Аз араб бо туҳмати риндона месӯзад китоб.
Баски дорад рабти улфат дар мамоту зиндагӣ,
Ҳамраҳи доно ба як кошона месӯзад китоб.
Суҳбати бедонишонро чун надорад дилхушӣ,
З-ин сабаб бетарсу бебокона месӯзад китоб.
Роҳи фардоро равад, Наққош, он миллат дуруст,
Чун барои насли худ бечо намесӯзад китоб.

* * *

Эй писар, ҳаргиз насиҳатгӯ мабош,
Пеши кас ойинаи дурӯ мабош.
Тоқати подош н-орӣ, бад макун,
Хӯйи некон пеша кун, бадхӯ мабош.
Дар тилисми зиндагӣ андеша кун,
Бе яди байзо бари ҷоду мабош.
Хонумон хоҳӣ, зани хушхӯ талаб,
Ошиқи ҳар духтари гулрӯ мабош.
Носипосӣ қадри мардон кард паст,
Ғарраи ҷоҳу зару бозу мабош.
Ноаёнат мерасад пайки аҷал,
Ғофил аз ҳамроҳи дар паҳлу мабош.
Ташнаи дунё набинад ҷуз сароб,
Ошиқи маккораи бешӯ мабош.
Мӯшикофӣ пеша кун Наққошвор,
Ғофил аз ойинаи зону мабош.

* * *

Ҳаётам бо ту хуррам буд, ман бовар намекардам,
Нишотам бе ту мотам буд, ман бовар намекардам.
Забонро номи ту хуш буду гӯшамро садои ту,
Лабонат соғари Ҷам буд, ман бовар намекардам.
Вафо ҷустам ҳамеша аз бутони аз вафо орӣ,
Сафоят мавҷи шабнам буд, ман бовар намекардам.
Рухат садбаргу чашмат нозанину ҷаъди зулфонат
Шамими атри Марям буд, ман бовар намекардам.
Ба мизони муҳаббат мениҳодам бо ту ҳар ёре,
Мисолат дар ҷаҳон кам буд, ман бовар намекардам.
Гиребонгири ман шуд оқибат ин ишқи ҳарҷоӣ,
Ҷафои гулрухон зам буд, ман бовар намекардам.
Чу бар худ омадам ман аз ғуруру мастию исён,
Ҳанӯзат дида маҳрам буд, ман бовар намекардам.
Вуҷудам аз таманнои ту мехоҳад зи худ рафтан,
Чу оҳу гарчи дар рам буд, ман бовар намекардам.
Надоматпеша гардидам аз ин суду зиён, Наққош,
Зи раҳмат дидаҳо нам буд, ман бовар намекардам.

* * *

Дилатро бо нигоҳи дӯстӣ пуркин макун, эй дӯст,
Лабатро бо хаёли нокасӣ ширин макун, эй дӯст!
Китоби синаатро хонда будам ҳарф то ҳарфе,
Хаёли нохушат бо ҳарфи хуш озин макун, эй дӯст!
Ба шарёни ту хуни носипосӣ меравад, аммо,
Ба лаб изҳори шукру ҷабҳаро пурчин макун, эй дӯст!

Суханҳо бо ғараз мегӯӣ, рӯбоҳона механдӣ,
Ту нақди қалби худро рӯкаши заррин макун, эй дӯст!
Миёни дӯстони ҷонию нонӣ бинеҳ фарқе,
Ҳасадро раҳнамову бухлро ойин макун, эй дӯст!
Таҳаммул метавон кардан таҷаммулҳои ёронро
Ба лутфу бениёзӣ, беш аз ин тамкин макун, эй дӯст!
Ту мехоҳӣ, ки номат ҷовидон бе дӯстон монад,
Хаёли хоми худро беш аз ин таҳсин макун, эй дӯст!
Дуое мекунад Наққош бар ислоҳи атворат,
Агар донӣ ғалат гуфтори ӯ, омин макун, эй дӯст!

* * *

Дар ин дунёи пурармон бепарво шудан беҳтар,
Чу санги хора аз борон бепарво шудан беҳтар.
Таманноҳои бечо аз нигоҳи чашму дил хезад,
Зи тазвири накурӯён бепарво шудан беҳтар.
Садои пойи умри худ касе нашнид дар олам,
Пайи мақсуд чун тӯфон бепарво шудан беҳтар.
Насоеҳи гарон хоҳӣ, бар абнои замон бингар,
Чу санги сахти кӯҳистон бепарво шудан беҳтар.
Зи ҳарфи дӯсту душман машав навмеду ҳам мағрур,
Радифи сурати бечон бепарво шудан беҳтар.
Муаммои ҷаҳонро нағмаи мизроб медонад,
Ниҳода гӯш бар фармон, бепарво шудан беҳтар.
Зи марги хеш гар андешиву н-андешӣ, меояд,
Ба қурбонгоҳ чун ҳайвон бепарво шудан беҳтар.
Зи вазъу ҳоли носомон то кай хуни дил хӯрдан?
Чу кӯру карру нофаҳмон бепарво шудан беҳтар.
Мароми зиндагӣ якранг агар мехоҳӣ, эй Наққош,
Дар ин гаҳвора чун тифлон бепарво шудан беҳтар.

* * *

Бишкуфад гулбоғи ирфон аз насими Нақшбанд,
Файз дорад хони эҳсон аз наими Нақшбанд.
Ҷилваҳо дорад даруни синаҳои орифон,
Нафси қудсипарвару рӯҳи карими Нақшбанд.
«Дил ба ёру даст бар кор» аст то домони ҳашр,
Панҷаи нақшовару қалби салими Нақшбанд.
«Ҳуш дар дам» мекунад зикри ҳузуру беҳузур,
Солики роҳи Худованди Раҳими Нақшбанд.
«Дар қадам бошад нигоҳ»-и осмонсайраш ҳанӯз,
Нафси аршимаскану лутфи амими Нақшбанд.
«Дар ватан дорад сафар» ҷӯёи роҳи охират,
Ҳамсафи Рӯҳу-л-амин бошад муқими Нақшбанд.
«Хилват андар анҷуман» ороста дар ҳам макон,
Гашта сӯқи ошиқон Тури Калими Нақшбанд.

«Ёдкард»-у «бозгашт»-и зикрро дорад нигоҳ,
Боргоҳи Рабби аълову азими Нақшбанд.
Мебарад, Наққош, моро то биҳишти ҷовидон,
Маслаки пояндаву роҳи қадими Нақшбанд.

* * *

Умри дароз дорӣ, бар навҷавон дуо кун,
Ризқи фароз дорӣ, бар нотавон дуо кун.
Ин кофару мусалмон чун одамисиришт анд,
Ҳаввосифат чу модар бар ину он дуо кун.
Расми ҷафои нодон аз даври Нӯҳ монда,
Бо расми хуби Қуръон баҳри ҷаҳон дуо кун.
Имрӯз хуш нишастӣ бар маснади Фаредун,
Шукри нишоту айшат баҳри замон дуо кун.
Дар гардиш аст ҷомат чун маҷлиси Ҷаму Кай,
Баҳри ятими зору муштоқи нон дуо кун.
Гар марди зӯрчангӣ чун Рустами диловар,
Баҳри ҳаёти ширин, баҳри занон дуо кун.
Аҳлу аёлу хешат яксар ҳама ба пешат,
Ёд ор аз ғарибон, бар бекасон дуо кун.
Осори рафтагонро нақши қадам гувоҳ аст,
Эй Хизри зиндагонӣ, бар рафтагон дуо кун.
Махмури бодаи ишқ шӯри Масеҳ дорад,
Сероби базми ирфон, бар ташнагон дуо кун.
Наққош, умри рафта сатри хуше надорад,
Бо тавбаву надомат бар Мустаон дуо кун.

* * *

Агар марди худоӣ, ҳафтпиронро зиёрат кун,
Муҳибби авлиёӣ, ҳафтпиронро зиёрат кун.
Бирав ту ботаҳорат, бо иродат гӯ салом аз дил,
Ба авроди дуоӣ ҳафтпиронро зиёрат кун.
Умеди мағфират дорӣ зи даргоҳи Худовандӣ,
Талабгори сафоӣ, ҳафтпиронро зиёрат кун.
Нахустин бар мазори Абдухолиқ – ҳодии ирфон,
Бирав чун ошное, ҳафтпиронро зиёрат кун.
Аз он пас бар тариқи Хоҷа Ориф, Хоҷаи Маҳмуд,
Бипарҳез аз хатоӣ, ҳафтпиронро зиёрат кун.
Зи анвори Азизон, низ аз Бобои Самосӣ
Талаб кун рӯшноӣ, ҳафтпиронро зиёрат кун.
Зи анфоси Кулолу Нақшбанд он Хоҷаи воло
Шавад рӯҳат самоӣ, ҳафтпиронро зиёрат кун.
Зи лавҳи марқади ин хоҷагон овоз меояд:
«Агар дар роҳи моӣ, ҳафтпиронро зиёрат кун».
Зи хоки ин азизон бар машомат мерасад, Наққош,
Насими кибриёӣ, ҳафтпиронро зиёрат кун.

ИБРОҲИМИ САВТӢ



Савтӣ (Қурбонов Иброҳимҷон Зиёдуллоевич) ё Қорӣ Иброҳимҷон писари Ҳоҷӣ Зиёдуллоҳ 1-уми январи соли 1983 дар деҳаи Некноти ноҳияи Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дунё омадааст.

Баъди хатми мактаби миёнаи деҳа ба Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам дохил шуда, онро бо дипломи сурх хатм кардааст. Баъд аз он ба магис-тратураи Донишгоҳи давлати омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ қабул гардида, онро бо рисолаи илмӣ хатм намудааст.

Ӯ аз хурдӣ ба қироату азёд намудани ашъори бузургон рағбат дошта, худ низ дар пайравии онҳо ба гуфтани шеърҳо мепардохт. Вай ҳофизи кулли Қуръон буда, аз улуми диниву дунявӣ бархурдор аст.

Аз маҳсули қалами ӯ «Омӯзиши дуруст хондани Қуръон», «Донистаниҳои қуръонӣ», «Фоидаву қоидаҳои масҷид», «Мисраъҳои имонӣ» (ашъори динӣ барои кӯдакон) ва «Намунаи ашъори Савтӣ»-ро метавон номбар кард.

ИН ҶО

Гунаҳи фарду муҷаррад мазид аст ин ҷо,
Шустани маъсият аз хотира ид аст ин ҷо.
Ё Муҳаммад бишавӣ ё ки Абӯҷаҳл бимон,
Он ки бешак на Ҳусайн аст, Язид аст ин ҷо.
Ҳукми Ҳақ хотирачӯ нест барои дили кас,
Ҳокими воқеӣ Қуръони маҷид аст ин ҷо.
Нахарад шахс дар ин ҷой зару симу насаб,
Адабу одамият ҷойи харид аст ин ҷо.
На ки одамкушу оламкушӣ ту, Холидӣ,
Нафскуш он ки бувад, ибни Валид аст ин ҷо.
Нест хушбахт ҳар он кас ки пайи бадбахтист,
Ҳар кӣ он ҷой саид аст, саид аст ин ҷо.
Ҳама кас маҳрами асрор нагардад моро,
Ки ҳама гуфтаи мо варди варид аст ин ҷо.
Шудаам ошиқи ин мисраи Бедил, Савтӣ:
«Ё бигӯ, ё бишунав, гуфтушунид аст ин ҷо».

ХУДОРО ДӮСТ МЕДОРАМ

Фақирам, бандаам, аммо Худоро дӯст медорам,
На ман арзандаам, аммо Худоро дӯст медорам.
Гузашта рӯз бо шаҳват, шабон дар хобу дар ғафлат,
Басе шармандаам, аммо Худоро дӯст медорам.
Накардам хубии бисёр, на дар гуфтору дар кирдор,
Агарчи гандаам, аммо Худоро дӯст медорам.

Ба ҷону дил ҷафо кардам, хато андар хато кардам,
Сияҳпарвардаам, аммо Худоро дӯст медорам.
Ба ҷуз ӯ будаам пайванд ба дунёву зану фарзанд,
Аз ӯ дилкандаам, аммо Худоро дӯст медорам.
Ба ҳолам гиря мебояд, маро шодӣ намебояд,
Назебад хандаам, аммо Худоро дӯст медорам.
Магӯ, Савтист ҳамчун гул, садояш нағмаи булбул,
Ки ду паркандаам, аммо Худоро дӯст медорам.

ДӮСТ ДОРАМ

Дар ин фонӣ бақоро дӯст дорам,
Дар ин зулмат зиёро дӯст дорам.
Ҳама ошиқ ба ҳусни бандагонанд,
Валекин ман Худоро дӯст дорам.
Зи Одам то ба Хотам аз дилу ҷон
Ҷамеи анбиёро дӯст дорам.
Зи аввал то ба охир аз халоиқ
Муҳаммад Мустафоро дӯст дорам.
Ба муъмин модар азвоҷи накуяш,
Ҳама поку сафоро дӯст дорам.
Фидои ёру асҳоби Расулам,
Ки буда муқтадоро дӯст дорам.
Абӯбакру Умар, Усмону Ҳайдар –
Чаҳор пири ҳудоро дӯст дорам.
Абӯбакре, ки буда бо Муҳаммад
Рафиқи бовафоро дӯст дорам.
Дигар ёраш Умар бошад, ки буда
Ғаюру босахоро дӯст дорам.
Набошад ҳамчу Усмон дар ду олам,
Ҳалиму боҳаёро дӯст дорам.
Шаҳи Мардону шери роҳи Раҳмон,
Алии Муртазоро дӯст дорам.
Ҳусайну ҳам Ҳасан, Аббосу Ҳамза,
Ба Сарвар акраборо дӯст дорам.
Давои қалби мурда номи Аллоҳ,
Чу бемор ин даворо дӯст дорам.
Намезебад такаббур бар фақирон,
Тавозӯи гадоро дӯст дорам.
Ғании бесаховат худ фақир аст,
Сахои ағниёро дӯст дорам.
Ҳамеша аз забони килки Савтӣ
Шунидан ин садоро дӯст дорам.

ҲОЛИ ҲАҚИҚӢ

На бар ҳар сина бошад ишқи ёре,
На бар ҳар дида ашки шашқаторе.
На бо як барф меояд зимистон,
На бо як гул шавад фасли баҳоре.
На ҳар Маҳмуд мегардад Муҳаммад,
На ҳар Аҳмад гузида чор ёре.
На ҳар ҷо ибни Хаттоб аст Форуқ,
На ҳар Сиддиқ гашта ёри ғоре.
На ҳар Усмон ҷомеулкалом аст,
На ҳар Ҳайдар чунин овозадоре.
На ҳар Аъзам бигардад Бӯҳанифа,
На ҳар ровӣ чу Исмоил Бухоре.
На ҳар Нӯшервоне одил ояд,
На ҳар Ҳотам бувад ҳоҷатбароре.
На ҳар санге шавад лӯълӯву марҷон,
На ҳар тире расонад захми корӣ.
На ҳар оҳан шавад шамшеру найза,
На ҳар шамшер гардад Зулфиқоре.
На ҳар як гурба гардад шоҳи ҳайвон,
На ҳар кирме бигардад аждаҳоре.
На ҳар Иброҳимеро савти зебост,
На ҳар Савтӣ бинолад зор-зоре.

ДИГАР СОЗЕМ

Биё, ки тарзи дуруду салом дигар созем,
Биё, ки номаву пайку паём дигар созем.
Ба ҷойи шаҳд ҳама умр заҳр нӯшидем,
Биё, ки соқии маҷлису ҷом дигар созем.
Таоми пухта ҳаёти ману ту пухта накард,
Биё, ки зиндагии сарду хом дигар созем.
Нафаҳмидем Худоро чу аз Каломи шариф,
Биё, ки хондани ҳарфу калом дигар созем.
Ҳалолҳои ҷаҳон серу пурамон, ки накард,
Биё, ки рӯзию касби ҳаром дигар созем.
Хавоси халқ накарданд кори хосеро,
Биё, ки фаҳмишу фикри авом дигар созем.
Насабу фирқаро̄ шикаст қомати мо,
Биё, ки фомилу насабу ном дигар созем.
Миёни шому субҳи ману ту фарқе нест,
Биё, ки субҳгаҳонрову шом дигар созем.
Иваз бикун чу Савтӣ тамоми ҳастии худ,
Биё, ки ҷузву кулро тамом дигар созем.

ҲАҚИҚАТИ ДИЛ

Эй, ки аз дил хабар надориву ту
Гӯштпора намудаӣ номаш.
В-эй, ки аз пухтагии дил дурӣ,
Хом ҳастиву гуфтаӣ хомаш.

Дил сароест, к-андар ӯ
Аз кутуб сад ҳазор меғунҷад.
Низ чун ғунчаест, к-аз хубӣ
Садҳазорон баҳор меғунҷад.

Бишнав аз ман бузургии дилро,
Мабдаи баҳри илму ирфон аст.
Бингар аз ҳикмат ин ки ин дили кӯчак
Махзани сидқу дину имон аст.

Қалби ту ваҳшӣ асту сад афсӯс,
Метавонӣ, ки созӣ оромаш.
Қалби ту санги хораест, к-аз ғафлат
Гӯштпора намудаӣ номаш.

ИБРОҲИМҶОН ДӮСТАЛИЗОДА



Иброҳимҷон Дӯстализода 28-уми майи соли 1991 дар деҳаи Варзикандаи ноҳияи Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон чашм ба олам кушодааст. Таҳсили ибтидоиро дар мактаби зодгоҳаш гирифта, соли 2013 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси суханшиносӣ хатм намудааст. Ӯ забони чиниро бисёр хуб медонад.

Чанд муддат омӯзгорӣ карда, минбаъд ва то ба ҳол фаъолияташро дар ширкати байналмилалии роҳу пулсозии «Синдзиян Бейсин», ки бо навсозию таҷдиди роҳҳои кишварамон машғул аст, давом медиҳад.

Намунаҳои ашъораш дар нашрияҳои даврӣ мунташир шудаанд. Аз ӯ то имрӯз се маҷмӯаи шеър – «Дуруд, фардо», «Мусиқии нафас» ва «Пайи имдоди гул» ва маҷмӯаҳои илмӣ – публисистии ӯ – «Чашмандози фолклори баъзе деҳаҳои Панҷакент», «Тулӯи беғуруб» ва «Аз пайроҳаи пурхатар то шоҳроҳи бузург» ба дасти хонандагон расидааст.

Оиладор ва соҳиби се фарзанд мебошад.

ШАФОАТХОҲ

Эй зи розҳо огоҳ, сад дуруд бар номат,
Ло илоҳа иллаллоҳ, сад дуруд бар номат.
Эй фаротар зи дидан, эй муаллифи будан,
Ҳар пагоҳу ҳар бегоҳ, сад дуруд бар номат.
Шишаҳои поки дин аз ғубори мо чиркин,
Аз мани шафоатхоҳ, сад дуруд бар номат.
Аз Димишқ то Бағдод сад ҳазор истибдод,
Боз дасти мо кӯтоҳ, сад дуруд бар номат.
Чашми сурӣ бе сур аст, мурдаҳош бе гӯр аст,
Бо дили саропо оҳ, сад дуруд бар номат.
Пушти пардаи Тавҳид, поктар зи покиҳо,
Ё ҳабиб, ё Аллоҳ, сад дуруд бар номат.

БИЁ

Эй ёр, биё, «ҳанӯз»-и дил «ҳоло» кун,
Ин роҳи нишеб ҷониби боло кун.
Он рӯз, ки бозмерасад, нест хабар,
Дирӯзи гузаштаи маро пайдо кун.

ЭҶОД

Шоиро,
Кӯзагари шеър,
Дуруд!
Ту нафасҳоро шӯй,
Ҳаваси моро ҷӯй,
Ва зи хоку гили ишқу ҳавасу зебоӣ
Кӯзаи шеър бисоз,
Аз сари меҳр бисоз,
Ки дар он кӯза шавад шарбати маънӣ бигрифт
Ва аз он кӯза шавад оби вафоро нӯшид
Ва дар он кӯза шавад дастагули ишқ нишонд.

АЗИЗИ ХУШПАЁМ

Шаробу шаҳди ҷоми ман ту бошӣ,
Суруди нотамоми ман ту бошӣ.
Зи пайки орзуҳои сапедам,
Азизи хушпаёми ман ту бошӣ.
Зи нури рӯйи ту рӯшан ҷаҳонам,
Чароғи тирашоми ман ту бошӣ.
Бимирам гар, зи ман дар рӯйи дунё,
«Аламбардори номи ман ту бошӣ»[13].

БЕ ТАМАННО НЕСТЕМ

Дар биёбон булбулово нестем,
Дар гулистон хори ноҷо нестем.
Рӯзи рӯшан дар бари ёрони нек,
Бо дили пуркина пайдо нестем.
Пок бошад ҷовидонӣ ишқи мо,
Бе муҳаббат то ба фардо нестем.
Меҳр мехоҳад ҷаҳони ошиқӣ,
Мову ту бар ишқ шайдо нестем.
Пургуноҳему зи даргоҳи Худо
Бе умеду бе таманно нестем.

[13] Мисраъ аз устод Лоиқ.

МОДАРИ МАН

Модари ман ҳамчу нур аст,
Ҳамчу нури офтоби беғуруб.
К-аз шуояш қалбҳо равшан шавад,
Чун дамиданҳои субҳ.

Модари ман моҳтоб аст,
К-аз тулӯъаш шоми мо равшан шавад,
Зери нураш раҳсипорам сӯйи ишқу маърифат.

Модари ман нохудо аст,
Нохудои киштии рӯди ҳаёт,
Мебарад то соҳили амни мурод.

Модари ман боғбон аст,
Боғбони навниҳоли одамӣ,
К-аз азал бо панҷаҳои меҳрбахш
Менамояд навниҳолонро дарахт.

Модарам уммедвор аст,
Бо умеди меваҳои шаҳдбор
Дар гулистони ҳаётам интизор.
Бин дарахтатро, ки боровар шудаст,
Ком ширин кун зи шеъри меҳрбор.

ЗИНДАГӢ ШИРИН АСТ

Охирин оҳи ҷавонмарг ин аст,
Ки аҷал гулчин аст.[14]

Охирин замзамаи соқаи бебарг ин аст,
Фасли гул поин аст.

Вопасин вожаи тундам ин аст,
Зиндагӣ ширин аст.

[14] Охирин фалсафаи ҳастии инсон ин аст,
Ки муҳаббат дин аст.
Гулрухсор.

МУКОЛАМАИ ШУБОБ

Гуфтам ҷавониямро: «меоӣ ё наоӣ?»
Аз дур як садо шуд овои бесадоӣ:
«Вақте ки бо ту будам, зебоиям надидӣ,
Акнун ки меравам ман, бар кӯйи ман гадоӣ.
Ман меравам зи умрат, айёми пирӣ ояд,
Бо ман намо видою бо пирӣ ошноӣ.
Ин аст расми дунё, асрори будани мо,
Ҳайфо, ки ту пас аз ман, бенуру бесафоӣ.
Баъди хазону сармо фасли баҳор ояд,
Бар ман шудаст фармон, ҳайфо «дигар наоӣ».

ВАРЗИКАНДА

Ёд орам Варзиканди покро,
Сойи Баққо, теғаи Кунҷокро.
Пирамардони бануру хушсухан,
Мардуми деҳотии бебокро.
Гар равам бар ҳар куҷо, бо худ барам
Меваҳои себу ноку токро.
Боз оям бар замини кӯчакат,
Мекашам бар дидаҳоям хокро.
Ҳар куҷое меравам, дар қалби худ
Мебарам ман Варзиканди покро.

ИЛТИҶО

Эй азизони дилам,
Чашмаи меҳри шумо хушк шудаст?
Ки дарахтони муҳаббат ҳамагӣ урёнанд,
Холӣ аз рӯҳи гули фасли ҳавас,
Боғҳо нобуд аст,
Аҳриман осудаст,
Шафқату меҳри шумо,
Дар қафас масдуд аст.
Дари дил боз кунед,
Ишқро аз қафас озод кунед
Ва дар ин шӯразаминҳои пур аз қаҳтии ишқ
Боз борони муҳаббат резед.
Ва ҳама дунёро
Меҳрбунёд кунед,
ишқобод кунед…

ИСКАНДАРИ РАҲМОН



Зодаи рустои Хумгарони шаҳри Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон (25-уми декабри соли 1970). Мактаби деҳааш (1986), Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Панҷакент (1990), факултети журналистика ва тарҷумонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (1995)-ро хатм кардааст. Айни замон дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №83, деҳаи Хумгарон аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик, алифбои ниёгон дарс мегӯяд.

Аз овони наврасӣ машқи шеър мекунад. Навиштаҳояш дар матбуоти тоҷикию русии кишвар, чандин китобҳои дастҷамъӣ чоп шудаанд.

Маҷмӯаҳои алоҳидааш – «Намози шабнам» (Душанбе, 1993), «Гулистони гӯё» (Панҷакент, 2001), «Қатраҳои ашки ғамсӯз» (Панҷакент, 2005), «Ҷоми ҳанӯз» (Душанбе, 2010), «Аз субҳ то чароғ» (Душанбе, 2013), «Ояти сабзи нигоҳ» (Душанбе, 2017), «Доғи қисмат» (Душанбе, 2017) ба дасти алоқамандони адабиёт расидаанд.

ЧИСТ ИСТИҚЛОЛ?

Чист Истиқлол? Як дил ганҷи имон доштан!
Чист Истиқлол? Ҷоне раҳни ҷонон доштан!
Чист Истиқлол? Будан ошиқи ёру диёр,
Суғду Хатлону Зарафшону Бадахшон доштан!
Қатраи оби Ватан аз қатраи хун дӯсттар,
Зарраи хоки Ватанро нури чашмон доштан!
То даме дил метапад, то лаҳзае ҷон дар тан аст,
Меҳри кишвар, меҳри модар дар дилу ҷон доштан!
Чист Истиқлол? Ҳамчун офтобу осмон
Мизбони хона будан, иззи меҳмон доштан!
Чист Истиқлол? Парчам бар сари Боми Ҷаҳон,
Тоҷи давлат, ҳафт ахтар партавафшон доштан!
Чист Истиқлол? Дар пайроҳаи мардонагӣ
Пой мондан, пай ниҳодан, поси паймон доштан!
Чист Истиқлол? Яъне ному номусу нишон,
Нозу Наврӯзу набиду нӯшаву нон доштан!
Чист Истиқлол? Ҳар санге Бухоросанги мо,
Рӯйи ҳар як санги хоро тахти Сомон доштан!
Чист Истиқлол? Яъне зистан тоҷиксон,
Чист Истиқлол? Яъне Тоҷикистон доштан!

ОҒОЗИ МО

Ватан, субҳи туро оқиватанҳо шом мехоҳанд,
Ба бому боғҳоят жолаи дашном мехоҳанд.
Ҳавои зар ба сар доранд дур аз озару обат,
Дареғо, хокҳо бар кӯзаи Хайём мехоҳанд.
Забон омӯхтӣ бар нохалаф фарзандҳо, афсӯс,
Аё модар, забонатро ҷудо аз ком мехоҳанд.
Ба сӯйи бӯстони дигарон рафтанд болафшон,
Чу мурғон донаҳое бехабар аз дом мехоҳанд.
Туӣ оғози мо, оғозҳоятро мабод анҷом,
Агарчанде ба ҳар оғози ту анҷом мехоҳанд.
Чу рӯзе сӯхтандат, рӯз дидӣ, сохтӣ аз нав,
Туро ин кӯрҳо дар кӯраи айём мехоҳанд.
Ватан, пайдои мо, ҳастии мо, номусу номи мо,
Туро гумкарданомусон чу худ гумном мехоҳанд.
Ба ҷонат душманӣ доранд, аммо бо кадомин рӯй
Агар миранд, андар хоки ту ором мехоҳанд?!

ШАБЕҲА

Варо дар ойина дидам, шудам парешонаш,
Нишаста музтару танҳо, ҷудо зи ёронаш.
Миёни лонаи чашмаш парандаи андӯҳ,
Хазони ашк ҳамерехт шохи мижгонаш.
Ғубору гарди раҳи садҳазорсола ба дӯш,
Ба чанги ғусса гулӯяш, хато гиребонаш.
Ба зери пардаи яххо садои обияш,
Ду пойи ӯ зи ду чӯбе ба дасти ларзонаш.
Куҷост шаҳри азимаш, куҷост кӯҳи баланд,
Ва ҳам куҷост ҷавонӣ, куҷост ҷавлонаш?
Куҷост барқи нигаххои дилситони дилаш,
Куҷост хирмани дар дашти сина сӯзонаш?
Маро шунида, садои фаришта мепиндошт,
Фариштае, ки чу ояд, аз ӯ барад ҷонаш.
Суол кардам аз ойина: он ҷавон ин аст?
Намешинохт, ҳам ойина буд ҳайронаш.

АКСИ ҲИНО

Гуле ба ҳотаи чашми ҳазор овардӣ,
Нигоҳи шона зи мижгони хор овардӣ.
Дубора хӯшаи ангур ёди мастӣ кард,
Дубора бар сари шиша хумор овардӣ.

Ба ашк аз кафи ойина гард мешӯям,
Дубора акси ҳинои нигор овардӣ.
Хушо, зи баъди тамузам ба ҷойи пойизон
Дубора бозрасидӣ, баҳор овардӣ.
Миёни селаи ноошно задӣ пар-пар,
Кабӯтарона паёме зи ёр овардӣ.
Чу ишқ реша давондӣ дубора дар хокам,
Дубора сабз шудӣ, баргу бор овардӣ.
Дубора рӯзу маҳу соли рафта бозомад,
Дубора умри ҷавонӣ зи пор овардӣ.
Дубора моҳ ба моҳии ташна тилфун кард,
Дубора замзамаи обшор овардӣ.
Қарор буд ба шабохуни беқарорӣ сабр,
Чу субҳи сабр дамидӣ, қарор овардӣ.

НАМЕДОНӢ...

Аз он рӯзе, ки дар ин шаҳри ҷоду
Шудам ҳамсояат, рӯят надидам.
Ҳамеша орзуманди ту будам,
Зи боғи орзу як гул начидам.

Ману ту аҳли як шаҳрему донам,
Ту ҳам дар ҳадди ин обу ҳавоӣ.
Валекин таъми ҳиҷрон дорад ин об,
Ҳаво ҳам накҳати талхи ҷудоӣ.

Манам ҳамсояат, аммо надонӣ,
Ки бе рӯят ҳазорон бор мурдам.
Ки бе ту рӯзи шодиям сар омад,
Ҷавониро ба хокистар супурдам.

Намедонӣ, ки бо санги хамӯшӣ
Шикастӣ шишаи фарёдҳоро.
Бирезад бар сарам аз шохаи ишқ
Шамоли сард барги ёдҳоро.

Баҳор ояд, вале аз нав нарӯям,
Паёми баргу боре аз гилам нест.
Даруни синаи торику сардам
Алам дорам, агарчанде дилам нест.

Шаб омад, кош пеш аз хоб, эй моҳ,
Ба дидори ту боре мерасидам.

Даме равшан шуда чун қатраи ашк,
Сипас дар сояҳо меорамидам.


ҲАМЕША ЁРИ ТУ БУДАМ…

Агар сабоҳ ва ё шоми тор мемирам,
Ба роҳи омаданат интизор мемирам.
Магӯ, ки пир шудам, эй ҳама ҷавониям,
Ки ман зи бими хазон дар баҳор мемирам.
Садои атр ба гӯшам расад зи тилфунат,
Адои замзамаи обшор мемирам.
Ту он гулӣ, ки ба гулдони ишқ ҷо дорӣ,
Манам, ба тафта биёбон чу хор мемирам.
Агар ягона ҳазорон бувад, ту яктоӣ,
Ҳазор пир шавам, чун ҳазор мемирам.
Ба ашки моҳ чу ойина рӯй мешӯям,
Ба ёди шамси рухат беғубор мемирам.
Чу абр омадаам, барқу тундаре дорам,
Ба як карашмаи оҳе фигор мемирам.
Ҳамеша ёри ту будам, ки зистам ёрат,
Ҳамеша ёри ту бошам, ки ёр мемирам.

АГАР ИН ДАРД…

Агар ин дарду оҳи ман набошад,
Ба чеҳра ранги коҳи ман набошад.
Агар ҷоҳу ҷалоли дил набахшам,
Ҷалоли ишқ ҷоҳи ман набошад.
Маҳо, хуршед аз ту равшанӣ ёфт,
Ки бе хуршед моҳи ман набошад.
Тамоми роҳҳо тай кардам, аз чист,
Ки то кӯйи ту роҳи ман набошад.
Таҳи боми фалак аз бом то бом
Зи боронҳо паноҳи ман набошад.
Ба бехобии гавҳарҳои чашмам
Ба ҷуз дарё гувоҳи ман набошад.
Барои об ҷустан дар биёбон
Равон пойи гиёҳи ман набошад.
Намеёбӣ пагоҳ имрӯзҳоро,
Ки имрӯзам пагоҳи ман набошад.
Туро то зинда бошам, дӯст дорам,
Агар мирам, гуноҳи ман набошад.

ИСМАТУЛЛОҲИ НЕЪМАТЗОДА
(ваф. 1961)



Исматуллоҳи Неъматзода тақрибан солҳои 1892-93 дар рустои Урметан (тавобеи Фалғар, ҳозир н. Айнӣ) чашм ба олам кушодааст. Падараш Неъматуллоҳ ном дошта, дар замони худ ба боғдорӣ ва кишоварзӣ шуғл меварзид.

Ончӣ аз рӯзгори эшон ба мо расида, ин аст, ки Исматуллоҳ ҳангоми наврасӣ дар ҳалқаи дарси яке аз донишмандони машҳури он диёр – Эшони Мударрис Сулаймони Урметанӣ ширкат варзида, улуми шаръӣ - фиқҳу адаб, қироат, луғат, ҳисоб ва ғ.-ро таълим гирифта, яке аз шогирдони пешқадами эшон ба шумор мерафт. Баъдан Эшони Мударрис ӯро ҳамчун домод ихтиёр мекунанд.

Аз онҷо, ки қаробати насабии Неъматуллоҳ ба шаҳри Самарқанд пайванд мегирифт, се писари ӯ - Маҳдуми Насруллоҳ, Исматуллоҳ ва Ҳикматуллоҳ дар мадрасаҳои олии Бухоро ва Самарқанд таҳсили илм намуда, қорӣ Ҳикматуллоҳ ҳамчун ҳофизи “Қуръон” ва Исматуллоҳ ҳамчун фақеҳ ва донишманди улуми исломӣ шуҳрат меёбанд. Маҳдуми Насруллоҳ низ шахсе соҳибилм ва суханвар буда, дар Самарқанд издивоҷ ва онҷо вафот менамояд.

Даврони ҷавонии Домулло Исматуллоҳи Неъматзода бештар дар шаҳри Самарқанд сипарӣ шуда онҷо бо аҳли илму адаб, олимон ва шоирон робитаи наздик доштааст, масалан қитъаи шеъри эшон, ки дар мавриди вафоти Гулхании Самарқандӣ ба мо расидааст, тақвияти ин гуфтаҳост.

Соли 1943 дар ш. Тошкент Раёсати динии мусулмонони Осиёи Миёна ва Қазоқистон (САДУМ) таъсис меёбад ва баъдан аз ҷониби ин ниҳод Исматуллоҳ Неъматзода ҳамчун ходими давлатӣ - имом-хатиби Масҷиди ҷомеи Хоҷа Абдии Даруни ш. Самарқанд таъйин мешавад ва тайи солҳои 1948–1960 дар ин мақом ба хидмат ва таълими илм машғул буданд. Ҳамчунин чанд муддат имоматии масҷиди марказии Самарқанд – масҷиди Хоҷа Зулмурод (масҷиди Чорраҳ)-ро ба уҳда дошт.

Бинобар маълумоти рисолаи “Қандия” (таълифи Абуҳафс Наҷмиддини Умар), ки таърихи Самарқандро бозгӯ мекунад, Маҷмааи Хоҷа Абдӣ ба шарафи қозӣ Абдулмуъизуддин номгузорӣ шудааст, ки эшон абераи саҳобаи ҷалилулқадр ҳазрати Усмон (р) ва қозиюлқуззоти Самарқанд дар асри 8 м. будаанд. Мақбараи эшон нимаҳои аввали асри 12 м. бо амри Султон Санҷар сохта шудааст.

Домулло Исматуллоҳи Неъматзода дар замони худ бо адаб ва хулқи воло, донишу заковат, тақво ва покдоманӣ чӣ дар диёри Фалғар ва чи дар Самарқанду Бухоро миёни хосу ом шуҳрат дошта ва номи эшонро ҳоло ҳам ба некӣ ёдоварӣ менамоянд.

Тибқи гуфтаҳо бештари меҳмонон ва шахсони расмиро, ки аз хориҷа ба Иттиҳоди Шуравӣ барои ошно шудан ба ҳаёти мусулмонони шӯравӣ меомаданд, ӯ пазирой ва роҳнамой мекард

Бинобар ранҷу бемории фарзанд, ки ин матлаб дар номае ба унвони “Узрнома ба Хоҷа Абдии Дарун” зикр мешавад, соли 1960 маъмурияти худро гузошта ба деҳаи Урметан бозмегардад ва тобистони соли 1961 дар синни 69-солагӣ вафот менамояд. Нақл мекунанд, ки дар ҷанозаи эшон анбӯҳи зиёди уламо ва донишмандон аз шаҳрҳои Самарқанду Ургут ва тавобеи он, мардуми акнофу атроф ба деҳаи Урметан ҳозир омаданд.

Аз миёни баъзе дафтару китобҳои аз ӯ ёдгормонда, чанд авроқе дарёфт шудааст, ки бо тахаллуси Исмат, гоҳо Осӣ (гунаҳкор) баъзе ашъори худро дар он дарҷ намудааст. Ин осори бозёфтшуда аз табъи латифи эшон дарак медиҳад.

НАМУНАИ ОСОР

Саҳар бархез, эй ғофил, биё, ҳамрози булбул шав,
Сухан аз ишқ мегӯяд, биё, анбози булбул шав.
Бирав бар боғу бӯстону фиғони булбулон бишнав,
Ҳамекун ҳосили илму даме ҳамсози булбул шав.
Агар бовар намедорӣ суханҳои мани мискин,
Бигӯяд “Маснавӣ” бо ман, ки дампардози булбул шав.
Ба пеши андалебон рав, нигар ту нолаи шабҳо,
Надорад хонаву хиргаҳ, ту меҳмонсози булбул шав.
Нигар бар булбули шабхез ба гулшан розҳо дорад,
Гузар аз давлату шоҳӣ, ту ҳамовози булбул шав.
Шунав аз ман сухан Исмат, макун ту хоби шаб ҳаргиз,
Ба ёди Ҳақ бишав гирёну ҷонандози булбул шав!

***

Дар миёни дӯстон як ходими девона ман,
Ҳамчу тӯтӣ дар қафас дар гӯшаи вайрона ман.
Нолаи пурдарди моро кас надонад ғайри ёр,
Нола дорам рӯзу шаб бар ин дари майхона ман.
Кай шароби шавқ нӯшам, то шавам мастонатар,
Гар зи роҳатҳо гурезам аз дари бутхона ман.
Ин ҳавои нафс охир мекашад моро ба дом,
Мефитам дар қайди дом аз баҳри ин як дона ман
Шавқи ҷонон мекашад моро ба сӯи васли ёр,
То бисӯзам болу пар монанди он парвона ман.
Номи ман девона гӯянд, кӯдакон дунболи ман,
Сангборонам бисозанду шавам дурдона ман.
Ранҷи мо чун ганҷ гардад, бо ризои лутфи Ҳақ,
З-ин харобӣ нафс гардад назди халқ афсона ман
Кай шавам Мансурвор, дар пои дорам ханда зан,
То равам бо қурби ӯ бо ӯ шавам ҳамхона ман.
Исмато, ту саъй кун аз ишқи ӯ девона шав,
Дорам аз лутфаш хабар чун мардуми фарзона ман.

ДАР ОРЗУИ РАВЗАИ МУТАҲҲАРА НАВИШТА

(дар иштиёқи зиёрати равзаи мубораки Паёмбари акрам (с)

... Орзу дорам ба сӯи равзаи Хайрулбашар,
То бибӯсам остони равзааш бо чашми тар.
Лек оҷиз гаштаам чун мӯрҳои бебасар,
Пой лангу сина чоку хира аст ин чашми сар.

Кун ҳидоят сӯи худ, эй ҳазрати Хайрулбашар,
То бисозам хоки поки равзаат куҳли басар*.

Лутфи худ бинмо ба ман, эй сарвари олиҷаноб,
З-он ки аз ҳаҷрат ҷигар хун асту дил гашта кабоб.
Камтарини чокарат бошам ба монанди Хабоб*,
Пас нагардам ман аз ин роҳу расам бар офтоб.

Кун ҳидоят сӯи худ, эй ҳазрати Хайрулбашар,
То бисозам хоки поки равзаат куҳли басар.

Шуд ғариб ислому аҳлаш ҳам дар ин дорулмиҳан,
Ҳам дарида пардаҳо, ҳам чок карда пираҳан.
Чунки ноаҳлон шуданд сардори ин қавми куҳан.
Мешаванд помол дунон аз қазои Зулминан.

Кун ҳидоят сӯи худ эй Ҳазрати Хайрулбашар!
То бисозам хоки поки равзаат куҳли басар!

Ҳар шаби одина гар асрорҳо сӯят баранд,*
Арзи аҳволи мани бечора бар кӯят баранд.
Кӯҳи исёнам агар бар қабри дилҷуят баранд,
Илтимоси оҷизон он аст, ки бар сӯят баранд.

Кун ҳидоят суи худ, эй ҳазрати Хайрулбашар,
То бисозам хоки поки равзаат куҳли басар....

---

* Куҳли басар – сурмаи чашмон
* Хабоб ибни Арт – яке аз ёрони Расули Худо (с) аст
* Ишора ба мазмуни ҳадиси набавӣ, ки малоика салавоту дуруди умматонро бар Паёмбар (с) мерасонанд.

ТАЪРИХИ ВАФОТИ ЭШОНИ МУДАРРИС – ДОМУЛЛО СУЛАЙМОН

Эй фалак оҳиста рав, меҳри дурахшон ғоибанд,
Аз миёни анҷуман он моҳи тобон ғоибанд.
Соҳиби иқбол бар идбор гашта сарнагун,
Ҳодии роҳи шариат, қутби даврон ғоибанд.
... Омад нидои «ирҷиъӣ» бо нафси пок аз суи Ҳақ.
Минбаъд нахонад ҳеҷ кас аз аҳли олам ин варақ.[15]

ТАЪРИХИ ВАФОТИ МУФТӢ БОБОХОН[16]

... Азбаски фавти олимон, таъбири фавти олам аст,
Қавли саҳеҳ аст ин сухан, бар гуфтаи Аллоҳи кул.
Эй сад ҳазорон офарин бар зикри он олимақом,
Резед ашк, эй аҳли илм, бар фавти он ҷомеи кул.
Мағфур соз муҳйии дин, аз баҳри эҳёи сунан,
Назди фасоди умматаш, раҳбар шуда бо чанд субул.
Ё Раб, ба он ҳодии кул аҷру савоби сад шаҳид.
Эъто намо бар наъти мо, бо гуфтаи Хайруррусул.
Доим ба халқон хайрхоҳ, бо маънии “ас-сулҳу хайр”
Некхоҳи халқи оламанд, з-осебу аз офоти кул.
Исмат, ту истидъо намо аз ҷумлаи халқи ҷаҳон,
Доим дуои мағфират бар рӯҳи он ҳоди субул.
Ҷустам ман аз пири хирад бо ҳасрату афсӯс гуфт:
Восили раҳмат гашт он, мағфур ҳам устози кул.
Бори дигар аз пири ақл гуфтам суҳулат фаҳм кун,
Бо алф сесад, ҷамъ намо ҳафтоду ҳафт таърихи кул[17].

ТАЪРИХИ ВАФОТИ ГУЛХАНИИ САМАРҚАНДӢ

... Аз баҳри таърихат рақам аз Осӣ аст ин ёдгор,
Лекин ту ҳарфи «ҳо» - у «ё» аз моддаи таърих барор.
Умри азизаш шуд тамом, чун “Гулханӣ рафт” аз ҷаҳон[18].
Аз дори фонӣ кард сафар бар риҳлати дору-л-ҷинон.

---

[15] Бо ҳисоби абҷад баробар ба соли 1355 ҳиҷрӣ – 1944 мелодӣ

[16] Муфтӣ Бобохон – аз муассисон ва аввалин роҳбари Раёсати динии мусулмонони Осиёи миёна ва Қазоқистон, аввалин муфтии Осиёи миёна .

[17] Таърихи вафот: 1377 ҳиҷрӣ – 1957 мелодӣ

[18] Бо ҳисоби абҷад: “Гулханӣ рафт” бо тарҳи «ҳо» ва «ё» - соли 1375 ҳиҷрӣ - 1955 мелодӣ (шеъри мазкур бо ихтисор оварда шудааст) .

УЗРНОМА БА ХОҶА АБДИИ ДАРУН

Ман, ки бошам аз он Хоҷаи бузург нишон,
Устухон ҷӯшида аз даргаҳи Ганҷист[19] бидон.
Ҳам зи аввал талаби илм аз онҷо шуда буд,
Ҳам васият зи падар нек фаромӯш мадон.
Лутфу иҳсони назорат ба мани мискин шуд,
Сояи давлаташон то ба абад бод аён.
Кори хайр аз мани оҷиз, ки биёмад ба вуҷуд,
Шуд назорат сабабу ёрӣ ҳам аз халқ бидон,
Лек афсурда тану ҷумлаи аъзом наҳиф.
Ранҷи фарзанд зи ҳама гашт фузун, айб мадон.
Гӯш кар гашта нафас кӯтаҳу бедандонӣ,
Сиқл ориз ба забон гашт, бад-ин васф бидон.
Пирӣ карда асару ҷумла ҳавосам ноҷамъ,
Хотири ҷамъ набошад, зи ҳама афзун дон.
З-ин сабаб ваъдахилофӣ зи мани мискин шуд,
Узр мақбули Худованду Расулу ҳамагон.
Мекунад Осӣ дуоят ақиби ҳар панҷ фарз,
Хатми умр бод ба хайру мамлакат бод амон!

Баҳманмоҳи соли 1960

НАСИҲАТ БА ФАРЗАНД


Эй шакарханду нӯшханди ман,
Бишнавӣ ҳам кунун ту панди ман.
Бетаҳорат пой бар замин магзор,
Назди Исмат ту маҳҷабини ман.

МУНОҶОТ

Яке мехоҳад аз ту ҷаннату ҳур,
Яке хоҳад, ки аз дӯзах шавад дур.
Валекин мо нахоҳем, ину он чист?!
Муроди мо ҳамон хушнудии туст.
Чу ту хушнуд гардӣ дар ду олам,
Ҳамин мақсуд бас, валлоҳу аълам.

[19] Хоҷаи Ганҷӣ - яке аз номҳои Хоҷа Абдӣ

ИСМОИЛ ЗАРИФӢ



Исмоил Зарифӣ 16-уми майи соли 1955 дар деҳаи Косатароши шаҳри Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дунё омадааст.

Соли 1972 мактаби миёнаро дар деҳаи Филмандар ва соли 1982 Донишкадаи омӯзгории шаҳри Душанберо бо ихтисоси муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст.

Аз соли 1972 то имрӯз омӯзгор аст.

Хабару мақолаҳояш аз курсии мактабӣ ва шеърҳояш аз соли 1984 дар матбуоти давр ба табъ мерасанд.

Соҳиби 35 китоб аст. Ӯ соли 2016 барои китоби панҷҷилдаи «Лаҳзае то ҷовидон» барандаи ҷоизаи ба номи Камоли Хуҷандӣ гардидааст.

Китобҳои охиринаш «Ғуруби зиндагӣ», «Лутфи Равшан» ва «Кош арӯсам шавӣ» солҳои 2017 ва 2018 ба табъ расидаанд.

Девонҳои Саққои Бухоройӣ, Қудсии Машҳадӣ, Урфии Шерозӣ, Бӯалӣ Қаландар, Иброҳим Дада Шоҳидӣ, Муҳйии Хуқандӣ ва ашъори шоирони зиёдеро аз хати форсӣ ба хати ҳозираи тоҷикӣ баргардон намуда, бо воситаҳои электронӣ пешкаши хонандагон гардондааст.

Аз соли 1999 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва аз соли 2003 узви Иттифоқи рӯзноманигорони Тоҷикистон мебошад.

Чанд навбат вакили Маҷлиси вакилони шаҳри Панҷакент буд.

Бо нишонҳои «Аълочии фарҳанги Тоҷикистон» ва «Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон» қадрдонӣ шудааст.

МАРО ЧУН ТОҶИКИСТОНӢ САДО КУН

Маро, эй дӯст, хатлонӣ садо кун!
Ба меҳри дил бадахшонӣ садо кун!
Зи Дарвозам, зи Хоруғам зи Ванҷам,
Биёю ҳамчу вахёнӣ садо кун!
Ба ҷонам дӯст дорам Бохтарро,
Маро фарзанди ёвонӣ садо кун!
Ба адлу дод ман Нушервонам,
Маро Кисрои Сосонӣ садо кун!
Чаманпарвардаи ин обу хокам,
Маро аз насли Сомонӣ садо кун!
Агарчанде ки ман аз Левакандам,
Ба поси сидқ румонӣ садо кун.
Хуҷандиям, ҳисориям, зи Аштам,
Ба маҳфил ҳамчу раштонӣ садо кун!
Зи Дарбандам, валекин дар набандам,
Маро шери найистонӣ садо кун!

Зи Ҳафткӯлам, ман аз Шинги шарифам,
Дилат хоҳад вағаштонӣ садо кун!
Зи насли Восеам, аз Балҷувонам,
Наям меҳмон, ба мизбонӣ садо кун!
Зи Киштудам, зи Воруи латифам,
Табассум созу рухшонӣ садо кун!
Наям ман ёри нонӣ аз бароят,
Шафиқу ҳамдами ҷонӣ садо кун!
Манам пазмони рӯи беғуборат,
Ту ҳам манро ба пазмонӣ садо кун!
Зи Масчоҳам, ба Фалғар реша дорам,
Дилат хоҳад зарафшонӣ садо кун!
Маро аз Исфара, ё Истаравшан,
Ба ҳар номе, ки медонӣ, садо кун!
Чу меборад ба сар борони меҳрат,
Маро бо шеъри боронӣ садо кун!
Душанбе қиблаи армони ман гашт,
Маро чун тоҷикистонӣ садо кун!

НАВОР

Нури ман, мегузарӣ ҳамчу навор,
Ҳар пагоҳӣ ту зи пеши назарам.
Дил чу аз васли ту коме нагирифт,
Ёди ту гашт кунун ҳамсафарам.

Умр аз пеши назар рафт чу бод,
Бару дӯши ту наёмад ба канор.
Дар навори нигаҳам зинда нашуд,
Сабзаи ёд ба гулгашти баҳор.

Рахт мебандам аз ин дори фано,
То ки дар хок дилам осояд.
Ғами ҳиҷрони ту дардам додаст,
Ғами нав бар ғами ман афзояд.

Ин қадар бахт маро бас, ки ба ту,
Зиндагӣ маҳраму дамсозам кард.
Ёди лабҳои ақиқат кардам,
Сӯзи дил бо ту ҳамовозам кард.

Нигаҳат аз нигаҳам ор намуд,
Боди қисмат зи дарам дур биронд.

Қиссаи ишқи ману ту гум шуд,
Ҳеҷ кас қиссаи ин ишқ нахонд.

Ифтихор аз гули рӯят кардам,
Рӯи худ зуд зи ман пӯшондӣ.
Номаи дод навиштам аз дард,
Номаи доди маро сӯзондӣ.

Сабр кардам, ки маро мепурсӣ,
Дар хиёбони вафою иқбол.
Аз камони ғазабат тир ҷаҳид,
Рехт якҷоя зи ҷисмам пару бол.

Оҳ, сад оҳ ба сад ҳасрату дард,
Ҷодаи зиндагиро месипарам.
Ҳарфи номат ба забонам, эй гул,
Ман аз ин дори фано мегузарам...

МАРГРО ХОНАМ БА САРВАҚТАМ КУНУН

Бо ҳама кӯтоҳиҳои хештан,
Зиндагонӣ будиям дорулфунун.
Будӣ бо ман солҳо, ёдат ба хайр,
Маргро хонам ба сарвақтам кунун.

Доманамро кун раҳо аз дасти хеш,
Дасти дардам ҳалқа зад бар гарданам.
Баъди ин н-озор ҷисми хастаам,
Чунки гӯри ғусса бар худ меканам.

Мезаниям то ба кай теғи бало?
Раҳми ту н-ояд ба раҳпоии ман.
Хаста дар мурдоби ҳасрат мондаам,
Ханда месозӣ ба танҳоии ман.

Аз яке дарде раҳо ноёфта,
Дарди дигар ҳар шабам дар мезанад.
Дарди ишқат аз сарам берун нарафт,
Чарх теғи тоза бар сар мезанад.

Орзуи васли ёре доштам,
Орзуҳоям кунун дар сина мурд.
Достони ишқи ман нохонда монд,
Ҷисмам аз тири қазоят ҷон набурд.

Нестам як лаҳзае аз ғам раҳо,
Зиндагӣ дигар ту ёди ман накун.
Санги қабрам бубину шод шав,
Хайрбодат кардам аз дарди фузун...

АХТАРИ ФУРӮЗОНӢ

Эҳдо ба олими самарқандӣ Аслиддин Қамарзода

Ахтари фурӯзонӣ, Аслиддин Қамарзода,
Офтоби тобонӣ, Аслиддин Қамарзода.
Олими тавоноӣ, раҳнаварди фардоӣ,
Пурсахо чу дарёӣ, Аслиддин Қамарзода.
Нахли пурсамар ҳастӣ, ганҷу кони зар ҳастӣ,
Марди муътабар ҳастӣ, Аслиддин Қамарзода.
Гавҳари Самарқандӣ, тоҷики барӯмандӣ,
Шаҳду шаккару қандӣ, Аслиддин Қамарзода.
Хушсиришту яктоӣ, чашмаи мусаффоӣ,
Зеби маҳфили моӣ, Аслиддин Қамарзода.
Гавҳарию ноёбӣ, баҳри ташнагон обӣ,
Нурфишон чу маҳтобӣ, Аслиддин Қамарзода.
Аз каломи зебоят, гул намуда маъвоят,
Қалби мухлисон ҷоят, Аслиддин Қамарзода.
Дӯстдори Хайёмӣ, хушгувор чун ҷомӣ,
Ифтхори айёмӣ, Аслиддин Қамарзода.

БУДУ НАДИДАМ

Ҳусни ту сазовори ғазал буду надидам,
Лаъли ту ширинтар зи асал буду надидам.
Дар кӯи ту бас ҳарфи вафо ҷустаму лекин
Аз боби вафо ҳарфу масал буду надидам.
Дил бурдану оташ задану маҳв намудан,
Ин шева туро тарзи амал буду надидам.
Гуфтанд, ки аз роҳи дилам дӯш гузаштӣ,
Дил сахт ба ёди ту касал буду надидам.
Ҳар кас ба ҳавои ту зи худ бехабар афтод,
Дар кӯчаи ту шӯру мағал буду надидам.
Сайёди манӣ, сайди ту гаштан ба дили шаб,
Уммеди ман аз рӯзи азал буду надидам.
Аз хастагӣ ҷонам ба лаб омад, ту чӣ кардӣ?
Гуфтӣ: Ба суроғи ту аҷал буду надидам.

КАРИМ НОФЕЙ



Карим Нофей (Карим Нофиев) 22-юми сентябри соли 1954 дар деҳаи Ғезани Болои ноҳияи Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст.

Ӯ соли 1970 мактаби зодгоҳаш ва соли 1975 факултети география – биологияи Донишкадаи давлатии омӯзгории ба номи Садриддин Айниро хатм намудааст.

Пас аз хатми донишкада аз солҳои 1975 то 1984 дар мактаби №8-и деҳаи Моғиёни ноҳияи Панҷакент адои вазифа карда, аз соли 1984 то соли 2013 дар мактаби зодгоҳаш омӯзгор ва аз соли 2014 директори МТМУ № 23 шуда кор кардааст.

Дорандаи ифтихорномаҳову сипосномаҳо буда, Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон мебошад.

Соли 2014 маҷмӯаи ашъораш бо унвони «Чашмаи муҳаббат» аз тарафи нашриёти «Адиб» аз чоп баромадааст.

ВАТАН

Дар вафо корубори ман Ватан аст,
Иштиҳор, ифтихори ман Ватан аст.
Гар бипурсӣ зи иқтидори ман,
Бахудо, иқтидори ман Ватан аст.
Гирудоре, ки дар ҳаётам ҳаст,
Ҳама ҷо гирудори ман Ватан аст.
Ҳосил аз ман ба мардумон бирасад,
Гули ман, шохсори ман Ватан аст.
Дар паноҳи ватан ҳаловатҳост,
Гармии рӯзгори ман Ватан аст.
Ҷон барояш нисор бояд кард,
Шукр, ки ҷоннисори ман Ватан аст.
Поси Меҳан агар нигаҳ дорам,
Донамо, посдори ман Ватан аст.
Бо Ватан будану ватандорӣ
Ваъдаву ҳам шиори ман Ватан аст.

ЗЕБИ САРИ ТУСТ ТОҶИ МИЛЛАТ
(Эҳдо ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон)

Эй зинати тахту минбари мо,
Дасти карами ту бар сари мо.
Равшан бикунӣ чароғи миллат,
Сабзиш расад ба боғи миллат.

Лутфу карамат ба кӯдакон беш,
Мисли падарӣ ба тифли дилреш.
Аз марҳаматат сари ятимон
Гӯё бирасад ба авҷи кайҳон.
Бечора зи ту, ки чора ёбад,
Дар зулмати шаб ситора ёбад.
Нодида касе, ки ҳеч раҳбар,
Бо хурду калон бувад баробар.
Пайкори ту чун фасона бошад,
Зеби сухани замона бошад.
Эй ҳодии сулҳу ваҳдати мо,
Пайки зафарию нусрати мо.
Зеби сари туст тоҷи миллат,
Чун аз ту бувад ривоҷи миллат.
То бар сари халқ соябонӣ,
Фархундаву муҳтарам бимонӣ!

ТОҶИКИСТОН

Зебост Тоҷикистон,
Барност Тоҷикистон.
Аз баҳри миллати мо
Волост Тоҷикистон.

Зебандаи ҷаҳон аст,
Гулбоғи бехазон аст.
Дар пайкари ману ту,
Умре мисоли ҷон аст.

Бошад мадори пирон,
Илҳоми навҷавонон.
Аз ганҷи рӯйи дунё
Болост Тоҷикистон.

Сардори оқили мо,
Шуд шамъи маҳфили мо.
Эмомалии Раҳмон,
Ҷо гашт дар дили мо.

Озод кишвари мо,
Сарсабзии сари мо.
Доим азиз бошад
Монанди модари мо.

МАКТАБ – НАҶОТИ МОСТ

Биёед, эй рафиқон, дарс хонем,
Ба бекорию нодонӣ намонем.
Садриддин Айнӣ

Маро аз дарсу аз мактаб хабар кун,
Зи нури илму дониш баҳравар кун.
Наҷотам деҳ зи зулмоти ҷаҳолат,
Ба ман бинмой шаҳроҳи саодат.
Ҳидоят кун ба сӯйи бахту иқбол,
Аз он беҳ гардадам ҳар рӯз аҳвол.
Фавоид мерасад аз дарс афзун,
Нахонӣ дарс, мегардӣ ту маҳзун.
Саросар ганҷ бошад дарсу таҳсил,
Ҳамесозад туро донову оқил.

ДАРДИ МАРО ДАВО КУН

Эй дилбари рамида, дарди маро даво кун,
Дарди маро надида, дарди маро даво кун.
Аз лолаҳои рӯят, аз сабзаҳои мӯят
Гулдаста чида-чида, дарди маро даво кун.
Бе соғари лаби ту кай маст мешавам ман,
Мастам туро шамида, дарди маро даво кун.
Аз дурият дили ман дар сина нола дорад,
Бин ашкрези дида, дарди маро даво кун.
Гоҳе ман аз қафоят сад зора менамоям,
Роҳиӣ ношунида, дарди маро даво кун.
Он қадр дар итобӣ, дунболи ту гирифта,
Кафшам бишуд дарида, дарди маро даво кун.
Дил хуни хуни хун аст Нофеиро, азизам,
Аз сина шуд кашида, дарди маро даво кун.

ҶОНИ ШИРИН

Ҷони ширин, хандаҳои ту даво бошад маро,
Буданат дар паҳлуи ман муттако бошад маро.
Хонадони гарму нарм аз гармиҳои меҳри ту,
Гармиаш аз гармии он чашмҳо бошад маро.
Сад рақиби беҳунар аз роҳи ман берун равад,
Дар канорам чун туе гар ошно бошад маро.
Мерасад бар соҳили иқбол киштии дилам,
Чун туе дар зиндагӣ гар нохудо бошад маро.
Ҳар гаҳе бар пешвозам мерасӣ бо табъи хуш,
Дасту дил бар зиндагӣ пайваста во бошад маро.

Нофеӣ сад шукр мегӯяд, ки дар паҳлуи туст,
Ҳастии ту, ҷонам, умри бобақо бошад маро.

ҲИММАТИ МОДАР

Ман дар ҷаҳон кушодам чашм аз ҷаҳони модар,
Бас оламе бигунҷад дар ошёни модар.
Сабзид нахли умрам аз оби поки меҳраш,
Гаштам саводомӯз ман аз забони модар.
Ашъор шуд муназзам пирони хушсуханро,
Аз лаҳни қиссагӯю афсонахони модар.
Офоқ шуд мусаххар, сар бар фалак расидаш
Фарзандро ҳамеша аз остони модар.
Анвои нозу неъмат ман борҳо чашидам,
Лаззат набошад онро чун таъми нони модар.
Огаҳ нагардад асло як фарди бемурувват,
Аз меҳри бемисолу дарди ниҳони модар.
Бахшид умри худро баҳри камоли тифлон,
Аҳсан ба ҳиммати ӯ, аҳсан ба ҷони модар!

БА УСТОДОН

Шодам, ки устодо, ман аз ту ҳарф хондам,
Афкори неку хубат бар зеҳни худ бимондам.
Он гунае, ки гуфтӣ аз рӯйи неккорӣ,
Он сон ба нафъи мардум ман ҳам қалам бирондам.

Дарси ту буд бар ман сад дафтари маонӣ,
Сад дафтари маонӣ дар роҳи зиндагонӣ.
Пасту баланди дунё аз ту сабақ гирифтам,
Бар хештан кушодам аз роҳи ту ҷаҳоне.

Устод, гуфта будӣ, омӯзгор бошам,
Ҳар пеша, ки бигирам, андар барор бошам.
Аз касби худ агар ман як луқма нон биёбам,
Аз дастмузди худ ман дар ифтихор бошам.

Имрӯз, ҳар чӣ гуфтӣ, бо роҳи ту равонам,
Берун зи гуфтаи ту ҳаргиз қадам намонам.
З-ин рӯй аз дигарҳо болотарат гузорам,
Устоди арҷмандам умре туро бидонам.

Дарси ту бод бар ман сад дафтари маонӣ,
Сад дафтари маонӣ дар олами ҷавонӣ.
З-омӯхтаҳои аз ту равшан кунам раҳи хеш,
То беҳтар бубинам фардои зиндагонӣ!

КОМИЛҶОН ҶЎРАЗОДА



Комилҷон Ҷўразода (Ҷўрақулов) соли 1969 дар маҳаллаи Қавчинони болои ноҳияи Самарқанди Ҷумҳурии Ўзбекистон дар оилаи деҳқон таваллуд шудааст. Касбаш иқтисодчӣ. Соли 1986 мактаби рақами 47-и ноҳияро бо баҳои аъло хатм намуда, соли 1990 факултети мухбирони коргару деҳқони Донишгоҳи халқии назди шуъбаи журналистони вилояти Самарқандро хатм кардааст.

Аз давраи мактабхонӣ шеър ва мақолаҳои ӯ дар рӯзномаҳои ноҳия ва вилоят чоп мешаванд.

Аз соли 1992 дар рӯзномаи «Овози Самарқанд», дертар дар «Чароғи дониш» ва аз соли 1996 дар «Овози Самарқанд» фаъолият бурдааст.

Маҷмӯаи шеърҳояш «Ҳиссиёти муҳаббат» ва романи ӯ «Силсилаи таърих» чоп шудааст.

ҚИССАИ ИШҚИ НОКОМ
(Ҳикоя)

Зимистони соли 1989 буд. Ҳамчун командир бо сарбозони нав даъватшуда дар майдончаи ҳарбӣ машғулият гузаронида, ба казарма вақти шом баргаштем. Навбатчии рота, сержанти хурд Михайлов баробари маро дидан садо дод:

- Сержант Равшанов, зуд назди прапоршик Степанов рав, туро интизор аст.

«Тамом, - аз дил гузаронидам, - ҳозир маро назди роҳбарони қисм мебарад. Аз болоям шикоят мекунад. Пагонҳоямро канда, ба таркиби аскарони одӣ мегузаронад. Шаш моҳи дар мактаби командирони хурд бо азоб хондаам барбод меравад. Ҷаҳл ояд, ақл дур мешудааст, бехуда ҳақорат додам. Худаш ҳам ҷаҳламро овард-дия. Дуртар аз ӯ ба забони худам гуфтаму чӣ тавр фаҳмид?».

- Ҳа Шариф, фикр карда мондӣ? – наздик омада пурсид сержанти хурд.

- Ба ман чӣ кор дорад? Худи Степанов дар кучо?

- Дар армия фармонро муҳокима намекунанд, иҷро мекунанд, - норозиёна гуфт Михайлов. - Ӯ дар ҳуҷраи зисташ.

Бо дили нохоҳам ба бинои истиқоматии сардорон, ки дар қафои клуби қисм ҷой гирифтааст, қадам мондам. Дар давоми якуним сол бисёр афсарону прапоршикҳоро дидам, вале ягонтои онҳо чун Степанов аз ҳад низомдӯст набуд. Ин прапоршик аз субҳи содиқ то нисфи шаб бо аскарон машғулият мегузаронд. Дар байни ротаҳо ҳар хел мусобиқаҳо ташкил мекард. Ротаҳои дигар дар майдончаи варзишӣ даванд, Степанов моро болои талу теппаҳо медавонд. Ба ҳавои хунук

нигоҳ накарда, ба майдони тирандозӣ мебурд. Мабодо тире хато равад, мувофиқи низом ҷазо медод. Доим як ҷумларо такрор мекард: «Вақти машқ душвор шавад, ҳангоми ҷанг сабук мегардад. Ман мурдани шуморо намехоҳам. Бигузор маро бад бинед, аммо шумо сарҳадбон, ба ҳама ҳодисаву вазъият бояд омода бошед!».

Барои даромадан ҷуръат накарда назди дари ҳуҷра андак рост истодам. Баъд бо сад андеша дарро оҳиста кӯфтам.

- Даро! – фармон шуд, ки аз оҳанги ҷавобаш дилам ба тахтапуштам рафта часпид. Дари хонаро кушода даромадам.

- Рафиқ прапоршик, сержант Равшанов мувофиқи фармони шумо омад, - назди остона даст ба чакка бурда, худро муаррифӣ кардам.

- Расмиятро мон, Шариф, - рӯй ба ман овард. Ӯро шинохта намешуд. – Шинелатро кашу ба либосовезак овезу ба ин курсӣ шин! – шамъи рӯйи мизро гиронда амр кард.

- Чароғи барқӣ сӯхт? – дигар сухан наёфта пурсидам.

- Магар дар Осиё Хоҷа Ҳофизро бе шамъу май мехонанд? – хандид ӯ.

«Ҳофиз чӣ дахл дорад?» - аз дил гузаронидам. Хандаи ӯ андак маро ором кард. Ба курсӣ нишаста, ба утоқаш чашм давондам: зиндагии муҷаррадонаи бенизом. Хонаи хурдакак, дар тарафи рост либосовезак, паҳлуи он ҷевони китобҳо ва як мизу чор курсӣ. Дар девор харитаи ҷаҳон. Рӯйи миз дар табақчаҳо нонпора, караму бодиринги шӯр, ду истакони хурд ва як кӯзаи борики гардандароз меистод. Нури ду шамъ хонаро фурӯзон мекард.

- Чанд сол боз бо шахси шайдои адабиёт ҳамсуҳбат нашудаам, - ба забони форсӣ гуфт Степанов, ки то ҳол саволу ҷавоби мо ба забони русӣ сурат мегирифт. Ман аз тааҷҷуб ба ҳайкал табдил ёфтам.

Аз ҷевон китоб гирифту рӯйи миз гузошт. Бо корд бонкаи калони консерваи гӯштиро кушод. Аз хонаи дигар табақчае оварда, гӯштро холӣ карду назди ман гузошт.

- Гир хӯр, иштиҳои хуб! Агар ҳақорат намедодӣ, рости гап, ин шабнишинӣ набуд, - бо лабханд сигорашро аз шамъ оташ гиронд ва оҳи чуқур кашид.

- Узр, бачагӣ кардам, айб аз ман гузашт, - аз ҳақорати додаам хиҷолат кашида сар хам кардам.

- Ҳеҷ боке не, - дуди сигорро аз бениву даҳон фавворасон бароварда гуфт ӯ. - Шеъре аз ёд медонӣ?

- Ба қадри имкон.

- Пештар фикр мекардам, ки мардуми Осиё ҳама шоиртабиатанд. Бо чанд тан ҳамшаҳриёни ту суҳбат доштам. Афсӯс, ки аз каломи бадеъ дуру байте аз ниёгон намедонанд. Дар ин ҷевон ба забони русиву форсӣ китобҳои Хоҷа Ҳофиз, Умари Хайём, ҳатто Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро дорам. Пурра сарфаҳм наравам ҳам, мутолиа мекунам. То ҳол ҳаракат дорам, ки равшану бурро ҳарф занам. Бо ҳуҷҷатҳои ту шинос гардидам. Аз Самарқанди бостонӣ буданат маро хурсанд кард. Чакидаҳои

қаламатро дар рӯзномаи «Сарҳадбони уқёнуси Ором» хондам. Аз ин рӯ, хостам бо ту суҳбат кунам. Аз сардори рота капитан Подолский иҷозат гирифтам. Фардо аз ҳама машғулиятҳо озод мешавӣ, - гуфт ва аз ҷой хеста сухани худро бо шеър давом дод:

- Дерест, ки дилдор паёме нафиристод,
Нанвишт каломеву саломе нафиристод.
Сад нома фиристодаму он шоҳи саворон,
Пайке надавониду паёме нафиристод…

Степанов шеър мехонду ман ба чеҳраи ӯ чашм дӯхтам. Ҷавонмарди тануманд буд. Китфони васеъ, абруву бурути малларанг дошт. Зиндагӣ аллакай ба ҷабинаш чанд чӯяк кашидааст. Мӯйи сараш монанди қуллаҳои барфпӯши кӯҳҳо сап-сафед буд, ки синнашро калонтар карда нишон медод.

Аз қироат бозмонд ва хам шуда аз зери миз ду шиша вино гирифт. Сарпӯшашро кушода, ба кӯзаи гарданборик холӣ кард ва шишаҳои холиро зери миз ғурронд. Ба ҳарду истакон вино рехту якеро наздам монд.

- Гир!

- Ман то ҳол шароб нанӯшидаам, наметавонам, - бо нишони инкор сар ҷунбонидам.

- Офарин, ман ҳам наменӯшидам, - оҳи бадард кашиду ҳарду истаконро холӣ кард. – Ту шояд ҳайронӣ, ки ин фарди русзабон чӣ тавр бо лафзи форсӣ ҳарф мезанад ва ашъори Ҳофизро аз куҷо медонад? Ба шифти хона нигоҳ кун! - сар бардошта, дар шифт сумкаи чармини хурдакакро дидам.

- Ин китоби Ҳофизи бузург аст, ки ба ҳуруфи арабӣ навишта шудааст. Азбаски гиромиву азиз ва аз маҳбубаам нишона аст, эҳтиёт мекунам. Ҳар боре, ки Шафиқаро ба ёд меораму оташи дарду азобам аланга мезанад, ғазалҳои Хоҷаро мехонам. Онҳо ба захмам малҳам мешаванд.

Ҳаргизам нақши ту аз лавҳи дилу ҷон наравад,
Ҳаргиз аз ёди ман он сарви хиромон наравад.
Ончунон меҳри туам дар дилу ҷон ҷой гирифт,
Ки гарам сар биравад, аз дилу аз ҷон наравад.

Ӯ лаб фурӯ баст, оби дидаашро бо пушти даст пок кард. Қадаҳи лабрезро бо як бардор дам кашид. Хомӯшии утоқро садои сӯхтани шамъ ва худро ба забонаи оташ задани парвонаҳо вайрон мекард. Ба ҳоли прапоршик дилам месӯхт, вале дар ин лаҳза сухани таскинбахше намеёфтам. Ҳамсуҳбатам сигори нав даргиронд. Назди тиреза рафт, аз ахтарони дурахшони болои уқёнус чашм наканда, суханашро идома дод.

- Баҳори соли 1983 буд. Бо ҳукми тақдир дар кишвари Афғонистон афтодам. Қисми ҳарбии мо сарҳади Афғонистону Покистонро зери назорат дошт. Корвонҳоеро, ки бо силоҳ пинҳон аз хати сарҳад мегузаштанд, торумор мекардем. Дар ҳамон ҷой тоҷикаскарон «донистани забони форсӣ ба шумо лозим», - гуфта маслиҳат доданд. Дар аввал душвор намуд. Сипас, шавқ зоҳир намуда пайваста омӯхтам, луғат аз бар кардам. Рӯзе дар як задухӯрд аз садои таркиши даҳшатангез, поям аз замин канда шуданашро медонаму халос…

Ба худ омада чашмонамро кушодам. Шафати ман фариштае бо пироҳани сафед менишаст. Тарсида аз ҷой хестанӣ шудам, вале дарди ҷонкоҳи паҳлуи чап ба фарқи сарам заду беҳуш шудам. Чӣ қадар хоб рафтам, намедонам. Ҳангоме дидаҳоямро боз кардам, худро дар оғилхонаи фарсудае дидам. Хасу хошок рахти хобам буд. Дар куҷо бошам? Кӣ ба ин вайрона овард? Чӣ ҳодиса рух дод?.. Ҳарчанд хотираамро тагу рӯ кардам, суде набахшид.

Ин дам ғиҷирросзанон дари тахтагини оғил кушода шуд. Аз он, ҳамон фариштаи чодарпеч даромад. Хестан хостам.

- Нахез, устухони поят шикастааст! – гуфт.

Овозаш ба гӯшам ҳамчун зангӯлаи форам расид. Амрашро ба ҷо овардам. Вай паҳлуям нишаста, обу хӯрок дод. Вале ба саволҳоям ҷавоб надода, хеста рафт. Ҳар рӯз омада, захмамро малҳам мебаст, таом мехӯронд. Ғайр аз чашмон тамоми ҷисмаш зери рӯймолу куртаи остиндарозаш пинҳон буд. Духтарак чашмони сиёҳ, миҷгонҳои дароз дошт. Ҳангоми кушодани мижгонҳо онҳо ба абрӯвонаш мерасиданд. Абрӯи ғафси сиёҳаш монанди парасту дар парвоз буд.

Ғайри фариштa наздам марди миёнақади бузриш, салладори тундрӯй низ меомад. Мили автоматро сӯям рост дошта «та-та-та»-гӯён бо заҳрханда таҳдид мекард. Ба сагу хук баробар карда, дашномҳо медод.

- Бача, ман туро аз канори наҳр нимаҷон ёфтам. Мабодо намурӣ, ки хонабардӯш мешавам. Тезтар сиҳат шав, ба ғуломӣ фурӯхта фоида мебинам. Боз ба ҳеҷ куҷо гурехта наметавонӣ, - ба занҷири поям ишора карда, аз бағалкиса калидеро намоишкорона нишон медод.

Ором истодам, гӯё, ки забонашро намефаҳмам.

Шабе аз садои оҳҳои ҳазини ҷигархарош бедор шудам. Паҳлуям фариштa бо ангуштонаш рӯймоли сарашро фишурда, оби дида мерехт. Рӯйи ӯро дар шуълаи моҳ бори аввал дидам. Духтарак чеҳраи зебо дошт. Бо партави ҳуснаш ин харобаро мунаввар мекард. Зулфони печон, мӯйҳои дарози шабрангаш овезон буд. Малаке дар сурати инсон. Бо чашми харидорона нигаристам. Дар рухсораи чапаш кабудиеро дида пурсидам:

- Падарат зад?

- Кош мебуду мезад. Ин пири бадҷаҳли беимон мехоҳад маро ба занӣ гирад.

- Волидонат дар куҷо? Чӣ ном дорӣ?

- Падарам табиби шикастабанд ва тарафдори инқилоб буд. Дар деҳоти дурдасти ин вилоят зиндагонии осуда доштем. Шабе силоҳдорон ба хонаамон даромада, падару модарам ва додарамро ваҳшиёна парронданд. Гурехта натавонистам. Дастгир намуда, оварданд ва ба ин золим фурӯхтанд. Дар ин мулки бегона, куҷо ва назди кӣ рафтанро намедонам, мададгоре нест. Бибиам номамро Шафиқа мондааст. Ба гуфти ӯ, аслан авлоди моён аз Самарқанд буда, дар замони инқилоби шӯравӣ ба ин кишвар фирор кардаанд. Ҳамеша шаҳри Самарқандро пазмон мешуд. Дар бораи мадрасаву мақбараҳои Самарқанд, масҷиду биноҳои зебо, оби зулолу боғҳои сермева, мардуми меҳмоннавози шаҳр соатҳо ҳикоя мекард. Ту дар кишвари шӯравӣ зиндагонӣ доштаӣ, оё бо чашмонат ин мулкро дидаӣ? - рӯй ба ман оварад.

- Тавассути оинаи ҷаҳоннамо борҳо тамошо кардаам. Беҳад зебо ва афсонавист, - гуфтам.

- Агар он турки Шерозӣ ба даст орад дили моро,
Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро, -

ин ғазали Ҳофизи Шерозии бузург. Ашъори ӯро мутолиа кардаӣ? – ҷавоби маро мунтазир нашуда, илова намуд. – Ӯ паёмбари ғазал аст. Зери саратро бин, Ҳофиз ҳофизат бошад гӯён девонашро гузоштам.

Палмосида зери «болини хасӣ»-ро дидам, ки китобе бо муқоваи чармин буд, ба даст гирифтам.

-Бо ғазалҳояш фол мебинанд, - бо лаби майли табассум гуфт.

Сипас, дар бораи он фард маълумоти пурра дод ва чанд ғазале аз ашъораш бо лафзи ширини дарӣ бихонд.

- Ғуломи поят бишавам, сиҳат ёбӣ, Шафиқаро бо худ ба он диёри сеҳрангез бибар, - наздиктар омада, дастамро бӯсидаву ба рӯяш молида илтиҷо кард ӯ.

Бехабар аз қисмати минбаъда, ки он бо чӣ анҷом меёбад, таклифи вайро пазируфтам. Мо бо якдигар унс гирифтем. Шафиқа дар он дӯзах аниси кунҷи танҳоӣ ва дармони бемории ман гардид. Сарнавишти мо бо ранги сиёҳи як хома иншо шуда будааст. Якҷоя аз ин зиндон раҳоӣ ёфтан мехостем. Ҳангоми набудани соҳибхона хабаргирӣ меомад. Баробари табобат бо хушоҳангӣ шеър қироат мекард. Нисбат ба худ ва эҷоди Хоҷа Ҳофиз дар дилам меҳре бедор кард. Шафиқа духтари хоксору хушсухани боибо, соҳиби ақлу хирад буд. Суханҳои нарм аз забони ӯ чун гавҳар ба замини ҷони мани муштоқ мерехт.

- Чӣ гуна аз ин ранҷу азоб раҳоӣ ёбем, дилҳои мо шод бимонад ва зебоиву хубии ҷаҳонро дар ихтиёр дошта бошем? – мепурсид ӯ чашмони шаҳлояшро ба ман дӯхта.

Бо ин умедворӣ, фазилати шуҷоат ва далериро дар дилам бедор мекард. Худам нимзиндаву бемор бошам ҳам, қавл додам, ки «ҷон зи тан равад ҳам, ӯро аз ин зиндон озод мекунам».

Степанов ба лаб муҳри хомӯшӣ заду ба шамъу парвона нигарист. Аз гардани кӯзача бардошта ба лаб гузошт. Оби дидааш аз кунҷи бурут бо шароб омехта болои миз мерехту ғазал мехонд:

То кай зи ту бори дил чун мурғи нимбисмил,
Бошад зи тири ҳаҷрат дар хоку тан тапида.
То кай фурӯ гузорӣ чун зулфи худ диламро,
Саргаштаву парешон, эй нури ҳар ду дида…

- Баъд чӣ шуд? Ба мақсад расидед? – то ки интиҳои ҳикояро фаҳмам, пурсидам.

- Замона киначӯву бадхоҳон, баддилони бисёр дорад, - панҷаҳояшро сахт фишурда рӯйи миз зад ҳамсуҳбатам. – Як рӯз вақти шом дар саҳни ҳавлӣ ғалоғула сар шуд. Доду фарёд, нолаву зории Шафиқа, ҳақорату дашномҳои ғайришаръии он золим ба гӯшам расид. Саросема хазида, аз сӯрохии дар нигоҳ кардам. Бераҳми разил девонавор духтарро бо чӯбе мезад. Ҳар сухане, ки ба даҳонаш ояд, беибо мегуфт. Шафиқа бо мӯйи парешон, оғуштаи хуну хок рӯйи замин мехобид. Наъра кашида, дарро кӯфтам. Ҷоҳил, ки савори аспи ҷаҳл буд, дарро кушода, наздам омад. Чашмонаш бечо буд ва аз корди дар дастдоштааш хун мечакид;

- Туро ҳам назди ӯ мефиристам кофир! - гуфт.

Пай бурдам, ки болои ҷаҳл зинда намегузорад. Бо нафрату ғазаб ба ӯ дарафтодам. Набарди мо якчанд дақиқа давом кард. Кордашро аз дасташ гирифта, ба гулӯяш кашидам. Аз бағалкисаи золим калидро берун оварда, худро аз занҷир озод кардаму сӯйи Шафиқа хазидам. Ӯро аз замин бардошта ба оғӯш гирифтам… Базӯр нафас мегирифт. Бори аввал ва охирин аз сару рӯяш бӯсида, бо тамоми овоз гиристам.

Шафиқаи ҳурлиқо базӯр чашм кушоду бо лабони хушкида:

- Ҳамхоби золим нашудам… Туро дӯст медорам… Бо шамъ Ҳофизро бихон… Маро ёд бикун! – гуфту ин абётро хонд:

Чашми худро гуфтам: охир як назар ширин бубин..,
Гуфт: мехоҳӣ магар, то ҷӯйи хун ронад зи ман...
Гар чу Фарҳодам ба талхӣ ҷон барояд, ҳайф нест..,
Бас ҳикоятҳои ширин бозмемонад зи ман...

Нигоҳе ба тарафи ман афканд. Чанд қатра ашк мичгонашро тар сохт. Кӯшид ба рӯйи ман табассум ҳадя кунад, аммо якбора хомӯш монд…

Дар давоми як моҳ девонавор чӣ хел ба сарҳади мамлакатамон расидам, худам намедонам. Вале то ҳол наметавонам он лаҳзаро фаромӯш созам. Дар роҳи зиндагӣ бо бисёр ҷинсони латиф шинос

шудам, вале ҳеҷ кадоме чун Шафиқаи покдоману поктинат чароғи қалбамро фурӯзон накард. Ӯ ба қаъри дилам, шуурам ва дидагонам мустаҳкам нақш гузошта рафт.

Баъд аз он рӯзи ғамноке, ки ману духтари сӯзандачеҳра якдигарро бо ашкҳои сӯзони худ шустушӯй дода, аз ҳамдигар ҷудо шудем, дигар касеро дӯст надоштам. Ҳар куҷо нигоҳ кунам, ду чашми дилфиреби Шафиқаро мебинам. Чашмони фаттони ӯ мисли ду шуълаи оташ рӯҳи маро месӯзонад, қалбамро хокистар мекунад:

Шарбате аз лаби лаълаш начашидему бирафт,
Рӯйи маҳпайкари ӯ сер надидему бирафт.
Гӯӣ аз суҳбати мо нек ба танг омада буд,
Бор барбасту ба гардаш нарасидаему бирафт.

Чашмони прапоршик аввал танг, сипас, пӯшида гардид. Сарашро болои китоб партофт, лабонаш ҷунбида шеърхониаш торафт паст мегардид ва овозаш аранг ба гӯш мерасид.

Аз тиреза ба берун назар афкандам. Субҳи содиқ майли дамидан дошт. Болои уқёнуси Ором ягон-ягон ахтарон хира медурахшиданд. Шаби дароз ба ҳикояи ҷигархароши прапоршик гӯш дода, гӯё шамъҳо дарун - дарун сӯхта об шуданд. Лаҳзаҳои охирини мавҷудияти худ қувва ҷамъ намуда, мисли Шафиқа партавашонро дурахшонтар мекарданд.

Степанов сар бардошт, чашмони нилгунашро калон-калон кушоду бо ангуштони дарозаш аз китфам сахт қапида, сӯйи худ кашид. Гунгу ноҷунбон мондам.

- Ба имдодаш на.. ра.. си.. дам… - нимхез шуда, болои сарам бонг зад, - Духтари зебои афғон, маро бо Ҳофиз ошно карду худ рафт.

Ӯ ба зер бо нигоҳи ғамбор нигарист. Сипас, якбора табақчаҳои рӯйи мизро парешон сохт. Панҷаҳояшро фишурда, дандонҳояшро ғиҷиррос мезанонд. Дар ҳолати девонагӣ ба забонҳои русиву форсӣ аз ёд беист шеър мехонд.

Баҳрест баҳри ишқ, ки ҳеҷаш канора нест,
Он ҷо ҷуз он ки ҷон бисупоранд, чора нест.
Он дам ки дил ба ишқ диҳӣ, хуш даме бувад,
Дар кори хайр ҳоҷати ҳеҷ истихора нест.

Ин ҳол то ба захира ҷавоб шуданам моҳе як ё ду маротиба такрор меёфт. Дар давоми мушоираҳо ман ҳам якчанд ғазалҳои Ҳофизро аз ёд намудам. Пас аз ба Самарқанд омаданам, аз нонҳои Галаосиё, меваҳои хушк ва чанд адад китоби Хоҷаву Хайём туҳфа фиристодам.

КӮҲЗОДИ ФАТҲУЛЛО



Кӯҳзоди Фатҳулло 20 - уми майи соли 1982 дар шаҳри Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст.

Ӯ соли 2005 факултаи геологияю маъдани ДМТ-ро хатм намуд ва ӯро меҳри шеър ба факултаи филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон овард ва онро соли 2010 бо муваффақият хатм намуд.

Кӯҳзод фаъолияти кориашро моҳи июни соли 2009 дар Телевизиони "Регар"-и шаҳри Турсунзода оғоз кардааст. Номбурда аз моҳи октябри соли 2016 инҷониб дар идораи барномаҳои фарҳангӣ-фароғатии «Телевизиони Тоҷикистон» ба ҳайси муҳаррир фаъолият дорад.

Ӯ муаллифи барномаҳои «Адиб ва Истиқлол», «Минбари сухан», «Парвози сухан», «Пайроҳаи сабз» ва «Атри сухан» мебошад.

Кӯҳзоди Фатҳулло аз овони мактабӣ ба эҷоди шеър низ машғул буда, як китоби мукаммалаш бо номи «Аз алам то қалам» ба дасти хонанда расидааст ва онро хонандагон хуш пазируфтанд.

Соли 2018 барои ӯ соли хеле муҳим буд, чунки шеъри ӯ «Рӯҳи Ҷомиву Навоӣ шод шуд» шуҳрати беандозае касб кард ва дар матбуоти Ӯзбекистон низ аз тарафи хонандагон баҳои баланд гирифт.

ПАЁМИ ПЕШВО

Саломе Пешвои миллатамро,
Мақоме Пешвои миллатамро.
Нишаста гӯш кардам аз дилу ҷон,
Паёми Пешвои миллатамро.
Пазируфтам ба сони раҳнамое
Мароми Пешвои миллатамро.
Зи садҳо кони зар боло бидонам
Каломи Пешвои миллатамро.
Худовандо, бикун лабрез аз шаҳд,
Ту коми Пешвои миллатамро.
Пур аз атри раёҳину суман кун,
Машоми Пешвои миллатамро.
Ба қасди ҷумла аъдояш нигаҳ дор,
Низоми Пешвои миллатамро.
Бикун пур аз майи меҳру садоқат,
Ту ҷоми Пешвои миллатамро.
Бубар болотар аз имрӯз, фардо
Ту номи Пешвои миллатамро.

РӮҲИ ҶОМИВУ НАВОӢ ШОД ШУД

Байни ду давлат салоҳ эҷод шуд,
Бин, ки аз нав дӯстӣ бунёд шуд,
Мардум аз хурсандӣ дар фарёд шуд,
Нақшаҳои Аҳриман барбод шуд.
Роҳ аз занҷиру банд озод шуд,
Рӯҳи Ҷомиву Навоӣ шод шуд!

Ин ду Сарвар бин, ки бо фарзонагӣ,
Айб дониста ба худ бегонагӣ,
Мушкили байни ду миллатро ба ҳам
Бартараф карданд бо мардонагӣ.
Роҳ аз занҷиру банд озод шуд,
Рӯҳи Ҷомиву Навоӣ шод шуд!

Шод карда ҳар дили бишкастаро,
Боз ин дарҳои занҷирбастаро.
Ин ду Сарвар хуррамӣ бахшидаанд
Бар ду халқи аз ҷудоӣ хастаро.
Роҳ аз занҷиру банд озод шуд,
Рӯҳи Ҷомиву Навоӣ шод шуд!

Дӯстон буданд аз хешон ҷудо,
Мисли дорое зи дарвешон ҷудо.
Ғам ҳамеша бар ду миллат ёр буд
Шодӣ, аммо аз бари эшон ҷудо.
Роҳ аз занҷиру банд озод шуд,
Рӯҳи Ҷомиву Навоӣ шод шуд!

Хоҳам акнун бар Бухоро меравам,
Бар Самарқанди дилоро меравам.
Беҳаросу бо дили пур аз сафо
Шаҳри ёронро тамошо меравам.
Роҳ аз занҷиру банд озод шуд,
Рӯҳи Ҷомиву Навоӣ шод шуд!

Эй бародарҳои ӯзбек, марҳамат,
Бар Хуҷанду бар Душанбеи азиз!
Халқи мо ҳар гаҳ равад бар сӯятон,
Ҳам шумо ойед ҳар дам тез-тез!
Роҳ аз занҷиру банд озод шуд,
Рӯҳи Ҷомиву Навоӣ шод шуд!

Тоҷику ӯзбек бародарҳостанд,
Ин чунин машҳури ин дунёстанд.
Аз ҷудоӣ ҳеҷ суде ҳам набуд,
Дӯстии ҷовидонро хостанд.
Роҳ аз занҷиру банд озод шуд,
Рӯҳи Ҷомиву Навоӣ шод шуд!

Ҳифз кун ду миллати озодаро,
Бар русуми ҳамдигар дилдодаро.
Боз мон, ё Раб, ба лутфат доимо,
Ин дару дарвозаи бикшодаро.
Роҳ аз занҷиру банд озод шуд,
Рӯҳи Ҷомиву Навоӣ шод шуд!

АСРИ БИСТУ ЯК

Ман ошиқам, ки хунҷигари асри бисту як,
Он бевафост ҳилагари асри бисту як.
Аз дасти ҷабру ҳам ситами рӯзгори талх,
Дилгирам аз шабу саҳари асри бисту як.
Рӯшан намекунанд дили тираи маро,
Хуршеду ахтару қамари асри бисту як.
Бе ҳамсафар баро ба сафар гар сафар кунӣ,
Бовар макун ба ҳамсафари асри бисту як.
Бар кӣ баранд шикваро гӯши ҷаҳон кар аст,
Мазлумҳои дарбадари асри бисту як.
Гум кардаанд донишу фарҳанги хешро,
Як зумра пасту бепадари асри бисту як.
Аз дасти чанд қотилу хунхор дар ба дар
Садҳо ҳазор мушти пари асри бисту як.
Оруғ зананд зумрае аз серии шикам,
Бархе гурусна пушти дари асри бисту як.
Ноҳақнигор, дарҷ бикун бо хати зарин,
Фоҷиаҳову шӯру шари асри бисту як.

ВАҚТЕ КИ МАН ПУЛ ДОШТАМ

Бар даври ман парвона буд, вақте ки ман пул доштам,
Аз дигарон бегона буд, вақте ки ман пул доштам.
Ҳар лаҳза дар ёдаш будам, бешак дили шодаш будам,
Аз ишқи ман девона буд, вақте ки ман пул доштам.
Он қадр бо ман меҳрубон, он қадр ҳам ширинзабон,
Ман ҷону ӯ ҷонона буд, вақте ки ман пул доштам.

Ҳар гаҳ бадие кардаам, беҳурматие кардаам,
Дар чашми ӯ мардона буд, вақте ки ман пул доштам.
Дилдодаи поки туам, мегуфт, дилчоки туам,
Гӯшам пур аз афсона буд вақте ки ман пул доштам.
Дил бурда ӯ бо нозҳо, беҳтар зи сад таннозҳо,
Аз дилбарӣ якдона буд вақте ки ман пул доштам.
Вақте ки ман зар доштам, дунёи дигар доштам,
Ӯ чилчароғи хона буд, вақте ки ман пул доштам.

ПУШТУ ПАНОҲИ ФАРЗАНД

Эй модаре, ки ҳастӣ пушту паноҳи фарзанд,
Бар дӯши худ бигирӣ ҷурму гуноҳи фарзанд.
Азбаски меҳрубонӣ, дар ин ҷаҳони фонӣ,
Ҳаргиз нахоҳӣ дидан рӯзи сиёҳи фарзанд.
Ҳар шому ҳар пагоҳӣ дорӣ ба дил таманно:
Бе ранҷу ғусса бошад шому сабоҳи фарзанд.
Фарзанд агарчи гоҳе бар ҷони ту ҷафо кард,
Аммо ҳамеша ҳастӣ ту хайрхоҳи фарзанд.
Як лаҳза аз канораш модар, агар ҷудоӣ,
Бидҳад туро машаққат дурии роҳи фарзанд.
Ҳар субҳу шому хуфтан ду даст бар дуоӣ,
Зеро дуои модар бошад силоҳи фарзанд.
Эй кош то ки ҳастӣ, эй кош то ки ҳастам,
Дидори ту набошад дур аз нигоҳи фарзанд.

СУБҲАТ БА ХАЙР

Субҳат ба хайр, эй маҳҷабин, эй гулсифат, эй гулбаҳор,
Субҳат ба хайр, эй дилнишин, эй маҳваши дур аз канор.
Субҳат ба хайр, эй дилрабо, эй ҳамсадо, эй ҳамнаво,
Субҳат ба хайр, эй беҳтарин, эй гулбасар, эй гулъизор.
Субҳат ба хайр, эй субҳрӯ, эй нозбӯ, эй тозарӯ,
Субҳат ба хайр, эй гулҷабин, эй лабшакар, эй обшор.
Субҳат ба хайр, эй бебаҳо, гӯяд бароят ҳар пагоҳ,
Бо ин замири оташин ин ошиқи шабзиндадор.
Субҳат ба хайр, эй сарвиноз, эй дилнавоз, эй мӯдароз,
Субҳат ба хайр, эй нозанин, эй нозгар, эй ғамбарор.
Эй кабки хушоовози ман, шаккарлабу таннози ман,
Кӯҳзод гӯяд ҳар саҳар, субҳат ба хайр, аз кӯҳсор.

КУҶО РАФТАӢ, БИЁ

Дар дил ҳавои сард, куҷо рафтаӣ, биё,
Бе ту дилам бадард, куҷо рафтаӣ, биё!
Омад табиб бар сари болини ман, вале
Дилро даво накард, куҷо рафтаӣ, биё!
Дар гӯшае нишаставу бо худ ба ёди ту,
Доим кунам набард, куҷо рафтаӣ, биё!
Рафтию ман зи дурият тоқат намекунам,
Аз роҳи худ бигард! Куҷо рафтаӣ, биё!
Аз ғуссаи набуданат гардид ранги ман
Чун лолаҳои зард, куҷо рафтаӣ, биё!
Тарки самои дил кунад ойӣ ту ногаҳон
Чангу ғубору гард, куҷо рафтаӣ, биё!
Ойиву гар диҳам ба ту озор, пас маро
Ҳаргиз магӯ ту мард! Куҷо рафтаӣ, биё!

ҚОЗИ АБДУҶАББОР МАХДУМИ УРМЕТАНӢ

Қозӣ Абдуҷаббори Урметанӣ, собиқ муфтии Урметан ва деҳоти пиромуни он, шоир, хаттот, дӯсти наздики Нақибхони Туғрал ва устод Садриддин Айнӣ, мададгори аҳли сухану аҳли ҳунар ва дастгиру сарпарасти ятимону фақирону бечорагон буд.

Дар он рӯзгор ки эшон ба сар мебурданд, (солҳои 1937) тундбоди хонавайронгари режими истолинӣ рӯзе ба Урметан низ расид. Дар як они воҳид, бидуни чашмдошт, дастае аз ҷоҳилони шабкабасар омаданд ва Қозӣ Абдуҷабборро ба унвони “кулак” даст ба пушт баста ҳамроҳ бо сандуқи китобҳо ва дафтарҳои ашъораш бурданд... Бурданду ба зиндони деҳкадаи Зосун партофтанд (аз гуфтаҳои Доро Наҷот). Китобҳо ва дафтарҳои ашъорашро сузонданд, худашро ба Ӯротеппа бурда, бо нишондоди дастандаркорони он замон “суд” карданду баъд бадарға кардаанд.


Бино бар гуфтаи Ҳоҷӣ Умрибой, яке аз пайвандони Қозӣ Абдуҷаббор, замоне дар ноҳияи Унҷӣ бо пирамарди нуроние вохӯрд, ки аз Қозӣ Абдуҷаббор ёдовар гардидааст. Ин мард дар рӯзи муҳокима шоҳид бар он буда, ки шоир қабл аз баровардани ҳукм байте хондааст, бо ин маънӣ:

Бегуноҳ моро асири қайди зиндон сохтанд,
Хонавайронист музди хона вайрон сохтан.
Аз маъонӣ дар бари ман заррае зоҳир набуд,
Роҳи ботилро гирифтанд, ҳаққа пинҳон сохтанд.

Ончӣ аз ашъори Қозӣ Абдуҷаббор боқӣ мондааст, танҳо ду ғазалест, ки шоир дар зиндони Зосун навишта махфиёна ба дӯсташон Мулло Исматуллоҳ Неъматзода ирсол намудаанд. Хушбахтона, ин дастнавис бо хатти зебои Қозӣ Абдуҷаббор, то имрӯз чун гавҳараки чашм эҳтиёт шудааст.

Аз Қозӣ Абдуҷаббор ягона фарзанд – Майсарбону нишон мондааст, ки замони зиндонӣ шудани падарашон ҳамагӣ панҷ сол доштаанд. Ҳангоме, ки силоҳбадастон Қозӣ Абдуҷабборро мебурданд, Майсарбонуи кӯчак давида ба назди эшон меояд. Шоир сари ягона фарзандашро силакунон бо навозиш ин мисраъҳоро бадоҳатан мегуяд:

Майсарбонуи нозанинам,
Сар то қадамат чу ангубинам.
Уммеди дили умедворам,
Ангуштари ҳусн дар нигинам.



Дастнависи ғазали Қозӣ Абдуҷаббор Махдум


НАМУНАИ ОСОР

Зи бахти тираи вожуни хеш дилхунам,
Ки аз фироқи ту эй ёри нозанин бубин чунам.
Чаро ки мустаҳиқи ҷавру лоиқи ҳабсам,
Накардаам мани дилхун хилофи қонунам.
Чи шуд, ки ёру бародар тараҳҳуме накунанд,
Чи кардаам мани шайдо зи давра берунам.
Кашида меҳнати Лайлӣ мани ситамзада боз,
Харобу хастаю дилреш ҳамчу Маҷнунам.
Зи ҳад фузун шуда дарди фироқу ҳичронам,
Таровати лаби лаълаш шароби маъҷунам.
Намекунад дили ман майли бодаи гулгун,
Хароби орази он дилрабои гулгунам.
Ҳазор ҳайф, ки Муфтӣ хароб гашту асир,
Чу ғунча тангдилу ҳамчу лола дилхунам.

АЙЗАН АЗ МОЛИ МУФТӢ

Ба зулфи холи бутон гаштаам дучор охир,
Шудам низору гирифтору доғдор охир.
Ман аз ҳуҷуми ғаму кулфатат наметарсам,
Чаро, ки синафигорам ҳазор бор охир.
Ҳадиси ишқи бутон аз куҷо фурӯ созам,
Ба хатти сабз навишта ба сина ёр охир.
Ҳамеша лоиқи ҷабру ҷафои маҳрӯён,
Чи кардаам мани дилхун дар ин диёр охир.
Нагуфтам эй дили шӯрида тарки ишқ намой,
Надорӣ тоқати ҷабру ҷафои ёр охир.
Шунидам аз лаби ҷонону ман сухан гуфтам,
Намекунам зи ҷафо тарки ҷабри ёр охир.
Куҷост ҷоми маю соқии ҳилолабрӯ,
Нисори он бикунад Муфтӣ ҷони зор охир.

ҚОЗӢ МАХДУМ



Қозӣ Махдуми Урметанӣ 26 майи соли 1949 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дунё омадааст. Маълумоти миёнаи нопурраро дар дабистони диёри худ гирифтааст. Соли 1962 ба омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Панҷакент дохил шудааст. Баъди хатми омӯзишгоҳи мазкур як сол ба ҳайси муаллим фаъолият намудааст. Соли 1967 таҳсили худро дар Донишгоҳи Давлатии ба номи В.И Ленин (Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) дар факултаи филологияи тоҷик идома дод. Пас аз хатми донишгоҳ дар Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи устод Рӯдакӣ фаъолияти илмиашро оғоз намудааст. Баъдтар муддате ба ҳайси коромӯз дар шӯъбаи Ленинградии Институти Ховаршиносии Академияи Улуми собиқ Шӯравӣ фаъолият намудааст.

Солҳои 1978-82 ҳамчун тарҷумон дар Ҷумҳурии Исломии Эрон кор ва фаъолият намудааст. Фаъолияти баъдӣ ва тадқиқоти илмиашро дар Пажӯҳишгоҳи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии Академияи илмҳои ба номи А. Дониш идома додааст.

Аз соли 1997 то 2005 дар Кумитаи телевизион ва ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мудирии бахши форсии радиои бурунмарзиро бар уҳда дошт.

Муаллифи якчанд мақолаву мавзӯъҳои илмӣ доири хатту хаттотӣ мебошад, ки дар рӯзномаҳои дохиливу хориҷӣ рӯи чоп омадаанд. Муаллифи китобҳои "Худомӯзи забони форсӣ" ва "Худомӯзи забони арабӣ" мебошад.


Соли 1998 дар фестивали хушнависони ҷаҳони исломӣ, ки дар Ҷумҳурии Исломии Эрон баргузор гардид, намунаи хаттотии ӯ бо акси орифи бузург Мир Саид Алии Ҳамадонӣ мавриди таваҷҷӯҳи хоси озмун гардид ва дар китоби «Килки мушкин» нашр шуд.

Дар баргардонидани матни якчанд асарҳои назмиву насрӣ саҳми бузург гузоштааст. Намунаи он «Таърихи Нофеъӣ» мебошад, ки аз рӯи он дар Донишгоҳи Байтулмуқаддас толибилмон таълим мегиранд.

Қозӣ Махдум нахустин хаттотест, ки чеҳраи одамиро ба хат офаридааст. Якчанд чеҳраҳои намоёни сиёсиву фарҳангиро хаттотӣ намудааст, ки дар маҷаллаву рӯзномаҳои дохиливу хориҷӣ рӯи чоп омадаанд. Аз ҷумла чеҳраҳои Саъдӣ, Фирдавсӣ, Ҷомӣ, Мир Саид Алии Ҳамадонӣ, Хоҷа Аҳрори Валӣ, Борбад, Носири Хусрав, Бобоҷон Ғафуров, Эмомалӣ Раҳмон, Муҳаммад Иқбол, Лоиқ Шералӣ, Қутбӣ Киром, Гулрухсор, шоҳзода Оғохони IV, Беназир Бҳутто, Ҷӯрабек Муродов, Афзалшоҳи Шодӣ ва гайраҳо мебошанд.



Акси Хоҷа Аҳрори Валӣ (бо хати ғубор)



Абдурахмони Ҷомӣ



Бобоҷон Ғафуров



Лоиқ Шералӣ

ҚУТБӢ КИРОМ
(1932 - 1995)



Шоири халқии Тоҷикистон устод Қутбӣ Киром дар деҳаи Урметани н. Айнӣ ба дунё омадааст. Ӯ дар назми нимаи дувуми асри ХХ-и тоҷик нақши носутурданӣ гузоштааст. Вуҷуди каҳрамонҳои лирикии ӯ саршор, аз нангу номус ва ғуруру мардонагист. Ва дар дили хонандаи имрӯзу фардо парваридани ин хислатҳои умдаи ватандорию ватанхоҳӣ рисолати бузурги адабиёти ҳақиқист.

Қутбӣ Киром бо шеъри «Бӯйи нон» шинохта шуд ва номаш дар сафҳаи адабиёти асри ХХ-и тоҷик ҷовидона сабт гардид.

Дар яке аз маҷлисҳои садорати Иттифоқи нависандагон устод Мирзо Турсунзода гуфт:

- Қутбӣ! Ин ҳанӯз бӯйи нон аст. Онро ба нон бояд табдил дод!

Қутбӣ Киром ошиқи шеъри классикӣ буд, аз гузаштагон байту пораҳои зиёде азёд медонист, барои омӯхтани алифбои ниёгон ва омӯхтани осори онон дигаронро талқин мекард. Солҳои зиёде, ки дар нашриётҳои «Ирфон» ва «Адиб» муҳаррир буд, таҳрири аксари асарҳои бузургони гузаштаро дар уҳда дошт.

Масалан, яке аз дӯстон ёдоварӣ мекунад: Ҳар дафъа, ки дар хонаи мо ё дар хонаи дӯстони дигарамон, ҷамъ меомадем, устод Қутбӣ ҳатман мегуфт:

-Девони Туғралро бароред. «Қасидаи бузургон»-ашро мехонем. Дар ин қасида Туғрал ба аксари шоирони гузашта баҳо додааст ва чӣ воқеъбинона додааст!

Дар сари ҳар байт ва ҳар арзишбандӣ Қутбӣ «баҳ-баҳ, суханшиносиро бинед-а!» гӯён ба ваҷд меомад. Вай Бедилро бисёр дӯст медошт. Боре як байти Бедилро ба озмун гузошт ва гуфт, ки ҳар касе маънии онро кушояд, як зиёфат нисораш мегардад.

Ва ин байт ин аст:

Хунам охир ба кафи пойи касе хоҳад рехт,
Ин ҳамон ранги ҳиноест, ки ман медонам.

Мо медонистем, ки дар деҳаи Урметан - зодгоҳи шоир- бедилхонӣ ва бедилшиносӣ хеле равнақ дошт. Падараш амаки Киромиддин ҳам Бедилро хуб медонист ва Қутбӣ дар чунин муҳит ба камол расидааст.

Мо ба кушодани байт камар бастем, Чанд солу моҳе баҳс кардем аммо қабули ӯ нафтод.

Ва алон ин мисраъҳо дар санги нишони оромгоҳаш дар баландии Лучоб сабт гардидааст.

ҒАМ НЕСТ

То кӯҳҳо чу додар
Истода дар бари ман,
То рӯдҳо чу хоҳар
Ҳамболу ҳампари ман,
Дар осмони тобон
То ҳаст ахтари ман,
Ғам нест ҳар ғами ман,
Кам нест ҳар ками ман.

То чашми бад ба хобу
Чашмони нек бедор,
То равшан аст роҳам
Дар кӯрароҳи дидор,
То кеши гулпарастӣ
Бар гарданам бувад бор,
Ғам нест ҳар ғами ман,
Кам нест ҳар ками ман.

То одамӣ ба дунё
Дасти дароз дорад,
Маъшуқа ноз дорад,
Ошиқ ниёз дорад.
То ҳар бараҳнатабъе
Шавқи либос дорад.
Ғам нест ҳар ғами ман,
Кам нест ҳар ками ман.

БОВАР МЕКУНАМ

Ман ба чашми бегуноҳи ёр бовар мекунам,
Бар нигоҳи наргиси хуммор бовар мекунам.
Ҳар куҷо ҳастанд фарзандон, ба манзил мерасанд,
Бар умеди модарони зор бовар мекунам.
Мешавад ҳамсанги ман марде, ки беминнат бувад,
Бар шукӯҳи марди миннатдор бовар мекунам.
Рӯдавиданҳои пулдорон бувад аз оҷизӣ,
То ба бепулҳои ҳиммatёр бовар мекунам.
Давлати номард чун нақши дар об афтодааст,
Бар суруди тозаи ҷӯбор бовар мекунам,
Хоксорӣ то ба Қутбат мебарад рӯзе, рафиқ,
Ман ба хокихислатон бисёр бовар мекунам.

ОДАМИ ХОМУ РАҲОМАД НЕСТАМ

Одами хому раҳомад нестам,
Нағз медонам, ки ман худ кистам.
То ба даст орам диле дар зиндагӣ,
Борҳо афтида, аз нав хестам.
Гар шавад бар гарданам сад кӯҳ бор,
Ғарқ гардам ё ба баҳри беканор,
Он гуле, ки дӣ гулаш номадаам,
Ман намегӯям варо имрӯз хор.
Шоирам гар, шоири маддоҳ не,
Одамам, бо одамон ман росткор.
Одамон гирянд, гирён мешавам,
Одамон ханданд, хандам чун баҳор.
Аз дили худ чашми бино сохта,
Бар ҳаёти халқ месозам назар,
Мисрае то лоиқаш иншо кунам,
Ман ба як шаб тай намоям баҳру бар.
Одами хому раҳомад нестам,
Пухтаам, то нолае бишнидаам.
Ман ба бӯи нон қаноат кардаам,
Марги ҳамсолони худро дидаам.
Одами хому раҳомад нестам,
Худ гул аз боғи саодат чидаам.
Ҳар садои хандаи имрӯзаро
Ман ҳанӯз аз кӯдакӣ бишнидаам.

БӮЙИ НОН

Солҳое, ки Ватан дар ҳифзи ному нанг буд,
Танг ҳоли халқ аз дасти балои ҷанг буд.
Дар ҳамин айём, дар як рӯзи пурфайзи баҳор,
Гушнагӣ бо дасти шахшӯлаш рабуд аз ман мадор.
Бо дили холӣ, сари пурорзу биштофтам,
Суфраю дегу табақҳоро саросар кофтам.
Тоза будӣ суфраҳо чун суфраи пайғамбарон,
Соф будӣ косаю дегу табақ чун осмон.
«Очаҷон, ку нони ҳаққи чоштгоҳонии ман?»
Лек аз модар гирифтам ман ҷавоби бесухан.
Ман ба ин нокарда бовар боз гаштам беқарор,
Ҳамчу мурғи пойсӯхта медавидам ҳар канор.

Даст бурдам ин замон бар сандуқи чӯбинамон,
Бар машомам ногаҳон аз дур омад бӯи нон.
Ман аз ин бӯ нашъаи нав, қувваи нав ёфтам,
Чаппагардон карда сандуқро ба сӯзан кофтам.
Резаи ноне набуд ин ҷо, валекин бӯи нон
Дод бар ҷонам ҳаловат, дод бар ҷисмам равон.
Ҷанг охир гашт, аҳли кишварам масрур шуд,
Хонаҳо аз нозу неъмат пур бишуд, маъмур шуд,
Ман калон гаштам, кунун олам расад бар доди ман,
Лек он бӯи муаттар кай равад аз ёди ман!

БАҲОРИЯ

Фасли баҳор омаду айёми ишқ,
Ғулғула дорад ҳама ҷо номи ишқ.
Шоҳиди гулпӯшу гуландоми ишқ
Ханда зада сӯи ман аз боми ишқ,
Мебарадам бар лаби оби равон.
Об маро дида талотум кунад,
Акси маро дар дили худ гум кунад,
Дидаи бедор таҷассум кунад,
Ҳар нафас аз ишқ такаллум кунад.
Ишқи фурӯзанда чу шамси замон.
Рашк барам ман ба сари оби ҷӯ,
Бо дили соф аст равон кӯ ба кӯ,
Раҳ ба дили сангу шағал бурда ӯ,
Мерасад албатта ба ҳар орзу,
Орзуе пок чу умри ҷавон.
Рашк барам, ки набувад дар ҷаҳон
Сирри аз ин об паноҳу ниҳон,
Ҳалқа занад бар тани симинтанон,
Нӯш шавад бар лаби ширинлабон
Кош маро бахт будӣ мисли он.
Мебарад он з-оинаи сина занг,
Шӯъла фишонад ба дили ҳамчу санг,
З-он шуда гулҳои чаман ранг-ранг,
Шому саҳар гӯӣ, ки бинвохта чанг.

ЛОИҚ ШЕРАЛӢ
(1941-2000)



Лоиқ Шералӣ 20-уми майи соли 1941 дар Мазори Шариф, ки яке аз деҳаҳои хушманзари ноҳияи Панҷакент аст, ба дунё омадааст. Аввал мактаби ҳаштсола, баъд Омӯзишгоҳи педагогии Панҷакентро ва дар охир Донишгоҳи омӯзгории Душанберо (1963) хатм намудааст. Падараш колхозчӣ буд.

Фаъолияти шоирии ӯ хеле барвақт - аз айёми донишҷӯияш оғоз ёфтааст. Аввалин шеъраш - «Ном» соли 1959 дар маҷаллаи «Садои Шарқ» чоп шуда буд. Аз нахустин рӯзҳое, ки қалам ба даст гирифту касби шоириро ихтиёр кард, ба назми бузурги классикон майл ва таваҷҷӯҳи зиёде дошт ва бесабаб нест, ки шеъри Рӯдакию Фирдавсию Саъдию Ҳофизу Мавлавию Ҷомиро сабақи шоирӣ ва ҳунари суханварии худ медонад.

Лоиқ аз ҷумлаи шоироне буд, ки афкори адабӣ ва таърихии халқи худро хеле хуб аз худ кардааст. Вай нисбат ба шеъру шоирӣ ақидаи махсус дошт. Шоир «бояд бисёр мушоҳидакору дақиқназар ва ҳассос бошад ва аз ҳама мушоҳидаҳояш чизеро тасвир кунад, ки то ҳол ягон шоири дигар нагуфта бошад, ё агар гуфта бошад, ин шоир бояд онро такрор накунад. Барои ин корро ӯҳда кардан дониши бемисли адабӣ доштан лозим аст, то кас донад, ки киҳо чиҳо гуфтаанд. Ба ақидаи Лоиқ шоири хақиқӣ «фарзанди айём», «минбари виҷдон», «сарбози миллат», «ровии армони халқ», «чашми замона», «оинаи давр», «Қуръони ҳамаи миллатҳо» бояд бошад.

Лоиқ шоири лирик мебошад. Қаҳрамони лирикии ӯ ҳам оқилу ҳам муқтадир аст, олами маънавии бой дорад, ғами ҷаҳону ҷаҳониёнро ғами худ медонад, мероси гаронбаҳои гузаштагонро мисли гавҳараки чашми худ нигоҳ медорад. Тарзи сухани Лоиқ низ нотакрор аст, вай аз дили мардум ва барои мардум мегӯяд. Лоиқ инсонро бо тамоми фазилатҳояш васф мекунад, аммо симои модар мағз андар мағзи эҷодиёти ӯро ташкил медиҳад. «Модарнома»-и Лоиқ дар таърихи адабиёти тоҷик мақоми махсус доранд. Лоиқ дар бештари анвои адабӣ шеър мегӯяд, аммо дар сурудани ғазалу рубоию дубайтӣ ҳамто надорад. Вай муаллифи китобҳои «Сари сабз» (1960), «Илҳом» (1968), «Нӯшбод» (1971), «Соҳилҳо» (1972), «Ташнадил» (.1974), «Хоки ватан» (1975), «Марди роҳ» (1984), «Хонаи дил» (1988), «Дасти дуои модар» (1991), «Фарёди бефарёдрас» (1997), «Ангораҳо» (2001) «Куллиёт» (2001) мебошад.

Лоиқ Шералӣ сазовори мукофоти давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, унвони «Шоири Халқии Тоҷикистон» ва дорандаи Ҷоизаи байналмилалии «Нилуфар» («Лотос») гардидааст.

Дили пурэҳсоси ин шоири маҳбуб 30-юми июни соли 2000 дар Душанбе абадан аз тапиш монд.

ОЛИ СОМОН

Маснаде дар ҳалқаи саҳронишинон,
Бӯстоне дар миёни шӯразорон,
Гулхане дар лобалои кӯрдуд,
Паҳлавоне дар миёни нотавонон –
Оли Сомон!

Махзани тилло ба дасти боддастон,
Шоире дар инҳисори худпарастон,
Уфтода ахтаре ногаҳ зи гардун
Дар муҳити золимону зулматистон –
Оли Сомон!

Гӯиё
Як нафас тоҷикро Таърих дод ойинае
То дар ӯ бинад нишони хештанро,
То дар ӯ ёбад ҷаҳони хештанро,
Лек шодикаф шуду ойина аз дасташ фитод,
Хештанро ҳам надиду дигаронро ҳам надид...

Гӯиё
Як нафас тоҷикро Таърих ҷӯе об дод,
То кунад обӣ макони хештанро,
Даштҳои бекарони хештанро,
Лек шодикаф шуду он об аз ҷӯяш гузашт,
То бидид, оби варо аъдо ба ҷӯи худ кашид...

Гӯиё тоҷик андар дашти бопаҳнои Таърих
Ёфт аспи шахлаҷоме,
Хост ҷӯяд манзили номусу номе.
Асп нофармону саркаш...
Ӯ саворирo намедонист...
Ногаҳ аз сари асп уфтод...
Бесавора, зин кашола,
Асп дар саҳрои пурфарёди Таърих он қадар сарсон давид,
Шиҳа зад, афғон кашид,
То ба дасти душманон афтоду ҷон аз даст дод...

Оли Сомон!
Давлати навкисаву навхонагон,
Давлати навдавлату навхоҷагон,
Кӯдаки якрӯзаи Таърихи тоҷик,

Зодрӯзат ёд бодо,
Ғӯрамарго,
ғӯрамарго!..

ДОМОНИ МОДАР

Вақти тифлӣ, вақти роҳ омӯхтан,
То наафтад, дошт ӯ аз домани ту.
То намонад дасту пои баста дар гаҳвора танҳо,
Дошт ӯ аз домани ту вақти ҷое рафтани ту.

Боз медорад зи домони ту, модар,
Гарчи акнун гурзбардоранд ӯро дастҳо.
Гарчи натвонӣ ту акнун роҳ гаштан по ба пояш,
Гарчи натвонӣ шуморидан қадаммонии ӯро.

Боз медорад зи домони ту, модар,
Кӯдаки бо ранҷҳо, бехобиҳо парвардаи ту.
Кӯдаке, ки як замоне чорпоя роҳ мерафт,
Ин замон соҳиб шуда бар зиндаю бар мурдаи ту.

Боз медорад зи домони ту, модар,
То нагирад доманат аз дасти ӯ дасти хатар...

* * *

Баччагиям бекасу танҳо гузашт,
Бо дарав, бо хӯшачиниҳо гузашт,
Доманаш аз хӯша пур аз домани саҳро гузашт.

Дар сари санге ҳама рӯз интизор
Мешумурдам турнаҳоро ҳар баҳор,
Баччагиям бо қатори турнаҳо як ҷо гузашт.

Шаст меандохтам бар рӯди маст,
То биафтад моҳии тилло ба шаст,
Баччагиям бо умеди моҳии тилло гузашт.

Ханда мекардам ба сӯи шаршара,
Ханда меомад зи ҳар санги дара,
Баччагиям ханда бар лаб лаб-лаби дарё гузашт.
Номаҳо бинвишта будам беҳисоб

Лек аз он сӯ намеомад ҷавоб...
Баччагӣ чун номае бар ёри бепарво гузашт.

Баччагӣ чун шохборон рехт, рехт,
Баччагӣ чун обшорон рехт, рехт.
Ё мисоли шохнам аз дашти бопаҳно гузашт.

Баччагӣ гӯё буду гӯё набуд,
Баччагӣ аз мо буду аз мо набуд,
Бехабар мондем, то дидем, фарсаххо гузашт.

Баччагӣ – гулгуни зарринёли ман,
Баччагӣ – гулгуни зарринболи ман –
Ёлу болаш ғарқи гул аз роҳи умри мо гузашт...

ЛУҚМОН ҚУРБОН



Луқмон Қурбон, узви Иттифоқи нависандагон, Иттифоқи журналистон ва Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Маҷмӯаи ҳикояҳояш соли 1989 бо номи «Фарзанд» дар нашриёти «Адиб» ва китобаш таҳти унвони «Ғолибон» соли 2005 дар нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалили шаҳри Хуҷанд, ки дар бораи ҳаёт ва корнамоиҳои иштирокчиёни Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ аз шаҳру деҳоти Панҷакент нақл мекунад, чоп шудаанд. Китоби «Пешвои миллат», ки соли 2016 дар нашриёти “Эр-граф”-и шаҳри Душанбе чоп шудааст, ба қалами ӯ тааллуқ дорад.

Сармуҳаррири рӯзномаи «Зарафшон»-и шаҳри Панҷакент мебошад.

ФАРИШТА ВА ФАРЗАНДИ ДИЛБАНДИ Ӯ

Ба ҷои пешгуфтор

Ба Хона интернати пиронсолон ва маъюбони шаҳри Панҷакент ҷавонзане модари бемори ҳафтодсолаашро оварда, аз сарвари муассиса хоҳиш намудааст, ки нигаҳбонаш бошанд. Ӯ гуфтааст, ки ба зудӣ меояду модарро ба хонааш мебарад. Аз рӯи эҳтиёт рақами телефонашро низ дода рафтааст. Аммо на ӯ ва на ду хоҳари дигараш модарро боре хабар нагирифтаанд.

Охири соли гузашта зан дар синни ҳафтоду панҷсолагӣ аз ҷаҳон даргузашт. Ба духтар занг зада аз марги модараш хабар доданд, то ояду ҷасади модарашро бубарад. Аммо ӯ ва ду хоҳари дигар, ки дар муҳоҷирати корӣ дар Русия будаанд, наомаданд.

Аҳли кормандон ва тарбиятгирандагони Хона занро бо иззату икром дар қабристони шаҳри Панҷакент ба хок супурданд.

Модар фаришта буд, фақат болу пар надошт,
Шояд, ки дошт болу пар, аммо хабар надошт.

Озар

Бурсибой Лутфуллоевро бародарвор ба оғӯш гирифта, бо 60-солагии рӯзи мавлудаш муборакбод намудам. Гуфтам:

- Ҳамеша тансиҳат ва чун бурсҳои кӯҳсорон сабз бошед.

Чеҳраи зебои дӯстам аз фараҳ шукуфт, бо табассуми лабон ва дурахши чашмон арзи сипос кард. Аммо баъд, ба таври ҳайратовар якбора дар рӯяш нишони ҳузн дамид ва дар чашмонаш донаҳои ашк падид омаданд.

Аз тағйири ногаҳонии ҳоли Бурсибой тааҷҷуб кардам.

Дӯстам аз ҷайб рӯймолчаро бароварда, чашмони пуробашро пок карду гӯё андаке худро ба даст гирифт, вале ин амалаш корагар нашуд. Аз чашмонаш қатраҳои ашк ҳамоно берун омада, рӯи рухсораҳояш мелағжиданд.

Бурсибой боз бо рӯймолча рӯйи тарашро хушконда, бо овози пасту ларзанда гуфт:

-Ҳамин таҳнияти шумо доимо сари забони модари раҳматиам буд. Мегуфт: Сабз бош, писарам.

-Ин тавр бошад, чаро ғамгин шудед?

Бурсибой дар ҳоле, ки бо гӯшаи рӯймолча чашмон ва рӯи намнокашро зуд-зуд тоза менамуд, ин қиссаро ҳикоят кард.

Воқеа 37 сол муқаддам рух дода буд. Бурсибой ҳамон сол Донишгоҳи омӯзгории шаҳри Хуҷандро хатм карда, ба зодгоҳ-деҳаи Ғӯсар баргашт. Дар мактаби деҳа ба омӯзгорӣ оғоз кард. Таълими фанни таърихро ба ӯҳдааш гузоштанд. Ва ҳамон рӯзҳо бо коргардухтари барнои совхоз хонадор шуд.

Аз қазо се моҳ нагузашта, модари ҷонаш, ки атвору аҳволи ӯ пур аз хирадмандиву ҳушёрӣ, меҳрубонию нармхӯй, меҳнатдӯстию наҷобат буд, модари шеърдону дуогӯяш ба фалаҷ гирифтор ва бистарӣ шуд. Дасту пойи чапаш аз ҳаракат монданд. Табобати табибон натиҷае надод.

Хоҳари калонӣ, ки дар деҳаи Навобод зиндагӣ дошт ва додаронаш зуд-зуд аз ҳоли модар хабар мегирифтанд. Аммо нигаҳбону парастори доимии модар Бурсибой ва завҷааш буданд.

Бурсибой ҳар субҳ рӯю дастони модарро мешуст, субҳона медод, мавҷи шодию ханда, дилрабоиҳои рафтору ҷозибаҳои сухан, рӯзгори пур аз завқу лаззати очаҷонашро, инсонеро, ки вуҷудаш хеле бузургтару бартар аз як вуҷуди афсонавист, пеши назар меовард. Бо ёдоварии ин лаҳзаҳои ширини зиндагӣ, бо суханҳои таскинбахш, ки шифо меёбаду соябони сари фарзандон мешавад, ӯро хобонда, ба мактаб мерафт.

Рӯзҳову моҳҳо дар сари болини модар сипарӣ мешуданд.

Дӯсти падар Исматуллохони самарқандӣ ҳар гоҳ ба дидори завҷаи бистарии бародари зиндаёдаш меомад. Боре ӯ гуфта буд:

Ҷаннат, ки ризои мо дар он аст,
Дар зери қудуми модарон аст.

Писар, рӯза магир, таровеҳ нарав, Каъбаро зиёрат макун, сарват маҷӯй, аммо хизмати модарро ба ҷо овар, ки ҳарду ҷаҳонат обод хоҳад шуд. Худованд муҳтоҷи рӯзаю намози ту нест, аммо модарат муҳтоҷи хизмати туст. Асбоби хӯрухоби модаратро ҳамеша омода кун, ҳарчӣ дилаш мекашад, биёвар ва боздеҳаш…

Соли 1993 модар ба фалаҷи шадид гирифтор шуд, дастону пойҳояш пурра аз ҳаракат монданд. Дили зору абгоргаштаи Бурсибой ба ҳазор андеша мерафт, азамати маънавию ахлоқии модарро пеши назар меовард, оҳу нолаи ҷонсӯзи очаҷонаш ӯро таслими дарду андӯҳҳои гарон мекард.

Яке аз рӯзҳо хоби модар пас аз тановули субҳона ба зудӣ набурд. Бо сӯзи дил аз Худо мадад мепурсид, бетоқат мешуд, боз чиҳое гуфтан мехост. Шояд, ёди говҷӯшиҳояш мекард, садои фараҳбахшу рӯъёии фавҷ-фавҷ рехтани шир ба сатил ба гӯшонаш мерасид, ки аз ҳамин касб нон ёфтаву номаш дар радифи беҳтарин говдӯшбонувони шаҳр ҷой гирифта буд. Шояд, зебоиҳои деҳа, соҳили дарёи Зарафшон ва қуҳу ёлаҳои Заврон, ки наврасию ҷавониаш он ҷо, миёни гулҳову сабзаҳо бо шӯхиҳо ва каҳкаҳаҳо – бо ин беҳтарин лаҳзаҳои нотакрори зиндагӣ ба сар омад, ба хотираш мерасид. Орзуҳои баланду ҳавасҳои ширин дар сараш тоб мехӯрданд.

Писар илоҷе карда модарро ором кард, хоби бемор бурд. Бурсибой медонист, ки акнун модар ҷун рӯзҳои дигар ду-се соат хоб мекунад. Сари модарро оҳиста ва нарм сила карду ақибнокӣ аз хона берун баромад ва ба мактаб рафт.

Бурсибой он рӯз ба шогирдон бо хотири ҷамъ дарс дода натавонист. Хаёл ӯро ба сад кӯй мебурд: бедор нашудааст, маро ба паҳлӯи дигар гардонед, ташнаам, нагуфтааст, писарҷонам, куҷо рафтӣ, биё сари болинам нишин, дидоратро сер дидан мехоҳам, гӯён суроғ накардааст?!

Ногаҳонӣ ва бо талвоса вориди синф шудани духтарчааш Бурсибойро аз хаёлоти гарон ба худ овард.

Падару духтар аз синф берун баромаданд. Духтар бо ҳаяҷон хабар дод, ки бибӣ бетоқатӣ мекунанд, шуморо суроғ доранд.

Бурсибой ба шогирдон кори мустақилона дод ва ҷонҳавл сӯи хона шитобид.

Аммо баъди рафтани муаллим хонандагон ба ҷои омӯзиши мавзӯъ ғирев бардоштаанд. Садои баланди шӯхию хандаи онҳо ба гӯши мудири қисми таълимии мактаб расидааст. Ӯ ба синф даромада, муаллимро надидааст.

Пас аз 20-25 дақиқа Бурсибой назди хонандагон баргашт. Дар назди даромадгоҳи синф бо мудир рӯбарӯ шуду дилаш гиреҳ хӯрд, аз абрувони ба ҳам кашидаи ӯ пай бурд, ки гапу коре шудааст.

Мудир аз муаллим хоҳиш кард, ки пас аз дарс наздаш ояд.

Бурсибой вориди ҳуҷраи кории мудир шуд ва бори нахуст дар умраш суханҳои пасту баланд шунид.

Муаллим ҳарфе нагуфт, сабабе, узре пеш наовард, ором сари миз нишасту ба номи директори мактаб ариза навишт, хоҳиш кард, ки барояш рухсатии бемузди сесола диҳанд.

Директор аризаро хонд, дар тааҷҷуб монд ва сабаб пурсид.

Омӯзгори ҷавон ба директор кӯтоҳ арзи ҳол кард: илоҷи дигар надорад, модараш сахт бемор аст…

Бурсибой умед дошт, ки модар шифо меёбаду рӯзе аз ҷой бармехезад ва ҷаҳони орзуҳояшро мунаввар мекунад. Дар поини кати модарбузургаш менишаст, ӯро навозиш мекарду таскин медод. Мегуфт: -Худо хоҳад шифо меёбӣ, очаҷон, сабр кун, азизи дилам.

Ишқ ба зиндагӣ буд, ки соатҳо ва рӯзҳои умри модарро дарозтар мекард.

Шабҳо модар аз писар хоҳиш мекард кӯрпачаю болинашро иваз намоянд. Вақте ҳоҳишашро иҷро мекарданд, писар медид, ки чашмони модар пуроб гардидаанд. Бурсибой мепурсид:- очаҷон, чаро гиря мекунед, шуморо сахт бардоштам, озор додам?

- Ман шуморо аз хоби ширин бедор кардам, писаракам, дилам ба шумо месӯзад ,- мегуфту аз чашмонаш ашк мерехт.

Гумон мекардед, ин лаҳзаҳо дили модар обу адо шуда, аз чашмони маҳзунаш берун меоянд.

Бурсибой ҳар ҳафта якҷо бо занаш модарро оббозӣ медоронд, либосҳояшро иваз мекард, нохунҳои дасту пояшро мегирифт. Аммо панҷаҳои шахшудаю ба кафи дастон часпидаи беморро кушодану нохунҳои дастонашро кӯтоҳ кардан осон набуд.

Чун таом тайёр, онро аввал ба модар дода, сипас Бурсибой бо аҳли оилааш тановул мекарданд.

Моҳи январи соли 1993 вазъи саломатии бемор хатарбор гашт, аммо то дами охирин аз гуфтор намонд. Бурсибойро дуои нек мекард, Илоҳо, барака ёбӣ, сабз гардӣ, рӯи хориро набинӣ, мегуфт. Каломаш, гуфтораш ифодагари андешаҳо ва хислатҳои олии инсониаш буданд.

Он шаби вопасин писар болои сари модар рост истода, бо ашки дида ба суханаш гӯш медод, хоҳишашро иҷро мекард.

Лаҳзаи видоъ расид. Модар аз қаъри дил оҳи дардноке берун оварда ва бо овози пасту ларзанда гуфт:

-Писарҷонам, ҷигарам дармегирад, ба ман ангур деҳ. Чун хостаашро иҷро намуданд, хоҳиши дигар кард. - Маро аз кат фароред ва болои кӯрпача хобонед.

Бурсибой охирин фармудаи беморро иҷро кард.

Сипас модар лаб аз сухан фурӯ баст, ба рӯи фарзандаш бо меҳр, ҳаросон нигарист ва лаҳзае баъд чашмонашро пӯшиду ба хоби абад рафт…

Ба ҷанозаи Истамой мардуми зиёд омада буданд, бисёриҳо дар сӯги ҷавонзани оқила, заҳматкашу машҳур ашк мерехтанд. Мудири қисми таълимии мактаб низ камарбаста дар хидмат буду талх мегирист...

Бурсибой хонаро аз ҳамдаму мӯниси умр холӣ ёфт. Бо марги модар гӯё ҳама орзуҳо, ҳама шодиҳо, ҳамаи комҳояш низ мурда буданд.

Ту гӯӣ, ӯ дигар ҳама ҷаззобиву зебоиву дилрабоиҳои ҳаётро аз даст дода буд, умрро бо ҳама шодию ғамҳояш тамомшуда меҳисобид.

Ишқ ба зиндагист, ки инсонро дубора месозад ва ба сӯи орзуҳову мақсадҳои нав ҳидоят мекунад.

Бурсибой пас аз се соли рухсатии бемузд ба мактаб баргашт ва омӯзгориро идома бахшид. Баъдтар иҷрои вазифаҳои муовини раис, котиби ҷамоати деҳоти Колхозчиён (Лоиқ Шералии имрӯза) ва вазифаҳои дигарро ба ӯ вогузор намуданд. Яъне, дуои неки модар мустаҷоб шуду сабз гардид, дар зиндагӣ ҷою мақоми худро ёфт, соҳиби обрӯю эътибори баланд шуд.

Пас аз вафоти модар Бурсибой хоҷагии деҳқонии шахсӣ ташкил намуда, боғ бунёд кард, ки бештар аз ҳазор ниҳоли себу зардолу, чормағзу гелос, шафтолую нок дораду имрӯз бороваранд. Хоҷагии деҳқониро ба номи модари азизу меҳрубонаш-Истамой гузошт.

Касоне, ки ба хонаи ҳамеша меҳмондори Бурсибой меоянд, қолини калон бо акси мӯҳташам ва зебои модарро, ки рӯи девори меҳмонхона овехта шудааст, бо шавқу ҳавас тамошо мекунанд. Аксро бо ҳунари баланд нақшбандӣ кардаанд. Бурсибой ҳар субҳ назди ин сурати нурбор ба зону менишинад, ҳарфи дилашро мегӯяд ва гӯё аз модар фотеҳа мегирад ва сипас ба кор меравад…

Ин муҳаббат, ин худафрӯзӣ арзандаи ибрат ва ифтихор аст.

Ба андешаи ман, кори шоиставу қобили мулоҳиза мебуд агар пайкараи зебою беназири фариштамодар Истамой ва фарзанди дилбанди ӯ- мудири шуъбаи тарғиботу иттилооти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Панҷакент Бурсибой Лутфуллоев чун рамзи муҳаббати ҷовидонии модар ба фарзанд ва садоқати фарзанди дилбанд ба модар офарида шавад…

МАЛИКАИ БАХТИЁР



Маликаи Бахтиёр 19-уми феврали соли 1994 дар ноҳияи Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Аз хурдсолӣ ба адабиёт завқи баланд дошт. Ҳикояҳо, хабару мақолаҳои ӯ дар саҳифаҳои воситаҳои ахбори оммавӣ чоп шудаанд.

Соли ҷорӣ бахши магистратураи факултети филологияи донишгоҳи давлатии Самарқандро хатм карда, дар мавзӯи «Жанри маснавӣ ва гуногунрангии он дар асрҳои X-XII» кори диссертатсионӣ навишта, онро бомуваффақият ҳимоя кард.

Китоби аввалини ӯ бо номи «Бонувони хонадони Гулханӣ» аз нашр баромадааст. Дар китоби навбатии ӯ аз ҳаёти завқбахши аберагони Гулханӣ нақл шудааст.

Ҳоло дар факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии Самарқанд ҳамчун муаллимаи фанни педагогика фаъолият дорад.

Оиладор, модари як нафар фарзанд.

ОБУ АРАҚИ ХИҶОЛАТ

Мебахшетон, мо каме дер мондем, – мард як ба даъватнома ва як ба навиштаҷоти рақами рӯйи миз нигариста гуфт. Вале гирди миз фақат як курсии холӣ буд. Дигар курсиҳо банд. Вай ба курсӣ нишаст ва зуд аз ҷой хест.

– Бачаҳоро пеши модарашон монда наомадед-дия? — гуфт яке, ки аз ин суханони маслиҳатомез оҳанги пичингаш бараъло ҳувайдо буд.

– Ҳоло барвақт… Монед, инҳо зиндагонӣ кунанд, — ҷавоб дод. Вай чӣ кор карданашро надониста, арақи сару рӯяшро пок кард. Ӯ дар куҷо ҷойгир кардани фарзандонашро намедонист.

Дар саҳни боғи калоне зиёфати расмии идона давом меёфт. Рӯйи мизҳо бо гули меваю хӯрокиву нӯшокиҳо оро ёфта буд.

Дар паси мизҳои пурнозу неъмат роҳбарон, шахсони маъруфу машҳур, пешқадамони соҳаҳои гуногун менишастанд. Ҳама бо галстук ва шиму костуми зебо, ришу мӯйлабҳои тарошида, занҳо аз ҳаррӯза ҳам зеботару дилбар ба назар мерасиданд.

Ҳамин вақт боз се нафар кӯдак омаданд. Як духтарчаву ду писарак. Сару либоси ӯ нисбати дигарон одитару хоксорона менамуд.

– Саҳл дер мондед, хайр ҳеҷ гап не, — гуфт ҳампаҳлӯи дасти росташ. – Бачаҳоро ҳам овардед, нағз – ва киноямез илова кард. – Ишкамашонро сер карда мераванд.

– Ҳамин хел шуд, — сурх шудаву забон хойид мард. Вале барои бачаҳо ҷой набуд. Байни обу оташ монд.

– Ин одам ба кучо омаданашро намедонад? – марди ишкамкалони рӯ ба рӯ ба гӯши ҳампаҳлӯяш пичиррос зад. — Худаш ҳам латтамард барин. О бачаву оча мегӯянд.

Ҳампаҳлӯяш ҷавобе надод.

Онҳо боз хӯрдану нӯшидани худро давом доданд. Дар як гӯша санъаткорон хизмат мекарданд. Бачаҳо дар атрофи падарашон рост истода, чашми худро аз рӯйи миз намеканданд.

– Гиред! – ҳампаҳлӯи дигараш ба хӯрдану нӯшидан мурооt кард.

– Албатта, албатта! – гуфт мард ва аз шарм бо дастрӯймол арақи сару гарданашро пок кард. Гапҳои бачаҳоеро, ки ба гӯшаш мегуфтанд, бо ишораи сар инкор мекард. Баъд шармидаву кебида аз пешонии духтарчаву писарча, ки ҳамсин менамуданд бӯсид ва сари писараки калониро сила карда, ба як гӯшаи боғ бурд, ки ҳунарнамоии ҳофизонро тамошо кунанд. Мард пас аз лаҳзае хиҷолатзада ба ҷояш баргашт.

– Ба шумо чӣ резам? — пешхизмат пурсид. – Арақ, фанта, об?

– Об, — овозаш ларзид.

Мардуми гирди миз ва атроф ба назараш гӯё ба вай бадбинона менигаристанд. Онҳо чиҳо мегуфтанд, ӯ намедонист, вале ҳис мекард, ки ӯро наҳ мезананд. Вай оҳиста хеста, назди бачаҳо, ки дар як гӯшаи боғ ҳунарнамоии раққосаҳоро тамошо мекарданд, рафт.

Ӯ рафту бадгӯии нишастагони атрофи миз ҷӯшид.

– Занҳо бачаҳоро ба маърака бурданашон табиӣ. Худоё, ба ин мард чӣ бало задааст, ки бачаҳоро кашола карда омадааст? Ё занаш дар хорича…

– Кӣ медонад, ҳар касу ҳар чӣ? Шояд тамошо гумон кардагист.

– Э, ин хел одам мард нашуда мурад – нағз.

– Ин хел одамҳоро даъват накардан даркор…

Хӯрок оварданд.

Мард омада нишаст. Вале аз нигоҳи ҳамроҳон худро канор мегирифт. Ба хӯрок ҳам даст набурд. Фақат гоҳ-гоҳ аз фужери булӯрӣ як-ду қулт об менӯшиду арақи сару гарданашро пок мекард. Дигарон гӯё барои хӯрдану нӯшидан омада бошанд, бетанаффус ба рӯйи миз «ҳуҷум» мекарданд, мехӯрданду менӯшиданд ва бо даҳони пур хӯрокҳоро ба чор тараф пош дода, гапфурӯшӣ мекарданд. Вай бошад, гӯё барои обхӯриву арақпоккунӣ омада буд. Ниҳоят, садои суруду мусиқӣ хомӯш гардида, микрофонро садри базм гирифт. Баъди чанде табрик ба тақдимот гузошт.

– Ҳоло мо ба тақдимоти шахсоне, ки дар пешрафти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ комёбиҳои калон ба даст оварданд, мегузарем. Пеш аз ҳама, ба саҳна Шермуҳаммад Идибековро даъват мекунем.

Дар ин ҷои сухан мард хамтар шуда, гӯё хаси болои оташ бошад, ба худ печид. Вале ба ин ҳолати ӯ касе эътибор надод.– Ҳамсари ин бародари мо баъди таваллуди фарзандони дугоник вафот кард. Дугоникҳои навзодро танҳо парваришу тарбия карда, ба воя

расониданд, ки номбардори на танҳо Самарқанд, балки тамоми кишварамон гаштанд. Писари калонӣ Бежан дар олимпиадаи химикони навраси байналхалқӣ ҷойи якумро гирифт. Дугоникҳо – Ромиз дар чемпионати шоҳмоти Осиё ғолиб омад. Хоҳаракаш Рамзия ғолиби мусобиқаи гимнастикачиёни бадеии кишварамон шуд. Барои тарбияи чунин фарзандон бо қарори сарвари давлатамон Шермуҳаммад Идибеков бо ордени «Барои хизматҳои бузург» сарфароз гардонида мешаванд. Марҳамат, Шермуҳаммад Идибеков ба саҳна бароед.

Мард аз ҷой хеста, ба сӯйи саҳна рафт.

Ҳама шарикони паси миз нишаста карахт шуданд. Дигар дасту дилашон ба хӯрокхӯриву нӯшокӣ намерафт. Шояд аз гумону бадгӯйиҳои худ ботинан шарм медоштанд? Пеши мизи мард чӣ тавре, ки ҳангоми ородиҳии дастархон буд, ҳамон тавр ба назар мерасид. Фақат дар таги фужери ӯ каме об боқӣ монда буд.

Вай ба сари миз дигар барнагашт…

ДАНДОНИ ДАБДАЛА

Аз ҳалвову конфетхӯрии бисёр дандонҳои Анӯшервони чаҳорсола кирмхӯрда шудааст. Дандончаҳои хоҳараки дусолааш Шукрона тезу биринҷ барин як радда аст. Баъзан бо ягон сабаб ҷанҷол кунанд, Шукрона рӯю дастони Анӯшервонро мегазид. Анӯшервон бошад, бо дандонҳои кирмхӯрдааш ҳатто гӯштро дуруст хойида наметавонист.

Рӯзе онҳо боз ҷанҷол карданду Шукрона дастони Анӯшервонро газид. Ин кори ӯ ба Анӯшервон сахт алам карду ба назди бибиаш рафта, гирякунон гуфт:

– Бибиҷон, дандонҳоямро тилло кунем, ё мисли бобоям дандонҳои дигар монем.

Бибиаш тасаллоомез гуфт:

– Дадаҷон, ин корҳоро одамон баъди пир шудан мекунанд.

Анӯшервон аз ин гапҳои бибиаш сахттар гиря карда, гуфт:

– О, ин дандонҳои ман дабдала. Ин Шукрона пир шудан мемонад?

– Сабаби ин хел шудани дандонҳоят чӣ?

Анӯшервон лаҳзае ба фикр фурӯ рафт ва оҳиста шоколадеро аз кисааш бароварда, ба дасти модаркалонаш дод.

БАР ПАДАРАТ РАҲМАТ, ПИСАРАМ!

Озод ба хоб монда, дертар бедор шуд. Саросемавор дасту рӯ шуста, либосҳои мактабиашро пӯшид ва ба сӯйи мактаб метохт, ки

модараш ба дасташ пул дод. Яъне, нонушта накардаасту аз дӯкони мактаб ягон чиз харида хӯрад.

Озод саросема ба мактаб мерафт, ки дар роҳ чашмаш ба қаландари пире афтод. Ӯ дар даст асо дошт. Ҳаво хунук бошад, ки либосҳои танаш тунук буд. Вай, бо чӯши ғаму алам бо асо ба сӯйи ҳавлии Муродино нигариста, дуои бад мекард. Ин аҳволи қаландарро дида, Озод зуд аз таги гап воқиф шуд: қаландар ба садақапурсӣ дарро кӯбад, Мурод сагашро сар дода, мӯйсафедро ранҷондааст.

– Бобо, хафа нашавед, ба ҷойи инҳо ман хайр мекунам, - гуфта Озод тамоми пулҳои кисаашро ба қаландар дароз кард. Пирамард розӣ нашуд. Озод илтимос кард, ки пулро гирад. Пирамард ноилоҷ пулро гирифта, дуо кард:

–Бар падарат раҳмат, писарам! Илоҳо, рӯйи камиро надида, ба сад дарӣ…

Озод бо ишками гурусна панҷ соат дарс хонд. Аммо рӯҳаш болида буд: ба яке некӣ кард, ғаму андӯҳашро рафъ намуд, ба шаъни маҳалаашон доғ наовард.

Баъди дарс ба хонаашон омада, либосҳояшро иваз мекард, ки модараш ранги рӯйи кандаи ӯро дида пурсид:

– Чаро рангат кандагӣ, бачем? Ба пули додаам ягон чиз харида хӯрдӣ?

– Не, - Озод ба модараш рости гапро гуфт. Гумон дошт, ки барои ин кор модараш ӯро сарзаниш мекунад. Вале модараш аз ин рафтори Озод хурсанд шуда, зуд дастархон кушод.

МАКТАБРАВ ШАВАД…

Анӯшервон тамоми рӯз ҳамроҳи бибиҷонаш буд. Шабона бибиаш ба ӯ афсонаҳои шавқовар мегуфт. Барои набераш суруди алларо мехонд, навозиш мекард.

– Дадаҷонам калон шавад, мисли апаҳояш мактабрав шавад. Бобоҷонаш костум буруки нав харида диҳанд. Вай костум буруки зеборо пӯшида, ба мактаб равад…

– Бибиҷон, – ба модаркалонаш рӯ овард Анӯшервон. –Ба умеди бобом нашуда, пагоҳ худатон костум бурук харида диҳед.

МАРТАБАИ ОРИЁӢ



Бобоева Мартаба (Мартабаи Ориёӣ) 4 июли соли 1952 дар деҳаи Ёрии ноҳияи Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оилаи кишоварз таваллуд шудааст.

Соли 1969 мактаби деҳаро ба итмом расонидааст. Баъдан дар собиқ колхози «Москва» ва иттиҳодияи бурдоқипарварӣ кор кардааст.

Соҳиби 9 фарзанд ва 27 набера буда, аз соли 2008 инҷониб нафақахӯр мебошад.

Соли 2012 маҷмӯаи нахустини ашъораш таҳти унвони «Аз ману дунёи ман берун марав» ба нашр расидааст. Маҷмӯаи дуввумаш бо номи «Розҳои сафедор» омодаи чоп аст.

МОДАР

Сарогози ҳама оғозӣ, модар,
Ба роҳи мо ба чашми бозӣ, модар.
Ба заҳматҳо бипарвардӣ ту моро,
Зи ранҷу заҳматат ту розӣ, модар.
Ба ҷисмат лашкари пирӣ асар кард,
Гаҳе созу гаҳе носозӣ, модар.
Кунун ту давлати пирӣ бионӣ,
Дуо дорӣ, ба дасти бозӣ, модар.
Талаб созӣ накӯ бахти маро ту,
Ҳамеша бо Худо ҳамрозӣ, модар.

ПАДАР

Падарҷонам, ҳама шому саҳарҳо,
Биёяд рӯятон пеши назарҳо.
Агарчи мӯсафеду пир будед,
Ба моён чашмаи тадбир будед.
Чу мекардед сӯйи мо табассум,
Шуморо буд ширин ҳар такаллум.
Ба мо азёд дода сураҳоро,
Ҳамегуфтед: «Гӯ, зикри Худоро».
Шумо будед як кони насиҳат,
Диҳад Аллоҳ, Шуморо тахти роҳат.
Падарҷоно, дуо гӯем алъон,
Илоҳо, қабратон бошад чароғон!

АЗ МАНУ ДУНЁИ МАН БЕРУН МАРАВ

Аз адам рӯзе ба дунё омадам,
Ман туро монанди савғо омадам.
То садоят бишнавам бо гӯши дил,
Бар ҷаҳони пур зи ғавғо омадам.
Аз азал бо номи Одам омадӣ,
Аз бароят ҳамчу Ҳавво омадам.
То туро танҳо намонам дар ҷаҳон,
Аз вуҷуди ту ба пайдо омадам.
То шавам ҳамсоғарат дар зиндагӣ,
Аз бароят масту шайдо омадам.
Аз ману дунёи ман берун марав,
Назди ту бо сад таманно омадам.

ҶОЕ МАРАВ

Дидам туро, гуфтам ба ту: ин ҷо нишин, ҷое марав,
Бо ман бикун ту гуфтугӯ, ин ҷо нишин, ҷое марав.
Ёри камонабрӯи ман, хушрӯи ман, дилҷӯи ман,
Саҳрои ман, оҳуи ман, ин ҷо нишин, ҷое марав.
Бунёди ин дунёст дун, пурфитна асту пурфусун,
Ҳаргиз машав аз дил бурун, ин ҷо нишин, ҷое марав.
Ҳастӣ шукӯҳи манзилам, ҳастӣ чароғи маҳфилам,
Танҳо туро хоҳад дилам, ин ҷо нишин, ҷое марав.
«Қуш бо қаноташ» - гуфтаанд, болу қаноти ман туӣ,
Азму суботи ман туӣ, ин ҷо нишин, ҷое марав.
Ман мондаам аз хобу хӯр, ман мондаам аз дасти зӯр,
Бе ту надорам ман ҳузур, ин ҷо нишин, ҷое марав.
Эй фарру зебу зинатам, эй давлатам, эй ҳимматам,
Бе ту набошад қимматам, ин ҷо нишин, ҷое марав.
Эй шеър дар лабҳои ман, афсонаи шабҳои ман,
Равшангари дунёи ман, ин ҷо нишин, ҷое марав.
Эй лолаи ҳумрои ман, эй ёри бепарвои ман,
Эй ганҷи беҳамтои ман, ин ҷо нишин, ҷое марав.
Эй гавҳари ноёби ман, хуршеди ман, маҳтоби ман,
Бе ту наояд хоби ман, ин ҷо нишин, ҷое марав.
Худ Мартаба бо илтиҷо, мегӯяд аз баҳри Худо,
Мебахшамат дороиҳо, ин ҷо нишин, ҷое марав.

ДОНИШ

Ман булбули навбаҳори дониш,
Бебаҳра, вале зи бори дониш.
Шаб то ба сабоҳ нола дорам,
Сармаст ба шохсори дониш.
Аз навда ба навдае ҷаҳам ман,
Чун булбули беқарори дониш.
Аз нолаи худ намешавам сер,
Ё ташна ба обшори дониш?
Дар нимаи роҳ мондаам ман,
Нохондаю зор-зори дониш.
Эй Мартаба, рав, агар тавонӣ,
Бар ҷониби чашмасори дониш.

БОДИ НАВРӮЗӢ

Саҳар аз ҷониби саҳро вазон шуд боди наврӯзӣ,
Ба сӯйи хонаи дилбар равон шуд боди наврӯзӣ.
Барад пайки баҳорона ба ҳар кӯю ба ҳар хона,
Ба савқи накҳати гулҳо давон шуд боди наврӯзӣ.
Ба рӯйи ҳавлӣ дидам дилбари кокулпарешонро,
Чу бӯйи мӯйи ӯ анбарфишон шуд боди наврӯзӣ.
Биёмехт атри кокулҳо, сипас бо накҳати гулҳо,
Шамими мушку анбар бегумон шуд боди наврӯзӣ.
Ҷаҳонро дод ӯ пардоз, чу мурғон карда хуш овоз,
Ба вачд овард дилро, хушбаён шуд боди наврӯзӣ.
Аё, эй Мартаба, ҳастӣ саропо ошиқи ҳастӣ,
Зи ҷоми шеъри ту чун майкашон шуд боди наврӯзӣ.

САД ГУМШУДА ПАЙДО ШУД

Дай рафту баҳорон шуд, Наврӯзи Ачам омад,
Сад ғусса гурезон шуд, шодӣ ба дилам омад.
Гулҳо шуда пурханда, сармо шуда шарманда,
Гӯё ки амири сол бо хайлу ҳашам омад.
Олам ҳама зебо шуд, сад гумшуда пайдо шуд,
Хуршеду маҳи Наврӯз болои сарам омад.
Ҳафт аст ба хоне син, ҳафт аст ба хоне шин,
Шукронаи ин даврон, рӯзӣ ба барам омад.
Дар суғдзамин Наврӯз таҷлил кунанд имрӯз,
Ҷамшед ба дасте ҷом аз маснади Ҷам омад.
Мавзеи “Таги Ровут” шуд ғарқи арӯсу шаҳ,
Ин хушдилии ёрон берун зи рақам омад.

Чун нуқра бирезад об аз чашмаи Парвезан[20],
Ҳар қатраи борон ҳам хушпою қадам омад.
Чашмам ба раҳат шуд чор, шояд ки биёӣ ёр,
Ёдат ба ҳарими дил бо дидаи нам омад.
Наврӯзи ниёгон буд, Наврӯзи ҷаҳонӣ шуд,
Илҳом ба ҷӯш омад, шеъре ба қалам омад.
Дар деҳаи Ёриё, аз давраи Ориё,
Эй Мартаба, некӯ бин, он муҳтарамам омад.

МУБОРАКБОДӢ

Аввали рӯзи баҳорон муборак бошад,
Рӯзи нав бар ҳама ёрон муборак бошад!
Партави меҳри фурӯзон муборак бошад,
Шодию бозии тифлон муборак бошад!
Хониши мурғи хушилҳон муборак бошад,
Хандаи беғами ҷонон муборак бошад!
Чаҳ-чаҳу савти ҳазорон муборак бошад,
Муғҷаю барги дарахтон муборак бошад!
Аввали рӯзи баҳорон муборак бошад,
Рӯзи нав бар ҳама ёрон муборак бошад!
Мартаба аз дилу ҷон гуфт муборакбодӣ,
Соли нав, ёраки ҷонон, муборак бошад!

ҲАДЯ

Баҳорон ҳадя бар фарзанди одам,
Зи нав эҳё бигардад рӯйи олам.
Баҳорон сабза рӯяд аз дили хок,
Дили беишқ мегардад дусад чок.
Баҳор айёму авҷи ишқ бошад,
Ба ёрон партаве аз ишқ пошад.
Баҳорон мешавад дилкаш табиат,
Биёбад кӯҳу саҳро зебу зиннат.
Баҳорон чак-чаки борон чӣ форам,
Зи савташ зинда гардад рӯҳи одам.
Баҳорон гиря дорад абри найсон,
Бибахшояд ба деҳқон файзу эҳсон.
Аё, эй Мартаба, фасли баҳорон,
Баҳори дил бикун эҳдо ба ёрон.

[20] Мавзеъ ва чашма дар зодгоҳи муаллиф.

МАҲБУБА НЕЪМАТЗОДА



Маҳбуба Неъматзода 7-уми феврали соли 1949 дар шаҳри Душанбеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хонаводаи коргар таваллуд шудааст.

Вай пас аз хатми мактаби миёнаи рақами 15-уми пойтахт дар соли 1966 ба шуъбаи рӯзноманигории Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон шомил ва дар соли 1971 аз он фориғ гардидааст.

Маҳбуба Неъматзода муддате дар телевизиони ҷумҳурӣ ва аз соли 1972 дар идораи рӯзномаи «Анбоз» (собиқ «Пионери Тоҷикистон») ба сифати мухбир ва мудири шуъба ифои вазифа намудааст.

Вай аз соли 1978 то соли 1983 мудири шуъбаи маҷаллаи «Фирӯза» буд ва соли 1983 ҳамроҳи ҳамсараш Ҳазрат Сабоҳӣ ба муддати чаҳор сол ба Афғонистон сафар намуд ва ду сол ба унвони тарҷумон дар раёсати таҳсилоти ҳирфавии Вазорати таҳсилоти олӣ ва маслакии Афғонистон кор кард. Сипас ба идораи рӯзномаи «Анбоз» бозгашт. Соли 1990 барои кор дар маҷаллаи навтаъсиси «Чашма» даъват шуд ва солҳо вазифаи мудири шуъбаи назму насрро ба уҳда дошт.

Маҳбуба Неъматзода аз соли 1996 то соли 2000 дар идораи рӯзномаи «Самарқанд» (нашрияи ҳукумати шаҳр) ба ҳайси хабарнигор фаъолият намуд. Дар ин муддат дар саҳифаҳои рӯзномаҳои «Самарқанд», «Овози Самарқанд», «Овози тоҷик», «Донишнома» ва «Оина» як силсила шеъру ҳикоя ва ҳаҷвияву афсонаҳои ӯ ба табъ расидаанд.

Шеъру ҳикоя ва дигар навиштаҳои Маҳбуба Неъматзода ҳанӯз дар овони таҳсил дар мактаби миёна дар рӯзномаи «Анбоз», маҷаллаҳои «Машъал» ва «Фирӯза» чоп мешуданд.

Маҳбуба Неъматзода аксаран барои бачаҳову навҷавонон асар эҷод мекунад. Нахустин маҷмӯаи ашъораш бо номи «Борони баҳорӣ» (Маориф, 1980 ва 1990 нашриёти «Адиб»), китоби дуввуми ӯро бо унвони «Духтари заргар» ба табъ расонд.

Дар шаҳри Самарқанд китобҳои Маҳбуба Неъматзода таҳти унвонҳои «Меҳрубон» (1997), «Таваллудат муборак!» (1998), «Бонуи бобо» (2000) мунташир гардидааст.

Китобҳои Маҳбуба Неъматзода бо номҳои «Гиря кунам ё ки на?» (Душанбе, 2006) ва маҷмӯаи бузургҳаҷми вай «Модари ҷон, модарам!» (Тошканд, 2012), «Духтараки бозигар» (Душанбе, 2013) ба табъ расид.

Намунаҳои ашъори Маҳбуба Неъматзода дар маҷмӯаҳои гуногун, аз ҷумла дар китоби «Бонувони порсигӯй» (Теҳрон, 2007) омадаанд ва зиндагиномаи ӯ дар «Донишномаи адаби форсӣ» (ҷилди саввум, Теҳрон, 2007) зикр шудааст.

Маҳбуба Неъматзода дӯстдори сайру саёҳат аст. Вай аз кишварҳои Гурҷистон, Озарбойҷон, Туркманистон, Қазоқистон, Руссия, Олмон, Покистон ва

Эрон дидан намудааст. Охирин сафари ӯ ба Афғонистон дар соли 2010 воқеъ шуда буд.

Маҳбуба аз соли 1978 узви Иттифоқи журналистон ва аз соли 1998 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон мебошад.

ТАЭКВАНДО

Бо як зарбаи Доро
Сино хобид рӯболо.
Аз болои миз гулдон
Париду рафт рӯи хон.
Гул бо гулдонаш шикаст
Чойник ҷудо шуд зи даст.
Пас Доро бо чолокӣ,
Бо қаҳру бо бебокӣ
Гаҳ ба чапу гаҳ ба рост
Лагад зад ҳар ҷо, ки хост.
Хӯрд лагади обдор
Шишаи телевизор.
Болишт ғелид аз таҳмон
Во шуд дарҳои ҷевон.
Нашносам ман, ин Дорост?
Набераи хуби мост?
Чаро имрӯз ҷанг ҷӯяд?
«Сино, биё ҷанг» гӯяд?
Сари кӣ занад фарёд?
Баҳри чӣ ин қаҳру дод?
Ногоҳ дид, ки ҳайронам
Дар хона ман меҳмонам.
- Бибиҷон, - гуфто Доро,
- Дорам машқи таэквандо.

ШОҲПАРАК

- Шоҳпараки зебоям
Чӣ овардӣ бароям?
- Бароятон очаҷон,
Аз деҳи Наварӯсон.
Гашта-гашта рӯйи гул,
Ман овардам бӯйи гул.
- Ваҳ-ваҳ шоҳпараки ман!
Овардаӣ чӣ бӯе?
Ман кай шамида будам
Чунин бӯйи накӯе?

ДАСТЁР

- Дар кучо будӣ, Фурқат?
- Дар деҳаи Хушекат.
Бар тағоям Бахтиёр
Як моҳ шудам дастёр.
Сохт тағои ман хона
Хонаи дуошёна.
- Хеле будӣ камнамо
Фардо ба бозӣ баро.
- Фардо, чӯра, дорам кор,
Тағом маро интизор.
Дар ҳавлии бобоҷон
Бояд созем пешайвон.
Тағоям ба ман устод
Чидани хишт диҳад ёд.

ОШТӢ

Бо ҳамсинфам Мадина
Ҷангӣ будам ман дина.
Аз як ҳарфаш ранҷидам,
Вайро хеле бад дидам.
Меомад аз рӯ ба рӯ
Рӯ метофтам зуд аз ӯ.
Саломаш монд бечавоб
Шуд чашмонаш пури об.
Барқасд бо дигарон
Хеле будам меҳрубон…
Чун ба хона расидам,
Зуд пушаймон гардидам.
Чӣ рӯзи хубу фирӯз
Оштӣ шудем мо имрӯз.
Гарчӣ ҳаво боронист,
Тарсу биме бо мо нест.
Намебинед, хандонем,
Зери чатре равонем.

ЧИЛ ХУРӮС

Автобуси даҳ омад,
Рӯ-рӯяки раҳ омад.
Автобуси Сойи ғӯс
Дар болояш чил хурӯс

Гуфтам: Ба Кӯйи сахо
Хуш омадед, марҳабо!
Зуд аз мошин фароед,
Ба деҳи мо дароед.
Бо шумо гирад сафо
Деҳаи Кӯйи сахо.
Хурӯсе гуфт: - Ташаккур,
Ҳастем равон роҳи дур.
Соати панҷи саҳар
Бояд расем Даштизар.
Бояд шавем сари кор,
Мардумро кунем бедор.
Осон набошад чандон
Хезондани танбалон.

ДАР РОҲ

Аз раҳи Сӯзангарон,
Танҳо будам ман равон.
Баногаҳ омад ба шаст
Сарам бизад бо ду даст.
Сипас бизад он ба рӯ
Ба чашму абрӯву мӯ,
Бизад ба поҳои ман
Ба кафши зебои ман.
Аммо ман наранҷидам
Ба зери лаб хандидам,
Зеро ки баҳорон буд,
Он чӣ мезад, борон буд.

МАҲБУБА ТУРСУНОВА



Маҳбуба Турсунова дар деҳаи Миронқули ноҳияи Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба дунё омадааст. Пас аз хатми мактаби зодгоҳаш шомили Институти педагогии Самарқанд гардидааст. Пас аз хатми он дар мактаби деҳааш то ба нафақа баромадан омӯзгорӣ кардааст.

Аз давраи донишҷӯйӣ ба эҷоди асарҳои бадеӣ машғул аст. Дар эҷоди ҳикояву саҳначаҳои ҳаҷвӣ маҳорати комил дорад. Антон Чеховро “амак” - и худ медонад, пайваста мехонаду меомӯзад.

Маҳбуба Турсунова муаллифи маҷмӯаҳои “Савдои мушкил”, “Аҷаб мардумоне”, “Зиёрат” ва чанд саҳначаву ҳикояҳост.

НЕШХАНДҲО

Тӯй ҳоло як нишонаи оини миллӣ не, балки дар байни бефарҳангон ба намунаи олии мусобиқа табдил ёфтааст.

* * *

Хоки баъзеҳоро дар зиндагӣ безанд, баъди мурдан ба осмони ҳафтум мебардоранд.

* * *

Замоне фиреб хӯрдан осон буд, ҳоло фиреб додан.

* * *

Ба шарафи зиндаҳо як рӯз зиёфат медиҳанду ба ҳурмати мурдаҳо – чил рӯз.

* * *

Замоне қувваи тарбияи падару модар ба даҳ фарзанд мерасид, акнун як фарзанд доранду он ҳам бошад, хулиган.

* * *

Табиати одамӣ аҷиб аст: маълумотро аз ҳамдигар пинҳон дошта, мавҳумотро муҳокима карда мегарданд.

* * *

Бюрократе баъди мурданаш ҳам мардумро интизор карда тавонист.

* * *

Дуздони асри XXI аз ҳаёт пеш рафтаанд. Онҳо аввал гонарар медиҳанд, пас ба шикор мебароянд.

* * *

Навошиқон. Бори сангини ошиқӣ бағоят сабук шудааст. Барои ба дидор маъшуқа мушарраф гардидан ё овоз ва ё бӯи анбарини ӯро шунидану шамидан кӯҳу саҳроҳоро сарлучу пойлуч тай кардани онҳо шарт не. Болои мӯйҳои ҷӯлидаашон мурғони овора ба чӯҷабарорӣ вақт намеёбанд. Ошиқони нав телефони электронӣ гирифта мегарданд. Сониян, ошиқии табиӣ аз ошиқии маданӣ қафо мондааст. Ба ошиқони нав мулоқоти рӯ ба рӯ не, мулоқоти телефонӣ қулайтар аст. Чӣ тавр? Марҳамат, чанд намуни он: якум, бо ёрии телефон якбора бо тарзи параллел бо якчанд маъшуқа ишқ изҳор кардан мумкин. Дуввум, мабодо ҷанҷол хезад, аз ҷониби нозанин тарсакӣ намехӯранд. Саввум, ба нозҳои маъшуқа зуд таслим шуда, кисаашон холӣ намешавад. Чаҳорум, башараи пурхиёнат ба назарашон ҷилва намуда, асабашон вайрон намешавад.

Хулоса, телефон – ҳаёту мамот. Аз ҳама гуна ҷӯраю ошно пеш. Барои пеши маъшуқа хабаре фиристодан ё навиде овардан миёнараве (яъне, посредник) киро карда, пораю бутилка ваъда карда намешинанд. Телефон роздону сирдони пинҳонкори шумо, яъне аз ҷигаргӯшаҳои ҳамчун наздиктару хубтар. Ёру бародар, қаҳрашон ояд, (масалан, агар каси сеюм майнаи онҳоро ба фоидаи худ гӯшаки телевизор ё асбобе барин тоб диҳад, чашмашон шуморо намедидагӣ, ақлашон карахт шуда, ба робот табдил меёбанд. Ё худ, осонтарин шарҳ: тугмача ба дасти касе бошад идоракунӣ осон) шуморо мефурӯшанд ё аз тарс шуморо ба маъшуқа сип-сиёҳ карда ганда мекунанд. Маъшуқа ба шӯр омада, ба рӯятон чангол зада, туф карда, аз паи шӯи запасаш меравад.

Оҳ, телефон, оҳ, телефон. Агар сари қабри ошиқони зори асрҳои бо телефон афтода монию ягон муъҷизаи пинҳониатро ба кор дарорӣ, тамоми ҳуҷайраҳои хокшудаи бечорагон аз нав пайваст шуда, аз зери хок сар боло мекарданд. Ва армонҳои Лайлию Маҷнун ҷомаи амал мепӯшид, аз ташвишу оҳу воҳ, гиряву нола ва сарсону саргардониҳои ошиқӣ халос мегардид. Вақташон ихтисор мегардид, зуд ҷавонмарг шуда, хешу акрабоҳоро хун намегирёнданд. Ҳа, сабаби марги онҳо асабҳои таҳқирёфта ва вақти беҳударафта. Ҳамаи инҳо умри одама сӯҳон мезанад, минус мекунад.

Телефон баръакс. Шумо миёнарав, тарафгир, мухлис, ҷучта даводав намекунед. Вай дар як мижазанӣ ҳал мекунад.

Вай дастёри зӯр. Зӯриаш машҳур, қулаияш аз ҳама бештар ба навошиқон маълум. Аз ин рӯ, ҳангоми хоб, ҳангоми бедорӣ, ҳангоми кор, кӯчагардӣ ва ҳатто вақти дар «кабинети ҳоҷат» нишастан телефонашон ҳамроҳ. Яъне ҳар вақт хоҳанд ба маъшуқаҳо гап зада, бӯсачаҳо равон мекунанд, навозиш мекунанд, зарур бошад, ҳақорат дода, дилашонро куни дег мекунанд. Агар девонагиашон дорад, сад талоқ карда, развод медиҳанд. Баъди чанд дақиқа гузаштан як

тугмачаро зер карда овози нозанини навро бемалол шунида, вақташон хуш шуда мегарданд.

Ана ҳамин хел. Имрӯз суръати амалиёти ошиқӣ баланд.

Ҳатто аз суръати ракетаҳои байнисайёравӣ тезтар.

* * *

Усули нави табобат

Замоне беморро аввал ташхис карда, пас муолиҷа мекарданд. Акнун ба бемор аввал дору медиҳанд, пас ташхис.

* * *

Имтиҳони коллективӣ

Баъди пулакӣ шудани таълим имконоти хондан васеътар ва доманадортар гардид. Акнун ҳар кас метавонад имтиҳонҳоро ҳамроҳи хешу ақрабо супорида, ҳамроҳи онҳо хонда, донишгоҳро хатм кунад ва бо онҳо якҷоя соҳиби диплом гардад.

* * *

Муваффақият

Имсол духтарони омӯзишгоҳ хонданро бомуваффақият ба поён расониданд: баъзеҳо соҳиби илм, баъзеҳо соҳиби диплом, баъзеҳо соҳиби фарзанд гардиданд.

* * *

Хайрият баллони мошини домод кафид. Акнун хушдомана ба ҳаммом бурда, чор соат дар кӯча қаровулӣ намекунад.

* * *

Барои он ки бачая «очаат гов буд» нагӯянд, ӯро бо шири магазин калон карданд.

* * *

Кӯдакон фикр мекунанд, ки одами фарбеҳи даббае мумкин бо барзаговҳо якҷоя поида бошанд.

* * *

Ҳасанбой якбора ду донишгоҳро хатм кард. Дипломи дуюмро ба Ҳусайнбой тӯҳфа кард.

* * *

Агар хушомадгӯй дурӯғро надонад, вай хушомадгӯй не.

* * *

Ба келин ҳалолу ҳарома нағз фаҳмонда диҳӣ, вай ба ҳаром майл мекардагӣ мешавад.

* * *

Ҷоғ задан осон, фикр кардан душвор.

* * *

То модаршӯй намурад, ақли келин намедарояд.

* * *

Обрӯи инсон рӯзи маъракаи худоӣ маълум мегардад.

* * *

Баъди шиками бемора буридан, ягон аъзоро гирифта партофтан шарт. Дар акси ҳол аз вай пул рӯёндан дар гумон.

* * *

Замоне дили касала гӯш мекарданд, акнун кисаи касала.

* * *

Дар олимпиада чор модар ва як падар ҷойҳоро соҳиб шуданд. Акнун онҳо метавонанд бачаҳои худро ба донишгоҳҳо бе пул дароранд.

* * *

Моли камбағала дуздидан осон.

* * *

Як рӯз ба касе ҷарима диҳӣ, ҳар рӯз ба дарат омадан мегирад.

* * *

Ба кӯдакатон пул додан гиред, дар оянда порахӯри зӯр шуда ба воя мерасад.

* * *

Марде, ки дили занашро бо пулу тиловорӣ нарм мекунад, ягон гуноҳ дорад.

* * *

Хиёнати зан аз хандаи безеб сар мешавад.

* * *

Ҳангоми ташхис духтур аниқ кард, ки бемор устои гулдаст будааст. Ба сохтани хонаи нав қарор дод.

МЕҲРАФЗОИ СӮҲРОБ



Меҳрафзои Сӯҳроб соли 1980 дар деҳаи Ревади ноҳияи Айнии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дунё омадааст.

Ӯ муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №15-и ба номи Абулқосим Фирдавсии шаҳри Панҷакентро бо баҳои «аъло» хатм намуда, соли 1995 мадрасаи «Олим Додхоҳ»-ро бомуваффақият ба итмом расонидааст.

Айни замон дар шаҳри Бохтар (Қӯрғонтеппа) зиндагӣ мекунад. Ашъораш дар рӯзномаву маҷаллаҳо ва маҷмӯаҳои дастаҷамъӣ ба нашр расидаанд.

Бештар бо тахаллуси «Маҳвӣ» шеър эҷод менамояд.

ҶОНИ МАН ПАДАР

Эй ганҷу давлату сару сомони ман падар,
Хун шуд дилам зи дарду ту дармони ман, падар.
Роҳи сирота-л-мустақимам додаӣ нишон,
Баъд аз Худой қиблаи имони ман падар.
Гулҳои нозбӯ ҳама хубанду хушгиланд,
Чун чеҳраи ту, эй гули хандони ман, падар.
Яъқубро ду дида зи ҳасрат сафед гашт,
Чун гавҳари ду дида нигаҳбони ман падар.
Бар ғуссаву ғаме, ки баногаҳ расад маро,
Ҳар қиммате, ки ҳаст, харад ҷони ман падар.
Қалбат шафиқу дидани рӯят биҳишти ман,
Шодии ту чу Кавсару Ризвони ман, падар.
Парвардгор, умри накӯяш ато намо,
Тоҷи зарину шуълаи чашмони ман падар.

ҒАЗАЛҲО

Дар интизори рӯйи туям ёр, марҳабо,
Эй булбули баноз, ба гулзор марҳабо.
Ман мунтазири созу навоят нишастаам,
Ҳозиқ табиб, бар сари бемор марҳабо.
Рӯзе шавад бирезӣ каме май ба ҷоми ман,
Эй майфурӯш, бар сари бозор марҳабо.
Дастат бидеҳ ба дастаму ҳамроҳи худ бубар,
Бар кулбаат, эй дилбару дилдор марҳабо.
Эй Маҳвие, ки дидани рӯяш давои туст,
Ошиқ бишав ту бар дили бедор, марҳабо!

* * *

Фариштахӯиву олам ҳама фидои ту бод,
Сарам ниҳода ба поят, ки хоки пои ту бод.
Диле, ки дода ба ту, роми дигаре нашавад,
Ҳуше, ки аз сари ман рафт, дар ҳавои ту бод.
Шароби ишқ зи ҷоми ту нӯши ҷон кардам,
Лабе, ки шаҳди ту нӯшид, ошнои ту бод.
Ба ҳар куҷое қадам ниҳода равонам ман,
Ҷигар зи ҳаҷри ту сӯзону по ба пойи ту бод.

* * *

Ман худ зи гилам, лек умедам карами ӯ,
Пайваста бисӯзам ба шаби ҳаҷру ғами ӯ.
Ӯ маҳрами роз асту сар аз саҷда нагирам,
Оё ки бихонанд маро бар ҳарами ӯ?!
Садбаргу суман восилаи бӯйи ҳабибаш,
Сад ғунчаи гул бӯ диҳад аз зулфи хами ӯ.
Ман бандаи мискинаму чашмам ба ҷамолаш,
Тарсандаву бечора манам аз ситами ӯ.
Бо сӯзиши дил Маҳвӣ фитода ба раҳи ишқ,
Хуноба чакад аз ҷигару чашми нами ӯ.

МЕЪРОҶИДДИНИ РУХШОНӢ



Меъроҷиддини Рухшонӣ (Муҳаммадиев) 16-уми феврали соли 1974 дар шаҳри Панҷакети вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд ёфтааст. Гузаштагони ӯ дар деҳаи Рухшон зиндагӣ мекарданд.

Мактаби мутавваситаи рақами 29- умро бо баҳои аъло хатм намудаст ва баъди хатми Донишгоҳи техникии шаҳри Душанбе соҳиби ихтисоси химик-технолог гардидааст.

Бо сабаби пайдо накардани ҷойи кор дар бозори шаҳри Панҷакент ба тиҷорат машғул шудааст ва гоҳ-гоҳ машқи шеър мекунад.

Намунаҳои ашъораш дар китоби «Наврӯзи Зарафшон» ба табъ расидаанд.

АЗ ДАФТАРИ РУБОИЁТ

Бо сангдиле аҳду вафо хоҳам кард,
Дилро ба муҳаббат ошно хоҳам кард.
Бо ёди сари зулфи бари рухсораш
Аз зиндагии хеш ҳазар хоҳам кард.

Бар шаҳри муроди худ сафар мекардам,
Бар рӯйи ту бо ҳавас назар мекардам.
Сарро ба сари зонуи ту мемондам,
Аз зиндагӣ баъд аз он гузар мекардам.

Эй кош, ба айвони ту раҳ мебурдам,
Дилро ба хаёли васл меафсурдам.
Дашном, агар ба ман равон мекардӣ,
Аз шодӣ ба хоки дари ту мемурдам.

Дар ёди ҷавонӣ аз саҳар мегирям,
Дар ҳасрати рӯзи бесамар мегирям.
Ман худ падарам, валек то охири умр
Дар ҳасрати дидори падар мегирям.

Эй модари ҷон, ситораи афлокӣ,
Дар ҳасрати дуриям гиребончокӣ.
Фарзанд агарчи қадри ту кам донад,
Дар хидмати фарзанд аҷаб чолокӣ.

Дар оташи ишқи ту самандарворам,
Дар кӯчаи васли ту қаландарворам.
Ҳар бор, ки рӯи худ зи ман метобӣ,
Аз дидаи хеш ашки ғам меборам.

Чун даргузарам, дард дамад аз хокам,
Бар сӯи фалак гард дамад аз хокам.
Аз хоки дигарҳо бидамад лолаи сурх,
Бешубҳа, гули зард дамад аз хокам.

Дил ҳарфи вафо ба сад забон мегӯяд,
Дар мазраи дил нахли вафо мерӯяд.
Дар мавсими иду тарабу айшу нишот,
Аз байни ҳама фақат туро мечӯяд.

Имрӯз фақат ба ҳоли худ мегирям,
Бар хоки худу сафоли худ мегирям.
Дар ҳасрати ту баҳор бар ман дай шуд,
Аз умри пур аз малоли худ мегирям.

Дар кӯйи ту нангу номро бишкастам,
Сад занҷиру банду домро бишкастам.
Бе шарбати лабҳои ту ҷомам холист,
Аз зарбаи бахт ҷомро бишкастам.

Мурғи аҷалам ҳамеша пайгири ман аст,
Дур будани ту уқдаи занҷири ман аст,
Ҳар сония умри даргузар аз бари ман
Як тири халандае зи тақдири ман аст.

Дар ҳасрати рӯйи беғуборат мурдам,
Дар ҳалқаи зулфи тобдорат мурдам.
Аз неш агарчи мегурезад ҳама кас,
Ман дар ҳаваси мӯйи чу морат мурдам.

Ҳар кас ба кафи хеш аёғе дорад,
Ҳар хона ба шаб ба худ чароғе дорад.
Аз рафтани умри хеш озурда машав,
Ҳар зоғ дар ин ғамкада доғе дорад.

Аз дур маро даме назорат кардӣ,
Дилро ба яке нигаҳ ту ғорат кардӣ,
То хонӣ намози бомдоди худро,
Бо хуни дили банда таҳорат кардӣ.

Аз боди самум дар хазон метарсам,
Аз бухлу ҳасуди одамон метарсам.
Хушрангии мор заҳри қотил дорад,
Аз ранги хуши тирукамон метарсам.

Ёрон, чу бурун равам, маро ёд кунед,
Тарҳи тараб афканеду фарёд кунед.
Ҳар гоҳ ки аз бари мазорам гузаред,
Бо фотиҳае рӯҳи маро шод кунед.

Ишқи ту ба кӯи марг талқинам кард,
Дур аз хираду ҳалқаи оинам кард.
Рӯзе, ки ба хории адам афтодам,
Ҷон додани ман бидиду таҳсинам кард.

Дар баҳси замин чи моҷаро хоҳад буд,
Захме зи ҳуруфи ману мо хоҳад буд.
Сад сол намезиҳӣ дар ин маскани дард,
Пас хонаи ҷовидон куҷо хоҳад буд?

Занҷири ситам ба як нафас канда шавад,
Оила зи бемеҳрӣ пароканда шавад.
Он кас, ки бадии мардумон мехоҳад,
Дар ҳарду ҷаҳон залилу шарманда шавад.

Ҳар кас ба ҳавои хеш маҳзун бошад,
Бар чеҳраи ёри хеш мафтун бошад.
Лайливаш агарчи дар ҷаҳон бисёр аст,
Дар боби вафо ягона Маҷнун бошад.

Ишқи ту чи дарси тоза омӯхт маро,
Сад тири бало ба сина андӯхт маро.
Аз пилтаи пуршарори шамъи рӯят
Афканд шарору ногаҳон сӯхт маро.

Ҷуз ҳарфи вафои ту набуд дар лаби ман,
Бас лола дамид бар лабам аз таби ман.
Оромиши рӯҳи хастаам як шаб бош,
То бо ту шабе хуш гузарад як шаби ман.

Дар қалби чу сангат огаҳӣ аз ман нест,
Донӣ ту, ки ҳеҷ кӯтаҳӣ аз ман нест.
Бас сели сиришк ба доманам мерезад,
Дар паҳлуи ту тахти шаҳӣ аз ман нест.

Аз лаъли лабат шароб мехоҳаму бас,
Аз синаи худ кабоб мехоҳаму бас.
Дунё гузарон асту дар ин дори фано
Сар дар бағали ту хоб мехоҳаму бас.

МИРЗО МАҲМУД
(1926-1988)



Мирзо Маҳмуд – шоири ҳаҷвнигор ва зарофатгӯю ҳозирҷавоб соли 1926 дар деҳаи Урметани н. Айнӣ ба дунё омадааст.

Қутбӣ Киром, шоири маъруфи тоҷик ва дӯсти наздикаш хотироташро дар бораи ӯ чунин ёдоварӣ мекунад:

“Мирзоҳаким (номи пурраи Мирзо) марди шикастанафс, ҳозирҷавоб, олиҳиммат ва хеле соҳибэъҷоз буд.

Мирзоро устод Турсунзода ва Боқӣ Раҳимзода сахт дӯст медоштанд. Китоби нахустини ӯ бо сарсухани Боқӣ Раҳимзода нашр шуд. Баъд аз ин ду китоби дигараш паси ҳам дастраси хонандагон гардиданд.

Мирзо дар ноҳияи Айнӣ аз ҳама иззатманд ва дилписанди хурду калон буданд, дар умрам нашунидаам, ки касе дар ҳаққашон ҳарфи ношоиста гуфта бошад.

***

Эъҷози Мирзо ин буд, ки дӯстонашонро дар вазнинтарин соатҳои зиндагӣ бо як сухани гарм ё як шӯхии дилрабо аз ғаму ғусса раҳоӣ медоданд... Боре, як рафиқи коммунисти моро суд бегуноҳ як сол шартӣ маҳкум кард, он рафиқ, ки худро ҷонфидои партия ва ҳукумат меҳисобид, аз беадолатӣ ба ҷон омада, худро ба куҷо заданро намедонист ва аз дидагонаш ашк мерехт. Ману Мирзо дилпурсиаш рафтем, он мард абрӯ ба ҳам кашида, моро напазируфт. Сараш хам, бо як навдаи хушк хоки заминро тит мекард. Мирзо гуфтанд:

— Саратона бардоред, бародар, ба Худо, сад сол ҳам хокро кобед, вайро намеёбед...

- Чиро намеёбам?

- Чӣ ҳам мешуд, ҳақиқатро!

Он мард, табассуме карду сарашро боло бардошт, вале ҳамоно ғамгин буд. Мирзо илова карданд: О, шумо ҷӯраҷон, аз яксола ҷазои шартӣ гирифтед, чӣ ғам мехуред. Ману Муллоқутбиддин бошем, тамоми умр шартӣ. Ин шӯхиро Мирзо чунон ширину нозук адо карданд, ки бародари мо аз таҳти дил баланд хандида, он касро оғӯш кард. Он рӯз сӯҳбати Мирзо гарм шуду яхпораҳои ғаму андӯҳи замона об гашта рафтанд.

***

... Мирзо котиби Комитети партиявии колхози «Ӯзбекистон» интихоб шуданд... Шароити сахти кӯҳистони солҳои барҷомондагӣ сахттару мудҳиштар шуда буд, қариб сад ҳазор сар гӯсфанди мардуми Фалғарро бо як имои Махсумов ном вазири хоҷагии қишлоқи республика аз байн рабуданд... Гӯсфандони зотии Фалғарро бо нархи

хок несту нобуд карданд... Халқ азоб мекашид, фиғон мекард. Ба ҷои гӯсфанд гов хариданд, барои гов алафи ин мавзеъ намерасид, мардум аз шаҳрҳои Омск, Тюмен ва дигар ноҳияҳои дурдасти мамлакат хошок мекашонданд... Дар ҳамин айём як рӯз Котиби якуми Комитети Марказии партияи Коммунистии Тоҷикистон Ҷаббор Расулов аз Урметан роҳгузар шуда бо Мирзо дучор меояд ва мепурсад:

— Канӣ, котиб, гап занед, колхозатон чӣ вазъият дорад?

— Рафиқ Ҷаббор Расулович, вазъиятамон бисёр нағз... Масалан, мо хошокро аз Чимкент, барги тутро аз Пискент, кунҷора ва шулхаро аз Тошкент меоварем...

Ҷаббор Расулов оташин мешавад.

— Аз колхози худатон чӣ мегиред!

— Аз хоҷагии худамон, баҳор «огоҳ»-ию тирамоҳ «Ҳайфи ту» мегирем!

Котиб аз аспи ҷаҳл фуруд омаду табассум кард ва бо мулоиматӣ суол намуд:

— Дирӯз, аз райони ҳамсоя тафтиши мусобиқа омада буданд, чӣ карданд?

— Ҳиммати олӣ карданд.

— Яъне чӣ хел?

— Яъне... Чил шиша холӣ карданд...

Мусоҳибро илоҷи дигар намонд ба ҷуз баланд хандида, давом додани роҳи хеш.

Ҳазлу шӯхии Мирзо дилангез ва шаккаррез буд. Ва дар шеърҳояш ҳам ҳамин ширингуфториҳояш мавқеи асосӣ гирифтаанд. Бояд гӯям, ки дар назми ҳаҷви имрӯзаи тоҷик ҳеҷ кас ба дараҷаи Мирзо нарасида. Ӯ ҳам ба ғайр аз гуфтани шеъри ҳаҷв шуғли дигар наварзид.

***

Устод Қутбӣ баъд аз сафари хизматӣ, аз Панҷ ба Айнӣ меояду меҳмони Мирзо мешавад.

- Се рӯз аст, ки ба Душанбе телефон карда наметавонам, мегӯяд ӯ. Тинҷӣ бошад?

Мирзо дар ҷавоб мегӯянд:

Душанбе тинҷу ором. Хавотир нашавед, - табассум мекунад Мирзо.

- Шумо магар телефон карда будед?

- Не.

- Пас аз куҷо медонед?

- Шумо, ки Муллоқутбӣ дар Айнӣ ҳастед, Худо хоҳад дар Душанбе тинҷӣ, мегӯяд Мирзо.

***

Солҳои 1970-1975 Мирзо котиби ташкилоти партиявии колхоз буданд.

Ҳичрон ном подабон ба наздашон омада мегӯяд, ки чор ғуноҳин аз пода нест шудааст.

- Ба ҳеҷ кас нагӯй, ман аз раис мепурсам, - мегӯянд Мирзо.

Поччо Қаххоров, раиси колхоз баъди шунидани ин ҳодиса мегӯянд:

- Аҷаб одами содда ҳастед, Мирзо. Кори партиявиро бинед намешавад?

- Хайр майлаш раис, мегӯянд Мирзо. - Ман масъалаи дупоёнро мебинам, шумо масъалаи чорпоёнро...

***

Мирзо нияти шикор мекунанд. Якбора ду хар ҳезум биёрам гуфта ба ҷустуҷӯи хар мебароянд. роҳ як шиносашон вомехурад.

- Ин қадар саросема?

- Фардо ба шикор рафтанӣ, як хар дорам ва барои хари дуввум ба хонаи фалонӣ меравам.

- Як маротиба маро ҳамроҳ ба шикор набурдед-а, Мирзо? Илтимос ин дафъа маро ҳамроҳ гиред - мегӯяд рафиқашон.

Шарт ҳамин, агар хари дуюмро наёбам, албатта шуморо мебарам, мегӯяд Мирзо

***

Мирзо дар Душанбе ба хонаи устод Қутбӣ Киром меҳмон мешаванд. Даҳ дона кабки аз Зарафшон шикор карда овардаашонро дида соҳибхона бо хушнудӣ як гурӯҳ шоиру нависандагонро ба назди меҳмон мехонанд. Ҳангоми хӯрдани оши палави бо гӯшти кабк омодашуда устод Қутбӣ ба ҳамқаламон лутф мекунанд:

- Нӯши ҷон! Ин кабкҳоро худам шикор кардам!

Шоири равоншод Мастон Шералӣ, ки дар паҳлӯи Мирзо нишаста буд, аз он кас мепурсад:

- Мирзоҷон рост аст, ки ин кабкҳоро Қутбӣ шикор кардааст?

Мирзо ҷавоб медиҳанд.

- Бародарам Мастон, Қутбиддин фақат кабкро дар болои табақи ош шикор мекунанд.

ОШПАЗ ТАҒО

Гуфтам: «Чаро ошпаз таго,
Доим суюқ оши шумо?»
Гуфто: «Агар бошад камоб,
Кам мерасад бар бачаҳо!»

Гуфтам, ки: «Шӯрботон хунук»?
Гуфто ки: «Аз шаб мондаҳо».
Гуфтам: «Тағо, гӯштташ канӣ?»
Гуфто ки: «Бурдем хонаҳо».
Гуфтам: «Ку анбори пиёз?»
Гуфто: «Даруни мантуҳо»:
Гуфтам: «Даромадҳо читу?»
Гуфто: ки «Айни муддао!»
Гуфтам: «Мудир огаҳ аз ин?»
Гуфто: «Худаш авлоди мо».

ЗАНИ ШАҲРӢ

(шӯхӣ)

Аз шаҳр зан гирифтам,
Ороми тан гирифтам.
Духтари моҳпора,
Ҳамшираи ситора.
Нозанину дилписанд,
Табъаш чу қаддаш баланд.
Омад ба манзили ман,
Он ҳусни маҳфили ман.
Мӯяш чу мори печон,
Рӯяш фароғати ҷон.
Нохунҳояш ҳам дароз,
Ҳинои дастонаш соз.
Ӯсмаи абрувонаш,
Сурхии ду лабонаш,
Оташ зада ба ҷонам,
Карда ба сар равонам.
Гарчӣ хона намеруфт,
Худатон рӯбед мегуфт,
Шумо, ки шӯед мегуфт,
Табақро шӯед мегуфт.
Рӯзе карашма карда,
Ду чашм чашма карда,
Хезу хӯрок бипаз гуфт,
Дигар ба ман нарас гуфт.
Ман гапро кам намудам,
Сарамро хам намудам.
Шавла, шӯрбо мепухтам,
Оши угро мепухтам.

Худам алав бикардам,
Оши палав, бикардам.
Мабодо меомад шӯр,
Бар сарам меомад, шӯр.
Садқаи зан шавӣ, гуфт,
Садқаи ман шавӣ, гуфт.
Бори дигар пазӣ шӯр,
Бе муҳобо, равӣ гӯр.
Аз шаҳр зан гирифтам,
Ба худ кафан гирифтам.

ХУДАМ АЗ ХУДАМ ҚОИЛ

Каме андеша кардам,
Мухбирӣ пеша кардам,
Остинро бар задам,
Қаламамро сар задам,
Дар васфи як мӯзадӯз,
Навиштам ду шабу рӯз.
Онро зи нав бихондам,
Худам ҳайрон бимондам.
Ҷумлаҳо по дар ҳаво,
Не хабар, не мубтадо,
Сӯи дӯкон давидам,
Газети нав харидам,
Дар як дам бечунбуҷӯл,
Бо нуқтаю бо вергул,
Як хабарро кӯчондам,
Тоза навишта мондам.
Аз нав чу назар кардам,
Ним ҷумла дигар кардам.
Ба ҷои кӯча чӯҷа,
Ба ҷои, чӯҷа куча,
Ба ҷои Ҳобил Қобил,
Ба ҷои Оқил Одил.
Шудам мухбири қобил,
Худам аз худам қоил!

МИРЗО ҲАМДАМ



Мирзо Ҳамдам (Мирзоҳамдам Азизмуродов) соли 1956 дар деҳаи Кошонаи ноҳияи Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст.

Ӯ баъди хатми мактаби 8-солаи деҳааш ба Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Панҷакент дохил шуда, соли 1975 онро хатм мекунад ва дар мактаби асосии №7 деҳаи Тошбулоқи ноҳияи Мастчоҳ ба касби омӯзгорӣ мепардозад.

Солҳои 1975-1977 дар сафи Қуввахои Мусаллаҳи Иттиҳоди Шӯравӣ вазифаи шаҳрвандии худро иҷро менамояд.

Баъди бозгашт дар деҳаҳои Сойи Вешист ва Рӯзиобнок муаллимӣ карда, солҳои 1980-1986 ғоибона Донишгоҳи омӯзгории Хуҷандро хатм мекунад.

Дар деҳааш аввал мудири қисми илмӣ, баъдан ҳамчун директори мактаб фаъолият менамояд. Ӯ ба навиштани хабару мақолаҳо шуғл дошта, чакидаҳои хомааш дар матбуоти даврӣ бо забонҳои тоҷикиву ӯзбекӣ пайваста чоп мешуданд.

Аз соли 2012 узви Иттифоқи журналистони Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Инчунин, соли 2013 ба нишони «Аълочии маорифи Тоҷикистон» мукофотонида шудааст.

Мирзо Ҳамдам муаллифи сермаҳсул буда, чандин китобаш ба табъ расидааст. Ба қалами ӯ китобҳои «Кошона гулдастаси» - ашъор (1998), «Халифа Ҳасан қиссаси» тарҷума аз забони русӣ (2004), «Ғазал кошонаси», «Зарафшон мавҷи» - ашъор (2007), «Тарҷума дурдоналари» - тарҷума аз 21 адиб (2009), «Кошона армуғони» - ашъор (2011), «Имоми Аъзам – Хуршеди раҳнамо» - тарҷума аз ӯзбекӣ ба тоҷикӣ (2009), «Деваштич» - тарҷума аз тоҷикӣ (2011), «Ӯйқимиз аъло» (тарҷума, 2011), «Соғинади дилгинам» - ашъор (2014), «Шингдара илҳомлари» - тарҷума (2015) ва монанди инҳо тааллуқ дорад.

Мирзо Ҳамдам аз адибони муосир китобҳои М. Суруш «Изгнание», Камол Насрулло «Тоҷикистонро қисмат макун», Абдурофеъ Рабизода «Андешаҳо», Гулназар «Қадаҳи шабнам», Баҳманёр «Дуди қисмат», Ҷ.Одина «Авроқи рангин», Ҳоҷӣ Тағоймурод Маҳмадмуродов «Дар суроғи падар» ва инчунин, шеърҳои Лоиқ Шералӣ, Иброҳими Наққош, С.Нуриён, Норинисо ва дигаронро барои туркзабонон тарҷума кардааст, ки дар оянда нашр хоҳад шуд.

МЕҲМОНИ МАН ШАВ

Ба Кошона биё, меҳмони ман шав,
Туро гирам ба оғӯш, эй бародар.
Саросар халқи ман меҳмоннавозанд,
Туро донанд бо ҷонҳо баробар.

Биёву деҳаи зебои ман бин,
Чароғи лола қалбат барфурӯзад.
Ба ҳайрат монӣ аз ҳусни накӯяш,
Ҳама чашми ҳавас сӯят бидӯзад.

Биёву худ нигар зебоияшро,
Зи оби шаршара дил мекушояд.
Дарам бикшода андар рӯйи меҳмон,
Ҳузураш шодиямро мефизояд.[21]

ЗАМИНИ НОЗАНИН

Надорам зиндагониро ҳавас дар он,
Шавад наздик агар сайёраи дигар.
Худовандо, зи Ту ман илтиҷо дорам,
Бароям бас сиҳат бошад Замин модар.

Дар ин ҷо ҳам баҳор асту чаманҳо ҳаст,
Шукуфтанҳои гулбоғ асту тобистон.
Дар ин ҷо гулбадан маъшуқаи зебо,
Ки ошиқро намояд ром он гулдухтари хандон.

Дар ин ҷо зиндаам бо кӯдаки хурдам,
Нигаҳбон модари зори ман ӯ ин ҷост.
Замини нозанинро ман насозам тарк,
Агар сайёраи дигар ҳама тиллост![22]

КОШОНАИ МАН

Чамани гулҳо, хушрӯю раъно,
Гулшани зебо, Кошонаи ман.
Кони малоҳат, соҳибҷамолӣ,
Ба дардам даво, Кошонаи ман.

[21] Тарҷумаи Исмоил Зарифӣ.
[22] Тарҷумаи Анварбеки Абӯнаср.

Шайдо намояд Сиристони ту,
Аскартӯдаи паҳлавони ту.
Чархоби баланд ба осмони ту,
Ҷони ман фидо, Кошонаи ман.

Дар паҳлуи ту азим Зарафшон,
Ҳар қатраи он дурру нурафшон.
Ба дашту саҳро бошад гулафшон,
Эй мурғи наво, Кошонаи ман![23]

МАФТУН КАРДӢ

Сурма рӯйи чашмонат,
Асал борад забонат,
Ҷону дилам қурбонат,
Ту маро мафтун кардӣ!

Хуршеди қалби зорам,
Ҳам моҳи шаби торам,
Ба роҳат интизорам,
Ту маро Маҷнун кардӣ.

Соҳибҷамол бошӣ ҳам,
Раҳме намо ту як дам,
Ҳамраҳат шавад Ҳамдам,
Ту маро дилхун кардӣ![24]

КИШТӮДАК

Дар ҳайрат оям аз дидани ту,
Чун моҳ дорад оби ту ҳола.
Кӯҳсори бойи ту дилфиреб аст,
Лабрез бошад аз арча, лола.

Ҳар қатра обат оранда эҳсон,
Аз лолазорат гул чида ҷонон.
Гурди далерат нотарсу баор,
Дорӣ чу булбул фарди ғазалхон.

Аз арчазорат дил шод гардад,
Бошӣ шукуфон монанди бӯстон.
Ҳар як гиёҳат бошад шакаррез,
Осояд аз он кошонаи ҷон.

[23] Тарҷумаи Ато Карим.
[24] Тарҷумаи Ато Карим.

Аз паҳлавонат дорам тафохур,
Ҳар як далеру марди човандоз.
Осуда зистан бошад шиорат,
Ту зинда бошӣ, эй халқи гулбоз![25]

ОРЗУ

Аз гулу себаргаи боғи биҳишт,
Баҳри ман хуштар бувад оғӯши ёр.
Дӯзахе донам шаби ҳаҷри варо,
Шоҳидам бошад Худованд ошкор.

Арчи ишқи ёру ишқи шеъри нав,
Синаҳоро мекунад як дам фигор.
Орзуи ман яқин бошад ҳамин,
То бубинам ман ҷамоли Кирдгор.[26]

НИЁИ МО – НАВОӢ, ҶОВИДОНӢ

Гузашта қарнҳову одамонаш,
Намонад давру даврон, комронӣ.
Вале то ҳол осорат бихонанд,
Ниёи мо – Навоӣ, ҷовидонӣ!


Ба номи туст шуҳрат кишварамро,
Ба мисли машъалӣ, партавфишонӣ.
Туӣ сардафтари шеъру маонӣ,
Ниёи мо – Навоӣ, ҷовидонӣ!

Диҳад ҳар лафзи ту илҳом бар мо,
Ки гуфтӣ шеър бо ширинзабонӣ.
Ҷаҳон то ҳаст, ашъори ту боқист,
Ниёи мо – Навоӣ, ҷовидонӣ!

Суханҳоят равон монанди дарё,
Бувад ҳар байти он чун достоне.
Ту «Фонӣ» хондаӣ худро валекин
Ниёи мо – Навоӣ, ҷовидонӣ![27]

[25] Тарҷумаи Исмоил Зарифӣ.
[26] Тарҷумаи Исмоил Зарифӣ.
[27] Тарҷумаи Абдулаҳади Абӯсаид.

МИРЗОЮНУС ОДИЛЗОДА



Мирзоюнус Одилзода (Одилов) 15-уми марти соли 1959 дар деҳаи Оббурдони ноҳияи Мастчоҳи вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст.

Ӯ соли 1976 мактаби миёни № 6-ро хатм карда, солҳои 1977-79 дар сафи артиши собиқ ИҶШС хизмат кардааст.

Солҳои 1980-81 дар колоннаи механиконидаи сайёри №17-и ноҳияи Мастчоҳ сохтмончӣ будааст.

Солҳои 1981-84 дар омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Хуҷанд таҳсил карда, пас аз хатми он то ин дам дар соҳаи тиб кор карда истодааст.

Соли 2008 шуъбаи ғоибонаи ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро бо ихтисоси биолог хатм кардааст.

Айни замон директори Маркази пешгирӣ ва мубориза бо БПНМ дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ мебошад.

То ин дам ду маҷмӯаи ашъораш бо унвонҳои «Замзамаҳои Зарафшон» (2016) ва «Шифои сухан» (2018) дастраси хонандагон гаштааст.

ПАДАР

Аё, эй қиблагоҳи рӯзу шомам,
Аё, эй сарвари олимақомам.
Зи ту омӯхтам ман маърифатро,
Аё, эй раҳнамои бомаромам.
Ҳама гуфтору рафторат ба ёд аст,
Сабақдеҳи ҷаҳони бонизомам.
Ба ҳар ҷое равам, пурсанд аз ту,
Падарҷони азизи некномам.
Туро аз таҳти дил ҳурмат намоям,
Ки кори нотамоматро давомам.

МОДАР

Ту андар дидаву дил ҷоӣ, модар,
Чу хуршедӣ, ту беҳамтоӣ, модар.
Ба завқи кӯдакон болидахотир,
Сари гаҳвора побарҷоӣ, модар.
«Агар хоре халад бар пойи фарзанд»,
Хаёлам мехалад дар пойи модар.
Ватанро тавъами номи ту гӯянд,
Ба фикрам, қимати дунёӣ, модар.

МАШАВ ТУ ВОЛАИ ДУНЁИ ФОНӢ

Машав ту волаи дунёи фонӣ,
Марав ин сӯю он сӯ, дар бимонӣ.
Фақат меҳру муҳаббат бар Худо кун,
Ба ҳар ҷое равӣ, андар амонӣ.
Азизонро ба ёд ору ба ёд ор,
Шавандат раҳнамуни зиндагонӣ.
Агар саркаш шавӣ, дунё шавад танг,
Ба ин феъли бадат танҳо бимонӣ.
Насиҳат мекунам, фарзанди ҷонам,
Бикун тавба ба ҳангоми ҷавонӣ.

АЗ МАН МАРАВ

Эй меҳрубон, аз ман марав, ки бо ту розам меравад,
Ҷумла умеду орзу, созу ниёзам меравад.
Аз дарди нобуди ту ман афгор гаштам ин замон,
Аз ин замин то бар само сӯзу гудозам меравад.
Гӯям, ки ту ҷонам шавӣ, то ҷони худ қурбон кунам,
Бо ман намонда чорае, аз ман ниёзам меравад.
Эй ҳамдами меҳрофарам, як умр дар ёдам будӣ,
Ту меравӣ аз ман, марав, оҳанги созам меравад.
Он гуна дар ёди манӣ, рӯ чун ба меҳроб оварам,
Ақлам зи сар берун шавад, файзи намозам меравад.

ДИЛИ МАН

Дили ман шӯру исён дорад имрӯз,
Даруни сина туғён дорад имрӯз.
Ҳама шоду нишоти олами роз,
Ҳавои сози ҷонон дорад имрӯз.
Барои зиндагӣ шаҳди умедам,
Ҳазорон созу армон дорад имрӯз.
Дили садпораи ошиқниҳодам,
Гузар бар кӯйи хубон дорад имрӯз.
Зи сӯзи қалб ҷонам дар гудоз аст,
Дар ин ҷо дарди ҳиҷрон дорад имрӯз.
Биё, ҷоно, баҳорамро бисабзон,
Ки дил майли гулистон дорад имрӯз.

СЕР НЕСТ

Чашми мо аз дидани ин чархи гардон сер нест,
Аз ҳавою аз ҳавасҳои баҳорон сер нест.
Аз тамошои ҷамоли покрӯёни Ватан,
Аз шукӯҳи қуллаҳои кӯҳсорон сер нест.
Ҳар замон созад назора сӯйи гулҳои чаман,
Аз нигоҳи дилнавози гулъузорон сер нест.
Дидаи инсон гирифтори ҷамоли нозанин,
Аз сафои суҳбати ҳамдард, ёрон, сер нест.
Мисли парвона занад дил болу пар бар кӯйи ёр,
Ҳеҷ гаҳ аз суҳбати шабзиндадорон сер нест.
Гарчи дида бас баҳори тозарӯю гулфишон,
Аз дамиданҳои субҳи навбаҳорон сер нест.

МӮНИСИ ҶОНУ ДИЛИ МО

Ту ҳастӣ мӯниси ҷону дили мо,
Ту ҳастӣ мояи ҳар ҳосили мо.
Ба ту болида мо ҳар вақту соат,
Уфуқи хонадону манзили мо.
Агар шӯру шарар хезад зи ҷое,
Бисӯзӣ ҳамчу шамъи маҳфили мо.
Чу дарё тифлакони ту равонанд,
Канори ту бувад чун соҳили мо.
Худоё, оламу одам нигаҳ дор,
Намирад, то ки моми хушгили мо.

ТАЗОДҲОИ ЗИНДАГӢ

Ин қадар бошад шитобон навбаҳори зиндагӣ,
Лаҳза-лаҳза мешавам дур аз канори зиндагӣ.
Ин ҳама уммеду армону ҳавасҳои дилам,
Ҳеч бошад дар миёни гирудори зиндагӣ.
Ҳар замоне бингарам ман ғунчаҳоро сарнагун,
Зор нолам, зор ман бар ҳоли зори зиндагӣ.
Рӯйи пурчину қади хам аз гузашти умр нест,
Сад мани манро кунад озурда бори зиндагӣ.
Рӯзи равшанро ба кас торик созад оқибат,
Чун расад фасли хазон дар рӯзгори зиндагӣ.
Эй, ту Одилзода, хуш бошу сухан санҷида гӯ,
То ки монад номи некат дар гузори зиндагӣ.

НАМЕОЯД

Ҷавонӣ аз барам рафту дигар дар бар намеояд,
Ҳаёти хурраму хобе дигар бар сар намеояд.
Ба монанди баҳорон гулнигоҳу гулфишоне буд,
Дигар он фасли хушдидору хушманзар намеояд.
Бирафт умрам, хазон меборад акнун аз нигоҳи ман,
Дигар бӯйи хуши гулғунчаҳои тар намеояд.
Дигар қалбам зи сӯзи ишқи ҷононе намеболад,
Ҳавои интизории касе бар сар намеояд.
Ҷавониро ғанимат дон, ки рафта барнамегардад,
Ки ҳатто лаҳзае аз он ба симу зар намеояд.

КОРИ ШОЁН

Аё дунё, ки бурдӣ ҳуши моён,
Бувад майлат ҳамеша сӯйи поён.
Замони реҳлати мо нест маълум,
Вале ҷовид монад кори шоён.

ЛИВОИ ВАҲДАТ

Илоҳо, кишвари мо ҷовидон бод!
Замину осмонаш дар амон бод!
Зи Ваҳдат оламе гулпӯш гашта,
Ливояш ҷовидонӣ парфишон бод!

ЗОДА ШУДЕМ

Бо бахти баланд дар ҷаҳон зода шудем,
Бо меҳру муҳаббати ниҳон зода шудем.
Шукрона, ки андар ватани бобоӣ
Бо хӯйи накӯ баҳри замон зода шудем.

ЧИГИЛҲО

Чаро як зумра пуркину бахиланд,
Ба сурат хубу бар сират разиланд?
Худовандо, бибур аз беху буншон,
Ки инон риштаи моро чигиланд.

ВОДИИ ТИЛЛО

Эй дил, ту чаро ба фикри дунё ҳастӣ?
Девонаву шӯридаву шайдо ҳастӣ.
Беҳ аз ту надорад ин ҷаҳон амволе,
Зеро ки худат водии тилло ҳастӣ.

МИРЗОЮСУФ ТОҲИРӢ



Мирзоюсуф Тоҳирӣ 22-юми марти соли 1956 дар деҳаи зебоманзари Путхини ноҳияи Айнии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оилаи хизматчӣ таваллуд шудааст. Соли 1971 мактаби 8-солаи деҳаи Путхин ва соли 1973 мактаби миёнаи ба номи Нақибхон Туғралро хатм кардааст.

Соли 1980 факултаи таърихи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро хатм карда, дар мактаби зодгоҳаш ба ҳайси устоди таърих дарс гуфтааст. Солҳои 1998-2000 сарвари ҳамин мактаб буд.

Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Аз хурдӣ ба шеъргӯӣ рағбат дошт. Шеърҳояш дар рӯзномаҳои «Ҷавонони Тоҷикистон», «Овози тоҷик» (Самарқанд) ва «Адабиёт ва санъат» чоп шудаанд. Муаллифи маҷмӯаҳои шеърии «Падидаи ишқ» (с. 1996) ва «Гули худрӯи Зарафшон» (с. 2009), «Гулшани ғазал» (маҷмӯаи дастаҷамъӣ. с. 2011), «Туғрали ахтарбаланд» (с. 2015) ва «Гулистони умед» (с. 2016) мебошад.

Дар айни ҳол ба ҳайси табиби халқӣ дар осойишгоҳи «Шоҳамбарӣ» адои вазифа дорад. Соли 2010 унвони «Беҳтарин табиби халқии Тоҷикистон» ва соли 2013 унвони «Ғолиби озмуни беҳтарин табиби халқии Тоҷикистон дар соли 2013»-ро сазовор гардидааст.

ТАРКИ СОҒАР....

Ман ба рағми душманонам зиндагӣ сар мекунам,
Ҳар чӣ бад гӯянд бар ман, гӯши худ кар мекунам.
Мурдаанд аз равнақи ман сифлагони кажназар,
Аспи онҳоро магар бо хар баробар мекунам?
Мехӯрад кирми даруншон ин бахилонро чу барг,
Ман, вале аз некӣ қалбамро мунаввар мекунам.
Бодахорӣ мекунанду «шери нар» ҳам мешаванд,
Ман ба қасди ин заифон тарки соғар мекунам.
Душманон бо дӯстонам аҳду паймон кардаанд,
Баъд аз ин бо дӯстон дигар чӣ бовар мекунам?
Юсуфо, ту панди Ҳофизро ба гӯшат ҳалқа кун,
Ҳарчӣ мехоҳам кунам, бо ройи Довар мекунам.

МУХАММАС

Дар домани афлок зи нав як шарараре хест,
Дар пардаи торикии шаб, бин, қамаре хест,
Дар гулшани маънии замон сад ҳунаре хест,
Аз қаъри Зарафшон, ба Худо, як гуҳаре хест,
Бар гулназарони ватанам Гулназаре хест.

Аз нолаи модар ба дилаш доғ шукуфта,
Аз хандаи ӯ кӯҳу талу роғ шукуфта,
Аз бодаи шеъраш гули бедоғ шукуфта,
Аз шеъри тараш дар дили ман боғ шукуфта,
Чун шерри жаён ғолибу соҳибназаре хест.

Дар ҷашни ту дар дасти ман ин ҷоми булӯр аст,
Аз шӯълаи шеъри ту бадӣ рафта ба гӯр аст,
Дар шеъри ту туғёни Зарафшон ба ғурур аст,
Дардар[28] ба назар баҳри манат қиблаи нур аст,
Дар кишвари дил ошиқи соҳибназаре хест.

Дар шеъри ту бошад ҳама он покии виҷдон,
Андӯҳи Бухорову фари давлати Сомон,
Дар шеъри ту ороста шуда тахти Самангон,
Бо шаъну шараф шишта дар он Рустами Дастон,
Ҳамроҳи ту дар шеъргаҳе Золи Заре хест.

Як умр чу гул баҳри Юсуф бош шукуфон,
Чун шамс дурахшу бинамо мулк дурахшон,
Маҳбуб бимон, шоири маҳбуби азизон,
Чун шеъри ту шуд дар тани мо дорую дармон,
Дар боғи ҷаҳон мисли гуле Гулназаре хест.

ТАҒЙИР КУН ҚАЗОРО

Чун шамъ баргудохтан гардид насиб моро,
Аз сӯзиши дили мо огоҳ кун Худоро.
Эй ёри моҳталъат, кофист ҷабру зулмат,
Бар чашми ман нигоҳ кун бо дидаи хуморо.
Ҳарчанд муслиминам дар шаҳри русам имрӯз,
Ту таъна мезанӣ, ки гардидаам насоро.
Дил аз ғами ту имрӯз гардид пора-пора,
Афсӯс мехӯрам, ки қалби ту санги хоро,
Моро ба бадномӣ ҳарчанд шӯҳра кардӣ,
Шояд ба пеши Яздон бошам ҳама мубарро.
Юсуф зи ишқат имрӯз бемору нотавон аст,
Раҳме намо ба ӯву тағйир кун қазоро.

[28] Золгоҳи шоир Гулназар

БИГЗАРАД

Аз дилам ҳар лаҳзае шӯри Зарафшон бигзарад,
Лаъли оламтоби ман сӯи Бадахшон бигзарад.
Таърихамро гар надонӣ, муддаӣ, боре шунав,
Таърихам аз кӯҳи Муғ, Ҳулбуку Шумон бигзарад.
Тахти ман ҳаст ориёӣ, аҳди ман хеле куҳан,
Аз Бухоро тахти ман бар Тоҷикистон бигзарад.
Тоҷики ман аз азал буд тоҷдору тоҷвар,
Парчами миллат ба дасташ Ибни Раҳмон бигзарад.
Ҷилвагоҳи нур Роғун, нур пошад бештар,
Нури меҳри мо бубин, бар сӯи Кайҳон бигзарад.
Аз муҳаббат Юсуфи мо шеъри худро гуфтааст,
Баҳри халқу миллаташ ӯ аз сари ҷон бигзарад.

ХОНАИ ПАДАР

Хонаи танги падар тахти Сулаймони ман аст,
Модари пирам дар он ҳар лаҳза пазмони ман аст.
Бо сафедии сараш бахти маро карда сафед,
Қуввати ҷон - Модари бемору камҷони ман аст.
Додару хоҳар бирафта сӯи манзилҳои худ,
Модари ман такягоҳу зӯру дармони ман аст.
Ҳар саҳар ман об резам бар кафи дастони ӯ,
Чини пешонии ӯ сарбайти достони ман аст.
Лаҳзае гар дур гардам, аз пасам гирён шавад,
Гиряҳои зори ӯ сад найза бар ҷони ман аст.
Модарам, тоҷи сарам, ту назди Юсуфат бимон,
Меҳри покат ҷовидон хуршеди тобони ман аст.

ХУРШЕДИ САҲАР

Рӯи Модар ҳамчу хуршеди саҳар
Менамояд хонаам пурнуртар.
Гарчи рафта аз танам зӯру мадор,
Менамояд ӯ маро пурзӯртар.
Шеъри ман гар шӯр орад бар диле,
Аллааш аз шеъри ман пуршӯртар.
Гарчи ҳастам то кунун ман дар бараш,
Бо нигоҳи ӯ бубинам дуртар.
Гар сафар созам барои нангу ном,
Бо дуояш мешавам манзуртар.
Модарон гарчи ба олам номдор,
Модари тоҷики ман машҳуртар.

ҲАВАС НАСОЗАМ

Дороии касонро ҳаргиз ҳавас насозам,
Умри азизи худро чун булҳавас насозам.
Чун мурғакони озод ҳар сӯй мезанам пар,
Аз баҳри нафс худро андар қафас насозам.
Чун арчазори деҳам ман сабзу сарбаландам,
Ҳаргиз ман эҳтиёҷе бар хору хас насозам.
Бар даргаҳи ту, эй Ҳақ, шукронагӯй ҳастам,
Такя ба бозӯи худ, бар зӯри кас насозам.
Чун лаъл медурахшам, чун меҳр зарфишонам,
Як лаҳза умри худро ҳаргиз абас насозам.
Покам чу Тоҳири худ, Юсуфи хешам, эй дӯст,
Бар Юсуфони мисрӣ асло ҳавас насозам.

ХАЗОНРЕЗИ УМР

Чун хазонрези тирамаҳ акнун
Аз тани ман мадор мерезад.
Мӯи сар ҳам чу қуллаи барфӣ
Аз сарам сад ҳазор мерезад.
Ку асар зи даври шубоби ман?
Ашки чашмам бешумор мерезад.
Дар ҷавони рухам аноре буд,
Аз рухам гули анор мерезад.
Эй Худоё, чӣ мушкил аст пирӣ,
Ҷабри афзун зи ёр мерезад.
Юсуфи сӯхтадил, магӯ ҳарфе,
Ҷои гул кунун хор мерезад.

ГУЛИ ГЕЛОСИ ПАДАР

Гули гелоси падар рехт ба болои сарам,
Бо ҳавас бар гули гелоси падар менигарам.
Як замон чун гули гелос шукуфон будам,
Он замон бар забари тахти Сулаймон будам.
Дигар аз он гули гелос намондаст нишон,
Ҷойи гул бар сари гелос бувад барги хазон.
Гар вазад бод на гул, балки хазон мерезад,
Оҳ, аз ҳастии пурдард ниҳон мехезад.
Умри ман чун гули гелос ба сар омадааст,
Навҷавон рафтаву пирона ба дар омадааст.
Нест аз мӯи сиёҳам ба сарам ҳеҷ асар,
Ҳамчунон қуллаи кӯҳ барфи сафед аст ба сар

МОҲИРА ВАЛИЕВА



Моҳира Валиева 24-уми сентябри соли 1948 дар деҳаи Равонаки ноҳияи Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар оилаи иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва бунёдгузори аввалин мағозаи “Тоҷиккитоб” дар Самарқанд – Абдураҳмон Валиев таваллуд ёфтааст.

Мактаби миёнаи рақами 22-юми шаҳри Самарқанд ва факултаи филологияи тоҷики Донишкадаи педагогии ба номи С. Айнии Самарқандро ба итмом расонидааст. Фаъолияти меҳнатиашро соли 1971 дар мактаби миёнаи рақами 29-уми шаҳри Душанбе сар кардааст. Баъдан дар муассисаҳои таълими томактабӣ, аз ҷумла, дар вазифаи мудираи кӯдакистони рақами 141-уми шаҳри Душанбе кор кардааст.

Баъди бозгашт ба зодгоҳаш шаҳри Самарқанд, солҳои 1992-2008 кори педагогиашро дар вазифаҳои муалимаи забон ва адабиёти тоҷики мактаби миёнаи рақами 37, мудири қисми таълимӣ ва муаллимаи фанҳои гуманитарии мактаби миёнаи рақами 16-уми ноҳияи Самарқанд давом додааст.

Муаллимаи тоифаи олӣ, Аълочии таълими халқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

Аз таҷрибаи педагогӣ ва мушоҳидаҳояш дар маҷаллаҳои “Занони Тоҷикистон”, “Зиёкор”, рӯзномаҳои “Самарқанд”, “Овози Самарқанд” ва “Субҳи Гулобод” мақолаҳо дарҷ намудааст.

Дар вақтҳои охир аз ҳаёти бачагони хурдсол ҳикояҳои хурди ҳазлу мутоибаомези хондanӣ менависад.

Гулу булбули хонадон

Наберачаи мо Манижахон синни шашро пур карда, ба ҳафт қадам гузошт. Ман тамоми лаҳазоти ҳаёти кӯдаконаи ӯ, сол ба сол дигар шудани ҷараёни фикр ва муносибати ӯро ба дунёи атроф, табиату одамон мушоҳида карда меоям. Дар кору рафтораш хеле чизҳои аҷоибу ғалатиро мебинам, ки аз зеҳни тезу ғайриодиаш хабар медиҳанд. Инак, аз зарофатҳои ӯ чанд намунае ба диққати хонандагони хурдсол пешниҳод мекунам.

«Пир шавед»

Манижахон бисёр сухандону гапчин мебошад. Рӯзе бобояш нохост атса зад. Майдаяки мо, ки бо бозӣ банд буд, атсаи боборо шунида “пир шавед” гуфту боз бозиашро давом дод. Бобо бо завқ хандиду “ташаккур, шумо ҳам калон шавед” гуфт. Ҳама чапак задем.

Гов манба шир дод

Рӯзи баҳор, ҳама ҷо сабзу хуррам, дарахтон гул кардаанд. Дар чунин як рӯзи хушҳаво Манижахон бо модараш ба фермаи ширфурӯшӣ рафтанд. Дар бозгашт Манижахон як даста сабзаву гул чида, ба ман

тӯҳфа кард:

Ава, ин гул ту-ба.

Ман ташаккур гуфта, пурсидам, ки:

- Дар роҳ чиҳоро дидӣ?

Вай ба гап даромад:

- Гов “му-у-у-у” гуфта, ба ман салом дод. Гӯспанд мӯл будаст, ман-ба “бе-е-е-е” гуфт, ман “ассалом” гуфтам.

Пас Ромизхону Ҷовидхон ҳам ба пурсидан сар карданд:

- Бо чия дидӣ?

- Тития дидам, “ку-ку” гуфта салом кард. Сонӣ пеши гов-ба рафтем, гов ман-ба шир дод.

Ман асал-мӣ?

Манижахон хурсанд зочааш Анораро гирифта омада, ба сари дастархон нишаст. Ҳама бо нонушта банд буд, ҳеҷ кас ба вай эътибор надод. Нохост диққати ҳамаро ба худ ҷалб намуда гуфт:

- Дада, ман асал-мӣ?

Мо хандидему гуфтем, ки:

- Ту асал.

Вай хурсанд табассум мекард.

Гилем гиря кард

Як пагоҳӣ, то аз хоб хестани Манижахон ману модараш гилеми ошхонаро шуста, ба тор паҳн кардем. Обаш чакида меистод. Дар ҳамин вақт Манижахон аз хоб хеста, ба назди мо омад. Вай чак-чаки оби гилемро дида, ба гиря даромад ва гуфт:

- Гилема ба хона дароретон, ана, бинетон, гилем гиря карда истодааст.

Шумоям хонда метонед-мӣ?

Ҳамин, ки акаҳо ба дарстайёркунӣ нишастанд, Манижахон ҳам китобашро гирифта “мехонд”. Рӯзе китобашро кофта наёфт.

- Китобамро ёфта тетон – гуфта ба гиря даромад. Ман пурсидам:

- Номи китобат чӣ буд?

Вай гуфт:

- “Тимур и его команда”.

Ман китобро ёфта овардам. Аз вай пурсидам:

- Ту китоб хонда метавонӣ?.

- Ҳа. Шумо-ба ҳам хонда тиям-мӣ?

- Майлаш, - гуфтам ман.

Манижахон ба китобхонӣ даромад:

Мусичаи бегуноҳ,
Болои сандалӣ бало.
Аз нӯлакат муччӣ кунам,
Аз думакат қайчӣ кунам.

Ҳамин тавр, Манижахон китобро варақ зада,чанд шеъри тоҷикиву русиро, ки медонист, хонда дод. Ман:

- Офарин, бисёр нағз хондӣ, - гуфта ӯро таъриф кардам.

Майдаяки мо бо ғурур гуфт:

- Шумоям хонда метонед-мӣ?

Мана худам зӯр-дия

Бо модари Манижахон бичаки алафин тайёр мекардем. Ман ба ҷилдҳо алаф андохта, онро мебастам. Манижахон кори моро бо диққат мушоҳида карда, вай ҳам ба бичакбандӣ даромад. Ду-се бичакро андохт, модараш онро пухт. Бегоҳӣ падараш омад, модараш ба ӯ бичакҳои Манижахонро нишон дод.

- Ин бичакҳоро ту сохтӣ-мӣ? Бале, офарин! – гуфт падараш. Манижахон дарҳол ҷавоб дод:

- Ҳа, мана худам зӯр-дия!

Акема ош карсед-мӣ?

Ромизхон чанд рӯз бетоб шуд. Ба қатори доруҳо, ман шалғамро аз турбтарошак гузаронида, ба пушти Ромизхон компресс кардам. Манижахон ин кори маро дида, гуфт:

- Акема ош карсед-мӣ?

Шумоя кай боза надидем

Ҳама барвақт аз паи кору бораш баромада рафтанд. Манижахон бо бозӣ банд буд. Пас ҳамаи хонаҳоро дида баромад, ки ҳеч кас нест. Аз ман пурсид, ки:

- Одамо канӣ?

Ман гуфтам, ки:

- Дадет ба кор ва акаҳо ба мактаб рафтанд.

Баъди чанд лаҳза бобояш омад. Манижахон тозон омада, “бобоҷонакам, Шумо нағз-мӣ?” – гуфт. Бобояш дар ҷавоб:

- Ҳа, ман нағз, ташаккур, худатон нағз-мӣ?

Манижахон боз як бор ба бобояш бо табассум нигоҳ карда, гуфт:

- Бобоҷонакам, шумоя кай боза надидем.

Ҳар дуяшам

Одатан то аз хоб хестани Манижахон падараш ба кор меравад. Шабона, вақте ки падараш аз кор меояд, Манижахони дар хоб аст. Боре падараш барвақт аз кор омад. Манижахон хоб накарда, падарашро интизор буд. Ӯ тозон сӯи падараш рафта, салом дод ва ӯро ба оғӯш гирифт. Падараш ба вай киндер дод. Вай ташаккур гуфт. Ман пурсидам, ки:

- Ту дадетро ёд кардӣ-мӣ ё киндерро?

Манижахони ҳозирҷавоб дарҳол гуфт:

- Ҳар дуяшам.



МОҲИРА РАҲИМЗОДА

Исрофилова Моҳира Раҳимовна (Моҳира Раҳимзода) зодаи деҳаи Шинги ноҳияи Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар оилаи коргар ба дунё омадааст. Мактаби миёнаи №11-уми зодгоҳро соли 1980 бомуваффақият хатм кардааст.

Хатмкардаи омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Панҷакент (соли 1983) ва Донишгоҳи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе (соли 1991).

Фаъолияти меҳнатиаш ҳамчун омӯзгори фанни забони русӣ дар мактаби миёнаи рақами 11-уми деҳаи Шинг оғоз ёфт. Баъдан дар мактаби рақами 68-уми деҳаи Бодгаҳи ҷамоати Шинг, инчунин, дар МТМУ №14 ва №2-уми шаҳри Хуҷанд ба шогирдон аз фанни забон ва адабиёти тоҷик таълим додааст.

Ҳанӯз аз айёми донишҷӯӣ дар матбуоти даврӣ шеъру таронаҳо ва лавҳаҳояш ба табъ мерасиданд. Ҳамин муҳаббат ба эҷод кардан буд, ки ӯ соли 2003 ҳамчун рӯзноманигор ба нашрияи «Нилуфар» ба кор омад. Соли 2005 муҳаррири масъули нашрияи «Саломат бошед!» таъйин гардид.

Аз соли 2010 инҷониб дар ҳафтаномаи Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Суғд «Сухани халқ» ҳамчун рӯзноманигор фаъолият дорад.

Маҷмӯаи аввалини шеърҳояш бо номи «Ҷавонаи ишқ» ба табъ расидааст.

Аз соли 2009 узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон буда, дорандаи нишони сарисинагии Аълочии матбуоти Тоҷикистон мебошад.

Оиладор буда, соҳиби ду фарзанд- Сиёвуш ва Фаридун мебошад.

ВАҲДАТ

Пойдории ҷаҳон аз Ваҳдат аст,
Амну айши ҷовидон аз Ваҳдат аст.
Осмон шодӣ кунад бар ҳоли мо,
Ҷилваи тирукамон аз Ваҳдат аст.
Модарон шабзиндадорӣ мекунанд,
Хоби нози кӯдакон аз Ваҳдат аст.
Пирро гар дарди пирӣ бас бувад,
Хандаи бахти ҷавон аз Ваҳдат аст.
Аз парешонӣ расад дарду алам,
Шодии хурду калон аз Ваҳдат аст.
Дар миёни қавму миллатҳои ғайр,
Эътибори тоҷикон аз Ваҳдат аст.
Дӯстӣ бошад сипар дар роҳи хасм,
Амну умри дӯстон аз Ваҳдат аст.
Зиндагӣ васли муҳаббатҳои мо,
Чун бақои хонадон аз Ваҳдат аст.

Васфи Ваҳдат менағунҷад дар баён,
Сеҳркории забон аз Ваҳдат аст.
Сулҳу Ваҳдат орзуи халқҳост,
Рӯзгори бехазон аз Ваҳдат аст.
Васфи Ваҳдат менамояд Моҳира,
Ҳусни ашъори баён аз Ваҳдат аст.

ЁД

Замоне кӯдакии ман ба деҳа,
Ба гулчинӣ бирафту бедарак шуд.
Дамидам аз пасаш, то ки бубинам,
Қатори гулпаракҳо гулпарак шуд.

Маро гум кардаанд дар домани кӯҳ,
Барои кӯдакӣ доим ба ёдам.
Бидида гулпаракҳоро зи нав боз,
Бигуфтам кош ояд, дил бидодам.

Кунун ҳар гаҳ, ки меоям ба деҳа,
Суроғаш меравам бар дашту паҳно.
Бигӯям худ ба худ, эй кош ёбам,
Зи нав ман кӯдакиро бо таманно.

Ҷавонӣ аз паси он кӯдакиҳо,
Сари сарчашмаҳо рафту наомад.
Магар, ки кӯдакиҳояш бидида,
Ба тори қуллаи Туро баромад.

Ба ёди кӯдакию навҷавонӣ,
Дилам гум мезанад, гум мезанад, гум,
Агар, ки ёбам онро ман дубора,
Кунам пинҳон чу тиллое дар он хум...

СИЛОҲИ ДӮСТӢ ДАР БАЗМИ КОМРОНӢ

(бахшида ба аз нав барқарор гаштани равобити дӯстии миллати тоҷику ӯзбек)

Сафои дӯстӣ дар парчами Ҷомӣ, Навоиҳо,
Сурури зиндагӣ дар соҳати ширинсароиҳо.
Шудам шодобдил аз он муҳаббатҳои оламгир,
Ду миллат мекунад бар ҳамдигар оғӯшкушоиҳо.
Замоне баста шуд сарҳад барои тоҷику ӯзбек,
Зи дилҳо карда буд фарёдҳо, гирдиҳамоиҳо.

Раҳандозӣ намуда нақшаашро душмани миллат,
К-аз он даҳсолаҳо буд ранҷу озору ҷудоиҳо.
Хушо бо ибтикори Шавкату Эмомалӣ Раҳмон,
Зи нав шуд меҳрубонӣ ҳокими шӯҳратбиёриҳо.
Кунун бинӣ, ки дар сарҳад ду парчам дар парафшонӣ,
Хушо, ки тоҷику ӯзбек ба ҳам омад ба шодиҳо.
Қадимӣ будааст ин ҳар ду миллат дар замини умр,
Гувоҳи ин бувад дастури Ҷомию Навоиҳо.
“Раҳи Абрешимин” пайванди шоҳроҳи ҷаҳон гардид,
Сафои сулҳу ваҳдат муждабар аз ориёиҳо.
Ба сарҳад ҷои он симхор бидидам рӯида лола,
Чароғак мезанад чашми дил аз гулдастабориҳо.
Ба он расму русуми муштарак мо ҳамдилу ҳамдин,
Ду миллат аз қадим хешу табор бо ҳамканориҳо.
Дар он Чочу Душанбе ҳар ду миллат каф зада гӯяд,
Зиҳӣ тоҷик, зиҳӣ ӯзбек ба он ваҳдатсароиҳо.
Бубин дар Тоҷикистон зиндагӣ шоистатар гардид,
Ҷаҳон дар ғайрати дастуру он қудратнамоиҳо.
Барои тоҷику ӯзбек ба офоқ каф зада гуфтам,
Ба базму анҷуманҳо ман ғазал бо мӯшикофиҳо.

ҒАЗАЛИ СУБҲ


Субҳ асту бихезед салои дигар омад,
Бо ҳамҳамаю замзамаҳои саҳар омад.
Хезеду зи ҷо ҷомаи иқбол бипӯшед,
Афсонаи афсунгари шамсу қамар омад.
Бархез зи ҷо, пушти дари зиндагии мо
Аз анҷумани меҳру муҳаббат хабар омад.
Медонӣ магар шаъшаъаи умр ғанимат,
Аз нав ба диёри ману ту зебу фар омад.
Аз қофилаи субҳ бигир муждаи будан,
Бар тоҷику бар тоҷи каён ҳамсафар омад.
Ялдоии шабро ту бипурс аз шафақи субҳ,
Бархезу биорой тараб пардадар омад.
Гаҳ зиндагӣ ширину гаҳе талху фараҳзо,
Дар соғари ҳастӣ майи пур аз шакар омад.
Аз авҷ ҳамон ҳазрати Ҳақ нома фиристод,
Гуфто, ки саҳар хез, ки хирвори зар омад.
Дар ин ғазали сабз навиштам самари умр,
Эй хуфта, зи ҷо хез, ки он муждабар омад.

ДИЛНОМА

Салом, эй нури қалбу нури дида,
Салом, эй абрӯят боли хамида!

Салом, эй файзи субҳи покдоман,
Салом, эй нусхаи гулҳои гулшан!
Салом, эй нуктасанҷу нуктапардоз,
Салом, эй кабки маст, эй мурғи шаҳбоз!
Салом, эй ошиқи дар ишқ якто,
Салом, эй лоиқи дилҳои шайдо!
Салом, эй ахтари бурҷи фалакҳо,
Салом, эй огаҳ аз рози малакҳо!
Салом, эй маҷмаи ҳусни Худодод,
Салом, эй зодаи даврони озод!
Салом, эй орзуи навҷавонон,
Салом, эй қиблаи уммедворон!
Салом, эй қалби ман муштоқи рӯят,
Салом, эй ҷони ман сарсони кӯят!
Салом, эй он ки доим дар хаёлӣ,
Салом, эй он ки хоси зулҷалолӣ.
Ба номат мекунам дилнома эҷод,
Ки дил гардад зи банди ғусса озод.
Намеёбам сухан андар сифотат,
Бихонаи гул ва ё шохи наботат.
Каломи дилнишинат шаҳду шаккар,
Лабони майпарастат ғунчаи тар.
Ту аз ман дурию ман дурам аз ту,
Вале бо ин ҳама масрурам аз ту.
Вуҷуди ту бароям асли шодист,
Агарчанде туро аз ман хабар нест.
Маро ишқат дар олам зинда дорад,
Ба рағми сад аҷал поянда дорад.
Хаёлан бо ту ман хушбахт ҳастам,
Шаҳам, соҳиб ба тоҷу тахт ҳастам.
Накӯбад дасти андӯҳе дарамро,
Намояд сила даҳри дун сарамро.
Ба бахти ман ҳамеша зинда монӣ!
Ба лутфи кулли халқ арзанда монӣ!
“Сухан то чанд гӯям печ дар печ,
Туро ман дӯст медорам дигар ҳеч!”

МУЗАФФАР СУҒДЗОД



Музаффар Суғдзод 1-уми январи соли 1950 дар шаҳри Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон таваллуд ёфта, дар деҳаи Некноти шаҳри Панҷакент ба воя расидааст. Баъди хатми мактаби миёна соли 1967 ба Университети давлатии Тоҷикистон, факултаи филологияи тоҷик дохил шуда, онро соли 1972 хатм намуд.

Баъд аз хатми мактаби олӣ муддате дар радиои бурунмарзии Тоҷикистон, солҳои 1972-73 ба ҳайси мудири шуъбаи нақлиёт, сохтмон, мактабҳо ва маданияти рӯзномаи ноҳиявии «Зарафшон» кор кардааст.

Солҳои 1973-74 муҳаррири идораи бачагонаи студияи телевизиони Тоҷикистон дар ш. Душанбе буд. Аз соли 1975 ба деҳаи Некнот баргашта, то нафақа дар мактаби миёнаи №13, ба номи Ф. Ансорӣ ҳамчун омӯзгори забону адабиёти тоҷик ва рус фаъолият кардааст. Муассиси маҳфили адабии адибони водии Зарафшон «Бунафша» (аз с.1984) мебошад.

Узви Иттифоқи нависандагони Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Барои хидмати пуразриш дар адабиёт бо нишони «Нишони сухан» (с.2010) сарфароз гардидааст.

Падари шоир – Рӯзиев Абдулло китобҳои классикони форс-тоҷикро бо овози баланд қироат намуда ва ба тарзи махсус месурудааст. Ҳамаи ин ба Музаффари ҷавон бетаъсир намонд. Ӯ аз понздаҳсолагӣ ба шеърнависӣ машғул мешавад. Аз соли 1971 инҷониб шеърҳояш мунтазам дар рӯзномаҳои ноҳиявӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявии «Зарафшон», «Норак», «Ҳақиқати Ленинобод», «Комсомоли Тоҷикистон», «Тоҷикистони Советӣ», «Газетаи муаллимон», «Пионери Тоҷикистон», «Адабиёт ва санъат», маҷаллаҳои «Машъал», «Садои Шарқ», «Занони Тоҷикистон» ва ғайра чоп мешуданд. Дар солҳои донишҷӯӣ бештар ба шеърҳои шоирони машҳури ҳамонвақта – Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Лоиқ Шералӣ, Мӯъмин Қаноат, Гулназар Келдӣ, Гулрухсор Сафиева ва Бозор Собир рағбати бениҳоят калон дошт ва ашъори онҳоро азхуд менамуд. Бештар аз ҳама аз шоирон Убайд Раҷаб, Бозор Собир ва Гулназар Келдӣ дар навиштани шеър маслиҳатҳо гирифтааст. Дар курс-конференсияҳои адибони ҷавон иштирок мекард. Натиҷаи омӯзишҳо ва шавқу рағбати табиию худодод буд, ки ӯ устуворона ба роҳи эҷоди шеър қадам ниҳод. Намунаи шеърҳои давраи ҷавониаш дар маҷмӯаҳои гуногуни дастаҷамъии асри ХХ ҷой дода шудаанд. Маҷмӯаи шеърҳои бачагонааш бо номҳои «Ба ҷӯи нав об омад», с.1989 ва «Офтоб куҷо шуд?», с.1991 тавассути нашриёти «Адиб» аз чоп баромадаанд. Дар маҷмӯаҳои дастаҷамъии «Риштаборон», нашриёти «Ирфон», с.1984, «Навсафар», нашриёти «Маориф», с.1985, «Бунафшаҳои Зарафшон», нашриёти «Камол», с.1991, «Шохаҳои ҷавонӣ», нашриёти «Адиб», с.1993 шеърҳои барои калонсолон навиштаи ӯ чоп шудаанд. Китобҳои «Марди ҳалол», с.2007, «Чашми Ватан», с.2009, «Офтобак», с.2009, «Гул дар сари пул», с.2009,

«Мардони диловар», с.2010, «Дилпораҳо», с.2010 маҳсули солҳои охири эҷодиёти шоир мебошанд.

Ҳамчунин китобҳои «Наҷҳ-ул-ҳидоя» (Ҳадисҳои паёмбар Муҳаммад (с)), «Нағмаҳо ва номаҳои ошиқона»-ро ба хати кириллӣ баргардон ва таҳия намудааст, ки якеро корхонаи хурди давлатии «Хайём», с.1991 ва дигариро нашриёти «Адиб» с.1992 аз чоп баровард.

Ҳамчун омӯзгори навовар дорандаи Грамотаи фахрии Вазорати маорифи халқи ҶШС Тоҷикистон, с.1989 мебошад. Бисёр мақолаҳои илмию методӣ ва маданию адабиаш низ чоп шудаанд: «Дарс дилгиркунанда аст?», маҷаллаи «Машъал», с.1983; «Олим ва мутафаккири бузург», рӯзномаи «Зарафшон», с.1983; «Устоди бузурги назм», рӯзномаи «Зарафшон», с.1984; «То насӯзӣ сохтан мушкил бувад», рӯзномаи «Зарафшон»; «Забон донӣ – бақадр шавӣ», рӯзномаи «Омӯзгор», 06.04.1990; «Оинҳои наврӯзӣ», рӯзномаи «Пионери Тоҷикистон», с.1991; «На ҳар к-ӯ варақе хонд, маонӣ донист», рӯзномаи «Ҷумҳурият», с.1992 ва ғайраҳо.

Музаффар 6-уми июни соли 2012 дар натиҷаи беморӣ аз олам чашм пӯшид.

Ашъори Музаффар Суғдзод фарогири меҳри ватану миллат, сулҳу амонӣ, зебоиҳои табиати диёр, ишқу ҷавонӣ, хислатҳои хуби инсонӣ ва ободиву созандагӣ буда, равон ва мардумписанд ҳастанд.

БЕ САМАРҚАНДАМ

Дар Самарқанди азизам ман ба дунё омадам,
Дар Самарқанди азизам ман ба по гардон шудам.
Рафтам аз хокаш бурун бар деҳи Нигноти падар,
Дар миёни кӯҳсораш, эй басо сарсон шудам.
Гаҳ даравгар, подабон, чӯпон шудам.

Ҳол бошад роҳи рафтан аз бароям баста шуд,
Ман Самарқанди азизамро намебинам дигар.
Гӯиё, ки модари ман рафта бошад аз барам,
Нола дорам, канда мегардад маро лахти ҷигар,
Вой аз ин ноомади бахти ҷигар, бахти ҷигар.

Дастҳо бар сар ниҳода фикри мардум парвареду,
Бар сари инсоф оед, эй ватандорони ман.
Ман аз ин ҷо ёди хешону таборон мекунам,
Ҳам аз он ҷо ёди ман доранд он ёрони ман.
Ёди ман дорад Самарқанди азизу ҷони ман,

Бо Самарқандам маро пайванди рафту о кунед,
Бе Самарқандам намегардад маро қандин самар.

Хуни нофам мекашад манро ба сӯи шаҳри ман,
Бе Самарқандам намегардад маро шомам саҳар,
Кай ба инаш ё ба онаш мекунад оҳам асар?!

ТОҶИКИСТОН

Одамӣ аз хок бошад, ман зи хоки поки ту,
Қад фарозам бар фазоят ҳамчуноне токи ту.
Тоҷикистон дилрабоӣ, модари зебои ман,
Ман шудам мафтуни шафтолую себу ноки ту.
Дар тамоми рӯи дунё ту биҳишти мутлақӣ,
Мутлақам ман дар биҳиштат шод монӣ то ки ту.
Ман туро медонамо, танҳо туро медонамо,
Дигаре парво надорам аз хасу хошоки ту.
Сер бошам ё набошам нестам нолон зи ту,
Нолаи ман аз дигарҳо баҳри ман пӯшокӣ ту.
Нӯшдору ҷустани мардум хатои дигар аст,
Нӯшдоруи ҳама ин обҳо – нӯшоки ту.

ВОРИСИ АРЗАНДА

Тоҷикистон, тоҷ бар сар дорӣ ту,
Дар ҳама рӯйи ҷаҳон фар дорӣ ту.
Оби ту ҳаргиз нахушкад, ин яқин,
Нуқраву сим, зарру зевар дорӣ ту.
Дилбаронат дилрабову дилфиреб,
Эй хушо, ин гуна дилбар дорӣ ту.
Ошиқонат аз ҳама ошиқтаранд,
Сарбаландӣ, дар само сар дорӣ ту.
Шоиронат Рӯдакиву Бӯалӣ,
Боз ҳам садҳои дигар дорӣ ту.
Вориси арзанда мехоҳам шудан,
Тоҷикистон, дон, Музаффар дорӣ ту.

ШОҲИ ОДИЛ

Шоҳи одил ихтирои шоирон,
Одилеро кас надида дар ҷаҳон.
Он Анӯшервон гуфти шоир аст,
Гуфти бикри шоирони нодир аст.
Шаҳ, агар бо гуфти шоир бошадо,
Дар муҳаббат, ваҳ чӣ қодир бошадо.
Ӯ хурад ғамҳои кулли одамӣ,
Ӯ мурад ҳам по ба пои одамӣ.

Дар дили заҳматкаши пиру чавон,
Ӯ бувад аз меҳрубонҳо меҳрубон.

ЧӮҶАҲОЯМ

Чӯҷаҳоям баски парвозӣ шуданд,
Пар кушоданду париданд аз канори шохаҳом.
Яккаву танҳо бимондам дар канори кӯҳҳо,
Бо аёли ҳампарам дур аз нигоҳи бачаҳом.
Рӯзҳову моҳҳоро бишмарам,
То ки боз оянд дар оғӯши ман.
Аз садои чӯҷаҳошон ҳар замон,
Эй хушо, ки пур шавад ду гӯши ман,
Эй хушо, ки пур шавад ҳам дӯши ман.

ҒАЗАЛҲО

Дарди маро надонанд ин омиёни дунё,
Пухта наянд охир ин хомиёни дунё.
Мисли хурӯс дар ишқ ҳар лаҳза метапам ман,
Осуда хоб, аммо ин мокиёни дунё.
Гӯянд, - мо киёнем, заҳматкаши замонем,
Баҳри шикам кашола ин мо киёни дунё.
Аз сӯзи ишқи ҷонон ҳаргиз хабар надоранд,
Дилҳои лундаи ях бесӯзиёни дунё.
Дидори рӯйи ҷонон бошад биҳишти аъло,
Бехабар аз биҳишт ин дӯзахиёни дунё.
Гуфтӣ сухан зи ишқу дидори рӯи ҷонон,
Эй Суғдзод, набинӣ ҳаргиз зиёни дунё.

МУЛЛОЗУҲУР ТОҲИРӢ



Муллозуҳур Тоҳирӣ 15-уми апрели соли 1952 дар деҳаи Путхини ноҳияи Айнии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар оилаи хизматчӣ ба дунё омадааст.

Сараввал мактаби зодгоҳаш ва баъдан омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Хуҷанд ва Донишкадаи тиббии Тоҷикистонро бомуваффақият хатм намудааст.

Муллозуҳур ҳамчун табиб, равонпизишк, кардиолог, гиёҳпизишк, мануалист, табиби халқӣ ва шоиру рӯзноманигор шинохта шудааст. Ӯ узви Иттифоқи нависандагон ва рӯзонмангорони Тоҷикистон буда, феълан раиси ассотсиатсияи гиёҳпизишкон ва табибони халқии ҷумҳурӣ, директори ҶДММ “Меҳри гиёҳ”, сардабири рӯзномаи “Дарду дармон” ва маҷаллаи “Тиб ва табобат” мебошад.

Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо медали «Шафқат» мукофотонида шудааст. Ӯ аълочии фарҳанги Тоҷикистон, аълочии матбуоти Тоҷикистон, номзади илми тиб, академики Академияи байналмилалии илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва табиатшиносӣ буда, номаш ба китоби рекордҳои Гинес шомил шудааст.

Муллозуҳур Тоҳирӣ муаллифи якчанд маҷмӯаи ашъор мебошад.

ДУШАНБЕШАҲР

Душанбе – шаҳри зебою намоён,
Душанбе, баҳри мо ҳастӣ дилу ҷон.
Бигашта шуҳратат имрӯз боло
Миёни шаҳрҳои рӯйи дунё.
Чунон сарсабзу зебою базебӣ,
Чу ахтарҳои зебо дилфиребӣ.
Ба ҳар як кӯчаат номи бузургон,
Чу Саъдӣ, Рӯдакӣ, Синои пурдон.
Бубин Фирдавсию Айнию Хайём,
Чу Лоҳутию Мирзо, Боқии ҷон.
Аз ин рӯ ту азизӣ баҳри моён,
Туро ман дӯст дорам аз дилу ҷон.

ДАР БУХОРО

Дар Бухоро дидаам ҳусни ҷаҳони тоҷикӣ,
Дар дару деворҳои он нишони тоҷикӣ.
Мерасад бар нашр ин ҷо бин «Бухорои Шариф»,
То нахушкад дар канори он забони тоҷикӣ.
Боғу роғаш мекунад бедор ёди Бӯалӣ,
Медамад, пиндорӣ, аз ин хок ҷони тоҷикӣ.

Бар машом ояд дамодам «Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён»,
Ташнагонро бишканад шеъри равони тоҷикӣ.
Наварӯсонаш чу ҳурон шеър дар лаб дидаам,
Зинда гӯё гашта дар ин ҷо замони тоҷикӣ.
Хоки поки рафтагонам кош бошад гулбасар,
Кош бошад ҷо ба ҷо ҳар хонадони тоҷикӣ.

БОҒИ ПАДАР

Булбули шӯрида хонад ҳар саҳар
Аз бари гулгашти гулбоғи падар.
Оби чӯ ҷорист бо шӯру фиғон,
Аз падар гӯё, ки мечӯяд нишон.
Дида вақте ҳиммати дастони ӯ,
Дида вақте ҳар гули армони ӯ.
Аз паяш осуда, мавзун меравад,
Панд дар лаб сӯйи ҳомун меравад.
«Ӯ бирафту дар дили мо ёд монд,
Ӯ бирафту боғи ӯ обод монд».
Хоби ӯ ором бошад, эй Худо,
Сӯйи Ту бикшодаам дасти дуо.

ВАТАН

Ватан меҳробу маъвои ман астӣ,
Дари имрӯзу фардои ман астӣ.
Дилам бе ишқи ту ором набвад,
Сафои манзилу илҳом набвад.
Агарчи дидаам бас рӯйи дунё,
Вале рӯйи ту буд дар синаам ҷо.
Ватан, эй зодгоҳ, эй кӯҳсорам,
Ба ҷон хору хасатро дӯст дорам!

ЛАБИ ДАРЁ

Лаби рӯди пурово аз талотум
Нишастам рӯ ба рӯйи моҳу анҷум.
Ба гардунҳо назар кардам баҳасрат,
Шаби худро саҳар кардам баҳасрат.
Чаро шаб ин қадар бишкуфту ман не?
Ситора бо ситора ҷуфту ман не?
Чаро дарё бинолад ҳамчу ошиқ?
Чаро дар бар надорам ёри лоиқ?
Чаро хуршед омад бо табассум?
Чаро ёри ҷавонӣ кардаам гум?

Барои одамӣ дар зиндагонӣ
Бимонад ишқи аввал ҷовидонӣ.

ОБШОРОН

Субҳ домони баҳорон дилкаш аст,
Рез-рези резаборон дилкаш аст.
Ҳамчу наҷвои гулу себаргаҳо
Байти рӯйи дӯстдорон дилкаш аст.
Ҳамчу нози бениёзи дилбарон
Савту сози ёр-ёрон дилкаш аст.
Бӯсаи аввал зи лабҳои хумор
Баҳри мову гулузорон дилкаш аст.
Чун суруди рангрези зиндагӣ
Нурбори обшорон дилкаш аст.
Эй дил, ин хилватнишинӣ то ба кай?
Сайри боғу кӯҳсорон дилкаш аст.

БАРОИ ҶӮРАБЕК

Ба самъам мерасад лаҳни гуворо,
Тараб афшонда он рӯйи фазоро.
Аз ин овози хуш дардам шавад дур,
Дил обод аст з-он чун олами нур.
Зи кӯҳистони Фалғар то ба Булғор
Бароварда ба олам шаъни ашъор.
Ало, эй булбули хушгӯйи тоҷик,
Туро сад офарин гӯему табрик.
Бихон, сад соли дигар хон, ғазал хон,
Ки моро шеваат дорую дармон.

МУАЛЛИМ

Ба муаллими аввалинам Файзуллои Раҷаб

«Ҷабри устод беҳ аз меҳри падар»,
Гуфта буд марде зи дунё бохабар.
Гар намебудӣ муаллим дар ҷаҳон,
Аз замон мемонд кай бар мо нишон.
Ҳарфи аввалро ба мо ӯ ёд дод
Бо муҳаббат аз «Алифбо»-и савод.
Бе муаллим ҳеҷ кас доно нашуд,
Фазл ӯро раҳбари дунё нашуд.
Офарин хонем бар номаш зи ҷон,
Номи ӯ бодо бимонад бо замон!

ДӮСТОНИ БОВАФО

Тоҷику ӯзбек ба ҳам пайвастаанд,
Баҳри ҳамдастӣ камар барбастаанд.
Ҳамҷавору ҳамдили ҷонӣ буванд,
Ҳамчу гулҳои яке гулдастаанд.
Дар Самарқанду Бухоро тоҷикон
Ҳарф мегӯянд бо ҳарду забон.
Дӯст дорандӣ забони ҳамдигар,
Дӯстро ҷо дода дар ҷону ҷигар.
Дар Хуҷанду Конибодом ӯзбекон
Дар дилу дар дида дорандӣ макон.
Нест фарқе баски дар ойини мо,
Дӯстро ҳурмат кунанд аз қалбу ҷон.
Мулки мо аз дӯстӣ дорад сафо,
Дӯстро бинмуда мо дар сина ҷо.
Тоҳирӣ гӯяд: Азизон, марҳабо!
Хуш келибсиз, дӯстони бовафо!


ҶИЛВАИ СУХАН

Эй сухан, гар нек бошӣ, хуб дармони манӣ,
Эй сухан, гар талх бошӣ, душмани ҷони манӣ.
Эй сухан, гар нек бошӣ, мешавӣ позаҳри дард
В-арна бо талхӣ туӣ чун заҳр, заҳр аз баҳри дард.
Лаҳзае некӣ ба мардум ҳусни тадбири сухан,
Лаҳзае талхӣ ба дил монандаи тири сухан.
Гар забони сурх бар кас посбони сар бувад,
Ҳарфи он бодо тарабафзо ба ҳар як дар бувад.

ДАРД ОВАРДӢ

Бо саҳар омад ба ҷавлон дилбари нозукадо,
Бо нигоҳи гарм кард ӯ синаам обу адо.
Ин чӣ сеҳру чашму абрӯест, лолам ҷо ба ҷо,
Ин чӣ дунёе диламро бурд бе ҳарфу садо.
Оташе дар оламам афрӯхт барқи чашми ӯ,
Аз ғами ишқаш манам маҷнунворам кӯ ба кӯ.
Як табассум кард, гӯё буд аз рӯйи савоб,
Монд ҳарфам дар забону сад саволам беҷавоб.
Гуфтам: Эй ҷони ҷаҳон, ҷони маро кардӣ кабоб,
Дарди овардӣ, кунун дар роҳи дармонаш шитоб!

МУЛЛО ҚУРБОНИ ШАЙДО



Мулло Қурбони Шайдо 7-уми ноябри соли 1954 дар деҳаи зебоманзари Ғезани Поёни ноҳияи Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оилаи Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, геологи номвари кишвар, ки мактаби деҳа имрӯз номи ӯро дорад, Бобо Қурбонов ба дунё омадааст. Модари ӯ Қадриябибӣ Ҳикматова, ки дар тӯли умри худ 15 фарзандро ба воя расонидааст, низ зани босаводу меҳрубон буд.

Фарзандони ин хонадон аз хурдӣ ба қадри меҳнат мерасиданд ва аз ин сабаб ҳамаи онҳо соҳибмаълумотанду дар соҳаҳои гуногун кору амал мекунанд.

Шайдо агарчи аз пайроҳаи падар берун нашуд ва касби геологиро пеша намуд, ба адабиёт низ бетаваҷҷуҳ нест. Аз ин рӯ, меомӯзаду гоҳ-гоҳ сатре, ё байте эҷод мекунад.

Бо ташвиқи бародари рӯзноманигораш, ки бо мақолаи «Девонахона»-аш шуҳратманд гардида ва ба қарибӣ ба ҷавори Ҳақ пайваст, шодравон Зафари Қурбониён ва хоҳари эҷодкораш Гулрез гоҳ-гоҳ ашъори худро дар матбуоти даврӣ чоп менамояд.

Китобҳояш бо номҳои «Ҷоми Ҷонон» ва «Ашки ошиқ» дар шаҳри Панҷакент ба табъ расидаанд. Китоби нисбатан мукаммали ӯ «Чамани ишқ» тавассути нашриёти «Адиб» чанде пеш ба нашр расидааст. Китоби чорумаш низ омодаи чоп аст.

Алъон нафақахӯр аст.

ЁДИ БАРОДАР

Дар марсияи бародари шуҳратёрам, рӯзноманигор Зафари Қурбониён

Як шабе нест, ки ман ёди бародар накунам,
Рахти хоби худам аз хуни ҷигар тар накунам.
Аз ҳама кӯча зи вай ҷои қадам меҷӯям,
Дар ғамаш хоб куҷо? Ёд зи бистар накунам.
Хабари марги вай аз пой биафтонидам,
Ҷигари сӯхта чун ёди суханвар накунам?
Додари пурҳунарам дур зи Ватан ҷон дода,
Хешро аз чӣ сабаб ҳодисагустар накунам?
Ганҷу колои ҷаҳон ҳеҷ набошад ба назар,
Ёд аз салтанату мансабу афсар накунам.
Қоматамро ғами додар бишикаст якбора,
Хок бар дида кашам, ёди кафи зар накунам.
Зафарам рафту кунун бе зафарам дар ҷода,

Чора сабр аст, ба худ сабр муқаррар накунам.
Дар азояш зи ҷигар оҳ барорам, Шайдо,
То насӯзад зи ғамам, арз ба хоҳар накунам.

ДУБАЙТИҲО

Ба олам номи модар ҷовидон аст,
Гунаҳбахшу қарину меҳрубон аст.
Ҳадиси сарвари олам бихонам,
Ки: «Ҷаннат зери пои модарон аст».

Муҳаббатҳои модар бекарон аст,
Ба фарзандон азизу меҳрубон аст.
Аниси кӯдакон бошад шабу рӯз,
Аз ин рӯ номи модар ҷовидон аст.

Ба дӯшам аз касе боре надорам,
Ба мардум азми озоре надорам.
Худовандо, яке дасти маро гир,
Ки ҷуз ту дар ҷаҳон ёре надорам.

Чаро андар паи озор бошем?
Зи рӯйи якдигар безор бошем.
Набахшем баҳри ҳам як дастаи гул,
Мисоли раҳрави пурхор бошем.

Фақат маҳви рухи зебо шавам ман,
Фақат бар ташнагон дарё шавам ман.
Нависам шеъри тар дар васфи гулҳо,
Дар ин раҳ булули гӯё шавам ман.

Зи ишқат оташ афтад дар вуҷудам,
Ба гардун печад аз ёдат сурудам.
Туро баҳри дили ман офариданд,
Намебудӣ ту, ҳаргиз ман набудам.

Дилам дар сина созу сӯз дорад,
Таманнои гулу Наврӯз дорад.
Қарини ҷони ман ҳастию бошӣ,
Баҳорон лаҳзаи ғамсӯз дорад.

Табиби ҳозиқу ғамхори моӣ,
Саропо накҳати гулзори моӣ.
Нигаҳбони сарат бошад Худованд,
Давои синаи бемори моӣ.

Дар ин дунёи дун беғам набошам,
Даме бе дидаи бенам набошам.
Биё, эй ахтари толеи пастам,
Дар ин олам зи мардум кам набошам.

ҒАЗАЛҲО

Ҳамчу булбул бар висоли рӯйи гул зорам ҳанӯз,
Дар хаёли бодаи лаъли ту бедорам ҳанӯз.
Аз диёри синаам магзар ба ин ошуфтагӣ,
Дар миёни ҳалқаи ин нақши паргорам ҳанӯз.
Ман ба ҷуз ишқат нахоҳам дар ду олам давлате,
Ганҷи Қорунро ба пеши дидаам н-орам ҳанӯз.
Мекушӣ бо ҳалқаи зулфат якояк ошиқон,
Ман миёни куштагони синаафгорам ҳанӯз.
Тавба мебояд маро аз ишқ, аммо чун кунам?
Рӯ ба кӯи ишқ бо ду чашми беморам ҳанӯз.
Ҷони ман, аз баҳри ибрат аз сари хокам гузар,
Мерасад аз қаъри гӯри тор гуфторам ҳанӯз.
Ту шаҳи мулки дилӣ, Шайдо ғуломи рӯйи туст,
Бозпурс аз ҳоли ман, баски гирифторам ҳанӯз.

* * *

Сарви манро бин, чӣ зебо, меравад,
Бо карашма масту шайдо меравад.
Моҳи ман хубу базебу дилрабост,
Товуси боғам ба саҳро меравад.
Ҳамраҳи худ мебарад қалби маро,
Тоқату ҳушам саропо меравад.
Дину имонам ба ғорат мебарад,
Умри ширинам ба яғмо меравад.
Аз паи нуре равад бар кӯҳи Тур,
Ҳамраҳи ӯ дил чу Мӯсо меравад.
Ҳар куҷое пой монад он парӣ,
Аз қафояш ҷони Шайдо меравад.

* * *

Ба саҳрои қиёмат сур хезад,
Ҳама халқи ҷаҳон аз гӯр хезад.
Барои дидани ҳусни муборак,
Дил аз сина ба шавқу шӯр хезад.
Дамад анфоси ҷонбахше Масеҳо,
Басо ошиқ зи ҷо масрур хезад.
Зи нӯги остин берун занад сар,
Яде нури хуше аз Тур хезад.

Зи қалби ошиқи бемор рӯзе,
Ба гардун ҳалқа-ҳалқа нур хезад.
Нигоҳи марҳамат во кун ба Шайдо,
Зи хоки тар ба ёди ҳур хезад.

* * *

Қалбам зи ғамат ба ҷон расида,
Сарви қади ман зи ғам хамида.
Эй вой, зи гулшани муҳаббат,
Рафтем гули тараб начида.
Сад дард зи қаъри синаи ман,
Аз баҳри рабуданам дамида.
Ҳаҷри ту ба теғи тези қисмат,
Пироҳани сабри ман дарида.
Инсию вале ба сурати ҳур,
Наққош чӣ нақш офарида.
Ҳар саҳфаи шеъри ман китобест,
Хуни дили ман бар он чакида.
Чун шеъру таронаҳои Шайдо,
Гӯши ману ёр ношунида.

* * *

Зи зулфи кофарат дилҳо бимирад,
Пури Бобои нопайдо бимирад.
Ба он тарзи нигоҳи дилфиребат,
Ҷунунпарварди пурсавдо бимирад.
Намонад номи ман дар рӯйи олам,
Ба маргам чашмаю дарё бимирад.
Кашад шӯру қиёми ишқи ҷонон,
Дилам дар байни ин ғавғо бимирад.
Аҷал, ар қасди ҷони ман намояд,
Каломи хуби беҳамто бимирад.
Харобӣ бар дари фарҳанг биёяд,
Зи ғамҳои дарун Шайдо бимирад.

* * *

Аз хештан бинозам, эй ёр, дар канорат,
Як лаҳза дур бошам, гирад маро хуморат.
То ҳарфи ман нахонӣ, дарди маро надонӣ,
Ҷонам ҳамеситонӣ бо кокули чу морат.
Дилро шикор кардӣ, қалбам фигор кардӣ,
Рӯзам ту тор кардӣ бо лаъли обдорат.
Ишқи ту синаам сӯхт, оташ ба ҷонам афрӯхт,
Охир даҳони ман дӯхт гесӯи тобдорат.
Шайдои нотавон бин, бо шеърҳои рангин,
Кардаст ҷони ширин, ай нозанин нисорат.

МУРОД ҚУРБОНЗОДА



Мурод Қурбонзода соли 1949 дар маҳаллаи Камонгарони ноҳияи Ургути вилояти Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба дунё омадааст. Пас аз хатми мактаби зодгоҳаш шомили Институти давлатии педагогии Самарқанд шудааст. Аз соли 1968 ба фаъолияти омӯзгорӣ пардохта, дар мактаби таҳсилоти умумии рақами 49-ум аввал омӯзгори синфҳои ибтидоӣ ва баъдтар ҳамчун муаллими забон ва адабиёти тоҷик кор кардааст. Баробари кори омӯзгорӣ ҳамчун хабарнигор бо матбуоти даврӣ ҳамкорӣ намудааст. Ба навиштани ҳикояҳои хурди ҳаҷвӣ ва латифаҳо шавқу ҳаваси калон дорад. Бо унвони Аълочии таълими халқи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ва медали «Шӯҳрат» сарфароз гардидааст.

Ҳоло Мурод Қурбонзода нафақахӯр аст. Дар корҳои ҷамъиятии маҳаллаи Камонгарон фаъолона иштирок карда, вазифаи раиси собиқадоронро ба ҷо меорад.

Калӯши тозончак

Зарифу Фирӯз тезтозак карданд. Фирӯз аз Зариф хеле пештар ба марра расид. Зариф дар миёнаи майдон ба замин нишаста, бо қавоқи овезон норозиёна гуфт:

- Ин пеш омаданат ҳисоб не. Калӯшат тозончак будааст.

Илоҷи воқеа

Укои Заррина бисёр гиря мекард. Заррина, ки дар синфи дуюм мехонд, барои хомӯш кардани ӯ гуфт:

- Хап шав, набошад, ҳозир рафта ба муаллим мегӯям, туро ҳам ба дарспурсӣ ба назди тахта даъват мекунанд.

Эътироз

Муаллими расм ба хонандагон супориш дод, ки дар хона расми дарахти аз гулҳо шукуфонро кашида оянд.

- Ман ин хел расм кашида наметавонам, - гуфт талабае.
- Чаро? – ҳайрон шуд муаллим.
- Чунки дар зимистон дарахтон гул намекунанд?

Ҳозирҷавобӣ

Муаллими фанни таърих дид, ки Дилбар сақич мехояд, пурсид:

- Дилбар, дар даҳон чӣ дорӣ?

Дилбар худро гум накарда гуфт:

- Дандон дорам, муаллим.

Вазъи эътино

Тарбиятгаре бо падари талабае ҳангоми сӯҳбат гуфт:

- Фарзандатон ба дарсҳо дуруст иштирок намекунад. Охир, шумо масъулиятро дуруст дарк намуда, бояд тақдири ояндаи ӯро фикр кунед.

- Эъ, корҳои хоҷагӣ аз мӯйи сар зиёд. Каме дастёрӣ намуда, ба сабук гаштани ташвиши рӯзгор саҳм гузорад, он тарафаш роҳи равон барин бафурҷа сабақ омӯхтан мегирад, - посух гардонд ӯ.

Хӯрдан гиред

Рӯзе ба хонаи Афандӣ як дӯсташ меҳмон шуда омад. Афандӣ ӯро зиёфат карда, ба наздаш як табақча ангур монд.

Меҳмон ба дигар чиз нигоҳ накарда, фақат ангур мехӯрд.

Афандӣ дид, ки ангур тамом шуда истодааст, ба меҳмон нигоҳ карда гуфт:

- Хӯрдан гиред, боз мебиёрем!

Дӯсташ гуфт:

- Хуб мешуд.

Ва баъд илова кард:

- Баръакс, худам боз меоям.

Мактаби кӯҳна

Хонандагон ба дарси адабиёт қиссаи «Мактаби кӯҳна»-и Садриддин Айниро мехонданд.

Яке аз талабагон аз муаллим пурсид:

- Оё Садриддин Айнӣ бо мо ҳаммактабанд?

- Чаро ту ин тавр мегӯйӣ? - пурсид муаллим.

- Охир мактаби мо ҳам нав нест-ку!

Овози дегу кафгир

Хоҷа Насриддин ба хонаи ҷӯрааш ба меҳмонӣ омад. Хӯрок, ки бо тезӣ тайёр нашуд, ҷӯрааш ба Насриддин гуфт:

- Ба Шумо овози кадом ҳофиз маъқул аст, ки сурудҳои ӯро аз магнитафон монда диҳам?

- Ба ман аз овози ҳофиз дида, бештар овози тақар-туқури дегу кафгир маъқул аст, гуфт Хоҷа Насриддин.

Ҷойи хунук дар куҷост?

Муаллими ҷуғрофия аз Ҳофиз пурсид:

- Канӣ, Ҳофиз, бигӯ, ҷойи аз ҳама хунук куҷост?

Ҳофиз филфавр ҷавоб дод:

- Синфхонаи мо, муаллим!

Калӯш надорам

Муаллим ба хонаи талабаи прогулчӣ рафта хост, ӯро ба мактаб даъват кунад.

- Ҳоло пойафзол надорам. Кадом вақте, ки калӯш гирам, баъд ба мактаб меравам, - гуфт талаба.

- Пойи луч бошад ҳам, ҳозир ҳаво гарм, ба мактаб рафтанат даркор, - далел пеш оварда гуфт муаллим. - Комиссия пойи лучатро аз зери парта намебинад.

Гапи рост

Муаллим Акбарро, ки нуқси ҳамсинфонашро руст накарда, «кали фалонӣ», «кӯри фалонӣ», «фалонии дудуқ»… гуфта гап мезад, танбеҳ дода гуфт, ки дигар ин корашро такрор насозад.

- Охир, кӯрро кӯр мегӯянд-дия, - ғур-ғур кард норозиёна Акбар. – Худатон ҳамеша таъкид мекунед-ку, ки ба сарат теғ биёяд ҳам, гапи ростро гӯй.

Миннатдории хоса

Марде зери борон монда, шип-шилта тар шуд. Ноилоҷ ба хонаи ношиносе даромада, илтимос кард, ки либосҳояшро хушконад.

Соҳиби хона либосҳои ӯро бо дарзмол хушконида дод.

Мард либосҳояшро пӯшида хост баромада равад.

Соҳибхона ӯро аз роҳаш боздошта:

- Ба ҳаққи ман ҳам, чизе гуфта равед, - гуфт.

Мард, ки басо содадил буд, дуо кард:

- Ту либосҳои маро хушк кардӣ, Худо ҳам туро хушк кунад.

Касби зӯр

Завҷаи шоҳ бо завҷаи сартарош баҳс мекард.

Зани шоҳ гуфт:

- Шавҳари ман ҳамин қадар одами бузург аст, ки тамоми давлат дар дасташ мебошад.

Завҷаи сартарош гуфт:

- Шавҳари ман одами одӣ бошад ҳам, шоҳ барин шахсон ба пеши ӯ сар хам мекунанд.

Якҷоя монед

Як муаллим ба хонандае, ки супориши хонагиро ичро накарда, дар дарс чун сурат ба як нуқта чашм дӯхта менишаст, фавран ҷараёни хаёли ӯро ба сӯйи дигар тофта гуфт:

- Ба ту дуто баҳои дуро чун барги сабз ҳадя менамоям.

Толибилми фориғбол гуфт:

- Ҳар дуяшро якҷоя карда диҳеду монед, муаллимҷон.

МУРОД САИДАЛИИ МАЗОРӢ



Соли таваллуд: 2 марти соли 1951.

Ҷойи таваллуд: Деҳаи Мазори Шарифи ҷамоати Лоиқ Шералии ноҳияи Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Шуғли ҳамешагӣ: Омӯзгор, Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон. Собиқаи кориаш 46 сол буда, аз соли 2016 инҷониб нафақахӯр мебошад.

Китобҳои ба чоп расидааш: «Гулбуттаи худрӯй», «Саду як ғазал», «Резамарҷон», «Падарнома», «Меҳри модар», «Меҳри Меҳан», «Ному паёми Лоиқ», «Илҳом аз панди бузургон», «Панҷ лаҳзаи зиндагӣ», «Нишоти умр», «Ҷонам фидои номат», «Фаромӯшат нахоҳам кард, Мазорам» ва маҷмӯаи охиринаш «Гулдастаи муҳаббат» (2019) мебошад.

Ду китоби навинаш дар арафаи чоп аст.

ВАТАН

Ҳамчун баҳори ман,
Зебо диёри ман,
Орад хумори ман.
Ватан, Ватан, Ватан,
Ватан, Ватан, Ватан.

Гирад маро канор,
Орад ба мо қарор,
Дар фасли навбаҳор.
Ватан, Ватан, Ватан,
Ватан, Ватан, Ватан.

Кӯҳ бинӣ, хуш аст,
Зебову гулпӯш аст,
Чун гул дар оғӯш аст.
Ватан, Ватан, Ватан,
Ватан, Ватан, Ватан.

Ҳамчун яке нишон,
Исмаш бувад равон,
Хоҳам зи қалбу ҷон.
Ватан, Ватан, Ватан,
Ватан, Ватан, Ватан.

Забони ман туӣ,
Нишони ман туӣ,
Ҷаҳони ман туӣ.
Ватан, Ватан, Ватан,
Ватан, Ватан, Ватан.

АБРИ БАҲОРӢ

Боз он абри баҳорӣ
Аз фазо дорад гузар,
Ин замин ҳамчун арӯс
Сӯйи ӯ дорад назар.

Карашма созад арӯс
Ба сӯяш бо як нигоҳ,
Гашта мафтуни арӯс
Сиришк борад бегуноҳ.

Бувад ашки ӯ марҳам
Бар он ҷароҳати хок,
Бедор созад замин
Тифли зироати хок.

Нури офтоб кунад гарм
Ин замини пурсахо,
Боз ҳам аз нав бирӯяд
Сабзаву себаргаҳо...

НАВРӮЗИ МО, ХУШ ОМАДӢ

Бар ин диёри тоҷикон, Наврӯзи мо, хуш омадӣ,
Номат бувад вирди забон, Наврӯзи мо, хуш омадӣ.
Бо ҷилваю бо сад ҷило, бо шеваю нозу адо,
Аз дашту аз водиямон, Наврӯзи мо, хуш омадӣ.
Бо он насими тозаат гирӣ ғубор аз рӯйи гул,
Донам, ту бошӣ ҷовидон, Наврӯзи мо, хуш омадӣ.
Сад ранг тобӣ ту, аҷаб, дар нақди чашми мардумон,
Ханда ба лаб, шодикунон, Наврӯзи мо, хуш омадӣ.
Гар бигзарад рӯзу шабон, мо ҳам дигаргун мешавем,
Бар сол пирӣ, тан ҷавон, Наврӯзи мо, хуш омадӣ.
Ҳуши Мазорӣ мебарӣ бо бӯйи тези ёсуман,
Бахшӣ ту бар дилҳо тавон, Наврӯзи мо, хуш омадӣ.

СУХАНҲОИ ПУРМЕҲР

Ба мактаб омадам, устод,
Бубинам рӯйи пурчинат.
Шиносам мекунӣ ин дам
Ба он дастони гулчинат.

Фишорам дасти ту бо меҳр,
Зи донишҳо хабар додӣ,
Биомӯзам варо бо шавқ,
Қалам наздам ту бинҳодӣ.

Ҳамон ларзанда дастамро
Ба даст бигрифтӣ ту бо шавқ.
Миёни ҳар се ангуштам
Ниҳодӣ ту қалам бо завқ.

Ба ман гуфтӣ: “Қаламро дор,
Туфайли он ту илм омӯз.
Шавад нуре зи он пайдо
Бигардонад шабат чун рӯз”.

Ту он лаҳза ҷавон будӣ,
Ҷавони кордон будӣ.
Ба чашми мардуми деҳа
Ба тифлон меҳрубон будӣ.

Навозиш карда рӯву сар
Ҳамегуфтӣ: “Бихон, фарзанд.
Ки то орӣ ҳунар бар каф,
Миёнатро ту маҳкам банд”.

Суханҳоят ба ёдам монд,
Ба хотир ҳамчу панд омад.
Яке ҳарфи нахустинат
Ба ботинам писанд омад.

Намебинам дигар рӯят,
Қади боло, гузоратро.
Ба ҳар ду дидагон молам
Кунун хоки мазоратро.

Ба номи ту қасам, устод,
Гузорам лавҳаат аз шеър.

Паси ҳам наслҳо оянд,
Бихонанд шеъри ман бо меҳр...

ЭЙ ОДАМӢ!

Чун ба дунё омадӣ, ҷоят бидон, эй одамӣ,
Таърихи аҷдодҳои худ бихон, эй одамӣ.
Тағйироти ин замон бо чашми худ бинӣ агар,
Кун мутобиқ ҷисми худро бо замон, эй одамӣ.
Гар тавонӣ, дар давоми умри чандинсолаат
Ғам зи ботин дур созу мон ҷавон, эй одамӣ.
Пеши чашмат ор айёми ба ғафлатрафтаро,
Мерасад рӯзе, ки мегардӣ хазон, эй одамӣ.
Қадри худ дониста раҳ паймо, тавонӣ ҳар куҷо,
Аз гузашти ҷадҳо мондӣ нишон, эй одамӣ.
Чун бигирӣ аз Мазорӣ панди беҳадду шумор,
Муждаи навгоният бар мо расон, эй одамӣ.

ОБОДӢ ХОҲЕМ БАР ВАТАН

Ободӣ хоҳем бар Ватан,
Озодӣ хоҳем бар Ватан,
Ҳам шодӣ хоҳем бар Ватан,
Ин ҷону дил баҳраш фидо.

Бар кӯҳ месозем назар,
Орем ганҷашро бадар,
Бар чашма рӯёнем гуҳар,
Мо хизматаш созем адо.

Дар кӯчааш по мениҳем,
Ҷон баҳри ҳифзаш медиҳем,
Мо шоду хуррам мезиҳем,
Гӯем васфаш бо сано.

Бинем мо Боми Ҷаҳон,
Кӯлобу ҳам хатлониён,
Бар духтари суғдизабон,
Гардад баланд созу наво.

Хуҷанду Вахшонаш базеб,
Ёвону Раштонаш базеб,
Варзобу Хатлонаш базеб,
Бар чашми мо бахшад ҷило...

МУРОДБИБӢ БАҲРИДДИНОВА



Муродбибӣ Баҳриддинова сиюми апрели соли 1953 дар деҳаи зебоманзари Дар-Дари ноҳияи шоирхези ноҳияи Айнии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оилаи хизматчӣ ба дунё омадааст. Бобои модариаш бо тахаллуси Маҷидӣ шеър мегуфтааст, ки чанд шеъраш ба мерос мондааст. Модараш Одинабибӣ низ дилбастаи шеър будааст ва чанд шеъраш дар саҳифаҳои маҷаллаи «Занони Тоҷикистон» интишор ёфтааст.

Муродбибӣ низ гоҳо аз рӯи шавқ шеър мегӯяд.

ХУДО НИГАҲБОНАТ БОД!

Эй Пешвои тоҷикон,
Ҳастӣ марди баимон,
Меҳри ту дар мағзи ҷон,
Худо нигаҳбонат бод!

Азизӣ баҳри миллат,
Гум кардӣ ҷаҳлу иллат,
Овардӣ сулҳу ваҳдат,
Худо нигаҳбонат бод!

Эй дастгири ятимон,
Шамъу чароғи тобон,
Ҳамеша бошӣ хандон,
Худо нигаҳбонат бод!

Роғуни мо эҳё шуд,
Бас шаҳри нав бино шуд,
Миллати мо гӯё шуд,
Худо нигаҳбонат бод!

Эй раҳкушои даврон,
Сулҳ овардӣ ба моён,
Зебо шуд Тоҷикистон,
Худо нигаҳбонат бод!

НУРИ РОҒУН

Аз нури Роғун
Дунё шуд равшан.
Кӯҳу камар ҳам
Гардид гулшан.

Бечароғӣ рафт,
Шаб шуд нопадид.
Аз кори Роғун,
Дар ҳар кӯча ид.

Манбаи нур аст,
Ин Тоҷикистон.
Бо барқи обӣ,
Машҳури ҷаҳон.

МОДАР

Озори замонаро набинӣ, модар!
Дар курсии ғам даме нашинӣ, модар!
Аз боғи муҳаббати худу фарзандон,
Ҷуз лолаи хуррамӣ начинӣ, модар!

НИГАҲБОНИ ТУ ҲАСТАМ

Асири лутфу эҳсони ту ҳастам,
Фидои дасти ларзони ту ҳастам.
Махӯр ғам, гар ту пиру бемадорӣ,
Шабонрӯзон нигаҳбони ту ҳастам.

ДУОИ МОДАР

Манам қурбони ҳарфи дилрабоят,
Ба вақти пирӣ мегардам асоят.
Ба ман бахшад тавоноӣ ба олам,
Аё модар, фақат дасту дуоят.

ЗАҲМАТКАШ

Аё эй модари ғамхору дилсӯз,
Кашидӣ заҳмат аз баҳрам шабу рӯз.
Бихоҳам дар бари ман зинда бошӣ,
Диҳӣ шодӣ ба қалбам ҳамчу Наврӯз.

ДУ БАРОДАР

Ду бародаранд
Бо ҳам меҳрубон,
Аслию Васлӣ
Зеби хонадон.

Бо ҳам мехезанд
Баробар аз хоб.
Оянд лаби ҷӯ
Ҳарду бошитоб.

Дасту рӯяшон
Тоза мешӯянд,
Ба хурду калон
Салом мегӯянд.

Боадаб шинанд
Сари дастархон,
Кулчаю қаймоқ
Карда нӯши ҷон.

Пас аз он созанд
Ба мактаб шитоб,
Ҳарду мебошанд,
Ҷӯраи китоб.

РУСТАМ

Эй Рустами хушрӯяк,
Доноякуҳушгӯяк.
Дар Дар-Дари нозанин
Чун гул ба лаби ҷӯяк.

Бибият шавад қурбон
Ба қади ҷомазебат,
Бошӣ ту дар бари ман
Бо рухсори чу себат.

Эй дастёри бибӣ,
Дар деҳаю дар авул,
Аз буданат ҳамеша,
Қалби ман мекунад гул.

Ман дорам аз ту умед,
Ҳамто бошӣ ба Хайём,
Бо хизмати шоиста
Бошӣ фарзанди айём.

Чун Пешвои миллат,
Гардӣ ту ҳам қаҳрамон.
Ҳар дам дуо мекунам,
Бошӣ доим дар амон!

МУТРИБ



Мутриб (Ашӯров Мардонқул) 2 январи соли 1952 дар деҳаи Дардари ноҳияи Айнии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Ӯ баъди хатми мактаби миёнаи деҳа ба шуъбаи обёрии Донишгоҳи кишоварзии шаҳри Душанбе, дохил шуда онро бомуваффақият ба итмом расонд.

Баъди хатми Донишгоҳи кишоварзӣ ба ноҳияи Айнӣ рафта ба сифати муҳандиси ПМК-10 оид ба кори пойгоҳҳои обкаш ва обёрии заминҳо кор карда, соли 1980 ба ноҳияи Ҳисор кӯчида омадааст. То соли 2000 дар совхози 50-солагии Октябри ноҳия ҳамчун муҳандиси сохтмон кор карда, аз соли 2000 то 2015 ба ҳайси сармутахассиси шуъбаи ҳифзи муҳити зисти ноҳия ифои вазифа намуд. Аз 2 январи соли 2015 ба нафақаи меҳнатӣ баромада дар деҳаи Ҳаёти нави Ҷамоати деҳоти Ҳисори ноҳия давлати пирӣ меронад.

Мардонқул аз овони мактабхонӣ ба шеъру суруд ва оҳангхонӣ завқи беандоза дошта, аз ин рӯ дар шеър тахаллуси Мутрибро интихоб кардааст.

Маҷмӯаи аввалини ӯ бо номи «Мутриби табиат» соли 2005 дар нашрияи «Ҳумо» ба табъ расидааст. Узви итифоқи журналистони Тоҷикистон, муаллифи якчанд мақолаю хабарҳо дар рӯзнома ва маҷаллаҳои ҷумҳуриявию ноҳиявӣ мебошад.

ДИДАНИ ДИДОРИ ДӮСТ

Аз Душанбе то Самарқанду Бухоро омадем,
Дидани хешу табору ёру ошно омадем.
Занҷиру симхору раҳбандони раҳ барҳам зада.
Бо назокат, бо муруват, бо мадоро омадем.
Бодаву шаҳду шакар резед ба ҷоми дӯстӣ,
Аҳди мо то нашканад, бо ҷоми хоро омадем.
Роҳи абрешим бишуд шаҳроҳи паҳну беназир,
Лаҳзае онҷо будем шодон ҳаморо[29] омадем.
Мо, ки аз кохи баланди анҷуман гом мезанем,
В-аз ҳамон кохи баланд, анҷуманоро омадем.
Кишвари мо манбаи оби зулоли бебаҳо,
Қад-қади оби мусафову гуворо омадем.
Мутриби мо месарояд васфи дӯстиро аҷаб,
Бо нидои дӯсти пурфайзу марво[30] омадем.

[29] **Ҳаморо** – ҳамвора ва ҳамеша.
[30] **Марво** – фоли нек.

БӮЙИ ГУЛХОРИ ДИЛАМ

Саҳфагардон карда хони боби ашъори дилам,
Бар машом ояд ҳамоно бӯйи гулхори дилам.
Дил, ки ҳамрозасту мехоҳад суруди зиндагӣ,
Ҷӯр месозад ба созаш, чунки ҳамкори дилам.
Ноҳақеро гар бубинам, хоби шабҳо мепарад,
Дидаро ҳаргиз напӯшад чашми бедори дилам.
Дар миёни мушрикон, аммо ҳақиқатпешаам,
Дил гузаргоҳи ҳақаст, ки ман гирифтори дилам.
Дар фироқи ёри ҷонӣ сарф кардам умри хеш,
Чун надидам, водареғо, рехт девори дилам.
Чун вуҷудам к-аз ҳамин хоки диёрам растааст,
Тан намехоҳад, ки гӯям сиру асрори дилам.
Ҳар замон дурӣ биҷӯям аз ҷафохоҳони давр,
Мутрибам, ҳар дам занам мизроб бар тори дилам.
Гул кунад боғи Ватан бо зиндагисозони давр,
Пурсамар, пурмева гардад боғу бозори дилам.
Тоҷикеро дида аз кохи баланди анҷуман,
Васф карда менависад килки омори дилам.
Сарвари бемисли миллат, Пешвои кишварам,
Дар чаманҳои муҳаббат ҳасту гулзори дилам.

ВОДАРЕҒИ РАҲБАРИ АЗКОРРАФТА

Водареғо, умр рафту давру давронам гузашт,
Раҳбарию сарварию роҳати ҷонам гузашт.
Зери фармонам ҳазорон мардумони ноилоҷ,
Бастаи хизмат буданду даври фармонам гузашт.
Аз нигоҳи пурғурурам лол мешуд мардуме,
Он нигоҳи оташину барқи чашмонам гузашт.
Сад парирухсору маҳрӯ гирди ман парвонасон,
Оташи парвонасӯзи шамъи тобонам гузашт.
Ақрабою хешу ёронро будам пушту паноҳ,
Давлату ҳам сарвати хешону ёронам гузашт.
Минбари ҷои нишастам кам набуд аз қасри шоҳ,
Шукри давронро накардам, даври ҷавлонам гузашт.
Шоирону воизон васфи маро карданд асар,
Водареғо, он замони васфи арзонам гузашт.
Мутрибо, аз нав чаро теғи сухан бар ман занӣ,
Раҳм кун, теғи сухан аз муҳраи ҷонам гузашт.

РИЗҚ ВА ТАҚДИР

«З-осмон гар ҷав биборад ризқи хар як каф ҷав аст»,
Кӯҳро Фарҳод канд, Ширин насиби Хусрав аст.
Сад ҳазорон ошиқон гирди чаман парвонаянд,
Нози духтар дилрабою ҷалби шамъ аз партав аст.
Номбардори падар бошад агар фарзанди нек,
Нохалаф рӯяд агар фарзанд, монанди хав[31] аст.
Эй бародар, ақлу идроку хирад аз ҷусса нест,
Иттифоқи мӯракони боркаш аз фил гав[32] аст.
«Кардаи мулло макуну гуфтаҳояшро бикун»,
Худ ривоят ёбаду ӯ муширконро пайрав аст.
«Буз агар хирман бикӯбад, ҳоҷате бар гов нест»,
Бе маҳорат сарвари кораш ба ҳар ҷониб дав аст.
Мутрибо, бо шевае аз парда мегуфтӣ сухан,
Ошкоро гуфтану ин тарзи гуфторат нав аст.

ЁДАТ МЕКУНАМ, ҶОНО

Кушода чашм аз хобу ёдат мекунам, ҷоно,
Танам беҳолу бетобу ёдат мекунам, ҷоно.
Ба сақфи осмон бора дурахшон аст истора,
Назар бар ширмоҳтобу ёдат мекунам, ҷоно.
Ба мавҷи шӯхи рӯдоба, ба он гирдоби сархӯрда,
Назар бар мавҷу гирдобу ёдат мекунам, ҷоно.
Хаёлам меравад шабҳо ҷавониҳои бепарво,
Парад аз чашми ман хобу ёдат мекунам, ҷоно.
Агар рӯзе шавад пайдо ба як ҷо офтобу моҳ,
Назар бар моҳу афтобу ёдат мекунам, ҷоно.
Сарояд Мутриби хушхон, мерақсанд бас ёрон,
Занам бар тор мизробу ёдат мекунам, ҷоно.
Туро имрӯз кардам ёд чу ноком гаштаи Фарҳод,
Манам Мардонқули миробу ёдат мекунам, ҷоно.
Равам бар деҳаи Дардар, ҳазору як хаёл бар сар,
Бинӯшам як кафи обу ёдат мекунам, ҷоно.

МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ САЪДИИ ШЕРОЗӢ

Акси садои моро бишнав зи кӯҳсорон,
Аз ташнагони дури ин оби чашмасорон.
Аздастдодагони дунёву давру даврон,
«Бигзор, то бигирям чун абр дар баҳорон!
К-аз санг нола хезад рӯзи видои ёрон!»

[31] **Хав** – алафи бегона монанд ба зарпечак
[32] **Гав** – далер ва мӯхташам.

Аз кору нафси дунё, к-имрӯз хирачашмам,
Гоҳе занад ба сар хун, к-аз ҷаҳлу қаҳру хашмам,
Садҳо садо бихезад аз маъдану зи яшмам,
«Бо сорбон бигӯед аҳволи оби чашмам,
То бар шутур набандад маҳмил ба рӯзи борон».

Аз қаҳру ҷаҳли ёре ҳар кас рамида бошад,
Ё худ зи ноилоҷӣ сарро хамида бошад,
К-аз ваҳму тарси қисмат рангаш парида бошад,
«Ҳар к-ӯ шароби фурқат рӯзе чашида бошад,
Донад, ки сахт бошад қатъи умедворон».

Аз дасти мо гирифтанд даврону давру давлат,
Ҳам сарзамину паҳно, ҳам ганҷу дурру сарват.
Оҷиз буданд аз он панду забони миллат,
«Бигзоштанд моро дар дида оби ҳасрат,
Гирён чу дар қиёмат чашми гунаҳгорон».

Боре биёӣ, ҷоно, ҷонро кунам фидоят,
Чун тӯтиё бисозам аз гарди хоки поят,
Илҳоми хомаам деҳ, дарди ману давоят,
«Чандат кунам ҳикоят, шарҳ ин қадар кифоят,
Боқӣ наметавон гуфт, илло ба ғамгусорон».

Дар гулшани ғизолон бингар паланг омад,
Булбул зи нолаи хеш охир ба нанг омад,
Ҷону тани ғарибон бар шӯру шанг омад,
«Эй субҳи шабнишинон, ҷонам ба танг омад,
Азбаски дер мондӣ чун шоми рӯзадорон!»

Мутриб ба шеъри Саъдӣ меҳре бибаста бар дил,
Аз панду ҳикмати ӯ гулҳое бираста бар дил.
К-аз равзаи «Гулистон» гулдаста баста бар дил,
«Саъдӣ, ба рӯзгорон меҳре нишаста бар дил,
Берун наметавон кард, илло ба рӯзгорон».

Аз ҳусни дилписанду он дилрабои ишқат,
К-аз дилнавозиҳою ҷабру ҷафои ишқат,
Ман сад хато бикардам баҳри атои ишқат,
«Чандон, ки баршумурдам аз моҷарои ишқат,
Андуҳи дил нагуфтам, илло як аз ҳазорон».

МУҲАММАДШАРИФИ РУСТАМ



Рустамзода Муҳаммадшариф Рустам 20-уми октябри соли 1958 дар шаҳри Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Баъди хатми мактаби миёна соли 1976 ба факултети филологияи тоҷики УДТ ба номи В. И. Ленин дохил шуда, соли 1981 онро хатм намудааст.

Рустамзода Муҳаммадшариф дар Сарредаксияи илмии ЭСТ ба сифати муҳаррири хурд, дар идораи рӯзномаи «Зарафшон»- и ш. Панҷакент дар вазифаҳои тарҷумон, мухбир, мудири шуъба ва котиби масъул, муддате ба сифати омӯзгори фанҳои забон ва адабиёт, дар идораи ҳафтаномаи «Омӯзгор» ба сифати котиби масъул ва дар муассисаи давлатии нашрияи «Маърифати омӯзгор» дар вазифаи ҷонишини муҳаррир кор кардааст.

Асарҳои бадеии чопкарда: «Ёди ёри меҳрубон» (2004), «Сӯхта» (2013), таҳқиқӣ: «Оинаи маориф» (бо ҳаммуалифӣ, оид ба 80-солагии ҳафтаномаи «Омӯзгор» (2012), «Ниҳоли тоза дар баҳори матбуоти тоҷик» (2014), «Нахустматбуоти соҳаи маориф» (2016), тарҷумаи дастуру китобҳои таълимии «Сантехника» (2010), «Ороиши мӯй» (2011), «Ҳайдар Алиев» (ҷ. 5, 2013), романи «Номи ман Сурх аст»-и Орхан Памук (2017).

Узви ИЖТ аз с. 1986, дорандаи нишонҳои «Аълочии фарҳанги Тоҷикистон» (2007), «Аълочии матбуоти Тоҷикистон» (2008), «Аълочии маорифи Тоҷикистон» (2010). Соҳиби чор фарзанд.

ПАДАР

…Ба пушти додоям сахт часпидаам (мо падарро «додо» мегӯем, ҳарчанд дар шаҳри Панҷекат «дада» гуфтан расм аст). Саҳрои васеъ – қӯруқ орому сокит. Танҳо их-ихгӯии додоям ба гӯш мерасад. Паст бошад ҳам, оҳанги парвози сӯзанакҳо (ман ба думи онҳо хас халида, самолёт сохтанро дӯст медорам) ва ғурроси дарё (охири баҳор «хунхӯр» шудааст мегӯянд) низ шунида мешавад. Аз ҷо-ҷои роҳи серхоку нарм чун устухон санги дарёбод зада баромадааст. Аз пайи трактор чанги замин ба осмон мехезад. Он замон (нимаи дуюми солҳои шаст ва аввали ҳафтоди асри гузашта) дар роҳи қӯруқ (киштзори колхози машҳури ба номи Карл Маркс) ғайри трактори боркаш (телешка) нақлиёти дигар намегузашт. Тарр-турри трактор гӯши саморо кар мекарду дуду чангаш то ба дер наменишаст. Баъд боз дар саҳро оромӣ ҳукмфармо мешавад. Бӯйи хуш ба машом мерасаду рангҳои аҷиб пеши чашм ҷилвагар мегарданд. Саҳрои колхозӣ чун кафи даст ҳамвор. Аз ҳамон замон ба ман тамошои палҳои шолӣ маъқул. Бо вазиши бод гилеми сабзи шолизор мавҷ мезанад, дар ҳаво бод мехӯрад, ба уфуқи зебои осмон пархош дорад, дил аз тамошои ин манзара ба хурӯш меояд, нафас сабук, хотир осуда мегардад.

Фақат дар чанд ҷойи паҳно чанд тӯб дарахт ба чашм мерасад, яке аз онҳо мазорест бо номи Холи ҷиндӣ. Ҳар рӯз аз назди он гузаштанам лозим

меояд. Ба дилам ҳарос меафтад. Шояд тарсончакам? Не! Дар зиндагӣ ман аз ин ҳам азобҳои бештарро паси сар кардаам.

Ҳароси маро он чиз зиёд мекунад, ки калонсолҳо дар бораи ин мазор нақлҳои пурдаҳшат мекунанд. Ҳатто акои калониам дирӯз нақл кард, ки бо шайтонаробааш аз назди он мегузаштааст, ки занҷир канда шудааст. Дарси аввал ин буд, ки аз назди мазор шитобон гузаштан мумкин нест, бояд истод, омин кард, дуо хонд, «бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим»-ро такрор намуд. Ман ин ибораи сеҳрнокро дар дил борҳо такрор мекардам ва тарсам паст мешуд.

Мазори калон ҷангали анбӯҳест. Ман нимнигоҳе ба ҷониби он накардаам. Агар дар сари сафедоронаш зоғе ё аккае қарр кунад, дилам аз хона мебаромад.

Замини мо дар қарибии ин мазор дар назди саройи колхоз аст. Мо он вақт тамоку надоштем (чунки тамокугузаронӣ карданамро дар ҳавлӣ ёд надорам). Додоям дар саҳро алаф медаравид, каланд мезад, аз оби шолӣ хабар мегирифт. Аз дасти мани шаш-ҳафтсола коре наояд ҳам, паси хар нишонда ба ин мавзеъ- қӯруқ, ки дилам ба ёдаш ҳоло ҳам гум мезанад, меовард. Маро дар соя рӯйи хӯрҷин мегузошту аз паи кор мешуд. Дар хаёлам ҳоло ҳам дар офтоб барқ задани дами каландаш намоён аст.

Ёдам ҳаст, ки боре дар сари вот ҳар ду тарбуз хӯрдем, намедонам ӯ тарбуз кошта буд ё не, ин муҳим нест. Бо паллаи холишудаи он аз ҷӯй об гирифта дод, ҳар ду нӯшидем. Аз ҷӯй оби Зарафшон шилдирросзанон ҷорӣ буд, ду тарафаш пудинаву алафҳои хушбӯ рӯидаанд, ки аз бӯяшон одам маст мешавад. Ман чӣ қадар қад-қади ин ҷӯй гаштанро дӯст медоштам, мехостам то охираш равам. Аз тамошои ҳамаи ин сер нашудаам. Аз паллаи тарбуз об нӯшидан чӣ кайфияте дошт! То ҳол ёд мекунам онро, ба гӯр мебарам ин хотираро! Об реги зиёд дошт, лек бомазза буд. Чойҷӯшро соате пур карда монед, тагаш пури сангу рег мегашт, оби Зарафшон буд он.

Гоҳо медидам, ки додоям рӯймолаки сарашро ба вори шолӣ партофта намоз мехонад. Бигзор, ман ноҳақ бошам, чизе гӯянд, паронанд ҳам мегӯям: он намози дар сари вот хондаи падари бесаводамро аз ҳазор намозу ибодати шайху эшонҳои имрӯза беҳтар мешуморам. Сабабаш дар зиндагии баъдинаи ман аст…

Вақт бозгашт тарафи ғарбии осмон суп-сурх мегардад. Офтоб дар ҳоли ғуруб бо сурхии атрофаш лаълии калони оташангезро мемонад. Ман бо чашмони калон-калон ба он менигарам ва сер намешавам. Мехоҳам чизе гӯям: «Лаълии заррин». Не, инро ман аз дил гузарондам. Падарам аслан камгап аст, мазмун аз кор монда мешавад.

Дар назди дарвозаи ҳавлӣ дар кӯчаи Гулистони гузари Ҳавзи Қоқурӣ аз хар мефарояд, бо халачӯб дарвозаи вазнини қадимаро тела медиҳад. Модарам ба пешвоз мебарояд. Ҳар ду хомӯш. Ин ҳолост, ки мебинам мардум- зану шавҳар бо ҳам заруру нозарур ҳарф мезананд, қиву чув мекунанд, онвақта одамон ба назарам камгап буданд. Ин камгапию оромии онвақта одамонро сабаб чӣ бошад? Зиндагии душвор? Тарс аз марди хона? Чунин буданаш ҳам мумкин, зеро баъди сари додоям зиндагии орому хомӯши мо якбора чун вулқон ҷӯш зад, пош хӯрд, ҳамаро

вайрону валангор кард. Алҳол падар харро дар назди суфаи таги тути ҳавлӣ боздошта, аввал маро ба замин мегузошт, баъд алафу хӯрҷинро ба рӯйи суфа меғалтонд. Ин суфаи калон аз сангу хок бошад ҳам, мустаҳкам буд. Ман баъди вайрон кардани он ва ҳам буридани дарахти тут ба ин боварӣ ҳосил кардам…

Додоям гапдон буд. Вақти хушҳолиаш пойҳояшро дароз карда, маро рӯйи онҳо гузошта, кадом сурудеро зери лаб мехонд, ки нақороташ ба ёдам ҳаст: «шилдир-шилдир зоғча!» Шабҳо сари сандалӣ барои мофарзандонаш афсона мегуфт. Мазмунашон ба хотирам намондааст, фақат медонам, ки якеаш дар бораи кали зирак ва дигараш дар бораи бузаки ҷингилапо буд. Фарқи афсонаҳои ӯ аз он иборат буд, ки аз афсонаҳои баъдҳо хондаам дарозтар буданд. Дар болои сарамон дар хонаи ягонаи шиштамон дар сими сахти дарозе чароғи карасинӣ месӯхт (Дар гузари мо-Қоқурӣ то охири солҳои ҳафтодум на ҳама чароғи барқӣ доштанд). Дар равшании он ман хондану навиштанро омӯхтам, нури хираи зиндагии маро равшанӣ бахшид. Беҳуда нагуфтаанд: падар- рӯшании хонадон! Аз ҳамон вақт шунидан, нақл карданро дӯст медорам, ин хислат ба ман аз падар гузаштааст.

Додоям дар охири умр аз касбҳои асосиаш- мардикорӣ, хонасозӣ, андовагарӣ даст кашида, ду-се сол деҳқонӣ кард, колхозчӣ шуд. Ҳамсолонаш қисса мекарданд, ки зимистонҳо барфро об карда, лой шӯронда, андова мекардааст. Баъди ба колхоз даромаданаш ва тамоку гирифтанаш ба ӯ аз лаби наҳри Тӯқсанкорез ҳотае (тамарқа) доданд. Ӯ он ҷо таҳкурсӣ канда, тарҳи хонаеро ҳам кашида буд. Аммо ба бемор шуда, на тамокуро ғундошта тавонист на хонаашро буд карда. Ин зимистони соли 1966 буд. Дар рӯзи сарди ҷаноза бори аввал пулро дидам, ба дастам хайрот- якто яксӯмаро доданд, ки аз он дилам гарм шуд.

Ва падарро ёд наовардаам. Чил сол! Танҳо баъди азобу азиятҳои маънавию ҷисмонӣ баъди чилу чандсолагӣ қабри падарро суроғ кардам. Ин чунин шуд, ки як пагоҳӣ аз худораҳматӣ модарам ҷойи қабри падарро пурсон шудам (Шумо бовар намекунед?! Чунин аст меҳру оқибати мо!) Ҳайрон шуд, пурсид: «Чӣ буд?» Гуфтам, ки хоб дидам (ин дар ҳоли маъюсиву бемориҳо буд), дар сари қабр устухонҳои падарам ҷанг доранд. Аҷиб! Модарам гуфт: ягон гап шудааст, бесабаб додоят ба хобат намедарояд, биё равем. Ману модарам ба қабристони Ғарибон (ҳоло як қисми он фурӯшгоҳ ва қисми дигараш боғ шудааст) омадем. Модарам қабреро дар зери девори саройи мошину тракторҳо нишон дода гуфт: ана, бин, хобат беҳуда нест, қабр дар ҳамин наздикиҳо фурӯ рафтааст. Ман фотиҳа хондам, модарам зери лаб чизе гуфта, оби чашмаш шаш қатор даст ба рӯй кашид (Чанд сол буд, ки ман мустақилона намозу рӯзаро омӯхта, ин фароизро ба ҷо меовардам, аммо чӣ фоида, ки ҷойи қабри падарро намедонистам?!) Баъд дилам таскин ёфт, зуд-зуд ба сари қабри падару модар ва хешовандон мерафтагӣ шудам. Ҳоло ҳам агар гузорам ба зодгоҳам афтад, нахуст ба Сарманзил меравам ва сари манзили ҳамаи мо он ҷост. Баъзан аз дилам мегузарад, ки шояд дер шуда?..

МӮСОЗОДА ШАҲРБОНУ



Мӯсозода Шаҳрбону, таваллудаш 24 декабри соли 1964, зодгоҳаш ш. Панҷакент. Пас аз хатми мактаби миёнаи рақами 29-и ш. Панҷакент факултаи журналистикаи УДТ ба номи Ленин (ҳоло Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон)-ро ба итмом расондааст. Пас аз хатми донишгоҳ солҳои 1989–2006 дар Трести сохтмони Панҷакент ва 1998–2006 дар ҶС «Мармари Зарафшон»-и ш. Панҷакент ба ҳайси мудири шӯъбаи кадрҳо ва мудири шуъбаи умумӣ фаъолият кардааст. Солҳои 2006–2009 дар ҳафтаномаҳои «Чархи Гардун» ва «Зан Мард» ба вазифаи рӯзноманигор ва котиби масъул фаъолият намуда, маводҳои таҳлилӣ, мусоҳиба ва қиссаҳояш пайваста дар саҳифаҳои ин рӯзномаҳо нашр мешаванд.

Аз соли 2009 то имрӯз дар Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик ба сифати муҳаррир, муҳаррири пешбар ва мудири редаксияи «Ҷуғрофиё, геология, петрография, геодезия ва сейсмология»-и муассисаи мазкур кор мекунад ва ҳамзамон бо газетаҳои «Чархи гардун» ва «Дилкушо» ҳамкории эҷодӣ дорад. Дар ЭМТ пайваста ба корҳои илмӣ машғул буда, зиёда аз 180 мақолаи илмӣ доир ба ашхос, деҳа, ноҳия ва шаҳрҳои Тоҷикистон, инчунин дар бораи қитъа, шаҳру давлатҳо, кӯҳу дашт ва баҳру дарёҳои олам таълифу таҳрир кардааст. Китобҳои «Қуллаи мурод» «Пайроҳаи сабз» ва «Феҳристи номи маҳалҳои Тоҷикистон»-ро мустақилона мураттаб сохта, дар навиштани 8 ҷилди «Энсиклопедияи Миллии Тоҷик», «Донишномаи кӯдакон ва наврасон», «Донишномаи Душанбе» ба сифати узви ҳайати таҳририя ширкат варзидааст. Муаллифи маҷмӯаи қиссаҳои «Ҳамсар нигарон буд». Мавсуф узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон (2007) буда, бо Ифтихорномаи Вазорати фарҳанг (2011) ва нишони «Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2013) сарфароз гардидааст.

ПОДОШИ АМАЛ

Чун даргузарад ҷавонӣ аз мард,
Он кӯраи оташин шавад сард.
Низомии Ганҷавӣ

Дар мусофирбаре нишаста сӯйи пойтахт равон будам. Зани миёнасоли андешаманде низ ҳамсафари мо буд. Ба сӯҳбати ману ҳамсафарони дигарамон тамоман ҳамроҳ намешуд. Дар дилаш ҳузне ниҳон буд. Мо ҳам кӯшиш мекардем, ки паст- паст сӯҳбат намуда ба ӯ халал нарасонем. Ба ман аз ҷойи корам занг заданд ва зимни гуфтугӯ он зан огоҳ гардид, ки рӯзноманигор ҳастам, таваҷҷӯҳаш якбора дигар шуд. Дар кӯҳталие мошин ба зӯр ҳаракат кард, ронанда онро дар хамгаште нигоҳ дошт ва аз мо хоҳиш намуд, ки андаке дар сояи дарахтони қади роҳ нишаста мунтазир шавем. То ки ӯ моторро аз

назар гузаронад. Зани ҳамсафарамон, ки то ин дам бо хомӯшии худ нисбати худ андешаҳои машғушро ба вуҷуд оварда буд, паҳлӯи ман қарор гирифт.

Зиндагии ман асосан як қиссаи пурсӯзу гудозест ва шояд ба дигарон аз як ҷиҳат хандаовару аз тарафи дигар сабақомӯз бошад. Он бештар ба мардҳои булҳавас дахл дорад. Зеро онҳо дар бисёр мавридҳо синну соли худро сарфи назар намуда, ҳаваси зани ҷавону танноз мекунанд. Аммо ками кам занҳо ҳаваси марди ҷавонро доранд. Ман ҳам дар айёми ҷавонӣ духтари серхаридоре будам. Байни талабгоронам Камол ном ҷавони маълумоти олидорро интихоб намудам. Ӯ ҷавони болобаланди хушмӯйлабе буд. Духтарони деҳа бо ҳавас ба ӯ менигаристанд. Ман бошам худамро хушбахттарин маҳбубаи рӯйи олам мепиндоштам. Хаёлан дар осмонҳо парвоз карда мегаштам. Чӣ қадар дунёи рангину пурфасонаест, дунёи ҷавонӣ. Дар хусуси хурдтарин ғами олам ҳам парвое надорӣ. Хаёл мекунӣ, ки умуман дар рӯйи олам ғаму ғурбат вуҷуд надорад. Олам ҳама рангину зебо менамояд. Дар он олам гӯё ҳеҷ гуна фиребу хиёнату дурӯягӣ ва нотавонбинӣ мавҷуд нест. Вале чун фасли тирамоҳи умр фаро мерасад ва кас ба хиёнату носипосӣ рӯ ба рӯ мегардад, фикр мекунӣ, ки дар олам ҳама дурӯяву риёкору хиёнатгар аст. Хоса агар худат хиёнати шахси наздикеро бубинӣ, аз оламу одам дилсард мешавӣ. Ман ҳам дар баҳори умри худ хеле шоду масрур будам. Зеро ҷавоне, ки дар орзуяш будам ва кулли духтарон ҳаваси ӯро доштанд, талабгори ман шуд. Тӯйи хонадоршавиамон бо тамоми шукӯҳу шаҳомат баргузор шуд. Ҳофизони номдор низ буданду аз шаҳр хеле меҳмонҳо омаданд. Чунин тӯйи серодаму бошукӯҳро дар солҳои наздик дар деҳаамон касе дар хотир надошт. Зиндагиамон ниҳоят хушбахтона оғоз шуд. Чӣ қадар ки ноз кунам, Камол мебардошт. Ӯ дар шаҳр кор мекарду ман дар деҳа ба кору бори хона машғул будам. Падару модари ӯро нигоҳубин менамудам. Онҳо нисбати ман меҳрубонии беандоза доштанд. Духтар, ки надоштанд маро ба ҷойи духтарашон қабул намуданд. Камол фарзанди калонӣ ва дӯстдорашон буд. Зиндагиро низ ӯ таъмин менамуд. Маоши хуб мегирифт, ки рӯзгорамон фаровону серу пур буд. Кори ман иборат буд аз рӯбучину пухтупаз. Боқӣ мунтазири омадани Камол нишастан. Ӯ баъзан шабҳо бинобар серкорӣ ё баргузории маҷлисе ба хона намеомад. Дар ин маврид хушдоманам ҳамхобаи ман мешуд. Аввалҳо аз наомаданҳои Камол дилгир мешудам. Аммо бо мурури замон одат кардам. Тавлиди тифлаконам яке паси дигар зиндагиамро боз ҳам рангинтар гардонида буд. Ба онҳо андармон будам. Зеро аз чизе камбудӣ надоштам. Ӯ бо навозишу хушгӯиҳои худ дили маро ба даст оварда буд. Додаронаш Комилу Қобил низ донишгоҳро хатм намуда аз шаҳр зан гирифтанду он ҷо муқим гаштанд. Дар деҳа ман келини ягона ва хизматгузори асосӣ будам. Онҳо ҳафтае як маротиба барои хабаргирии волидонашон меомаданду ман хизматашонро ба ҷо меовардам. Камол дар шаҳр хона харид. Маро бо баҳонаи танҳоии волидонаш шаҳр намебурд. Мо дар ин муддат соҳиби ҳашт нафар фарзанд шудем. Писарону духтарони зебое барояш тӯҳфа намудам. Баъди фавти волидонаш низ маро бо худ ба шаҳр набурд. Намедонам барои чӣ инро намехост. Ин навбат баҳона мекард, ки ин қадар хонаю дари обод ва калонро ба кӣ монда меравӣ. Хулоса ман умре барояш хизматгори содиқе будам. Камол шахси дилёб буд. Ба ман ҳеҷ имконе намедод, ки дар бораш гумони баде барам. Ман ҳам тинҷии рӯзгорро медидаму шукри беҳад карда мегаштам. Синну соламон ба ҷое расид. Фарзандон баркамол шуданду ду писари калониам ба донишгоҳ дохил шуданд. Ду сол баъди он писари сеюмамон ба Русия коркунӣ

рафт. Акнун Камол зиндагиро пурра таъмин кардаву ду писари дигарро хононда наметавонистагӣ шуд. Зеро замона дигар шуда буду талаботҳо низ дигаргун гашта буданд. Духтари калониамон Заринаро низ ба шавҳар додем. Ду писари донишҷӯямон ҳам вазъи зиндагиро дида ба шӯъбаи ғоибона гузаштанду назди додарашон ба Маскав рафтанд. Акнун се писар аҳлона кор карда таъминоти рӯзгорро пурра ба зиммаи худ гирифтанд. Баъди ду соли кор карданашон ба рухсатӣ баргаштанду якбора ду духтари нозанинро барояшон арӯс овардем. Хонаамон пур шуд. Акнун соҳиби домоду келинҳо гашта фароғати даврони пирӣ меронам гӯям, ба бемории занона гирифтор шудам. Писаронам маблағ доданду Камол маро ба шаҳри Душанбе назди табибони номдор бурд. Онҳо баъди ташхиси дурудароз ба чӣ хулоса омаданду ба ӯ чӣ гуфтанд ман намедонам. Аммо аз чеҳраи афсурдаи ӯ донистам, ки дардам ҷиддӣ аст. Ҳарчанд пурсам ӯ ҷавоби аниқе намедод. Ҳамту, сахт шамол хӯрдаӣ мегуфт.

-Мардак, рости гапро гӯед, чӣ дарде, ки дошта бошам аз тақдир медонам,- гуфтам ниҳоят ба Камол.

-Туро аз дасти бепарво буданат сахт шамол задааст, дигар гапе нест, ба ноҳия рафта табобат мекунем, гул барин мешавӣ, занак,-гуфта маро ором намуд ӯ.

-Барои чӣ ин қадар ғамгин шудед, набошад?

-Чаро ғамгин нашавам, дард чӣ хеле ки набошад дард аст ва ман намехоҳам, ки ту якумр меҳнат намуда, вақти роҳат карданат бемор шавӣ.

-Ман аз шумо розиам, умри хуше доштам. Имрӯз ғайри шукргузорӣ намудан, дигар гилае надорам.

Дар ҳақиқат то ин дам ман хушбахт будам. Зеро гумон доштам, ки шавҳарам танҳо маро дӯст медорад ва ман зани ягонаи орзуҳои хонадони ӯ ҳастам. Аммо ин гумонам ботил баромад. Зеро Камол рӯзе телефони дастиашро дар хона фаромӯш карда ба шаҳр рафта буд ва ҷавонзане ба он занг заду…

-Алло, Камолро зуд ба телефон даъват кунед!- гуфт бо оҳанги омирона.

-Шумо кистед, ки Камолро мепурсед?

-Ман ҳамсараш, илтимос ӯ ба ман зарур аст, хоҳарҷон, тезтар ҷеғ занед, модарам бемаранду ӯ зуд ба бемористон омада доруҳояшонро биёрад.

-Охир чӣ хел ҳамсараш..

-Хоҳарҷон вақти гап нест, ҳар рӯз ман ба коргоҳатон занг мезадам-ку. Маро нашинохтед? Ман зани дуюмаш, Шабнам.

-Ҳа, шинохтам, лекин ӯ ҳозир дар корхона нест, биёяд чӣ гӯям?-гуфтам сирро бой надода.

-Гӯед, ки зани ҷавонат занг зад. Зуд ба беморхонаи марказии шаҳр расида ояд. Дер накунад, ки ҷазояшро медиҳам.

-Ба фикри шумо аз ҳисоби бадбахтии дигаре хушбахт шудан мумкин аст? Зани якумашон пири бад шудааст, ки дуюмашро гирифтанд?

-Вай кампир касали рак шудагӣ-ку? Камол ба шумоён нагуфт? Барои ҳамин ӯ маро гирифт.

-Шуморо ба таври қонунӣ ба ҳама маълум карда, ба хонааш бурданӣ нест?

-Ҳоло вай кампир зинда-ку! Камол мегӯяд, ки тоқат кун, аз умри ӯ кам мондааст.

Ман дигар суханҳои Шабнамро нашунидам. Зеро гӯшҳоям қулф заданду пеши чашмонам сиёҳ гашт. Як вақт ба худ биёям Камол дар болои сарам сархам нишастааст. Боварам намеомад, ки ӯ маро бо кадом як духтари сабукпое иваз намояд. Наход Камол чунин мард бошад, - меандешидам худ ба худ. Зеро ӯ дар назарам мисли фариштае поку бегуноҳ буд. Ман ӯро барои покизагиаш дӯст медоштам. Аммо ӯ на он касе будааст, ки ман мепиндоштам. Вай тамоми умр маро фиреб медодааст. Инро низ дертар аз раиси коргоҳаш тасодуфан фаҳмида мондам. Рӯзе сарвари коргоҳаш ба телефони хонагиамон занг заду байни мову ӯ чунин пурсишу посух ба амал омад:

-Янга, Камол дар хона нест?

-Не, бародар ӯ имшаб дар назди зани дуюмаш буд.

-Вай ҳоло ҳам аз он зани рус дил накандааст? Янга, ба гапи беҳудаи мардум бовар накунед. Ӯ дар вақти ҷавониаш аз беақлӣ он русзанакро гирифта буд. Ҳоло мегӯяд, ки аз баҳраш баромадам. Офарини сабри Шумо, ки ин қадар солҳо тоқат кардед. Акнун дар айёми пирӣ ақлаш даромадаасту акнун ба қадри Шумо мерасад.

-Шумо аз зани ҷавони гирифтааш, ки номаш Шабнам аст, хабар надоред?

-Вай духтари сабукпои ҳардастаро ин мӯйсафед ба сараш мезанад? Касе Шуморо шӯр андохтааст. Шабнамро дар шаҳр одами намешинохтагӣ нест ва Камол ақлашро нахӯрдааст, ки ӯро ба занӣ гирад. Охир ӯ баробари духтараш аст. Шумо фикри фарзандонро кунеду ба гапҳои беҳуда бовар накунед.

Аммо ин гапҳо беҳуда набудаанду Камол ақлашро бохта буд. Мӯйсафеди бадбахт дар дами пириаш ба ишқи духтари ҷавон гирифтор гашта буд. Худо накунаду ба ҳеҷ инсоне ишқи пириро насиб нагардонад. Зеро он инсонро шармандаю бадном месозад. Аммо ман то имрӯз намедонистам, ки ин марди фариштамонанд ҳанӯз аз ҷавониаш ба ман хиёнат мекардааст. Мани сарсахт ҳамеша ба ӯ содиқ будаму падару модари пирашро ба ҷону дил парастӣ менамудам. Мисли фарзанд барояшон хизмат намуда, ҳамеша дуои некашонро мегирифтам. Аз ин кори худ ман қаноатманду ризоям. Зеро онҳо гуноҳе надоштанду дуои некашон маро мисли дору ҳамеша мададгор аст. Аммо намедонистам, ки худам дар дами пириам бадбахт хоҳам шуд. Кошкӣ чунин хабарҳои шумро, ки дили маро аз зиндагӣ сард сохтанд, нафаҳмида мемурдам. Кош ӯ дар назарам чун ҳамешагӣ мисли фариштаи боқӣ мемонд. Охир ман ӯро дӯст медоштам. Барояш розӣ будам, ҳатто ҷонамро фидо созам. Бар ивази ҳамаи дӯстдорию садоқатам ӯ маро як умр фиреб дода мегаштааст. Ман ба ӯ чизи дағале нагуфтам. Ҷанҷол ҳам набардоштам. Фақат гуфтам, ки «Худо ҷазоятро диҳад. Шояд то он рӯз ман, ки ту касали «рак» эълон кардаӣ дар қайди ҳаёт набошам. Аммо мардум онро мебинанду шояд барои худ сабақе бардоранд». Ӯ ҳарчанд зорию тавалло мекард, ки гуноҳашро бахшам, аммо узри ӯ бадтар аз гуноҳи кардааш буд. Дилам аз Камолу зиндагӣ сард гашт ва мунтазири рӯзи маргам менишастам. Аммо марге, ки интизораш будам, ҳеҷ намеомад. Саломатиам рӯз то рӯз беҳтар мегашт. Дар худ ягон нишонаҳои он беморие наҳсро намедидам. Ҳамаи фарзандонро соҳиби хонаю дар намудем. Бо маблағи бо арақи ҷабин пайдонамудаи писаронам панҷ писару се духтарамро хонадор намудем. Вале Худованд ҷазои Камолро дод. Шабе ҳангоми дар хонаи Шабнам буданаш фишори хунаш баланд гашта як тарафаш аз кор мондааст. Дигар ин мӯйсафеди бемор, ки фалаҷ гашта буду аз дасташ коре намеомад ва наметавонист ба зани ҷавонаш маблағе барад, барои ӯ нодаркор шуд.

Мӯйсафеди фалаҷгаштаро писаронам сархам оварда дар хонаамон хобонданду мани фиребхӯрда ӯро то дами маргаш нигаҳбонӣ намудам. Шабнам дигар боре ҳам ӯро суроғ накард. Ҳарчанд мӯйсафеди беномус рустӣ аз ман гоҳе занг зада ӯро суроғ менамуд. Ҳатто ба шавҳар баромаданашро фаҳмида бошад ҳам, бовараш намеомад. Мӯйсафед фаҳмидан намехост, ки ба Шабнам барин занҳои ҷавони «шикорчӣ» худи мард не, танҳо маблағи кисааш лозим асту халос. Мардҳо бошанд инро фаҳмидан намехоҳанд. Худро дар пирӣ расвою шарманда месозанд. Организми марди пир ҳеҷ гоҳ ба талаботи зани ҷавон ҷавобгӯ нест. Ҳар он марде, ки бе андеша зани ҷавон мегирад, аблаҳи гузаро аст. Оқибати ҳама чунин издивоҷҳои бефикрона(ман аз ҳодисаҳои дар пеши чашмам рӯйдода қиёс намудаам) фишори баланди хун , сактаи қалб ва марг аст. Ягон марди пири зани ҷавонгирифта умри дароз надидааст. Камол низ то рӯзи маргаш аз ман узр мепурсиду чашми маро хато карда Шабнамро меҷуст. Аз боиси ӯ бемор шуданашро сарфи назар намуда, ҳушу ёдаш ба он сабукпои беҳаё буд. Ҳарчанд ҷазои худовандӣ будани дардашро донад ҳам боз ишқи аблаҳонаашро то рӯзи марг фаромӯш карда натавонист. Ман ба хотири фарзандонам гарчи аз ӯ дилсард гашта бошам ҳам, нигоҳубинаш намудам. Ҳамаи носипосиҳояшро дар дами маргаш, ки хеле бо азоб ҷон дод, бахшидам. Фарзандонам зорию тавалло намуданд, ки «Очаҷон то шумо дадаамонро набахшед, осон ҷон намедиҳанд». Ба хотири фарзандони дилбандам, ман аз гуноҳи азимаш, ки нобахшиданӣ буд, гузаштам ва ӯ осуда гардида дар сар хаёли Шабнам ҷонро ба ҷонофарин супурд. Охир ӯ бар замми маоши худ боз маблағи бо хуни дил дар мусофириҳо пайдонамудаю фиристодаи писаронамро низ пинҳонӣ аз ман ба он зани серталаб бурда медодааст. Чӣ хеле ки мебинед, ман баъди панҷ соли беморбонӣ ҳоло зиндаам. Писаронам ҳоло ҳам дар Русия рафтаю омада кор карда истодаанд. Ба ман маблағ равон карданд, ки боз барои ташхис ба пойтахт равам. Аз мурдани Камол низ қариб як сол сипарӣ гашт. Ман ҳанӯз зиндаам. Шояд нияти кардаи Камол ба Худованд хуш наомад, ки дарди маро дармон бахшиду ӯро ба ғазабаш гирифтор кард. Зеро ӯ ба умеди мурдани ман зани ҷавон гирифта буду ба орзуи дилаш нарасид. Бо зани ҷавони гирифтааш аққалан як сол ҳам зиндагӣ нокарда корношоям гардид. Беҳуда одамони қадим “пирию хартозӣ” нагуфта будаанд.

Ман аз нақли ин зан дар ҳайрат афтодам. Чӣ гуна ӯ аз дарди саратон раҳо ёфтааст?. Шояд табибон ба иштибоҳ роҳ додаанду Камолро низ шарики иштибоҳи нобахшидании худ кардаанд. Он марди ақлбохта аққалан соле мунтазир нашуда, зуд барои худ ҳамсар пайдо карда мондааст. Бигзор табибон иштибоҳ нокардаю он зан бемор шуда бошад ҳам, Камол фақат ба хотири садоқату вафодории ин зани бофаросат, мебоист мӯҳри хомӯшӣ бар лаб мезад ва худро низ талқин менамуд, ки ин гап дурӯғ аст. На ин ки аз рӯи мақоли халқии «бузро ғами ҷону қассобро ғами чарбу» рафтор менамуд. Ман ин таззоди зиндагиро шунида дилам ба ҳоли он зани бечора об гардид ва ба бузургию матонаташ қоил гаштам. Офарини он дил, ки боз қудрати бахшоиш пайдо намуда, гуноҳи азимеро бахшидааст. Офарини он зан, ки бо вуҷуди ҳамаи он хиёнату носипосӣ боз марди бевафоро парастории намудааст. Аммо марди носипос бо вуҷуди бо чашмони тараш дидани садоқати зан ва ҷазои Худованд то лаҳзаи вопасин аз фикри хомаш нагаштааст. Беҳуда инсонро шири хомхӯрда ном намебаранд. Зеро то лаҳзаи вопасин дар пеши назари мард танҳо лаҳзаҳои беҳтарини бо зани маккораю шайтонаш буданаш боқӣ мондаасту вафодории якумраи зани поку ҳалолаш не.



НАБИҶОН МУСТАФОЗОДА

Набиҷон Мустафозода (Шодиев) 21-уми феврали соли 1976 дар деҳаи Кулолии Ҷамоатии деҳоти Рӯдакии шаҳри Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дунё омадааст. Хатмкардаи мактаби миёнаи рақами 7-уми ба номи Муродуллоҳи Шерализода - аввалин шаҳиди ҷанги шаҳрвандист.

Хабару мақолаҳояш дар давраи дар мактаби миёна хонданаш дар рӯзномаҳои «Зарафшон», «Ҷавонони Тоҷикистон, «Анбоз», «Ҷумҳурият», «Садои Мардум» ва маҷаллаи «Машъал» чоп шудаанд. Фаъолтарин узви маҳфили «Бунафшаи Зарафшон» буд.

Хатмкардаи бахши физикаи Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон ва бахши ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии шаҳри Москва мебошад.

Набиҷон даъвои шоирӣ надорад, вале гоҳ- гоҳ шеър мегӯяд.

ВАТАНРО ЁД ХОҲАМ КАРД

Ҷудо аз хоку аз сангаш,
Зи дарёи хушоҳангаш,
Дур аз гулҳои хушрангаш,
Ватан бар ёд меояд,
Ватан бар ёд меояд.

Дур аз обу дур аз нонаш,
Ҷудо аз кулчаи хонаш,
Чу як фарзанди пазмонаш,
Ватан бар ёд меояд,
Ватан бар ёд меояд.

Даме бо ҳасрати бисёр,
Нишинам бо ду чашми чор,
Нахобам гар шабони тор,
Ватан бар ёд меояд,
Ватан бар ёд меояд.

Агарчи шоҳу султонам,
Расам бар ҷумла армонам,
Қасам бар ҷону виҷдонам,
Ватан бар ёд меояд,
Ватан бар ёд меояд.

Ватан ин модари ҷонам,
Ватан ин бахти хандонам,
Фидои Тоҷикистонам,
Ватан бар ёд меояд,
Ватан бар ёд меояд.

ШАМЪИ МУЛКИ ХОМӮШОН

Дар сӯгвории шаҳиди роҳи ҳақ Муродуллоҳ Шерализода

Шамъи маҳфил рафту дигар равнақи бозор нест,
Андар ин зулматсаро аҳли хирадро бор нест.
Маскани аҳли ҳақиқат гӯшаи дорулбақост,
Ростӣ, олам макони марди хубкирдор нест.
Кохи ваҳдатро ба хуни қалб бояд сохтан,
Пеши рӯйи аҳли дил дар ҷода ҷуз девор нест.
Ҳар ки аз бухлу ҳасад зад тир андар синааш,
Ҷои ӯ хокасту номаш ҷуз каси бадкор нест.
Гул бирафту ҷои ӯро хор мехоҳад гирифт,
Чун дар ин гулшан нишоне ҷуз қудуми хор нест.
Мо ба дасти хеш месӯзем хонумонамон,
Дар дили мо раҳму шафқат, нангу ному ор нест.
Золиме, ки мекушад бо дасти худ фарзанди худ,
Зинда дар олам намонад, ҳеҷ гаҳ подор нест.
Оқилӣ варзу ду дасти хеш аз хун боздор,
Пешрафти мулк дар бадномию куштор нест.
Чун Муродуллоҳ намеояд дар ин олам дигар,
Инчунин мардони номиро дигар такрор нест.
Ӯ бирафту дар биҳишти ҷовидон маъво гирифт,
Қотилони носипосашро ҷазо ҷуз дор нест.

ЁД КАРДАМ

Ман он кӯҳу даманро ёд кардам,
Ман он боғу чаманро ёд кардам.
Ватан гулгашти зебои биҳишт аст,
Биҳишту настаранро ёд кардам.

Дур аз он кӯҳу саҳро ман ғарибам,
Дур аз он боғу дарё ман ғарибам.
Ватан модар, Ватан ёри қарин аст,
Дур аз он ёри зебо ман ғарибам.

Зи бар дарёи умри ман равон аст,
Дареғо, пираму дунё ҷавон аст.
Ғарибӣ ҷисму ҷонам сахт озурд,
Дили ҳасраткаши ман нотавон аст.

Ҳама ҷойи Ватанро ёд кардам,
Гулу боғу чаманро ёд кардам.
Ватан дур аз ман асту ман ба ёдаш,
Чароғи анҷуманро ёд кардам.

Ҳамеболам ман аз лаъли Бадахшон,
Зи Хуҷанду зи Хатлону Зарафшон,
Ҷавониям гузашт андар ғарибӣ,
Вале монӣ ҷавон, эй Тоҷикистон!

ГИРЯ КУНАМ

Бар шабу рӯзи ғарибона даме гиря кунам,
Дур аз ёру дур аз хона даме гиря кунам.
Қалби захмини маро нест ба Маскав чора,
Ҳамраҳи ин дили девона даме гиря кунам.
Ман, ки аз кӯҳи азим омадаам шаҳри азим,
Аз пайи обу пайи дона даме гиря кунам.
Гулу гулгашти Ватан нест ба пеши дида,
Дар хаёли рухи ҷонона даме гиря кунам.
Шамъи базми тарабам бе рухи ӯ хомӯш аст,
Набиё, дар бари парвона даме гиря кунам.

МОДАРАМ

Модарам, аз дурии ман ту ғам махӯр,
Ёди ту орад ба қалби ман сурур.
Баъди ҳар шоме ҳамеояд саҳар,
Пеши ту меоям аз ин роҳи дур.
Кундаи давлат, дуогӯям туӣ,
Баҳри ман бошад дуои ту зарур.
Нури ҳарду дидаи равшан туӣ,
Гар надонам қадри ту, бошам чу кӯр.
Ёд меояд суруди «Алла»-ат,
Шеъри ман бо ту шавад пайваста ҷӯр.
Зебиши дунёи ман, ҷон модарам,
Бе ту дунёям бувад монанди гӯр.
Интизорам мешавӣ шому саҳар,
То ба пирӣ бахшамат дар дида нур.
Нурбахши зиндагиям, модарам,
Боз шинӣ бо Набӣ дар тӯю сур.

ДАРД

Сафову комронӣ рафт,
Хушии зиндагонӣ рафт.
Сарам испед шуд аз ғам,
Ки модар ногаҳонӣ рафт.
Бирафтӣ, модари ҷонам,
Туро як умр пазмонам.

Ҳаётамро сафое нест.
Дигар як ҳамсадое нест,
Пас аз марги ту, фаҳмидам,
Ки дунёро бақое нест.
Бирафтӣ, модари ҷонам,
Туро як умр пазмонам.

Аё шамъи дилорям,
Будӣ ту моҳи шабҳоям.
Ягона пуштибони ман,
Ту рафтӣ, бе ту танҳоям.
Бирафтӣ, модари ҷонам,
Туро як умр пазмонам.

Ҷаҳонам бо ту зебо буд,
Ҳаёти ман фиребо буд.
Набудӣ гар ту дар хона,
Дили ман ношикебо буд.
Бирафтӣ, модари ҷонам,
Туро як умр пазмонам.

Фурӯғи мазилам будӣ,
Мадоре бар дилам будӣ.
Ба рухсори банури худ
Чароғи маҳфилам будӣ.
Бирафтӣ, модари ҷонам,
Туро як умр пазмонам.

Агарчанде ки мекобам,
Нишон аз ту намеёбам.
Ман аз сӯзи ҷудоият
Намехобам, намехобам.
Бирафтӣ, модари ҷонам,
Туро як умр пазмонам.

НОСИРИ ШАРИФИ БОҚӢ



Носири Шарифи Боқӣ 20 августи соли 1968 дар деҳаи Каздони ноҳияи Айнии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд ёфтааст.

Таҳсилро дар таълимгоҳи деҳааш-муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №5, ба номи Мирзо Абдулқодири Бедил соли 1985 ба поён расонидааст. Соли 1990 ба факултети журналистика ва тарҷумонии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон дохил мешавад ва ин боргоҳи маърифатро соли 1995 хатм мекунад.

Намунаҳои ашъораш дар матбуоти даврӣ ба табъ расидаанд.

МОДАР

Модар, маро муҳаббати ту бебаҳо бувад,
Эҳсону лутфу бахшишат беиддао бувад.
Ҷуз ту касе набошадам ғамхори бетамаъ,
Шукри Худо, ки ҳиммати ту бериё бувад,
Пеш оядам чу мушкиле дар зиндагӣ мудом,
Дасти дуои ту маро мушкилкушо бувад.
Рӯйи ҷаҳон мунаввар аст аз тоби офтоб,
Бо рӯйи офтобият дил пурсафо бувад.
Дорад сарои зиндагӣ хасме ба бар фузун,
Меҳри бузурги ту маро амну пано(ҳ) бувад.
Бар сӯйи Каъба мебарад мардум суҷуди хеш,
Сӯйи ту саҷдаи дили қудсии мо бувад.
Носир кунад ситоишат гар ҳар нафас, кам аст,
Бар чашм гарди мақдами ту тӯтиё бувад.

МОДАРИ ХУШРӮЙИ МАН

Модари хушрӯйи ман кампир шуд,
Фасли сабзи рӯзгораш тир шуд.
Офтобаш мекунад майли ғуруб,
Ҳасрато, дилхаставу дилгир шуд.

Мӯйи шабгунаш шабеҳи шир гашт,
Қоматаш хам гашта домангир гашт.
Шуд чароғи чашми ӯ камнуртар,
Хотираш ошуфта, бетадбир гашт.

Таппиши дил дар бараш беҳавсала,
Ранҷу озори вуҷудаш як гала.
Мавсими осоишаш пур аз ғубор,
Ғуссаву ғам карда қалбашро тала.

Зилзила дар ҷисми ӯ ҳар лаҳзае,
Ҷони ӯ меларзад аз як ларзае.
Бесадоқат офият бар рӯҳи ӯ,
Дарди ӯ чун кӯҳу дармон заррае.

Ӯ дигар пазмони меҳр асту мадад,
Аз навозиш мешукуфад як сабад.
Ҷони ӯ таъмир бо лутфи сухан,
Аз мурувват шод гардад беадад.

Ӯ бузург асту ситоишро сазад,
Ӯ табаррук, ӯ хуҷаста, ӯ аҳад.
Дар паноҳи ӯ расидам бар камол,
Шукри ӯ, шукри Худованди самад!

Ман саломат бо саломи модарам,
Бар забони ман каломи модарам.
Доимо, Носир, ба ӯ дорам ниёз,
Ҷовидон хоҳам давоми модарам.

ИФТИХОР

Хушо Каздону аҳли рӯзгораш,
Худовандо, нигаҳ дор эътибораш.
Миёни кӯҳсорон ҷо гирифтаст,
Бидорӣ пойдору устувораш.
Сарояш хокиву поку муқаддас,
Муборак маскану олӣ табораш.
Фароғатгоҳи хубу гулшани роз,
Чу хулди ҷовидон бошад канораш.
Хаёлам беҳтарин ҷоест Ғанчол,
Шароби мост оби чашмасораш.
Шабеҳи боғи ҷаннат Ҳофизон аст,
Фараҳафзо бувад зардолузораш.
Зиёратгоҳи мардум Китфи шарра,
Ва бурси латтабанду арчазораш.
Ба сони қуллаҳо боло сари ӯ,
Илоҳо, кам нагардад ифтихораш.
Хасу хораш бувад ганҷина, Носир,
Чу ман бошад саногӯе ҳазораш.

ДИЛИ ФИГОР

Оҳ, аз ин зиндагии ранҷбор,
Бар дили мо мезанад ҳар лаҳза хор.

Эҳтироме нест бар аҳли ҳунар,
Муҳтарам гардидаанд аҳли қимор.
Нозанинон дар никоҳи аблаҳон,
Бетамизон ҳамнишини шаҳриёр.
Рафтагон бурданд гӯё меҳрро,
Нуру тобу фар надорад рӯзгор.
Адлу инсоф аз миён барбаста рахт,
Аз мурувват нест гарде ёдгор.
Ҳоруну Оҳарманон афзун шуданд,
Ман надидам Ҳотаме дар ин диёр.
Пеши мардум доми тазвире ниҳанд,
Шайху мулло бингарӣ шайтоншиор.
Ношукуфта муғчаҳо пажмурдаанд,
Ку тароват дар рухи фасли баҳор.
З-ин ҳама шӯру шару найрангу реб
Дил даруни сина реш асту фигор.
Носиро, кун эътимоди рӯзи хуш,
Шоядо сомон биёбад рӯзгор.

ҲАМСОЯДУХТАРИ МО

Ҳамсоядухтари мо ширин назар ҳамекард,
Бо нозу ишва моро аз худ бадар ҳамекард,
Бо чашми оташинаш, бо нози нозанинаш
Оваҳ, танӯри дилро пур аз шарар ҳамекард.

Ҳамсоядухтари мо бозора тез мекард,
Бар дидани ҷамолаш ҳар чашм рез мекард.
Чашми ҳавас ҳазору дилдодааш яке ман,
Бар нокасе навозиш, бо мо ситез мекард.

Ҳамсоядухтари мо, чун ман касе камат бод,
Ёри писанди қалбат ҳамрозу маҳрамат бод.
Моро ба худ нахондӣ, дилношиноси бемеҳр,
Хушбахтиву саодат ҳар лаҳза ҳамдамат бод!

АЗ МУҲАББАТ ГУФТУГӮ БОШАД

Соқиё, пур кун зи май бори дигар паймонае,
Роҳату айше кунем, инак, дар ин ғамхонае.
Суҳбату дидори ҳам бошад ғанимат, эй азиз,
Кай шавад моро дигар фурсат дар ин вайронае.
Беҳунарҳо шаҳриёри меҳани осоишанд,
Пеши чашми тангашон аҳли ҳунар бегонае.

Илтифоти ахтари толеъ насиби мо нагашт,
Ғурбати дунё бизад бар пойи мо завлонае.
Аз табассум офтоби бахти мо орӣ бувад,
Мазраи уммеди мо, ҳайфо, набахшад донае.
Бесамар бошад ниҳоли меҳрубонӣ ин замон,
Аз муҳаббат гуфтугӯ бошад чу як афсонае.
Ё Раб, орад даргаҳатро Носир арзи эҳтиёҷ,
Кун мурувват, то кунем мо зиндагӣ шоҳонае.

АҶРИ БАЛАНД

Ҳусни баҳорият бурун дилро зи сина кард,
Дар кишвари муҳаббатам ишқат мадина кард.
Манзилгаҳи умеди ман пур аз таваҷҷуҳат,
Дорад ниёзи нози ту, рӯ сӯйи дина кард.
Бас хӯшае зи васли ту дар хирмани хаёл
Бар илтифоти восилат паймону пина кард.
Бо ту будан саодату бахти баланди мост,
Эҳсони ишқи ту маро соҳибхазина кард.
Аҷри баланди дилбарӣ бодо насиби ту,
Дар кӯлабори бахти ман тахти камина кард.
Густурда ҷонамози муҳаббат барои дил,
Шукри навозишат кунам, моро қарина кард.
Сидқу сафои меҳри ман арзонии ту бод,
Иззи ту, эй азизи дил, номат Нигина кард.
Хуш бод, Носиро, туро ҳар рӯзи зиндагӣ,
Ҳарфи ҷабин муҳаббатат орӣ зи кина кард.

РУБОИЁТ

Фалғар Ватани табори ман, гоҳи ман аст,
Сарчашмаи шаъну шуҳрату ҷоҳи ман аст.
Ҳар зарраи хокаш бувадам қимати ҷон,
Мақбули дилам, марзи дилогоҳи ман аст.

* * *

Каздон бувад, эй дӯст, таваллудгоҳам,
Кун ранҷа қадам, биё, ту, бар даргоҳам.
Аз марҳаматат шукуфта гардад гули меҳр,
То омаданат ду дида ман дар роҳам.

* * *

Аз чашмаи лабҳои ту обам бояд,
Аз ҷоми висолат майи нобам бояд.
Ман рӯзу шабон туро бихоҳам зи Худо,
Дар бистари оғӯши ту хобам бояд.

НУСРАТИ МИРАК



Нусрати Мирак (Мираков Нусрат) 1-уми ноябри соли 1959 дар гузари Лангари деҳаи Урметани ноҳияи Айнии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дунё омадааст.

Баъди хатми мактаби миёнаи деҳа ба Донишкадаи омӯзгории шаҳри Хуҷанд қабул шуда, соли 1981 онро хатм кардааст.

Аз соли 1984 то имрӯз дар комбинати маъдантозакунии Анзоб ба касби дуредгарӣ машғул аст.

Маҷмӯаҳои алоҳидааш бо унвонҳои: «Субҳи умед», «Ушшоқи Сарвода», «Рози дил», «Модарнома» ва «Парвози меҳрҳо» ба табъ растдаанд.

Бо нишонаи «Ветерани меҳнат» сарафроз гаштааст.

ЭЙ НОЗАНИНАМ

Меҳри ту дар ҷон,
Ҳастӣ ту дармон,
Рашки гулистон.
Эй нозанинам,
Эй маҳҷбинам.

Ҷону дили ман,
Гулзору гулшан,
Ду чашми равшан.
Эй нозанинам,
Эй маҳҷбинам.

Чашми хуморат,
Рӯйи анорат,
Фасли баҳорат.
Эй нозанинам,
Эй маҳҷбинам.

Нозук адоят,
Ширин садоят,
Ҷонам фидоят.
Эй нозанинам,
Эй маҳҷбинам.

Ширу шакар ту,
Рашки қамар ту,
Кони гуҳар ту.

Эй нозанинам,
Эй маҳҷбинам.

Бар шоҳи хубон,
Бар моҳи тобон,
Нусрат диҳад ҷон.
Эй нозанинам,
Эй маҳҷбинам.

ЭЙ ДИЛРАБО

Шуд дарди ишқам бедаво, эй дилрабо, эй дилрабо,
Дорам фиғону нолаҳо, эй дилрабо, эй дилрабо.
Бошӣ ҳамеша ҳамнафас, дунёи ман бошӣ ту бас,
Дорӣ агар аҳду вафо, эй дилрабо, эй дилрабо.
Равшан намоӣ роҳи ман, хуршеди ман, ҳам моҳи ман,
Ойинаи нуру сафо, эй дилрабо, эй дилрабо.
Эй кавкаби рахшони ман, андар само тобони ман,
Бар дидаам бахшӣ ҷило, эй дилрабо, эй дилрабо.
Қалбам макун аз ғусса хун, ҳолам макун хору забун,
Ҳар дам ба сӯйи ман биё, эй дилрабо, эй дилрабо.
Не кам хӯрам, не ғам хӯрам, то хам нагардад дидаам,
Бар ҳоли ман раҳме намо, эй дилрабо, эй дилрабо.
Ғамро нагирад то ба бар, Нусрат набошад дарди сар,
Дигар макун ҷабру ҷафо, эй дилрабо, эй дилрабо.

НАВРӮЗАТ МУБОРАК

Иди Наврӯзат муборак, Айниям!
Иди Фирӯзат муборак, Айниям!
Эй хушо, Мавҷудаат ғамхори халқ,
Ҳар шабу рӯзат муборак, Айниям!

Эй арӯси сол ту дар ин замон,
Гаштаӣ зебоиро ҷою макон,
Гаштаӣ гулзори сарву арғувон,
Шамъи афрӯзат муборак, Айниям!

Боғу гулшан, ҳам гулистони манӣ,
Дар ҳақиқат ҷаннатистони манӣ,
Дар дилу дар дидаву ҷони манӣ,
Иди фирӯзат муборак, Айниям!

Дар само шамси дурахшони манӣ,
Ҳам Самарқанду Зарафшони манӣ,
Ҳам Хуҷанди Суғду Хатлони манӣ,
Ин ҳама рӯзат муборак, Айниям!

Эй ки бошӣ бодаи ноби ҳама,
Офтобӣ ё ки маҳтоби ҳама,
Аз ту хуррам қалби шодоби ҳама,
Иди Наврӯзат муборак, Айниям!

АЗИЗ АСТ

Маро санги кӯҳистонам азиз аст,
Лаби рӯди Зарафшонам азиз аст,
Бинӯшам аз дили кӯҳи баландаш,
Бароям чашмасоронам азиз аст.

Бубинам духтарони шоду хандон,
Ҳадиси гарму нарми лоларӯён,
Чӣ турфа ишқи сӯзон дар дили ман,
Маро рухсори хубонам азиз аст.

Ба ҳар ҷо сабзазоронам дамида,
Гуле аз мазраи дилҳо бичида,
Даме маҳсуд шавам аз меҳрубонон,
Маро дилҳои ёронам азиз аст.

Бидонам меҳру вафои ҳамсарамро,
Бидонам қадри ширу модарамро,
Бидонам шукри айвону дарамро,
Ба ман гаҳворачунбонам азиз аст.

Маро ашъори Қутбии маъонӣ
Ва ё ашъори Субҳони замонӣ,
Ачаб монам зи шеъри ноби Доро,
Ба ҷонам ин азизонам азиз аст.

Бинозам, Нусрато, бар Фону Фалғар,
Бувад Урметану Сарвода дар бар,
Кушояд қалбам аз ин покманзар,
Ки ҷумла дар дилу ҷонам азиз аст.

АЗ МАН МАРАВ

Эй дилбари ҷононаам,
Эй равшании хонаам,
Эй ёраки фарзонаам,
Аз ман марав,
Аз ман марав.

Нурӣ ту дар кошонаам,
Файзу футуҳи хонаам,
Ҷониву ҳам ҷононаам,
Аз ман марав,
Аз ман марав.


Пастии ман бе ҳастият,
Ҳастии ман аз ҳастият,
Мастии ман аз мастият,
Аз ман марав,
Аз ман марав.

Зеби баҳори ман туӣ,
Савти ҳазори ман туӣ,
Авҷу барори ман туӣ,
Аз ман марав,
Аз ман марав.

Як илтиҷо дорам зи ту,
Эй дилбари маҳтобрӯ,
Раҳме намо як тори мӯ,
Аз ман марав,
Аз ман марав.

Бе ту бувад айшам ҳаром,
Бе ту набошам шодком,
Бе ту намебошам тамом,
Аз ман марав,
Аз ман марав.

ОЗАРАХШ



Озарахш (Толиб Карим) соли 1963 дар деҳаи Урметан, ноҳияи Айнӣ дар оилаи омӯзгор ба дунё омадааст.

Хатмкардаи мактаби миёнаи №2, (соли 1980) ва шуъбаи рӯзноманигории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (с. 1985).

Шоир, драматург, сароянда, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва Конфедератсияи байналмилалии журналистон, Барандаи ҷоизаҳои ба номи Камоли Хуҷандӣ ва Садриддин Айнӣ, барандаи Ҷоизаи байналмилалии Имом Хумайнӣ ва «Боргоҳи сухан» мебошад.

Баъди хатми донишгоҳ солҳои 1985-1989 дар вазифаи муҳаррири Кумитаи давлатии телевизион ва радиои Тоҷикистон кор кардааст.

Аз соли 1989 то 1992 вазифаи директори иттиҳодияи истеҳсолӣ-эҷодии «Союзтеатр» дар вилояти Ленинобод (Суғд)-ро бар дӯш дошт. Аз соли 1992 то 2002 муҳаррири Кумитаи давлатии телевизион ва радиои вилояти Суғд буд. Аз соли 2002 то соли 2015 дар вазифаи хабарнигори ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» дар ин вилоят кор кардааст. Аз ноябри соли 2016 то имрӯз сармуҳаррири Муассисаи давлатии маҷаллаи «Паёми Суғд» мебошад.

Китобҳои ашъораш «Аз чашмасор омадам», «Намози мусофир», «Чархболи офтоб», «Ҷӯйбори сари Хирман» ва «Девони ишқ» чоп шудаанд. Шеърҳояш бо забонҳои русӣ, инглисӣ, олмонӣ, арабӣ ва ӯзбекӣ тарҷума шудаанд.

Намоишномаҳояш бо номи «Сафедор», «Чашмаи Пардӯш», «Гулҳо намемиранд», «Ҳазордастон», «Равзанаи умед», «Рақси Барфак», «Нақши Рӯдакӣ», «Афсона ё ҳақиқат» дар театрҳои касбии кишвар рӯи саҳна омадаанд.

Озарахш барои рушду равнақи адабиёту санъат бо нишони Аълочии фарҳанги Тоҷикистон ва унвони Корманди шоистаи Тоҷикистон қадршиносӣ гардидааст.

Адабиёт ва фарҳанги тоҷикро бо шеъру таронаҳои марғубу дилнишинаш ҳангоми сафарҳои ҳунарӣ дар мамлакатҳои Россия, Эрон, Афғонистон, Покистон, Ҳиндустон, Арабистон, Англия, бархе кишварҳои қитъаи Африқо, амсоли Бенин, Гана, Того муаррифӣ ва тарғиб намудааст.

ҒАЗАЛҲО

Ояндаҳо салом, саломе зи номи мо!
Аз сидқи дил паём, паёме зи номи мо!
Шаккар ба коматону асал дар забонатон,
Бо хуштарин калом, каломе зи номи мо.
Резед мисли бодаи ширини хотира
Гулшарбате ба ҷом, ба ҷоме зи номи мо.
Хуршеду моҳи умр нишасту парид бас
Чун кафтаре ба бом, ба боме зи номи мо.

Не лофи шоирӣ задаву не дари ҳавас,
Ии марди бенизом, низоме зи номи мо.
Бо гардиши фалак чӣ навоҳо навохта,
Гардон ба сад мақом, мақоме зи номи мо.
Монду намонд, замзама афканд, Озарахш,
Ин шеъри бардавом, давоме зи номи мо!

***

Хомпаз бигзашт, аммо фикри хоми мо напухт,
Ҳарфи мо бо гуфтугӯи бекаломи мо напухт.
Меваҳои шаккарин овард боғи зиндагӣ,
Ғӯрае аз току майдонаш ба коми мо напухт.
Мисли хуршеде нишасту мисли маҳтобе парид,
Бози давлатро паре дар пардабоми мо напухт.
Олами барномаҳову ҳам-ҳами ҳангомаҳо
Хуш мароме дошт, аммо бо мароми мо напухт.
Ҷоми моро бо шароби ҷонамон пур кардаанд,
Ҷони саргардон ба гардишҳои ҷоми мо напухт.
Ҳар саломеро алайке ҳаст дар дунёи лутф,
Як алайк аз меҳрубонӣ бо саломи мо напухт.
Озарахшо, Шашмақоми ошиқӣ ҳамсози кист?
Сӯхтем аз ҳой-ҳою бо мақоми мо напухт!!

***

Як рӯз ба хотири дилат меоям,
Бар хотири отири дилат меоям.
Саргаштаву баргашта зи ақсои ҷаҳон
Як марди мусофири дилат меоям.
Чуи чашмаи рӯдбурда борон-борон
Бар манзари тоҳири дилат меоям.
Парвози ман аз хаёли ту дур набуд,
Чун мурғи муҳоҷири дилат меоям.
Саршори навои ҷонат, овозсаро,
Бо байт ба дафтари дилат меоям.
Дар номаи аввалин ту номам додӣ,
Бар қиссаи охири дилат меоям.
Бо шеваи Озарахши наврӯзпараст
Як рӯз чу шоири дилат меоям...

***

Дарахтистони Урметан, фишори хунатон чанд аст?
Зи пастиву баландиҳо кӣ ғамгину кӣ хурсанд аст?
Сари болоятон аз барфу боронҳо амон бодо,
Тани хокиятон пеши чӣ савдои замон банд аст?

Шумо ҳам дар вуҷуд андешаи бори ғаме доред,
Ки ин дунёи шодонрӯ пур аз ребу пур аз фанд аст?!
Ҷаҳонро аз садоқат меваҳои шаккарин додед,
Ҷавоби меҳрубониҳоятон заҳр аст ё қанд аст?
Зарафшоне, ки мехонад суруди ошиқӣ умре,
Ҳануз андар таманнои Бухорову Самарқанд аст?
Ниҳолон аз баҳори нав чӣ бору барг мегиранд,
Умеди боғбони мӯсафед аз меҳри фарзанд аст?
Гиёҳе ёд дорад розҳои Озарахшашро?
Ки ҳар ҷо ҳаст, бо боги муҳаббат решапайванд аст!

***

Ба ин дунёи баргардон чӣ овардӣ, ки хоҳӣ бурд?
Ҳавасмандону дилбандон чӣ овардӣ, ки хоҳӣ бурд?
Яке обод мехонад, яке вайрона медонад,
Ба ин вайронаободон чӣ овардӣ, ки хоҳӣ бурд?
Ба меҳмонии серӯза ба дӯшат заллаву кӯза,
Қатори ошу обу дон чӣ овардӣ, ки хоҳӣ бурд?
Сафо ҳам доштӣ боре, вафо ҳам коштӣ боре?
Ба фарзандону пайвандон чӣ овардӣ, ки хоҳӣ бурд?
Касе аз ҳикмати одам гираҳ накшод дар олам,
Ту эй донотарин нодон, чӣ овардӣ, ки хоҳӣ бурд?
Ҳар он чи додаӣ, ояд, ҳам он чи бурдаӣ, бояд,
Ба даҳчандону садчандон чӣ овардӣ, ки хоҳӣ бурд?
Расидӣ аз дурахши худ, мисоли Озарахши худ,
Гаҳе гирён, гаҳе хандон, чӣ овардӣ, ки хоҳӣ бурд?

АЗ ДАФТАРИ РУБОИЁТ

Рӯзе, ки қалам хотири наққош намуд,
Дар хотири ман ёри қаламқош намуд.
Гуфтам сухан аз ишқ наорам ба забон,
Хомӯш нишастанам маро фош намуд...

Дар коргаҳи шеър шабу рӯз гузашт,
Бо кӯҳнаи дӯшу нави имрӯз гузашт.
Гуфтанд, ки наврӯз расад, нав бинавис,
То нав бинавиштем, ки наврӯз гузашт.

Дил об намо то дили обат гиряд,
То дар дили обат обат офтобат гиряд.
Он гуна бизӣ ки баъди ҷон кандани ту,
Пинҳон зи ҷамоа гӯркобат гиряд.

ОЗАРИ ОРИФ



Озари Ориф (Нормаҳмедов Озар Орифович) 22 январи соли 1966 дар деҳаи Вешаби ноҳияи Айнии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оилаи зиёӣ ба дунё омадааст.

Ӯ маълумоти миёнаро дар мактаби № 13-и ба номи Мулло Барот Султонови зодгоҳаш солҳои 1973-1983 ҳосил кардааст.

Солҳои 1984-1986 дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи Иттиҳоди Шӯравӣ дар Шарқи Дур адои хизмат дошт.

Солҳои 1986-1990 донишҷӯйи факултаи педагогика, шуъбаи суруд ва мусиқии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ буд.

Пас аз хатми мактаби олии номбурда, ба ҳайси ассистенти кафедраи созҳои мусиқӣ фаъолияти кории худро оғоз намудааст.

Аз соли 1990 инҷониб чун омӯзгор, баъдтар муаллими калон дар муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ фаъолият намуда меояд.

Мактаби шеъргӯиро аз падар омӯхтааст. Ӯ бештар ба адабиёти классикӣ рӯ оварда, ҳамеша дар пайи ҷустуҷӯст.

Шеърҳояш аз соли 1980 инҷониб дар матбуоти кишвар чоп шуда, маҷмӯаҳои алоҳидааш бо унвонҳои “Меҳрпайванд” (2012) ва “Дурахши меҳр” (2016) дастраси хонандагон гардидаанд.

ЭЙ ҲАМВАТАНИ МАН

Имрӯз ҳама тоҷики соҳибватанем,
Парвардаи мардумони соҳибсуханем.
Садпора шуда чу қатраи об, вале,
Баҳри Ватани хеш баҳам ҷону танем.
Эй ҳамватани ман, биё бар Ватани ман,
Эй ҳамватани ман, биё ҷону тани ман.

Шукрона кунем, ки Тоҷикистон дорем,
Ҳафт ахтари пурҷилои тобон дорем.
Аз водии Вахш то Зарафшону Ҳисор,
Кӯлобу Хуҷанд, Рашту Бадахшон дорем.
Эй ҳамватани ман, биё ҳамсухани ман,
Эй ҳамватани ман, биё ҷону тани ман.

Бархез, ба бунёди ватанхоҳӣ расидем,
Шукронаи Ваҳдат раҳи ободӣ давидем.
Бо раҳбарии марди хирадманду тавоно,
Аз неъмати пояндаи Озодӣ чашидем.
Эй ҳамватани ман, ту соҳибватани ман,
Эй ҳамватани ман, биё ҷону тани ман.

МИЛЛАТИ ОВОЗАДОР

Маънии осори миллат тоҷи Сомони ман аст,
Махзани ашъори миллат аз ниёгони ман аст.
Шеваи гуфтори миллат лафзи ширини дарист
Каъбаи имони миллат Тоҷикистони ман аст.
Ҷашни истиқлоли тоҷик зинда бодо, зинда бод!
Шуҳрataш дар рӯи олам то абад поянда бод!

Тоҷикистон, ҳар кафи хокат бароям гавҳар аст,
Қатраи оби зулолат аз асал ширинтар аст.
Қуллаҳои сар ба афлоки ту рамзи ифтихор,
Санги кӯҳсорат бароям тахту тоҷу минбар аст.
Ҷашни истиқлоли тоҷик зинда бодо, зинда бод!
Шуҳрataш дар рӯи олам то абад поянда бод!

Ман ба номат зинда ҳастам, миллати овозадор,
Бо ту дорад ифтихор ҳар тоҷики бонангу ор.
Дар раҳи бунёди кишвар Тоҷикистони азиз,
Бо ҷавонони ватансозанда дорад ифтихор.
Ҷашни истиқлоли тоҷик зинда бодо, зинда бод!
Шуҳрataш дар рӯи олам то абад поянда бод!

ТОҶИКИСТОНАМ

Ватан, эй модари нозофаринам, Тоҷикистонам,
Ватан дурдонаю тоҷу нигинам, Тоҷикистонам.
Муқаддас бишмарам ҳар қатра обу хоки покатро,
Саодатманд дар рӯи заминам, Тоҷикистонам.
Ту ҳастӣ аз бароям сарзамини поки аҷдодӣ,
Муҳаббатхонаи мардони даргоҳи худододӣ.
Азизи сарзамини нозанинам, Тоҷикистонам,
Ту ҳастӣ ҷаннати рӯи заминам, Тоҷикистонам.
Туӣ модарзамини ман замини нозанини ман,
Туӣ бахти баланди ман, азизу дилнишини ман.
Ливои ту, ливои ту, парафшон шуд, парафшон шуд,
Биҳишти ҷовидони ман гулафшон шуд, гулафшон шуд.

АЁ МОДАР

Аё модар, рухат зеби баҳор аст,
Нигоҳи оташинат шуълабор аст.
Ба дидорам парешонхотир, аммо
Хаёлат дар ғами ман беқарор аст.

Аё модар, туӣ дунёи розам,
Ту ҳасти қиблагоҳи сӯзу созам .
Ғариб афтода, дурам аз бари ту,
Мани раҳгумзада бе ту чӣ созам.
Аё модар, азизу меҳрубонӣ,
Бароям мӯнису дармони ҷонӣ.
Ба даргоҳи Худо нолам шабу рӯз,
Ту доим бар сарам поянда монӣ.

ЭЙ ПАДАР

Чеҳраи нурониат омад ба хобам, эй падар,
Суҳбати раҳмонӣ ман омӯхта аз пандат саҳар.
Чун маро бедор аз хоби саҳаргоҳӣ намуд,
Қомати ту ҳар сабоҳ ояд маро пеши назар.
Бармаҳал рафтию мондӣ доғ дар дилҳои мо,
Ночашида шаҳдро, эй боғбони пурсамар.
Дардмандонро давобахшанда чун Сино будӣ,
Дарди худ нокарда дармон аз чӣ мондӣ бехабар?!
Озарам, пайванди ту, гӯям, ки рӯҳат шод бод!
Ғайри аз баҳрат дуо чизе намехоҳам дигар.

ЭЙ ДӮСТ!

Эй дӯст, куҷоӣ, боҳам оем,
Бегона машав, ки ошноем!
Дарҳои муҳаббату вафоро,
Бо меҳр ба рӯйи ҳам кушоем.
Як лаҳза шумор фурсати умр,
Донӣ, ки чӣ гуна бебаҳоем.
Дар базми сухансарои қисмат,
Афтода зи пой то сароем.
Овози шикоят аз найистон,
Бишнида ҳикояте намоем.
Парвози баланди ваҳдатомӯз,
Бо боли кушода аз самоем.
Дар анҷумани ватансароён,
Меҳри дили дӯстон физоем.
Мақсуди дили суханвар, Озар
Дарди дили хешро давоем.

ҚИСМАТИ ОДАМ

Нолам аз он ки қисмати одам чунин бувад,
Ҳар лаҳза умри рафтааш хотирнишин бувад.

Олам ҳама якояк аз навмедӣ дидаам,
Афсӯсу шодию ғаму одам ҳазин бувад.
Селоби ашки чашми ман аз сӯзиши дил аст,
Дардо, аз он диле, ки бо ту ҳамнишин бувад.
Умрат чароғи маҳфили дунёи бебақост,
Гардӣ хамӯш оқибат, ҳолат ҳамин бувад.
Ҳар як нафар, ки саҳнасози орзуи хеш,
Афтад ба доми маргу дар зери Замин бувад.
Пандам шунав ту, Озаро, фурсат ғанимат аст,
К-ин як нафас кифоят аз чархи барин бувад.

ЛАЪНАТ, ЭЙ МАРГИ САФЕД!

Модари муштипару мушфиқу зор,
Ҳама шаб то ба саҳар.
Аз ғаму ҳасрати фарзанд нахуфт,
Аз ғаму ҳасрати фарзанди гирифтори бало.
Он балое, ки аз ӯ ҷону ҷигар месӯзад,
Хонаи аҳли башар месӯзад.
Рӯзи дигар
Зи сари шарму ҳаё
Пеши хешону табибон сухане ҳеҷ нагуфт,
Зору ҳайрону парешон
Охир омад ба фиғон,
Рӯйканон, мӯйканон.
Писарам ҷону дилам, ахтари болои сарам,
Ҷигарам пора намудӣ, писарам, о писарам!
Ин чӣ тақдир
Чӣ қисмат ба сарам омадааст.
Чӣ балоест ба қасди писарам омадааст!
Ҷисми ӯ хаставу афсурдаву беҳолу мадор,
Хатаре бар писари бепадарам омадааст.
Эй Худо, бар чӣ гирифтор намудӣ мани зор,
Ки дилам гашт фигор.
Ин ягона писарам буд, дареғ,
Давлату болу парам буд, дареғ!
Аз падар гашта ҷудо дар тифлӣ,
Ҳамдаму ҳамсафарам буд, дареғ!
Модари хастаҷигар,
Даст ёзид ба бистар,
Сари беҷони писар боло кард.
Доруи марги вай аз зери сараш пайдо кард.
Лаънат, эй марги сафед, аз ту ҷаҳон месӯзад,
Аз ту пайдову ниҳони ҳамагон месӯзад.

ОЛИМҶОН ОРИФӢ



Олимҷон Орифӣ соли 1913 дар шаҳри Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон таваллуд шудааст. Падараш Ориф Гулханӣ, ки аз зиёиёни пешқадами замонааш буд, вайро ба мактаби усули нав барои таҳсил гузошт.

Бачаи зеҳнаш тез аз иштирокчиёни фаъоли дигаргуншавиҳои иқтисодӣ ва инқилоби маънавӣ гардид.

Олимҷон аз аввалин маорифчиёне мебошад, ки дар Самарқанд пойдевори маорифи халқро бунёд кардаанд.

Олимҷони муштоқи илм соли 1932 ба факултаи химия-биологияи ӮзДУ дохил гардида, онро бомуваффақият хатм кард. Вай ба сифати муаллим-маорифчӣ дорои хислатҳои аҷоибе буд. Ҳамеша аз болои худ кор карда, бо забонҳои тоҷикиву ӯзбекӣ машқи шеър менамуд. Дар ашъори ӯ оҳангҳои ишқу муҳаббати поки самимонаи инсонӣ садо медоданд, эҳсоси ватанпарварӣ, дӯстии халқҳо баръало ҳис мешуданд. Ғазалҳояш дили мухлисонро шод мегардонд. Онҳо ашъори пири барнодил – Олимҷон Орифиро имрӯз аз китобҳои «Меҳрнома», «Шукрона» ва «Хайру-л-калом»-и ӯ бо муҳаббат мутолиа менамоянд.

«Муаллими хизматнишондодаи Республикаи Ӯзбекистон», «Аълочии маорифи халқ» Олимҷон Орифӣ соли 1988 дар синни 76-солагӣ аз олам чашм пӯшид.

ФАРДОИ ТУ

Дидаро чун дӯхтам бар дидаи шаҳлои ту,
Мардумак шуд дидаамро дидаи зебои ту.
Ҳар куҷо чун бингарам, пеши назар бинам туро,
Чун ки ҷойи дидаву дил гашт, ёро, ҷойи ту.
Сар наземонам ба пойи ҳеч кас дар зиндагӣ,
Орзу дорам, ки боре сар ниҳам бар пойи ту.
Ман хати бахту саодатро навиштам бехато,
Лек курбе ку, агар набвад варо имзои ту?
Гар шамоле мевазад сӯят, дилам гардад пареш,
Ман парешон мешавам, аммо куҷо парвои ту?!
Орифӣ дар ишқи ту ориф бишуд, эй нозанин,
Мекунад донотар ӯро мактаби фардои ту.

СУХАНДОН ХОНАМАТ

То бувад ҷон дар бадан, равшангари ҷон хонамат,
Қимати умрам чӣ бошад, беҳтар аз он хонамат.
Ханда умри одамиро мекунад тӯлонитар,
Махзани шавқу суруру умр, хандон хонамат.

Ман намеҷӯям дурахше аз зару сим, эй парӣ,
Давлату дунёи худ бо ту дурахшон хонамат.
Орифӣ, дар илму ирфон мӯшикофӣ мекунӣ,
Пеши зулфи ӯ туро мӯе парешон хонамат.

БИЁ

Марсияи Олимҷон Орифӣ ба муносибати фавти ногаҳонии ҳамсараш Муҳтарамамоҳ духтари Наими Кулол

Чашми ман дар роҳи ту чор аст, эй ёрам, биё,
Боғи дил бебор шуд, як бор, эй борам, биё!
Бахт ҳам ёрам шавад, ёри мададгорам шавад,
Бе ту мондам дар назарҳо, ҷӯши бозорам, биё!
Бе ту ман чун тори танҳо аз навоям бенасиб,
Ҷӯр шав бори дигар, эй тори гуфторам, биё!
Офарин бар таснифат, соҳибкамолӣ, Муҳтарам,
Зикри ту вирди забон, бар фазлат иқрорам, биё!
Чорсӯйи ин ҷаҳон дар чашми ман ғунҷидааст,
Ихтиёр, аз чор сӯ бар дидаи чорам биё!
Корае бе ту насозад кори ман дар коргоҳ,
Бар сари ҳар кори ман, эй равнақи корам, биё!
Ишқи ту умре шиори зиндагонии ман аст,
Хомаам хомӯш бе ту, пайки ашъорам, биё!
Ман нахоҳам зиндагӣ бе ту, аё эй ҷони ман,
Дилбари дилбанди ман, маҳбубу дилдорам, биё!
Орифӣ, ғамро харидоре надорам дар ҷаҳон,
Ғамгусорам, гар ғаме дорӣ, харидорам, биё!

ДИДАМУ ОШИҚ ШУДАМ

Дидаму ошиқ шудам бар чашми шаҳлои Шумо,
Мушкил аст дил канданам аз ҳусни зебои Шумо.
Бар Сурайё Муштарӣ гуфт: бар Шумо ман бандаам,
Торикӣ равшан шуд аз рӯйи дилорои Шумо.
Месазад гӯям Шуморо сарвари ҳусни ҷаҳон,
Шубҳа нест, хонам агар маҳпора ҳамтои Шумо.
Ғунчалабро во кунед, ҷавҳар намоён мешавад,
Партави дурру гуҳар лаъли шакархои Шумо.
Аз гули рухсоратон хушбӯйтар шуд ин чаман,
Равнақи боғу чаман аз қадди раънои Шумо.
Илтифот бо ман намоед, бо Шумо улфат шавам,
Кулба аз гулдаста созам бар қадамҳои Шумо.
Бо суруди хушнаво кардед шайдотон маро,
Омад илҳомам ба ҷӯш аз савту овои Шумо.

Дӯстӣ, меҳнакаринӣ, хушзабонӣ зинат аст,
Дидаам ин ҷумла ман дар феъли аълои Шумо.
Мисли дарё ишқи поки Орифӣ маввоҷ шуд,
Ҷогузин дар мағзи дил шуд он суханҳои Шумо.

ДАР САМАРҚАНД АСТ...

(Илҳом аз мухаммаси Мирзо Акрами Фикрии Самарқандӣ)

Нигори чашмшаҳло дар Самарқанд аст,
Лаби чун ғунча зебо дар Самарқанд аст
Биёбонро чаман бинмуд бо азмаш,
Вафодору дилоро дар Самарқанд аст.
Сияҳ холи рухаш зебад ба ҳуснаш хуш,
Камонабрӯи барно дар Самарқанд аст.
Гулистонаш бубинӣ, мешавӣ мадҳуш,
Самои бас мусаффо дар Самарқанд аст.
Ба дасташ бахти худро ёфт фарзандаш,
Бифахрад з-он ба дунё, дар Самарқанд аст.
Чунин дилбар намеёбӣ зи дигар ҷо,
Чу Ширину чу Лайло дар Самарқанд аст.
Парирӯ, Орифӣ, ҳар духтари шаҳрам,
Ки гулрухсору доно дар Самарқанд аст.

БАР САМАРҚАНДАМ БИЁ

Бар Самарқандам биё, сайри гулистон хоҳӣ ту,
Тозагулҳоро нигар, рухсори хандон хоҳӣ ту.
Шаҳр бо гулҳои рангоранг ҳамоғӯш шуд,
Пеши гул биншин, суруди мурғи хушхон хоҳӣ ту.
Мебарад ҳар сӯй бӯи мушкро боди сабо,
Мон қадам бар боғ, роҳат аз баҳорон хоҳӣ ту.
Меваҳои навдарахти боғшаҳри мо чу қанд,
Себу анҷираш бичин, гар шаккаристон хоҳӣ ту.
Об мебошад равон аз чашмасори нукрагин,
Нӯши ҷон бинмой обаш, роҳати ҷон хоҳӣ ту.
Шаҳри мо, ки макони фарҳангу дониш гаштааст,
Рав ба донишгоҳу мактаб, илму ирфон хоҳӣ ту.
Орифӣ гӯяд: - Биё бар Сайқали рӯи замин,
Бишнав аз ман дар сифоти шаҳр достон хоҳӣ ту.

ОРЗУ ШОДӢ



Орзу Шодӣ (Орзуқул Шодиев) соли 1951 дар деҳаи Дардари ноҳияи Айнии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дунё омадааст.

Баъди хатми мактаби миёна Донишкадаи санъати шаҳри Душанберо бо ихтисоси китобдор тамом кардааст.

Аз солҳои 80-уми асри гузашта то имрӯз намунаҳои ашъору ҳикояҳои ӯ дар маҷаллаву рӯзномаҳо чоп мешаванд. Маҷмӯаи аввалини ашъораш бо номи «Фарёди дил» ва повесту ҳикояҳои илмӣ-фантастикиаш бо унвони «Исёни роботҳо» ба дасти хонандагон расидаанд.

Ӯ шахси санъатдӯсту санъаткор буда, муассиси ансамбли оилавии «Шодиевҳо» ва роҳбари гурӯҳи «Иттифоқи адибони ҷавон» мебошад.

То имрӯз Орзу Шодӣ муаллифи чандин маҷмӯаи назму наср аст, ки «Насими Дардар», «Хуршеди нурафшони мо» ва «Аҷаб дунёст, ин дунё» аз он қабиланд.

Маҷмӯаи даҳуми шоир «Гиряи бесадо» соли равон бо тариқи нашриёти «Истеъдод» аз чоп баромад.

ШЕЪРИ МАН

Шеъри ман ин нури чашмони ман аст,
Нангу номус, ақлу виҷдони ман аст.
Шеъри ман рози дили пурдарди ман,
Ҳам шарори оҳи сӯзони ман аст.
Шеъри ман ишқи сафою беғараз,
Ҷилваҳои шоҳи хубони ман аст.
Шеъри ман ин ашки талхи ошиқон,
Гиряҳои дӯстдорони ман аст.
Шеъри ман ҳоли ятиму бенаво,
Нолаи қалби пурармони ман аст.
Шеъри ман ашки ғарибони ғамин,
Дарди онҳо дар дилу ҷони ман аст.
Шеъри ман ин хоҳари аз шӯ ҷудо,
Модарони бесаробони ман аст.
Шеъри ман ин гармии меҳри падар,
Ҳам дуои модари ҷони ман аст.
Шеъри ман ин ростӣ, дарёдилист,
Дӯстиву аҳду паймони ман аст.
Шеъри ман ин давлати ман, сарватам,
Обрӯю шавкату шони ман аст.
Шеъри ман ин саҷдаҳо сӯйи Худо,
Мазҳаби ман, дину имони ман аст.
Орзуро сӯхт дарди миллаташ,
Шеъри ман ин Тоҷикистони ман аст.

АҶАБ ДУНЁСТ ИН ДУНЁ

Яке бечораву танҳо,
Яке лабташна дар саҳро,
Яке бедарду бепарво,
Аҷаб дунёст ин дунё!

Яке чун моҳие дар шаст,
Яке бепул, яке пулмаст,
Яке бепо, яке бедаст,
Аҷаб дунёст ин дунё!

Яке бо лаъли хандон аст,
Яке бо чашми гирён аст,
Яке бо ҷони ларзон аст,
Аҷаб дунёст ин дунё!

Яке ёри вафодор аст,
Яке бераҳму ҷаббор аст,
Яке муштоқи дидор аст,
Аҷаб дунёст ин дунё!

Яке аз одамӣ дур аст,
Зи сарват масту махмур аст,
Ба фикраш аз Худо зӯр аст,
Аҷаб дунёст ин дунё!

Яке дар қайди зиндон аст,
Зи аъмолаш пушаймон аст,
Дилаш лабрези армон аст,
Аҷаб дунёст ин дунё!

Яке фарзандбезор аст,
Яке бар нохунаш зор аст,
Ба ёди тифл бемор аст,
Аҷаб дунёст ин дунё!

Яке дур аз ватан бошад,
Чу гул дур аз чаман бошад,
Чу рӯҳи бебадан бошад,
Аҷаб дунёст ин дунё!

Яке дар кӯдакӣ мирад,
Яке аз гушнагӣ мирад,

Зи ҷабри зиндагӣ мирад,
Аҷаб дунёст ин дунё!

Яке бедину имон аст,
Ғуломи хоси шайтон аст,
Пайи озори инсон аст,
Аҷаб дунёст ин дунё!

Яке аз ишқ девона,
Миёни мардум афсона,
Яке бекӯю бехона,
Аҷаб дунёст ин дунё!

Яке уммеди зан дорад,
Яке фикри кафан дорад,
Яке ёди ватан дорад,
Аҷаб дунёст ин дунё!

Ба уммед Орзу бар даст
Қалам бигрифт, он бишкаст,
Ҳаёти мо ҳамин будаст,
Аҷаб дунёст ин дунё!

ТАРС АЗ ҒАЗАБИ АЛЛОҲ

Гар Одаму Ҳаввоӣ,
Гар муфтиву мавлоӣ,
Гар Бӯалӣ Синоӣ,
Тарс аз ғазаби Аллоҳ!

Гар Юсуфи Канъонӣ,
Довуду Сулаймонӣ,
Гар соҳиби милёнӣ,
Тарс аз ғазаби Аллоҳ!

Гар ёри малак бошӣ,
Маскуни фалак бошӣ,
Доно чу Самак бошӣ,
Тарс аз ғазаби Аллоҳ!

Гар хушқаду барноӣ,
Боҳусну дилороӣ,
Гар булбули гӯёӣ,
Тарс аз ғазаби Аллоҳ!

Гар олиму доноӣ,
Дар қалби ҳама ҷоӣ,
Гар зоҳиду муллоӣ,
Тарс аз ғазаби Аллоҳ!

Гар мастию расвоӣ,
Гар ошиқи шайдоӣ,
Гар меҳвари дунёӣ,
Тарс аз ғазаби Аллоҳ!

Гар масти пулу зӯрӣ,
Дар гандагӣ машҳурӣ,
Аммо зи Худо дурӣ,
Тарс аз ғазаби Аллоҳ!

Гар хаставу дилхунӣ,
Дар ишқ чу Маҷнунӣ,
Доранда чу Қорунӣ,
Тарс аз ғазаби Аллоҳ!


Эй одами бадгуфтор,
Эй одами бадкирдор,
Эй одами дилозор,
Тарс аз ғазаби Аллоҳ!

Орзу, ту, ки медонӣ,
Дар ғамкада меҳмонӣ,
Бо ин дили ларзонӣ,
Тарс аз ғазаби Аллоҳ!

ЭЙ ГУЛ

Биё, боре ту имдодам кун, эй гул,
Халос аз дасти бедодам кун, эй гул.
Ба як дашном бунёдам бисӯхтӣ,
Ба як бӯса ту бунёдам кун, эй гул!

ОРИФ ГУЛХАНИИ САМАРҚАНДӢ



Ориф Гулхании Самарқандӣ соли 1879 дар маҳаллаи Хӯҷақишлоқи шаҳри Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба дунё омадааст.

Орифҷони дар панҷсолагӣ аз падар ятиммондаро модараш Мақсадмоҳ ва амакаш Маҳмудҷон тарбия мекунанд. Баъд аз хатми мактаби ибтидоӣ ӯ ба мадрасаҳои Улуғбек, Шердор, Орифҷонбой ва баъдтар дар мадараси «Мири Араб»-и шаҳри Бухоро таҳсил кард.

Ориф аз ҷавонӣ дар маҳфили адабии Самарқанд бо сарварии шоири маъруфи шаҳр – Васлӣ ширкат варзида, чун шоири болаёқат шинохта шудааст.

Шоир дар солҳои поёни умраш афсонаи воқеии «Қиссаи Волга-Дон», достонҳои «Алишер Навоӣ» ва «Канали туркман»-ро офарид.

Маҷмӯаҳои ашъораш бо унвонҳои «Давру даврон биздики» (1980), «Ширу шакар» (1991), «Хайру-л-калом» (1997), «Шоҳмисралар» (1998) ва «Нодири даврон» (2000) ба табъ расидаанд.

Шоири морифпарвар Ориф Гулхании Самарқандӣ соли 1955 дар синни 76-солагӣ вафот кардааст.

АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Бар сари болини ин хаставу бемор биё,
Интизорам, санамо, пеши мани зор, биё.
Аз раҳи меҳру муҳаббат биниҳӣ пой агар,
Ваҳ, чӣ хуш омаданат, холӣ зи ағёр биё.
Майли ташрифу қудумат набувад дар хона,
Гоҳ дар кӯча, гаҳе дар сари бозор биё.
Гар хиромӣ ба ҳарими ҳарамам сарв барин,
Ҳамчу кабки дарӣ аз ҷониби кӯҳсор биё.
Кардӣ равшан ба ҷамолат шаби торики рақиб,
Рӯзи ман гашт чу шом тира, ба зинҳор биё.
Нӯшдоруи маризам бувадо шаҳди лабат,
Нест дигар зи даво чора, ду-се-чор биё.
Кард селоби ғамат кулбаи обод хароб,
Аз сари нав пайи таъмир чу меъмор биё.
Додӣ озор ту бо шайтанати ағёрон,
Дигар ин кор макун, кӯш, маёзор, биё.
Борҳо Гулханиро сӯхтиву санҷидӣ,
Нест ҷуз хоки раҳат роҳ туро, ёр, биё.

* * *

Маризи ишқро ғайр аз висоли ёр дармон нест,
Валекин лоиқи ин маҳрами ҷон будан осон нест.
Вазад боди муаттар ҳар гаҳе, шодона мегуфтам:
«Ки ин сон анбарафшонӣ ба ҷуз зулфи парешон нест».
Бувад монанди шаб рӯзи дили берӯзиям ҳар рӯз,
Агарчи меҳр рахшон аст, дилро рӯзи рахшон нест.
Зи ёқути лабат қуте ба коми хеш бигзорад,
Ба лаъли обдорат нисбати лаъли Бадахшон нест.
Сари худро сазад монам ба пойандозии дилбар,
Зи бас дар маснади ушшоқ ғайр аз ёр меҳмон нест.
Басо касҳо зи тири новакаш бар хок афтода,
Варо як зарра парвое зи хуни бегуноҳон нест.
Агарчи Гулханӣ хорам, макун ор аз ман, эй гулрӯ,
Гули бехор чунки дар бари ҳеч як гулистон нест.

* * *

Дар ғарибӣ нола кардам, ҳеч кас ёдам накард,
Дар қафас ҷон додаму сайёд озодам накард.
Будам андар кунҷи узлат ҳамнишини дарду ғам,
Нолаҳо кардам чу най, ёде зи фарёдам накард.
Солҳое масканам буд чордевори куҳан,
Чордевори маро хиште фиканда зам накард.
Аз ғурури ҷоҳу сарват, бингар, он бедодгар
Ширинсо илтифоте сӯйи Фарҳодам накард.
Чашми зорамро накандам аз раҳи хайру сахо,
Ин чӣ бераҳмӣ, ғаминам диду имдодам накард.
Гарчи худ аз шоирони содиқулқавлам, чӣ суд?
Як назар бар ҷодаи ашъору эҷодам накард.
Он қадар ғирбол мезад мағзи гуфтори маро,
Офарин бар эътидоли таъби муътодам накард.
Сӯхтам дар бӯтаи нори таҳассур дам ба дам,
Сурати ин сӯхтан тасвир Беҳзодам накард.
Гулханӣ, гарчанд будам з-аҳли донишу вале
Тирақалбу хирасар афсӯс, иршодам накард.

* * *

То ба кай, эй бевафо, бар ман намесозӣ назар?
З-аввали шаб бо рақибон бода нӯшӣ то саҳар.
Муддати васлу нишоту мекашам бори ғамат,
Раҳм кун бар ҳоли зорам, эй малаксимо башар.
Ту ки дорӣ пайкари нозуктаре аз барги гул,
Ҳар ду рухсорат бувад равшантар аз шамсу қамар.
Талхкомам, аз лаби ширин маро хушком кун,
Ҷамъ дар лаъли лабонат лаззати шаҳду шакар.
Мекунам, ёро, насиҳат аз камоли дӯстӣ,
То тавонӣ дар ҳаёт андӯз аз фазлу ҳунар.

З-он ки ин ҳусну малоҳатро расад рӯзе завол,
Андар ин ҳолат бувад донишварият коргар.
Нармрафторӣ куну ҷабру ҷафоро вогузор,
Гар бихоҳӣ гардӣ андар зиндагонӣ муътабар.
Қадди ман гарчи дуто, ёд оварам ин як дуо,
Доимо бошӣ амон, орӣ зи ҳар як шӯру шар.
Гулханиро кардӣ маҳрум аз висолат, илтимос,
Баъди мурдан гоҳ-гоҳе аз сари қабрам гузар.

* * *

Он дам, ки аз қатъи адам дар олами имкон шудам,
Саъйе намудам дам ба дам, аз зумраи инсон шудам.
Дар мактаби илму адам рафтам ба таҳсили улум,
Хондам зи дарси илму фан, худ соҳиби ирфон шудам.
Дорам ба худ ин орзу, як дам нишинам рӯ ба рӯ,
Рози дилам гӯям ба ӯ, мумкин нашуд, ҳайрон шудам.
Ҳаҷраш маро бошад насиб, васлаш ба тақсими рақиб,
Раъяш зи ман шуд мунқалиб, шаб то саҳар нолон шудам.
Аз фурқати он гуласар менӯшам аз хуни ҷигар,
Ҳамчун маризи муҳтазар андар пайи дармон шудам.
Маҷнунсифат дар гуфтугӯ, аз баҳри Лайлӣ ҷустуҷӯ,
Хун мехӯрам ман ҷӯ ба ҷӯ, аз дида хунборон шудам.
Ҷоми майи нобам бидод, бар ман дари айшам кушод,
Аз лутф таклифам намуд, дар кулбааш меҳмон шудам.
Мисли саги омӯхта будам ба кӯяш посбон,
Кардам ҳимоят ончунон, нолоиқи эҳсон шудам.
Баҳри ҳусули муддао сабру ризо бошад даво,
Санҷидаам ман борҳо, пас маҳрами ҷонон шудам.
Дар зери чархи чанбарӣ, дар доми он зебопарӣ,
Афтода акнун, Гулханӣ, бесабру бесомон шудам.

* * *

Эй дило, то метавонӣ маҳрами асрор бош,
Гар шукӯҳ хоҳӣ, шукӯҳи гунбади даввор бош.
Бигзар аз ишқи маҷозӣ, аз ҳақиқӣ Ҳақ бичӯ,
Ҳамчу Мансури аналҳақ ҷонсупори дор бош.
Бо гуноҳи мо мазӣ, аз бими рӯзи растахез,
Ҳар даму ҳар лаҳза гирён, соҳибистиғфор бош.
Ҳар қадар битвонӣ гар қасри дили вайронаро
Соз таъмири мукаммал, яъне худ меъмор бош.
Пош андар мазраи дил тухми зоди охират,
Дар халову дар мало бо зикри истимрор бош.
Сарф кун чун заргаре даврони як-дурӯзаро,
То ки инкорат насозандат, пайи ин кор бош.
То каю то чанд андар роҳи ботил меравӣ?
Як раҳ аз озорҳои кори худ безор бош.

Гар ҳамехоҳӣ, ки нури дидаи олам шавӣ,
Хоки пойи дудмони Хоҷаи Аҳрор бош.
Ришгаи умрат зи тори анкабут нозуктар аст,
Андар ин фурсат муриди муршиди азкор бош.
Ёди Бедил мекунӣ, абёти ӯро пайравӣ,
Гулханӣ, сӯйи адаб гардунсифат иқрор бош:
«Як қадам роҳ аст, Бедил, аз ту то домони хок,
Бар сари мижгон чу ашк истодаӣ, ҳушёр бош!»

ТАЗМИН БАР ҒАЗАЛИ АМИР ХУСРАВИ ДЕҲЛАВӢ

Ҷуз ту, эй гулгунқабо, улфат маро даркор нест,
Кавсари пурзамзаму ҷаннат маро даркор нест.
Неъмати ризвон маҷӯ, неъмат маро даркор нест,
Миннати зоҳид махон, миннат маро даркор нест.

Ҳам машав бар болинам, бархез, эй нодон табиб,
Ҷойи ҳайрат нест ин ҷо, чашм бикшо, эй ҳабиб.
Гаштаам аз васли ёрам рӯзу шабҳо бенасиб,
Ҷон фидо кардам, дигар роҳат маро даркор нест.

Дилбаро, аз кӯйи худ берун бисоз ағёрро,
Аз чу бо худ мебарӣ ин бори нодаркорро?
Бо матои ишқи ман бар ҷӯш ор бозорро,
Гулханӣ, якто бувад, нисбат маро даркор нест.

ОРОСТА НИЁЗ



Ороста Ниёз 4-уми июли соли 1984 дар рустои Дарғи ноҳияи Айнии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дунё омадааст.

Набераи шоир ва муҳаққиқи осори Хайём Шарифи Ниёз аст. Шаҳрванди Тоҷикистон аст ва алҳол дар яке аз кишварҳои хориҷ умр ба сар мебарад.

Ӯ муаллифи китобҳои: «Панҷаи нарми шамол», «Аз сафари гиристанҳо», «Муҳаббат бозмегардад», «Даст бар захми куҳнаам магзор» ва «Дарвозабони ғам» мебошад.

Инчунин ашъораш борҳо тариқи матбуоти даврӣ пешкаши алоқмандони адабиёт шудааст.

МАН ОРИЁИДУХТАРАМ

Ман ориёидухтарам,
Аз ишқ бошад пайкарам.
Лабханд дорам бар лабам,
Ҳарчанд бо чашми тарам.
Ҷонам фидои Меҳанам,
Хоки Ватан тоҷи сарам.
Чун сарв бошад қоматам,
Чун бед бошад хам сарам.
Ошиқтарини ошиқон,
Дар сина дил мепарварам.
Ҳамтои Сӯҳроби ялам,
Гурдофаридам, модарам.
Дар сӯхтан парвонаам,
Дар сохтан болу парам.
Сар то ба по чун оташам,
По то ба сар хокистарам.
Бо номи чун Ороста,
Ман ориёидухтарам.

САФИРИ ИШҚ

Гулшани ҳусни туро ҳар шаб зиёрат мекунам,
Меҳрубониро зи қалби пок бовар мекунам.
Гар умеди дӯстдориҳо набошад қисматам,
Ишқро дар кишвари дилҳо башорат мекунам.
То бубинам чеҳраатро поктар аз барги гул,
Чашмҳоямро ба ашки худ таҳорат мекунам.
Ман сафири ишқаму дар сарзамини Ошиқон,
Бо паёми ошиқӣ кори сафорат мекунам.

Дӯст дорам душмани худро, мақомамро бубин,
То нафармоӣ маро, кори шарорат мекунам.
Ҳар чӣ дорам, ё надорам ройгони меҳанам,
То напиндоранд даллолон, тиҷорат мекунам.
Духтари тоҷикаму аҳли дилу аҳли қалам,
Сад сухан Ороста бо як иборат мекунам.

ҲАЛОЛАТ БОД

Агар монанди ман дилдодае ёбӣ, ҳалолат бод!
Ба роҳи ошиқӣ афтодае ёбӣ, ҳалолат бод!
Ба роҳи ишқи покат бехабар афтодаам, эй ҷон,
Агар сармасту ҳам бебодае ёбӣ, ҳалолат бод!
Ба бозори муҳаббат, эй басо Лайливу Ширин аст,
Чу ман арзандаи ин ҷодае ёбӣ, ҳалолат бод!
Ман аз по мондаву ҳайрони ин роҳи дарози умр,
Дар ин раҳ мисли ман гар содае ёбӣ, ҳалолат бод!
Тапидам дар канорат аз ҷунуни ишқи оламсӯз,
Ба мислам дилбари Оростае ёбӣ, ҳалолат бод!

ШАРМ АЗ ХУДО КУНЕД

Гунҷишки бастаам
Танҳо нишастаам,
Бо чашми интизор,
Бо қалби бас фигор,
Фарёд мезанам,
К-аз банд, банди дард,
Поям раҳо кунед,
Шарм аз Худо кунед.

Наззора сӯйи дар,
Бо зора мекунам,
Пироҳани ғурур,
Сад пора мекунам,
К-аз банд, банди дард,
Поям раҳо кунед,
Шарм аз Худо кунед.

Бо ашки шашқатор,
Беҳолу бемадор,
Сар руйи шонаам,
Гумгашта лонаам,
Фарёд мезанам,
К-аз банд, банди дард,
Поям раҳо кунед,
Шарм аз Худо кунед.

ЗАБОН ДОРАМ

Агарчи ман забон дорам,
Забони худ ниҳон дорам.
Намефаҳмад касе ҳолам,
Дар оғӯшам ҷаҳон дорам.
Ман аз рӯди Зарафшонам,
Дурахши ҷовидон дорам.
Набинедам чунин хомӯш,
Даруни дил фиғон дорам.
Камарбанди қалам дорам,
Дирафши Ковиён дорам!

МЕОЯД

Танам дар кӯраи дарду алам ҷӯшида меояд,
Дилам дар ҳаҷри Юсуф дарду ғам пӯшида меояд.
Магар рӯзи хуше дар қисмати ман нест арзонӣ?
Ки аз рӯзи мисоқи худ алам нӯшида меояд.
Ба навмедӣ набидҳам тан, ки шояд бахт боз ояд,
Дилам дар роҳи қисмат рӯзу шаб кӯшида меояд.

СОДААМ


Ман дар ин гардуни пурғам хушниҳоду содаам,
Дил ба пои ҷумла ёру ошно бинҳодаам.
Дар муҳаббат устуворам, дар садоқат бурдбор,
Ҷону дилро аз ҳама бар ҷону дил бикшодаам.

Ганҷи дунёӣ наҷустам, меҳри ёрон хостам,
Олами дилро ба ганҷи меҳрашон перостам.
Ҳар замоне мегурезам аз хаёли нохушам,
Ман, ки худ Оростаам, кохе зи нур оростам.

МОДАР

Модар, биёву бесарусомониям бубин,
Дар сарзамини ғайр парешониям бубин.
Дар зери осмони сафобахши нилгун
Абри нигоҳу дидаи борониям бубин.
Саҳрои синаам ҳама ҷо ҳасрати баҳор,
Дар боми чеҳра барфи зимистониям бубин.

ПАЙМОН ШЕРМАТЗОДА



Паймон Шерматзода 12-уми августи соли 1980 дар деҳаи Дардари ноҳияи Айнии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дунё омадааст.

Паймон дар синни панҷсолагӣ хондану навиштанро аз волидонаш омӯхта, дар синни ҳаштсолагӣ ба сароидани шеър пардохтааст. Ӯ пас аз хатми Литсей-интернати Президентии шаҳри Душанбе ба Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат дохил шуда, курси аввали онро ба охир расонидааст.

Паймон Шерматзода 24-уми октябри соли 1998 дар синни 18-солагӣ вафот карда, дар оромгоҳи маҳаллаи Зарафшони шаҳри Душанбе мадфун шудааст.

Осори Паймон бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ эҷод шудаанд.

ДИЛ

Дили ман ташнаи сулҳу амонист,
Дили ман бандаи ишқу ҷавонист.
Дили ман пайрави илму ҷавонист,
Дили ман ошиқи савти чағонист.

Ҳамон ашкам – нишони ҳасрати дил,
Ҳамон меҳрам – шукӯҳу шуҳрати дил.
Ҳамон табъам – зи шону шавкати дил,
Ҳамон сӯзам – зи нури талъати дил.

Маро дил ҳамчу шоир нуктадон аст,
Маро дил ҳамчу ҳофиз нағмахон аст.
Маро дил чун фазои бекарон аст,
Маро дил чун дурахши ахтарон аст.

ТОҶИКОН

Ворисе аз тоҷиконам, ифтихорамро бидон,
Шуълае аз меҳри Сомонам, ҷаҳонамро бихон.
Ҷумлае аз бандагони ину он аҳли башар,
Тоҷиконро зинати нав деҳу барқи шуълавар.
Оламафрӯз аст тоҷик дар миёни миллатон,
Таърихи шоиста дорад дар ҳама давру замон.
Бӯаливу Рӯдакиву Айниро тавлид кард,
Номи неки хешро сарчашмаи уммед кард.
Тоҷиконро Тоҷикистон хонаи уммед ҳаст,
Тоҷиконро Тоҷикистон кишвари хуршед ҳаст.

Давлатат поянда бодо, тоҷики соҳибзафар,
Номи ту рахшанда бодо ҳамчу хуршеди саҳар.
Тоҷики пурифтихорам, ҳастиву ҷонам туӣ,
Рӯйи сурху умри сабзу нури имонам туӣ!.

ДАР-ДАР

Дар миёни кӯҳсорон сарбаланду бовиқор,
Дар лаби рӯди равону дилписанду беғубор.
Дар маконе, ки табиат чун ҳамеша соҳир аст,
Дар дили худ парварад ҳусни ҳазорон навбаҳор.
Деҳи пур аз сеҳру ҷоду арзи ҳастӣ мекунад,
Гаштааст ӯ баҳри ман сарчашмаи сад ифтихор.
Булбулонаш рӯзу шаб оҳанги мастӣ мекунанд,
Шоиронаш шеър мегӯянд мисоли чашмасор.
Ошиқи дилдодааш маъшуқпарастӣ мекунад,
Кӯдаконаш шоду хурсанданд ҳамчун обшор.
Офтоб аз чарх бар эшон фишонад нури хеш,
Деҳқонаш парварад дар домани худ навбаҳор.
Қуллаи кӯҳ аз сари фарзанди ӯ пастӣ кунад,
Мӯсафедонаш ҷаҳони панди неки рӯзгор.
Ҷони ман бодо фидои номи Дар-дар, дӯстон,
Ман канорашро ҳамехоҳам, канорашро, канор.

ИШҚ

Ишқи ту илҳоми ҷаннат дораду бӯйи баҳор,
Рӯйи моҳтобии сӯзони туро ман интизор.
Атри гесӯят ба олам медиҳад пайғоми дил,
Бандаро ҳам бӯйи зулфат карда беҳад беқарор.
Дар шаби ҳичрон ба хобам ҳамчу як моҳпорае
Гаштӣ ворид бо ҳазору як карашма, эй нигор.
Аз нигоҳат об мегардад чӣ пӯлоду чӣ санг,
Дар барат осудаҳолам мисли булбул дар баҳор.
То дари рӯзи қиёмат мекунам ёди даме,
К-ӯ дар ин кошонаи осуда кардам дилфигор.
Ҳусни ту мулки диламро бо яке савдо гирифт,
Нест марде, то ки бошад пеши ҳуснат устувор.
Як назар кун ҷониби Паймону бо чашмат бубин,
К-ӯ чӣ сон дар роҳи ҳичрони ту бемор асту хор.

ЧОРПОРАҲО

Замину осмонро бар ту бахшам,
Амони ду ҷаҳонро бар ту бахшам.
Агар як дам ба ман дамсоз бошӣ,
Тамоми ҷисму ҷонро бар ту бахшам.

Эй моҳ, биё, ки бе ту шаб даргузар аст,
Моро зи нидои розу нозат хабар аст.
Имшаб ману ҷоми бодаву мусиқӣ,
Биштоб, ки роҳи шаб ба сӯйи саҳар аст.

Ман карда будам зиёрати Хоҷа Кушод,
Хондам ду-се сураву додам барбод.
Эй боди гузар, ба ёр додам бирасон,
К-аз Савли ҷудоӣ аст озурда Фуод.

Оббандӣ равам сар-сари ҷӯйи Ангор,
Маъшуқаи моро нозу нузаш бисёр.
Гуфтам: «Як бӯса зи лабонат чун аст?»
Гуфто, ки: «Чу ту ошиқи лаббӯса ҳазор».

Баҳорон марҳами ошиқ буду ҳаст,
Баҳорон ҳамдами лоиқ буду ҳаст.
Баҳоро, шуд зи ту олам гулистон,
Ки Паймонат туро содиқ буду ҳаст.

КИТОБ

Ғамгусору ҳамдамам ту,
Ҷони ман андар танам ту.
Мазраи илму адаб, ҳам
Нури имонафканам ту.

Ҳодисоти кимиёро,
Таърихи хоку фазоро.
Боз омӯхтам ман аз ту
Саргузашти анбиёро.

Ҷониби сайёраҳо ман,
Дар аҷаб тайёраҳо ман.
Бо ту тасхир менамоям
Ҳам сипеҳру ҳам само ман.

Бо ту ман осудаҳолам,
Бохабар аз ҳар мақолам.
Шеъру байту қитъа гашта
Боиси авҷу камолам.

ДАР-ДАР

Ман меравам ба Дар-дар,
Назди ёру бародар.
Пеши бибиву бобо,
Пеши холаву таго.
Ба боғамон меравам,
Чу оҳу ман медавам.
Пеши гову гӯсола,
Пеши хару бузғола.
Пеши сагчаам Багир
Равон шавам ҳар таътил.
Ҳамдами бобо шавам,
Фарзанди доно шавам.
Ба бибиҷони ҷонам
Доим ёрӣ расонам.
Бо ҷӯраам Сулаймон,
Инчунин бо Раҳматҷон.
Дар дарёчаи Дар-дар,
Дар он оби муаттар.
Мекунем шиноварӣ,
Менамоем пар-парӣ.
Аммо ҳозир моҳи май,
Ағба маҳкам то ба кай?
Азбаски он маҳкам аст,
Дили ман пур аз ғам аст.
Тайёра намепаррад,
Сӯзишвориаш қимат.
Фикр мекард Нуриддинҷон,
Ошуфтаву парешон.
Дилаш, ки Дар-дар мехост,
Деҳи хушманзар мехост.
Мехост кабӯтар бошад,
Бо болу бо пар бошад.
Бе ягон гуфтугузор
Дар Дар-дар гирад қарор.

ПАРИСО



Саодат Алиева мутахаллис ба Парисо соли 1981 дар деҳаи Хаймари ноҳияи Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар оилаи зиёӣ ба дунё омадааст. Пас аз хатми мактаби миёна солҳои 1998-2002 таҳсилро дар бахши суханшиносии Донишгоҳи давлатии Самарқанд идома додааст.

Солҳои зиёд дар мактаби миёнаи (мактаби муаллим Шарифзода) ноҳияи мазкур аз фанни забон ва адабиёти тоҷик барои хонандагон дарс гуфтааст. Модари ду фарзанд аст: Ораш ва Нӯшофарин.

Маҷмӯаи Парисо бо унвони “Марвориди ишқ” соли 2002 дар Самарқанд ба табъ расидааст. Дар маҷмӯаҳои зиёди дастҷамъии форсӣ ва рӯзномаҳои кишвар ашъораш ба табъ расидаанд.

ҶАВҲАРЕ БУДАМ...

Ҷавҳаре будам даруни нурҳои офтоб,
Оташи Зардушт омад аз вуҷуди ман ба тоб,
Зардуҳиштам саҷда овард,
Ӯ нахустин яштҳояшро сароид.
Офаридгорам бифармуд: «Ҷон ҳамешав!»
Ман биовардам ба ҳарфи покаш имон,
Шаҳпаракро даршудам ҷон,
шаҳпаракро хӯрд гунҷишк,
он нафас бо ҷони гунҷишкам бипайвастам
вуҷудам:
ӯ сароид мисли булбул,
рӯи шохи нахли пургул,
он навои андалебӣ ҳарчи гулро кард шайдо,
то даме, ки гашт сайди боз он булбулсадо.
Ҷони боз омехт бо ман,
пас ба нӯки тири сайёде, ки он шаҳбозро зад,
пайкари ман берун омад.
Уфтодам чун ба шаҳри розу нуре
бо суруре
ман паноҳ овардам андар ҷисми шери Шердораш:
ҷон гирифт он нақши беҷон,
аз баландӣ шуд ба поён,
пас ману шери Регистон
ҳар шабе бо амри Яздон
дода подоши амал бар зишту некон

золимонро қир кардем,
гушнагонро сер кардем...
Лек рӯзе тири шайтони палиде
сурати шерам намудӣ пора аз ҳам,
растам аз он ман ба ночор.
Дар мадориси Регистон
менамуд таҳсил яке муллоҷавон,
аз диёри сабзи Рӯдак,
ман ба ҷони ӯ бипайвастам, чу растам.
Ӯ баногаҳ шоире шуд бемисол андар бузургӣ,
рӯҳаш олишону дар шӯҳрат сутурге.
В-аз ҳамон ҷони бузургаш бар ҳама кас,
бар ҳама чиз
зарра-зарра менамуд тақсиму тақдим.
Он замонҳо дар Регистон хок ҷон дошт,
санг ҷон дошт,
ҳар дарахту току гулбутта забон дошт,
ҳам парастуҳо,
ки дар тоқи мадорис лона монданд,
бо навои андалебон шеър хонданд...
Ман сухан будам аз аввал – ҳарфи Яздон,
бо як амри поки Аллоҳ даршудам ҷон.
Лек акнун шеъри нобам,
эй ҳарифи рафта хобам,
аз барам кун, ту маро нӯш,
ту маро бинюш, ки бахшам обу тоби нав ба ҷонат,
дардиҳам сеҳри суханро бар забонат,
мӯъҷизи пайғамбариро нақш созам бар равонат!

БА АКАДЕМИК МУҲАММАДҶОН ШАКУРИИ БУХОРОӢ

Дил аз душман ҳаросон аст ин ҷо,
Сухан гӯям, забону ҷон бисӯзад,
Ки дарди мо фаровон аст ин ҷо,
«Азизи ман, Хуросон аст ин ҷо!»,
Даригӯӣ на осон аст ин ҷо.

Бигӯ, эй дӯст,
Хуросон бе Самарқанду Бухоро чист?!
Ту гӯӣ дар миёнгоҳи Самарқандам Регистон нест;
Бухорои шариф аз марқади Сомониён орист
Ва аз кошонаи фарҳанги нотакрор
бидуни Рӯдакиву Донишу Сино
ва Айниву Шакурӣ ҳамчунон холист...

Ало, Аллоҳ!
Ало, Аллоҳ!
Хуросонхорагӣ то кай,
Ки пои ин балои бад
ба кӯи пургубори кӯчаи андешаи миллат
гузорад пай?!!!
Ва дар ҳар сафҳаи сабзи дарӣ бошад малах ҳоким,
ки аз гунчишки танҳое надорад бим.
Ва андар тарфи Ҷӯи Мӯлиён не сабзаеву не гулу
барге,
Ки ёд аз Рӯдакӣ орад,
Ва бӯи шеърҳои Рӯдакӣ дорад.

Ва фарҷоми бади он маъбади оташ,
Ки қабри Оли Сомон буд,
кунун як хонаи рақс аст – рақси дуд.
Ва танҳо чашми дил бинад,
Ки дасте чанд берун мондааст аз он,
ба садҳо нолаву афғон,
ба садҳо шевану армон...
Ва ҷои ҳезуму ангишт
ҳамесӯзад дарунаш устухони шоҳ Исмоил
ба ёди захмҳои синаи Эрон...

Ман аммо шукр мегӯям,
Ки ҳар боде
Алифи шаҳманорони Бухороро
Чу «нун» нашкаст,
Ва он Ҳавзи Калоне дар Бухоро
То кунун як ҳавзи пурсир аст
Ва ашки талхи пайғомоварони шеъру
фарҳанги хуросонист.

Ва як шахтути пир он ҷо
Ҳамеша бонии ин Ҳавзро аз қарнҳои дур
Ба дӯши хастааш дорад
Ва то як решааш дар об,
уммеди самар з-ӯ ҳаст,
ва ӯ ҳар навбаҳори порсигӯён
самар бо шираи қанди дарӣ борад.
Ва меорад ба ёдаш гуфтаҳои Мавлавӣ ҳар бор:
« - Бухоро манбаи дониш бувад, бешак !»
Ва ӯ ҳар бор мебинад

хазони қалби устоди даригӯён – Шакуриро,
ки садҳо бор мемирад,
самандарвор аз нав мешавад эҳё
даруни шуълаи оташ,
ки милюнҳо китоби бебаҳоро дам кашад
чун аждаҳо беист.
Шакурии Бухоро̄ ҳамепурсад:
- Ҳама ин сӯхтанҳо чист?!
Худовандо!
Магар ин оташи фарҷоми миллат нест?!...

Ва ӯ аз хоки фарҳанги Хуросон ҷустуҷӯ дорад
давои дардҳои миллаташ то ҳол:
ҷавонмардиву фарри ориёиро
ва ганҷи ифтихор аз миллату аз хеш...

Ва тути пир медонад:
Бухоро то даме андар дили ҳар хонаву бозор
забони порсиро зинда медорад,
Шакурии Бухоро̄ намемирад.
Шакурӣ ҳамчунон дар ҷонамози сафҳаи бозе
ба сӯи қиблаи фарҳанги Эронвич
намози зиндагӣ хонад...

ГЕЛОСИ МЕҲРАФРӮЗ

Ёдҳое мекунад бедор дар дил бо таманно баргмӯи сабзи гелос.
Мефишонад ёди овои дилат, эй ошиқи ман, набзи гелос.

Менишонам дастҳоямро ба рӯи шонаҳояш нарму бо ноз.
Бар мани сӯзанда аз шавқи висол оғӯши худро мекунад боз.

Суст мелағжад ба рӯи пайкари хамбидақаддаш пайкари ман.
Бо утуфат мегузорад дасти пургул бар сари ман.

Меҳрубониҳои ӯро нӯш созам, баски хело меҳр хоҳам.
Ҳам зи дастони пурэъчози ту муште сеҳр хоҳам.


Оҳ, то кай меҳрубонӣ мекунад гелос бо ман, то кай, охир?!
То кай охир менигорӣ суратам пинҳон зи кунҷе, ай мусаввир?!

Ман ба ту, гелос бар ман дил бидода, чашм бикшо.
Ғунчахандаш аз биҳишти адн баҳрам дар кушода, ваҳ, чӣ зебо!

Эй тароватзоди ишқам, кош бошӣ ҷои гелос.
В-аз баҳори орзу гулдаста орӣ дастае ёс.

Ташнаи ту, боз ову аз сириштам нӯш бинмо меҳрубонӣ.
То ба рӯи шонаи гелос на, бар дасти ту алвонҷ хӯрам ҷовидонӣ.

РАВШАНИ ҲАМРОҲ



Равшани Ҳамроҳ (Ҳамроев Равшанқул Замонович) 18 сентябри соли 1960 дар деҳаи Вашани ноҳияи Айнии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Панҷакент (с.1980) ва факултаи таъриху филологияи Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Ленинобод (ҳоло Донишгоҳи давлатии Хуҷанд)-ро соли1984 хатм намудааст. Аз соли 1984 то соли 1989 дар мактаби миёнаи рақами 35-и ноҳияи Ёвон ба ҳайси омӯзгор ва то соли 1992 дар шӯъбаи маорифи ҳамин ноҳия дар вазифаи мушовир кор кардааст. Ду сол дар мактаби миёнаи зодгоҳаш муаллим буд. Аз соли 1994 то имрӯз дар коллеҷи омӯзгории шаҳри Панҷакент дарс мегӯяд. Оиладор, падари шаш фарзанд.

Намунаҳои эҷодиёташ дар рӯзномаву маҷаллаҳо ва зиёда аз бист маҷмӯаҳои дастаҷамъӣ ба табъ расидааст. Нахустин маҷмӯаи шеърҳояш таҳти унвони «Гарди ситора» соли 1990 дар нашриёти «Адиб» аз чоп баромадааст. То айни замон маҷмӯаҳои ашъораш таҳти унвони «Гули абр» (1997), «Андешаҳо аз решаҳо» (1999), «Таронаҳо ба хонаҳо» (2001), «Забони чашм» (2003), «Тафсири фиғони мурғ» (2004), «Оҳанги бедорӣ» (2006), «Ташнаи дидор» (2007), «Саду як ғазал» (2009) ва «Солнома» (2011), «Дарахти оҳ» (2013) ва «Аз чароғи хона то шамъи мазор» (2016) ба нашр расида. Равшани Ҳамроҳ инчунин, муаллифи маҷмӯаи ҳаҷвии «Витамини ханда» (1999), рисолаҳои «Саргузашти Ҳазрати Муҳаммад(с)» (2009), «Қиссаҳо аз рӯзгори Имоми Аъзам» (2010), «Таълимгоҳи бузургон» (2010), «Кони зар ва дарёи пургуҳар» (2010), «Фарзанди қарни ХХ» (2011) ва «Рӯзгори омӯзгор» (2013) буда, бештар аз 50 мақолааш дар матбуоти маҳалливу марказӣ интишор ёфтаанд. Таҳрири беш аз 70 маҷмӯа ба қалами ӯ мансуб буда, соли 2013 «Тазкирату-л-авлиё»-и Шайх Атторро бо хати кириллӣ ба чоп расонидааст. Равшани Ҳамроҳ соли 1989 бо нишони «Аълочии маорифи Тоҷикистон» ва соли 2010 бо ҷоизаи шуъбаи суғдии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ба номи Қутбӣ Киром мушарраф гардидааст.

Аз соли 2000 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон аст.

АЗ ДАФТАРИ ҒАЗАЛ

Дар ин дунё надидам домани поку намозиро,
Раҳо кардам зи каф домони ёрони маҷозиро.
Зи мискинхонаи олам дили ман сард мегардад,
Агар созӣ ту тарк ин шеваи мискиннавозиро.
Зи ашки дидагонат осиёби ишқ гардон кун,
Саратро хам кунӣ, фардо бубинӣ сарфарозиро.
Бирондӣ дар дилам бас ҳукму акнун навбати шодист,
Дигар, эй ғам, ту бар ин қалъа бас кун турктозиро!
Ниёзам мешавад бисёру нозат мешавад саршор,
Набошад интиҳо миқдори нозу бениёзиро.

Ба вазни дарди худ гуфтам ғазал, фардо агар хонанд,
Ба ҳайрат оварад Ватвоту Шамси Қайси Розиро.
Агарчи, Равшано, бозичаам дар панҷаи қисмат,
Зи бозиҳои дунё̆ кардаам хуш ишқбозиро.

* * *

Гардун ба ҳоли музтари ман гиря мекунад,
Абраш мисоли хоҳари ман гиря мекунад.
Аз сар гузашт зиндагиву дил сиёҳ шуд,
Мӯйи сафед дар сари ман гиря мекунад.
Чашмаш ба чашми хираву рӯям фитад агар,
Ойина дар баробари ман гиря мекунад.
Эй ёр, ёри бачагӣ, ҳоло ту дар чӣ ҳол?
Номат миёни дафтари ман гиря мекунад.
Ҳар масхара ба масхара гирад лиқои ман,
Ҳар манзара ба манзари ман гиря мекунад.
Ногаҳ замин барад хабар аз ҳоли зори ман,
Дар зери хок модари ман гиря мекунад.
Оташ гирифт ин дили ҳамчун қаландарам,
Хокистару самандари ман гиря мекунад.

* * *

Бихоҳам бозгашти бачагӣ аз лутфи Раббонӣ,
Шавад модар ҷавонзан бо рухи чун себи хубонӣ.
Падар аз нав ҷавонмарди ҳузарбе гардаду ман ҳам
Равам бар пуштаҳои сабз ҳамроҳаш ба чӯпонӣ.
Мани кӯдак миёни дафтари таърихи ҳамсинфам
Нависам шеърҳои аввалини хеш пинҳонӣ.
Дилам хоҳад, ки он хуршедрӯ бо нозу истиғно
Ба зери чатри худ хонад маро дар рӯзи боронӣ.
Шавам бори дигар устоди навкори ҳамон мактаб,
Пас аз дарсам нишинам ҳамраҳи ёрони хатлонӣ.
Равам бар тӯю суру гаштаку базми рафиқонам,
Бихандам бе ғубори ғусса аз шӯхии ёвонӣ…
Ба ёди он замон ҳар рӯз мемирам, ман, эй Равшан,
Худовандо, нигоҳам дор аз хотирпарешонӣ.

* * *

Ғами бемодарӣ, модар, диҳад бисёр озорам,
Надорам чун туро имрӯз, ман мискину нодорам.
Намеоӣ ба бедорӣ, дарам дигар набикшоӣ,
Дароӣ кош дар хобам, ки ман пазмони дидорам.
Алас кун, то халосӣ ёбам аз дарду ғами дунё̆,
Бидеҳ оби дамам, зеро ки ман имрӯз беморам.
Ба рӯи зарди ман тасбеҳи сурхатро бидеҳ соиш,
Бидеҳ аз барги лабҳои нафиси хеш тӯморам.

Балогардони ман чашми сиёҳат буд, эй модар,
Кушо чашми сиёҳат бар сафедии шаби торам.
Фишорам шуд баланд аз бебарориҳоям, эй модар,
Дуоям кун, ки то гирад барори дигаре корам.
Наям навмед ҳоло ҳам ман аз озарму меҳри ту,
Дар он дунё маро мушкилкушо кун, модари зорам.

* * *

Ҳайфи он ҷавониям, давраи тилоӣ буд,
Давраи тилоиям қисмати самоӣ буд.
Дар сарам саҳар хуршед панҷааш ҳамемолид,
Дар дилам ҳазор уммед, дар лабам рубоӣ буд.
Мурғакон ҳама ҳушёр, чашмаҳо ҳама бедор,
Ҳар гиёҳи ин кӯҳсор баҳри ман шифоӣ буд.
Хизмате, ки мекардам, миннаташ намебурдам,
Кори ман ба ин мардум гӯиё худоӣ буд.
Духтаре, ки ман будам ташнаи нигоҳи ӯ,
Чашми ман ба роҳи ӯ косаи гадоӣ буд.
Ошиқӣ навоям буд, ишқ муттакоям буд,
Дар замин намегаштам, роҳи ман ҳавоӣ буд.
Барги нахли умри ман оқибат тилоӣ шуд,
Сад дареғи он даврам, давраи тилоӣ буд.

* * *

Бебало монед гардам, аз бало дорам ҳазар,
Аз ҷазо безорам ин дам, аз хато дорам ҳазар.
Ҳамчу он марде, ки нашносад ҳумоеро зи бум,
Ин замон аз сояи мурғи ҳумо дорам ҳазар.
Мисли он тифле, ки мор ӯро газида ногаҳон,
Ман кунун аз ресмонҳои ало дорам ҳазар.
Хизмат аз мардум нахоҳам, миннат аз халқ инчунин,
Ҳар ликӯ лоиқ набошад, аз ато дорам ҳазар.
Ошиқиву шоирӣ гарчи азобам медиҳанд,
Ман ба ин ду дарди қотил аз даво дорам ҳазар.

* * *

Шаби танҳоӣ бар болини худ рози ниҳон гӯям,
Саҳар ман хобҳоямро ба дарёи равон гӯям.
Ба ман суду зиён фарқе надорад вақти сармастӣ,
Маро ошиқ мадон, гар қиссаи суду зиён гӯям.
Надорам ошёне дар замин аз баҳри осоиш,
Биёяд хандаат, гар ман ҳадиси ошу нон гӯям.
Гаҳе аз ресмон гӯям сухан аз фарти озодӣ,
Заминӣ ҳастаму гоҳе сухан аз осмон гӯям.
Барои донаи холи лабе, ки кардаам дуздӣ,
Чу мурғи ҳақ ҳама дардам ба ҳалқи хунчакон гӯям.
Зимистон аз баҳорон ҳарф гуфтан одатам гаштаст,
Ба ҳангоми баҳорон ғуссаи фасли хазон гӯям.

Тавонам меравад аз ман, дурӯғе бар забон орам,
Равонам меравад аз тан, чу шеъри норавон гӯям.
Забонат мегазӣ, гӯям агар макри замонамро,
Зи хорӣ гиря хоҳӣ кард, хории забон гӯям.
Гузашт умри азизам, Равшани бедордил, охир
Сари янтоқи пирӣ ояму бар худ азон гӯям.

* * *

Дили ман зор мегиряд аз ин тақдири маҷбурӣ,
Гузашта рӯди хун аз ҳар рагам ҳамчун гули сурӣ.
Дар ин ҷо меҳрро меҳи ҳасад кардаст зиндонӣ,
Диламро мехӯрад гурги ғамат чун дар талобӯрӣ.
Бихоҳам кунҷи узлат бошаду ҷоми майи маънӣ,
Чароғи «Лолаи Тур»- у ману Иқболи Лоҳурӣ.
Равам ё ҳамраҳи сӣ мурғ баҳри дидани Симурғ,
Далели роҳ бошад ин гаҳам Пири Нишопурӣ.
Надидему нафаҳмидем ҳаргиз якдигарро мо,
Ба як ҷо солҳо шишта, ман аз гунгӣ, ту аз кӯрӣ.
Мусаххар гар шавад дунё туро аз зарбаи муштат,
Ба каф аммо наояд домани дил аз раҳи зӯрӣ.
Хабар дорӣ ту аз дуди кабоб, аз дуди дилҳо не,
Чӣ медонӣ, ки дуди чӣ бурун ояд аз ин мӯрӣ.
Ту кардӣ дур роҳи орзуҳои ҷавонмаргам,
Ту кардӣ шӯр обу нони ман, дигар чӣ мешӯрӣ?!
Намондӣ дар бисоти Равшани мо дилкашолие,
Ба ҷои дил ту дорӣ санг андар сина, маъзурӣ.

* * *

Ин даҳр кироӣ не, пас тарки таманно кун,
Бо чашми дилат худро имрӯз тамошо кун.
Як хӯша аз ин ҷо чин, як хӯша аз он ҷо чин,
Чун азми сафар дорӣ, раҳтӯша муҳайё кун.
Дар олами дурӯза фурсат ба маосӣ не,
Як барг халосӣ не, бо марг муросо кун.
То ин ки Зарафшонҳо резанд ба домонат,
Ду дида Самарқанду як сина Бухоро кун.
То ин ки шавад фардо нархат зи ҳама боло,
Бо пасттарин коло худро раву савдо кун.
То домани тар дорӣ, хушк аст туро тоат,
Не ҷониби масҷид рав, не ёди калисо кун.
Ду дида бикун аъмо бар айби касон, аммо
Бар нуқси худат чашмат бикшодаву бино кун.
Равшан, ту дар ин зулмат равшангари дилҳо шав,
Оташ ба дили худ зан, шамъи раҳи дилҳо кун.

РАҲМАТ ЮСУФӢ



Раҳмат Юсуфӣ 20 апрели соли 1957 дар деҳаи Косатароши ноҳияи Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дунё омадааст.

Аз солҳои мактабӣ ба шеъру сухан муҳаббат пайдо кардааст. Гоҳ-гоҳе андешаву афкорашро бо каломи мавзун рӯйи коғаз меоварад. Чанд шеъраш дар рӯзномаҳо чоп шудаанд.

Корманди Корхонаи муштараки «Зарафшон» аст. Раҳмат Юсуфӣ фардест бедордилу ҳаззол, ба кишвару мардум некбинона менигарад.

ИЛОҲО, БАХТ ЁРАМ КУН!

Дар ин дунёи дурӯза, Илоҳо, бахт ёрам кун!
Надорам тоату рӯза, Илоҳо, бахт ёрам кун!
Ба ҳаққи хоку оби худ, Илоҳо, бахт ёрам кун!
Ба ҳаққи ҳар китоби худ, Илоҳо, бахт ёрам кун!
Туӣ мушкилкушои мо, Илоҳо, бахт ёрам кун!
Бубахшо Юсуфиятро, Илоҳо, бахт ёрам кун!

ТОҶИКИСТОН

Сарчашмаи ашъорам,
Диёрам Тоҷикистон!
Боғи ману баҳорам,
Диёрам Тоҷикистон!

Дар оғӯши ту ҳастам
Чун дар оғӯши модар.
Дили ман хонаи меҳр
Аз баҳри ту саросар.

Ман зиндагонӣ дорам
Дар шаҳраки Суғдиён.
Ватан шуморам ба худ
Тамоми Тоҷикистон.

Ту саросар зебоӣ,
Диёрам Тоҷикистон.
Баҳри ман дилрабоӣ,
Баҳорам Тоҷикистон.

Рӯзу шабон камолот
Мехоҳам бемуҳобот.
Сари таъзим ба халқат
Меорам, Тоҷикистон!

СУРУДИ АЛЛА

Фарзанди ҷонам, хоб кун,
Ширинзабонам, хоб кун,
Дардат ба ҷонам, хоб кун,
Ман алла хонам, хоб кун,
Беҳтар зи ҷонам, хоб кун,
Аллаё, алла, алла.

Эй тифлаки ширини ман,
Эй неъмати беҳини ман,
Ҷо дар дилу дар ҷони ман,
Эй гавҳари чашмони ман.
Беҳтар зи ҷонам, хоб кун,
Аллаё, алла, алла.

Хандон бишав, чаққон бишав,
Аз кордон мардон бишав.
Аз силки доноён бишав,
Бодину боимон бишав,
Беҳтар зи ҷонам, хоб кун,
Аллаё, алла, алла.

ИШҚИ ОН ҶОНОНА

Ишқи он ҷононаам бехоб кард,
Ёди ӯ фикри маро гирдоб кард.
Зулми ӯ бинмуд мулки дил хароб,
Сӯзи ишқаш кард дилҳоро кабоб.

НУРИ ЧАШМОН, ДОДАРАМ

(Дар сӯгвории додари ҷавонмарги 45-солаам Каримбойи Юсуфмуҳаммад)

Аз ҷаҳони бевафо рафтӣ ҳаросон, додарам,
Бар макони охират рафтӣ пурармон, додарам!
Дар дилат бас орзуҳо буд, аммо во алам,
Орзуҳоят шуданд аз ҳам парешон, додарам!
Ҳафт фарзандат ба ҳукми ғунча буданд, эй дареғ,
Мондаанд имрӯз бо ғам дар гулистон, додарам!
Марди ҷонон будию ширинзабону хоксор,
Дар баҳорон чун ҳазорово ғазалхон, додарам!
Бандаи Ҳақ будию ботоату парҳез ту,
Умри ту кӯтоҳ омад, ёри Раҳмон, додарам!
Дасти ту гул буду дар кори иморат банд буд,
Рехт аз қасри вуҷудат бому айвон, додарам!
Орзуят дидани тӯю тамошо буд, лек
Орзу бурдӣ ба хоки тира, эй ҷон, додарам!
Рӯҳи покат шод бодо дар макони охират,
Ганҷи ноёбиву андар хок пинҳон, додарам!
Юсуфӣ аз ҷони худ шуд сер бо падруди ту,
Бе туям яъқубсон бе нури чашмон, додарам!

* * *

Во дареғо, додари ғамдидаам,
Во дареғо, додари камдидаам.
Додарам, эй додари нодидаам,
Як гул аз боғи ҷаҳон ночидаам.
Рӯзи хушро ту надидӣ аз ҷаҳон,
Бо дили ғамдида рафтӣ аз миён.
Дардҳо доим туро чун ёр буд,
Ҳамдамат доим ғаму озор буд.
Ишқи Аллоҳ дар дилат карда макон,
Тоати Раҳмон туро буд ҳар замон.
Баски ту хоксор будӣ, додарам,
Шахси беозор будӣ, додарам.
Тозаю озода будӣ, додарам,
Нек дар ҳар ҷода будӣ, додарам.
Дӯстат медошт ҳар пиру ҷавон,
Баҳрашон будӣ чароғи роҳашон.
Чун фақирон доштӣ ту бандагӣ,
Ҳафт фарзандат буд андар зиндагӣ.
Эй ғариби дилпарешон, додарам,
Эй ҳабиби бенасибон, додарам.
Ту ҳаросон чун зи дунё рафтаӣ,
Зору гирён сӯйи уқбо рафтаӣ.
Бо дусад армон бирафтӣ, вой, вой,
Аз танам чун ҷон бирафтӣ, вой, вой!
Ин замон бас беқарору дилфигор,
Дар раҳат фарзандҳоят интизор.
Ту умеди худ зи ашё кандаӣ,
Тори дил аз сози дунё кандаӣ.
Ҳам нашуд дидори фарзандон насиб,
Ду писар охир нашуд баҳрат табиб.
Ҷони худ додӣ ба он Яздони пок,
Баҳри Раҳмон гаштӣ ту меҳмони пок.
Сорбону Рустамат дар мулки Рус,
Гӯиё бешу камат дар мулки Рус.
Ин зану фарзанду хешу додарон
Дар фироқат корашон оҳу фиғон.
Эй Худованди Карим, аз раҳматат
Додарамро ҷой деҳ дар ҷаннатат.
Во дареғо, додарам аз байн рафт,
Ҳасрато, тоҷи сарам аз байн рафт.
Войи ман, кони зарам аз байн рафт,
Ҳайфи ман, болу парам аз байн рафт.
Дар фироқат Юсуфӣ гирякунон
Зору нолон меравад аз ин ҷаҳон!

РАҲМАТУЛЛОҲ НЕЪМАТОВ



Раҳматуллоҳ Неъматов 10-уми апрели соли 1956 дар деҳаи Урметани ноҳияи Айнии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дунё омадааст.

Аз соли 1977 баъд аз хатми Донишкадаи давлатии педагогии шаҳри Ленинобод (ҳоло ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров) дар мактабҳои миёнаи рақами 2 ва 40-и зодгоҳаш ба толибилмон аз фанни риёзӣ таълим медиҳад.

Ӯ гоҳ-гоҳе қалам ба даст гирифта, машқи шеър менамояд ва маҷмӯаи ашъораш, ки «Шарораи меҳр» номгузорӣ шудааст, соли 2012 чоп гардидааст.

Раҳматуллоҳ Неъматов дорандаи нишони «Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад.

БА УСТОД ҲОҶӢ ҲАРИФБОЙ

Аз Маккатуллоҳ омада,
Бо лутфи Аллоҳ омада,
Алҳамду лиллоҳ омада,
Устоди мо ҳоҷӣ шуда.

Аз номи мо карда сафар,
Аз номи мо бурда хабар,
Карда саёҳат баҳру бар,
Устоди мо ҳоҷӣ шуда.

Хурсанду шодон омада,
Бо нури имон омада,
Бо ҷилди Қуръон омада,
Устоди мо ҳоҷӣ шуда.

Панду ҳадисаш муътабар,
«Ихлос»-у «Тоҳо» тоҷи сар,
Ҳам «Фатҳ»-у «Ёсин» дар назар,
Устоди мо ҳоҷӣ шуда.

Аркони ҳаҷ карда адо,
Бо лутфу эҳсони Худо,
Дар Муздалифа босафо,
Устоди мо ҳоҷӣ шуда.

Бар Савру масҷиди Ҳарам,
Бо лутфи Ҳақ монда қадам,

Гашта азизу муҳтарам,
Устоди мо ҳоҷӣ шуда.

Бошад варо умри дароз,
Ризқи ҳалоли ӯ фароз,
Дар ҳар ду олам сарфроз,
Устоди мо ҳоҷӣ шуда.

Ҳоҷӣ саногӯи Худо,
Лангар дуогӯйи Шумо,
Аз ҳаҷҷатон хушнуд мо,
Устоди мо ҳоҷӣ шуда.

Устоди беҳад меҳрубон,
Хушнудии хурду калон,
Дил аз қудумат шодмон,
Устоди мо ҳоҷӣ шуда.

Ҳоҷии мо фахри диёр,
Шоёни файзу ифтихор,
Ташрифи меҳмонӣ биёр,
Устоди мо ҳоҷӣ шуда.

Шуд Раҳматуллоҳ шодмон,
Хушнуд ҳар хурду калон,
Мақбул бодо ҳаҷҷатон,
Устоди мо ҳоҷӣ шуда.

ФАНҲОИ ДАҚИҚ

Эй шогирдони оқил,
Дониш намоед ҳосил.
Ба фанҳои табиӣ,
То ки бигардед ноил.

Ин фанҳоро бихонед,
Шумоён бо ҷону дил.
Ба дарс омода бошед,
Мешавед шахси фозил.

Логарифму интеграл,
Бидонед гар онҳоро.
Масъаларо ҳал карда,
Баҳо мегиред аъло.

Олимони забардаст,
Нютону Пифагор.
Бо ин фанҳо дар олам,
Шуда шахси сазовор.

Суръат, вақту масофа,
Муодилаю реша.
Бо суръати кайҳонӣ
Менамоед андеша.

Парвози кайҳоннавард
Аз фанҳои дақиқ аст.
Дар вақти мушкилиҳо
Маслиҳатдеҳ, рафиқ аст.

Физика ин табиат,
Ҳодисаҳояш нигар.
Аз массаю аз фишор
Моро созад бохабар.

Риёзию физика
Аз фанҳои дақиқанд.
Химия бо ин фанҳо
Мебошад алоқаманд.

Пояндаву ҷовидон
Фанҳои дақиқ бошанд.
Барои Тоҷикистон
Муфиду аниқ бошанд.

Аз хоб хезед ҳар пагоҳ,
Хонед фанҳои дақиқ.
Ба «5»-и Раҳматуллоҳ
Шумо мешавед лоиқ.

ДЕҲАИ МАДМ

Деҳи Мадмам азиз аст,
Ҷойи мағзу мавиз аст.
Меваҳояш шаҳдосо
Хуштамъу ҳам лазиз аст.

Тагобат резаборон,
Ҳосил шуда фаровон.
Дар бари кӯҳи баланд
Сарояд кабки хушхон.

Меваи Боғи Мирон
Ёдоварӣ зи пирон.
Таъму лаззати ҳар як
Арзандаю фаровон.

Бо нури Пури Раҳмон
Шуд деҳамон гулистон.
Намоем шукри Ваҳдат,
Ҳам Истиқололу ирфон.

РАЪНО НАСРИДДИНОВА



Раъно Насриддинова 28 майи соли 2003 дар деҳаи Сори Ҷамоати деҳоти Моғиёни ноҳияи Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар оилаи омӯзгор дида ба олами ҳастӣ кушодааст. Алъон, хонандаи синфи 9 «б», муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №28-уми зодгоҳаш мебошад. Моҳи ноябри соли 2017 дар озмуни вилоятии «Беҳтарин китобхони сол» сазовори мақоми аввал гардид.

Аз солҳои нахустини таҳсил ба навиштани шеъру порчаҳои мансур оғоз кардааст. Намунаҳои эҷодиёташ дар рӯзномаҳои «Зарафшон», «Самак», «Чашмаи меҳр» чоп шудаанд.

СУБҲИ ИСТИҚЛОЛ

То ба Истиқлолу озодиву соҳибдавлатӣ
Аз ҷаҳон тоҷик ҷони хаста дошт,
Дар дили озурдааш бас орзуҳои ниҳони хаста дошт.
Қарнҳо аз гардиши гардун ҷафою ҷабр дид,
Умрҳо аз косаи даврон фақат заҳре чашид.
Қавми дар хун ғӯтавар бо тоҷи нангу қалби пок
Бо ҳама камзарфияш
Рӯдакиву ҳазрати Фирдавсию Сино, ки дошт,
Бо ҳама камдастияш
Девони Мавлоно, ки дошт,
Як нигоҳи равшане бар остони субҳи Истиқлол дошт,
Осмону офтобу моҳтобу ахтари иқбол дошт.
Ай ту тоҷик!
Ай масири сад ҳазорон рӯзҳои барфдида!
Ай ту тоҷик!
Ай ниҳоли наврасида!
Баъд аз даҳ аср аз нав тоҷу тахте ёфтӣ,
Меҳтари ту, кеҳтари ту комёб аст,
Рӯзҳои неки умрат беҳисоб аст.
Ай ту тоҷик!
Зеварӣ бар тоҷи дунё!
Тоҷикистон!
Ёдгори маъниву эҷоду истеъдоди аҷдод.
Ай ту тоҷик!
Боз имрӯз
Ҷашни истиқлол дорӣ,
Нусрату иқбол дорӣ.
Ай ту тоҷик!
Шаҳди гулҳои сафобахшо ба комат бод!

Пайки пирӯзӣ ба номат бод!
Қавми тоҷикам, ба комат бод истиқлоли имрӯзин,
Қавми тоҷикам, ба комат бод истиқлоли фардоҳо!

* * *

Ин замин, ин хок бӯйи хоксорон мекунад,
Ин самои пок атри навбаҳорон мекунад.
Пушта-пушта, кӯҳ-кӯҳе аз ғурури тоҷикон
Рӯди шеърам то камоли меҳр туғён мекунад.
Дар шумори сад ҳазорон тоҷики овозадор
Ҷашни Истиқлоли мо бунёди Сомон мекунад.
Халқи тоҷик тоҷбарсар аз биёбонҳо гузашт,
Ваҳдати худро нигини тоҷи имон мекунад.
Ҳар куҷо, ҳар кунҷи дунёро бигаштам ишқҷӯ,
Навбаҳори ишқ бӯйи Тоҷикистон мекунад.

МЕЛОДИ НУР

Тоҷикистон!
Ҳар касе бар остони хонаат по мегузорад,
Шамси ту, Роғуни ту оғӯш бикшояд ба рӯяш,
Бо шукӯҳи кӯҳҳои барфпӯш,
Бо ғурури мавҷҳои рӯдбори Вахши хуршедофарин,
Боз имрӯз
Равшанӣ аз кохи нури тоҷикон хоҳад расид,
Боз имрӯз
Тири абрӯи ҳилол аз осмони Тоҷикистон
Бар дили ҳар ошиқе чун бар нишон хоҳад расид.
Аз азал халқи куҳанбунёди тоҷик
Аз дили худ нур мебахшиду пайки нур меовард,
Аз азал
Шаъни ниёгони зафармандаш тулӯи офтоби зарфишон буд.
Ай ҳазорон солҳои дарду заҳматҳои халқи нур
Боз оед,
То бубинед,
Мардуми олам ба ҳайрат сӯйи мо по мегузорад.
Боз оед,
То тулӯи кохи нури мо ба чашмони шумо маҳтоб гардад.
Шод бошед!
Шод бошед,
Рӯҳи садҳо тешаи Фарҳодҳои кордида!
Шод бошед,
Китфҳои баҳри ин рӯзи муқаддас саф кашида!
Эй диёри нозанин, эй кишвари мо!

Донам аз ин баъд ҳар фарде, ки бишносад туро,
Меҳани Роғун хоҳад гуфт,
Гулшани мамнун хоҳад гуфт.
Халқи ман, табрик бодо
Рӯзи нури ошёну хонадонат!
Халқи ман, табрик бодо
Файзи боғу бӯстони гулфишонат!
Он қадар эъҷоз кардӣ,
Асрҳо овоз кардӣ,
То бубинӣ
Авҷи парвози ҳама он ормони хуфтаатро.
Рӯзу шаб эҷод кардӣ,
Қасрҳо бунёд кардӣ,
То барӣ бар лаб ҳадиси қиссаи ногуфтаатро.
Фахр бинмо,
Роғунат имрӯз фардои туро бунёд месозад!
Фахр бинмо,
Пешвои миллатат нуре ба бунёди ниёгонат биёвард,
Шаҳсутуни ошёнатро баровард.
Неъмате гашту барои халқи худ нуре расонд,
Номи халқашро ба гӯши Каҳкашону маҳ кашонд.
Бо сафову бо вафову бо ризо масрур кард,
Тоҷикистонро ба олам кишвари машҳур кард.
Ай ту Роғун!
Бош доим
Шуълаи чашмони тоҷик,
Заҳмати дастони тоҷик,
Иффату имони тоҷик,
Мардии мардони тоҷик,
Роғуни армони тоҷик,
Қудрати Раҳмони тоҷик!

ТОҶИКИСТОН

Ту ҳоло ҳам ҳамон ҳастӣ, ки будӣ,
Ту ҳоло ҳам замини родмардон.
Ба Сайҳун набзи ту он гуна бедор,
Ту ҳоло ҳам зари қалби Зарафшон.
Ту ҳоло ҳам ҳамонӣ дар дили даҳр,
Зи Роғун рӯшанӣ, эй рӯшанистон!
Ту ҳоло ҳам замини шоиронӣ,
Нафису пурлатофат аз гулистон.
Ту ҳоло ҳам, Ватан, ободу зебо,
Ту ҳоло ҳам ҷавонӣ, Тоҷикистон!

ПАНҶАКЕНТ

Ганҷи ман оби равони Панҷакент,
Қуллаҳои зарфишони Панҷакент.
Боғи фирдавсам зи боғи Сори ман,
Боғу роғи гулфишони Панҷакент.
Сафҳаи девони ман аз ишқи ӯст,
Ишқзори ахтарони Панҷакент.
Духтари кӯҳиву чашмони сиёҳ,
Дилбарони дилситони Панҷакент.
Меҳани шеъру суруди пойдор,
Шоирони ҳамқирони Панҷакент.
Чашм бинад, бовараш н-ояд ба ҳусн,
Ҳафткӯли меҳрсони Панҷакент.
Шаҳри ободу насимаш форам аст,
Чашмасори байтхони Панҷакент.
Чун ғазалҳои равони Рӯдакӣ
Рӯдҳои ғуссарони Панҷакент.
Шеъри Раъно роздори ишқи ӯст,
То ба гӯши зарфишони Панҷакент.

ҶАШНИ ЧАМАН

Айёми гулу мадори дилҳо табрик,
Ҷашни чаману баҳори зебо табрик.
Мо дур зи накҳати чаманҳо будем,
Дидори наву кушоди рӯъё табрик.
Пайғоми дилу шамими гавҳарборон,
Хуршеди ба дидаҳои мо ҷо табрик.
Наврӯз зи нав ҷавонӣ орад бар мо,
Бунёди наву ҷавонӣ бар мо табрик.
Имрӯз чӣ рӯзи хуш, хушӣ худ омад,
Рӯзи фараҳу дами таманно табрик.
Наврӯз ба мо шукӯҳи дунё орад,
Фардоталабон, фурӯғи фардо табрик.

РОМИШИ ҲОҶИПУР



Ромиши Ҳоҷипур (Қурбонов Мардонқул Ҳоҷиевич) соли 1965 дар деҳаи Рашнаи Поёни ноҳияи Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд ёфтааст.

Ӯ пас аз хатми мактаби деҳа ба Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Хуҷанд дохил шуда, соли 1996 онро хатм кардааст.

Ромиши Рашнагӣ – узви Иттиҳоди рӯзноманигорони Тоҷикистон, хабарнигори нашрияи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон - рӯзномаи «Шуғл ва муҳоҷират», ҳамзамон мутахассиси Раёсати Хадамоти муҳоҷират дар вилояти Суғд.

Барандаи Ҷоизаи вилоятии ба номи Ҳоҷӣ Содиқ аст.

Ӯ бо тахаллуси Ромиши Ҳоҷипур шеър мегӯяд. Ашъораш дар нашрияҳои ҷумҳуриявию маҷмӯаҳои дастаҷамъӣ ба табъ расидааст.

ПОДОШИ ЗӮР

Эй қаламҷон, чӯби қоқе нестӣ,
Ходаи гӯру таёқе нестӣ.
Гарчи ҳастӣ безабону беравон,
Ман туро донам сутуни осмон.
Дида бо чашми сарам сеҳри туро,
Дар дилам ҷо додаам меҳри туро.
Қудрату зӯрат, ки ақламро рабуд,
Дар асои ҳасти[33] Мӯсо ҳам набуд.
Ман куҷою шоирӣ? Шоир туӣ,
Дар забону дар баён моҳир туӣ.
Шуҳрату шонам ба ту вобаста аст,
Ту набошӣ, дасту поям баста аст.
Зуд бошу сафҳаҳоро забт кун,
Ҳар чӣ ояд бар забонам, сабт кун.
«Шеър»-гӯён ҳарзаҳоямро навис,
Чун ба хӯрдан бар навиштан шав ҳарис.
Бигзар аз вазну радифу қофия,
Пойро кӯтоҳ кун з-ин бодия.
Дил манеҳ бар ҳусни гуфтору баён,
Чунки мерос аз феодалҳост он.
То барорам ном, ҷидду ҷаҳд кун,
Кӯдаки шеъри маро дар маҳд кун.
Лоиқи корат бувад подош зӯр:
Мебарам ҳамраҳ туро бо худ ба гӯр!

[33] **Ҳасти** – ба маънои **ҳазрати** дар шеваи мардуми шимол.

МУХТАСАР

Худнамое хост, ки шоир шавад
Баҳри шуҳрат аз сари кибру ғурур,
Дафтареро рӯсияҳ карду намуд
«Шеър»-гӯён аз ҳиҷою ҳарза пур.

Рафт бо ин «ҳадя» назди шоире,
Ки аз ӯ гирад дуою фотеҳа.
Шеъри ман дар зоти худ яктост,- гуфт,-
Бошад аз гулҳош рангу роиҳа.

Кори худро монд шоир як тараф,
Дафтарашро гаштаю баргашта хонд.
Бо умеди мазмуни бикру баланд
Дар сари ҳар мисрааш андеша ронд.

Гарчи вақти қиматаш бар бод рафт,
Он чӣ вай меҷуст, н-омад бар назар.
Ҳоҷате бар пешгуфтораш намонд,
Ҳарфи худро кард шоир мухтасар:

«Мурғи илҳомат бимонад аз наво,
Дар лаҳад пешонии шӯрат шавад.
Дафтари ашъори ту лавҳи мазор,
Хомаи ту ходаи гӯрат шавад!».

САНАД

Ҷавшани сардор мебошад санад,
Рӯзу шаб дар кор мебошад санад.
Баҳри дафъи ҳар балову ҳар қазо
Беҳтарин тӯмор мебошад санад.

Сангро пӯсид нависӣ, гап тамом,
Обро тосид нависӣ, гап тамом.
Ин ҳама кирму кана бар киштзор
Аз ҳаво борид нависӣ, гап тамом.

Боғ агар хушкад, навис айби канал,
Гул набандад – ҷурми занбӯри асал.
Кирмаки бечора қир шуд аз СПИД,
Гушначашмӣ кард говонро касал.

Хишту кулӯх занг зад? Ҳақ асту рост,
Хӯса чарсу банг зад? Ҳақ асту рост.
Аз алам бар рӯю мӯи котиба
Дастаки дар чанг зад? Ҳақ асту рост.

Гурбаро муш хӯрд гӯӣ, бок нест,
Буққаро ҷӯ бурд гӯӣ, бок нест.
Таккаи бар ғори ишкам рафтаро
Аз ғами буз мурд гӯӣ, бок нест.

Чашмаи илҳомро овар ба ҷӯш,
Дар санад кардан зи таҳти дил бикӯш.
Ҳар ду оламро ба пурбин кобӣ ҳам,
Аз санад беҳтар наёбӣ айбпӯш.

Бурдаву нобурдаатро акт кун,
Хӯрдаву нохӯрдаатро акт кун.
Бар пули ҷуброн агар дорӣ умед,
Мурдаи номурдаатро акт кун!

Кизбро ранги ҳақиқат медиҳад,
Зумраеро молу сарват медиҳад.
Пардапӯшӣ карда бо рӯи сиёҳ,
Аз хиёнатҳо шаҳодат медиҳад.

Чун «тағо» ғамхор мебошад санад,
Чораи ҳар кор мебошад санад.
Баҳри мондан дар мақому мансабат
Беҳтар аз тӯмор мебошад санад.

БЕМОРИ ИШКАМ

Равад пайдои ман бар ғори ишкам,
Ки ҳастам чокару ғамхори ишкам.
Ба ҳар сӯям давонад гар саги нафс,
Диҳад сад печутобам мори ишкам.
Яке андешаманд аз кори дунё,
Манам ҳайратзада аз кори ишкам.
Яке дар фикри чор афзори меҳнат,
Манам дар фикри чор афзори ишкам.
Ба ҷойи он, ки монам аз худ осор
Кашам рӯзу шабон озори ишкам.
Ба дӯши некмардон бори ҳастӣ,
Ба дӯши ман фитода бори ишкам.

Зи дарди дил сухан бар ман магӯед,
Ки ҳастам, дӯстон, бемори ишкам.
Тиҳӣ мегардадам паймонаи умр,
Шавад кай пур маро анбори ишкам!?

БАНКРОТ

Зор менолам, ки безори ҳаётам кардаӣ,
Бемадору бедимоғу бенишотам кардаӣ.
Бурд мекардам ҳамеша, бохтан хосам набуд,
Ногаҳону бегумон мағлубу мотам кардаӣ.
Кафтари ҳарбома будам эмин аз банду қафас,
Бар замин парчин зи авҷи коинотам кардаӣ.
Он қадар зору низорам, он қадар хору залил
Тӯй барпо гӯӣ дар рӯзи вафотам кардаӣ.
Пешаам раққосагӣ буд, тӯйгардӣ кори ман,
Баъди қасру кӯшкҳо ҷо дар работам кардаӣ.
Фасли пулборон гузашту фасли ғамборон расид,
Мисли пирӣ маҳрум аз азму суботам кардаӣ.
Рафтаам аз ёди мардум, монд номам аз забон,
Ташнаву муштоқ бар шаҳди мамотам кардаӣ.
Қонуни танзим, зи ту норозӣ ҳастам то ба марг,
Сӯхтӣ кошонаамро, банкротам кардаӣ.

РЎЗИҚУЛИ АБДУВАЛӢ



Рӯзиқули Абдувалӣ соли 1940 дар деҳаи Чунгураки ноҳияи Шаҳрисабзи вилояти Қашқадарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон таваллуд ёфтааст. Соли 1959 мактаби миёнаи ба номи Рӯдакиро, соли 1964 Донишгоҳи тиббии шаҳри Қарширо ба итмом расонида, то ба нафақа баромадан (соли 1997) барои ҳифзи сиҳатии мардум хизмат кард.

Рӯзиқул, на танҳо шифокор, балки шоири зулисонайн буда, ҳам ба забони тоҷикӣ, ҳам ба ӯзбекӣ назму наср эҷод менамояд ва ба ҳар ду забон тарҷумаҳо мекунад.

Осори бадеӣ ва тарҷумаҳои Рӯзиқули Абдувалӣ дар матбуоти давр мунтазам чоп шуда меистанд..

Намунаҳои назму насри ӯ, ки дар жанрҳои гуногун таълиф шудаанд, дар маҷмӯаҳои “Гуллар ҳидин қӯмсайди кӯнгил”, “Иштиёқ”, “Шаҳрисабз қасидаси”, “Таскин” манзури хонандагон гардидаст. Китоби хотираҳояш инчунин, тарҷумаи ғазалиёти Макнуна (Нодира) ба забони ӯзбекӣ омодаи нашр мебошанд. Вай бар замми ин осори шоирони порсигӯ Эраҷ Мирзо, Хаёл, Лоиқ, Зебунисо, Анбар, Барно, Айнӣ, Асирӣ, Камарзода ва дигаронро ба забони ӯзбекӣ тарҷума кардааст.

ЁРИ МАН

Зулфи чун занҷиру нангу ор дорад ёри ман,
Наргиси мардафкани хунхор дорад ёри ман.
Ҳам дили сангин, забони хор дорад ёри ман,
Аз ҳама суду зиён тӯмор дорад ёри ман,
Фитнаи ҳар кӯчаву бозор дорад ёри ман,
Бар тани ранҷури ман озор дорад ёри ман.

Субҳ то шаб мекашам ҷабру ҷафои зиндагӣ,
Пою дастам банд андар кору бори бандагӣ,
Ҷон фидояш кардаму гуфт: ин чӣ кори хандагӣ?
Нест дигар чорае ғайри чунин побандагӣ?
Доимо хашму ғазаб бар кор дорад ёри ман,
Аз куҷо парвои ин бемор дорад ёри ман.

Аз дару девор афғонаш ба саҳро меравад,
Во аҷаб! Ҳамсоя ҳайрон гӯшҳоро мекашад,
Бори ғурбат доимо худ бар сари мо мерасад,
Ҷойи меҳру шафқаташ дил заҳри ғамро мечашад,
Аз ҷавоби ҳар суолам ор дорад ёри ман,
Аз ҷафояш доимо озор дорад ёри ман.

БЕДОР НАМОЯД

Агар шаб аз дарам он маҳ дарояд,
Надам, эй субҳ, то шамсам барояд.
Камоли хушдилӣ ояд шаби қадр,
Забони мурғи дил ҳуснаш сарояд.

Наафтад ҳасрати чашми сурайё,
Набояд қудрати рашке муҳайё.
Зи файзи раҳматат ҳар шаб, Илоҳо,
Фурӯзон шавқ аз гардун фарояд.

Дами зулмат варо н-ояд малоле,
Дурахшон бингарад сӯям ҳилоле,
Ки шояд Рӯзиро авҷи маҷоле,
Хумори дида бедорам намояд.

ОВАРДААМ

Шаҳдосо лаззаташро дар даҳон овардаам,
Маъние аз шеваи дурри гарон овардаам.
Бишнаведу лаҳзае масрур гардонед табъ,
Қиссае аз лаъли он форсизабон овардаам.
Ҳар касеро ақли солим, нуктаҳо фаҳмад, ки чун
Дастаи гул баҳри ёр аз бӯстон овардаам.
Ҳарду миллат ақрабову дӯстону ҳам қарин,
Мужда бидҳедам, ки он бо ду забон овардаам:
“Бу фалакнинг сақфида не нақшким оҳимдур ул...”,
Шикваи Макнунаро туркизабон овардаам.
Даври пирӣ ин таманно шод месозад маро,
Рӯҳи лафзи турку тоҷик бар забон овардаам.

АЗ ДАФТАРИ ТАРҶУМА

НАМЕЁБӢ

(Аз Шӯхӣ)

Вафо дар зиндагӣ дорӣ, ҷафо ҳаргиз намеёбӣ.
Агар мардум ризо созӣ, хато ҳаргиз намеёбӣ.
Ғанимат фурсатеро дон, азизу хуррамаш медор,
Бимирад гар падар-модар, варо ҳаргиз намеёбӣ.
Ба зону қуввате дорӣ, ба як мақсад равонаш кун,
Ки дар пирӣ таманноро адо ҳаргиз намеёбӣ.
Зи имрӯзат бичӯ фардо баҳори умри пурфазлат,
Раҳи уммед наспорӣ, ғизо ҳаргиз намеёбӣ.
Намо худ чораи амрози пирӣ дар ҷавониҳо,
Ки дар даврони пирӣ ин даво ҳаргиз намеёбӣ.
Инони худ ба каф дорӣ, аё Шӯхӣ, накӯдил шав,
Дами пирӣ маҷоле ҷуз асо ҳаргиз намеёбӣ.

САБОҲИДДИНИ БАҲРИДДИН



Сабоҳиддини Баҳриддин 7-уми январи соли 1973 дар рустои Кулолии ҷамоати Рӯдакии ноҳияи Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳури Тоҷикистон ба дунё омада, таҳсилоти ибтидоиро дар мактаби миёни № 7-уми деҳааш фаро гирифта, соли 1997 факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи Миллии Тоҷикистонро хатм намуда, чанде ба ҳайси омӯзгори забон ва адабиёт ва баъдан ба сифати муовини директори мактаби номбурда фаъолият намудааст.

Аз соли 2001 то кунун дар муҳоҷирати меҳнатӣ, дар шаҳри Маскави Федератсияи Россия кор мекунад.

Оиладор ва соҳиби чаҳор фарзанд мебошад.

Намунаҳои ашъораш бо унвонҳои «Шаҳдрези сабо» ва «Ашки муҳоҷир» ба табъ расидааст.

ПАНҶАКЕНТ

Дар ҳақат чанде нагуфтам достон,
Панҷакенти ман, зи аҳди бостон.
Эй ба шавкат, зодгоҳи Рӯдакӣ,
Лоиқат арзандаи халқи ҷаҳон.
Панҷакент, эй маркази илму хирад,
Монд Девештич зи ту бар мо нишон.
Тахту бахти Суғдро мерос ту,
Эй ба шуҳрат номдору ҷовидон.
Дар хиёбонат қадам гар мезанам,
Мурғи илҳоми ман аз ту шеърхон.
Оби ту софу ҳавоят дилнишин,
Мардумат меҳмоннавозу комрон.
Меваат ширин чу шаҳду чун шакар,
Қурси нонат ҳамчу моҳи осмон.
Кӯдаки гаҳвора то пири хирад,
Шеър созад вирд доим бар забон.
Ман Сабоҳи дин, ки дилбанди туам,
Бо ту монам дар макону ломакон.

ШАҲРИ ДИЛОРО

Эй, аҷаб шаҳри дилоро, Панҷакент,
Эй, ҳама маҳбуби дилҳо, Панҷакент.
Эй, басо гулгашту гулҳои тарат
Рӯҳбахши хотири мо, Панҷакент.
Зарфишон бошад Зарафшон дар бараш,
Кони зар, ҳам кони тилло Панҷакент.

Бо навои Рӯдакиву чанги ӯ
Ҳамнавои ҷумла дилҳо Панҷакент.
Гуфт Лоиқ, ҳаст шаҳри ориён,
Шаҳри ҷон, зебову якто Панҷакент.
Мардумат ҳар ҷо, ки бошад сарбаланд,
Кӯҳсори сар ба боло Панҷакент.
Чун Сабоҳи дин ғазал иншо кунад,
Аз ту меболад ба ҳар ҷо, Панҷакент.

ҲАМНАВО

Ғамшарики Лоиқу Мастон манам,
Ҳамнавои ҷумлаи мардон манам.
Аз барои рӯзии худ саргарон,
Як муҳоҷир, шоири сарсон манам.
Дӯст медорам Ватанро ман зи ҷон,
Бо Ватан ҳамаҳду ҳампаймон манам.
Гар зи шеъри ман наояд бӯйи он,
Ҳарчи мехоҳӣ бигӯ, чун он манам.
Шукр мегӯям зи паҳнои Ватан,
Вориси Исмоили Сомон манам.
Носазо ҳарфе намехоҳам шунид,
Ҳомии ин хоки олишон манам.
Дарди дилро бо қалам иншо кунам,
Он Сабоҳи дин, бад-ин унвон манам.

ЭЙ ЁР!

Бо меҳри ту ҷонбозам,
Бо туст ҳама розам,
Бо сози ту месозам,
Эй ишқ, сарафрозам!

Ёрон ҳама сармастанд
Аз бодаи дидорат.
Эй ёр, куҷоӣ ту?
Дил монда ба озорат!

Эй ёри ситампеша,
Боре бикун андеша.
То бар дили реши мо
Аз ғам назанӣ теша.

Гулгашти баҳорон аст,
Ҳам нам-нами борон аст.
Наврӯзии ман бе ту,
Оҳ аз дили нолон аст!

ЭЙ ЁРИ СИТАМПЕША

Эй ёри ситампеша,
Боре бикун андеша.
Бар решаи ишқи мо
То чанд занӣ теша?

Ду дида ба раҳ дорам,
Аз ҳачри ту беморам.
Аз ишқи ту месӯзам,
Бас додӣ ту озорам.

Рафтӣ ту бари дигар,
Эй хок маро бар сар.
Маҷнуни ту ман будам,
Ту Лайлии афсунгар.

Ҳайҳот, ки фандам буд,
Ёди ту, ки чандам буд!
Доми ту фиребо буд,
Завлона ба бандам буд.

ГУЛДУХТАРИ ЗАРАФШОН

Гулдухтари Зарафшон,
Мӯйи ту анбарафшон!
Ҳастӣ чу моҳи рахшон,
Як даст бар сар афшон!
Чун боли кафтар афшон,
Гулдухтари Зарафшон!

Пироҳани ту пар-пар,
Чашмони ту чу ахтар,
Эй ганҷи дурру гавҳар,
Моро ба сар фишон зар.
Моро ту ҳамдами ҷон,
Гулдухтари Зарафшон!

Тарки ҳама ҷафо кун!
Боре биё, вафо кун!
Дарди маро даво кун!
Бар ҳолатам раво кун!
Ин аст аз ту армон,
Гулдухтари Зарафшон!

САИД РИЗО



Саид Ризо 10 - уми майи соли 1995 дар деҳаи Косатароши шаҳри Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оилаи коргар ба дунё омадааст.

Баъди хатми мактаби миёна ба факултети журналистикаи Донишгоҳи миллӣ дохил шуд. Ҳоло магистранти соли дуюми донишгоҳи мазкур аст. Намунаи шеърҳояш дар ҳафтаномаву маҷаллаҳои ҷумҳуриявию вилоятӣ ва маҷмӯаҳои дастаҷамъии «25 гуфтор» (Душанбе, 2016) ва «Наврӯзи Зарафшон» (Душанбе, 2017) ба табъ расидааст.

Сенарияи филми «Бадриддин Ҳилолӣ»-ро низ навиштааст, ки дар маҷмӯаи «Аввалин китоби филмномаҳои тоҷик» (Душанбе, 2016) чоп шудааст. Инчунин китоби «Дуруди ишқ ба номат...», ки 500 шоҳбайт аз ашъори Толиб Карими Озарахш аст, таҳия намудааст.

Алъон дар Телевизиони Тоҷикистон кор ва фаъолият дорад.

АШКИ НАДОМАТ

«Бояд равӣ гулам, поёни суҳбат аст».
Дигар илоҷ нест, ин роҳи қисмат аст.
Аммо чӣ даҳшате, дар корзори бахт?
Аз ман гузаштанат марги муҳаббат аст.
Донам, ки боли дил бе ту шикастанист,
Ҳар дам сари маро санги маломат аст.
Донам, ки мушкилам ҷои қиёс нест,
Гумкардавақтро ҳар лаҳза қиммат аст.
Охир, куҷо равад, аз дасти ту, Саид?
Дар ёд-ёди чашм ашки надомат аст.

НАГЗОШТАНД

Хостам бошам канори ту, вале нагзоштанд,
Ҳамчу ҷону қалб ёри ту, вале нагзоштанд.
Хостам дар олами бо хеш ҳам бегонагӣ,
Хеши ту бошам, табори ту, вале нагзоштанд.
Хостам дар байни ҳар як бевиқору беҳаё,
Шарми ту бошам, виқори ту, вале нагзоштанд.
Буданатро орзу кардам ба покистони дил,
Душманону дӯстдори ту, вале нагзоштанд.
Бӯсае кардам талаб аз шаккарин лабҳои ту,
Номуси ту, эътибори ту, вале нагзоштанд.
Хостам се фасли ту маҳви хаёли ман шавад,
Ҷовидон монад баҳори ту, вале нагзоштанд.

Шоиро, омад аҷал сӯят, ки ҷонатро барад,
Шеърҳои мондагори ту, вале нагзоштанд.

МОДАР

Дар таслияти модари устод Қурбони Собир

Модар, гузаштӣ, синаи ман лахт-лахт шуд,
Бе ту тамоми тори вуҷудам карахт шуд.
Бовар намекунам, ки намебинамат дигар,
Зиндони зиндагӣ ба ман бисёр сахт шуд.

Модар, бигӯ, кӣ нози маро бе ту мекашад?
Ин бе туӣ маро ба ситамҳо ҳаме мекушад.
Ширинии ҳаёт, ту будӣ, азизи ман,
Қурбони ту ба ҳасрати ту заҳр мечашад.

Модар, амонати падарам будӣ, ҷони ман,
Рафтиву дард ҷо шуда дар устухони ман.
Гар дар ҷаҳон ҷаҳони дигар буд, ин туӣ,
Рафтӣ ҷаҳони дигаре худ аз ҷаҳони ман.

Баъди ту ҳеҷ кас, ки суроғам намекунад,
Ман то куҷо равам, ки касе мунтазир нест.
Баъди падар маро, ки танҳо гузоштӣ,
Танҳотарин ба рӯи ҷаҳон ҷуз сағир нест.

Аз дарди ман замину замон гиря мекунад,
Монанди осмон ба фиғон гиря мекунад.
Танҳо на кӯдаке, ки зи модар ҷудо шавад,
Бо ин фироқ пиру ҷавон гиря мекунад.

Модар, дуо гирифтаам, аз ту ба ҳар сафар,
Баҳри дуо кунун ба мазори ту меравам.
Дилхаставу шикастапару дида хунчакон,
Ман аз мазор зору низори ту меравам...

Модар, биё, ки тифли дилам пир гаштааст,
Аз зиндагии бе туӣ, дилгир гаштааст...
Аммо чӣ чора боз намегардӣ пеши мо,
В-ин рафтани ту дур зи тадбир гаштааст.

Ин сарнавишти мост, яке ояду равад,
То ҷовидона монданамон ғайримумкин аст....
Осуда хоб кун, ба мазорат азизи ман,
Осудагӣ ба рӯи ҷаҳон ғайримумкин аст.

АРЗИ ДИЛ

1

Бояд падари ту мешудам ман,
Ҳамболу пари ту мешудам ман.
Тақдир ба чашми кач назар кард,
Аз роҳи хушӣ маро бадар кард.
Фарзанди каси дигар шудӣ ту,
Боли ҳаваси дигар шудӣ ту.
Ман ошиқи модари ту будам,
Ҷуз ӯ ҳавасе ба дил набудам.
Ин ишқ ба гетӣ фош кардам,
Дар ҷода басе талош кардам.
Бо ман чу намуд худписандӣ,
Пасте накашид бар баландӣ.
Ёре, ки баланд рафт аз паст,
Дил дар нигаҳаш фитоду бишкаст.
Чун ҳардуи мо ҷудо намуданд,
Шодона тарона месуруданд.
Дилмурда шудам зи ранҷу озор,
Дар ҳасрати дилбари ҷафокор.
Бояд падари ту мешудам ман,
Ҳамболу пари ту мешудам ман.

2

Бобою бибет ҷабр карданд,
Сарчашмаи оҳу воҳи сарданд.
Карданд аҷаб маҳалгароӣ,
Гуфтанд, ки ту на аҳли моӣ.
Он кас, ки зи балдаи Хуҷанд аст,
Домоди азизу арҷманд аст...
Чун ман, ки зи шаҳри ту набудам,
Месӯхт тамоми тору пудам.
Карданд чаро маҳалпарастӣ?
Дар ишқ набуд худпарастӣ.
Эй вой, набуд ягон кас огоҳ,
Аз меҳри ману зи сӯзу аз оҳ.
Гуфтанд ба ман: -Зи ғусса таб кун,
Ёри дигаре ба худ талаб кун.
Дил ҷои дигар равад, бимирад,
Ду ёр ба қалб ҷо нагирад.
Бас, нолаву оҳ кардам, оре,
Лекин чӣ кунам? Накард коре...

Гӯё, дили дӯстони ҷонӣ,
Месӯхт ба ман ба навҳахонӣ.
Бобои ту шахси номдор аст,
Алломаи давру рӯзгор аст.
З-ин рӯ талабаш, ки кори мушкил,
Мондам зи алам ду пой дар гил.
Як рӯз хабар расид ба гӯшам,
Дигар ба сарам намонд ҳушам
Дилдори хуҷандӣ тӯй дорад,
Аз ишқи ту ӯ хабар надорад.
Девона шудам зи баъди тӯяш,
Мурдам зи алам ба орзуяш.

3

Як рӯзи дигар расид пайғом,
Модар шудааст он гуландом...
Рӯзам ба назар сиёҳ гардид,
Дунёи дилам табоҳ гардид.
Шуд шод ба ҳамраҳи дигар кас,
Мондам мани музтарибу бекас...
Ҳаргиз ҳавасе ба дил надорам,
Ҷуз он ки ба ҷода ҷон супорам...
Гӯянд, маро ки зан бигирӣ,
Ӯро ба забон дигар нагирӣ...
Гирам, ки каси дигар бигирам,
Як сония ногузашта, мирам.
Ман зинда ба ёди ишқи ӯям,
Ӯ зинда бас аст, кас наҷӯям...
Рӯзе ки бузургмард гардӣ,
Бо модари худ, бигӯ, чӣ кардӣ?
Ӯ ҳеҷ гуноҳ надошт, бешак,
Аз меҳри худам гаҳе кунам шак.
То ишқу муҳаббату чунун аст,
Меҳру туву модарат ба хун ҳаст...
Бояд падари ту мешудам ман,
Ҳамболу пари ту мешудам ман...

САИДИ ЮНУСИЁН



Саиди Юнусиён 7 июни соли 1969 дар деҳаи Раводи ҷамоати деҳоти Амондараи шаҳри Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст.

Солҳои 1976 - 1982 дар мактаб-интернати ба номи Садриддин Айнии шаҳри Панҷакент, сипас дар мактаби миёнаи №44 зодгоҳаш таълим гирифтааст. Соли 1999 факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Хуҷандро ба итмом расондааст.

Аз соли 2000 дар Муасиссаи давлатии «Осорхонаи ҷумҳуриявии таърихиву кишваршиносии бо номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ»-и шаҳри Панҷакент ба фаъолияти меҳнатӣ шурӯъ намудааст.

Солҳои 2011-2013 мутахассиси шуъбаи ташкилӣ ва умури кадрӣ, мудири шуъбаи рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи дастгоҳи раиси шаҳри Панҷакент будааст. Феълан корманди илмии шуъбаи таърихи Осорхонаи ҷумҳуриявии таърихиву кишваршиносии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии шаҳри Панҷакент буда, ҳамзамон вазифаи сармуҳаррири маҷаллаи илмӣ-оммавии «Осорхона»-ро бар уҳда дорад.

Фаъолияти эҷодии Юнусиён аз соли 1989 оғоз ёфта, намунаи эҷодиёти ӯ дар маҷмӯаи дастаҷамъии «Бунафшаи Зарафшон» (1991) ва нахустин гулчини ашъораш «Қасидаи муҳоҷир» (2009) интишор ёфтаанд.

Асарҳои илмии ӯ «Кохи ёдгор» («Маориф ва фарҳанг», 2010), «Луғати мухтасари истилоҳоти осорхонавӣ» («Маориф ва фарҳанг», 2010), «Фарҳанги истилоҳоти осорхонашиносӣ» («Аржанг»,2010) ва ғ. дар мавзӯи алоқаманд офарида шудаанд.

Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Аз соли 2012 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон мебошад.

ДӮСТӢ – БОҒИ ШАКАРХАНД

Ба халқҳои ба ҳам дӯсту ҳамсоя - тоҷику ӯзбек

Боз кардем дари бастаи манзилҳоро,
То бихонем сӯи хонаи худ дилҳоро.
Густаридем ба иқбол зи нав саҳнаи дил,
То бубинем бар он чеҳраи муқбилҳоро.
Рӯзи фархундаи дидор фароҳам оварда,
Шеваи хушназарӣ, ҷилваи хушгилҳоро.
Вожаи меҳр ба ҳар лафз гуворо бошад,
Барфурӯзем чароғи ҳама маҳфилҳоро.
Аз сари сидқ бидодем кунун даст ба ҳам,
Моя аз барқ бувад шиддати ноқилҳоро.

Чун ду дилдода кунун ташнаи васл омадаем,
Написандем дигар файсали оқилҳоро.
Лутфи ҳамсоягиву дӯстӣ омад пирӯз,
То ки осон бикунад ин ҳама мушкилҳоро.
Ноқисон - толиби фитна, ё Раб, афзун гардон
Толиби дӯстӣ - ин зумраи комилҳоро.
Дӯстӣ нури ҳақу чашм бувад, напсандем
Душманӣ – тирагиву кӯрии ботилҳоро.
Дӯстӣ боғи шакарханд бувад, зи исораш
Шодкомем, ки бардошта ҳосилҳоро.
Дӯстӣ водии шодоб бувад, мо монем
Рӯди рангиншуда бо бӯсаи соҳилҳоро.
Ин чӣ ҳиммат, чӣ муҳаббат, ки муборак бошад,
Мардуми ошиқу дилдодаву бедилҳоро.

СУРОҒИ СИПОСНОМАИ ИШҚ

Чу равам суроғи дастат, дари баста боз гардад,
Шиканад ҳазор қуфлу дари дил фароз гардад.
Чу равам суроғи рӯят, бирасам ба рӯзи рӯшан,
Чу равам суроғи мӯят, шаби ман дароз гардад.
Чу равам суроғи чашмат, бари чашмае нишинам,
Ки ба иффату тароват сӯи ман бароз гардад.
Чу равам суроғи лабҳот, лабам чу гулпарастон
Сӯи ғунчаи шукуфта ҳама дастёз гардад.
Чу равам суроғи меҳрат, ҳама уқда фош бинам,
Чу равам суроғи қаҳрат, ҳама нукта роз гардад.
Чу равам суроғи кӯят, ҳама барзан аст сарсабз,
Чу равам суроғи бӯят, гули ёс боз гардад.
Чу равам суроғи ишқат, ки ҳама сафову покист,
Дили ман чу марди ошиқ ҳама покбоз гардад.
Чу ба хидмати муҳаббат дили ман адо шуд, эй кош,
Ба сипосномаи ишқи ту сарфароз гардад.

АРМУҒОН

Армуғон фиристодам қалби лухту урёнро,
Рӯйи даст гиру бин гармчӯшии ҷонро.
Қалби ман чу тилфонест, интизори пайғомест,
Лутф кун, бинеҳ ангушт тугманабзи тилфонро.
Занги қалби тилфонӣ- бонги набзи инсонӣ,
Бо садои худ пур кун гӯши он хиёбонро.
Занг дар суроғаш зан! Рахна дар фироқаш зан,
Лаҳзае бидор аз роҳ дилбари гурезонро.

Боди хотираш тунд аст. Чашмаш абри боронист,
Занг зан, бикун тасхир абру боду боронро.
Рахна кун ба дилрезӣ в-оҳанги сабукхезӣ,
Хилвати гаронхезу дилфигори ҳичронро.
Бе садойи ту гунгам, дилфигору дилтангам,
Бо саломи худ бишкан орзуву армонро.
Ларза мезанад тилфон- қалб мекунад навсон,
Ламс кун ба ангуштон набзи ишқу имонро.
Дар сукути сарди ту баски ҷанги мушкил буд,
Дар паёми дил бишнав пайки сулҳи осонро.

* * *

Ба пилкҳойи чашми худ ғубори сим судаӣ,
Ғубори сим аз рухи саҳар магар рабудаӣ?
Нигоҳи ташнаи маро ба комгорӣ мекашӣ,
Ки роҳ бар ҷаҳони ҳусни тозаат намудаӣ?
Бибохтам гар аз паят ҷавониву дареғ нест,
Ба чашм нур додаву басиратам фузудаӣ.
Ман аз паят давидаву ба хештан расидаам,
Ту ҳеч гоҳ аз канори ман ҷудо набудаӣ.
Дари нигоҳи хешро ба ғайр гар бибастаӣ,
Даре ба ошёни чашми худ ба ман гушудаӣ.
Сари баланди хешро гузошта ба шонаам,
Сукунатам фузудаӣ, чу дар барам ғунудаӣ.
Аё аниси хилватам, бironда ғам зи дил ба меҳр
Дубора ин ғуборро зи оина зудудаӣ.
Ту ҳарфи дил ба гӯши ҷон маҳину хушсадо задӣ,
Зи булбули саҳар магар ту чаҳ-чаҳе шунудаӣ?
Туро, ки ончунон туӣ, ягона ман шинохтам,
Ҳазор шукр ҳастаму ҳазор шукр будаӣ.

КӮҲИСТОНИ ФОН

(ба устод Гулназар Келдӣ)

Куҳистони Фон, эй куҳистони Фон,
Зи ишқат нишотест дар мағзи ҷон.
Хушо пойдорит андар замин,
Хушо сарфарозит бар осмон.
Зи пуштат давон кӯҳҳо чун шутур,
Ту сархайли онҳоӣ, эй сорбон!
Ба дӯшат бибурдӣ, ки фотеҳ шавам,
Ба қулла кашондиям аз остон.

Ту кайҳоннавардиву мо куҳнавард,
Туро азми фатҳ асту мо нотавон.
Гаронӣ накарданд бар китфи ту
Ба рӯз офтобу ба шаб ахтарон?
Зи мо хок осеб дидаст беш,
Заминро бигиру ба дӯшат нишон.
Хати ҳар варақсанги ту ҳикматест:
«Замин чун амонат ба дасти касон».
Сафое магар ёфт, андар барат
Чу ман хайма зад абри доманкашон?
Сафи арчаҳо мисли сарбозҳо
Туро посдоранд то ҷовидон.
Дар оинаи кӯлҳо акси туст,
Дар оинаи ёди ман ҳам бимон.
Табиат зи ту тозагӣ ёфтаст,
Тароват замин, чун туӣ посбон.
Ҳавойи ту тоза кунад ҷони мо,
Ҳаёт одамиро, чу ту зистбон.
Садоям шунидӣ, ки додӣ чавоб:
«-Умеди баландӣ ба одам расон»!

* * *

Чашми бад дур, омадӣ, наврӯз,
Шоду масрур омадӣ, наврӯз.
Рағми сардиву коҳилии даҳр,
Рағми дайҷур омадӣ, наврӯз.
Ронда меҳ аз самои армонҳо,
Шамси пурнур омадӣ, наврӯз.
Баста дар боғ гавҳари ғунча
Ҳамчу ганҷур омадӣ, наврӯз.
Карда таъмир кохи дилҳоро
Дасти маъмур омадӣ, наврӯз.
Сӯи ҳар чашми ташнаи дидор
Чашми махмур омадӣ, наврӯз.
Ба дилу дидаву замири мо
Тарабу сур омадӣ, наврӯз.
Ба раги ҷони мо задӣ мизроб,
Сози танбур омадӣ, наврӯз.
Ғулғулафкан ба гунбади афлок,
Бонги шайпур омадӣ, наврӯз.
Нест дар хӯи ту ниҳон будан,
Боз машҳур омадӣ, наврӯз.
Кори ту буд оламафрӯзӣ,
Боз манзур омадӣ, наврӯз.

САИДБУРҲОН ИКРОМӢ



Икромов Саидбурҳон (Икромӣ) 22 - юми июни соли 1954 дар деҳаи Томини ноҳияи Айнии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар оилаи хизматчии давлатӣ ба дунё омадааст.

Соли 1972 мактаби миёнаи рақами 8 ба номи Нақибхон Туғрали Аҳрориро дар деҳаи Зосун ба итмом расонидааст.

Соли 1978 Донишгоҳи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Т.Г.Шевченкоро дар риштаи суханшиносӣ хатм намудааст.

Солҳои 1975-1977 дар сафи Қуввахои Мусаллаҳи Иттиҳоди Шӯравӣ хидмат намудааст.

Фаъолияти омӯзгориашро солҳои 1978-1988 дар мактаби миёнаи рақами 1 ба номи С.М. Кирови ноҳияи Айнӣ оғоз намудааст. Якчанд сол дар мактаби миёнаи деҳааш низ чун муовини директор фаъолият кардааст.

Соли 1996 ба Душанбе омада якчанд сол дар Донишкадаи бозомӯзӣ ва хадамоти методии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазифаи мудири шуъбаи табъу нашр кор кардааст. Минбаъд фаъолияти корашро дар самтҳои мухталифи маорифи ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе идома додааст.

Айни замон корманди Муассисаи давлатии таҳсилоти иловагии ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе мебошад. Икромов Саидбурҳон дар як вақт бо фаъолияти педагогиаш инчунин дар соҳаи рӯзноманигорӣ низ фаъолият дорад.

Зиёда аз 200 мақолаву навиштаҷоти илмиву методӣ ва оммавии ӯ дар васоити ахбори омма (ВАО) интишор ёфтаанд.

Чанд муддат сармуҳаррири рӯзномаи “Солимӣ ва дарозумрӣ” буд.

Китобҳои “Мирзо Муҳаммад Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ”, “Ҷовид бимонд ба ишқ Туғрал”, “Шаҳбози мулки маънӣ” ва “Таърихи тақвим”- ро ба нашр расонидааст.

Узви Иттифоқи байналхалқии нависандагон ва табибон мебошад.

Оиладор ва соҳиби чор фарзанд аст.

ЗИМИСТОНИ ИШҚ

Дарнагунҷад Ишқ дар гуфтушунид
Ишқ дарёест қаъраш нопадид.

Зимистони Ишқи ман фаро расид. Сарди сард аст ва даҳшатноктар аз қаъри ҷаҳаннам аст, ин фасли сарморези Ишқ. Айёми батамом сармозадагиву маҳвшавии Ишқ аст, ин фасл. Фасли ҳасрату надомат ва навмедиву маломат...

Нахусттар аз зимистони Ишқ баҳори он буд, пур аз насрину гулафшону муаттару дилангез.

Дар он ҳангом ки дар кишвари Ишқ Баҳор арӯсӣ дошту Наврӯз дилафрӯзӣ, ман аз нашъаи гулҳои мушкбезу атрогини чаманистон маст будаму хуморӣ ва аз неруи шабоб мағруру худписанд, хирадманде нурониву солор насиҳатам кард:

- Ай фарзанди арҷманд! Баҳори ишкро ғанимат дону ба қиматаш бирас ва ҳифзаш бинмо! Ба худ ой аз олами бехудиву ҷунунӣ ва мастӣ макун! Сабзаву гулҳои баҳори Ишқ накӯянду фараҳбахш ва шоистаи навозишанду ба лутфи ту ниёз доранд. Поймолу пажмурда магардон онҳоро. Фаромӯш макуну дар ёд дор, ки ҳар чиро оғозу интиҳоест ва интиҳои баҳори нозанини Ишқ зимистони сардест, ки ҳамоно ба истиқболат хоҳад омад. Нашояд ки он гаҳ ту аз носипосии хеш ба фарёд ойиву пушаймон бишавӣ:

Ончунон масте мабош, эй бехирад,
Ки ба худ ояд, пушаймонӣ хӯрад.
Мавлавӣ

Ман он айём савори маркаби бадсиголи кибр хандидам ба суханони Марди хирад ва эътиное накардам ба ӯву каломаш ба он сон, ки ранҷиду рафт..

Ранҷиду рафт ва ӯро баъдҳо, ки аз шарру шӯри замони шабоб берун ҷастаму ба худ омадам, дигар надидам ва мудом мечӯям ӯрову намеёбам то кунун.

Ман ҳоло рӯйи барфи зимистони Ишқ равонам чун сароби шахшуда аз сардӣ, ранҷуру пушаймонзада. Ҳама зебоиҳову таровату хушиҳои баҳори Ишқ кунун зери барфи сафедтар аз сафедии риши он Хирадманд мондаву батамом нобуд гашта. Аз барф бӯйи ҳузну навмедӣ меояд дар ин манзили сарду сафед:

Ҳазорон кафтари авҷи ҳаво-барф,
Садоҳо дар кафи марди гадо-барф.
Бозор

Ёдам омад аз суханони он Пири хирад, ки гуфта буд: “Зимистони Ишқ фаро хоҳад расид!”

Ва инак, қадам мезанам ба барфистони кишвари Ишқ ва ба машомам бӯйи тунду ғализи хазонҳои сӯхтаи аз тирамоҳи он монда мерасанд, ки фазои тираи ин мулки ҳузнро боз ҳам хиратар карда. Ба рӯйи хазонҳои сӯхта, ки кайҳо гармие надоранд, барфи зиёде фурӯ рехта. Ба димоғ бӯйи дуди ғализе мерасанд ва гӯё аз дуди ҳасратҳо ва армонҳои дар умқи қалбҳо монда дарак медиҳанд:

Баҳори рафта боз ояд, хуш ояд,
Дару дарвозаҳоро мекушояд.
Дару дарвоза мебандад зимистон,
Зимистонро бигӯ ҳаргиз наояд.

Бозор

Худоё! Ман ба чӣ кишваре расидам? Дар ин кишвар на гулеву на булбуле ҳаст. Ҳама зери барфи сафед монда ва маҳв гашта. Балки ҷойи андалебони ошиқ зоғонанд амирони ин кишвари ҳузн, ки қабои сиёҳи мотамӣ доранд андар бари худ ва аз фанои Ишқ дарак медиҳанд. Дар ин кишвар:

Парри он мурғе, ки бонгаш мутриб аст,
Аз буруни машриқ асту мағриб аст.

Мавлавӣ

Аз бешазорони ин мулк, ки дарахтонаш лучу урёнанд ва шояд замоне сабзу зебо буданд, насими андуҳ мевазаду бонги даҳшат:

Бонг меомад зи ҳар сӯйи дарахт,
Сӯйи мо оед, халқи шӯрбахт.

Мавлавӣ

Торикии зимистони Ишқ бештар аз рӯшноист. Зулмоти нуқрафом аст ин фасли Ишқ. Хуршед ба ғуруб меравад ба ҳамешагӣ, то дигарбора падид наояд пешорӯйи мо:

Барнатобад хуршед андар самои Ишқи ман,
Фасли сарди дай ин ҷост ҳукмрон.
На дайе, ки аз пасаш орад баҳори нозанин,
Балки дайи ҷовидон...

Рӯйи барфҳои нопайдоканор равонам ва мерасам ба соҳили дарёе, ки замоне хеле шӯху бебок буд ва ҳоло батамом ях баста ва хомӯшу бесадост. Пешорӯям чорроҳаест, ки ба самтҳои гуногун мебарад. Ба се самти он , ки роҳи хеле ҳамвор доранду манзароти марғуб рафтани ман мамнуъ аст. Мегӯянд, ки ман кайҳо ин роҳҳоро тай намудаам ва бозпас рафтан имконнопазир аст:

Бинол, ай най, бидеҳ армонии ман,
Бинол аз бесарусомонии ман.
Ба рӯйи ҷода поям менависад,
Ҳикоятҳои саргардонии ман.

Бозор

Ва ишора мекунанд, ба пайраҳае биравам, ки танг асту печон ва интиҳои онро кӯҳистони даҳшатборест, ки абадуддаҳри яхҳои пир гӯянд он ҷоро. Аз ман пештар касе равон будааст магар, ки рӯйи барф нақши пойи худ монда. Ман равонам аз рӯйи ин нақш ба маконе, ки куҷо ва чӣ буданашро намедонам.

Донандагони асрор таъкидам карданд, ки ин манзил, ки ту азми рафтан дорӣ, сардтар аз зимистони Ишқ ваториктар аз зулмоти дӯзах асту кишвари навмедиҳост. Ин ҷо абрҳои ғаму андуҳ ба сари сокинонаш сиришки ҳасрат меборанд. Дар ин кишвар Ишқ батамом мемирад. Қабристони Ишқ гӯянд ин ҷоро. Ин ҷо мардумон ишқашонро ба ях месупоранд, қабл аз он ки ҷисмашонро ба хок супоранд:

Дигарам гармӣ намебахшӣ,
Ишқ, эй хуршеди яхбаста.
Синаам саҳрои навмедист,
Хастаам, аз ишқ ҳам хаста.

Даҳшатбор аст ин ҷо зистан. Чун чораи бозгашт нест, худро маҷбур месозам, ки:

Ҳамраҳи ғам бошу бо ваҳшат бисоз,
Металаб аз марги худ умри дароз.


Гоҳе ки сокини сукунати ин кишвари ҳузнангезтар аз ҳама ғамҳои дунёӣ мешавам ва он гаҳ ки “Менабигзоранд маро, к-оям бурун”, мешитобам ба сӯйи қуллаҳои хеле баланди кӯҳсорон, то биёбам шоистатару сазовортар ҷояке барои дафни Ишқи фаношудаву хатохӯрдаи хеш...

Ва ҳоло сипарӣ гаштанд ҳама фаслҳои Ишқи ман – ҳам баҳори хурраму файзбори он, ҳам тобистони тафсонаш ва ҳам айёми хазонрези он. Кунун ман мусофири ломакони Ишқ:

Мо зи худ сӯйи ту гардонем сар,
Чун туӣ аз мо ба мо наздиктар.

Падруду хайрбод, ай баҳори файзбори Ишқ!
Маъзур дор як мусофири носипоси хешро...

СОЛЕҲ САИД МУРОД



Солеҳ Саид Мурод соли 1952 дар маҳаллаи Бӯзии ноҳияи Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба дунё омадааст.

Соли 1974 Донишкадаи омӯзгории ба номи С.Айнии шаҳри Самарқандро хатм намудааст.

Зиёда аз 35 сол дар мактаби миёнаи №15-уми ноҳияи Самарқанд бо фаъолияти педагогӣ машғул шудааст.

Солеҳ Саид Мурод аз солҳои донишҷӯӣ бо эҷоди бадеӣ машғул шуда, чакидаҳои қалами ӯ дар матбуоти даврии Ӯзбекистону Тоҷикистон, аз ҷумла: «Овози тоҷик», «Овози Самарқанд», «Субҳи Гулобод», «Адабиёт ва санъат», «Хорпуштак», «Анбоз», «Ҳақиқати Хатлон» ва ғайраҳо нашр шудаанд. Чанд ҳикояи адиб дар маҷмӯаҳои дастҷамъии «Хордаста», «Гулдастаи Самарқанд» ва «Суханобод» дарҷ гардидаанд.

То ба ҳол ду маҷмӯаи ҳикояҳои нависанда «Сӯҳбат боқӣ» («Зарафшон», 2008) ва «Қиссаҳои Гулобӣ» («Тӯрон замини зиё», 2016) ба дасти хонандагони каломи бадеъ расидаанд. Баъзе аз ҳикояҳои ӯ ба забони ӯзбекӣ тарҷума ва нашр шудаанд.

Қиссаи нави муаллиф «Мукофоти амал» ҳоло дар дасти чоп аст.

АНДЕШАҲО

Мӯреро дидам, ки бо заҳмати зиёд ҷасорат карда, донаеро ду-се баробар аз ҷуссаи худаш калонтар кашолакунон сӯи манзилаш мебурд. Ҳайратам афзуда савол кардам:

- Эй мӯр, туро чӣ маҷбур сохта, ки чунин бори гаронеро кашӣ, магар нашнидаӣ, ки гуфтаанд: «Зӯри беҳуда миён мешиканад?»

- Чӣ маҷбур кард, мегӯӣ? Маро нафс маҷбур кард. Нафс ба ҳама ҳам даркор. – гуфт ӯ ва роҳашро давом дод.

- Нафси бад, балои ҷон, эй мӯр, - гуфтам ҳамон ҳайратзада.

* * *

Аксар вақт мо ҳини омин гуфтан «то дунё бошад, мо бошем»-гӯён дуои хайр менамоем. Вале мантиқан фикру идрок намоем, «то дунё бошад, мо бошем» шуда наметавонем.

Зеро ин дунёи дун куҳансолтар аст аз мо. Умри инсон миёни ин радду бадалҳо чун барқест, яке хурӯшаду пасон хомӯш шавад. Вале дунё то вопасин нафаси офтоб барқарор хоҳад монд.

* * *

Аблаҳонро намекоранд, онҳо чун алафҳои бесамари худрӯи замини кишт худашон мерӯянд ва бо мурури замон худашон паҷмурдаву хушк мегарданд.

* * *

- Ҳамаи мо дар ин дунё меҳмон, дӯстам, - гуфт муллотароше дар як сӯҳбат.

- Гапатон шояд ҷон дошта бошад, - гуфт муаллиме. – Лекин, ман мегӯям, ки ҳамаи мо дар ин дунё иҷоранишинем.

- Чӣ тавр? – мароқ зоҳир кард муллотарош.

- Чунки, дурусттар андеша ронем «меҳмон»-у «иҷоранишин» аслан калимаҳои мустақилмаъно бошанд ҳам, дар бобати ҳаёти яклаҳзаинаи инсон дар ин дунёи фонӣ бори як маъниро мекашанд. Худо кай хоҳад, ҳамон дам хона ва манзили зисти худро тарк мекунем. Яъне Худо ба мо хонаву дарамонро муваққатӣ медиҳад, кадом вақте хоҳад, ҳамон вақт мегираду ба дигаре муваққатӣ инъом менамояд, - тавзеҳ дод муаллим.

Муллотарош дар зикри ин суханон муқобилате накард. Чунки суханони муаллимро ҳоҷат ба исботу далел ҳам набуд.

* * *

Ҷавон имрӯз бесаранҷом буд. Ҳар гоҳ ба соати дастиаш менигарист. Вай хост гулдастае биорояд ва ба маҳбубааш бубахшад.

Ҳамин лаҳза гул ба забон омад:

- Ай, ҷавон, аввал бигӯ, аз ман чӣ зиёне дидӣ?

- Ҳеҷ. Ман туро ба дӯстдоштаам мебахшам.

- Маҳбубаат худ гул аст, пас чӣ ҳоҷат аз тақдими ман?

Ҷавон аз ин иддао сахт ба андеша бирафт.

* * *

Духтар гулро савол кард:

- Ай гули хандон, чаро ранги заъфаронӣ гирифтаӣ? Дар дил чӣ ғаму андӯҳ дорӣ?

- Ман аз азал гули хандону шукуфони ин чаманистон будам. Маро заҳри чашми мардум ба чунин ҳол оварда.

- Пас, ману ту дардошно будаем, - гуфт духтар маъюсона.

* * *

Эй замини муқаддас! Ба дӯши худ чӣ қадар махлуқони нопок дорӣ?! Аз қадаммонии онҳо дар шигифтам. Вале ман худро борҳо

таскин додаам, охир, гул бе хор намешудааст, чунонки биринҷ бе курмак.

Вале, ту ононро тезтар фурӯ бар, вагарна, ба сони моҳ, ки дар рӯй доғ дорад, ту ҳам оганда мемонӣ...

* * *

Ман дар банди андешае будам, ки баногоҳ гурбае палангвор ҳамла намуда, мусичаеро аз хекиртакаш ба даст гирифт. Мусичаи бегуноҳ патарросзанон дар зери чанголҳои пӯлодини гурба ҷон ба ҷаббор месупорид.

Манзараро аз куҷое саги дайдуе ба назорат мегирифт, ки бо як ҷаҳиш аз гиребони гурба гирифт. Акнун гурбаяк ҷон ба ҷонофарин месупурд.

Ман ҳамон меандешидам, ки пирамарди солхӯрдаи ҳамсояамон лаб ба сухан кушод:

- Ҳаёт ҳамин тарз офарида шудааст, бачем, яке дигареро маҳв мекунад. Яъне, пурзӯр камзӯрро мехӯрад. Инсонҳо ҳам ҳамин тавранд.

Аз ин сухани дардомези пирамарди нуронӣ ман боз амиқтар ба андеша рафтам.

* * *

Дар ин дунёи дун тухми «безорҳо» бисёранд: хонабезор, занбезор, фарзандбезор, падару модарбезор, дӯсту душманбезор...

Корбезору зиндагибезорҳо лак андар лаканд...

Аммо, аз ватанбезорҳо алҳазар!

* * *

Аз диёнат то хиёнат роҳест як вақаб. Вале хиёнат сарҳад надорад. Аз зану марде, ки ба кӯчаи хиёнат даромадаанд, умеди некӣ наметавон бардошт.

Зеро, онон, имрӯз набошад, фардо ба Ватан хиёнат намуданашон мумкин.

* * *

Ҳар гаҳе забонгумкардае бинам, дилам чу шамъ сӯзад ба ҳоли хешу миллати хеш, ҳар гаҳе ашхоси бемаърифате бинам, паи тӯйҳои пурдабдабаву кӯшку қасрсозӣ кунанд, вале аз рӯзномаву китобхонӣ фарсаххо дуранд, дилам сӯзад. Ҳар гаҳе бинам, дар дабистонҳо шумори гурӯҳҳои тоҷик ангуштшумор аст, дилам сӯзад...

Ҳар гаҳе бинам, мардумоне ба дарахти миллати хеш теша барзананд, дилам сӯзад, ба ҳоли хешу миллати хеш...

* * *

Аё нокас, дар шахсияти духтар суханҳои носазо магӯй!

Духтар гуле нест, ки вақти хостаат барканию бӯй кунӣ ва баъди чанде зери пой афканӣ.

Духтар сабзаи навдамидаи боғот нест, ки болояш ғел гардию пажмурда гардонӣ.

Духтар қатраи обе нест, ки ҳар дафъа биошомию ҳалқатро тар гардонӣ.

Аё нокас, дар шахсияти духтар суханҳои носазо магӯй!

Духтар баҳори зиндагист, ки ба олам рӯҳи тоза мебахшад. Духтар – навниҳоли боғи ҳаёт аст, ки онро нирӯ бахшад. Духтар – машъали оила аст.

Аё нокас, фаромӯш макун, модаре ки туро офаридааст, низ вақте духтар буд.

Духтар – модари ояндаи фарзандони туст, аё нокас!

* * *

Дунё гузарон аст мегӯӣ тую ман ҳам. Шоиру сарояндагон ҳам айни ҳамин суханро ба забон мегиранд.

Вале дунё гузарон нест, вай ҳамон навъе, ки буд, мемонад.

Ману ту даргузарем...

* * *

Дар аҳди висол диламро оташ зада рафтӣ. Вале ман бо ин дили оташин тамоми ҷаҳонро гарм ва мунаввар хоҳад кард рӯзе.

* * *

Заминро савол кардам:

- Чаро хомӯшӣ, эй хоки муқаддас?!

- Ман тамоми дарду доғҳои инсонҳоро ба дӯши худ бор кардам, то ба эшон кам бимонаду хушбахтона умр ба сар баранд, - гуфт дар ҷавоб.

* * *

СУБҲОН ТУЙҒУН
(1930-2011)



Субҳон Туйғун соли 1930 дар деҳаи Урметани н. Айнӣ ба дунё омадааст.

Омӯзгор, шоир, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон (1987).

Пас аз таҳсили мактаби миёнаи №2 ба номи А.М. Горкий дар зодгоҳаш, соли 1953 курси дусолаи омӯзгориро дар шаҳри Самарқанд ва соли 1961 факултети филологияи Донишкадаи давлатии омӯзгории Хуҷанд, соли 1961 Мактаби олии илмҳои ҷамъиятии назди КМ ҲК Шӯравиро дар ш. Москва хатм кардааст.

Чанд муддат дар мактабҳои миёнаи ноҳияи Айнӣ ба ҳайси омӯзгор хидмат намуд. Баъдан ба кори рӯзноманигорӣ гузашта, солҳои зиёд ҳамчун сармуҳаррири рӯзномаи ноҳияи Айнӣ бо номи «Меҳнат» фаъолият кардааст.

Ашъораш дар маҷмӯаҳои «Варзи Манор», «Гардун», «Суруди Урметан», «Мурғи сарой», «Марди баланд», «Оҳи дил» ба чоп расидаанд, ки дар онҳо ишқу муҳаббати самимӣ нисбат ба ёру диёр, манзараҳои нотакрори кӯҳистон, ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, эҳсоси гарми ҷавонӣ ва дигар ҷанбаҳои суннатии зиндагӣ тавсиф ёфтаанд.

ҒАЗАЛҲО

Ҳамехоҳам расад рӯзе, адолатхоҳ ҷаҳон бинам,
Ҳама шеъри баландро ба девони замон бинам.
Ба ҷои лонаи вайрону мурғи бепару боле
Гулистон бинаму ҳам булбулони нағмахон бинам.
Ҳамехоҳам замини паст ҳамчун осмон бошад,
Бани афтодагонашро ба мисли ахтарон бинам.
Ба ҳар ҷое камонабрӯ бубинам ҳам сияҳмижгон,
Ба ҷои он, ки рӯи дӯшҳо тиру камон бинам.
Гадоеро набинам ҳеҷ гаҳ дар кӯчаҳои шаҳр,
Ҳамеша рӯи хони мардумонро пур зи нон бинам.
Сухан буд гавҳару афсӯс хоки ҳар гузар гардид,
Нахоҳам ашки гавҳарро ба чашми шоирон бинам.
Фалакро тарҳи нав созед, шояд, ки бани одам,
Ба коми дил расад, Субҳон, чунин давру замон бинам.

***

Ҳеҷ кас дар ишқи ту монанди ман шайдо набуд,
Ошиқи содиқтаре дар ин ҷаҳон пайдо набуд.
Сарбаландӣ доштам чун кӯҳҳои сарбаланд,
Меҳри ту ганҷи равонам буду дар кӯҳҳо набуд.,
Хонда будам ман туро чун гавҳари якдонаам,
Гавҳаре амсоли ту дар синаи дарё набуд.
Сайр кардам боғу бӯстон, дашту саҳрою чаман,
Мисли ту дар боғи ҷаннат ҳам гули раъно набуд.
Ман дар олам хубрӯёнро тамошо кардаам,
Хубрӯе мисли ту дар рӯи ин дунё набуд.
Ҳусни ту мастам намуду лаззати рӯҳбахш дод,
Гарчӣ нӯшидам шаробе, мисли он асло набуд.
Баҳс мекарданд мурғони ғазалхон дар чаман,
Дар гулистон булбуле монанди ту гӯё набуд.
Рафтию аз рафганат Субҳони ошиқ ҳар замон
Мехӯрад афсӯсу мегӯяд, ки ёри мо набуд.

***

Гирифтӣ номи Субҳонро ту боре,
Баромад аз дилам занги ғуборе.
Аз он, ки ёри дерин ёд кардӣ,
Шудам гӯё самандеро саворе.
Таманнои гулу гулзор кардам,
Насиме омаду бӯи баҳоре.
Дили пазмони ман чун ёфт таскин,
Сазад ҷона|м кунам бар ту нисоре.
Ба ҳар санге, ки нақши по бимондӣ,
Аз он ҷо ҷӯш зад як чашмасоре..
Аҷоиб боғи сарви қомати ту,
Ба ҷуз гулзор ӯро нест хоре.
Агарчӣ аз фироқат заъфаронам,
Ва шодам, ки ду рухсорат аноре.
Канори ман ту будӣ, шод будам,
Зи ту пур будӣ оғӯшу каноре.
Ҳаловат бурд ҷонам аз тамошо,
Бидида чеҳраи чун лолазоре.
Ва масту мадҳушу девона гаштам,
Зи нозу ишваю чашми хуморе.
Бимирад з-ишқат ар Субҳони ошиқ,
Намуда ёд, бигзар аз мазоре.

***

Фидои он касе гардам, ки бар дарде даво бошад,
Шикастаустухонеро ба сони мӯмиё бошад.
Ҳамеша мерасад бар манзили мақсуд он марде,
Агар баҳри дигарҳо дастгиру муттако бошад.
Аз ӯ сабзад ҳама дашту биёбону замини хушк,
Агар мисли Зарафшон зарфишон дар ҳар кучо бошад
Барояд обрую эътибораш то ба гардунҳо,
Агар боору бономус бошад, боҳаё бошад.
Ҳама шебу фарози зиндагиро мекунад ҳамвор,
Агар дар бурдборӣ ҳамчу санги осиё бошад.
Ва маъво дар дили хурду калони даҳр хоҳад ёфт,
Агар бар халқу бар меҳан ҳамеша бовафо бошад.
Вафодори Ватан, Субҳон азиз аст аз барои ту,
Чунин ашхос доим дар дилу дар дида ҷо бошад.

* * *

Қадру баҳои фозил ҳар бехабар надонад,
Девонаи биёбон ҳар чӯю чар надонад.
Ҳар кишварест холӣ аз шоиру ҳунарвар,
Рӯде агар набошад, мавҷи гуҳар надонад.
Сардор агар набинад пасту баланди олам,
Ҷуз роҳи хонаи худ роҳи дигар надонад.
Ҳар хирасар, ки дур аст аз аҳли фазлу маънӣ,
Қадри зиёву нури шамсу қамар надонад.
Аз мардумӣ, ки бошӣ, бо мардумӣ бипайванд,
Худро гирифта боло, қадри башар надонад.
Ҳар кас дар ин ҷаҳон шуд дар ҳирси молу мулк
Раҳҳои қалби моро ҳар раҳгузар надонад.
Дар бар либоси ҷанда, бигзашт умри банда,
Зебоиҳои сират ҳар бадназар надонад.
Ҳоло, ки аҳли маънӣ сарсону хору зор аст,
Дасташ бигир Субҳон, то дарди сар надонад.

СӮҲРОБ ҒАФФОРӢ



Ғаффоров Сӯҳроб 14 августи соли 1958 дар деҳаи Ревади ноҳияи Айнии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оилаи хизматчӣ ба дунё омадааст. Ӯ МТМУ№10-и деҳаи Ревадро хатм намуда, соли 1975 ба Донишкадаи политехникӣ дохил шуда, соли 1980 онро бомуваффақият ба итмом расонидааст.

Пас аз хатми донишкада фаъолияти кориашро дар заводи автомобилтаъмиркунии №1 шаҳри Душанбе оғоз намуда, бо роҳхати Вазорати нақлиёти ҷумҳурӣ аз соли 1982 то соли 1993 дар муассисаи нақлиёти автомобилии №37-и шаҳри Панҷакент ҳамчун муҳандис дар вазифаҳои гуногун кор кардааст.

Номбурда аз соли 1993 сар карда, дар «Лада Мармар», «МГРЭС», «Ҷамъияти Мададгори Мудофиа» фаъолияти меҳнатияшро идома додааст ва аз соли 2010 инҷониб дар ҶДММ «Ҳунарҷӯ»-и шаҳри Панҷакент ҳамчун роҳбар кор ва фаъолият дорад.

ИСТИҚЛОЛ

Ҷашни Истиқлол дорӣ, Тоҷикистон шод бош!
Бо накӯфарзанди миллат доимо обод бош!
Сарвари боҳиммати ту ифтихори миллат аст,
То ҷаҳон бошад, саодатманд бош, озод бош!
Биступанҷум солгарди ҷашни ту фархунда бод,
Бо чунин ҷашни накӯ арзандаи мелод бош.
Кӯҳҳоят пур зи ганҷ аст, сарзамини кӯҳсор,
Эй сахӣ – фарзанди миллат, то абад Фарҳод бош.
Халқи тоҷик буд аз рӯзи азал ҳимматбаланд,
Фахри ин фарзандҳову фахри ин аҷдод бош!
Менамояд васфи ту Сӯҳроб бо сад ифтихор,
Доимо поянда бошу сарбаланду шод бош!

БА ПАДАРАМ

Дарси ибратро, падарҷон, аз Шумо омӯхтем,
Зебу зиннатро, падарҷон, аз Шумо омӯхтем.
Хислати мардонагию бурдборию хирад,
Панду ҳикматро, падарҷон, аз Шумо омӯхтем.
Аз барои дӯстону хидмати афтодагон,
Тарки сарватро, падарҷон, аз Шумо омӯхтем.
Баҳри ин миллат Шумо кардед меҳнатҳо фузун,
Ишқи миллатро, падарҷон, аз Шумо омӯхтем.

БА МОДАРАМ

«Дунё вафо надорад, эй нури ҳарду дида»,
Гӯё дил аз фироқат аз ин ҷаҳон рамида.
Лафзи фасеҳи модар ҳар гаҳ ба ёдам ояд,
Ҳам чеҳраи шукуфон, ҳам қомати хамида.
Шабҳо нахуфта модар, роҳат надида модар,
Бо аллаҳои ширин хобонда нури дида.
Фарзанд аз ӯ забонро омӯхт, раҳравон шуд,
Модар хӯронду пӯшонд, худ серие надида.
Фарзандҳои худро бар чор сӯ гуселонд,
Вақти дуои фарзанд дил дар бараш тапида.
Чашми базеби модар шуд хира баҳри фарзанд,
Монанди Яъқуби зор шуд тира ҳар ду дида.
Эй кош, модарамро бори дигар бубинам,
Чун андалеби нолон дар боғҳо парида.
Рӯҳи ту шод бошад, ором хоб, модар,
Сӯҳроби ту ба ёдат ин шеър офарида.

ТОЛИБ ЮНУСЗОДА



Толиб Юнусзода 15-уми июли соли 1951 дар деҳаи Оқмасҷиди (Дарвозаи Ревдод) вилояти Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар оилаи омӯзгор ба дунё омадааст. Падараш Субҳони Юнусзод, модараш Тӯхта Турсунова.

Дар тӯли солҳои 1958-1968 дар мактаби таълими умумии рақами 21-уми ноҳияи Самарқанд таҳсили илм намуда, соле дар курси ронандагӣ хондааст. Солҳои 1969-1973 донишҷӯи Донишкадаи педагогии Самарқанд ба номи Садриддин Айнӣ буд ва фаъолияти кории худро дар мактаби таълими умумии рақами 37-уми ноҳия оғоз намуда, дар давоми солҳои 1973-2006 ба шогирдон аз фанни забон ва адабиёти тоҷик дарс додааст.

Солҳои 1974-1975 дар курси университети мухбирони коргару деҳқон таҷриба омӯхтааст.

Солҳои 1970-1990 ҳамчун мухбири ҷамоатии рӯзномаи “Овози тоҷик” ва “Субҳи Шарқ”, тӯли солҳои 1975-2010 мухбири ҷамоатии радио ва телерадиокомпанияи Самарқанд ва аз соли 1990 то имрӯз чун мухбири ҷамоатии рӯзномаи вилоятии “Овози Самарқанд” фаъолият мебарад.

Намунаҳои эҷоди Толиб Юнусзода дар рӯзномаҳои “Комсамоли Тоҷикистон”, “Чашма”, “Пионери Тоҷикистон” нашр гардидаанд.

Муаллифи китоби “Оҳанги зиндагӣ” (2006).

Оиладор. Соҳиби 5 нафар фарзанд.

ХАБАРИ ТӮЙ
Ҳаҷвия

Қодири лабкаҷ хост тӯйи суннатии набарааш – Носирро гузаронад. Ба ин муносибат ош дам карда, хешу табор ва ҳамсоягонро ба маслиҳатошӣ даъват кард.

Ҳама ҷамъ шуданд. Соҳиби маърака Қодири лабкаҷ даҳонро фарох кушода, ба гап даромад:

- Дӯстон ва бародарони азиз, хостам бо шумоён барои дасти наберагонамро «ҳалол» кардан маслиҳат ороям. Шумо ба ин чӣ мегӯед? Ман барои болаззат пухтани оши палав Ҳасани ишкамро таъин кардам. Сардори чилбуғум чойхоначӣ мешавад. Барои қабулу гусели меҳмонон даҳонкалони маҳалла Сангини каллакалон масъул аст. Барои пухтани кабоб Ҷалоли серҷоғро вазифадор сохтам. Чунки кори вай тозаву озода ва ботартиб аст. Саттори ашк, Шарифшиппак ва Асрори кабуд ба меҳмонон хизмат мекунанд. Чунки онҳо дар хизмат чаққон. Ту Фақири олус аз ҳамсоягузар Ғарибӣ, Карими ҳангӣ, Восеи бедаҳан, Набикал, Раҳмони бозингар, Юсуфи отарчӣ, Парии зардак ва як-ду ошнои дигарамонро хабар мекунӣ. Барои гузаронидани тӯй 60 кило

биринҷ, 6 кило сабзӣ, 20 литр равғани пахта, 4 литр равғани зиғир, 2 кило чой, 20 кило пиёз овардем. Аз сабаби пастии газ 10-12 кундаи зардолую чамоқ, панҷ филаги об, 120 дона арақ ва нӯшокиҳо тайёр кардем…

Аз як гӯша Усмони ҳоҷӣ бо овози ғафсаш пурсид:

- Ҳофиз таъин кардед ё не?

- Гулшани отарчӣ ба 200 ҳазор базӯр розӣ шуд.

- Ҳа, мешавад, як сурудро сад бор такрор карда, ғалат мехонад. Ба 200 ҳазор меарзад, - гуфта розигии худро баён кард Чоршанбеи подароз.

- Канӣ, боз ба кӣ чӣ гуна таклиф ҳаст? – соҳиби маърака рӯ ба ҳозирон оварда, муроҷиат кард.

- Ман як таклиф дорам, - гуфт Асрори кабуд.

- Гӯш мекунам.

- Биринҷро 10 килограмм зиёд меандозед. Чунки худи шуморо бечораҳолҳо хабар кунанд – накунанд, ки меравед. Боз 20 дона арақи барзиёд мехаред. Худатон дар маъракаҳо аз назди як стол ба пеши дигар стол рафта, як-ду пиёлагӣ арақ менӯшед. Албатта, як табақ палавро бо дуто нон ба хонаатон мефиристонед.

- Ҳа, ту аз ҳамон ревизориат намондӣ-дия, - хандида гуфт соҳиби маърака ва ба ҳозирон назар карда боз пурсид:

- Канӣ боз ба кӣ чӣ гуна таклифҳо ҳаст?

Яке аз ҳозирон шӯхиомез хотиррасон кард:

- Соҳиби маърака Қодири лабкаҷ ҳам аз хабар намонанд?

Ҳама хандиданд.

ЛАТИФАҲО

Аз ғам мемирад

Фурӯшандаи фарбеҳе ба духтур арз кард:

- Духтурҷон, як илоҷ кунед, ки камтар хароб шавам, вагарна аз роҳгардӣ ҳам мемонам.

- Кори савдоро бас карда, ба саҳро бароед!

Фиреб

Хоҷа Насриддин сахт бемор шуда, сар ба болин ниҳод. Занашро ба наздаш хонда гуфт:

- Беҳтарин куртаҳоятро пӯшида, дар наздам бишин.

Занаш, ки мунтазири васият буд, гиряи талх кард ва гуфт:

- Чӣ хел ман худро орою торо бидиҳам, вақте шумо дар дами марг ҳастед?

- Ҳеҷ гап не, азизам, - ӯро ором кард Насриддин. – Вақте ки ҳазрати Азроил меояд, шояд ҳусну ҷамоли туро дида, маро фаромӯш кунад.

Ҷурғот

Як бегоҳ Хоҷа Насриддин ба занаш гуфт:

- Занак, ҷурғот биёр, мегӯянд, ки ҷурғот меъдаро мустаҳкам, иштиҳоро баланд ва ташнагиро мешиканад.

- Дар хона ҷурғот нест, - ҷавоб дод занаш.

- Боз беҳтар, - гуфт Насриддин, - ҷурғот фишори хунро паст мекунад, ба решаи дандонҳо зарар мерасонад, талаботи одамро ба об зиёд мегардонад.

- Э мардак, ба кадом гапҳои шумо бовар кунам? Ба якумаш ё дуюмаш?

- Агар бошад – ба якумаш, набошад – ба дуюмаш!

Аз маймун кам нестӣ

Зани Афандӣ дер боз дар назди оина мӯй ва афту андомашро обу пардоз кард ва баъд назди шавҳараш баромада, гуфт:

- Дадеш, чӣ хел, хушрӯй шудам?

Афандӣ ба завҷааш нигоҳ карда гуфт:

- Аввал мисли парӣ будӣ. Акнун аз маймун кам нестӣ.

Соли ҳамдуна

Ду мард дар миёнаҷойи бозор бо ҳам баҳс карда, ҷанҷол мебардоштанд. Ҳама гирди онҳо ҳалқа зада буданд. Яке аз онҳо мегуфт:

- Соли нав соли маймун аст.

Дигаре рад карда, иддао менамуд:

- Не, соли нав соли бӯзина аст.

Афандӣ, ки яке аз тамошобинони ин баҳс буд, онҳоро аз ҷанҷол боздошта гуфт:

- Ҷанҷолу баҳси шумо беҳуда аст. Оё ҳаминро ҳам намедонед? Соли нав соли ҳамдуна аст!

Худамро дидагӣ барин

Зани таннозе, ки дар тан либоси тангу тор дошт, бо лабу рӯйи пурғоза ва мӯйи пахмоқу ҳафтрангаш боғи ҳайвонотро давр мезад.

Ҳангоме, ки назди маймун омад, ҷонвар дастонашро ба сӯйи ӯ дароз карда, ба рақс даромад. Зан аз Афандӣ, ки дар шафати вай меистод, пурсид:

- Ин маймун чӣ гуфтан мехоҳад?

Афандӣ дар ҷавоб гуфт:

- Туро дида афтамро дидагӣ барин шудам!

Саломи яклухт

Набера пагоҳирӯзӣ бобояшро дида, бо ду дасти адаб се бор паси ҳам «Ассалому алейкум, бобоҷон» гуфт. Бобо ба саломи набера «алейк» гирифт.

Рӯзи дигар бошад, назди бобояш омаду салом надод. Бобо бо тааҷҷуб пурсид.

- Ҷони бобо, имрӯз саломро фаромӯш кардӣ?

- Не, бобоҷон. Охир дирӯз се бор салом дода будам-ку!

Чаро наврӯз набаромад?

Акбаршоҳ ҳамроҳи Наврӯзҷон телевизор тамошо мекард.

Барандае бо овози хуш шеъри «Биё, Наврӯзи фирӯзам»-ро мехонд. Ва ҳофизе дар чорбоғи зебое «Наврӯз омад!» гӯён наъра мекашид.

Ин вақт Акбаршоҳ хурсандона дод зад:

- Наврӯзҷон, ҳозир туро нишон медиҳанд!

Наврӯз, ки набаромад, Акбаршоҳ дилгир шуда гуфт:

- Э, ин телевизорчиҳо туро наёфта, дашту саҳроро нишон доданда?

ТОҶИБОЙ СУЛТОНӢ



Султонзода Тоҷибой Султонӣ – адабиётшинос, доктори илмҳои филологӣ, котиби масъул (2013-2014) ва сармуҳаррири нашрияи ҲХДТ дар вилояти Суғд - «Сухани халқ» (майи 2014 то феврали 2016). Аз 14 декабри 2015 мудири шӯъбаи рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи дастгоҳи Раиси вилояти Суғд.

19-сентябри соли 1970 дар шаҳри Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дунё омадааст. Пас аз хатми мактаби ҳаштсолаи деҳаи Ровадин ва мактаби миёнаи рақами 6 деҳаи Fӯсар (ҳоло ҷамоати ба номи Лоиқ Шералӣ) соли 1988 ба факултаи филологияи ИДПЛ ш. Ленинобод (ҳоло ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров) дохил шуда, онро соли 1993 хатм намудааст. Солҳои 1993-1995 фаъолияти меҳнатиро ба ҳайси муаллими кафедраи байнифакултетии забон ва адабиёти ДДХ (ҳоло ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров) оғоз намудааст. Солҳои 1995-1998 таҳсилро дар аспирантураи ДДХ идома дода, соли 2000-ум рисолаи номзадии хешро дар мавзӯи «Шарҳи қасоиди Хоқонӣ»-и Алавии Шодиободӣ ва масъалаҳои маърифати бадеии ашъори Хоқонӣ» таҳти роҳбарии профессор Абдуманнони Насриддин дифоъ намудааст. Узви Шӯрои олимон ва муҳаққиқони вилояти Суғд (1997-2005), раиси Шӯрои олимон ва муҳаққиқони ҷавони вилояти Суғд (2001-2005).

Давраи бозомӯзиро дар Донишгоҳи Шаҳид Биҳиштии кишвари Эрон (2008-2009) сипарӣ намудааст. Дар шашумин Анҷумани байналмилалиии устодони забон ва адабиёти форсӣ (25-26 даймоҳи соли 1387 дар Теҳрон), ҳамоиши байналмилалии 1150-солагии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (Теҳрон, 1387), ҳамоиши байналмилалии бузургдошти Алишери Навоӣ (Машҳад, даймоҳи 1393), семинари омӯзишии «Рушди ВАО-и ҷадид дар Тоҷикистон» (Ҷумҳурии халқии Хитой, Пекин, 2015) ва дар чандин конфронсҳои байналхалқӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ ширкат ва суханронӣ кардааст.

Риштаи таҳқиқоти Тоҷибой Султонзода масоили маърифат ва шарҳи осори адабиро дарбар мегирад. Соҳиби зиёда 150 мақолаҳои илмӣ ва илмию оммавӣ оид ба масоили мухталифи адабию иҷтимоӣ мебошад. Ба масоили таҳқиқи шеъри муосир низ таваҷҷӯҳ дошта, дар ин замина зиёда аз 30 мақола таълиф намудааст. Мақолаҳояш дар маҷаллаҳои дар КОА-и Федератсияи Россия номнависшуда, дар Ҳиндустон, Эрон ва Узбекистон ба нашр расидаанд.

Осори таълифии Т. Султонзода иборат аз «Шарҳи касоиди Хоқонӣ»-и Алавии Шодиободӣ ва масоили маърифати бадеии ашъори Хоқонӣ», (Хуҷанд-2000); «Шарҳи «Миръоту-с-сафо»-и Хоқонӣ», (Хуҷанд-2000); «Таҳлили матни асари бадеӣ» (раҳнамои таълим), Хуҷанд – 2002; «Шарҳи қасоиди Носири Хусрав» (таҳия бо ҳаммуаллифӣ), Хуҷанд – 2003; "Таърихи адабиёт"(аҳди

бостон), Хуҷанд, 2009; Нома ба падар. Хуҷанд, Нашриёти «Андеша», 2012. – 56 саҳ.(Нашри дуюм, бо иловаҳо), Хуҷанд: Меъроҷ.-2013.-80 саҳ; «Хони маънӣ» (Мунтахаби ашъори Хоқонии Шарвонӣ). Таҳияи қасоид, ғазалиёт, қитъаҳо, ашъори мутафарриқаи Хоқонии Шарвонӣ, силсилаи «Ахтарони адаб», ҷилди 18, Душанбе, «Адиб», 2012); Китоби иншо. Душанбе: Ирфон.-2013. -196 саҳ.; «Қалъаи Ҳушрабо» (Шарҳи достони «Дижи Зотуссувар» аз дафтари шашуми «Маснавии маънавӣ»), (Хуҷанд, 2013.-143 саҳ.), «Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ ва «Ҷавоҳир-ул-асрор»-и ӯ»(Хуҷанд: Нури маърифат, 2019.-1288с.), «Шарҳшиносии «Маснавии маънавӣ»(Хуҷанд: Нури маърифат, 2019.-292 с.) буда, инчунин, китобҳои «Рисолаи Сипаҳсолор»-и Фаредуни Сипаҳсолор (2015) ва «Гулшани тавҳид»-и Иброҳим Шоҳидии Муғлавӣ (2015)-ро ба нашр омода кардааст.

НОМАЕ БА УНВОНИ ПАДАР

Салом падари бузургвори ман! Инак фурсати муносиб ёфта мактуби худро ба номи Шумо ирсол медорам. Намедонам номаи дигари ман дастрасатон гардид ё на, ман онро ба воситаи акои Тоҳир фиристода будам. Ман дафъаи гузашта ба Шумо ваъда дода будам, ки албатта дар рӯзҳои наздик ба деҳа меоям, вале ин бор ҳам ба аҳди худ вафо карда натавонистам.

Дирӯз ҳамсинфам Толибро дидам, ки аз Ровадин омадааст. Шумоёнро пурсидам, «ҳама сиҳату саломат, салом гуфтанд» - гуфту хандида илова кард, ки *"модарат гила мекунанд, ки ту фақат ба падарат мактуб менависӣ, ба он кас не"*. Аз кисааш як халтачаи хурди латтагиро бароварда, ки ба сурати лӯлапече дӯхта шуда буд. Матоъ хурд бошад ҳам ман даррав онро шинохтам, он аз пораи боқимондаи матоъҳое буд, ки модарам барои деворҳои хонаамон ба шакли хонаи шоҳмот медӯхт ва ба девор меовехт. Модарам ҳар бор, ки касе ба шаҳр меомад, ба ман мактуб навишта дар чунин матоъпораҳо медӯхт ва бо ин кораш гӯё ба он "мӯҳр" мезад, то ки шахси баранда онро нахонад. Онро ба хона оварда кушодаму ба хондан сар кардам:

"Писаракам, ту дар ун шаҳрҳои урус чӣ ҳол дошта бошӣ. Ҳар бор, ки ош кунам, пеши назарам даррав ту меоӣ. Ба назарам чунин менамояд, ки ту гушна ҳастию азоб мекашӣ, ҷойи туро дар сари дастархон холӣ мебинаму иштиҳоям худ ба худ баста мегардад. Баҳона карда ба берун мебарояму то холӣ шудани дилам гиря мекунам. Охир дар он "кофиристон" зиндагӣ кардан осон нест".

Азбаски модарам ягон бор аз деҳа берун нарафта буд, шаҳрро ҳамеша "кофиристон" мегуфт, момоям ҳам ҳамин тавр мегуфтанд. Ин калима аз нигоҳи онҳо маънои шаҳрро дошт, зеро гумон мекарданд, дар шаҳр танҳо кофирҳо зиндагӣ мекунанд. "Кофир" гуфта онҳо русҳоро дар назар доштанд… Дар ёд дорам момоям ҳамеша ба мо дар

бораи "кофирҳо" сухан мекарданд ва мегуфтанд: "Бачем, ҳамин кофирҳо омаданду олам обод шуд, ҳатто баркро ҳам ба деҳаи мо ҳамин кофирҳо оварданд. Кофирҳо одамони хуб ҳастанд, ба касе кор надоранд, ғайбатро намедонанд. Онҳо фақат кор мераванду меоянд, ҳар чи ҳамин рӯз ёбанд мехӯранд, ғами фардоро намехӯранд. Фардо барои онҳо "Худо подшоҳ" аст".

Ба андешаи момоям дунё аз ду халқ иборат буд: кофир ва мусулмон. Аз ин рӯ, аз рӯи нақлҳои он кас ман "кофир"-ҳоро одамони ғалатӣ, соддаи зудбовар, дурӯғро намедонистагӣ, раҳмдилу дасткушод тасаввур мекардам. Ҳоло ман барои тавзеҳи лафзи «кофиристон», ки бори аввал аз момои раҳматиам кампири Ойимгул шунида будам, аз матлаби аслӣ, ки зикри номаҳои модарам буд, боз ҳам дур шудам. Зеро модарам ҳамеша фикр мекард, ки ман дар «кофиристон» мусофир ҳастам. Ӯ маънои «мусофир»-ро ба таври худ «инсони дар шаҳри бегона бекасу танҳо, азоб мекашаду касе ба ӯ кӯмак намекунад» - тасаввур мекард. Бинобар ин ҳам ин калимаро бо номи ман тавъам медонист. Ман мушоҳида мекардам, ки модарам ҳангоми гусели ман ҳам зимни дуои хеш онро ба забон меовард:

«Аллоҳ-Аллоҳ, эй Парвардигори меҳрубон, ҳамин фарзанди маро, ки ба мусофириҳо мефиристам, аз пушти замона, дар паноҳат нигоҳ дор! Оллоҳ-Оллоҳ, эй Худои меҳрубон, ҳамин фарзанд, яъне ҷигарбанди маро ба манзилаш сиҳату саломат бурда расон. Эй бор Худои пуриноят, покиза карими бениҳоят, ҳамин фарзанди азизама бурда расон сиҳат-саломат…».

Дар чунин ҳолатҳо модарам гирён мешуд ва овозаш ҳам паст мешуд, ман танҳо пичир-пичири садо, оби чашм ва паридани лабҳои ӯро мушоҳида мекардам. Ӯ оҳиста аз пеши ман дур мешуд ва ашкони хешро пинҳон мекард, зеро аз сиёсати падарам, ки «чаро бачаро зиқ мекунӣ?»- мегуфтанд, метарсид. Аз ин ҳолати модарам ман хеле дилтанг мешудам, ба шаҳр омадан намехостам, оромии як гӯшаи кӯҳистонро беҳтар аз шаҳр медонистам. Вале чи илоҷ, ман ба дуои модарам имон меовардам: «Бале, ман аз пушти замона мусофирам».

Модарам пас аз он ки маро бо гиря гусел мекард, малул мешуд, намехост, ки дар ин бора фикр карда ғами ӯро хурам, бинобар ин кӯшиш мекард, ки дар мактуби навбатии худ бо ягон роҳе маро хотирҷамъ созад:

“Ассалому алайкум писари аз чашм дуру ба дил наздикам, шумо нағз гаштаед? Илоҳо нағз бошед. Илоҳо хок дар дастатон зар шавад, саратон дардро набинад, дарду ғамро набинед, нон дар даҳонатон асал гардад, бо сари баланду димоғи чоқ гардед…”. Сипас, шеъреро оварда, барои «тасаллӣ»-и ман онро баръакс маънидод карда буд:

«…Ин шеър маънияш ҳамин ки агар фарзанд аз хона барояд, вай «модар» нагуфта зиндагонии худаша бинад, барои ман ҳеч чи натияд, ман розӣ мебошам…».

Тобистони соли панҷуми таҳсил ман каме бемор шудам. Пас аз табобат ба Хуҷанд баргашта машғули дарсхонӣ шудам ва дар бораи саломатииам ба модарам нома навиштам. Мактуби ҷавобиро акои Абубакр оварда буд. Модарам менавишт:

«Ассалому алайкум ҷигарбанди модар! Ин салом, ки аз дили пурҷӯшу хурӯши модар садо медиҳад, ба фарзанди аз чашм дуру ба дил наздики ман аст. Хайр азизи модар, Шумо нагз ҳастед? Илоҳо саратон дардро набинад, ҳамеша сарбаланд бошед, камию бадия набинед. Аз даргоҳи Худо шабу рӯз талабам ҳамин аст… Ман барои Шумо бисёр хавотир шудам, биллоҳ шабҳо хоб надорам. Хати Шумо омаду ман гӯё аз модар шудам…».

Ман шодии модарамро, ки аз хондани номаҳоям ҳосил мегардид, ба андозаи зарурӣ тасавур карда наметавонистам, аммо модарам ҳамеша аз ман хоҳиш мекард, ки зуд-зуд нома нависам, зеро *«ман номаҳои туро гирифта худро нав аз модар ба дунё омада тасаввур мекунам. Ман модар дошта бошам қариб ҳар рӯз хат мекунам, ки зиқ нашавад»* - мегуфт ӯ. Ман ҳам мекӯшидам, ки ин хоҳиши модарро ҳамеша иҷро кунам, бо вуҷуди ин модарам дар номаҳои худ аз ман гила мекард, ки дер-дер менависам. Ҳатто ҳангоми дар деҳа буданам доим ба ман таъкид мекард:

«Ту зуд-зуд ба ман навис, агар ман номаҳои туро гирам, чашмонам равшан мешаванд, худамро солиму бардам ҳис мекунам, мисли кӯдаки нав аз модар ба дунё омада худамро хушбахт эҳсос мекунам». Худаш аз рӯи ҳамин дастур кор мекард. Ҳанӯз ман ба шаҳр омада нарасида, модарам бо аввалин каси ба шаҳр меомада, номаи хешро равон мекард:

«Писарам, нури чашми модар, қуввати ҷисму ҷонам, Шумо нагз рафтед? Дар роҳ хунук хурдед? Чаро хат накардед…? Гилагузорӣ – дия, писари азизам, ҳамин сол азоб кашидед… Илоҳо дар пеши потон мурам, камию бадия набинед, барои Шумо шукри аз ҳад зиёд шавад. Ман Шуморо бисёр азоб кашида калон кардам, дасти танҳо, пуштора об меовардам, дилам намешуд дар замин монам. Имрӯз калон шудеду азоб кашида дар мусофириҳо зиндагӣ мекунед...».

Азбаски модарам ба «чашмзахм» сахт эътиқод дошт, ҳамеша моро огоҳ мекард, ки ҳамроҳи бародарам якҷоя мактаб наравем. Агар мо эътироз мекардем, ҳаросон мешуд ва бо ҳамон мулоиматию оромӣ мегуфт: «Медонӣ азизҷон, Яъқуб пайғамбар ҳам вақти ба Миср фиристодани фарзандҳояшон аз онҳо хоҳиш карда буданд, ки аз як дарвоза вориди шаҳр нашаванд, шумо бошед ба ин бовар намекунед».

Боре ба деҳа рафтам ва як субҳ ҷомачаи хурдеро дар мехи зери айвон овезон дидам. Азбаски дар хонаи мо кӯдаки хурдсоле набуд, ман ҳайрон шуда аз модарам пурсидам, ки «ин ҷомача ба кӣ тааллуқ дорад?». Модарам бо ҳамон оромии ба худ хос гуфт: «Ин чапончаро дар ҳангоми семоҳа будани Сулаймон дӯхта будам». Ман онро ба даст

гирифта тамошо кардам, кӯдакии бародари хурдиам Сулаймон ба ёдам омад. Ҳоло Сулаймон 25-сол дорад. Маълум мешавад, ки модарам онро 25 сол боз нигоҳ медоштааст. Ман бо тааҷҷуб пурсидам: «Инро аз кучо ёфтӣ, модар?» «Ман либосҳои ҳамаи шумоёнро нигоҳ доштаам»,- ҷавоб дод модарам.

Ман медонистам, ки модарам ҳатто тамоми ҷиҳозеро, ки ба замони кӯдакии мо фарзандон тааллуқ дорад, эҳтиёт мекард, ба замин намепартофт. Гумон мекард, ки агар онҳоро ба замин партояд, мабодо касал нашавем. Дилаш намешуд, ки онро ба оташ андозад, онҳоро баста дар баландиҳо нигоҳ медошт, аз ин сабаб то имрӯз ҷомача, куртача ва кулоҳҳои кӯдаконаи мо дар хонаамон вуҷуд доранд. «Наход ҳоло ҳам онҳоро эҳтиёт кунӣ модар?»- мепурсад бо ханда хоҳарам Тӯҳфа. Онҳоро чи кор мекунӣ?

«Ман то зинда ҳастам онҳоро нигоҳ медорам, баъди сари ман худатон медонед»- ҷавоб медиҳад модарам. Барои ман на танҳо он лаҳзаҳо, балки имрӯз низ ба ёд овардани он эҳсоси хушӣ мебахшад, тааҷҷуб мекунам ба дунёи орзу ва андешаҳои модарам.

Бале, дунёи андешаҳои модарон хоси худи онҳост…

Падарҷон! Ҳоло баргардам ба сари он ки ба Шумо номаи дуюми худро ирсол медорам. Пас аз он ки мактуби аввали худро ба шумо фиристодам, модарам дар номаи худаш ба ман гилаомез навиштааст:

«Майлаш азизҷон, ту фақат дар бораи падарат навис, дар бораи ман нанавис…».

Ман аз мазмуни мактуб донистам, ки модарам аз ҳама бештар маро пазмон шудааст, чунки ман боз ҳам ба ваъдаи худ вафо накардам ва ба деҳа нарафтам. Дарк мекунам, ки дар чунин лаҳзаҳо модарам ҳазломезонаву гилаолуд мегуфт:

«Рост гуфтаанд, ки дили оча ба бача, дили бача ба кӯча. Ту акнун калон шудӣ, паррончак шудӣ-дия, дилат дарё шуда рафтаст, набошад ин қадар дер-дер намеомадӣ! Ман чанд рӯз аст, ки рӯз мешумурам, ки кай ту меоӣ, аз интизорӣ кӯки чашмонам канда шуду аз ту дарак нашуд, як мошин «ғиррӣ» кунад, давида мебароям, ки шояд омада бошӣ. Ду рӯз боз чашми хурсандиям мепарид, хаёлам, ки касе меомада бошад, хайрият, ки омадӣ писарам. Сиҳату саломат ҳастӣ, чаро ин қадар хароб шудаӣ? Шояд дар ун мамлакатҳои дур гушнаву ташна монда бошӣ. Ҳа ҳамин тавр гӯй, ту азоб кашӣ ҳам ба мо гап намезанӣ, чанд бор падаратро гуфтам, ки давида раведу бачаро хабар гирифта бед, нарафтанд. Мард–дия, дил калон, "ҳа меравам" гуфтанду нарафтанд. Худам мард набошам, ки мошина савор шаваму як сари қадам рафта туро дар мактабат дида гашта биёям. Ҳа, осон нест дар он "кофаристон" зиндагӣ кардан…».

Модарам ҳамеша бо дилсӯзиву парешонӣ дар бораи ман гап мезад, аммо ман ҳарчанд мекӯшидам, ки шаҳрро биҳишт нишон диҳам, модарам қабул намекард: "Шаҳр шудан қатӣ, он ҷо ҳама чизро кошта

намондаанд, ту азоб мекашию аммо гап намезанӣ, бе азоб мешавад-чи азизҷон. Ҳа, ҳамаи кор азоб дорад, медонам".

Дар ёд дорам, ки боре бо модарам бо телефон гап заданӣ шудам. Модарам як бор садо баланд карду дигар гап назад. Ман ҳис кардам, ки дили вай пур шуд, вале бисёр мехостам, ки модарам гап занад ва ман аҳволи аҳли хонаводаро пурсам, охир имкони бо телефон гап задан на ҳама вақт муяссар мегардад. Баъдтар, ки бо модарам мустақим дар ин мавзӯъ сӯҳбат карда, сабаби сухан нагуфтанашро пурсидам, кӯтоҳакак чунин ҷавоб дод: *"Овозат мусофир барин буд"*. Ман завқ кардам аз ин сухан, «*магар овоз ҳам мусофир мешавад*?». Вале ба зудӣ дарк кардам, ки дар зери ин суханҳои модари дунёнадидаам чӣ қадар меҳру муҳаббат, дилсӯзӣ, хавфу ҳарос, парешонӣ, бедорхобӣ, сари ҷогаҳ нишаста дар бораи фарзанд андешиданҳо, сари дастархон ҷойи писари мусофирро холӣ дида дарун-дарун гиристан ва билохира чизе нахӯрда хуфтани модарон нуҳуфтааст...

УБАЙДУЛЛОИ МИРЗОЮНУС



Убайдуллои Мирзоюнус 5-уми июни соли 1957 дар деҳаи Каздони ноҳияи Айнии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар хонаводаи марди кишоварз ба дунё омадааст.

Соли 1974 мактаби миёнаи №5-и ба номи Мирзо Абдулқодири Бедили ҳамин ноҳияро хатм намуда, пасон ба Омӯзишгоҳи касбӣ-техникии №53-и ноҳияи Айнӣ дохил шудааст.

Пешаи асосии ӯ ронандагӣ буда, дар шаҳри Хуҷанд кору зиндагӣ дорад.

Ӯ дар баробари пешаи ронандагӣ инчунин ба шеъргӯйӣ машғул аст. Чакидаҳои қаламаш дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ пайваста нашр мешаванд.

ГИРЯ МЕОЯД МАРО

Модари чашмингизорам, гиря меояд маро,
Меҳрубону ғамгусорам, гиря меояд маро.
Рафтаам бар роҳи дур, аммо хаёлам сӯи ту,
Ҷуз ту дилсӯзе надорам, гиря меояд маро.
Чун касон гӯянд аз рӯзи ҷавонияш сухан,
Шукри ҳастии ту дорам, гиря меоям маро.
Ҳар замон симои зебоят бувад пеши назар,
Эй хушии рӯзгорам, гиря меояд маро.
Эй Убайдулло, бирас бар қадри ин неъмат ту низ,
Сӯи модар раҳсипорам, гиря меояд маро.

* * *

Лаҳзаи умри ҷавонӣ ёд бод,
Дилбарию дилситонӣ ёд бод.
Дар ҷавонӣ ошиқи шайдо будан,
Дилнавозӣ, меҳрубонӣ ёд бод.
Фасли гул бо гулрухони тозарӯ,
Боданӯшӣ, комронӣ ёд бод.
Мунтазир будам ба он зебосанам,
Аз лабаш бӯсаситонӣ ёд бод.
Дар лаби дарё ба он соҳибҷамол,
Розҳо аз зиндагонӣ ёд бод.
Бе муҳаббат магзарон умри азиз,
Ишқварзӣ, байтхонӣ ёд бод.

* * *

Баҳор омад, вале ёрам наомад,
Задам доду мададгорам наомад.

Шудам ман мунтазир то субҳгоҳон,
Ки шаб дар бистари зорам наомад.
Ситора мешумурдам он шаби тор,
Чу моҳе бар шаби торам наомад.
Дилам мехост гул чинам зи гулзор,
Гули рӯяш ба гулзорам наомад.
Бирафтам бар биёбон баҳри сайде,
Чу сайде ӯ гирифторам наомад.
Ба дарди бедаво гаштам гирифтор,
Табиби ҷони беморам наомад.
Шудам бемори ишқи ҷонгудозаш,
Ба рӯи чашми хунборам наомад.

ДУБАЙТИҲО

Зи дасти ин ачал сад доду бедод,
Тамоми зиндагиям дод барбод.
Бибурд охир зи ман зебо нигорам,
Ба ҳасрат меравам, лек интизорам.

* * *

Ғанчонба баромадаму ёдаш кардам,
Дар хонаи падараш суроғаш кардам.
Ҳарчанд нигаҳ кунам надидам рӯша,
Шояд ки шамоли кӯҳ биёрад бӯша.

* * *

Бо дидаи торик назар мекардам,
Айёми ҷавонӣ пайсипар мекардам.
Биншаста лаби чашмаву ёдаш кардам,
Аз дарду алам рухсора тар мекардам.

* * *

Нагаштам сер аз дидори ёрам,
Шабу рӯзон ба ёдаш беқарорам.
Ду чашмам сӯи дар то субхи содиқ,
Намеояд дигар ин ҷо нигорам.

* * *

Макун бар ҳамсарат ҳаргиз хиёнат,
Агар бошад туро дину диёнат.
Агар бахшад Худо ҷурму гуноҳат,
Пушаймон мешавӣ аз кардаҳоят.

* * *


Аз кандаи Уштурин[34] ба Ҷар[35] менигарам,
Симои базеби ёр пеши назарам.

[34] ***Уштурин*** *– номи мавзеъ дар деҳаи Каздон*
[35] ***Ҷар*** *низ номи мавзеъ дар ин деҳа*

Ӯ рафту нагуфт, ки паноҳат ба Худо,
Рӯзону шабон ба ёди ӯ хунҷигарам.
* * *
Ба ёдат ман ҷигархунам, Раҷабмоҳ,
Ту рафтию бимондам нимаи роҳ.
Набошад аз аҷал роҳи гурезе,
Ҳама бошад равон охир ба ин роҳ.
* * *
Зиндагӣ охир маро овара кард,
Шишаи қалби маро садпора кард.
Чун ҷудо гаштем аз ёри азиз,
Бенавою бекасу бечора кард.
* * *
Кунам ҳар лаҳза ёди модари пир,
Зи дасти ин замона гашта дилгир.
Ҳамехоҳам, ки ман назди ту бошам,
Фалак дар дасту поям карда занҷир.
* * *
Куҷо рафтӣ зи ман, абгор гаштам,
Ба қаҳру хандаҳоят зор гаштам.
Фалак моро зи ҳам баски ҷудо кард,
Зи дарди ишқи ту бемор гаштам.
* * *
Биё, ёрам, ки ман бедорам имшаб,
Ғарибу хаставу абгорам имшаб.
Харобам бе ту дар кунҷи харобот,
Ба гарди пойҳоят зорам имшаб.
* * *
Ман аз маргат шудам хотирпарешон,
Шудам овора дар дашту биёбон.
Фалак моро ба бераҳмӣ ҷудо кард,
Ба рӯи дида будам, зери по кард.
* * *
Сад нола занам, намекунад фоида
Дар дидаи ман намонда оби дида.
Месӯзаму гиря мекунам дар ғами ёр,
Ворид намешавад зи дар хандида.
* * *
То зинда ҳаям, номи ту дар ёдам ҳаст,
Ман гиря намекунам, ки эҷодам ҳаст.
Ҳаргиз нашавӣ фаромӯш, эй ёри азиз,
Номат ба китоби тозаэҷодам ҳаст.
* * *
Сад раҳ гуфтам, ки ғам махӯр беҳуда,
Зеро ки бувад ҷаҳони мо серӯза.

Суде набувад аз ғами дунё хӯрдан,
Сад дарду алам ба дил бирафтӣ, Ҷӯра.
* * *
Худоё, даргирифтам даргирифтам,
Занам рафту зани дигар гирифтам.
Зи танҳоӣ кашидам ранҷи бисёр
Аз ин рӯ, зиндагӣ аз сар гирифтам.
* * *
Баҳор омад, ҳама ҷо сабзу гулпӯш,
Ба ҳусни рӯи ӯ ман гашта мадҳуш.
Агарчи умри одам ҳаст кӯтоҳ,
Зи баҳри зиндагӣ дил мезанад ҷӯш.
* * *
Ман бода зи хонуми Самарқанд хӯрам,
Ё аз кафи дилбарони Хуҷанд хӯрам.
Ҳаргиз нахӯрам зи бода хӯрдан савганд,
Хубаш, шароб ҷои савганд хӯрам.
* * *
Сад сол равад, ки мо амонат ҳастем,
Аз давлату сарвати ҷаҳон сармастем.
Фардо, ки Худо қозӣ шавад дар арасот,
Шукрона, ки уммати Муҳаммад ҳастем.
* * *
Навиштам хат ба ёрам, то бихонад,
Агар мирам, хатам боқӣ бимонад.
Ҳар он шахсе ки ин хатро бихонад,
Дуое бар мани мискин расонад
* * *
Маҳтобшаб асту дар таги долонам,
Мардум ҳама хобу дар ғамат нолонам.
Фарёд намезанам, ки мардум фаҳмад,
Обод маро бикун, ки ман ҳайронам.
* * *
Аё духтар, ту бурдӣ ақлу ҳушам,
Садои гиряат омад ба гӯшам.
Агарчи модарат розӣ набошад,
Бидеҳ обе, ки аз дастат бинӯшам.
* * *
Биё, ки аз қадамҳои ту гардам,
Бикун раҳме ба ҳолу ранги зардам.
Ба ғайр аз ту дигар ҳамсуҳбатам нест,
Ба васли худ бикун дармони дардам.
* * *

ӮКТАМИ ИБРОҲИМ



Ӯктами Иброҳим 20-уми марти соли 1956 дар шаҳри Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба ҷаҳон омадааст. Пас аз хатми мактаби миёнаи рақами 8-ум (1973), шомили факултаи таърихи Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Алишер Навоӣ гардида, сипас таҳсилро дар Донишкадаи давлатии омӯзгории Душанбе ба номи С.М. Киров давом додааст. Сардори шӯъбаи таблиғоти Иттиҳодияи эҷодию истеҳсолии “Тоҷиккино”, муҳаррири ҷаридаи “Навигариҳои экран” будааст.

Моҳи январи соли 1991 ба зодгоҳаш баргашта, вазифаҳои котиби масъул ва мудири шӯъбаи рӯзномаи “Овози Самарқанд” - ро бар ӯҳда дошт. Сипас муҳаррири бахши тоҷикии ҳафтаномаи “Самарқанд”, маҳаррири барномаи телевизионии “Чашми дил” - и Ширкати симо ва садои вилояти Самарқанд будааст. Аълон ҷонишини муҳаррири “Ховар” ягона нашрияи мустақили тоҷикӣ дар Ӯзбекистон аст.

Муаллифи китобҳои “Дар маҳтобшаб” (1996), “Шоми Регистон” (1977), “Ба дунё як бор меоянд” (1977), “Рамз бо марг” (1977), “Марсияи тирамоҳ” (2008), “Ёде аз бузургон” (2009), “Падида ё фармоише аз кайҳон” (2010), “Дидор ва видоъ” (2010), “Ғазаби Немезида” (1998, ба забони русӣ) ва ғ. мебошад.

Аз соли 2003 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон аст.

АНДЕША ВА РОЗҲО

Дарди ман тасаллӣ биёбад

Он гоҳ ки хаданги оташини барқ чок кунад дили абрҳои ситаброо ва осмони соф аз пайи он падид ояд, ман тасаллӣ биёбам. Ҳар вақте ки навошиқон ба муроди дил бирасанд, кӯдакони гирён бишаванд хандон, афтодаеро бигиранд даст ва кӯмак бикунанд, дарди ман тасаллӣ биёбад, дилам шавад рӯшан…

Дар дили инсон

Ҳам шайтанат ва ҳам ҳақпарастӣ ҳаст дар дили инсон. Инсонҳо бошанд, яке мубориза барад бо ҳияли шайтон, ниҳодро пок созад, дигаре бо роҳи шайтон рафта бишавад расво.

Дар набардам

42 сол аст, ки дар панҷаи дардам, дар оташи беморӣ бисӯзам ман, кист кӣ бипурсад ҳол аз ман? Бекасӣ боз як дард аст, ки маро биафканад ба кӯраи оташи дард.

Худоё, Худовандо, бипурсам аз даргоҳи ту осоиш, оромиш, аммо синнам аз шаст гузашту он ҳам пайдо нашуд.

Агар ту бипарварӣ бо меҳр…

Агар ту бо меҳр табобат бикунӣ дили шикастаи инсонеро, дар ҳимоят, сарпарастӣ бигирӣ пири бекасеро, кӯдаки ятимеро, ту бишавӣ инсони ҳақиқӣ.

Намояндаҳои барҷастаи адабиёт ба мисли устодон Фазлиддин Муҳаммадиев, Чингиз Айтматов ва дигарон, меҳру муҳаббат доштанд ба бани башар, бихӯрданд ғами он. Азбаски чунин буданд, гардиданд санъаткорони беҳамто, инсонҳои бузург.

Қалам, ифшо бисоз розҳоям

Қалам, ҳамнафас, ғамгусори манӣ, ифшо бисоз розҳои ман, бигӯ сухан ба мардум аз сӯзи дили пурдардам. Бигӯ ки чӣ рӯзҳои сахт, бахтбаргаштагиро кардам пушти сар.

Дар ёди ман ҷавонист

Дар ёди ман аст ҷавонӣ, баҳори умр сарсабз монда, гарчанде, ки он нашавад такрор. Ҷавонӣ бо ҳама шӯру исён, ошӯбҳояш дар хотири ман зинда аст…

Дар ёди ман ҷавонӣ — баҳори умр нақш гардида. Он ҳам нопадид шавад бо падруд гуфтани ман дунёи даргузарро.

Модар – зоти муқаддас

Ҳаёт пойдор аст дар сайёраи мо ба шарофати модар. Модар –зоти муқаддас аст. Бипарварад дар ҷон тифлро, модар, вай зоти олӣ аст. Шабзиндадориҳо аст модарро дар сари гаҳвораи фарзанд — модар зоти пок аст…

Кӣ боқудраттар аст?

Равшанӣ бисозад чок дили зулмотро. Некиву некӯкорӣ рӯшан созад дунёро. Пас чӣ бо қудраттар аст: рушанӣ ва некӯкорӣ ё торикиву бадниҳодӣ?

Аз роҳи дур омадам…

Аз роҳи дур омадам, умр расида ба шасту ду. Дар роҳ азобу машаққатҳои зиндагӣ, фиребҳо, ғиромбозиҳои одамони каззоб буданд, оташи беморӣ маро месӯзаду дар табу тобам солҳои бисёр.

Ба рӯйи хоросанг нишинам, ку ҳамдаму дамсозам, ки қиссаи сафед шудани мӯй, пайдошавии ожангҳои рӯйро аз зиндагии азиятофарин бигӯям мӯ ба мӯ.

Аммо танҳоям, афтодарӯҳам, мусофири роҳам. Танҳо ба даргоҳи Худованди мутаол бинолам ба дардҳои фиристодааш, то вай онҳоро шифо ато намояд.

Аё мардум, аз роҳи пуршебу фарози умр омадам, чанд фурсате биншинам дар хоросанги сари роҳ, сипас боз биравам ба роҳи худ.

Худовандо, боз чӣ санҷишҳо, имтиҳонҳо ҳаст дар роҳи умр?

Дар ин дунёи имтиҳон оромиву осоиш набудааст барои одамизод. Магар оромиш насиб бишавад дар мазор, дар водии хомӯшон?!

Паёме аз зимистон

Шаб то саҳар рехт селборони тирамоҳ, на борони хушнавои баҳор бо шамими муаттари гулҳо ва раёҳин…Ҳангоми субҳидам қар-қари зоғҳо бирасид ба гӯш нофорам. Паём расонанд зоғҳо аз омадани зимистони сард ва пурбарф…

Бо фурӯравии офтоб

Ҳавои зимистон аст дар пушти тиреза. Офтоб гоҳ фурӯ биравад, гоҳ нурҳои зарринаш дарояд ба хонаам. Лаҳзаҳои фурӯравӣ ва баромадани офтоб дили ман ҳам гоҳ ҷон гирад, гоҳ шавад бемадор. Шом фаро расидааст…

Дар пушти тирезаи манзилам домани арғувонии офтоб аст.

Пирӣ даррасида

Нахлҳо урён ва рӯйи роҳҳо хазон фарш гардида: пирӣ даррасида. Офтоб пинҳон гардида дар паси абрҳои ситабр: пирӣ даррасида. Қадам бишмурда роҳ равад одамизод: пирӣ даррасида. Маҷоле намонда дар тан, қудрати ҷавонӣ рафта: пирӣ даррасида. Қар-қар кунанд зоғҳои сиёҳ, фориғбол ва шумхабар, куҷо шуда хониши андалеб: пирӣ даррасида…

Биё, созиш кунем

На ту фариштахисол ҳастӣ, на ман одами бегуноҳ. Биё, созиш кунем, биёед, муттаҳид бишавем.

Умри одамизод тез бигзарад ба мисли рӯди кӯҳӣ, онро ғанимат донем. На ту бо бадфеълӣ дили маро озурда созӣ, на ман туро биранҷонам дар ин дунёи дурӯза.

Биё, созиш кунем, биё, дар роҳи рафоқат ва дӯстӣ бошем…

Хоҳиш дар зери борон

Борон асту борон. Борон танида тӯри худро дар шаҳри бостонии мо.

Аз садои борон рӯҳу ҷони ман ба талотум омада. Бихоҳам тай занам шаҳрҳову манзилҳоро ва биёбам пай, нишони модараму падарамро, устодамро. Зеро чун онҳо маро меҳрубон набуд дар ин дунёи куҳан…

Биравам ба сӯйи хуршед…

Ман биёмурзам онҳоеро, ки ба ман санг заданд. Ман бигзарам аз гуноҳҳои гунаҳкорон, зеро дар дунёи куҳан бегуноҳе нест. Аз он ки диламро пок созам аз кинаву кудурат, сабукрӯҳ шавам ман. Биравам ба сӯйи домани арғувонии хуршеди ҷаҳонафрӯз…

ФАЙЗУЛЛОҲИ ХОЛМУҲАММАД



Файзуллоҳи Холмуҳаммад соли 1949 дар деҳаи Лангари Ёзи ноҳияи Кӯҳистони Масчоҳи вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дунё омадааст.

Ӯ омӯзгори риштаи ҷуғрофиё ва ҳаётшиносист. Феълан, сарвари идораи шуғли аҳолии Кӯҳистони Масчоҳ аст.

Ба адабиёту фарҳанг таваҷҷуҳи хоса дорад. Китобхонаи шахсии Файзуллоҳ дорои беш аз 4000 ҷилд китоб аст.

Маҷмӯаи шеърҳояш бо номи «Созҳои Лангари Ёз» соли 2013 тавассути нашриёти «Адиб» нашр гардидааст.

КУШО ОҒӮШИ ХУД, ЭЙ СУБҲ

Кушо оғӯши худ, эй субҳ,
Маро ту танг дар бар гир.
Бароям қиссаҳо бархон,
Аз он девони оламгир.

Бароям шеъри нобе хон,
Паёми сабзазорон ор.
Аз он кӯҳдоману соҳил
В-аз он ҳар қатраи борон.

Бароям ор нури шамси оламгир,
Ки рӯҳам бофараҳ гардад.
Ва оғӯши маҳину меҳрафзояш
Вуҷудамро панаҳ гардад.

Ва обу хок, оташу бодро
Даруни қалб шӯре деҳ.
Маро саршор кун аз худ,
Ба қалби зор марҳам неҳ.

Аё пайки Худовандӣ,
Паёми ишқро бархон.
Ки аз нав ин дили маҳзун,
Чу гардун гардадам гардон.

ҒАЗАЛВОРАҲО

Дар сайри гули лола уммеди тараб кардам,
Аз он лаби майгунаш як бӯса талаб кардам.
Он лутф, ки бо ман дошт, бо қаҳр бадал омад,
Домони висолаш канд, ангушт ба лаб кардам.

Дар чорраҳи васлаш саргашта шудам, дардо,
Шӯрида будам бо худ, бас кори аҷаб кардам.
Иқболи навомӯзам якбора рамид аз ман,
Толеи бадам ин буд, рӯзам ҳама шаб кардам.
Ман донаму ӯ донад, дар байн хиҷолат монд,
Афсӯс, агар коре берун зи адаб кардам.
Бошад зи карам боре бахшад ба ту, Файзуллоҳ,
Азбаски сабо бурдаш з-он сӯз, ки таб кардам.

* * *

Сириштӣ одамӣ аз неку аз бад ҷавҳаре дорад,
Ба он марди Худо рӯ кун, ки аз некӣ фаре дорад.
Сухан то метавонӣ, нек гӯ в-аз ҳоли мардон гӯ,
Сухан аз дил агар ояд, ба ҳар ҷо минбаре дорад.
Аҷаб дорам ба ҳоли ҳарзадаргӯёни бефарҳанг,
Каломи бесаре дорад яке, шӯру шаре дорад.
На аз андеша медонанд, не рӯзи ҷазо донанд,
Қиёматро намедонанд, то кас доваре дорад.
Зи роҳи рост роҳӣ шав, ҷаҳоне рост хоҳӣ ёфт,
Чу некахтар бувад ёре, ки некӯ раҳбаре дорад.
Ба ҳар кори ту, Файзуллоҳ, ҳидоят бод ин ҳикмат,
Зи Ҳақ магзар, ки ҳадди одамият меҳваре дорад.

* * *

Сухан чун дурри ғалтон аст аз лаъли шакарборат,
Ба дидан манзари нур аст дидори пуранворат.
Ҳама меҳр аст дар нақше, ки дорад чашми фаттонат,
Таҷаллои муҳаббат нурбахши фазли пиндорат.
Дилам дар кӯраи оташ чунон афтода аз ишқат,
Ки сар то по намебинам ба ҷуз он холи рухсорат.
Нишаста дар ҳиҷобӣ, ҳамчу гавҳар дар садаф пинҳон,
Валекин фош месозад туро қалби гуҳарворат.
Биёву бо нигаҳ бинвоз қалби хастаам боре,
Саропо нур мегирам, расам рӯзе ба дидорат.
Ба сад уммед Файзуллоҳ дуо мегӯяду омин,
Илоҳо, дар амон бошӣ, Худо бошад мададгорат.

* * *

Шодона ту шаҳд мекашӣ аз комаш,
Заҳр аст ҳама шаҳд, вале дар ҷомаш.
Мову ту чӣ саркашему дар сар боде,
Бо ҳилла чӣ мекашад, ки созад ромаш.
Дӣ дод навид мурғаке дар доме,
Ҳон, ғарра машав, то наравӣ дар домаш.
З-ин чархи нагун каму зиёдат маталаб,
Афсун диҳад аз қаламкаши андомаш.

Хок аст ҷаҳон, чу бо хирад дарнигарӣ,
Дар хок равӣ, ки пухта ёбӣ хомаш.
Оғоз, ки бо касе насозад ба накӯ,
Ин аст, ки ҳеч мерасад анҷомаш.
Не бар туву не ба коми Файзуллоҳ аст,
Ҳарчанд ки медавӣ ба субҳу шомаш.

* * *

Ҳарфе, сухане, ҷоно, аз лутф шакар резем,
Аз дидаву дил гӯем, аз меҳр гуҳар резем.
Бедор шав, эй хуфта, то гавҳари аслат ҳаст,
Аз ҳар раги ҷон бояд тӯфони шарар резем.
Ғаввоси ҳама дарё, дурдона ба каф орем
В-ин ҳикмати маъниро дар гӯши башар резем.
Аз мо ба мақоми дӯст роҳест пур аз варта,
Бас гавҳари некӯӣ дар роҳи гузар резем.
Дар арсаи пурбозӣ некӯст ба худсозӣ,
Бошад зи ҷабини худ сад нури қамар резем.
То он ки малак гардад дар тӯли ҳаёт инсон,
Бас зарба ба худ гирад, хунҳо зи ҷигар резем.
Хоҳем раҳо умре з-ин варта ҳама, эй Файз,
Хушбини башар бошем, некӣ зи самар резем.

* * *

Эй луъбати оташнасаб, эй эътибори дилбарӣ,
Дилро ба ҷон овардаӣ бо зулфакони анбарӣ.
Дурри гарон дар қалби ту, оташ ниҳон дар чашми ту,
Оташ занӣ дар қалбҳо, ҳар гаҳ зи роҳе бигзарӣ.
Дар роҳи ишқ, эй ҷони ман, бояд ба иффат бигзарӣ,
То кай шавӣ аз худ бурун, ҳар дам ба ҳоли дигарӣ.
Гуфтӣ, ҳумои давлатат бошад парафшон дар сарат,
Ҳар субҳ мебояд барӣ аз дида хоби шаккарӣ.
Боди сабо бар гӯши ман ҳар субҳдам гӯяд зи гул,
Аз ҷон гузар дар роҳи ишқ, хоҳӣ агар гулпарварӣ.
Гуфтӣ, ки Файзулло, биё, бас кун дигар афсунгарӣ,
То ҳарф дорам дар забон васфи ту гӯям, эй парӣ.

* * *

Масти ҳусни гулрухонро соғаре даркор нест,
Синаи сӯзони моро ахгаре даркор нест.
Машраби моро гулобу об роҳатзо магӯ,
Ташнагони ишқи ӯро кавсаре даркор нест.
Нӯш дар вақте ки дер омад, киро даркор шуд?
Мурғи бисмилгаштаро болу паре даркор нест.
Эй басо тороҷҳо дидему бесар тоҷҳо,
Сар чу бе тан монд, ӯро афсаре даркор нест.

Кӯш, то бешак раҳо созӣ зи нопокӣ вуҷуд,
Дил барӣ шуд гар ба ишқаш, дилбарӣ даркор нест.
Дар набарди Аҳриман оқил расад қоиммақом,
Файзи Аллоҳ, Лутфи Ҳақро манзаре даркор нест.

* * *

Кист, дар гулзори маънӣ ҳамнафас бошад маро?
Кист рӯ бар ошиқон, то додрас бошад маро?
Ин аҷобатро нигар, дорад ҳама даъвои ишқ,
Лек набвад як касе ёри қафас бошад маро.
Менаёбам маърифат дар роҳи ишқу ошиқӣ,
Даъвии сустакдилон боли магас бошад маро.
Он қадар дар сина дорам доғи он номеҳрубон,
Бо ҳама номаҳрамӣ лутфаш ҳавас бошад маро.
Хоҳамаш, то ҳамдами ман ӯст, соҳибдавлатам,
Гул дамад аз рӯйи ӯ, гар хору хас бошад маро.
Дил зи дастам дода, Файзуллоҳу даъво мекунам,
Содиқам дар роҳи ӯ, ин умр бас бошад маро.

* * *

Дар ин дунёи пурғавғо куҷо шуд кӯю маъвоям,
Худовандо, мурувват кун ба нури чашми биноям.
Зи ҳусни безаволи дӯст савдои ҷаҳон дорам,
Ба чашми лутф мебинам, ки ӯ ин карда шайдоям.
Саре ин саргарон дорам, ки ҷӯёи мақоми ӯ,
Ҳазорон шавқ дар дил дораму ин аст савдоям.
Диле дар роҳи ӯ пӯё, забон дар васфи ӯ гӯё,
Ба дидан менамоям сода, аммо бастамаъноям.
Касе огаҳ нашуд аз ҳоли дил дар машраби ушшоқ,
Ки ман ҳарфи зи дил ворастаам, аммо муаммоям.
Намепурсад касе ҳоли қаландарвори Файзуллоҳ,
Ки дар кӯҳу биёбон мекашад аз ҳаҷри ӯ поям.

РУБОӢ

Афсӯс махӯр зи рафтани аҳди шубоб,
То кай бошӣ ту сархуш аз бодаи ноб?!
Чашми хирадат кушой, эй хонахароб,
Беҳуда макаш ту нақш дар лавҳаи об!

ФАРЗОН НАЗРӢ



Фарзон Назрӣ (Давлатов Фармон Нарзиевич) 25 ноябри соли 1964 дар деҳаи Каздони ноҳияи Айнии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон чашм ба олами ҳастӣ кушодааст.

Хатмкардаи факултаи театр, кино ва телевизиони Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати ба номи Мирзо Турзунзода аст.

Фаъолияти кориашро соли 1984 ба ҳайси ҳуруфчин дар Комбинати полиграфии шаҳри Душанбе шурӯъ кардааст. Солҳои 1988-2002 ба сифати омӯзгор дар макотиби ноҳияи Рӯдакӣ (он вақт Ленин) ба шогирдон дарс гуфтааст. Солҳои 2002-2003 Сармутахассиси Сарраёсати «Тоҷикобдеҳот», солҳои 2003-2007 дар Сарраёсати зикргардида Сармуҳаррири нашрияи «Чашмаи Ҳаёт» буд. Аз соли 2007 ба кори телевизион гузашт ва дар МД «Телевизиони пойтахт» (ҳоло «Душанбе») нахуст ба ҳайси муҳаррир, сипас муҳаррири варзида ва ҷонишини Сармуҳаррири идораи барномаҳои фарҳангӣ-фароғатӣ то соли 2017 ифои вазифа кард. Имрӯз вазифаи мудирии шуъбаи фарҳанг ва санъатшиносии Пажӯҳишгоҳи илмӣ- тадқиқотии фарҳанг ва иттилооти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистонро бар дӯш дорад.

Нахустин китоби шеърҳояш таҳти унвони «Фурӯғи Фалғар» соли 1994 таҳия шуда, соли 2000-ум нашр шудааст. Китобҳои дигараш бо номҳои «Ҷоми Лоиқ» с. 2010, «Мусаввир Саидмир» (наср) с. 2012, «Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (сенарияи намунавии таҷлили ҷашн) с. 2018 интишор ёфта, ба дасти хонандагон расидаанд.

Аз соли 2002 узви Конфедератсияи байналмилалии журналистон аст. Соли 2015 Фарзон Назриро ба узвияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон пазируфтанд.

Оиладор, соҳиби як фарзанд мебошад.

АЗ ҲАМИН РАҲ ЛОИҚЕ МЕРАФТУ МАСТОН МЕГУЗАШТ

Роҳи шоирҳо замоне аз Бухоро мегузашт…
Гулназар

Роҳи ман вақте зи байни Дарғу Каздон мегузашт,
В-аз раҳи ман нозанине нознозон мегузашт.
Ноз мекарду баҳори сабзу хуррам мерасид,
Орзуям чун парастуе парафшон мегузашт.
Дар саломи меҳрбораш Меҳри ховар мешукуфт,
Аз вуҷудам бетаҷаллоӣ ба як он мегузашт.
Чун варо чашмобачашми хеш дармеёфтам,
Аз навори чашмҳояш чашмасорон мегузашт.

Ҳар нигоҳашро нигоҳам танг дар бар мекашид.
Аз дилам шӯру ғиреви сад Зарафшон мегузашт.
Ошиқи шайдои болои баландаш мешудам,
Мурғи ишқам аз баландии Бадахшон мегузашт.
Маст мегаштам ба сози обшори Лӯлиён,
Он парӣ аз манзарам кокулпарешон мегузашт,
Дар ба рӯ мешуд маро во бар билоди шодиҳо,
Аҳди оҳу ҳасрату андуҳу армон мегузашт.
Раҳнаварди роҳи ишқ охир ба манзил мерасад,
Аз ҳамин раҳ Лоиқе мерафту Мастон мегузашт.
Кӯчаи лабрези нози нозанине ёд бод!
Ёди айёме, ки аз он кӯча Фарзон мегузашт.

* * *

Матлаи нуру фар Истиқлол аст,
Офтоби саҳар Истиқлол аст.
Боғи ҳастии бани одамро
Муждаи баргу бар Истиқлол аст.
Ояти зиндагии рӯъёӣ,
Зи саодат хабар Истиқлол аст.
Дар найистони ҳайистони абад,
Шакари найшакар Истиқлол аст.
Такдарахте, ки Ватан ном варост,
Ҳастиашро самар Истиқлол аст.
Чашмаи лаҳзаи илҳому хаёл,
Баҳри аҳли назар Истиқлол аст.
Дар раҳи ҷаҳди расидан ба мурод,
Машъали шуълавар Истиқлол аст.
Рамзи хушбахтии ҳар миллати даҳр,
-Парчами ҷилвагар Истиқлол аст.
То даме оламу одам боқист,
Орзуи башар Истиқлол аст.

* * *

Баҳори зиндагонии манӣ, модар,
Ҷавонии ҷавонии манӣ, модар.
Гарат пирист пайғоми хазони умр,
Паёми бехазонии манӣ, модар.
Набудӣ ар ту, мерафтам фурӯ дар ғам,
Уруҷи шодмонии манӣ, модар.
Фарохурам агар тахти саодатро,
Фару тоҷи каёнии манӣ, модар.
Агар сар то ба по як ояти шеърам,
Ту қомуси маонии манӣ, модар.
Биё, ҳар субҳ по бар остонам неҳ,
Умеди осмонии манӣ, модар.

Биҳишти ҷовидон зери қудуми туст,
Биҳишти ҷовидонии манӣ, модар.

* * *

«Суруди Рӯдакӣ» аҳли ҷаҳонро,
Дуруди Ҷӯрабек ибни Мурод аст.
Дуруди ишқу эҳсосу ҷавонӣ,
Суруди Ҷӯрабек ибни Мурод аст.
Фақат бар каъбаи дил, каъбаи ҷон,
Суҷуди Ҷӯрабек ибни Мурод аст.
Зи ишқи зиндагӣ ҳамвора саршор,
Вуҷуди Ҷӯрабек ибни Мурод аст.
Фаротар аз фарози арҷмандӣ,
Фуруди Ҷӯрабек ибни Мурод аст.
Зи руди савти шево сабз дар сабз,
Курӯди Ҷӯрабек ибни Мурод аст.
Дар оҳангу суруди ҷовидона
Хулуди Ҷӯрабек ибни Мурод аст.
Дар эъҷози ҳунар то авҷи афлок,
Сууди Ҷӯрабек ибни Мурод аст.
Ҳунарро мазҳари эъҷоз будан,
Зи буди Ҷӯрабек ибни Мурод аст.
Худонашносу пасту нотавонбин,
Ҳасуди Ҷӯрабек ибни Мурод аст.
Ба синни сад, таманнои дили мо,
Вуруди Ҷӯрабек ибни Мурод аст.

* * *

Эй, ки зебоӣ бағоят, зинда бош,
Дӯстат дорам ниҳоят, зинда бош!
Дар сароғози китоби ишқи ман,
Аз ҳумоюнсура оят, зинда бош!
Волият, вологуҳар, бигзидаам,
Дар дил – ин рӯъёвилоят, зинда бош!
Дарди ширине зи шавқи васли ту,
Карда ҷонамро сироят, зинда бош!
Меҳри ховар мекунад дар ман тулӯъ,
Мекуниям чун риоят, зинда бош!
Ҳар нигоҳи чашми сабзат мекунад
Аз баҳоронам ҳикоят, зинда бош!
Хурраму сарсабзу шодобам зи ту,
Чашмаи лутфу иноят, зинда бош!
Бо имое бӯ барӣ аз ҳоли мо,
Мазҳари дарку дироят, зинда бош!
Мо намемирем, аз мурдан кунад,
Ишқи ту моро ҳимоят, зинда бош!

* * *

Чашмҳоро бо зиё оростем,
Гӯшҳоро бо садо оростем.
Тору пуди бенавоӣ то канад,
Тори дилро бо наво оростем.
Шодиҳоро бо ғаму дарди замон,
Дардҳоро бо даво оростем.
Ошиқоне ҳою ҳӯ карданду мо,
Ошиқиро бо ҳаё оростем.
Бебало зистан наёристем ҳеҷ,
Зиндагиро бо бало оростем.
Н- омад аз ҷонони мо бӯйи вафо,
Ҷони худро бо ҷафо оростем.
Гуфта падруди шаби тори махуф,
Субҳи худро бо сафо оростем.
Шеъри Фарзонро дигар урён магӯ,
Сатрҳоро бо қабо оростем.

* * *

Дили ман бо дилат пайваст, бонуи азизи дил,
Маро армони дил бишкаст, бонуи азизи дил!
Тиломоҳии дарёи талотумдарниҳони ишқ,
Фитодӣ охирам дар шаст, бонуи азизи дил!
Дари шаҳри саодат кард дасти лутфи қисмат во,
Дари ҳасрат ба рӯям баст, бонуи азизи дил!
Душанбе – гоҳвори ишқи мо, мову туро акнун
Самарқанду Бухоро ҳаст, бонуи азизи дил!
Кунам сайри хиёбонҳои шаҳри орзуҳомон,
Туро ҳампову дастодаст, бонуи азизи дил!
Ба поси ишқи ҷонбахшат хаёли ҷовидон будан,
Маро дар зеҳну дил биншаст, бонуи азизи дил!
Дар авҷи бениёзиям зи нози соғару соқӣ,
Мани аз ҷоми васлат маст, бонуи азизи дил!
Зи васли сукрангезат дигар дар худ нағунҷида,
Хушо, Фарзон зи худ вораст, бонуи азизи дил!

ФАРИДУНИ ФАРҲОДЗОД



Фаридуни Фарҳодзод (Юлдашов) 5-уми феврали соли 1989 дар деҳаи Эҷи ноҳияи Нуратои Ҷумҳурии Ӯзбекистон таваллуд шудааст. Мактаби миёнаро дар зодгоҳи худ фаро гирифта, дар соли 2007 ба факултаи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд дохил мегардад. Ӯ дар соли 2011 зинаи бакалаври донишгоҳро хатм намуда, як сол дар мактаби зодгоҳи худ бо касби омӯзгорӣ машғул мешавад. Сипас, барои фаро гирифтани давраи магистратура дубора ба бахши филологияи тоҷик пас меояд. Мактаби олиро бо муваффақият ба поён расонда, фаъолияти хешро дар шӯъбаи тоҷикии радиои Самарқанд бо шуғли хабарнигор оғоз менамояд. Соли 2018 дар рӯзномаи вилоятии «Овози Самарқанд» ба кор сар мекунад ва ҳоло чун котиби масъули рӯзнома фаъолият дорад. Ҳамзамон дар рӯзномаи бачагонаи «Булбулча-доно», ки ба забони тоҷикӣ нашр мешавад, кор мебарад ва то имрӯз ин фаъолияти худро идома медиҳад.

ТАЗОДИ ЗИНДАГӢ
Ҳикоя

Офтоб ғуруб мекард. Домани шафақ месӯхт. Назди даромадгоҳи базмгоҳи «Садаф», ки дар маркази шаҳр ҷойгир буд, Саидбой даст пеши бар меҳмононро қабул мекард. Ӯ мучалгардони набераи калонии худ - Сайёрабонуро ҷашн мегирифт. Дар ду тарафи кӯча мошинҳои гуногунтамғаву гуногунранг меафзуд. Меҳмонон пешу қафо, бо тӯҳфаҳои гаронбаҳо вориди базмкада мешуданд. Тӯй сар шуда буд. Аллакай як-ду меҳмони сархуш рақс ҳам мекарданд. Яке аз онҳо Саидбойро, ки ҳамроҳи завҷааш - Настаринойтӣ меҳмононро «хуш омад» мегуфт, ба давра мекашид. Саидбой бо ишораи «ҳозир» роҳи халосӣ меҷуст. Дуввумӣ рақскунон, аз киса панҷҳазорсӯмиҳоро гирифта, болои соҳибтӯй мепошид. Пулҳо шабеҳи кабӯтарҳо, дар фазо парвоз мекарданд ва поён фуруд меомаданд…

…Пирамарди кӯзапуште асобадаст, сари кӯча баромад. Зимистон, ки наздик аст, хост тарбуз харида хӯрад. То соли дигар зинда аст ё не, Худо медонад. Ду-се рӯз интизори нафақааш шуд. Аз он дараке нашуду маҷбур се ҳазор сӯми пасандозашро гирифта, кӯча баромад. Пирамард оҳиста-оҳиста роҳ мегашт ва қадамҳояш ноустувору ларзон буданд. Бо азоб ба сари кӯча расид. Фурӯшанда ҷавони зардинарӯй, дар ҳоле, ки харбуза мехӯрд, аз пирамард пурсид:

- Тарбуз мехоҳед, бобо?

- Ҳа, писарам.

- Чандто? – оби шоридаи харбузаро аз лабу лунҷаш бо пушти даст пок кард фурӯшанда.

- Якто. Чанд пул аст? - пирамард ноаён оби даҳон фурӯ бурд.

- Аз панҷ ҳазор сар мешавад то даҳ ҳазор. Ӯҳу-ӯҳу-ӯҳу! - яқинан шарбати харбуза ҷавонро гулӯгир карда буд.

- Эҳе, чаро ин қадар нархаш гарон?

- Ҳозир чизи арзона худаш нест, бобо. Баъд мавсими тарбуз гузашт. Ин тарафаш зимистон. Барои ҳамин... - гӯиё эзоҳ дод ҷавон ва атрофиёнро ба тарбузхарӣ даъват кард.

- Яктояшро ба се ҳазор сӯм деҳ, - кисаҳояшро кофт пирамард.

- Шӯхӣ мекунед, - писханд зад ҷавон. – Худам чорҳазорсӯмӣ харидаам. Кадом аҳмақ ба зиёни кисаи худ мефурӯшад?

- Кори савоб мекунӣ, - пулро аз кисаи даруни пиҷаки фарсудааш гирифт пирамард. – Ба одам савоб ҳам даркор.

- Ин бозори хайру саховат не, бобоҷон. Мо ҳам бо умед, як сӯм ёбем, якамон ду шавад, гуфта кор мекунем. Дар як рӯз ба чор-панҷ нафар бо гуфти шумо савоб кунем, банкрот мешавем-ку, - оҳанги гуфтори ҷавон мазоҳомез буд.

- Набошад, якто тарбузро ду тақсим намуда, нисфашро деҳ, - илтимос кард пирамард.

- Чӣ? - ҷавон қоҳ-қоҳ зада хандид. – Тасф доред-чӣ, бобо? Нисфи дигарро чӣ мекунам? Ба гаву хар медиҳам магар?

- Хонаат мебарӣ…

- Не бобоҷон, намешавад. Майлаш, тарбузи панҷҳазориро ба чорҳазор сӯм медиҳам. Лекин ба се ҳазор сӯм наметавонам. Рост меомад, ба ҷону дил медодам. Чор ҳазор диҳеду боз як дуо ҳам кунед, ана мешавад ин тарбуз моли шумо - тарбузи хурдакаки ноҳамвореро ба даст гирифт ҷавон.

- Се ҳазор сӯм пулам ҳаст охир, - дар зери лаб ғурунгид пирамард ва ноумед баргашт…

…Офтоб нопадид гардид. Базми мучалгардон дар авҷ буд. Дар дастархони тӯёна ғайр аз тухми анқову ҷони одам дигар ҳама хӯрданӣ ба назар мерасид. Пешхизматҳо баробари холӣ гардидани як табақча, ба ҷояш зуд дигарашро мегузоштанд. Санъаткору раққосаҳо навбат мепоиданд. Ҳамкасбу ҳамсояву ҳамсабақу ҳамтабақҳо, хешу бегона, ҳама мерақсиданд, механдиданд, меболиданд... Саидбою Настаринойтӣ назди меҳмонон мерафтанд ва ҳар замон ба раққосаҳо ҳамроҳ гардида, ракс мекарданд. Санъаткоре бо дархости Саидбой - Сайёрабонуро ба ракс таклиф кард. Духтарак бо ишваю ноз, солорона ба саҳна баромад. Ҳама дар атрофи духтарак ҷамъ омаданд. Меҳмонон аз ҷайби худ қабза-қабза пулро гирифта, болои сари духтарак мепошиданд. Бачаҳо дасту по зада, пул мечинданд... Духтарак бо сад ноз хиром мекард ва парвои пул надошт. Пулҳо амсоли парҳои гули қоқу, ки аз боди

ногаҳонӣ парешон гардида, дар фазо пар мекушояд, пош мехӯрданд, парвоз мекарданд, мерақсиданд…

…пулҳои панҷҳазорӣ…

…пулҳои ҳазорӣ…

…Рӯз торик шуд… Ҷавоне танҳо дар мардикорбозор менишаст. Медонист, ки бевақтӣ касе ба мардикор намеояд. Вале, ба ҳар мошине, ки дар ин мавзеъ роҳравии худро суст мекард, бо умед нигоҳ меандохт. Суханони завҷааш паси гӯшаш садо медоданд: «Дар хона як дона нон монд. Дар бозгашт се- чорто нон биёред». Хотири ҷавон парешон буд. Ӯ шарм мекард, ки бо дасти холӣ баргардад. Меандешид, ки чӣ гуна ин масъаларо ҳал намояд? Аз дӯкони ҳамсоя қарз гирад? Соҳибдӯкон намедиҳад. Чунки қарзашон зиёд аст. Дигар мағозаҳо ба одами ношинос қарз намедиҳанд. Ӯ аз нобарории рӯз ва касодии кораш афсӯс мехӯрд. Ба тақдири бади хеш лаънат мехонд. Мошине намеистод ва ҳатто касе ба ӯ эътибор намедод. «Чӣ кор кунам? Бевақту бепул чӣ хел ба хона медароям?.. Ба саволи «Нон наовардед? Ман аз ҳамсоя дуто нон қарз гирифтам, баргардондан даркор»-и занам чӣ ҷавоб медиҳам? Кош ҳазор сӯм мебуд, дусад сӯм насия карда, ду дона нон мегирифтам…», - аз дил мегузаронд ҷавон…

…Садои санъаткорон хонаҳои атрофро ба ларза меовард ва ҳаёҳуйи меҳмонон базмгоҳро гӯиё метарконд. Духтари ягонаи Саидбой – Нигина, ки обистан буд, бо шиками таранг чунон арғушт мерафт, ки модарарӯсаш дилкаф мешуд: «ҳозир афтода ягон бало мешавад». Наварӯси дуҷон парвои ҳамли хеш надошту ба сабки мардона, боло - боло ҷаста, рақс мекард ва ҳар замон ду ангушташро дар даҳон гузошта, ҳуштак мекашид. Дар ҳар гӯшаи базмгоҳ меҳмонон мерақсиданд, меҷастанд, пулпошӣ мекарданд. Нигина аз ин давра ба он давра ва аз он ба давраи дигар мерафт. Шоҳдухтар аз ҳамён даста-даста пул гирифта, ба меҳмонон дароз мекард. Нафаре ноз кунад, бо абрувони гирифта, дастак мезад ва ё ба ҳаво пош медод. Пули ҳамён тамом шавад, дарҳол аз борхалтаи духтараке, ки яқин хоҳарарӯсаш аст, як даста пул гирифта, дар ҳамён мегузошт. Он духтарак борхалтаро бо ду даст маҳкам дошта, соя барин аз қафои Нигина мегашт. Писари Саидбой, падари Сайёрабону – Ҳомид маст буд. Рафторҳои номутаносиби мардона менамуд. Монанди ҷинси латиф даст баҳар сӯ ёзондаву китфонашро ҷунбонида, ҷилваву ноз мекард. Занҳоро ба рақс мекашид, оғӯш мекард, дастаи пулро ба синабандаш тела медод, мебӯсид ва ҳоказо… Баъзеҳо аз ӯ худро дур мегирифтанд, гурӯҳе барои қабзаи пул дар атрофаш парвона мешуданд. Бонувони нишаста, аз фурсат истифода бурда, борхалтаҳои худро оҳистакаку ноаёнак аз нозу неъматҳои дастархон пур мекарданд. Пулҳо дар болои сари Саидбой, Настаринойтӣ, Ҳомид, Нигина ва Сайёрабону алвонҷ мехӯрданд, бозӣ мекарданд, зери по мешуданд…

…пулҳои панҷҳазорӣ…

…пулҳои ҳазорӣ…

…пулҳои панҷсадӣ...

…Поси шаб. Зане дар сари бистари духтарчаи бемораш нишаста буд. Лабони духтарак аз ғояти таби баланд кафида буданду рангаш парида ва чашмонаш фурӯрафта. Ҳарорати бемор баланд буду сулфа мезад ва садои баланди тӯйхона духтаракро нороҳат мекард. Зан ҳар замон докаро нам карда, ба пешонии духтарча мегузошт. Модар медид, ки вазъи кӯдакро бо ин беҳ карда наметавонад, аз ҷой хеста, бори дигар қуттии доругузоракро дид. Дору набуд. Кисаҳои либосҳоро кофт, аз ҳар гӯшаи хона пул ҷустуҷӯ намуд. Ғайр аз дусад сӯм дигар тине наёфт. «Ба 200 сӯм чӣ медиҳад? Ақаллан як дона ҳабдоруи парастамол ва спирт мегирифтам, мерасид», аз дил гузаронд зан. Вай дар назди духтарча нишаст ва дастони ӯро масҳ кард. Духтарак базӯр нафас мекашид. Аз димоғаш нафас не, ангор оташ мебаромад. Модар чора меҷуст. Фикр мекард. Ашк мерехт. Духтарчаро дилбардорӣ менамуд. Садои баланди савту мусиқӣ ва ҳаёҳуйи базмгоҳ оромиро халалдор менамуд. Зан бархест ва ба кафшкан рафта, палтову сарбанди калонашро гирифт. Калӯшҳояшро пӯшид ва оҳиста аз хона баромад. Тез-тез роҳ мегашт ва жарф-жарф нафас мекашид. Аз саросемагӣ ҷӯроб напӯшида буд, ки инро кӯча баромада фаҳмид. Дуртар аз сурхона омада ист кард. Дудила мешуд, ки чӣ кор кунад? Равад ё наравад! «Дигар илоҷам нест» гуфту рӯмоли сарашро поёнтар кашида, назди дари даромади базмгоҳ омаду нишаст ва рӯймолчаашро рӯйи замин густурд.

Меҳмонон як-як калавида-калавида берун мебаромаданд. Бароядагон то рафт кам мешуданду ғалоғулаи тӯйхона паст… Онҳо аз назди зан бепарвою беэътибор мегузаштанд, ангор ӯро намедиданд. Зан ба рӯмолчаи пешаш нигоҳ карда, сархам, чун санги сари роҳ меистод. Пойи меҳмонон канда шуд. Зан ноумед гашту гиря кард. Бесадо мегирист, ки танҳо китфонаш меҷунбиданду чашмонаш ашк мерехтанд. Сипас, боз овози одамон баланд шуд. Пеш-пеш марди қоматбаланде Ҳомидро кашола карда баровард. Баъд Саидбой, Настаринойтӣ, Сайёрабону ва чанд заифи дигар берун омаданд. Аз қафо Нигинаи обистан писарчаеро кашола карда баромад. Вай аз дасти бача маҳкам медошт. Кӯдак сӯйи зан нигоҳкунон гузашта рафт ва бозистода, қафо гашт.

- Куҷо?! – дод зад Нигина.

Бача назди талбанда омада, аз ҷайбаш панҷсад сӯм баровард болои рӯмолча гузошт ва пеши модараш шитофт…

ФАРҲОД ВАЛИЗОДА



Фарҳод Вализода (Валиев) 6-уми июли соли 1973 дар деҳаи Искодари ноҳияи Айнии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дунё омадааст.

Айёми кӯдакиву наврасиаш дар ноҳияи Зафаробод гузаштааст.

Хатмкардаи Омӯзишгоҳи маданӣ-маърифатии ноҳияи Рӯдакӣ мебошад.

Дар айни ҳол донишҷӯйи шуъбаи ғоибонаи факултаи санъати ДДХ ба номи Бобоҷон Ғафуров аст.

Муаллифи маҷмӯаҳои «Гулбоғ», «Уқоб», «Фарҳод ва Ширин», «Модарҷонакам», «Қадри Ватан», «Панди падар» ва «Андеша» мебошад.

ЧАҲОРПОРАҲО

Азизони дилам, марҳам ба дардед,
Аз ин роҳи рафоқат барнагардед.
Бувад одам ба одам марҳами ҷон,
Ба қурбони шумо мирам, ки мардед.

***

Умр аҷаб мегузарад бошитоб,
Ақрабаки сония дорад хитоб.
Чил варақи умри парешони ман
Ҷамъ наомад, ки шавад як китоб.

***

Афсона ҳақиқат аст, не бар ҳама кас,
Ҳар меҳр муҳаббат аст, не бар ҳама кас.
Бо он ки бувад шукр баҳои ҳама чиз,
Ин шукр чу неъмат аст, не бар ҳама кас.

***

Бар он ки ба мо дарси шараф ёд диҳад,
Хоҳем Худо хонаи обод диҳад.
Ҳар ҷо ки равад, рӯйи раҳаш гул рӯяд,
Сад сол ба ӯ умр мукофот диҳад.

***

Уқобе пар кушоду кард парвоз,
Маро ӯ бо ишорат дод овоз:
Матарс аз дурии раҳ, пар бикун боз,
Ба охир мерасӣ, чун кардӣ оғоз.

***

Ойинаҳо шикаста, ғам хӯрданат чӣ ҳоҷат?
Пайвандҳо гусаста, ғам хӯрданат чӣ ҳоҷат?

Айёми кӯдакият афсона не, ҳақиқат,
Бигзаштаҳо гузашта, ғам хӯрданат чӣ ҳоҷат?

***

Ҷонам, ҷигарам ишқи ту пурхун кардаст,
Маҷнун шуданам зи хона берун кардаст.
Ин дил, ки зи андуҳи ту сӯхтаст тамом,
Хуни ҷигарам ранг дигаргун кардаст.

***

Хоҳӣ, ки дур аз таъну маломат бошӣ,
Тансиҳҳату бардаму саломат бошӣ;
Ҳар субҳ бихезу обутоби дил деҳ,
Хоҳӣ, ки ту соҳиби каромат бошӣ!

***

«Мо пир шудему ин ҷаҳон пир нашуд,
Қомат чу камон бишуд, вале тир нашуд».
Навбат, ки расад, ба пуштае мехобем,
Ҷовид касе бад-ин ҷаҳон мир нашуд!

***

Як ном нишон зи одамӣ мемонад,
Як бурдаи нон зи одамӣ мемонад.
Савдову хариди умри мо мегузарад,
Бозори ҷаҳон аз одамӣ мемонад.

***

Эй дил, сухани ту ҳама ҷо мегӯям,
Сӯзу ғами ту ман ба киҳо мегӯям.
Рӯзе набувад, ки аз ту бошам фориғ,
Рӯзам нарасад, шаб ба Худо мегӯям.

***

Ба олам шеър, ёрон, ҷовидон аст,
Фақат шоир чу фарзанди ҷаҳон аст.
Ҳамин як нукта бас, боқӣ чӣ гӯям,
Ки шоир одами пурормон аст.

***

Чу Фарҳод ар касе ҷон канда бошад,
Ба Ширин лоиқу арзанда бошад.
Намирад дар дили афсонахонон,
Ҳамеша бо муҳаббат зинда бошад.

***

Дило, дорӣ талоши зиндагонӣ,
Тапиданҳои ту амре ниҳонӣ.
Бувад ишқу муҳаббат лоиқи ту,
Ту бо ин кӯчакӣ чандин ҷаҳонӣ!

Мурури зиндагонӣ бо ту зебо,
Суруру шодмонӣ бо ту зебо.
Азизам, бо ту хушбахтист ҳар дам,
Бароям ҷонфишонӣ бо ту зебо.

***

Ғазаб орам, бигӯяндам, «ҷавон аст»,
В-агар тамкин намоям, «нотавон аст».
Намедонам, чӣ созам, эй азизон,
Бад-ин хулқе, ки дар мо – одамон аст?!

ХУШ ОМАДӢ

Қадам ранҷа намудӣ, ёри ҷонӣ,
Қадамҳоят ба рӯйи дидаи мо.
Ду дасти хеш пеши бар, бигӯем:
Биё, хуш омадӣ, санҷидаи мо.

Ба дидорат ба чашми чор будем,
Ки шояд ногаҳон аз дар даровӣ.
Биҳамдиллаҳ, муроди мост ҳосил,
Ки нури чашмамон, аз дар даровӣ.

ҲАР НАФАС

Ҳар нафас кам мешавад аз зиндагӣ,
Чашми мо нам мешавад аз зиндагӣ.
Мепазад дар кӯра оҳан аз гудоз,
Одам одам мешавад аз зиндагӣ.
Мепарад ҷуфти кабӯтар дар ҳаво,
Зеби олам мешавад аз зиндагӣ.
Аз чиҳил охир гузаштему вале
Бори мо зам мешавад аз зиндагӣ.

ВАҚТРО ДАРЁБ

Ман, ки Ҳавворо ситоиш мекунам,
Ҳам зи Одам меҳр хоҳиш мекунам.
Сабзасон сар мекашам то авҷи худ,
Зард ранги рӯйи коҳиш мекунам.
То Зарафшон аст умрам, меравад,
Меравам, бар санг соиш мекунам.
Абраму чашмам пур аз борони ашк,
Бар замини хушк бориш мекунам.

Умр ёбам гарчи сад соли дигар,
Оқибат бо марг созиш мекунам.
Эй, ки мехонӣ ту шеърамро зи бар,
Вақтро дарёб, хоҳиш мекунам.

ОМӮХТАМ

Шабравиро аз қамар омӯхтам,
Субҳхезӣ аз саҳар омӯхтам.
Чойи талхи шабнишинонам, вале
Кори ширин аз шакар омӯхтам.
Гарчи будам хирасӯзон вақти шом,
Аз шаби торик фар омӯхтам.
Машъали тобандае гар нестам,
Худфурӯзӣ аз шарар омӯхтам.
Фахри ман аз фазли аҷдоди ман аст,
Сарбаландӣ аз падар омӯхтам.

ТУҒРАЛ

Эй Зарафшон, шоири ширинзабон ин Туғрал аст,
Эй Бадахшон, шоири гавҳарбаён ин Туғрал аст.
Эй Самарқанд, аз ту ин ширинии қанди сухан,
Эй Бухоро, аз аморат як нишон ин Туғрал аст.
Ошиқи булбулнаво дар роҳи ишқи пурбало,
Ошиқонро раҳнамои кӯйи ҷон ин Туғрал аст.
Ларза омад дар вуҷудам ногаҳон дар шоми тор,
Шеъри худро хондаму дидам аён ин Туғрал аст.
Хидматаш истода дидам соқии зебо чу ҳур,
Бодае дар ҷом дорад шодмон, ин Туғрал аст.

ЛОЛАЗОР

Дунёст беканора, дар як канор моем,
Чарх аст пурситора, дар як қатор моем.
Гуфто Ҳакими Тӯсӣ аз гардиши замона,
Гоҳе ба пушт зину гаҳ зинсавор моем.
Гоҳе чу баҳри Туғрал туғён кунад дили мо,
Гоҳе чу Гулназар бин, дар ин диёр моем.
Норинҷаки дили мо таркад яке, бидонӣ,
Сӯзад тамоми олам, пушти ғубор моем.
Дунёст мавҷи атом, атом мавҷи дунё,
Эй бехабар зи дунё, дар лолазор моем.

ФОЗИЛ ШУКУРЗОД



Фозил Шукурзод соли 1967 дар ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, дар оилаи омӯзгор ва шоир Муҳаммадҷон Шукурзода ба дунё омадааст. Аз хурдсолӣ ба адабиёт ва шеърият шавқи зиёд дошт. Баъди хатми мактаби миёна, солҳои 1989-1993 дар куллиёти ховаршиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон таҳсил гирифта, сипас дар рӯзномаҳои «Садои Сурхон», «Сариосиё», «Овози Самарқанд» фаъолият намуд. Алъон омӯзгори забонҳои арабӣ ва форсии Донишгоҳи давлатии Самарқанд мебошад.

Шеърҳояш дар матбуоти даврӣ ва маҷмӯаҳои дастҷамъӣ дар Ӯзбекистону Тоҷикистон ва Эрон ба чоп расидаанд. Муаллифи маҷмӯаҳои шеърии – «Тафсири дил» (Тирмиз, «Ҷайҳун»-1999), «Оинавор», Самарқанд, «Зарафшон»-2005), «Ҷои пои ашкҳо», («Зарафшон»-2007), «Яъне ту, эй хубӣ» (Тошканд, 2014) мебошад.

Оиладор, соҳиби се нафар фарзанд – Муҳаммадсобир, Бибизулайхо, Муҳаммадюсуф.

ТАШНАГӢ

Ташнаам,
Зору ҳайрон гаштаам,
Эй басо дар ҷустуҷӯи чашмаам.
Медавам андар харобистон,
Мевазад боди самум.
Гӯиё дар филми даҳшат,
Аз ғубору гард тира саҳни гетӣ,
Ҳукмфармо шеваи аҳриманон.

Хастаам,
Бӯйи уммеде куҷост? Сарсон гаштаам.
Медавам, ҳар сӯй дуде бар ҳавост,
Дӯстон, ёрон куҷоанду чӣ бошад ҳолашон?
Ман ба дидори накӯшон ташнаам.

Кӯҳсори бас баланде пеши рӯст,
Мехазам, ханҷол дорам, сӯйи боло меравам.
Хастаам, аммо тавоне дар ман эҳёст,
Бахтро бингар, ба боло рафтаам.
Нақши пойи Хизр, ё Искандаре ҷӯям,
Мерасад бар гӯш форам шар-шари об,
Вах, чӣ обе, балки дарёест софу беғубор.

Дар фарози кӯҳ дарёро кӣ дид?
Умрҳо шуд мардумон дар орзуяш гаштаанд,
Чанд тан нӯшида сархуш гаштаанд,
Низ бо худ мебаранд.

Ҷом дар дасти ман, инак нӯш дорам,
Бахт дар оғӯш дорам.
Хум пур карда зи оби зиндагӣ
Мебарам бар дӯстонам,
Ташнаанд!

ОЙИНАВОР

Ин ҷаҳон ойинаест,
Ҳар чӣ мебинӣ дар он, ойинаест.
Зоҳиру ботин ту чашму гӯш ҳастӣ,
Фаҳму завқу ҳуш ҳастӣ.
Олами андешаию рӯ ба рӯ
Ошкорову ниҳон ойинаест.

Ҳусну аъмоли туву подоши он
Ҳам бувад аз ту ба ту ойинасон.
Нек бошу низ бадкорӣ макун,
Пок шав аз раҳмати ойинасоз.
Акси ҳар аъмоли неку бад нигар,
Ҳар ҷавоби мардумон ойинаест.

Эй ки меҷӯӣ ту дидор ин ҳама,
Кӯш то бошӣ сазовор ин ҳама.
Асли худ бишнос, кашфи ин ҷаҳони роз кун,
Аз ғазаб ойина машкан, чашми ибрат боз кун.
Хештан бинӣ гаҳе дар партаваш,
Ин ҳама шеъри равон ойинаест.

ТАВОЗУЪ

Хоксориро зи хок омӯхтанд,
То сафои ҷони пок омӯхтанд.
Ин саодат, ин бузургиро, вале
Мо зи об омӯхтем.

Бо ҳама хокиниҳодӣ дар замир,
Заррае гарди ҳавас нагзоштан,

Бо ҳама сидқи мақол, ақли ҳалол
Хоки раҳ гардидану зар доштан,
Бо камоли хайрхоҳӣ,
Бо ҳама хокии худ гавҳар шудан,
Хок будан, беҳ зи тоҷи сар шудан,
Ин ҳама аз хоки раҳ омӯхтанд.

Бо тавозуъ рафтан андар рӯи раҳ,
Сохта аз сар қадам, гардон шудан,
Дар қудуми нахлу боғистон шудан,
Ташнагону хастагонро марҳаме,
Дар тани ҳар сабза мисли ҷон шудан,
Тоҷ бар фарқи баҳористон шудан,
Мо зи об омӯхтем.

Хоксориро зи хок омӯхтанд,
Мо тавозуъро зи об омӯхтем.

ТАЗОДДИ УМР

Меравад умри гиромӣ печ-печу печ-печ,
Ҳосили онро бубинӣ ҳеч-ҳечу ҳеч-ҳеч.
Аҳли оламро бубинӣ ёр-ёру тор-тор,
Пас ҳама аз баҳри рӯзӣ кор-кору бор-бор.
Неъмату лаззоти гетӣ ноз-нозу ноз-ноз,
Дар талаб халқон бубинӣ тоз-тозу тоз-тоз.
Ҳар дам аз ағёр бар дил неш-нешу неш-неш,
Дил зи ҳар захми паёпай реш-решу реш-реш.
Нафси саркаш ҳар замоне ин бихоҳу он бихоҳ,
Пас расонад аз пайи худ оҳу воҳу оҳу воҳ.
Лаззати дунё, ки дорад нӯш-нӯшу ош-ош,
Созад охир айбу нуқсон фош-фошу фош-фош.
Ҳар гаҳе дорем сад аз уммеду аҳд, уммеду аҳд,
Дар раҳи омолу паймон ҷидду ҷаҳду ҷидду ҷаҳд.
Дар дили абнои Одам дард-дарду дард-дард,
Ҳар яке рӯзи ҷудоӣ фард-фарду фард-фард.
Ҷумла мавҷудот бинӣ ҷуфт-ҷуфту ҷуфт-ҷуфт,
Оқибат ҳар як паёпай хуфт-хуфту хуфт-хуфт.

КАЙ ТУ ҲАМДИЛ МЕШАВӢ?

Эй дили носозгорам, кай ту комил мешавӣ?
Нафси тору ҷоҳили ман, кай ту қобил мешавӣ?

Аҳли олам муттафиқ гарданд дар роҳи камол,
Ҳамзабону ҳамнажодам, кай ту ҳамдил мешавӣ?
Ҷумла ғаввосони дарёи гуҳарбори Ачам
Дури маънӣ суфтаандат, кай ту моил мешавӣ?
Кеши мо инсонгарой бошаду сидқу сафо,
Роҳҷӯву раҳнавардо, кай ту шомил мешавӣ?
Дар пайи кор аст ин гардуни гардон инчунин,
То ки эй фарзанди Одам, кай ту оқил мешавӣ?
Ҳайфи умри кӯтаҳам, дар интизорат сарф шуд,
Эй ҳумои бахти дурам, кай ту нозил мешавӣ?
Он яке нолон зи дастат, дигаре мағрури ҷоҳ,
Эй ҷаҳони бемурувват, кай ту одил мешавӣ?
Тоза бо лутфе ба қалби мо шикебой бубахш,
Дорам ин уммед, кай манзури Фозил мешавӣ?

ҶОН МОДАРАМ!

Эй фурӯғи синаи пуроташам, ҷон модарам,
Эй баҳори файзбахшу беғашам, ҷон модарам!
Шукри ин бахте, ба дунё ҳамнафас ҳастӣ маро,
Эй ҷаҳони дилпазиру беғашам, ҷон модарам!
Баҳри ин субҳи муборак орамат шукронаҳо,
Ҳар гаҳе,к-аз завқи дидорат хушам, ҷон модарам!
Бо ду дасти пурдуои худ нигаҳбонам туӣ,
Кист чун ту чорасозу ғамкашам, ҷон модарам!
Ҳар қадамгоҳам ғанимат, хоки онро месазад,
Тӯтиё бинмуда бар мижгон кашам, ҷон модарам!
Бо ризоят гар нагирам сар зи хоки даргаҳат,
Беҳтарин маъво бувад ин мафрашам, ҷон модарам!
Панҷ рӯзат, - гуфтаӣ, - дар шаш ҷиҳат дорӣ азиз,
Эй фидоят ин ҳама панҷу шашам, ҷон модарам!
Кам набошад гар шарики мо ба ҳангоми тараб,
Лаҳзаи ғамҳо ту ҳастӣ ғамкашам, ҷон модарам!
Гар камоле ёбам андар гирудори зиндагӣ,
Боз пешат тифли шӯху беғашам, ҷон модарам!
Пояи уммеду армоне, ки дорам дар замир,
Бо ту бошад пойдору муҳташам, ҷон модарам!
Кош, бо иқболу шодии ту бошам шодком,
То даме, к-аз соғари навбат чашам, ҷон модарам!

ХИРОМОНИ УСМОН



Хиромони Усмон (Бобосаидова) соли 1967 дар деҳаи Оқсойи вилояти Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба дунё омадааст. Пас аз хатми мактаби № 13-уми ноҳияи Нуробод соли 1984 донишҷӯйи факултаи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд гардид.

Соли 1989 донишгоҳро бо баҳои аъло хатм намуда, ба зодгоҳаш баргашт ва то соли 1994 омӯзгори мактаби рақами 13 буд.

Аз соли 1994 инҷониб дар мактаби рақами 120-уми ноҳияи Пастдарғам ба шогирдон дарси адаб меомӯзад.

Хиромони Усмон баробари навиштани мақолаҳо ба шеър ҳам дилбастагии хоса дорад. чакидаҳои хомааш, ки дар матбуот ва маҷмӯаҳои дастаҷамъӣ чоп шудаанд, равону дилнишинанд.

Паймона ва Бобур фарзандони дилписанди Хиромонанд.

ХАНДАҲОИ МОДАРОН

Зиндагӣ дилгиру бетуғён шавад,
Дашту саҳро сокину урён шавад,
Кӯҳу сахра ҷумлагӣ гирён шавад,
Гар набошад хандаҳои модарон.

Савти тори ҳофизон нохуш шавад,
Қалби булбул сарду ҳам ноҷӯш шавад,
Қаҳ-қаҳи кабки дарӣ хомӯш шавад,
Гар намебошад садои модарон.

Чашмаи илҳоми шоир кам шавад,
Партави хуршед ҳам як дам шавад,
Маҳфили озодагон пурғам шавад,
Гар набошад қиссаҳои модарон.

Собиту сайёра ногардон шавад,
Тифлу кӯдак низ нофармон шавад,
Ҳоли мардум бесарусомон шавад,
Гар набошад аллаҳои модарон.

Гуфтаҳо бемағзу бемаъно шавад,
Ҷавҳари маънӣ ҳама бечо шавад,
Мардумон беақлу нодоро шавад,
Гар намебошад баҳои модарон.

ВАТАН

Ватан, ту ахтари тобони ман ҳастӣ,
Ватан, ту гавҳари рахшони ман ҳастӣ.
Маконеро надидам чун ту зебову дилоротар,
Ватан, ту маскани ҷонони ман ҳастӣ.
Ба номат сар шавад ин зиндагониям,
Ватан, ту Каъбаи имони ман ҳастӣ.
Ватан – модар, бароям хуш каломи ту,
Ватан, ту модариву ҷони ман ҳастӣ.
Дар оғӯшат ҳама ором ёбад, роҳати дилҳо,
Ватан, ту қисмати хубиву ҳам шоёни ман ҳастӣ.
Барои халқ истиқлолат озодии нав овард,
Ватан, ту сарватӣ, дар шони ман ҳастӣ.
Намеояд ба охир васфи хубиҳои ту ҳаргиз,
Ватан, ту мисраи барҷастаи девони ман ҳастӣ.
Хиромон бо забони шукр авсофи ту мегӯяд,
Ватан, ту саҷдагоҳи қиблаи армони ман ҳастӣ.

БОРОН

Бибор борон, бибор борон,
Биҷӯй аз қалби пурҳичрон.
Ҳама доғу аламҳоям,
Ҳама ҳичрону ғамҳоям.
Бибор борон,
Бибор борон!

Туӣ бар ҷон давои ман,
Туӣ таскину рои ман,
Ба ҷисми нотавони ман,
Ту бахшида навои ман.
Бибор борон,
Бибор борон!

Шунидам форам овозат,
Дамад ҷон бар танам созат,
Яқин донам, ки рӯзе ман
Шавам ҳамдарду ҳамрозат.
Бибор борон,
Бибор борон!

Залилу шармсорам ман,
Саропо беқарорам ман,
Ба тори чакраҳои ту
Дуои эътиборам ман.
Бибор борон,
Бибор борон!

ЛАҲЗАҲО

Лаҳзаҳои дилнишини зиндагӣ,
Ту чаро аз ман гурезон мешавӣ?
Хандаҳои беғамии кӯдакӣ,
Ту чаро ҳар лаҳза нолон мешавӣ?

Дил ҳамехоҳад ту бошӣ дар барам,
Дӯстам, ҳамсинфи аз ҷон бартарам.
Лаҳзае бо ту намоям рози дил,
Мактабам, устодам, эй болу парам!

Лаҳзаҳои дилфиреби зиндагӣ,
Ганҷу моли касмаёбам гаштаӣ.
Ман туро дар хоб мебинам кунун,
Олами рӯъёву хобам гаштаӣ.

ЧАҲОРПОРА

Ба гӯшам мерасад овози борон,
Ки ин дам нола дорад дар баҳорон.
Дили дардошнояш карда ифшо,
Ба ҳасрат, бо алам розаш ба ёрон.

Самарқандам, туро донам баробар,
Азизу муътабар, ғамхора модар.
Самарқанд, обрӯву эътиборам,
Набахшам зарраи хокат ба гавҳар.

Чӣ хушбахтам, ки дорам ёри ҷонӣ,
Ҳамеша ҳамраҳам дар зиндагонӣ.
Намехоҳад халад хоре ба поям,
Нигаҳбону шафиқам дар гаронӣ.

Аё модар, дилу ҷонам фидоят,
Ҳамеша сар бимонам пеши поят.

Дар ин дунёи пурмакру фасона
Набошад такягоҳам ҷуз дуоят.

Бубин, ҷонам, баҳорон омаду рафт,
Шукӯҳи лолазорон омаду рафт.
Бишуд лабрез ҷоми айшу бахтам,
Сурури рӯзгорон омаду рафт.

Худовандо, ғаму дардам раҳо кун,
Дили савдоиямро худ даво кун.
Ба роҳе бар, ки ёбам дарди ишқат,
Дилу ҷонам ба дидорат гадо кун.

Суруру бахти ман чеҳри падар буд,
Суханҳоям хуш аз меҳри падар буд.
Кунун дар хоб мебинам варо ман,
Ҳаётам хуррам аз сеҳри падар буд.

ХОСИЯТ НОРОВА



Хосият Норова 1-уми октябри соли 1944 дар гузари Чақари шаҳри Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар оилаи коргар ба дунё омадааст. Таҳсили ибтидоиро дар мактаби таълими умумии рақами 8-и шаҳри Самарқанд гирифтааст. Пас аз хатми мактаб тӯли солҳо дар шифохонаҳои шаҳр чун ҳамшираи шафқат фаъолият намудаат.

Хосият Норова бо ду забон: тоҷикӣ ва ӯзбекӣ эҷод мекунад ва намунаҳои эҷоди ӯ дар нашрияҳои даврии ҷумҳурӣ чун “Овози Самарқанд”, “Ховар”, “Даракчи” нашр гардидаанд.

ТАЗОДИ ЗИНДАГӢ

Зане буд. Фарзанди худро нӯҳ моҳ дар батнаш гирифта гашт. Ҳар қадар муҳлати таваллуд наздик мешуд, дилаш лабрези сурур мегардид. Худро хушбахт мепиндошт, ки номи мубораку муқаддаси модар барояш муяссар мегардад. Соати таваллуд даррасид. Тавлидхона бурданд. Шифокорон дар атрофаш парвона буданд. Ҳамроҳи вай дард мекашиданд ва кӯдаки навзодро ба дастонаш супориданд. Модар он ҳама азоби таваллудро фаромӯш карда, тифли худро ба оғӯш гирифт. Бо меҳр парвард. Шабҳо сари гаҳвораи дилбандаш бедор нишаста, барои хоби бароҳати ӯ ҳаракат кард. “Алла”-и гӯшнавозро хонд, ки ҷигарбандаш калон шавад...

...Зане буд. Роҳгумзада ва бемақсад. Айши худро беҳтар аз ҳама неъмат медонист ва барои қонеъсозии нафси худ ба ҳар кори зишт омода буд... Ҳар рӯзи худро бо айшу нӯш мегузаронд. Ва дар чунин яке аз рӯзҳо ҳомила гардид аз ношиносе... Моҳҳо гузаштанд ва дарди таваллуд гирифт. Роҳ гирифт ба хилвате, ки дур аз манзили зист буду дер боз таги чашм намуда буд...

Бо дарди ҷонкоҳ кӯдакро ба дунё овард. Тифл гиря мекард. Аммо занро на парвои тифл буду на ғами гиряи ӯ. Намехост, ки ҳатто тарафи кӯдак нигоҳ кунад. Аз ҷой аранг хест ва сару либосашро ба тартиб оварда, роҳ гирифт тарафи хона...

Дар ҳақиқат, на ҳар модар шоистаи ин номи мубораку муқаддас аст. На ҳар модар ғамхору ғамгусори фарзандон... На ҳар модар дуогӯй дилбандон аст... Модароне ҳастанд, ки онҳоро ба “модар” гуфтан забон намеравад.

АЗ СӮҲБАТИ ДУГОНАҲО

- Дугона, чаро хӯрокатро дар кӯча мехӯрӣ?
- Э дугонаҷон, дар хонаамон камера гузоштагӣ.

* * *

- Дугона, чаро хӯрокро худат мепазӣ?
- Э дугонаҷон, келин нохунҳояшро дароз кардааст. Хӯрок пазад нохунаш мешиканад.

* * *

- Ҳа дугона, бо сатил куҷо меравед?
- Барои об меравам. Келинам ба ҷуммаки оби ҳавлӣ қулф задааст.

* * *

- Дугона, дар ин ҳавои гарм, дар пеши дарвоза чӣ мекунӣ?
- Э дугонаҷон, келин ҳоло аз хобаш бедор нашудааст. Дар ҳавлӣ ҷунбуҷӯл карда, ба вай халал надиҳам.

* * *

- Дугона чаро дар дастат калиди дарвоза?
- Э дугона, келинам намехоҳад, ки ҳамсояҳо даро-буро кунанд.

* * *

- Дугона, духтарат саломро фаромӯш кардааст, ки ба одам салом намедиҳад.
- Чунки шавҳараш мудири фирма шудааст.

* * *

- Дугонаҷон, чаро ин қадар дегу табақ, асбоби рӯзғорро харид кардӣ?
- Э дугонаҷон, шаб келин рӯзғорро ҷудо мекунем гуфт.

* * *

- Дугонаҷон, вай ҷавонписаронро бин, ки дар тан либосҳои аҷиб доранд. Бо майкаи сафед шими илма тешукро пӯшидаанд.
- Дугона, онҳо яктеш домодам, дуюмаш духтарам аст.

* * *

- Ҳа дугона, тинҷи-мӣ? Дар мобайни ҳавлӣ парда кашидаӣ.
- Э дугонаҷон, ман-ба неваракелин бад-бад нигоҳ мекунад-дия.

* * *

- Дугонаҷон, ман кори ҳамкасбамро чӣ хел гирифтанро надониссем.
- Ту ба дугонаат маслиҳат дода, ба хориҷа фиристон.

* * *

- Ҳа дугона, кӯчатро бардошта ба куҷо рафсӣ?
- Э дугона, ҳавлиро ба номи набераам гузарондам.

АЗ ГУРУНГИ ҶӮРАҲО

- Ҷӯра, чаро писарат бо ту гап намезанад?
- Э ҷӯраҷон, чунки писарамро зандор кардам.

* * *

- Ҷӯра, чаро духтарат даҳонашро бо дасташ пӯшида мегардад?
- Э ҷӯраҷон, янгаат кӯдаке овард.

* * *

- Ҷӯра, дирӯз аз ҳавлиат овози ҷанҷол баромад. Тинҷӣ буд?
- Э ҷӯраҷон, писарам ман вафот накарда, ҳавлиро тақсим карда, мерос талош мекунад.

* * *

- Ҷӯра, магар хазина ёфтӣ, ки ин қадар иморати калон сохтаӣ?
- Ҷӯраҷон, хазина не, мудири институт шудам-дия.

* * *

- Ҷӯра, хаёлат парешон аст. Чӣ шуд?
- Э ҷӯраҷон, пагоҳӣ ман гӯшамро дошта, ба хаёл рафтаам. Ҳамин гӯй, ҷӯраҷон ман, дар лаби ҳавз, дар болои кӯрпачаи бахмал, ба болишти пардор такя карда нишастаам. Дар пешам дастархони пур аз нозу неъмат густурда шудааст. Аз канори дигари ҳавлӣ садои оҳанги дилкаше ба гӯш мерасад. Мани бечора акнун даст ба пиёлаи оби "Зам-зам" бурда будам, ки дар сарам янгаат пайдо шуд. Бо овози баланд дашномҳои нестдарҷаҳон медод. Қайчиро ба ман дода, токро қайчи кунед, гуфта дод мезад.

* * *

- Ҷӯраҷон, ман шоир шудан мехоҳам.
- Бисёр хуб. Илҳом дорӣ?
- Ҳа, номи ошноям Илҳом аст.

* * *

- Ҳа ҷӯра, парешон менамоӣ?
– Э ҷӯраҷон, шаби дароз хоб нарафтам.
– Чӣ шуд? Тинҷи-мӣ?
- Дирӯз телефон харида ба он симкарта гирифтам. Хона омада хоб будам, ки соати дуи шаб садои телефон баланд шуд. Ман хоболуд телефонро ба гӯш гузоштаму ба бало гирифтор шудам. Аз он тарафи гӯшакӣ нафаре маро бо овози баланд дашном медод. На авлоди аҷдодам монду на хешу таборам. Навбат намедод, ки гап занам. Баъди чанд лаҳза овозаш гирифта, андак суст шуд. аз фурсат истифода бурда, "мебахшед, шумо кистед?" гуфта пурсидам. "Ба кӣ будани ман корат набошад. Ту ба як саволи ман ҷавоб деҳ: номери ту дар телефони зани ман чӣ мекунад? Ту зани маро аз куҷо мешиносӣ?" бо овози баланд дод мезад. Оҳиста "бубахшед, бародар, хонетон дар куҷо? Ман меравам" гуфтам. "Дар хонаи мо чӣ кор мекунӣ?" беист бо суханҳои "ширин" маро навозиш мекард. Охир як илоҷ карда, ба соҳиби телефон

фаҳмондам, ки ман симкартаро нав харидам. Аз гӯшии телефон баръало овози гиряи як зан ба гӯш мерасид, ки илтиҷо мекард ва такрор ба такрор “дадеш, ин номери гумкардаи худатон” мегуфт...

* * *

- Э, ҷӯра, ман мехоҳам ягон чизро ихтироъ кунам.

- Масалан, чиро ихтироъ карданӣ ҳастӣ?

- Мисли Мендалеев элементҳои кимиёвиро ё монанди Мирзо Улуғбек ситораҳоро, ё ин ки мисли Ибни Сино табобати бемориро...

- Бисёр хуб, ҷӯра. Лекин то мо ҳеҷ чиз намонд. Ҳамаашро ихтироъ карда шуданд.

* * *

– Ҷӯра, ман сурудхон мешавам.

- Бисёр хуб. Ягон устоди ботаҷриба ёб. Вай ба ту асрори сурудхониро меомӯзонад.

- Э ҷӯраҷон, ҳама сарояндаҳо дар тӯйҳо банд бошанд, аз куҷо устод меёбам? Онҳо барои ман вақт надоранд. Мана, дар Россия фабрикаи сурудхонӣ ҳасту дар худамон фабрикаи тӯй. Ман ҳам ба тӯй баромада, сурудхонӣ мекунам.

– Ҷӯра, худаш ту ягон бор суруд хондаӣ? Чӣ хел ба тӯй рафта, сурудхонӣ мекунӣ?

– Ман ҳам мисли сурудхонҳои ҳозира ду-се пиёла арақ нӯшида сурудҳои “Арақ вай вай вай” ё ки “Яку дую сею чор”-ро 3-4 маротиба такрор мехонам, бинӣ ки тӯй гузаштааст.

ХУШДИЛИ АБДУЛҒАФУР



Хушдили Абдулғафур соли 1953 дар деҳаи Шинги ноҳияи Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Нахуст дар мактаби миёнаи деҳаи номбурда таҳсил кардааст.

Баъдан дар Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон таҳсил намуда, солҳо машғули кори омӯзгорӣ будааст. Аз соли 1993 дар КСМ-279 (ҳоло АСЛ) фаъолияти кориро идома додааст. Шурӯъ аз соли 1996 дар ҶДММ КМ “Зарафшон” кор кардааст.

Аввалин шеъру хабарҳояш дар рӯзномаи “Пионери Тоҷикистон” чоп шудаанд. Баъдтар хабару шеърҳои худро дар саҳифаҳои рӯзномаҳои шаҳрии “Зарафшон”, ҷумҳуриявии “Ҷавонони Тоҷикистон”, “Садои мардум”, “Адабиёт ва санъат” ва ғайра ба нашр расонидааст. Инчунин, шеърҳои вай дар чандин маҷмӯаҳои дастаҷамъӣ чоп шудаанд. Мавсуф тӯли даҳ соли охир, яъне то нафақа рафтан дар рӯзномаи шаҳрии “Зарафшон” чун хабарнигор фаъолият кардааст. Ҳамзамон шурӯъ аз соли 2013 то кунун хабарнигори рӯзномаҳои вилоятии “Саломат бошед!”, “Нилуфар” ва “Лочин” дар шаҳри Панҷакент мебошад.

Дар соли 1997 луғати русӣ-тоҷикии соҳавии “Вожаномаи мухтасари бинокор”-ро мураттаб сохта, ба нашр расондааст.

Фаъолияти рӯзноманигориаш бо нишони “Аълочии матбуоти Тоҷикистон” қадрдонӣ шудааст.

Шеърҳои худро дар маҷмӯаҳои шеърии “Забони хома”, “Ангора” ва “Гесӯи борон” гирдоварӣ намудааст.

МАД ВА ҶАЗР

Маро дар гӯшаи саҳро раҳо кун,
Ки кунҷи роҳати дунё нахоҳам.
Ба рағми нокасони камирода
Хатарноку хатарангез роҳам.

Ба як рӯзи диловези баҳорӣ,
Зи хашми хештан берун ҷаҳидам.
Шудам гум дар тарабободи васлат,
Тарабро бо баҳои ҷон харидам.

Маро андешаҳо дар маҳбаси сар,
Туро ҳарфу суханҳо ошкор аст.
Ҷаҳонро бингарӣ ту поку равшан,
Ба чашмам рӯзи равшан шоми тор аст.

Аз он исён, ки бо ту доштам ман,
Хиҷолат мекашам аз дидагонат.
Наёрам рӯ ба рӯ бо ту нишастан,
Шудам шарманда назди остонат.

Хумори чашму абруи ту дорад
Дили ошуфта дар ин субҳи ором.
Хаёли хештанро парвариш дод
Дар он чашму дар он абру, дар он ком.

Навозишҳо, ки аз чашми ту дидам
Ба уқёнуси лаззат ғарқ гаштам.
Валекин дида чун бар дида рахшид
Ҳалок аз шабчароғи барқ гаштам.

Дилам омад ба олам бори дигар,
Чу аз оби ҳаёти ту чашидам.
Дар ин дунёи рангину пурасрор
Ҳаёту маргро якҷо бидидам.

Ҷаҳон дар лаззати имрӯзу фардо
Диҳад бозӣ мизоҷи дӯстонро.
Якеро ғарқ месозад ба зевар,
Ба дигар ҳайф донад ниманонро.

Кунун дар хештан печидаам ман,
Асири домани дунё набошам.
Ҳар он чи дар бағал дорам чу абре
Ба рӯйи кӯҳу бар саҳро бипошам.

ДУ ҒАЗАЛ

Моро зи нишоти гул паём аст,
Шарбат зи сурури дил ба ҷом аст.
Дар гӯшаи сина ҷойи холӣ
Тафреҳгаҳи ғизоли ром аст.
Ин гармии офтоби гардун
Тимсоли руху канори мом аст.
Лола, ки ба сар ниҳода оташ
Чун шуълаи базми суғдиён аст.
Разм аст миёни ранги гулҳо,
Зеро ки замони нангу ном аст.
Ҳар қатраи шабнаме, ки резад
Он оби руху сиришки хом аст.
То ҳаст ҷаҳон зи ҳусни Наврӯз
Шеъре бинависӣ, нотамом аст.

* * *

Осмон во шуду ин чеҳра нишонест туро,
Аз рухи шамсу қамар сирри ниҳонест туро.
Наравам ҷойи дигар дар талаби сояи гул,
Чун дар ин хилвати дил ҷову маконест туро.
Суҳбат аз шеъру сухан дар назарам беҳудаст,
Дар такаллум чу шавӣ, нутқи равонест туро.
Нигаронӣ зи қазову зи қадар нест маро,
Чу нигаҳбон ҳама дам Рабби ҷаҳонест туро.
Мешавад зуд писандат сухани раҳгузарон,
Аз садои дили ман гӯши гаронест туро.
Хостан нӯш зи лаълат чӣ хаёли хом аст,
Чун аз он лаб ба дилам неши забонест туро.
Раҳсипор аст дар ин ҷодаи бечо Хушдил,
Гарчи дар роҳи хато чуну чунонест туро.

ОШУФТА

Ҳеҷ касро ба ҷаҳон осуда
Мисли чашмони сиёҳи ту надидам.
Рӯд ҳам мисли дилам ошуфта
Лек бар мавҷи ғурураш нарасидам.
Ғурришаш афзун аст.
Сӯи пастӣ зи баландӣ бидавад,
Беқарор асту зи худ бехабар аст,
Фориғ аз хештан ин маҷнун аст.
Шӯру исён сифати қалб бувад,
Ҳаракат ҷониби боло дорад.
Бокӣ ӯ нест зи ҳар нокасу кас,
Дар замин валвала барпо дорад.
Бо садо гоҳ, гаҳе бе овоз
Ин суханҳо бувадаш вирди забон:
“Мо зи болоему боло меравем”[36].

ЗЕРИ МАҶНУНБЕД

Ғарқ дар баҳри тамошо,
Сина-шодоби таманно,
Гули андуҳ ба чанголи хазон,
Аз нишот аст ҷаҳон моломол.
Чӣ тазодест, ки аз синаи дай
Берун ояд санами фарвардин,
Дили ман бар дили дарё резад,
Хештанро ба бало омезад.

[36] Мисраъ аз Мавлавии Балхӣ.

Бодро бин, ки навозиш дорад
Шонасон мӯйи сари маҷнунбед.
Кокули бед, ки аз панҷаи бод
Мисли раққоса сабук мерақсад.
Рост гӯям, ки ҳама зебоӣ
Бе вуҷуди ту дигар зебо нест.
Бе ту курсӣ ба таҳи маҷнунбед
Чун биёбони тамуз,
Мисли сармои зимистон,
Ҷумлаи манзараи ҳушрабой
Бе ту дар дида намегирад ҷой.

РАВЗАНАИ ОРЗУ

Роҳ мерафтем дар саҳрои пир,
Чанги раҳ дар мӯйҳо, дар шонаҳо.
Ҷуста баҳри хештан осудагӣ
Аз ривоят, қиссаҳо, афсонаҳо.

Ташнагӣ монеъ ба рафтан мешавад,
Хастагӣ биншаста андар ҷисму ҷон.
Ғайри хоҳиш пойҳо раҳ меравад,
То расад бар соҳили оби равон.

Дар чунин ҳолат дигар мушкил бувад
Гомро бардоштан бар сӯи пеш.
Бовару уммед пешат мебарад
Берун аз пиндору аз неруи хеш.

Бо умеди рӯзи некӯ зистан
Баҳри инсонҳо шиори зиндагист.
Ноумед аз нусрати фардои хеш
Дар ҷаҳон ҳангомаи шармандагист.

Навниҳоли сабзу хуррам- орзу,
Решааш дар умқи қалби одамон.
Парварад онро даруни синааш,
Пир бошад фард ё ин ки ҷавон.

Шаб агар ояд, саҳар аз пай бувад,
Нури маҳ рӯшан намояд зери чоҳ.
Лаб фурӯ мебандад охир мурғи шаб,
Сор мехонад тарона субҳгоҳ.

ҲАДЯИ БУХОРОӢ



Ҳадяи Бухороӣ (Раҷабова Саломат Муҳсиновна) 17-уми августи соли 1948 дар шаҳри Бухорои Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба дунё омадааст.

Ӯ соли 1966 мактаби миёнаро бо медали тилло ва соли 1970 Донишкадаи омӯзгории шаҳри Самарқандро бо дипломи имтиёзнок хатм кардааст.

Фаъолияти меҳнатии Ҳадяи Бухороӣ аз соли 1974 ба сифати омӯзгори кафедраи фалсафа оғоз гардидааст. Ӯ аз солҳои 1999 то 2002 дар Донишкадаи тиббии шаҳри Бухоро дар вазифаи мудири кафедраи Таърихи Ӯзбекистон, назария ва амалиёти сохтмони ҷамъияти демократӣ дар Ӯзбекистон кор карда, соли 2002 ба нафақа баромадааст.

Ҳадяи Бухороӣ ҳанӯз аз овони мактабхонӣ машқи шеър намуда, ҳикояҳо менавишт.

Китобҳои алоҳидааш бо номҳои «Ба хокат по ниҳам бо номи Яздон» (2002), «Парвоз» (2006), «Кишвари дил» (2008), «Набзи зиндагӣ» (2010), «Ишқи ҳастизо» (2011), «Ситораи умед» (2014) ва «Меъроҷ» (2017) нашр шудаанд.

БУХОРОЯМ

Зи бас додӣ шарифонро ба олам,
Шарифӣ аз барои ҷумла одам.
Бибӯсам хоки ту, бар дида молам,
Бухороям, чаро бо ту наболам?

Зи ҳар як зарра хокат бӯйи ҷоне,
Зи ҳар як санги ту нақши ҷаҳоне.
Сифотат бишнавам аз ҳар даҳоне,
Чу Каъба саҷдагоҳи бандагонӣ.

Ту амсоли китоби бебаёнӣ,
Вале дар қисмати халқат аёнӣ.
Ҷаҳон сад гирд гардонду ҳамонӣ,
Қадамгоҳи бузургони ҷаҳонӣ.

Ба хокат по ниҳам бо номи Яздон,
Ки бошам покдил, покизавичдон.
Ниҳам сар бар тавофи ту, диҳам ҷон,
Шавам хоки қудуми саҷдаорон.

КАЙ ГУФТААМАТ?

(Мухаммас бар ғазали Пайрав)

Дар роҳи муҳаббат балади бебасарон бош,
Бар фарқи хиёнат ҳама дам гурзи гарон бош,
Дар уфқи дилам ламъаи хуршеди ҷаҳон бош,
«Кай гуфтаамат партави базми дигарон бош?
Эй шуъла, ба сӯзи дили хомам нигарон бош!»

Шамъи маниву партави базми ину онӣ,
Баргӯ, ки ту ҳам балки аз он насягаронӣ,
Ё хастагии дидаву дилро нигаронӣ?
«То кай чу ҳумо чатр ба раъси дигаронӣ?
Гул бошу ба парвози ҳазорат нигарон бош!»

Болида зи гарди қадамат лаб накушудем,
Дил дода ба қоши қаламат лаб накушудем,
Аз нозу адову аламат лаб накушудем,
«Мурдем ба зиндони ғамат, лаб накушудем,
Эй тӯтии ширинсухани мо, ба фиғон бош!»

Бас шому саҳар хондамат, эй ёр, ба ёрӣ,
Ё ту магарам бар дили ман кор надорӣ?!
Бо ёди ту додам қадаҳе чанд ба орӣ,
«Ангури сари ток нашуд дафъи хуморӣ,
Маҷнуни аракрезии ин кӯзагарон бош!»

Гуфтам, санамо, ҳарф бизан, худ чӣ хамӯшӣ?
Мақсуди дили хеш зи мо чанд фурӯшӣ?
Як ҷуръа зи дурди қадаҳи сидқ нанӯшӣ?
«Пайрав, зи чӣ муфт ин ҳама дурдона фурӯшӣ?
Мабғун кунандат, ҳазар аз насягарон бош!»

САБУРӢ

Ғубори зиндагӣ бар сар гирифтам,
Зи озори ҷаҳон озар гирифтам.
Ба бозори тамаъ қадри сухан нест,
Раҳи дониш ба ҷойи зар гирифтам.
Замингири замони дастногир,
Худоро ҷойи он аз бар гирифтам.
Ҳама роҳи ҷаҳон ҷуз гумраҳӣ нест,
Чӣ созам, таълим аз Ховар гирифтам?!
Тиҳиҷом аз шароби айши даврон,
Ман узлат ҷойи ҳар довар гирифтам.
Маҳу хуршеди рахшонизаминам,
Сабурӣ бар худ аз бовар гирифтам.

ГУРУСНАИ ИШҚ

Чашми минофоми ту мастам кунад,
Нури рӯям иқтибос аз меҳри туст.
Коми дил аз ту ба ҷонам раҳ ниҳад,
Ҳарфу гуфторат чу атри гуфтугӯст.

Дар дилам ҳусни баҳор эҷод кун,
Рӯйи чашмонам кашам нози туро.
Додаӣ ҳар буттаро ҳафтод бун,
Сози умрам донам овози туро.

Дар дилам муҳри намози меҳри ту,
Бар сари меҳроби ишқат сар ниҳам.
Аз забони дил шунав, бар сеҳри ту
Барқи ишқ аз осмони дил диҳам.

Рашҳаи килки маро сероб кун,
Назми хуш дар сина фарҳанги дил аст.
Меҳри покат мекунад сеҳрам фузун,
Қалби ман аз ҳастият дар манзил аст.

Мадду ҷазри ин таконхӯи дилам,
Аз равонат шӯр дар набзам равон.
Бо ту осон мешавад ҳар мушкилам,
Табли тӯфонӣ занад ҳам бегумон.

Пир гаштам, қалби поки ман ҳанӯз
Ҳамрадифи инзиво шуд аз ҷаҳон.
Ишқи пок аз марг ҳам дар тобу сӯз,
Гушнаи ишқам, наметарсам зи ҷон!

ИШҚ

Худо ишқ асту олам сар ба по ишқ,
Ҷаҳони ҳастиро бошад бақо ишқ.
Зи дасту аз даҳони шери ҳиҷрон
Ҳимоят созаду банду раҳо ишқ.
Бипайвандад ба ҳам аҷзои гетӣ,
Кунад маънои ҳастиро ато ишқ.
Зи боби ҳиссиёташ рӯҳосо
Ба ҷисми сард афзояд сафо ишқ.
Кушояд чашми ақлу ҳушу дилро,
Дили сангин кунад обу адо ишқ.

Наояд ошиқӣ бо хост бар дил,
Ба тақдират биёяд чун зиё ишқ.
Шароби ақлу дониш ишқи пок аст,
Ба дил ҳам ранҷу ганҷи бебаҳо ишқ.
Бирез аз синаи ишқ шаҳди шеърат,
Бад-он Ҳадя, ки кардаст мубтало ишқ.

ВОРИСАМ

Эй Бухоро, масдари аҷдоди ман,
Хуни ман олуда дар домони ту.
Ҷуз ту дар дунё набошад арҷманд,
Ҳар маконе дар дилам ҳамсони ту.

Дар ғурурам, лаҳҷаам, афкори ман
Рӯҳи аҷдодам диҳад акси садо.
Эй Ватан, эй рӯҳи пок, эй ори ман,
Қатрасон дар набзи ту гардам адо.

Хокиям, аз хоки аҷдодам нишон,
Сарбаландам – аз шарифонзодаям.
Дар ҷаҳони маърифат қадрам гарон,
Гарчи бо дилсофиҳоям содаям.

Ҷуз ту нашносад касе қадри маро,
Ҷуз ту дар гардуни ман бадри маро.
Ман забони куҳнабунёди туам,
Ёдгорам ҳар хаму садри туро.

Меравам ҳар ҷо, чу номат мебарам,
Ҳамчу хокат менамояндам тавоф.
Эй Ватан, бар номи покат ҷони ман,
Ҳамчу ашки ман бувад оби ту соф.

Вориси ҳар гарди домони туам,
Мардумак дар чашми фаттони туам.
Ҳақшиносӣ кори ҳар бечӯда нест,
Посбони лафзи Сомони туам.

Дар сари ҳар зарра обу хоки ту,
Хондаам савганди фарзандии хеш.
Ман фидои нола аз ҳар чоки ту,
Чун табиби ҳозиқе оям ба пеш!

ҲАЗРАТИ ҒАЙРАТ



Ҳазрати Ғайрат шашуми декабри соли 1960 дар деҳаи номдори Урметани ноҳияи Айнӣ дар оилаи боғбон ба дунё омадааст. Овони кӯдакию наврасиаш бо шунидани хониши мурғони нағмасанҷ ва гӯш кардани байту рубоиҳои халқии чӯпонон гуворову хотирнишин гузаштааст.

Таҳсилро дар мактаби миёнаи деҳаи Урметан ба ҷо оварда, ҳанӯз ҳангоми дар синфи шашум хондан малакаи шеърхониву шеъргӯиро пайдо мекунад. Шеърҳои аввалинаш дар рӯзномаи девории мактаб ва рӯзномаи ноҳиявии "Меҳнат" чоп шудаанд.

Аз он ки пуштгузаштагонаш Қозӣ Абдуҷаббор, Мулло Файёз ва Муллокуббор шеърдӯсту шеъргӯю шоиртабиат, ҳатто ҳамсӯҳбату ҳамнишини Нақибхони Туғрал буданд, ин ба Ҳазрат бетаъсир намонд. Таваҷҷӯҳи устодонаш Мардони Куббор, Алими Ҳасан, Тоғбой Каримов, Сайфулло Раҳмонов, тағояш Мерган ва дигарон ба ӯ бештар зоҳир мегардад. Урметан диёрест, ки Қутбӣ Киром, Доро Наҷот, Мирзо Маҳмуд, Субҳони Туйғун барин шахсони маъруфро ба арсаи адабиёти тоҷик овардааст, ки Ҳазрат ҳангоми дар синфҳои болоии мактаб хондан аз мактаби шеъри онҳо баҳраманд гаштааст.

Ҳазрат баъди хатми мактаби миёна бо ёрии бародараш Ҳиммат ба Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон, факултаи филология, гурӯҳи журналистика дохил шуда, дар ҳалқаи устодони сахтгир ба муҳити шеъру адаб бештар ошноӣ пайдо мекунад. Бо устодон Лоиқ, Бозор Собир, Гулназар наздикӣ карда, диду назараш ба олами шеър дигаргуну тозатар мегардад,

Ҳазрат баъди хатми донишгоҳ баробари шеъргӯӣ, ки ҳунари овозхониро дӯст медорад, бо маслиҳат ва кӯмаки устод Ҷӯрабек Муродов ба шӯъбаи мусиқии радиои Тоҷикистон ба кор меояд. Аз онҷо, ки шеъру мусиқӣ тавъаманд, маҳорати шеъргӯию мусиқишиносии ӯ паҳлӯ ба паҳлӯ сайқал меёбад. Баробари ин Ҳазрат аз хати ниёгон бохабар буда, аз ин хат муддате ба шогирдон дарс гуфтааст.

То ин дам бисёр шеъру навиштаҷоташ дар аксар маҷаллаву рӯзномаҳои ҷумҳурӣ ба табъ расида, маҷмӯаҳои ашъораш бо номҳои “Эҳтиром”, “Зеби гуфтор” ва “Гиромӣ” дар солҳои гуногун нашр шуда, пешкаши ҳаводорони каломи манзум гардидаанд.

ДУОИ ПИР

Аз пир дуо гирифтанам як давлат,
Аз дард шифо гирифтанам як давлат.
Ин умру аҷал ба ҳам, ки по мемонад,
По мондану по гирифтанам як давлат.

Дар аввалу дар ахир домангирем,
Домони худо гирифтанам як давлат.
Мулке набувад, ки бегадо бе шоҳ аст,
Аз дасти гадо гирифтанам як давлат.
Нахле, ки ба пириям нашуд, андармон,
Пириву асо гирифтанам як давлат.

ТОҶИКИСТОН

бахшида ба "Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ"

Тоҷикистон, достони ростон,
Эй диёри меҳри ёру дӯстон.
Рӯҳафзо ҳусноро, файзбор,
Эй баҳори сабзу боғу бӯстон.

Халқи худро меҳани шоҳонаӣ,
Халқҳоро сайри сайёҳонаӣ.

Чашмҳоро чор сӯят ҷолиб аст,
Қалбҳоро меҳри кӯят ҷолиб аст.
Рӯ ба рӯят нур меборад зи рӯ,
Ҳар шукуфту ҳар нумӯят ҷолиб аст.

Халқи худро меҳани шоҳонаӣ,
Халқҳоро сайри сайёҳонаӣ.

Эй куҳантаърихи ибратбахши мо,
Эй сухантасвири ҳикматбахши мо.
Бо ту қадри мост, бо мо қадри ту,
Эй Ватан, ту қадру қиматбахши мо.

Халқи худро меҳани шоҳонаӣ,
Халқҳоро сайри сайёҳонаӣ.

Ёдгориҳо ба ёд орандаӣ,
Ёдҳо рӯ бар ниҳод орандаӣ.
Шукри ҳар рӯзат, ки меояд ба мо,
Шодию рӯзи мурод орандаӣ.

Халқи худро меҳани шоҳонаӣ,
Халқҳоро сайри саёҳонаӣ.

УСТОД ОФАРИНАТ

(эҳдо ба ҳафтодупанҷумин зодрӯзи ромишгари беҳамто устод Ҷӯрабек Муродов)

Ғамро, ки мерабоӣ, устод, офаринат,
Шодӣ, ки мефизоӣ, устод, офаринат.
Овозу савту созат бар дард малҳам ояд,
Як даргаҳи шифоӣ, устод, офаринат.
Шуд савти Рӯдакият боли ҳунарварият,
Иқбол то самоӣ, устод, офаринат.
Симои ту самое ахтарсуханворонро,
Фарзона меситоӣ, устод, офаринат.
Чун Борбаднавое дар саҳнаи тамаддун,
Овози ориёӣ, устод офаринат.
Дар сина дарди Сино бахри илоҷи ғамҳо,
Бахшандаи сафоӣ, устод, офаринат.
Бо як будан тавоно, доно ба сад сурудан,
Фирдавсиро саноӣ, устод, офаринат.
Макри адӯ нагардад, барҳақ силоҳи ноҳақ,
Таърихро сароӣ, устод, офаринат.
Аз Рум Балхаш омад? Мавло ба савти аъло,
Хушсавту хушсалоӣ, устод, офаринат.
Огаҳ зи нои Бедил аз анҷуман касе нест,
Бо ӯ ту ноланоӣ, устод, офаринат.
Нолӣ ту аз ҷудоӣ, бар ҳоли бевафоӣ,
Болӣ зи ҳамнавоӣ, устод, офаринат.
Дилдодаро диҳӣ дил, афтодаро диҳӣ даст,
Дилҷӯю дилкушоӣ, устод, офаринат.
Бо меҳри сарзамини саршори обшорат,
Дарё ту менамоӣ, устод, офаринат.
Пайванди тоҷикони наздику дури дунё,
Сарҳалқаи бақоӣ, устод, офаринат.
Сад пайрав аз паи ту пӯёи ҷодаи ту,
Ояндасози моӣ, устод, офаринат.
Неку накӯсароӣ, бадро бадӣ нахоҳӣ,
Душманкушошноӣ, устод, офаринат.
Бодо муборак умри ҳафтодупанҷуминат,
Ё раб, ба сад дароӣ, устод, офаринат.
Эй Ҷӯрабеки ҷонӣ, маҳбуби ҳазратонӣ,
Бо халқу бо Худоӣ, устод офаринат.

НАВРӮЗ ШУД

Эй дилбари дилҷӯй ман, Наврӯз шуд, Наврӯз шуд,
Эй хушдилу хушгӯи ман, Наврӯз шуд, Наврӯз шуд,
Лутфи нигаҳ рахшандай, шоду фараҳбахшандай,
Эй маҳваши маҳрӯи ман, Наврӯз шуд, Наврӯз шуд.
Бархезу баргӯ ҳарфи нав, рӯ ор сӯи Моҳи нав,
Бикшой рӯ ба рӯи ман, Наврӯз шуд, Наврӯз шуд.
Ёри муҳаббатпарварӣ, хуррамбаҳорат орузуст,
Наврӯзро раҳпӯи ман, Наврӯз шуд, Наврӯз шуд.
Меҳри Худо, ки будааст, раҳми Худо афзудааст,
Бар сӯи ту, бар сӯи ман, Наврӯз шуд, Наврӯз шуд.
Одам, ки қиммат бишмарӣ, ҳар дам ғанимат бишмарӣ
Дилсӯз дар паҳлӯи ман, Наврӯз шуд, Наврӯз шуд.
Гулро, ки бар мӯ мезанӣ, мӯро бари рӯ мезанӣ,
Гулрӯи ман, хушмӯи ман, Наврӯз шуд, Наврӯз шуд.
Тарфи чаман гулпӯш шуд, ҳарфи Ватан дар ҷӯш шуд,
Хуш бод иди кӯи ман, Наврӯз шуд, Наврӯз шуд.

ОДАМ

(О-одам, д-дунё, а-амр, м-марг)

Шаб мастаму дами саҳар ҳушёр мешавам,
Инкоркардаро ҳама икрор мешавам.
Дунёст ҳарфи некиву оёти покиҳост,
Бар панди рӯзгори пуросор мешавам.
Афсуни нағмаҳои шӯхи зиндагониям,
Мафтуни лаҳзаҳои нотакрор мешавам.
Рӯзест бар сарам сару савдои дигарест,
Ҳар рӯз бас ки ҷониби бозор мешавам.
Ман дар фано фигору надаркориям ба ҷамъ,
Бар офаридагори худ даркор мешавам.
Ду дидаи кушодаро пӯшида меравам,
Воқиф зи нокушодаи асрор мешавам.
Оғози зиндагии мо чун баъди мурдан аст,
Рӯзи ба хок рафтанам бедор мешавам.
Ҳазрат шавам, чу рӯ ба рӯ бо ҳазратони хеш,
Ман рӯ ба рӯи Ҳазрати Ҷаббор мешавам.

АЗ ДАФТАРИ ДУБАЙТИҲО

Бале, гуӣ, ки хеле олиҳоянд,
Вале чун лӯлиҳои волиҳоянд.
Дареғи дафтару теғи қаламҳо,
Қаламбардасти дафтархолиҳоянд.

***

Фузун хатро, вале зеру забар кам,
Хабар бисёру марди бохабар кам
Гар афзояд шумори муттаҳамро,
Аз ин гардад, шумори муътабар кам.

***

Зи меҳру аҳду паймонат ташаккур,
Зи ишқи аз дилу ҷонат ташаккур.
Туро, ки бӯсаборонам бифорад,
Барои бӯсаборонат ташаккур.

***

Худоям мепазирад одами пок,
Аҷаб одам, саромад то дами хок.
Равад рӯҳаш ба сӯи олами рӯҳ,
Равад ҷисмаш агар бар олами хок

ҲАЗРАТҚУЛ ҲАМРОҚУЛОВ



Ҳазратқул Ҳамроқулов 28 декабри соли 1948 дар деҳаи Оҳалики ноҳияи Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон таваллуд ёфтааст ва ҳоло ҳам дар ҳамон ҷой зиндагӣ мекунад. Ӯ баъди хатми мактаби миёнаи деҳааш дар омӯзишгоҳи мусиқии шаҳри Самарқанд таҳсил намуда, баъи хатми омӯзишгоҳ дар муассисаҳои маданӣ-равшаннамоӣ дар вазифаҳои гуногун кор карда, ҳамзамон дар шуъбаи шабонаи факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд таҳсил намуда, соҳиби маълумоти олӣ шудааст. Баъд чандин сол аз забон ва адабиёти тоҷик, алифбои ниёгон ба шогирдон таълим додааст.

Ҳазратқул Ҳамроқулов аз овони хурдсолӣ шефтаи шеъру суруд буд. Ӯ баробари овозхони нозукадо будан худаш низ дар равияи шоирони мумтоз шеър мегӯяд. Шеърҳояш дар матбуот ва китобҳои дастҷамъӣ чоп шудаанд. Чанде аз шеърҳояшро худаш ба оҳанг даровардa дар тӯю маъракаҳо месарояд.

ЗОДАИ КӮҲАМ

Зодаи кӯҳам, азизон, кӯҳсорон ҷойи ман,
Ташнаи оби зулолам, чашмасорон ҷойи ман.
Ёд орам боғу роғу домани кӯҳсорро,
Домани кӯҳсору ҳар як майсазорон ҷойи ман.
Дар канори рӯд биншинам ба ёди кӯдакӣ,
Шӯхиҳои баччагию обшорон ҷойи ман.
Хониши кабкони кӯҳию садои булбулон,
Ошиқи савту сурудам, марғзорон ҷойи ман.
Панду андарзи бузургон қалби ман сайқал диҳад,
Чун ҷавонӣ бигзарад, в-он даври пирон ҷойи ман,
Давлати пирӣ бубинад ҳар ҷавони ин диёр,
Ҳазрато, шодам, ки доим байни ёрон ҷойи ман.

ТУ АГАР ДОРӢ ПАДАР

Доимо шукри Худо кун, ту агар дорӣ падар,
Хоки пояш тӯтиё кун, ту агар дорӣ падар.
Баҳра гир аз ҳар суханҳои фараҳангези ӯ,
Зери пояш саҷдаҳо кун ту, агар дорӣ падар.
То тавонӣ ҳурматаш овар ба ҷо дар зиндагӣ,
Баъди маргаш ҳам дуо кун ту, агар дорӣ падар.
Мӯйсафеде рӯ ба рӯ ояд агар ҳарҷо дучор,
Чун падар ҳурмат ба ҷо кун ту, агар дорӣ падар.

Гар ту дорӣ молу дунё, ин ҳама гардад фано,
Хайру эҳсон бериё кун, ту агар дорӣ падар.
Ҳазрато, дидӣ, ки як пире бирафт аз ин ҷаҳон,
Ёди некаш доимо кун ту, агар дорӣ падар.

МАН АЗ МОДАР БИОМӮХТАМ

Каломи аввалин, ёрон, ман аз модар биомӯхтам,
Суруди тоза, эй дӯстон, ман аз модар биомӯхтам.
Ба гӯшам аллаҳои ӯ садо доранд то имрӯз,
Ғазалхонию ҳам достон, ман аз модар биомӯхтам.
Ба ҳар ҷойе равад модар, хаёлаш банди тифлонаш,
Ба ҳар ҷо меҳри пайвандон, ман аз модар биомӯхтам.
Чу бинам модари пире ба ёдам модарам ояд,
Ба дунё ҳурмати пирон, ман аз модар биомӯхтам.
Ба пешаш қарздорам ман, тамоми умр, эй ёро,
Садоқатҳои фарзандон, ман аз модар биомӯхтам.
Бигир, Ҳазрат, сабақ аз зиндагиву рӯзгори хеш,
Ки фарқи неку бад алъон, ман аз модар биомӯхтам.

КАМ АСТ

Медиҳам ҷон аз бароят, додани ҷонам кам аст,
Дар вафоят аҳд кардам, аҳду паймон кам аст.
Нолаам бишнидию ҳаргиз таъсират накард,
Дар фироқат нола кардам, доду афғонам кам аст.
Хостам бар дарди бедармони ман дармон шавӣ,
Оқибат дармон наёфтам, дору дармонам кам аст.
Он қадар нолидам аз ҳаҷри ту ман шому саҳар,
Сӯхтам парвонасон, ки сӯзиши ҷонам кам аст.
Мевае аз боғи васлат чиданам буд орзу
Ҳазрати хушбахтро ин лаҳза армонам кам аст.

МЕМОНЕМ МО

Дар лаби оби равон хушкона мемонем мо,
Дар миёни дӯстон бегона мемонем мо.
Зиндагӣ омӯз аз ҳар пири соҳибтаҷриба,
Кони панди қиссагӯ, афсона мемонем мо.
Лафзи ширин гар давои дарди ошиқҳо бувад,
Бенасиб аз доруи ҷонона мемонем мо.
Зиндагиро дӯст дорам бо ҳама неку бадаш,
Бар ҳама лутфи Худо шукрона мемонем мо.
Ташнаи дидори ёронем андар ин диёр,
Ҳазрати шодам, ки бо паймона мемонем мо.

ДЕВОНА КАРДАЙ МАРДУМА

Нозанин симои ту девона кардай мардума,
Қомати шамшоди ту мастона кардай мардума.
Рӯю мӯю чашму абрӯ, ки туро додай Худо,
Ин чӣ тасвирест, ки ӯ ҳайрона кардай мардума.
Моҳи рухсорат шаби моро мунаввар кардааст,
Офтоби ҳусни ту сӯзона кардай мардума.
Мардуми бечараро дар изтироб андохтӣ,
Ин назокатҳои ту афсона кардай мардума.
Гашт Ҳазрат оқибат дар сели ишқат зери мавҷ,
Оқибат овози ту шодона кардай мардума.

УММЕДИ ВАСЛАТ МЕКУНАМ

Ҳар куҷо бинам туро, уммеди васлат мекунам,
Ришгаи ҷон бастаи занҷири зулфат мекунам.
Гашта масти хандаи лаъли лабат, эй шӯхчашм,
Сад ҳазорон ғунчаро таслими лаълат мекунам.
Васфи қаддатро миёни сарвзоре гар кунам,
Боғбони сарвро андар хиҷолат мекунам.
Дар миёни анҷуман то зиндаам, эй моҳтоб,
Ман зи ҳуснат ҳар ҷо куҷо бошам, ҳикоят мекунам.
Ҳазрати хунинҷигар аз ваъдаҳояш хаста шуд,
З-он сабаб аз ишқи ҷонон ман шикоят мекунам.

ДАР КӮЙИ ҶОНОН

Дар кӯйи ҷонон бемуттакоям,
Дар кӯйи васлаш ҳамчун гадоям.
Дилро рабуда бо як наззора,
Дар назди ӯ ман беихтиёрам.
Зулфони каҷҷаш дар печутобе,
Дар чашми ӯ ман беэътиборам.
Гуфтам, ки ӯро гирам канора,
Бо ишваи ӯ бедаступоям.
Шавқи муҳаббат хун карда дилро,
Назди азизон ман бенавоям.
Бечора Ҳазрат овора гашта,
Бар роҳи ишқаш ноошноям.

ШИРУ ШАКАР

Эй дилбари ҷонона, дилингда ҳар баҳона,
Дема мени бегона, зулфота занам шона.
Қадди сарват бубинам, девонавор юрарман.
Дилимни озор тутма, эй маҳваши замона.
Ҳусни беҳамто дорӣ, оламда сен ягона,
Гирди сарат бигардам, сен шамъу ман парвона.
Ай дилбарим маконинг, ман ҷустуҷӯй дорам,
Кардӣ маро овора, ҳардам кӯнглим вайрона.
Мастона кӯзларингни, доим ба ёд дорам,
Ҳазрат надорад чора, ишқиндга мен девона.

ГАДОӢ МЕКУНАМ

Ман надонам то ба кай аз ту ҷудоӣ мекунам,
Ё ба кӯйи ту ба ҳар вақте гадоӣ мекунам.
Муждаи васли ту ҷӯям аз сабо, эй дилситон,
Рӯзу шаб дар роҳи ту ман роҳпоӣ мекунам.
Гарчи дурам аз ту ман, доим хаёлам бо ту аст,
Доимо бо ёди ту ман сарфарозӣ мекунам.
Эй гули яктои ман, эй мӯниси ғамхори дил,
Гар шабе ойӣ ба хобам, дилнавозӣ мекунам.
Ҳазрато, дил шод дору бо хаёлаш банд бош,
Ман ба ёдат рӯзу шабҳо ошноӣ мекунам.

ХАНДИДА-ХАНДИДА

Нигори нозанин бигзашт, ба мо хандида-хандида,
Нигаҳ бар сӯйи ман кард, ӯ басо хандида-хандида.
Даруни сина дил бозӣ бикард аз ҳар нигоҳи ӯ,
Рақибам шод шуд аз ӯ расо хандида-хандида.
Дили озурдаям аз шарбати ҳаҷраш чашидан дошт,
Ки май бо дигарон хӯрд ӯ, ба мо хандида-хандида.
Чу лола рӯйи зебо дошт, чу сарве қомати боло,
Аҷаб сурат, аҷаб ширинлиқо хандида-хандида.
Будам осуда Ҳазрат, то даме ки дидамаш як бор,
Гузашт он нозанин аз пеши мо хандида-хандида.

ҲАКИМ ҒӮЁ



Ҳаким Ғӯё (Мирзо Ғафурзода) 15 –уми декабри соли 1963 дар деҳаи Дарғи ноҳияи Айнии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 1991 Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Синоро хатм кардааст. Аз соли 1991 то ҳол ҳамчун табиб-уролог, солҳои 2005 то 2013 мудири шуъбаи ҷарроҳии МҶК «Урология», аз соли 2013 то 2015 ба ҳайси табиб-андролог фаъолият кардааст. Аз моҳи октябри соли 2015 инҷониб мудири шуъбаи урологияи МД МИКҶ «Урология» фаъолият мебарад. Ҳамзамон аз соли 1998 то айни замон ассистенти кафедраи урологияи ДДТТ ба номи Сино мебошад. Аз соли 2009 то 2013 аспиранти ғоибонаи Академияи славянии Русия ва Қирғизистон дар шаҳри Бишкек буда, моҳи марти соли 2013 рисолаи номзадиашро дар мавзӯи «Нефроптоз» (Фаромадани гурдаҳо) ҳимоя намудааст. Ногуфта намонад, ки ӯ ҳофизи хушовоз ва оҳангсози хуб низ мебошад, сабти онҳо дар хазинаи тиллоии радио ва телевизион маҳфузанд.

Ҳаким Ғӯё муаллифи китобу дастурҳои тиббии «Нефроптоз» (2015), «Дастурамали бемориҳои гурда ва роҳҳои пешоббарор» (2015), «Луғати бемориҳои урологӣ» (2019) ва маҷмӯаҳои ашъор бо унвонҳои «Меҳри Ватан» (2014), «Шабҳои Душанбе» (2016), «Тоҷикистони биҳиштосои ман» (2019) мебошад.

Ҳаким Ғӯё номзади илмҳои тиб, табиби дараҷаи тахассуси олӣ, узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон, аълочии тандурустӣ ва фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

ПЕШВОЁНИ ОЯНДАБИН

(тараннуме барои дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек)

Карда во дарвозаҳои дӯстиро баъд аз ин,
Офарин, эй сарварони ҳар ду миллат, офарин!
Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмону Шавкат Мирзиё,
Кардаед ӯзбеку тоҷикро зи нав бо ҳам қарин.
Мақсади дуи шумо осудагии халқҳост,
Маънии умри шумо хушбахт кардан одамин.
Аз азал тоҷику ӯзбек унс бо ҳам доштанд,
Бегазанд ин дӯстӣ дар байнашон монад яқин.
Мон, фараҳ бошад насиби ин ду миллат ҷовидон,
Ин ду миллатро мабодо ҳеҷ гоҳе дил ҳазин.
Шод бинмудед Ҷомиву Навоиро равон,
Он ду шоирро, ки буда шуҳраи рӯи замин.
Шеъри Турсунзодаву Лоиқ, Ғафуру Қодирӣ,
То кунун вирди забонҳо ҳаст чун шеъри навин.

Во дари бахти ду миллат гашта бо дасти хирад,
Офарин, ду Пешвои бихради ояндабин.
Дӯстии ҳар ду миллатро ситоиш мекунад,
То Ҳаким Гӯёи мо гӯёст дар рӯи замин.

ШАШМАҚОМ

Шашмақом, эй савту сози тоҷикон,
Шашмақом, эй рамзу рози тоҷикон.
Шашмақом оҳанги васли миллат аст,
Балки он фарҳанги асли миллат аст.
Шашмақом, эй шоҳи дунёи мақом,
Шашмақом, эй шоҳи яктои мақом.
Эй нишоне аз ниёи тоҷикон
З-офтоби пурзиёи тоҷикон.
Бо навояш дилнавозӣ мекунад,
Ба мақомаш сарфарозӣ мекунад.
Бо паёми ин абармарди ҷаҳон,
Пешвои миллати озодагон.
То ки монад бегазанду ҷовидон,
Шуд ҷаҳонӣ Шашмақоми тоҷикон!
Кохи назми тоҷикон обод шуд,
Оли Сомон оқибат дилшод шуд.
Аз замони Рӯдакӣ чун фоли нек,
Зинда тоҷик монд бо иқболи нек.
Месарояд бар шумо Гӯёи мо,
Аз «Бузург»-у аз «Наво» бо ҳоли нек.

ЧАРОҒИСТОН ШУДА ШАҲРИ ДУШАНБЕ

Шуд чароғистон Душанбеи баҳор андар баҳор,
Кӯчабоғи ошиқонаш рӯзу шабҳо нурбор.
Аз дили ҳар сокини шаҳри Душанбе медамад
Офтоби зарфишони пурҷилои рӯзгор.
Фарқ байни рӯзу шаб набвад дар ин шаҳри азиз,
Мекунад равшан раҳи дилро фурӯғи шамъи ёр.
Гул кунад бому дару девори ҳар кошонае,
Аз нафасҳои насими атргардони баҳор.
Мекунанд аз савту ово пур фазои шаҳрро,
Мурғакони нағмазан дар лобалои шохсор.
Ошиқи шабҳои маҳтобии ин шаҳрам дигар,
Ошиқи рӯзони хуршедии он, беихтиёр.
З-ин ҳама шодобиву гул-гулшукуфтанҳои шаҳр
Шаҳриён нозида меболанду болад шаҳриёр.

Кошки манро кунад гул дар баҳори зиндагӣ,
Нахли ишқу ормонҳову биорад баргу бор.
Сабзу шодоб аст шаҳри бахти мо, дар васфи он,
Шеър меояд бурун аз дил чу об аз чашмасор.
Дар канори шаҳри сабзи ормонаш ҷовидон,
Мон, Ҳаким Гӯё бимонад сарфарозу бахтиёр.

ҒАЗАЛВОРА

Кушодӣ рӯйи зеборову бурдӣ ин дили моро,
Нигоҳи оташинат сӯхт, эй ҷон, ҷони шайдоро.
Ба уммеди висолат чашми уммедам ба роҳат буд,
Шавад рӯзе ниҳӣ бар чашми мо бечорагон поро?
Фироқатро намехоҳам дигар як лаҳза дар дунё,
Манеҳ дар дил, азизи ман, дигар доғи сувайдоро.
Намезебад ба ошиқ зиндагӣ бо сози мағрурӣ,
Набошад фарқ оҳанги сухан ашхоси коноро.
Агар дар базми аҳли дил сухан он нозанин гӯяд,
Нафас тангӣ кунад з-оҳанги ҳарфаш дар гулӯ моро.
Хаёли зулфи печонаш барои ошиқон домест,
Раҳоӣ нест аз он ошиқи девонаавзоро.
Ҳувайдо сад чаман гул дар баҳори оразаш бошад,
Назар афкан ба рӯяш, об деҳ чашми тамошоро.
Барои растан аз худ мо паёпай бода менӯшем,
Ба гоҳи бехудии мо, тасанно пири Миноро.
Манам хушбахт ҳамвора, бувад гар ин ғазалвора,
Дуруде аз Ҳаким Гӯё, сухангӯёни доноро.

ҚАСИДАИ БАҲОР
(Дар ҷавоби қасидаи Туғрал)


Мутрибо, бинвоз оҳанги хуше дар навбаҳор,
Чун барорӣ ғам зи дилҳо, хуш бувад дар сабзазор.
Мужда омад соқиро, домод дар боғу чаман,
«Наварӯси бодаро аз пардаи иффат барор».
Нӯши ҷон кун бодарову табъи худро хуш намо,
Нест як фасли тарабафзой монанди баҳор.
Ханда зад гул сӯи булбул аз насими субҳдам,
Лола ғамолуд гарчи дар даман, дар кӯҳсор.
Зебу зинат дода гулшанро ҳаме гулҳои пок,
Суҳбати мову шуморо дӯстонанд интизор.
Хотири гулҳо парешон гашта аз боди сабо,
Мисли шохи беди маҷнун менамояд зулфи ёр.
Дар талоши тозаву озодагии ин чаман,
Тоза борон мечакад аз домани абри баҳор.

Булбули хушнағма оҳанге сарояд аз висол,
Боз дилкаш гардад ин гулшан зи оҳанги ҳазор.
Туғрал аст, Гӯё яке аз шоирони номдор,
То тавонӣ, номи худро байни шоирҳо барор.

НАВРӮЗИ ДИЛАФРӮЗИ ДУШАНБЕ

Марҳабо, эй дӯстон, бар шаҳри ин зебодиёр,
Бар Душанбеи гулистони баҳор андар баҳор.
Ҷонфизо бошад баҳори хуррами шаҳри азиз,
Дар канораш бар машом ояд насими мушкбор.
Лолаву себаргаву ҳар шохаи сабзу тараш,
Медиҳад моро башорат аз ҳузури навбаҳор.
Навбаҳори шаҳри моро ҳашмати дигар бувад,
Мешаванд аз он баҳорӣ шаҳриёну шаҳриёр.
Боғи Миллӣ, боғи Айнӣ, Рӯдакиро бингаред,
Килки дасти навбаҳорон карда пурнақшу нигор.
Мужда, ёрон, боз Наврӯзи дилафрӯз омада,
Ғарқи баргу ғарқи гул гардида аз нав шохсор.
Боғи Фирдавсию Ҷомиву Навоӣ гулфишон,
Шоду хуррам гашта акнун мардуми бонангу ор.
Шаҳри хуршедии мо дилро мунаввар мекунад,
Баски бошад мазҳари хуршеди Ховар нурбор.
Гӯши қалбу ҷони одамро навозиш мекунад
Бо суруди ҷонфизояш мурғаки ҳар шохсор.
Боғи фарҳанги Ҷавонон обшори зиндагӣ,
Роҳати ҷон аст мардумро насими обшор.
Бо ҳавас дар кӯчабоғаш ошиқон по мениҳанд,
Сархушу сармаст аз бӯи баҳору васли ёр.
Мурғи илҳоми Ҳаким Гӯёи мо пар мезанад,
Дар фазои шаҳри бахти тоҷикони бахтиёр.

ҲАМЗА ҶӮРА



Ҳамза Ҷӯра 23-юми октябри соли 1952 дар деҳаи Кафтархонаи ноҳияи Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар оилаи омӯзгор таваллуд шудааст.

Баъд аз хатми факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи А.Навоӣ ба вазифаи мудири шӯъбаи маданияти рӯзномаи «Субҳи Гулобод»-и ноҳияи Самарқанд ва чанд муддат ба донишҷӯёни донишгоҳи номбурда аз фанни педагогика ва таърихи он дарс гуфт.

Аз соли 1991 сар карда то ба нафақа баромадан (соли 2015) ҳамчун сармуҳаррири шӯъбаи тоҷикии телерадиокомпанияи вилояти Самарқанд фаъолият нишон додааст.

Китобҳои «Муаллим Афандӣ», «Алломаҳо наметмиранд», «Пири ҳунар», «Духтари Ватан» ба қалами ӯ вобаста аст.

ҚАТРАҲО

Агар аз бахилӣ, нотавонбинӣ, ҳасадхӯрӣ ва риёкорӣ дур бошӣ, то чӣ андоза зебову дилоро ва ширину лазиз будани ҳаётро ба зудӣ пай мебарӣ.

Дар акси ҳол он дили сиёҳат ҷисму ҷонатро мехӯраду обу адо мекунад, эй инсони ғофил.

* * *

Эй дӯсти ҷавон! Медонӣ, муҳаббат бозича нест. Вай оташи пурзӯре дорад, ки ҳама ҳам ба он қӯраи оташ гирифтор шавад азобу машаққатҳои зиёдеро мебинад. Аниқтараш, Муҳаббат қудрати Илоҳӣ аст. Қудрати Илоҳист!

* * *

Машав ошиқ, ки ҷонатро бисӯзад,
Ғами ишқ устухонатро бисӯзад.

* * *

Медонӣ! Ҳаёт пурзавқу пурзӯр. Марг бошад аз ҳаёт пурзӯртар аст. Муҳаббати ҳақиқии Илоҳӣ аз маргу ҳаёт ҳам пурзӯру тавоно, эй ошиқи ноком!

* * *

Фалак саргашта аз савдои ишқ аст,
Ҷаҳон пурфитна аз ғавғои ишқ аст.

* * *

Эй Худо! Ба ҳама чун муҳаббати ман, муҳаббатеро ато кун, ки онҳо аз хислатҳои ғайру зишт гурезон шуда, ба сӯйи қуллаҳои меҳру садоқат қадам гузоранд.

* * *

Тафовутро бинед. Дар қабристон гӯри ғарибу камбағалонро гулу гиёҳу майсаҳои навхез мепӯшад. Гӯри фалониҳо бошад мармарпӯшу сангин. Зиёратчиён фавран пай мебаранд, ки ин гӯри муфлису он гӯри доро. Оё дар зери хок ҳар ду ягона нестанд, магар?

* * *

Ҷаҳд кун дил зинда гардад, тан чу оропӣ ба зар,
Мурдаро суде надорад, гӯри пурнақшу нигор.

* * *

Эй бандаи мӯъмин. Дар ин дунёи дурӯза чунин зиндагӣ кун, ки аз ту халқу ватани азизат нафъе бинад. Вақти дар он дунё рафтан чунон рав, ки пиру ҷавон, шиносу бегонаву багона афсӯс хӯрда, «раҳматӣ одами ҷаннатӣ буд» гӯён даст ба дуо бардоранд.

* * *

Дар вақти ҷавонӣ духтаракеро пинҳонӣ дӯст дошта будам. Аммо тақдир раво надид. Баъди солҳои тӯлонӣ рӯ ба рӯ шудам. Табассумкунон гуфт:

- Ако, каме пир шудед. Мӯйҳоятон сап-сафеданд. Лекин дар чеҳрааттон нишонаҳои ҷавониатонро мебинам, - боз дилбардорӣ кард ӯ. Чӣ гуфтанамро надонистаму ҳамоно байти зерин ба ёдам омад.

Рафт бо шаст умри ман агар,
То ҳанӯз зӯру тавон дорам ман.
Қадди хам, мӯйи сафедам менигар,
Ҷисми пир, ишқи ҷавон дорам ман.

* * *

Эй бандаи ғофил! Агар гӯри торик хонаи охирати инсоният бошад, пас ҳама шоҳу гадо, бою камбағалҳо хонахаробанд. Ҳамон гӯре, ки по ба қибла дароз карда абадӣ мехобӣ, хонахаробист!

* * *

Эй, парирӯю зебосанаму париваш! Бо ҳусну латофати дилрабоят ошиқатро ин қадар азият надеҳ. Медонӣ, ҳатто моҳи ягонаи оламтобу оламоро низ ба рӯяш доғе дорад.

* * *

Тафовутро бинед. Заминро модар мегӯем. Чунки вай мову шуморо мепарварад. Аз нуқлу наво ва хӯрданиҳо баҳравар ва саховати беназирашро ҳадя мекунад. Аммо, охирон ба доми худ мекашад, мову туро замин. Дар гӯри торик! Ӯ ҳамон мехӯраду мехӯрад. Эй султони аҷал! Бигӯ чаро ин замин аз одамхӯрӣ сер намешавад.

* * *

Марди холабеғам мегӯяд:

- Дар ин дунёи гузаро ҷисматро парвариш намо, хӯру нӯш, кайфу сафо кун, ки аз ту ҳамин мемонад. Аммо ӯ боре намегӯяд, ки ақлатро кор фармо, бофитрату нерӯ бош, ба атрофиён бо меҳру садоқат назар кун. Чаро одамони худбину холабеғам ин тавр-а?!

Сахт ҳайронам, ки дар ин ҷаҳон,
Фитрати сар то сарӣ кам мешавад.
Тухми одам мешавад хеле зиёд,
Одаму одамгарӣ кам мешавад.

* * *

Кӯдаки навзодро бегуноҳу ҷаннатӣ мегӯянд, ҳақ асту рост. Зеро ӯ ҳоло забони гӯё надорад, ки касеро ҳақорат кунад, пойҳояш ҳанӯз боқуввату устувор нестанд, ки мӯрчаеро зер карда озор диҳад, чашми пурбин надорад, ки ба атрофиён бо ҳирсу тамаъ нигарад. Аммо тафовутро бинед, ки ӯ ҳамаи ин гуноҳҳои нобахшишро баъди ба воя расидан мекунад. Ин аст инсони шири хомхӯрда.

* * *

Эй инсони ғофил! Мудом накӯкор бош. Бадгапию бадрафториро фаромӯш кун. Аз паи иғвогарию ришвахӯриҳо нашуда шукри Худованд кун. Охиратро фаромӯш накун. Зеро дар даруни гӯр нолидану тапида, хандаю гириста ва ё наҳва карда наметавонӣ. Зеро Бедили бузургвор фармудааст:

Як қадам роҳ аст, Бедил, аз ту то домони хок,
Бар сари мижгон чу ашк истодаӣ ҳушёр бош!

* * *

Шахси ботилу худбин, дилсиёҳу худобехабар ва дилозор дар вақти ҷон кандан хеле азият мекашид. Ҳамин вақт аз ғайб ба гӯшаш садо омад:

Дарего, ки машғули бекин шудам,
Зи ҳақ дур мондаму ботил шудам.

* * *

Ӯ дар чойхона нишаста ғайбаташро сар мекард:

- Фаҳмидед, духтари фалонӣ ҷанҷол карда ба хонаи падараш омадааст. Худаш сал сабукпо буд-дия. Фозили чархчиро медонед-а? Дирӯз Нексияи наппа-нав харид, ин нобакор як гап дорад. Кампири амаки Пардабой ба касалии фалаҷ гирифтор шудааст. Худаш бисёр баддаҳан буд-дия. Рӯзе ба ман гуфт, ки кай мемурӣ, ки мардум аз бадгӯиҳоят халос хӯрад? Ҳамин ҳам гап шуду, акнун аҳволи худашро бин.

Охирон одамон аз вай ҳазар мекардагӣ шуданд. Аммо ӯ ҳамон ғайбати одамон карда мегӯяд. Ба инҳо гапи ростро гӯӣ ба гуноҳ мемонӣ:

Аз он, ки дили ҳама зи ту мемонад,
Одам шудани туро Худо медонад.

* * *

Эй бандаи мӯъмин! Бидон дурӯғгӯиро Худо намебахшад. Аз ин ҷост аз одами дурӯғгӯю лофзан худро ба канор гир. Зеро онҳо ба ҳар гуна суханҳои нарму мулоим туро сеҳру ҷоду карда хонасалот мекунанд. Гузаштагон беҳуда нагуфтаанд:

Дурӯғонро мадеҳ дар назди худ ҷой,
Ки дар як дам кунад сад фитна бар пой.

ҲАСАН СУЛАЙМОНӢ



Ҳасан Сулаймонӣ 1-уми июни соли 1995 дар деҳаи Навободи ноҳияи Бӯкаи вилояти Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон, дар оилаи омӯзгор ба дунё омадааст. Хатмкардаи мактаби таълими умумии рақами 9 ва коллеҷи хоҷагии қишлоқи ноҳияи мазкур мебошад. Ҳоло дар курси якуми шӯъбаи тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд таҳсил мегирад.

Нахустин маҷмӯаи шеърҳояш таҳти унвони «Субҳи дил» дар соли 2017 ба чоп расид. Дар шеърҳояш тахаллуси «Ҳофӣ»-ро интихоб кардааст. Чакидаҳои қаламаш дар матбуоти даврӣ, аз ҷумла, «Овози тоҷик», «Ховар» ва «Овози Самарқанд» ба нашр расидаанд.

СУЛҲ БОДО ДАР ВАТАН

То ҷаҳон поянда бошад, сулҳ бодо дар Ватан!
Шамс то рахшанда бошад, сулҳ бодо дар Ватан!
То ки дар гардуни дунё медурахшад ахтаре,
То қамар тобанда бошад, сулҳ бодо дар Ватан!
Сарзамине, ки макони халқи сулҳоин бувад,
Сулҳро зебанда бошад, сулҳ бодо дар Ватан!
Дар лабу дар қалби ин халқи азизам доимо
Хуррамию ханда бошад, сулҳ бодо дар Ватан!
Ҳофии бечора ҳар дам бо умеди беҳисоб
Ин дуо гӯянда бошад: Сулҳ бодо дар Ватан!

СОАТ БА СОАТ

Ғами дил ҷам(ъ) шавад, соат ба соат,
Нишотам ғам шавад, соат ба соат.
Магар дар пои умрам мегазад ҳаҷр,
Ки ҳар дам кам шавад соат ба соат.
Маро ҳар рӯзу шаб фарёду оҳест,
Ду чашмам нам шавад, соат ба соат.
Зи як дардат чу меёбам раҳоӣ,
Дигарҳо зам шавад, соат ба соат.
Парешон то шудам аз кӯи васлат,
Сиришкам дам шавад соат ба соат.
Назар бар ҷисму ҷони Ҳофӣ бинмо,
Ҷудо аз ҳам шавад, соат ба соат.

ДИЛИ ДОҒ

Эй боди сабо, орӣ чу бӯяш ба димоғам,
Сад нур занад шӯъла миёни дили доғам.
Барваз ба машоми дили озурдаи модар,
Аз ман хабараш гӯ, ки биёбад зи суроғам.
Аз ҳасрати пазмонию аз нафрати ҳичрон
Ду дида ба хунам, ки басе синасурохам.
Ин чархи фалак саҳв магар кард зи тақсим,
Бар ҳар кӣ расид шодию аммо, ки ба мо ғам.
Гумкардаи рӯзу шабаму маҳкуми авқот,
Хоре ба назар гӯӣ миёни гулу боғам.
Аз ман чӣ биҷӯӣ ту дар ин зулмати даврон,
Рӯзҳо натавон ёфт бикобӣ ба чароғам.

БАРФ[37]

Кам магар буд шистанаш бар мижжаат, эй ёр, барф,
Бӯсаҳоро меситонад аз лабат айёр барф.
Ову бо ман як нафас дар рӯи барфҳо бозӣ кун,
Бин, ки моро интизор аст беруни дар зор барф.
Интизор аст карда пойандоз гиламҳои сафед,
Бо умеди он, ки меоӣ ту боз як бор барф.
Бишкуфад, гар сурх гардад лоласурат он узор,
Ҳеҷ намесозад туро бо неши сӯзанвор барф.
Гуфта буд: “Дар ҷашни соли нав ҳамеоям”, на лек!
Ёдат аст, хушрӯи ман, он сол ҳамин маккор барф?
Чӣ аҷаб, гар ринди қолабногузир бошад чу ман,
Гоҳе хушрафтор барфу гоҳе бадрафтор барф.
Кӯҳу дашту сангу саҳрову шаҳарҳо ҳеҷ нест,
Мекунад парвоз дар дашти само асвор барф...
Халқе андар хоби нозанду вале аз ҳаҷри ёр,
То саҳар бедор Ҷаъфар, то саҳар бедор барф.

ТАТАББӮЪ БАР ҒАЗАЛИ ҶОМӢ

Эй ёри ситамгори дилозори ҷафокӯш,
Боре ба тасаллои дили хастадилон кӯш!
Аз ҳасрати дидори ту ҷонҳо ба рамақ шуд,
“Пеш ой, ки чун ҷон кашамат танг дар оғӯш.”
Дишаб зи хаёлат ба даме мижжа намондам,
Имшаб ба ҳамонам, ки маро буд ба шаби дӯш.

[37] Тарҷума аз шеъри Ҷаъфар Муҳаммад.

Метон зи ҳама даҳр кашид дасту накард ёд,
Аммо натавон кард хаёли ту фаромӯш.
Дар ишқи ту чун Ҳофии бечора магар ҳаст,
Овораву бечораву девонаву мадҳуш?

ОН ШӮХ...

Он шӯх, ки ҷуз куштани мо пеша надорад,
Аз рӯзи қиёмат магар андеша надорад?
Ҷоне ба саломат набарад кас зи нигоҳаш,
Теғи назарашро табару теша надорад.
Ҳар санг, ки дорад ба дилаш, кӯҳ чӣ бошад,
Ваҳшидили бераҳми варо беша надорад.
Одоби вафодориву оини муҳаббат
Ҳаргиз маталаб з-ӯ, ки чунин кеша надорад.
Ҳар дам зи ӯ захме ба дилеву ба умедем,
Зеро, ки ба дунё бадие реша надорад.

БИЁ ОХИР!

Гузашт умрам ба раҳпоӣ, биё охир!
Ба раҳ чорам, ки меоӣ, биё охир!
Агар дар дил ғараз дорӣ, бирав дигар,
Вале гар дӯсту ошноӣ, биё охир!
Таманнои висоли ту маро умрест,
Ту ҳам бо ин таманноӣ, биё охир!
Ман онам, ки тамоми ҳастиам аз туст,
Ту онестӣ, ки аз моӣ, биё охир!
Ба ишқи ман бикун бовар, ки танҳо ту
Даруни синаам ҷоӣ, биё охир!

ДАР ТАҚ-ТАҚ МЕШАВАД

Мебиоиву кунун бар дар тақ-тақ мешавад,
Мепарад ҳушам зи сар, гар дар тақ-тақ мешавад.
Солҳои интизорӣ мепазиранд интиҳо,
Қиссаи мо мешавад сар, дар тақ-тақ мешавад.
То ту рафтӣ бар дари қалбам назад тақ-тақ касе,
Чун ту оӣ боз аз сар дар тақ-тақ мешавад.
Изтиробе тули солҳо мешикаст ормони дил,
Менамонад з-ӯ асар, гар дар тақ-тақ мешавад.

То ба кай қалбам ба оҳу то ба кай чашмам ба роҳ?
То ба кай гӯшам ба дар, дар тақ-тақ мешавад?
Солҳоест сабр кардӣ, Ҳофиё, бар ҳачри ёр,
Сабр кун чанде дигар, дар тақ-тақ мешавад.

ИМШАБ

Дар ёди туам, хоб наояд имшаб,
Дар ёди туам, хоб набояд имшаб.
То рӯз ба шаб ҳамекунем бедорӣ,
То баҳри дилам рӯз бизояд имшаб.
Ман пардаи хоб зи дидаҳо бардорам,
То парда зи рухсор кушояд имшаб.
Хоҳам, ки яке сер бубинам рӯяш,
То ҳол нашуд, шавад, ки шояд имшаб.
Дар нимашабон рӯз бигардад зоҳир,
Моҳи ман агар кӯча барояд имшаб.

АЗИЗИ МОӢ

Эй сарви равон, азизи моӣ,
Эй абрӯкамон, азизи моӣ.
Мардум дилу ҷон азиз доранд,
Ту беҳтар аз он азизи моӣ.
Бо ёди туем ба шодию ғам,
Дар суду зиён азизи моӣ.
То чанд ба васл ташна будан,
Чун оби равон азизи моӣ.
Хоре нахалад ба пои ёрон,
То дар ду ҷаҳон азизи моӣ.
Ҳофӣ чӣ кунад баёни ишқат,
Берун зи баён азизи моӣ.

ҲОҶАР



Ҳоҷар (Ҳоҷарой Раҷабова) 14-уми октябри соли 1953 дар деҳаи Пули Гирдоби Ҷамоати деҳоти Моғиёни шаҳри Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд ёфтааст.

Ҳоҷар яке аз аввалин бонувонест, ки анъанашиканӣ карда, соли 1970 ба Донишкадаи омӯзгории шаҳри Душанбе, ки он замон номи Т. Г. Шевченкоро дошт, дохил мешавад.

Баъди хатми донишкада то имрӯз дар мактабҳои Ҷамоати деҳоти Моғиён аз забон ва адабиёти тоҷик дарс мегӯяд.

Ӯ даъвои шоирӣ надорад, вале гоҳ-гоҳ дар танҳоӣ машқи шеър мекунад.

СЕ ЧИЗ

Се чиз туро зи ғам раҳо месозад,
Бологузару ба дида ҷо месозад:
Бахшандагию ҳиммату хулқи некӯ,
Ҳоҷоти дили туро раво месозад.

МЕБОЯД

Чун аҳд кунӣ, ба вай вафо мебояд,
Дар зиндагият шарму ҳаё мебояд.
Ширинсуханию караму ишқу умед
Бар одамиён дар ҳама ҷо мебояд.

ШОИР

Махон шоир маро, шоир наям ман,
Ба фанни шеъри тар моҳир наям ман.
Ба пеши мардуми донои ориф
Барои дам задан қодир наям ман.

ХОР МАКУН

Ин умри азизи хешро хор макун!
Дар панҷаи нокасон гирифтор макун!
Ҳушёр бишав, то ба хато раҳ наравӣ,
Худро ба балои бад гирифтор макун!

ҒАЗАЛ

Тири ҷонсӯзи муҳаббат синаамро чок кард,
Қалби ман бишкофт, номам аз саҳифа пок кард.
Гарчи бо ӯ меҳрубониҳо намудам, ёри ман,
Дил рабуд аз ман, вале сӯзи дигар идрок кард.
Орзуҳои маро аз саҳфаи хотир зудуд,
Ҷисми афгори маро пинҳон ба зери хок кард.
Носипосӣ бин, ки он ноошно дар зиндагӣ,
Ишқи ман нагзиду рӯ бар сӯи оби ток кард.
Ҳоҷаро, аз дарду доғи ёри худ гирён машав,
Зуҳраро сӯзи муҳаббат ҷой дар афлок кард.

НЕК АНДЕШ

Созӣ ту ба кирдорат агар дилҳо реш,
Ҳар лаҳза сафи душмани ту гардад беш.
То ин ки ба қалби одамон раҳ ёбӣ,
Некӣ куну нек мераву нек андеш.

НИШОН

Сабоҳе омадам бар соҳили рӯд,
Ки то нақши қудуми ёр бинам.
Нишинам соате то рӯ ба рӯяш,
Гуле аз боғи рухсораш бичинам.

Канори рӯди кӯҳии пур аз ҷӯш,
Нишони нақши пояшро надидам,
Зи гулзори муҳаббатхонаи дил,
Гули армони қалби худ начидам.

Равон гаштам, сари хам сӯйи хона,
Дилам дар орзуяш гиряе дошт.
Чаро он бевафои бемурувват,
Ба сина тухми ишқи хештан кошт?...

ВАТАН

Ватан ҷону ҷаҳон гуфтему ҳастӣ,
Ягона дар ҷаҳон гуфтему ҳастӣ.
Ба кӯҳсори баланду чашмаобат,
Қарини ҷисму ҷон гуфтему ҳастӣ.

ФИРДАВСӢ

Қиссапардози азизу нуктадон,
Ҳазрати Фирдавсии ширинзабон.
Аз адам бар сӯйи дунё зад қадам,
Буд дар байни кеҳу меҳ муҳтарам.
Кӯҳро аз по фикандӣ тешааш,
Ҷустуҷӯйи илм гашта пешааш.
Аз Сиёвуш, Рустаму Ковусу Ҷам,
Килки маънизои ӯ мезад рақам.
Порсии ӯ Ачамро зинда кард,
Дар маҳофил Ҷоми Ҷамро зинда кард.
Бар мақосид гашт охир комёб,
Кард обод ӯ басо мулки хароб.
Гарчи умре буд дар ҳоли фирор,
Монд аз ӯ «Шоҳнома» ёдгор.

ДУХТАРИ ГИЖДАҲАМ

Духтари зебоӣ, духти Гиждаҳам,
Сар ба пешаш карда садҳо гурд хам.
Дар далерӣ, чобукӣ, мардонагӣ,
Дар тароват, дар хушӣ, фарзонагӣ.
Алхулоса, зери ин чархи кабуд,
Дигаре монанди ӯ ҳаргиз набуд.
Чун ялон омад ба разми Сӯҳроб,
Қалби шер аз тарси ӯ мегашт об.
Гашт Сӯҳроб волаю шайдои ӯ,
Рафт дар коми ғаму ҳасрат фурӯ.
Шуд мутеи лашкари ҳусну ҷамол,
Сар ба пеш афканду шуд афсурдаҳол.
Хест аз ҷо, шуд ба ҷустуҷӯйи ӯ,
Доимо мегашт гирди кӯйи ӯ.
Хост, ӯро ёбад аз ҷойи аниқ,
Бӯса бистонад зи лаъли чун ақиқ.
Оқибат дар синааш Гурдофарид,
Ҷойи бадбинӣ муҳаббат офарид.
Чашми мардонро муҳаббат нам кунад,
Пеши зан зону занад, сар хам кунад.

НАШУД

Ёрро бо қалби сӯзон ошно кардам, нашуд,
Ишқро сарҳалқаи меҳру вафо кардам, нашуд.

Бе гули рӯяш тамошои ҷаҳон н-омад ба кор,
Тарк аз каф пардаи шарму ҳаё кардам, нашуд.
Дар хаёлаш, эй басо, рӯзи сафедам шуд сиёҳ,
Гарди кафши ӯ ба дида тӯтиё кардам, нашуд.
Ҳастии худро фидояш кардаму ҷон бохтам,
Хешро фарши раҳи он бевафо кардам, нашуд.
Сабр кардам, то дили ӯро ба даст орам, вале
Аз ҷигар сад нолаву сад марҳабо кардам, нашуд.
Дар бисоти ман набуд моли дигар аз ғайри дил,
То бипурсад ҳоли ман, дилро фидо кардам, нашуд.
Ҳоҷаро, дар ишқи он номеҳрубони сангдил,
Қалбро дар синаам обу адо кардам, нашуд.


ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистон! Фахри номат мекунам,
Шукр бар ҳарфу каломат мекунам.
Модари арзандаи миллат туӣ,
Пур зи гул ҳар рӯи бомат мекунам.
Шукри кӯҳсори пур аз санги Ватан,
Шукри ганҷи нотамомат мекунам.
Ҳар саҳар аз хоби худ хезам нахуст,
Аз дилу аз ҷон саломат мекунам.
Шукри Ваҳдат, шукри Истиқлоли хеш,
Шукри ҳар ҳарфи Паёмат мекунам.
Бо хушию дилбарию дилкашӣ,
Бодаи ширин ба ҷомат мекунам.
Эй Ватан, эй қуллаи армони ман,
Аз дилу ҷон эҳтиромат мекунам.

ЗАБОНИ ТОҶИКИСТ

Ифтихори ман забони тоҷикист,
Иқтидори ман забони тоҷикист.
Дар миёни мардуми рӯйи замин,
Эътибори ман забони тоҷикист.
Аз каломаш боғи дил гул мекунад,
Навбаҳори ман забони тоҷикист.
Чун забони шеъри ноби Рӯдакӣ,
Ёдгори ман забони тоҷикист.
Нӯши ҷон созам чу оби шеъри тар,
Чашмасори ман забони тоҷикист.
Гуфтаму гӯям ба овози баланд:
Ифтихори ман забони тоҷикист!

ҲОҶӢ САЙИДОЛИМИ КАЗДОНӢ



Ҳоҷӣ Сайидолими Каздонӣ (Сайидолим Боқиев) (20.03.1927 – 18.07.2013, деҳаи Каздони ноҳияи Айнии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон) – омӯзгор, шоир ва табиби мардумӣ. Таҳсилкардаи омӯзишгоҳи кишоварзии шаҳри Истаравшан (1948-1950), мактаб-интернати №3-и шаҳри Хуҷанд (1950-1952), Донишкадаи давлатии омӯзгории Тоҷикистон (1952-1956) ва омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик ва алифбои ниёгон дар мактаби миёнаи №5-и ба номи М.А.Бедили ноҳияи Айнӣ (1956-1996), «Аълочии маорифи халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (1981), узви иттифоқи журналистони Тоҷикистон (1995), узви Хазинаи адабиёти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон (2010).

Муаллифи маҷмӯаҳои ашъори «Умри дубора» (Душанбе, 2001), «Баҳр дар кӯза» (Теҳрон, 2006), «Тӯшаи мусофир» (Душанбе, 2010), «Дидори модар» (2013) ва пас аз марг «Наврӯз вуҷуди сабза бедор кунад...» (Душанбе, 2014) ва силсиламақолаҳо зери унвони «Насиҳат гӯш кун ҷоно» (1997), рисолаи тиббӣ бо унвони «Табиат мекунад моро табобат...» (2003) мебошад.

Устод Ҳоҷӣ Сайидолими Каздонӣ дар майдони таълиму тарбият бо сафои рӯҳ, нафаси тоза ва сабру таҳаммул, ранҷи фаровон кашида, баҳри такмилу тарвиҷи забону адабиёт ва хати ниёкон дар як гӯшаи дурдасти кишварамон хидмати мондагор анҷом доданд.

ДУНЁ НАМЕАРЗАД

Ба қалби пурсафои модарам дунё намеарзад,
Ба қадри аллаҳои модарам дунё намеарзад.
Зи хокаш ҳар баҳорон лолаю себарга мерӯяд,
Ба гарди хоки пои модарам дунё намеарзад.
«Биҳишт зери қудуми модарон»- фармуда Пайғамбар,
Ба мадҳу бар санои модарам дунё намеарзад.
Агарчи ҳафт офоқанд ҳар як қобили тасвир,
Ба ҳусни бебаҳои модарам дунё намеарзад.
Ба дунё офарид Пайғамбару Фирдавсию Саъдӣ,
Ҳама насл аз баҳои модарам, дунё намеарзад.
Фаромӯшам намегардад Ҳавво-модари дунё,
Ба шири ҷонфизои модарам дунё намеарзад.
Суруда Ҳоҷӣ Олим шеърҳо оид ба модарҳо,
Ба меҳри бебаҳои модарам дунё намеарзад.

ҶОНИ МОДАР МЕШАВАМ

Ҷонфидои ҷони модар мешавам,
Кай ба гарди ӯ баробар мешавам.
Модарам хишти умеди ман ниҳод,
Ман асои дасти модар мешавам.
Қабзаи ҷорӯб шуд мижгони ман,
Хокрӯби пои он дар мешавам.
Лаҳзаи пирӣ ба роҳи модарам,
Дастгири ӯ муқаррар мешавам.
Ҳар дуои хайри модар гавҳар аст,
Ман харидоре ба гавҳар мешавам.

БА МОДАР

Эй модари ягона, бе ту ҷаҳон набошад,
Дар олами вуҷудат пиру ҷавон набошад.
Туғён кунад ҳамеша он қалби пурвафоят,
Бе меҳри дидагонат дармони ҷон набошад.
Дарёи зиндагонист он қатраҳои ашкат,
Бе ранҷи ту аз олам ному нишон набошад.
Аз баҳри тифлаконат сад печутоб хӯрдӣ,
Бе шири софу покат тобу тавон набошад.
Чун киштие ба соҳил аз баҳри зиндагонӣ,
Берун, ки кардӣ моро баҳри дамон набошад.
Мо нӯш карда шират чун ганҷи шойгоне,
Беҳтар зи шири покат дору ба ҷон набошад.

ЗИЁРАТИ ПАДАР

Чун писар сӯи падар ояд ҳаме,
Гӯиё шабро саҳар ояд ҳаме.
Бо садоқат, бо дили саршори меҳр,
Баъди тӯлонисафар ояд ҳаме.
Бар ҳама омолу кирдори писар,
Аз дуои ӯ самар ояд ҳаме.
Олами ояндаи пурорзуш,
Нурбору шӯълавар ояд ҳаме.
Чун писар бошад ба паҳлуи падар,
Файзу шодӣ бештар ояд ҳаме.

ЗАБОНИ МОДАРӢ

Забони миллати беиллати ман,
Забони модарии давлати ман.

Забони ифтихори шоҳи шоҳон,
Забони файзбори аҳди Сомон.
Забони тоҷикон – он тоҷдорон,
Забони номварони давру даврон.
Чу ховар муддате буд дар таҳи абр,
Кашида солҳо чун бекасон ҷабр.
Кунун хуршеди тобон шӯъла афканд,
Тулӯи аввалаш бар лола афканд.
Ташаккур бар шумо, гавҳаршиносон,
Бишуд гавҳар ҷудо аз лутфи борон.
Забони миллати беиллати ман,
Забони модарии давлати ман.
Шавӣ эҳё, ки ман подор бошам,
Ба мисли қуллаи кӯҳсор бошам.

ТУ ҶОНУ МАН ТАНАМ

Тоҷикистонам, ту ҷону ман танам,
Гар набошӣ ту, тани беҷон манам.
Зиндаам бо сулҳу истиқлоли ту,
Зиндаам бо бахту бо иқболи ту.
Нағмаи меҳрат зи дил бишнидаам,
Акси рӯят дар рухи маҳ дидаам.
Шуд саросар сарзаминат чун биҳишт,
Ишқ бо ҳурони ту варзидаам.
Чун Сулаймон бо саховат доимо,
Дар ҳама мулки ҷаҳон бинам туро.
Сарзамини нурбори пурсафо,
Мешиносад олами ҳастӣ туро.
Ришгаи меҳрам ба меҳрат бастааст,
Ҷони ман бо ҷони ту пайвастааст.
Ҳоҷӣ Олимро кафи хокат бас аст,
Хоки шоирпарвари покат бас аст.

ДУШАНБЕ МОДАРУ ГАҲВОРАИ МАН

Сари ман хоки поят, эй Душанбе,
Дилу ҷонам фидоят, эй Душанбе!
Ту ҳастӣ модару ман тифли навзод,
Диҳам ҷон дар вафоят, эй Душанбе.
Туро дунё шиносад, фахри моӣ,
Туро дилҳо шиносад, фахри моӣ.
Умеди Рӯдакӣ, Хайёму Ҳофиз,
Хазонеро набинӣ кош ҳаргиз.

Ба истиқболи ту дунё биомад,
Ҳама файзи ҷаҳон бар мо биомад.
Ҳамеша шукри истиқлол гӯем,
Ҳамеша шукри ин иқбол гӯем.
Нигаҳ дорад Худо ин шаҳри моро,
Чу як зебоарӯси рӯйи дунё.
Илоҳо, шод бошӣ, эй Душанбе,
Тарабобод бошӣ, эй Душанбе!
Ба васфат Олими шайдо бисӯзад,
Ба мижгон сӯзанӣ аз шеър дӯзад.

АЗ ГӮР БА НУРАМ МЕБАРАД

Зиндагӣ охир ба гӯрам мебарад,
Гар намехоҳам, ба зӯрам мебарад.
Розию норозӣ бар чанги аҷал,
Чун уқобе роҳи дурам мебарад.
Суд набвад аз зану фарзандҳо,
Чашми нобино, чу кӯрам мебарад.
Гар кунад имонро ҳамроҳи ман,
Ҳақтаоло назди ҳурам мебарад.
Аз паси нафси бало ман рӯзу шаб,
Доначинон мисли мӯрам мебарад.
Банда бошад бар умеди мағфират,
Лутфаш аз гӯре ба нурам мебарад.
Сури Исрофил дамад, рӯзе шавад,
Ҳоҷиё, хоки ту сурам мебарад.

САРСОНАМ ҲАНӮЗ

Эй дареғо, пойбанди макри шайтонам ҳанӯз,
Дар ҷаҳон ман бесару сомону сарсонам ҳанӯз.
Ин дили сангин ба ҷони ман муруввват кай кунад,
Ғофил аз фармони дил аз амри Яздонам ҳанӯз.
Мешавад фардо хазон ин барги сабзи умри ман,
Бехабар аз лутфи абру боду боронам ҳанӯз.
Қулф аст ин синаву мифтоҳ дар дасти Худост,
Кай кушоӣ синаам, ё Раб, ба фармонам ҳанӯз.
Чун алиф бешоху баргам, орӣ аз ҳар рангу бор,
Дар миёни хору хас бе ёри ҷононам ҳанӯз.
Имтиҳон дар пеш дорам -бими Мизону Сирот,
Ханҷаре бар чашми ман, аз тарс ларзонам ҳанӯз.
Масту сархуш бар дари майхона бошам беҳисоб,
Сад китоби панд хондам, лек нодонам ҳанӯз.
Ҳоҷӣ, чун шабнам бирез, ашки ҷигарсӯзат мудом,
Гардиши айёмро бингар, ки беҷонам ҳанӯз.

ҲОҶИБОЙ МАҲКАМЗОДА



Ҳоҷибой Маҳкамзода 1 августи соли 1957 дар деҳаи Кулолии ноҳияи Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дунё омадааст. Ӯ дар сесолагӣ аз падар ятим гашта, зери тарбияи модар мондааст.

Соли 1974 мактаби миёна ва соли 1978 Донишкадаи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро хатм намудааст.

Фаъолияти кории ӯ аз мактаби рақами 7 оғоз гардида, баъдан дар мактаби рақами 3 идома ёфтааст ва ҳоло боз дар ҳамон мактаби рақами 7 кор мекунад.

Маҳсули хомааш аз қиссаву ҳикояҳои панду ахлоқӣ иборат буда, дар маҷаллаву рӯзномаҳои вилоятиву ҷумҳуриявӣ ва маҷмӯаҳои дастаҷамъӣ чоп шудаанд.

Китобҳои алоҳидааш бо унвонҳои «Ниҳоли умр» (2003), «Дидор» (2012), «Дуои неки падар» (2015) ва «Умр ниҳоли» (бо забони ӯзбекӣ, 2019) нашр шудаанд.

Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Аз соли 1990 узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон мебошад.

ХУДМУРДА
(қисса)

Саройбоғ. Ривоят мекунанд, ки замоне роҳ аз Бухоро то Ҳисор аз ин ҷо убур мекард. Деҳа соҳиби чанд меҳмонхона буду мусофирони роҳмонда шабро ин ҷо рӯз мекарданд ва аз марҳамати аҳли деҳа бархурдор мешуданд. Атрофи деҳаро кӯҳҳои азим иҳота карда буданд ва офтоби ин ҷо дер мерасиду зуд рахти сафар мебаст. Мӯйсафедон офтоби камҳавсалаи зудгузарро ғанимат дониста, тан ба девори қалъаи қадимаи байни деҳа, ки чун ағбаи онҳо ба пирӣ тан дода буд, зада «бозори суҳбат»-ро гарм медоштанд. Мо кӯдакон гоҳу ногоҳ ба суҳбати беохири онҳо гӯш дода, бори аввал донистем, ки аҳли деҳа ба чанд авлод мутааллиқ будаанд: Арбобӣ, Ҷалолӣ, Камолӣ, Зардорӣ, Гурӯғлӣ, Кабконӣ, Шовулӣ ва… Худмурда.

Қиссаи зер дар бораи авлоди охирӣ, чӣ гуна номи аҷоибулғароибро гирифтани он аст.

… Модар аз гиряву шеван, ҷустуҷӯи бенатиҷа дар кӯҳу дара бемадор гаштаю маҷоли аз ҷойгаҳ сар боло кардан надошт. Ҳамдеҳагон як-як сари болинаш меомаданду тасаллӣ медоданд, дилбардорӣ менамуданд.

Вале куҷо тасаллӣ меёфт модар. Рӯю мӯ меканд, ки чаро Сафарро танҳо ба кӯҳ фиристод, охир бе ҳамон шикор, ё чӯлингу тотин ҳам як

бало мекард. Шояд гург хӯрдааст, аз ҷар ғелидааст, таги тарма мондааст?... – саду як фикр ба сари модари бечора меомад.

Он субҳи шум Сафар барвақт аз хоб бедор шуда камони шикориашро ба китф монду азми кӯҳ баромадану хӯрдание пайдо намудан кард. Дигар илоҷ ҳам надошт. Рӯзашон ба гӯшти паранда, ҳайвоноти кӯҳӣ, ҳамчунин чӯлингу тотин монда буд.

Рӯз оҳиста-оҳиста сафед мешуду пешорӯйи Сафар кӯҳи сафедпӯш чеҳра намоён мекард. Насими субҳгоҳӣ аз омад-омади фасли баҳори нозанин дарак медоду сару рӯяшро сила мекард. Барфҳои нуқрагун чашмонашро мерабуд. Лаҳзае хаёли мағшуши бепадарию бепарастириро аз сараш бадар ва ӯро ба баҳри хаёлоти ширин ғӯтавар карда буд. Банди хаёлот чӣ тавр ба сари кӯҳ, бешазори анбӯҳ расиданашро нафаҳмид. Шикараш барор гирифту ду харгӯши фарбеҳ ва чанд кабк ба даст овард. Ба худ меандешид, модар чӣ тавр хурсанд мешаваду ӯро «соҳиби сарам»-гӯён таъриф мекунад.

Оқибат хастагиву гуруснагӣ ба ҷонаш асар карду зери арчае нишаст, ягона зағорае, ки модар ба миёнбандаш баста буд, гирифту таҳтул намуд. Насими фораму офтоби ҷонбахш хобашро меовард. Халтаи пурборро зери сар гузошту оҳиста-оҳиста ғанабаш бурд. Баъди муддате сардӣ ба баданаш расиду чашм кушод. Осмонро абри сиёҳ пӯшидаю аз барфу борон башорат медод. Зуд ба по хест ва рӯ ҷониби деҳа овард. Андак пас борон ба барф табдил шуд. баданашро ларза гирифту дилашро тарс. Сари роҳ зери харсанги бузурге, ки тобистону тирамоҳ ҷойи нигоҳубини рама буд, паноҳ бурд. Мехост ӯ ҷое андак нафас рост кунаду гарм шавад ва пасон роҳашро идома диҳад. Хасу хошоки дохили ғорро чиду ҷое ҷамъ кард ва даст ба кисабағалаш бурд. Гӯгирд аз барфу борон тар шуда буд. Банди ин ташвиш буд, ки гулдуроси раъдосое гӯшҳояшро баст ва сонияе пас оламро барояш ба зулмот табдил дод. Дасту по гум кард. Гумон кард, ки ҷарии бетаге фурӯ рафтаю нафасгардон шудааст. Баъди муддате ба худ омад, фаҳмид, ки тармаи ногаҳонӣ ӯро дар ин ғор зинда дар гӯр кардааст.

Ба тақдир тан додан намехост Сафар. Хаёлан роҳи баромад аз ин гӯри торик меҷуст.

…Ин дам модар ба осмони пурабр ва борони шиддатгиранда нигаристу дилашро гургон тала мекарданд. Рӯз бегоҳ мешуду аз Сафар дараке набуд. Аз интизорӣ ҷон ба лаб омаду ҳамсояҳоро хабар кард. Овозаи бедарак шудани Сафар зуд ба деҳа паҳн шуд. Даҳҳо нафар рӯ ҷониби кӯҳ ниҳода, ба ҷустуҷӯйи Сафар фитоданд. Шаб фаро расид.

Рӯзи дигар, ҳафтаи дигар ҳам ҷустуҷӯ идома ёфт, вале на аз зинда будани Сафар дарак буду на аз мурдааш. Модар зери ҳар буттаю бурс, сангро меҷуст аз «ҳой-ҳей» овозаш гирифта, мадораш рафта буд. Оқибат дили ҷӯяндагон хунук шуду ба деҳа баргаштанд. Модар аз по афтодаю ба ҷуз нолаю шеван ба коре қодир набуд. Сафар роҳи халосӣ меҷуст. Ҳисоби шабу рӯзро дар ин ғори торик гум карда буд. Ӯ бо

дастонаш то хуншору карахт шудан байни барфи яхбаста роҳ мекушод, - роҳ ҷониби рӯшноию зиндагӣ. Аз гӯштҳои хоми харгӯшу кабк ҳам даҳонаш карахту дилаш беҳузур мешуд. Вале ба ҷуз хӯрдани он дигар илоҷ ҳам надошт. Хаёли дар ин ҷо беҳуда мурданро дар дил роҳ намедод. Ба замину деворҳои ғор даст-даст намуд, ногоҳ дар пеши пояш ба чизи мулоиме расид ва ба ҳамон гӯгирде дар кисааш дошт, алов гиронд. Хирсеро диду аз ҳуш рафт. Чӣ вақт ба ҳуш омад, намедонад. Хирс дар хоб буду намеҷунбид. Ба сараш фикре зад, ки мӯйсафедон мегуфтанд ин ҳайвон чанд муддат беҳушу ёд хоб меравад. Камони дасташ бошад, зери тарма монда буду дар миёнаш корди тезе дошт. Бо он сари хирсро бурид. Зери пӯсти он даромад. Аз гӯшташ истеъмол мекарду худашро аз хунукӣ наҷот медод. Чанд шабу чанд рӯз гузашт, ёд надорад. Наъраи гӯшхароше ба гӯшаш расид. Ва рӯзи сиёҳи Сафар ҳам омад. Сафар даруни пӯст маҳкам буд. Хирси дигар хирси мурдаро ҷунбонид, гӯшҳояш қуфл зад ва ба роҳаш рафту бо фукаш тармаро яктарафа карду берун баромад. Тарси Сафар зиёд буд. Аз қабати тарма рӯшноие чун равзанаи ҳаёт, зиндагӣ, мақсуд ба чашмонаш заду умеди зиндагиро, ки анқариб дар дилаш кушта буд, дар дилаш эҳё кард…

Пас аз муддате ӯ нафаси сабуке кашиду аз қабати тарма чун мурдаи гӯё аз нафаси Исо зиндашуда ба берун ба рӯшноӣ баромад. Назар кард, ки хирс ба сӯйи беша мерафт. Ӯ аз бемадорӣ аз нурҳои офтоб, ки чашмонашро мебурданд, рӯйи тарма афтод. Аз зиндон халос шуд!

Ин фикр ба тани бемадораш ҷон мебахшид. То бегоҳ бо сад азоб худро ба саргаҳи деҳа расонид. Ин азоб пеши азобҳои дохили ғор, зери тарма кашидааш ба назараш роҳат менамуд.

Аз ҳама пеш чӯпони деҳа аз омаданаш хабардор шуду ҷониби хонаи модар давид. Модар аз шодии ногаҳонӣ лаҳзае карахту бехуд шуд ва чӣ гуна худро дар саргаҳи деҳа паҳлуи Сафар дарёфт, ёд надорад.

Ба гӯши Сафар овози модараш меомад, ки мегуфт:

- Худмурдаю худомадаи оча-а!

Бо ҳамин як авлоди калони деҳа бо номи «Худмурда» машҳур гашт.

ХОБ

Ҳуснобод дар дили кӯҳ ҷой гирифтааст. Боғест зебо ва рӯҳнавоз. Баҳорон ҳусну таровати хосае пайдо мекунад. Нағмаи булбул, парандагон, бӯйи гули лола, себарга, дарахтон касро масту мафтун мегардонанд. Ман рӯйи сабза дароз кашида, аз ин манзараи сеҳрангез ҳаловат мебарам. Ҷониби деҳа менигарам. Он хеле калон шудааст ва хонаҳо шиферпӯш. Чойхонаи куҳна, шипангҳоро вайрон кардаву дар

ҷойи он масҷид, кулби барҳавое сохтаанд, ки ҳусни деҳаро боз ҳам афзунтар гардондаанд.

Чашм ба сӯйи осмони нилгун медӯзам. Офтоб аз пушти кӯҳ нурҳояшро ба дара мепошид. Ҳамин лаҳза чизе ба гарданам расид. Ба қафо нигаристам ва дидам, ки Маҳина ҷонибам дастагуле дароз мекунад. Дастам ба дасташ расид ва ӯро ба ҷонибам кашидам. Ба қомати зебояш, чашмони шаҳлояш ҳарисона менигаристам. Оҳ, чӣ сон худро оро додааст: куртаи атласаш аҷаб зебанда буд. Мӯйҳояшро шамол маҳин – маҳин алвонҷ медод ва як даста мӯй пеши чашмонашро мегирифт. Маҳина онро бо панҷаҳои нозукаш ба қафо партофту табассум кард.

- Чаро ин ҷо омадӣ, Маҳина?

- Ба дидори Шумо, – ҷавоб дод Маҳина бо ҳамон табассуми малеҳ. Лекин…

- Чӣ лекин?

- Шумо деҳаро тарк кардед ва акнун душанбегӣ шудед. Ман лафзи ширинатонро пазмон шудаам, - гуфт Маҳина.

- Оҳ, Маҳина, ман туро дӯст медоштам. Гуфта будӣ, ба назди падару модарам хостгор фиристонед. Аммо бародарат садди роҳам шуд.

- Имрӯз худи ҷавонҳо хостгор мешаванд. Чаро Шумо низ чунин накардед? – шармида арзи дил кард Маҳина ва дастони маҳину гармашро ба кафи дастонам гузошт.

Ангуштарини дастонаш ва куртаи баданаш аз шуои офтоб чанд ранг метофтанд. Маҳина лабонашро ба лабам наздик меовард. Мани беқарор ӯро ба оғӯш гирифтам, аз лабу рухсораҳояш мебӯсидаму мебӯсидам.

Занги телефон маро аз хоб бедор кард. Завҷаам аз рухсорам бӯсида беқаророна мепурсид:

- Ҳа, Беҳзодҷон, чиҳо мегӯед? Ба Шумо чӣ шуд? Саратон дард мекунад?!

Ман аз шарм саросемавор гӯшаки телефонро ба даст гирифтам…

ҲУСНИДДИН ЗУЛФОНОВ



ҲусниддинЗулфонов (Ҳусниё) 1-уми декабри соли 1945 дар шаҳри Панҷакенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оилаи хизматчӣ таваллуд шудааст.

Соли 1952 ба синфи якуми мактаби миёнаи рақами 3-юми шаҳри Панҷакент рафта, соли 1963 синфи 11-уми ҳамин мактабро хатм кардааст. Оилаи онҳо соли 1963 ба ноҳияи Самарқанд деҳаи Хоҷа Саққои Валӣ (ҳозира маҳаллаи Мубораки ноҳияи Тайлоқ) кӯчида омад.

Соли 1970 шӯъбаи тоҷикии факултети филологияи Институти омӯзгории шаҳри Самарқандро хатм намудааст. Ҳамон сол ба кафедраи забони тоҷикии факултет ба кор оғоз кардааст.

Аз августи соли 1971 ду сол дар ноҳияи Панҷакент омӯзгор шуда кор кардааст. Солҳои 1972-1974 омӯзгори мактаби миёнаи рақами 22-и шаҳри Самарқанд, соли 1974-1975 омӯзгори мактаби миёнаи рақами ноҳияи Самарқанд будааст. Аз соли 1986 то соли 1993 дар вазифаи мудири шӯъбаи маорифи халқи ноҳияи Самарқанд ва ду сол мудири маорифи ноҳияи Тайлоқ будааст. Аз соли 1995 то соли 1999 ҷонишини ҳокими ноҳияи Тайлоқ, аз соли 1999 то соли 2005 ба Бунёди хайриявии хазинаи «Маҳалла 2»-и ноҳияи Тайлоқ роҳбарӣ кардааст.

Аълочии маорифи халқи Ӯзбекистон аз соли 1988.

ҒАЗАЛИЁТ

Худоро ман шиносам аз навои андалебонаш,
Бихонам мавҷуди олам зи ҳар оёти Қуръонаш.
Гумону шак надорам бар тавоноӣ, ки ӯ дорад,
Чӣ асроре кӣ медонад миёни арзу кайвонаш.
Варо номе Раҳим асту далели мағфират бо ӯст,
Ба ҳар як бандааш аз баҳри тавба дода имконаш.
Агар омад аёну ноаён аз нури Ӯ пайдо,
Расида то Муҳаммад аз сари хоси расулонаш.
Бақои зиндагӣ бинӣ зи фасли ҳар маҳу солаш,
Зи файзи боду барфу офтобу абри найсонаш.
Ба ҷаннат аз ҳама аввал ҳамонеро раво бинад,
Киро дар зиндагӣ бошад кушода дасти эҳсонаш.
Ба он асмову ҳусняш ба он зоти кибриёяш,
Бигӯям ҳамди Ӯ аз дил, шавам соҳиби ирфонаш.

* * *

Бекиёсӣ дар замин, эй модари яктои ман,
Модари некӯхисол, эй маъбуди авлои ман.
Дар замин бо чодират зистӣ, агарчанде фақир,
Ин қадар бо содагӣ дар маънавӣ донои ман.

Дар раҳи пурпечи умрам ҷоннисорӣ доштӣ,
Раҳбари дирӯзи ман, ҳам машъали фардои ман.
Меҳрубониҳои дунё бар ман аз меҳри ту буд,
Хоки поят саҷдагоҳе беҳтарин маъвои ман.
Аз паси ман рӯзу шаб, баски дуогӯям будӣ,
Аз ниёишҳот омад, рутбаи болои ман.
Зиндагет бо ман буду ҳоло ки руҳат бо ман аст,
Аз Худо пурсони бахшиши хатогиҳои ман.
Рӯҳи ту осуда бошад аз манат, эй модарам,
Номи некат зинда дорам дар дилу парвои ман.

* * *

Саргаҳи рӯди Зарафшонам, ватан,
Партави хуршеди рахшонам, ватан.
Қиблаам андар замини поки ту,
Саҷдагоҳам, нури имонам, ватан.
Нисбати модар шудастӣ муътабар,
Ҳамрадифи модари ҷонам, ватан.
Дар барат осуда мегирам нафас,
Дар амонӣ хуб нигаҳбонам, ватан.
Шукри номат, шукри нонат мекунам,
Файзи умру неъмати хонам, ватан.
Ҳар кӣ бинад боз хоҳад диданат,
Мулки ободу фаровонам, ватан.
Менадидам дар қиёсат кишваре,
Хубтар аз тахти Сулаймонам, ватан.

* * *

Шоирӣ донам, илоҳӣ неъмат аст,
Гар насӯзӣ, сохтан ин заҳмат аст.
Шеър, к-аз нури Муҳаммад холӣ шуд,
Байни мардум мисраи беибрат аст.
Шоир орои сухан орад ба сеҳр,
Шеър шоирро шаҳона кисват аст.
Соати корӣ надорад шоирӣ,
Шеър илҳоми нави бесоат аст.
Гар набошад шоирӣ касро насиб,
Шеърхонӣ ҳам сазои раҳмат аст.

* * *

Як даме ёри қаринат будаам,
Байни хубон яккачинат будаам.
Дар парешонҳоливу дармондагӣ,
Ғамшарику ҳамнишинат будаам.
Аз забони ту чиҳо нашнидаам,
Роздони беҳтаринат будаам.

Рӯбарӯям мешудӣ гар бе сухан,
Дар ду чашми шармгинат будаам.
Баъди ман дидӣ, агарчи ошиқе,
Ошиқи ошиқтаринат будаам.

* * *

Ман ба қалби дӯстонам зиндаам,
Бо рафиқи беҳ зи ҷонам зиндаам.
Баски тавре зиндаҳо дилмурдаанд,
Дар дили дилзиндагонам зиндаам.
То ки дар эҳсоси ман туғёни дил,
Ҳамчу мавҷи Зарфишонам зиндаам.
Зиндагӣ охир бақо орад ба ман,
Муслими ваҳдатбаёнам, зиндаам.
Зиндагӣ бахшад бароям бандагӣ,
Бандаи соҳибимонам, зиндаам.
Бас ҳаётам зиндагиомӯз шуд,
Номи худро зинда монам, зиндаам.

* * *

Китоби ишқи нохонда дили ман,
Ҷаҳонеро бисӯзонда дили ман.
Намебуд дил агар, бегона будам,
Маро бо худ шиносонда дили ман.
Зи сӯзи ишқ аз шаб то дами субҳ,
Наёсонда нахобонда дили ман.
Ба роҳи сахтиҳои зиндагонӣ,
Сиришк аз дида афшонда дили ман.
Танӯри меҳри қалби ҷумла ёрон,
Басе ҳамвора тафсонда дили ман.
Нишоне, гарчи аз ҳавзаш надидам,
Ба ҳавзи Қоқурӣ[38] монда дили ман.

* * *

Эй баҳори нозанин, хуш омадӣ,
Бо насими анбарин, хуш омадӣ.
Гул кунад аз мақдамат кӯҳу даман,
Талъаторои замин, хуш омадӣ.
Байни айёме, ки дорад фасли сол,
Аз ҳама зеботарин, хуш омадӣ.
Ошиқон хуштар шаванд аз омадат,
Мавсими ишқофарин, хуш омадӣ.
То шавад ободу хуррам ин макон,
Бо паёмҳои навин, хуш омадӣ.

[38] Ҳавзи Қоқурӣ – гузаре дар шаҳри Панҷакент, ки ман дарон ҷо ба воя расидам.

Бинвисем шеърҳо дар васфи ту,
Обдору оташин, хуш омадӣ.

* * *

Бигзор, ки то бошад амон, ҷони ману ҷони шумо,
Боэътинову меҳрубон, ҷони ману ҷони шумо.
Дар сахтиҳо тоқатпазир, андар қаноат беназир,
Дар маскани доруламон, ҷони ману ҷони шумо.
Созу малеҳ гуфтори мо, ибрат шуда рафтори мо,
Чун бахти ду дилдодагон, ҷони ману ҷони шумо.
Як умр бошем ҳамнафас, шоистаи шавқу ҳавас,
Монандаи тиру камон, ҷони ману ҷони шумо.
Хонем дуо баҳри савоб, Оллоҳ бисозад мустаҷоб,
Якҷо шуда дар ду ҷаҳон, ҷони ману ҷони шумо.

* * *

Ба ёди дӯстони бемаҳал бигзашта мегирям,
Ба рӯ ашку тани бо хуни сӯз оғушта мегирям.
Агар пеши назар орам, дами шӯхи ҷавониро,
Гаҳе хандон мегардам, гаҳе биншаста мегирям.
Шарикдарсони ман доим чароғафрӯзи эҷодам,
Ки қадри ҳар якеро ҷо ба ҷо бигзошта мегирям.
Бинам дар хоб, бедорӣ мекашам то саҳаргоҳон,
Шабона то сапеда гаштаву баргашта мегирям.
Чунин аст омадан рафтан хати қисмат сари ҳар кас,
Ба рӯҳи рафтагон байти дуо бинвишта мегирям.

* * *

Эй ҷони падар, бихон китобро,
Андак бикунӣ ғафлату хобро.
Зеҳни ту шавад буррону қотеъ,
То фарқ кунӣ аслу саробро.
Гар ишқи китоб гирӣ ба қалбат,
Умре набинӣ ранҷу азобро.
Бахшад ба тану ҷони ту роҳат,
Канда накунӣ кори савобро.
То зиндагиат ҳисоб нагирад,
Бо зиндагӣ мекунӣ ҳисобро.

ҶАМШЕД ОБИДОВ



Ҷамшед Обидов 13-уми майи соли 1964 дар деҳаи Қӯлбаи ноҳияи Самарқанд, дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Соли 1971 ба синфи якуми мактаби миёнаи рақами 39-уми ноҳияи Самарқанд дохил шуда, онро соли 1981 хатм кардааст.

Солҳои 1982-1984 дар сафи армияи шӯроҳо хизмат кардааст.

Солҳои 1984-1989 дар шуъбаи тоҷикии факултаи филологияи ӯзбек ва тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд таҳсил кардааст.

Баъди хатми донишгоҳ солҳои зиёд дар мактаби миёнаи рақами 47-и шаҳри Самарқанд ва мактаби миёнаи рақами 33-юми ноҳияи Самарқанд аз фанни забони форсӣ дарс додааст.

Ду сол (2000-2002) ҳамчун омӯзгори кафедраи фанҳои иҷтимоӣ дар Донишкадаи тиббии Самарқанд ва 2 сол ҳамчун тарбиятгар ва мудири китобхона дар Литсей – интернати назди донишкадаи тиббии Самарқанд (2003-2004) фаъолият намудаастишон додааст.

Аз соли 2011 сар карда, то ин вақт дар рӯзномаи «Овози Самарқанд» ҳамчун рӯзноманигор ва мудири шӯъбаи равияҳои иқтисод фаъолият мебарад.

Имрӯзҳо сокини маҳаллаи Равонаки ноҳияи Самарқанд мебошад.

ЯК СӮМИ ҚАРЗ
(Ҳикояи воқеӣ)

Футбол шоҳи бозиҳост. Баъди дидани мазҳакаи машҳури «Вохӯрӣ» - и Ӯзбекфилм аз рафиқонам пурсидам, ки ҳозир ҳам мисли қаҳрамони филм, ки шодравон Эргаш Каримов нақши асосиро офаридааст, мухлиси ашаддӣ ҳаст?

- Оре, - гуфтанд онҳо, - собиқ муаллими фанни физикаи мактаби мо Шавкатҷон Матмуродов аз Эргаш камӣ надорад…

Дар ҳақиқат ин гап ҷон дошт. Шавкат Матмуродов ба футбол ва санъати тасвирӣ шавқи баланд дорад. Шиори вай «Олам сӯзаду зинда бод футбол!» аст. Бо нармгуфториву сохтакорӣ ба қалби ҳар кас роҳ меёбад, кори зарурирро партофта, оҳиста ба дидани футбол мешитобад. Мухлисӣ ба сараш якчанд ҳодисаҳои ногуворро овардааст. Боре рафиқонаш ӯро ҷазо додаанд, аммо бефоида.

Ин воқеа тобистони соли 1981 рух дод. Аксари муаллимон барои гирифтани даромади иловагӣ ба хоҷагии ҷамоавӣ иҷоракор мешуданд. Шавкатҷон бо дӯстонаш Остону Рауф аҳд мебанданд, ки баробар меҳнат намуда, фоидаро се тақсим мекунанд. Се нафар ҷӯраҳо ба шарти шариккорӣ аз ҳудуди хоҷагии «Гулобод» замин гирифта, лаблабу кишт карданд.

Он сол боронгарӣ кам шуд. Обёрии қитъа душвор гардид. Моҳи июн буд. Рӯзе ҷӯраҳо нисфирӯзӣ барои обёрии майдон дар назди қитъа ҳозир мешаванд.

- Лаблабуро ҳозир об надиҳем, ҳосил хуб намешавад. Обёрӣ имшаб навбати мост. Баъд то се рӯз ба ин тараф об намеояд, - гуфт Остон.

- Об нашавад, кори мо як пул! – илова кард Рауф.

- «Дадот мироб бошад ҳам, ту сароб бош!», - ба мақолгӯӣ оғоз кард Шавкатҷон, аммо дар сараш тамоман фикри дигар давр мезад: - «Чӣ кор кунам? Гурехта равам номардӣ мешавад. Наравам ҳам намешавад, охир аз бозии ҳалкунанда бенасиб мемонам. Имрӯз тақдири «Динамо» ҳал мешавад. Ба саршавии бозии «Динамо» - «Янгиер» чор соат вақт мондааст. Ғалаба самарқандиёнро ба ҷойи аввал мебарорад».

- Ҳа, Шавкатҷон, сахт ба фикр ғӯтидед, - базавқ хандид Остон, зиқ нашавед, ё обӣ, ё лалмӣ гуфтаанд.

- Э, ҷӯраҷон, - ба фаҳмондани мақсад гузашт Шавкатҷон, - хаёли ман бо писарам банд.

- Чӣ шуд ба писаратон?

- Баъди тамом шудани дарси мактаб ба хона омадам, ки ҳамсарам маъюс сари болини писарам нишастааст. Ҳарорати бадани писарам баланд буд, ду - се ҳабдору дода хобондем. Ба шумоён дурӯғгӯй нашавам гуфта, ноилоҷ ин ҷо омадам. Ҳарчанд пинҳон доштанӣ шудам, вале аз уҳдааш набаромадам.

- Ин тавр бошад, хона равед, - гуфтанд ҷӯраҳо бо ғамхорӣ. - Мо ду нафар илоҷе карда обёрӣ мекунем. Писаратонро ба духтур нишон диҳед.

- Не, душворӣ мекашед, партофта рафтанро виҷдонам қабул намекунад, - худро фидоӣ нишон дод Шавкатҷон.

- Тавонед, пас аз беҳтар шудани аҳволи писаратон нимашабӣ бошад ҳам, биёед. Ҳамроҳатон албатта носу сигор биёред, - хоҳиш кард Рауф.

- Ташаккур бародарон, аз ғамхории шумоён сарам ба осмон расид, - миннатдорӣ изҳор намуд Шавкатҷон. - Ман рафтам…

Вай ним соат нагузашта, назди ҳавлиаш расид. Ба дарвоза қулфро овезон диду фиғонаш баромад. Ноилоҷ аз болои девор ба ҳавлӣ даромад. Калиди хонаро кофту наёфт. Асабонӣ ба соати девории айвон нигоҳ кард. Мили соат 16:00 – ро нишон медод. Дар зери соат варақеро овезон дид ва онро хонда фарёд зад:

- Оҳ, падарлаънат ҳамин вақти тӯйравӣ аст?

Шавкатҷон чун мурғи посӯхта чӣ кор карданашро намедонист. Пояш ба сатили пуроб барҳӯрду пойафзолаш тар шуд. Давуғеҷаш бефоида. Ниҳоят ба қароре омад, ки то стадион бо велосипед меравад.

Шавкатҷон аз таҳхона велосипедро бароварда, боз фарёду дашномаш ба фалак печид. Чарҳҳои велосипед бод надоштанд.

Бо ҷаҳл худро сӯйи кӯча зад ва пиёда роҳи варзишгоҳро пеш гирифт. Бо роҳи миёнбур кӯчаҳои маҳаллаҳоро дар якуним соат тай намуда, ба марраи мурод расид. Аммо барои чипта пул надошт. «Ба варзишгоҳ як илоҷ карда, бепул даромадан даркор», фикр кард Шавкатҷон. Аз паси одамон рафта, якбора хам шуд ва чашми нозирро ғалат карда, вориди варзишгоҳ гардид.

Дар он ҷо ҷӯрааш Насимро дид ва мисли он ки аз хизмати ҳарбӣ баргашта бошад, оғӯш кашида вохӯрд. Онҳо нишастанд. Бозӣ сар шуд. Ҷамоаи «Динамо» - и Самарқанд он рӯз бозии бисёр хуб нишон дод. Шариф Файзиев ва Сергей Хрулёв бо зарбаҳои аҷоиб тӯбро вориди дарвозаи «Янгиер» карданд. Вақте ки Рустам Мирсодиқов тӯб зад, қариб ҳамаи мухлисон «Офарин, Пеле!», «Боз як тӯб, Пеле!» гӯён фарёд бардоштанд. Дере нагузашта, тӯби чорӯм ба дарвозаи «Янгиер» даромад, ки муаллифаш Рустам Истамов буд. Ҳама хурсанд. Бозӣ тамом шуд.

Шавкатҷон аз дӯсташ як сӯм қарз гирифта, ба хона бо таксӣ баргашт. Зану фарзандонаш аз тӯй омада буданд. Дар бораи тӯйи хешу акрабо ҳамсараш ким - чиҳо гуфт, аммо ҳеҷ гап ба гӯши Шавкатҷон надаромад. Вай намоиши телевизонии «Шарҳи футбол»-ро бо завқ тамошо карда, ба хонаи хоб даромад.

- Лаблабузорро обёрӣ кардед? – пурсид занаш аз берун, ки ҳоло дар ошхона ҷунбуҷул дошт.

Шавкатҷон ҷаста аз ҷойгаҳ хест ва ба сӯйи саҳро давид. Дар сари кишт дӯстонаш Остону Рауфро дид, ки бо дасту пойи лойолуд обёрӣ мекарданд.

- Писаратон сиҳат шуд? – пурсид Остон.

- Раҳмат, ҳоло аз духтур овардем, дору додем, сиҳат мешавад.

- Худатон сиҳат шудед? – пурсид Рауф.

- Ман касал нестам. – Бо тааҷҷуб ҷавоб дод Шавкатҷон.

- Не, шумо касал - дод зад якбора Остон, - бемории шумо «футбол» ном дорад Он рӯзҳои футбол хурӯҷ мегирад ва дар варзишгоҳи «Динамо» таскин меёбад.

- Ҳоло як давои навро аз санҷиш мегузаронем, - гуфт Рауф ва химчаҳои тари бедро ба даст гирифт.

Шавкатҷон аз гапҳои ҷӯраҳо шах шуда монд. Ҳарчанд тавбакунон дод зад, ҷӯраҳо то хаста шудан ӯро химчакӯб карданд.

Ниҳоят, ҷӯши ғазабашон пасанда шуда, болои майса дароз кашиданд.

Ҳамин дам аз куҷое Насими ҳамсоябоғ пайдо шуд.

- Ё тавба, мухлиси ашаддиро кӣ маҷрӯҳ кард? – пурсид ӯ.

- Ман гуфт Остон.

- Шарм намедорӣ Насим? Наход, мухлис сирри мухлисро ошкор кунад? – аз таги гап пай бурда, норозиёна гуфт Шавкатҷон ва илова кард: - Акнун як сӯми қарзро намедиҳам.

ҶАФОКАШ



Ҷафокаш (Шодиев Ёқуб) соли 1946 дар деҳаи Дардари ноҳияи Айнии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дунё омадааст.

Ӯ соли 1967 Донишкадаи омӯзгории ба номи Қандил Ҷӯраеви шаҳри Душанберо хатм намуда, дар шаҳрҳои Панҷакент ва Зафарободу Хуҷанд омӯзгорӣ кардааст. Ҳамчунин дар хонаи маданияти ноҳияи Зафаробод, хонаи маданияти №1-и шаҳри Хуҷанд ва театри халқии шаҳри Панҷакент ба сифати сароянда хизмат намудааст.

«Аълочии маорифи халқ» (1991) ва «Аълочии фарҳанги ҷумҳурӣ» (2001) мебошад. Нафақахӯр, соҳиби 8 фарзанд аст.

МУҲТОҶ МАКУН

Илтиҷо дорам, Худовандо, Ту дардам гӯш кун,
Ризқи мардонро расону айбашон рӯпӯш кун.
Пеши номардон нашинам, нони номард нахӯрам,
Кинаю дарду аламро дар дилам хомӯш кун!

Як падар даҳто писарро нури чашмон мекунад,
Аз барои ҳар якеаш ҷон қурбон мекунад.
Даҳ писарро бингаред, тарки падар-шон кардаанд,
Баъди марги ӯ писарҳоро пушаймон мекунад.

Эй Худо, бечораро бар нокасон муҳтоҷ макун,
Мардумони некро бар ҷоҳилон муҳтоҷ макун.
Бехабар аз пушти сар мо моли дунё ҷамъ кунем,
Эй Худо, Ёқубро бар бурда нон муҳтоҷ макун.

МОДАР

Манам сардард, аммо модарам ку,
Ки дасташро бимонад бар сари ман.
Гузашта қадри ту, эй модари зор,
Дуогӯйи ману болу пари ман.

Агар ёдат кунам, дардам шавад зӯр,
Фаромӯшат кунам, чашмам шавад кӯр.
Аё модар, ҷигарбанди ту ҳастам,
Вафодори ту бошам то лаби гӯр.

Ба қадди долу ларзони ту мирам,
Ба чашми чору пазмони ту мирам.
На Макка меравам ман, не Мадина,
Ба гарду хоки остони ту мирам.

НАСИҲАТ

Орзуи ҳар падар аввал барои писар аст,
Пандҳои волидон баҳри давои писар аст.
Ҷони худро медиҳад гар лозим ояд баҳри ӯ,
Волидайни хуб умре раҳнамои писар аст.

Модарон фарзанди худро раҳнамоӣ мекунанд,
Умри худро баҳри фарзандон фидоӣ мекунанд.
Зумрае фарзандбезоранду кӯдак дар ба дар,
Байни мардум зумрае фарзандгадоӣ мекунанд.

Доғ орад бар падар фарзанди зишти беҳаё,
Хун намояд қалби волидайни худро беибо.
Номи неки волидайнаш бар замин яксон кунад,
Нохалаф ҳаргиз натарсад аз гуноҳу аз Худо.

УМР МЕРАВАД

Умрат равад, вақтат равад,
Ҳам омаду бахт равад.
Ҳам тоҷу ҳам тахтат равад,
Эй бехабар, эй бехабар!

Даҳто писар созӣ калон,
Созӣ ту долларҳо ниҳон,
Ояд аҷал аз баҳри ҷон,
Эй бехабар, эй бехабар!

Сад дорую дармон кунӣ,
Ҷарроҳӣ аз Ҷопон кунӣ,
Беҳуда саргардон кунӣ,
Эй бехабар, эй бехабар!

Бо чашми гирён меравӣ,
Зору ҳаросон меравӣ,
Оё баимон меравӣ?
Эй бехабар, эй бехабар!

МАКТУБИ САРБОЗ

Аввало, аз кишвари дур бар падарҷонам салом,
Дар фироқам гашта пир, бар модари ҷонам салом.
Бибиҷонам, доимо сидқан дуогӯям Шумо,
Хатнавису меҳрубон бар хоҳари ҷонам салом.

Хандаҳои ширини додарчаро пазмон шудам,
Себу ангуру анор, олучаро пазмон шудам.
Қалби модар гум занад ҳар гаҳ, ки бинад расми ман,
Бо рафиқон сайругашти кӯчаро пазмон шудам.

Хат нависед, дӯстон, то хизматам осон шавад,
Мешуморам рӯзу шаб, кай хизматам поён шавад?
Ғам махӯр, Ёқуб, ҷигарбанди ту ҳам бо ифтихор,
Бо либоси аскарӣ дар хонаат меҳмон шавад.

ШАМСИЯ
(1980 – 2000)



Шамсия ягона навқалами қарни бисти тоҷик буд, ки эҷодиёташ ҷоизаи ҷаҳониро сазовор шуда, яъне ҷоизаи «Истеъдоди нодир». Ва баъди маргаш ҳамчунин бо ҷоизаи Кумитаи ҷавонони ҷумҳур доир ба соҳаи адабиёт ва санъат қадр гардидааст ва то имрӯз 13 асараш ба табъ расидааст, навиштаҳояш бо забонҳои зиёди олам тарҷума шудаанд.

Шамсия рӯи олам камтар аз 20 сол зиндагӣ ба сар бурд, вале бо истеъдоди нотакрор корҳое анҷом бидод, ки то ҳанӯз ҳамагонро дар ҳайрату шефтагӣ медорад. Вай ҳанӯз дар мактаби ҳамагонӣ, дар Панҷекат таҳсил мекард, ки панҷ китоби қиссаву ҳикояву таронаҳояш ба табъ расида буданд.

Баъди марги Шамсия бо дастгирӣ ва маблағгузории Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон китоби дигари Шамсия бо номи «Дар соҳили зиндагӣ» аз чоп баромад. Бо дастгирӣ ва маблағгузории раиси онвақтаи вилояти Суғд Қосимҷон Қосимов китоби азими Шамсия «Аз хокдон то кайҳон» (Достони болу пари одамӣ) дастраси хонанда бигардид.

Китоби дигари Шамсия «Фоҷиаи рудбори зиндагӣ» бо мадади чор ташкилоти байналхалқии ҷаҳонӣ, аз он ҷумла ташкилотҳои вобастаи Созмони Миллали Муттаҳид (бо ибтикори ТҶБ «Истиқбол») дар чопхонаҳои Аврупо бо забони тоҷикӣ ва мунаққашу зебо ба нашр бирасид.

Китоби дигари аз забони қадими рус баргардонкардаи Шамсия, яъне «Зиндагиномаи Халифа Ҳасан», то ҳаде машҳуру писанди омма бигардид, ки зиёда аз даҳ маротиб дар шакли китобчаҳо бо забони тоҷикӣ аз чоп баромаданд...

Китоби аз фаронсавӣ тарҷумакардаи Шамсия «Водии бахт», ки дар чопхонаҳои Душанбе интишор гардид, мутахасисони соҳаи тарҷумаро ба ҳайрату мафтунӣ биовард...

МАН НАМУРДААМ, АЙ ДӮСТ
(пора-пора аз андеша)

Дар як умри кӯтаҳи худ чиҳое, ки аз сар нагузарондаам ва чӣ шикасту рехтҳо, ки надидаам ва чӣ шаҳду заҳрҳо, ки начашидаам, ба чӣ парвозу уфтодагиҳо, ки дучор наомадаам…

Гар ин ҳамаро дучор намеомадам, намедидам, намечашидам, дарк намекардам, аз сар намегузаронидам магар гуфта метавонистам, зистаам, умр ба сар бурдаам, зиндагӣ кардаам? Гуфта метавонистам магар?..

Бад буда ва ё хуб, кӯтаҳ буда ё дароз, азони ман буда, зиндагии ман буда, саргузашти ман буда, ки барои ҳамааш шукри беҳад ба Парвардигори офаранда…

Дар як умри кӯтаҳи худ чиҳое аз сар нагузарондаам ва чӣ шикасту рехт, ки надидаам, чӣ шаҳду заҳрҳо, ки начашидаам, ба чӣ парвозу уфтодагиҳо, ки дучор наомадаам…

Вале гар ин ҳама намебуд, магар гуфта метавонистам, ки зистаам, зиндагӣ ба сар бурдаам? Зиндагие, ки хуб буд ё бад, дароз буд ё кӯтаҳ, азони ман буд ва саргузашти ман буд ва тақдири ман буд…

* * *

Нахуст зиндагист ва ҳар чизи дигар, ки ҳаст баъди он биистад: хӯрдану нӯшидану гаштану фароғат кардану муҳаббат варзидан ва ғайраву ғайра. Яъне инсон, агар зинда бошад, ин ҳамаро бубинад, ин ширинихоро бичашад, ин хушиҳоро эҳсос намояд, варна ғайри хоки гӯристон, ки ҷисми варо он ҷо супоридаанд, дигар чизеро эҳсос насозад.

Нахуст зиндагист ва ҳар чизи дигар, ки ҳаст, баъди он биистад…

* * *

Ва зиндагӣ чист?

Шояд саҳро. Саҳрои бероҳ.

Шояд дар он пайроҳ кушодан ва роҳиро ба манзил расонидан зарур.

Зиндагӣ чист?

Шояд биёбон. Биёбони беоб.

Шояд дар он чашма во кардан ва гулбоғ офаридан зарур.

Зиндагӣ чист?

Шояд кӯҳистоне, ки мо аз домани он равонем, аз тор сангҳо ғелон; барои он, ки санге ба мо назанад, маъюб насозад, ребу фиреб доданамон зарур, поёну боло рафтанамон лозим, гоҳ давидан, гоҳ истоданамон ҳатмӣ…

Вале хоҳему нахоҳем билохир санге бизанад моро, поён ғелонад ва он санги аҷал бошад, ки моро ба чуқурии гӯр фиканад, пинҳон бисозад…

Зиндагӣ чист?

Кӣ ёфтааст ҷавоби саҳеҳи онро?

Зиндагӣ…

* * *

Барои оқилон дигарон чоҳ бикананд, яъне бикананд ҳасудон, бикананд бадхоҳон, бикананд кинаварзон, бикананд ину онон.

Барои оқилон дигарон чоҳ бикананд, барои ҷоҳилон канандаи чоҳ худи онон бошанд, яъне худашон бикананд аз нодонӣ, аз гуфтори ноҳақ, аз рафтори ношоям, аз бадию бадкирдорӣ, аз бечорагиву бетадбирӣ ва роҳҳои дигар ва василаҳои дигар…

Барои оқилон дигарон чоҳ бикананд, барои ҷоҳилон канандаи чоҳ худи онон бибошанд…

* * *

Парвози кабутарро мебинаму парвоз карданам меояд.

Дурахши ахтаронро мебинаму дурахшиданам меояд.
Печиши амвоқи рудобро мебинаму мавҷ заданам меояд.
Маро магар офаридаанд барои чанд лаҳза парвоз кардан,
чанд лаҳза дурахшидан,
чанд лаҳза мавҷ задан…

* * *

Гуфтанд: зебо нестӣ.
Гуфтам: ҳеҷ қисса.
Гуфтанд: хушзеҳн нестӣ.
Гуфтам: ҳар чӣ, ки дорам хости Худост.
Гуфтанд: пироҳанат фарсуда.
Гуфтам: шукри будааш.
Гуфтанд: дӯстат намедоранд
…ин маротиб забонам лол монд дар ҷавоб…

* * *

Инсоне, ки дар ман дӯст медорӣ, бешак волотару болотар бошад нисбати ман…

Вале ту маро дӯст бидор. Дӯст бидор то ман талошгарӣ бисозам барои беҳтар будан, хубтар шудан. Зеро муҳаббат парваранда бошад, тавонад инсони накӯтару хубтаре бисозад…

Ту маро бештар дӯст бидор, ай маҳбуби ман, дӯст бидор, то ман талош варзам барои хубтар будан, беҳтар шудан!..

* * *

Чаро, ки дунё торафт печида мешавад ва олуда мегардад, одамонаш ҳамчунин. Ин ҳама хаста мекунад касро.

Баъзан одам мехоҳад бигрезад аз ин, пинҳон шавад. Пинҳон бишавад дар қаъри об, ё қаъри замин, ё биравад паси пардаҳои ҳарири абр, ё паси пардаҳои лоҷувардӣ ва сияҳфоми фалак. Пинҳон шавад ва дур биравад то ин ҳамаро дигар набинад, эҳсос накунад, дигарон ҳам варо накобанд, наёбанд, бесаришта насозанд...

Баъзан кас мехоҳад дуртар рафта бошад аз ин ҳаёт, аз ҳар чизи дигари вобастаи он, ҳатто аз шодиву сурур, аз ғаму ашк, аз изтиробу хавотирӣ, аз умеду орзу ва ҳама чизи дигари дунё ва ҳатто аз интизории пурэҳсоси ширин, ҳатто аз хаёли навозандаи ишқи пурсеҳр ва фасонарез.

Баъзан чӣ қадар мехоҳӣ дуртар рафта бошӣ аз ҳама чиз ва ҳама кас.

Хаёлҳои мушшаваш то куҷоҳо намекашад инсонро!?..

* * *

Вақте шохи дарахт биҷумбад, бигӯям шамол ҷумбонда.

Даме, ки борон биборад, бигӯям абр ба гиря омада…

Аммо гар тоҷике тоҷики дигарро зери по бисозад, маҳв намояд чӣ бигӯям ва чӣ посух дарёбам?..

* * *

Чӣ сиру савдои зиндагист, ки ду шахс ба ҳамдигар душманӣ доранд ва рақобат ва барои қатли якдигар рӯ ба рӯ омадаанд, дар интиҳо, баъди ба ҳамдигар зарбу теғ задан, сари зону нишастаанд, вале дар охир барои наафтидан ба якдигар такя кардаанд, якдигарро оғӯшкунон, ниҳоят, рӯи замин фитодаанд, парчин шудаанд, дар оғӯши ҳамдигар ҷон супоридаанд…

Чӣ сирру савдои зиндагист, ки ду рақиби ҷони якдигар ба оғӯши якдигар фитодаанд, дар оғӯши якдигар ҷон супоридаанд…

* * *

Одамӣ як умри кутаҳ дорад, ки дар он басо кулфат биборад.

Аммо одамоне ёфт мешаванд, ки бо дасти худ кулфати зиндагиро беш ва бештар месозанд…

* * *

Ҳамаи мо бозигарем ва мудом дар бозием: яке бозӣ мекунем бо муҳаббат, дигар бозӣ мекунад бо хиёнат, яке бозӣ мекунем бо молу сарват, дигар бозӣ мекунад бо фақирӣ ва бечорагӣ, яке бозӣ мекунем бо оҷизӣ, дигар бозӣ мекунад бо қудрат, яке бозӣ мекунем бо одамӣ, дигар бозӣ мекунад бо ноодамӣ…

Хуллас на фақат бачагон бозигаранд рӯи замин, балки ҳамаи мо вобаста ба синну сол, вобаста ба мавзеъ ва дигар вобастагиҳо бозӣ мекунем бо чизе ва ҳолате…

Бозиҳо мекунем дар тӯли умри хештан...

Мо, ки тамоми умр бозигар будаем, бозигар мондаем, тамоми чизҳоро бозӣ дорондаем, рӯзе баногоҳ бозича мешавем дар дасти аҷал ва аҷал ҷони моро бозӣ ба бозӣ аз ҷисми мо мерабояд, ҷисми сардшудаи моро бозӣ ба бозӣ ба коми хоки сияҳ мекашад… Ба коми хоки сияҳ мекашад моро билохир аҷал бозӣ ба бозие… Бозӣ ба бозие…

* * *

Муғча, ки ғунча шуд ва лаб во бикард ва накҳаташ берун битаровид ва ба димоғ бирасид, варо баркананд, даст ба даст бигардонанд, бӯяшро бишаманд, вале ҳамин, ки ҳавсалаашон пир шуд, ё ғунча тароваташро гум кард, онро бипартоянд, зери по бисозанд, пасон панҷа ба муғчаи тозатар ва муаттари дигар бизананд…

Ай духтар, ки амсоли муғча лаб во кардаӣ ва накҳати хеш парешон сохтаӣ, ҳаводорон ҷониби хеш хондаӣ, ҳушёру бедор бош, то туро канда, даст ба даст гардонда, пасон аз баҳрат баромада, зери пой карда, даст ба муғчаи тоза ва накӯтар ва муаттари дигар назананд… Зеро ҳаводор ва ошиқони зебоӣ, ҳарчанд зиёданд, вале барбодгари назокату зебоӣ ҳамчунин ками кам нестанд.

Ай, духтар… Ай, духтар…

* * *

Одамӣ тамоми умр машаққат мекашад барои расидан ба лаҳзаҳои фароғат ва роҳат ва шодӣ ва беғамӣ.

Аммо шодиҳои кӯтаҳи одамиро ба зудӣ худи зиндагӣ бо ин ё ун муҷиб кӯргиреҳ меандозад, барҳам медиҳад.

Дунё лаҳазоти кӯтаҳи шодӣ ва машақати бешумори бешумор дорад…

* * *

Мо, ки тамоми умр ба амсоли мӯр бори зиндагӣ ба дӯш дорем ва амсоли мӯр бори зиндагӣ мекашем, рӯзе ҳамчу мӯр зери хок меравем…

Мӯр, ки зери хок бирафт, тавонад берун хазидан ва берун омадан ва аз пайи зиндагӣ шудан.

Мо, ки зери хок рафтем, дигар натавонем хазидан, ба рӯшноӣ омадан ва аз пайи зиндагӣ шудан… Зеро инсон натвонад аз зери як пушта хоки гӯрхона ҷисми худро берун бикашад, ба зиндагии рӯи замин баргардад…

* * *

Шаб оҳиста аз кат мефароям, рӯи фарш меёзам, бари рӯямро пахш карда, гӯш ба замин фаро медиҳам. Гӯш медиҳам ба умқи замин. Замине, ки басо одамонро фурӯ кашида. Фурӯ кашида заминдорон ва ононе, ки порае ҳам замин надошта рӯи замини гирдгардон. Фурӯ кашида ҷаҳондорон ва ононе, ки ҷаҳоне надошта дар рӯи ҷаҳон. Фурӯ кашида сарбаландон ва ононе, ки сари фурӯхамида дошта. Фурӯ кашида силоҳдорон ва ононе, ки силоҳ надошта. Фурӯ кашида хайрпешагон ва ононе, ки шарру шаркориҳои зиёде дошта… Фурӯ кашида ва пинҳон дошта, дар синаи хештан, фурӯ кашида ва пинҳон дошта…

Гӯш ба умқи замин фаро дода, мехоҳам бишнавам овози фурӯрафтагони заминро. Бишнавам, чӣ овозҳо боқӣ монда аз онон дар қаъри замин ва чӣ тағир хӯрда овози онон ва барои чӣ тағир ёфта?..

Гӯш фаро дода, мехоҳам бишнавам овози қаъри заминро, овози таппиши заминро. Замине, ки асрор дошта дар ниҳонгаҳи худ. Замине, ки дар синаи сардаш тӯфон ҳам дораду вулқон низ, оташ дораду хокистар низ. Ва чиҳое боз надорад замин дар сина ва қаъри хештан. Балки дорад ва дорад басо чизҳоро замин ва қаъри замин…

Одамони болои замин ҳам ба синаи вай пурқимматтарин дорамӣ ва асрори хешро ниҳон карда, вале баъдан ҳодисоти зиндагӣ ё кӯтаҳии умрашон имкон надода, ҳамаи ин чизҳоро бикобанд, ҳамаи ниҳонкардаи худро аз нав дарёбанд, берун бикашанд. Ва гӯркарда ва гумкардаи ононро дигарон наёфта ҳанӯз ва аксар дарнаёбанд.

Қатори чизҳои арзандаи зиёд чизҳои ноарзандаи зиёд ҳам нуҳуфта дар зери хок ва дар синаи замин…

Ва чиҳое нест ва нест дар қаъри замин, балки ҳаст ва ҳаст.

Замине, ки дар ҳаёти рӯйи заминии ман аз баҳри ман набаромада, баъди итмоми зиндагии ман низ аз баҳри ман нахоҳад баромадан, чӣ туре, ки маро руйи худ ғунҷонда тавониста, ҷисми маро дар синаи худ

ғунҷонад. Балки вуҷуди минбаъдаи ман дар синаи замин, дар сурати чанд каф хоки замин идома биёбад. Балки ман ҳамсони замин бишавам ва бо замин пайванд бигардам. Балки баъди рафтани рӯҳи ман ҷисми ман чунин бигардад. Яъне замин бишавам ва замин ман бишавад. Балки ману замин як бигардем. Омехтаву як бигардем миёни фалакистони гардон ва ҷовидон. Фалаке, ки рӯҳи ман дар он омехта бишавад. Яъне рӯҳи ман низ фалак шавад. Ва фалаку замин дар оғӯши ҳам ва дар иҳотаи якдигар ҳастии худро идома бидиҳанд, балки дар оғӯши ман ва иҳотаи ман идома бидиҳанд… Балки ман дар оғӯши онҳо, дар иҳотаи онҳо ҳастии худро идома бахшам. Идома бахшам дар шакли тамоман дигар. Зеро дар ҳардуи онон заррае аз ман вуҷуд хоҳад дошт. Заррае, ки шакл дигар карда, фалаку замин шуда, вале аз ҳам ҷудо набуда. Хуллас баъди сӯи осмон рафтанам, зери замин шуданам ҳамчунин вуҷуд дорам дар шакли замини гардон, фалаки ҷовидон. Вуҷуд дорам то даме ки вуҷуд дорад замин, идома дорад умри кайҳон. Пас ман аз ҳаракат ва ҷумбиш намондаам, гардиш мехӯрам ҳанӯз, ҷумбиш дорам ҳанӯз. Гардишу ҷумбиш дорам дар замину фалаки гардон. Замине, ки ба он гӯш фаро додаам, фалак, ки ҷониби он дидагонамро дӯхтаам. Фалаке, ки умқаш дида нашавад, аз ситорагон муҷалло бошад, асрори зиёди зиёд дорад…

…Шаб, вақте ки тамоми мавҷудот дар хобанд, ман бедор монда, аз рахти хоб оҳиста фаромада, рӯйи фарш ёзидаам, бари рӯ ба замин пахш сохтаам, гӯш ба қаъри он фаро додаам. Замине, ки ҷойгаҳи охирати ман хоҳад шуд. Замине, ки бо вай як бишавам. Замине, ки дар болои вай фарзанди вай будам, дар синаи вай низ фарзанди вай бимонам. Замине, ки дар оғӯши коинот ҷумбишу зиндагии хешро идома медиҳад. Коинот ва фалаке, ки дар он заррае аз рӯҳи ман низ дар гардиш бошад...

…Гӯш ба замин фаро дода ва дидагонам сӯйи фалак дӯхтаам. Фалаке, ки умқаш дида нашавад, бо ахтарон музайяну муҷалло ва пурфасона битобад[39]…

* * *

Худовандо! Чун ман бимурдаму бирафтам зиндагиро поянда бидор дар рӯи дунё. Поянда бидор барои зиндагони минбаъда ва барои ояндагони дигар.

Худовандо! Обу ҳавои заминро, кӯҳу хамвориҳои сайёра, паҳно ва тангноҳои онро, гулу майса, хору хаси рӯи заминро нигаҳдор бибош, ки онҳо ҳама боиси идомаи зиндагианд.

Худовандо! Болои заминро, яъне осмонро эмингар бош, ки ҳар зинда чун он ҷо дида бубарад нилгунии вайро, хуршеди нурпоши онро,

[39] *Вақте ки ин навишта иншо шуда буда, то марги Шамсия ҳамааш шуда чанд рӯзаки дигар, балки чанд соатаки дигар монда.*

мурғони дар парвози онро бубинад ва чун шаб назар он сӯ бубарад ахтарони пурҷилову моҳи мунирро назора карда битвонад...

Худовандо! Чун ман ба коми марг бирафтам дӯстони маро, ҳатто рақибони маро эмин бидор дар оғуши зиндагӣ. Дӯстонам, ки баъди сарам фаромӯш карда натвонанд маро ва рақибонам, ки дар зиндагии рӯи заминам алайҳи онҳо зиндагиро беҳтар кардан, онро покизатар сохтанро ҷадал доштам.

Худоё! Хоки замин зери худ бигирад, акнун, маро, вале ту ҳамин заминро эмингар бибош. Эмингар бибош барои онҳое, ки рӯи замин бошанд, пояшон болои ин замин мегардад то ҳанӯз.

Худовандо! Чун овози ман бо ман бирафт рӯи замин овозҳои дигарро ҳифзгар бош, ки онҳо ҳамчунин нишон бошанд аз зиндагии инсонӣ.

Худовандо! Чун ман дар зиндагӣ зиёд гиристаам, кифоят бошаду фараҳу хандаро бубахш барои дигарон рӯи замини омаду ноомаде.

Худовандо! Чун рӯи замини гардон ман номуродӣ ва ноумедии зиёди зиёд дидаам ва ин ҳамаро бо худ бурдаам, пас барои дигарон умеду комрониро бирасон ва муҳайё бигардон рӯи замин.

Худовандо! Дигар худат донӣ, ки бинандаю доно худат бошӣ ва қодиру доно ҳамчунин худатӣ…

Худовандо, бубахш маро, ки рафтаам ва бубахш онҳоеро, ки зиндагиро идома медиҳанд ҳанӯз рӯи замини гирдгардоне[40]…

* * *

Ман намурдаам, ай дӯст ва ғуруб накардаам, балки сӯе ва ҷое рафтаам. Сӯе ва ҷое, ки хуршедҳои зиёди гумшуда дорад.

Он сӯ рафтаам то асрори аз нав тулӯъ накардани ун хуршедҳоро бифаҳмам ва донам. Бидонам, ки ҳамроҳи онон аз нав тулӯъ кардан, аз нав анвор пошидан ва дунёро аз нав зеби дигар бахшидан оё имкон дорад? Оё Имкон дорад?..

Ман намурдаам, ай дӯст[41]…

---

[40] *Ин навиштаи охир баъди сари Шамсия аз зери болини маргаш пайдо шуда.*

[41] *Вақте ки ин навишта иншо шуда буда, то марги Шамсия ҳамааш шуда чанд рӯзаки дигар, балки чанд соатаки дигар монда…*

ШАРИФ ИСМАТӢ



Шариф Исматӣ 5-уми январи соли 1936 дар деҳаи Яккахонаи ноҳияи Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дунё омадааст.

Ӯ мактаби ҳафтсолаи зодгоҳ (1952), Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Панҷакент (1957), Донишкадаи омӯзгории шаҳри Душанберо бо ихтисоси омӯзгори забон, адабиёт ва таърих (1962) хатм кардааст.

Солҳои 1962-1964 ба ҳайси омӯзгор, ходими адабии рӯзномаи «Коммунист»-и ноҳияи Ҷиргатол (ҳоло Лахш), солҳои 1964-2006 ба сифати омӯзгори фанҳои забон – адабиёти тоҷики мактаби миёнаи умумии №50 ба номи Мирзо Турсунзодаи шаҳри Панҷакент кору фаъолият кардааст.

Солҳои 1990-1995 намояндаи мардумӣ дар шӯрои депутатҳои меҳнаткашони шаҳри Панҷакент интихоб гардидааст.

Бо медалҳои «60-солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945», Ифтихорномаи вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳизби коммунистии шаҳри Панҷакент, Кумитаи комсомолии ноҳияи Ҷиргатол (ҳоло Лахш) ва Панҷакент, раёсати маорифи вилояти Ленинобод, идораи ҳафтаномаи «Омӯзгор» сарафроз гардидааст. Унвони «Муаллим – методист» дорад.

Узви Иттиҳодияи рӯзноманигорони Тоҷикистон аст.

Китобҳои «Рӯзгори рангин», «Орифи маориф», «Боғбони боғи маърифат», «Оташи ишқ», «Диловарон», «Хуршеди сипеҳр» ва «Доғи дил» маҳсули қалами ӯст.

Ҳоло нафақахӯр мебошад.

ЗАБОНИ МОДАРИИ МАН

Эй забони модарӣ, хуршеди оламтоби ман,
Кӯҳи пурганҷи маонӣ, гавҳари ноёби ман.
Носипосон, кӯрдилҳо садди роҳат мешуданд,
Будаӣ андар шабистон шуълаи маҳтоби ман.
Солҳо дидӣ ғубор аз дасти нопокони давр,
Сар фурӯ меоварам, охир туӣ меҳроби ман.
Печутобе мехӯрам ҳар гаҳ барои дарди ту,
Мепаронад дарди ту аз дидаҳоям хоби ман.
Шуълаҳои нури дил роҳи туро равшан намуд,
То абад дорӣ мақом дар мулки гулободи ман.

БАҲОРИЯ

Чӣ хуш зебою пурфайз аст айёми баҳор имрӯз,
Ба ҷӯш омад дилам аз хуррамӣ беихтиёр имрӯз.
Бичида дастаи гулҳо ҷавонони саодатманд,
Бишӯянд рӯйи зеборо зи оби чашмасор имрӯз.
Ба рӯйи лолаҳои дилрабои кишварам бингар,
Тару тоза ба монанди рухи некӯйи ёр имрӯз.
Садои андалеби хушнаворо гӯш бинмо ту,
Аҷаб шӯхона меояд зи тарфи марғузор имрӯз.
Зи гулҳои баҳорон, Исматӣ, гулдаста чидан хуш,
Биё, то ин ки бо ҳам сайр созем, эй нигор, имрӯз.

УШШОҚИ ПАНҶАКЕНТ

Дилошӯб аст шаҳри мо, ки гулбоғи ҷаҳон бошад,
Миёни шаҳрҳои кӯҳнаи дунё ҷавон бошад.
Ба дилҳо нур мепошад зи чашмони муҳаббатҷӯ,
Чу ахтарҳои нурафкан ҷавониро нишон бошад.
Ҳама хубони ҳусноро басо шайдои Ҳуснобод,
Навои булбулони гулпарасташ хушбаён бошад.
Ба рақси духтари суғдӣ дилу ҷонҳо ба рақс ояд,
Тамошобини сайёра замину осмон бошад.
Китоби Рӯдакӣ машҳур зи назми оламафрӯзаш,
Мисоли арчаҳои кӯҳсорон бехазон бошад.
Биё бар Панҷакенти ман, зиёратгоҳи олам шуд,
Чу тиллои Зарафшонаш ҳамеша зарфишон бошад.
Ба васфат месарояд Исматӣ чун шоири даврон,
Суруди дилрабои ӯ суруди ҷовидон бошад.

ДАРМОНИ ДИЛ

Барои шогирдам Ю. Нусратулло

Лутфу оҳанги накӯ доим бувад дармони дил,
Донаи маънӣ ҳамеша файзбор аз хони дил.
Шеъри Ҳофиз қандӣ порсӣ гаштааст андар Аҷам,
Дӯст медорӣ варо аз чашмаи ҷӯшони дил.
Бори дармон мекашӣ аз баҳри халқи хештан,
То шифо ёбад диле бо дидаи тобони дил.
Теғи Синоӣ ба дастат гашт шамшери сухан,
Каҷдилонро кӯр созад оташ аз пайкони дил.
Осмони ҳусни дил пурнур гардад, бениқоб,
Боғи фарҳанг гул кунад аз сидқу аз эҳсони дил.
Хонадони тоҷикон маъмур гардад то абад,
Зӯру муҳкамтар шавад аз дӯстӣ дастони дил.
Қалби нозим дардманд аст аз ғами дунёи дун,
Эй давобахши дилам, ҷоят бувад майдони дил!

ШӮХЧАШМАК

Нигори дилкушоӣ, шӯхчашмак,
Ҳамеша дар навоӣ, шӯхчашмак.
Зи байни дилбарони рӯйи олам
Ба чашмам ҳурнамоӣ, шӯхчашмак.
Саҳаргоҳон зи кӯҳи ошиқон ту
Чу шамсе мебароӣ, шӯхчашмак.
Агар дар оташи ишқат бисӯзам,
Намесозам ҷудоӣ, шӯхчашмак.
Баҳори лолазорон дилнишин аст,
Чӣ хуш рақсе намоӣ, шӯхчашмак.
Азоби ишқи ту душвору сангин,
Куҷо ёбам раҳоӣ, шӯхчашмак?!
Ба ҷони Исматӣ раҳме намо ту,
Табиби ҷонфизоӣ, шӯхчашмак.

МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ ФАЙЗУЛЛО АНСОРӢ

Аз оташи ишқи ту нуру шарар мерезад,
Аз дурии ту хуни ҷигар мерезад,
Аз ранги рухат нури қамар мерезад,
«Ҳарфе бизан, аз лабат шакар мерезад,
Аз ҳар суханат ганҷу гуҳар мерезад».

Ин ёри азизи ман ба вақти гуфтор
Арғушт равад ба нағмаҳои сетор,
Гар дур шавад, шавам ҳамеша бемор,
«Бар чашми ту бингарам ба вақти гуфтор,
Як олами нур мухтасар мерезад».

Монанди насим зи турраат дил наканам,
Дилдода манам, бо дили садпора манам,
Аз оташи меҳри ту бисӯзад баданам,
«Чун боди саҳар ба мӯйи ту даст занам,
Дар гулшани дил бӯйи саҳар мерезад».

Доим ба раҳи ту меравам аз дили рост,
Маъшуқаи дилнавозам аз аҳли вафост,
Чун бӯса занам ба рӯйи ӯ, кони сахост,
«Бо ҳусну ҷамолу ақлу фаҳме, ки турост,
Ҷон дар қадами ту сар ба сар мерезад».

Дар наҳри сухан чу мекунӣ заршӯӣ,
Ман булбули боғаму маро меҷӯӣ,
Эй гавҳари пок, ин қадар хушрӯӣ,
«Гар як сухан аз ишқи дили ман гӯӣ,
Овозаи он ба баҳру бар мерезад».

МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ АТАХОН САЙФУЛЛОЕВ

Дар боғу роғ бинӣ ҳар дам сахои Қайнар,
Бар гӯш форам ояд савту садои Қайнар,
Аз ҳусни оби покаш гардӣ фидои Қайнар,
«Осоиши дилу ҷон обу ҳавои Қайнар,
Чун нури дидаи ман субҳу сафои Қайнар».

Бинӣ чу манзари он, чун рӯдҳо хурӯшӣ,
Аз нури босафояш чашмони худ напӯшӣ,
Дар ишқи ёри ширин ҳар лаҳзае бикӯшӣ,
«Аз чашмаи зулолаш гар ҷуръае бинӯшӣ,
Дар сина мегузорад меҳру вафои Қайнар».

Бо нури навбаҳорон, бо ҳусни гулъузорон,
Бо накҳати гули он раҳат кунад дилу ҷон,
Бо ошиқони хандон, дар базми дӯстдорон,
«Бо чеҳраи гулистон, бо дидаи фурӯзон,
Ҳар дилбаре чу моҳе – ҳусни расои Қайнар».

Дар кишвари маонӣ, эй чашмаи ҷаҳонӣ,
Худ ҳусни ошиқонӣ бо ранги осмонӣ,
Ту нури суғдиёнӣ, эй оби зиндагонӣ,
«Бо лутфу меҳрубонӣ, бо ғайрати ҷавонӣ,
Ёрони бовафояш нахли бақои Қайнар».

Меҳмон шавӣ гар ин ҷо, гарди асири сабза,
Аз сӯйи марғузорон ояд абири[42] сабза,
Аз килки шоиронаш ояд сарири[43] сабза,
«Бо дӯстон нишинӣ рӯйи ҳарири[44] сабза,
Аз дил чу чашма ояд ҳарфу санои Қайнар».

[42] **Абир** – хушбӯй.
[43] **Сарир** – овози найқалам.
[44] **Ҳарир** – мулоим, абрешим.

ШАРИФ ЯРАШОВ



Шариф Ярашов Ҷумаевич 12-уми марти соли 1986 дар деҳаи Ғӯротии маҳаллаи Дашти ноҳияи Деҳқонободи вилояти Қашқадарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар оилаи омӯзгор ба дунё омадааст. Ӯ соли 2007 факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқандро хатм намудааст.

Аз соли 2007 то соли 2012 дар мактаби рақами 56-уми деҳаи худ аз фанни забон ва адабиёт дарс гузаштааст. Аз соли 2012 то соли 2014 дар бахши магистратураи кафедраи забон ва адабиёти тоҷик таҳсил гирифтааст. Аз соли 2014 то ҳол ҳамчун муаллими кафедраи забон ва адабиёти тоҷики ДДСамарқанд ба донишҷӯён дарс мегӯяд.

Намунаҳои эҷодиёти ӯ аз даврaҳои донишҷӯиаш дар рӯзнома ва маҷаллаҳои ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон ва Тоҷикистон рӯи чопро дидааст. Ҳамчунин дар китоби «Армуғони Самарқанд» намунаҳо аз шеърҳои ӯ ба табъ расидаанд.

Ӯ соҳиби ду фарзанд аст: яке Парвиз ва дигаре Фараҳноз.

МОДАР

Мешиносӣ рӯйи моро, гар ту бошӣ кӯр ҳам,
Мекашӣ озори моро андаруни гӯр ҳам.
То ба маҳшар дидагони ту ба сӯи роҳи мо,
Гӯиё тобоварӣ бар зӯри неши мӯр ҳам.
Рӯ ниҳода сӯи меҳробе ту хоҳӣ бахти мо,
Бо ҳазорон тоату зорӣ ва ё бо зӯр ҳам.
Умри худро ту ба ёди мо фақат бурдӣ ба сар,
Ҳар даму ҳар лаҳзаҳои тақдири пуршӯр ҳам.
Бо ҳама ҷонбозиҳову бо ҳама ранҷу азоб,
Гар надонем қадри туро мешавем мо кӯр ҳам!

ДАР СУРОҒИ ТУ…

Ман он рӯдам, ки бо санги маломат
Сари роҳи маро бигрифта девор,
Дареғо, бо ҳама зӯриву зорӣ,
Маро гӯрондаанд дар мағзи кӯҳсор,

Аз ин нӯши лабони ташнаи кӯҳ,
Агарчӣ бе ту мегардам басо кам,
Вале то қатраҳои вопасине,
Туро ҷӯям зи роҳи хушку бенам.

Ман он моҳам, ки дур аз шоми мӯят,
Ба зери пардаҳои абри ҳичрон,
Ба сони ахтарони бегуноҳе,
Маро бинмудаанд побанду зиндон,

Ман охир мебарам аз пеши рӯям,
Ҳичоби ин саҳоби тираву тор.
Ки то акси маро бинӣ ту ҳар шаб,
Ба лавҳи миръоти поки обшор.

Ман он кӯрам, ки андар роҳи тақдир,
Туро мисли асоям кардам гум,
Ва дасти беасову дидаи кӯр,
Туро ҷӯяд, туро аз байни мардум.

СУРОҒИ ЁД…

Ба сони турнае дар нимароҳ аст,
Ба роҳи ҳар баҳорон бе ту танҳо.
Ҳаме нолам ба ёди ҳампари худ,
Ҳаме гирям зи роҳи шоми фардо.

Зи рӯи саҳфаи урёни хотир,
Суроғи ёди ту бар бод рафта.
Нависам дардҳои бе ту будан,
Ба авроқи хаёл ин гуна суфта.

Сиришки талхи ҳангоми ҷудоӣ,
Бувад амсоли ҳар як қатра шабнам.
Лабони ташнаву хушкидаи ман,
Навозиш мекунад бо дасти пурнам.

Ба ёди дидаи бинои кӯрам,
Ба мижгон ашки тифлӣ найсавор аст.
Ба руҳаш муждае то оварад марг,
Ба роҳи қотили худ интизораст.

ВАТАН

Зинда бодо, меҳани озоди ман,
Миллати ман, бахти модарзоди ман.
Авҷи эҳёи ҳама фарҳангу кеш,
Даври Сомон, тахти навбунёди ман.

Меҳри ту чун меҳри поки модарам,
Ҳамчу ишқи Ҳақ бувад дар ёди ман.
Ёди ту ёди баҳористу биҳишт,
Боиси илҳому ҳам эҷоди ман.
Як дами ту беҳ зи умри ҷовидон,
Бе ту рӯъё буди ман, бунёди ман.
Марзи ту оғозу ҳам анҷоми ман,
То ба охир манзили ободи ман.

ХОҲИШ

Даруни хаймаи моҳтобии шаб,
Худоё, деҳ маро меҳробии шаб.
Гадоӣ то кунам аз буду нобуд,
Туро дар пеши он меҳробии шаб.
Ба ёди ту шавам дур то зи ғавғо,
Ба сони дидаи пурхобии шаб.
Ба дори як сукут овезам ин дам,
Ҳама шӯри дили бетобии шаб.
Нанӯшам то дигар ҳеҷ бодаву май,
Ба рағми пардаи ноёбии шаб.

БЕ ТУ

Як даме бо ту нишастан беҳ зи умри ҷовид аст,
Лаҳзае ёди ту кардан беҳтарин марги ман аст.
Бе туву бе ёди ту танҳо будан -
Фанди тақдир хӯрда танҳо зистан.
Бо каси дигар даме зистан валек
Худкушӣ, худсозӣ бошад,
Худфурӯзӣ дар аност,
Ҳам хатову ҳам атост!

МЕПАРАСТАМ

Нигоро, бо дили ошуфта рафтӣ,
Ба ман рози дилат ногуфта рафтӣ.
Ба қалбам омадӣ чун навбаҳоре,
Вале чун ишқи ман нашкуфта рафтӣ.

Зи ёди ту чу дарё дил занад ҷӯш,
Кунун бе ту кунам заҳроби ғам нӯш.
Ҳазорон ёди рӯи дилбари дер,
Набитвон кард туро аз ёд фаромӯш.

Агарчӣ риндаму ошиқу мастам,
Ба ҳусни чун баҳорат дил бубастам.
Агарчӣ ту намехоҳӣ маро ҳеҷ,
Туро танҳо, туро ман мепарастам.

АРМОН

Даруни синаам армони ишқ аст,
Дили овораам сарсони ишқ аст.
Замирам нозук аст ҳамсони гулҳо,
Гаҳе хандон, гаҳе гирёни ишқ аст.
Ғами ту то ба маҳшар меситоям,
Агарчӣ зиндагӣ зиндони ишқ аст.
Нависам шарҳи дарди худ якояк,
Ки бешак сад ҳазор достони ишқ аст.
Маро ҳаргиз набошад ёди ағёр,
Биё, ҷоно, ки дил пазмони ишқ аст.
Бигӯям, гар ба ту рози диламро,
Шариф андар назар ҳайрони ишқ аст.


МАНУ ТУ

Умре ба ёди ҳамдигар,
аз ҳам ҷудо,
ҳам тан ҷудо,
ҳам дил ҷудо,
нолем ба даргоҳи Худо.
Шояд, ки рӯзи вопасин,
ин роҳи мо,
ин рӯҳи мо,
ин хоки мо,
то ки уруҷ орад ба даргоҳи Худо!

АЗ ҲЕЧИ ХУД

Рӯзиям ёди туву дороям бо ту будан.
Ҳастиям кокутиҳои лаби ту мешамад бо бӯсаборон.
Анкабути тахайюл торҳои ҳавасеро,
мепечад ба даври домани орзу.
То раҳам аз ҳечи Худ
то ба сӯйи буди Ту.

ШАРИФИ ШАРИФЗОД



Шарифи Шарифзод соли 1966 дар деҳаи Оббурдани ноҳияи Кӯҳистони Масчоҳи вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон чашм ба олами ҳастӣ кушодааст.

Дастпарвари факултаи филологияи тоҷики Донишкадаи омӯзгории шаҳри Ленинобод (айни ҳол Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров) мебошад.

Солҳои тӯлонӣ дар зодгоҳаш ба касби бошарафи муаллимӣ машғул аст. Асосан ҳикоя менависад, ки дар нашрияҳои маҳалливу ҷумҳуриявӣ, китобҳои дастаҷамъӣ, аз ҷумла «Тазкираи суханварони Мастчоҳ» ба табъ расидаанд.

Соли 2000 нахустин китоби ҳикояҳояш – «Армони ношикаста» ва баъд аз он китобҳояш бо унвонҳои «Дар кишвари андешаҳо» (2017) ва «Паймонаи шодию ғам» (2018) чоп гардидаанд.

ОБОДИИ ВАТАН

Шоми ғам охир ба поён мерасад,
Шамъи шодӣ боз рахшон мешавад.
Хандаи гулдухтарони хушбаён,
Захми дилро ҳамчу дармон мешавад.
Ин Ватан обод мегардад зи нав,
Бод мерӯбад аз он чангу қирав.

Шавқи дилҳо боз эҳё мешавад,
Шодии тифлон зи ҳар ҷо мерасад.
Даст дода мардумон бо ҳамдигар,
Меҳр ҳам то Арши аъло мерасад.
Ин Ватан обод мегардад зи нав,
Бод мерӯбад аз он чангу қирав.

Фасли сармо пушти сарҳо мешавад,
Дониш охир дастболо мешавад.
Тоҷику ӯзбеку русу туркман,
Аҳд баста, боз якҷо мешавад.
Ин Ватан обод мегардад зи нав,
Бод мерӯбад аз он чангу қирав.

Шабнам аз гарди само гирад ғизо,
Ҳеч кас дигар нагирад хунбаҳо.

Шохаи идроки инсон қад кашад,
Ҷой гирад ишқ андар қалбҳо.
Ин Ватан обод мегардад зи нав,
Бод мерӯбад аз он чангу қирав.

НАВРӮЗ МЕРАСАД

Дарахти пири садсола
Нигаҳ сӯйи само дорад.
Нигоҳаш маъниҳо дорад,
Нигоҳаш муттако дорад.
Наврӯз мерасад,
Наврӯз мерасад.

Ҷавоне мезанад ангушт,
Арӯсе меравад арғушт.
Умеди зиндагӣ доранд,
Калиди бахташон дар мушт.
Наврӯз мерасад,
Наврӯз мерасад.

Ба гирди хони ҳам шинем,
Гулоби ишқро пошем.
Барои Ваҳдати тоҷик,
Ҳама як ҷону тан бошем.
Наврӯз мерасад,
Наврӯз мерасад.

Ватан, эй модари мушфиқ,
Туро собитқадам бошем.
Ба дил шукронаи даврон,
Азизу муҳтарам бошем.
Наврӯз мерасад,
Наврӯз мерасад.

ҒАЗАЛ

Шаршари оби баҳорон даргузашт,
Тобиши хуршеди тобон даргузашт.
Чашм бар чашму нишасти ёлаҳо,
Мисли оби регзорон даргузашт.
Гоҳу бегаҳ пушти деворони деҳ
Интизориҳои ҷонон даргузашт.

Зарраҳои барф бар гесу хазид,
Давраи мӯҳои қатрон даргузашт.
Гул хазон гардиду зери хок рафт,
Навҳаи ҷамъи ҳазорон даргузашт.
Қомати хамгаштаи пирон бибин,
Қомати шамшоди онон даргузашт.
Омад он рӯзе, ки бол аз кор монд,
Авҷи парвози уқобон даргузашт.
Об бо пахта чаконӣ бар лабам,
Таъми бӯса, лаззати он даргузашт.

НУР РАФТ...

Нур рафт аз зиндагонӣ, нор монд,
Орзу андар дили хуншор монд.
Оби хуш дар ҷӯйбори хотирам
Ях бибасту шах шуду аз кор монд.
Хостам, то меҳри худ ёбам ба хеш,
Гул бирафту дар дили ман хор монд.
Фасли сармои дай оғӯшам кашид,
Дар баҳори рафтаам он ёр монд.
Шарм кардам аз худу аз ҳастиям,
Кӯлвори холиям бе бор монд.
Қадди болоям замин бӯсад кунун,
Хотираш дар кӯчаву бозор монд.

ҒАЗАЛ

Бе қомати сарви расо гирёну нолонам макун,
Баргарду оғӯшам намо, дар ҳаҷр ҳайронам макун.
Бе ҳастии ту нестам, хори мағелонам макун,
Чун зар канори соҳилат бар хок яксонам макун.
Себе биафтад аз дарахт, соҳиб биёбад он замон,
Ман себаки афтодаам, аз чашм пинҳонам макун.
Бар хокҷойи хуфтаат оям ниҳону ошкор,
Бархез, эй ҷони падар, бар хеш пазмонам макун.
Шабҳо дари садҳо хаёл аз нав шавад во, эй писар,
Боз ою дарро во намо, ин қадр сарсонам макун.
Ту рафтию дил рафтааст аз синаи зори падар,
Оғӯш бикшо, эй писар, безор аз ҷонам макун.

СУХАНРЕЗАҲО

Ҳар он кас мехӯрад аз нони модар,
Кунад андешаи дастони модар.
Нигоҳи модарон хулди барин аст,
Бирав, бинмо тавофи хони модар.

* * *

Муҳаббат ҳам ҳаду андоза дорад,
Муҳаббат ҳам дару дарвоза дорад.
Зи бемеҳрии ёрони дилозор,
Муҳаббат ҳам шикасти тоза дорад.

* * *

Эй дил, ту ҳариси молу зар гардидӣ,
Беёду ғарибу беасар гардидӣ.
Бе тоату бе намозу бе рӯза шудӣ,
Медон ба яқин, шарики хар гардидӣ.

* * *

Тавозуъ пешаи инсони оқил,
Саховат ҳадяи инсони одил.
Риоят гар кунӣ ин панди моро,
Расӣ беофият манзил ба манзил.

* * *

Ба кӯҳистон равӣ, боло назар кун,
Либоси нангу оратро ба бар кун.
Агар гоҳе бибинӣ шаҳри зебо,
Назар бар мардуми олиназар кун.

* * *

Ҳаёти бихрадон бошӣ ту, Меҳан,
Китоби ҷовидон бошӣ ту, Меҳан.
Парастори ятиму бекасукӯй,
Нигини ин ҷаҳон бошӣ ту, Меҳан.

* * *

Ватан, роҳи ҳидоятро нишон деҳ,
Раҳи бахту саодатро нишон деҳ.
Магардон рӯ зи мо, эй модари ҷон,
Раҳи адлу адолатро нишон деҳ.

* * *

Аё, эй дӯст, доим дар амон бош,
Ливобардори имрӯзи замон бош.
Дуоят мекунам дар нимашабҳо,
Чароғи тобноки хонадон бош!

* * *

Аз чоки даридаи гиребон бигузар,
Аз шеваи ноҷои палидон бигузар.
Бо шаршараи лутфи азизон омез,
Аз миннати некиҳои дунон бигузар!

ШАҲЗОД КЕНҶАЗОДА



Шаҳзод Кенчазода 10 - уми декабри соли 1999 дар деҳкадаи Боғичорбоғи ноҳияи Деҳқонободи вилояти Қашқадарё ба дунё омадааст.

Аз соли 2004 сокини шаҳри Самарқанд аст. Шаҳзод дар соли 2014 мактаби рақами 30 - и шаҳри Самарқандро хатм намуда, донишомӯзи коллеҷи бонкии Самарқанд гардид. Пас аз хатми коллеҷи мазкур дар коргоҳи бонк ба вазифаи ҳисобчӣ фаъолият нишон дод.

Шаҳзод ба эҷоди бадеӣ машғул шуда, бо ду забон: тоҷикӣ ва ӯзбекӣ шеърҳо менависад. Шеърҳояш дар рӯзнома ва маҷаллаҳои вилоятӣ нашр гардидаанд.

МО БА БОЛО МЕРАВЕМ!

Мо ба боло меравем,
то канори қулаҳои дур аз ин зиндагӣ,
то даруни хонаи умедҳо,
то муҳаббатро биёмӯзем дар назди Худо!

Мо ба боло меравем
дар куҷо бошад ниҳоят,
то ҳамон ҷо меравем!...

* * *

Эй кош, бо ту бошам, дар бистари ту имшаб,
Ҳар шаб шавад бароям, зеботарин чу имшаб.
Созӣ ту бар канорам, ҷисми нафис эҳсон,
Мастем аз шифову дармони дору имшаб.
Ларзида тан зи лаззат, медиҳад ин садоро,
Эй ваҳ! Чӣ хушсадоӣ, з-ин гуна неру имшаб.
Бӯсида аз лабонат, бедор карда эҳсос,
Бар бистари назифат созам ҳаёҳу имшаб.
Мо ду танему як ҷон, дар мост шодиву шон,
Мо ошиқони Яздон, бо мост - «Ё ҳу!» имшаб.
Гуфтам, ки: - Эй ситора, аз ман бигӯ чӣ хоҳӣ?
Гуфто, ки: - Хеши Маҷнун, бо туст бону имшаб!

НОЗАНИН

Ман киям бе ту дар ин дунё бигӯ,
Бе ту як хас, як чанори хастаам.
Дарди дил дода азобам то кунун,
Охир, эй гул, ман ба ту дилбастаам.

Ман киям бе ту дар ин мавҷи ҳаёт,
Моҳие, ки кас намедонад варо.
Зиндагӣ дар баҳр мушкил асту бас,
Гӯй бар ман ту намеоӣ чаро?

Интизорам, интизори ту фақат,
Дидаам дар чашми мастони ту аст.
Дар канорам ҷои ту холисту ман
Аз шароби ишқи ту гардида маст.

Ман намедонам киям, бе ту чаро
Умр бар сар мебарам дар ин замин.
Ошиқам ман, ошиқам ман, ошиқам
Бар ту, оиву наоӣ, нозанин!

ИШҚИ ПОЯНДА ТУӢ

Ман ҳама хотираҳоро
ва ҳама сӯзу суханро
на фаромӯш кардам.
На дили сӯхтаамро
бе ту хомӯш кардам.

Ёд дорӣ, ки ба ман мегуфтӣ:
- Фикри оянда бикун,
Ман туро мекашам имрӯз ба оғӯш,
ба ман оянда туӣ,
ишқи поянда туӣ!...

* * *

Гар тарк куни хонаи ман ёд шавӣ ту,
Бар қалби мани хуншуда бедод шавӣ ту.
Чашмони ту асло асари ғусса набинад,
Беҳтар, ки маро бод барад шод шавӣ ту.
Ман гиря кунам, ханда бизан, зиндагӣ ин аст,
Чун булбули ман аз қафас озод шавӣ ту.
Дар пайкари ту муҳри дусад бӯса гузорам,
То ин ки чу маъшуқаи Шаҳзод шавӣ ту!

* * *

Азизи ман, дилам бишкастиву рафтӣ,
Маро бо дарду ғамҳо бастиву рафтӣ!
Чӣ шуд он аҳд бо ҳам баста будем,
Канори дигаре биншастиву рафтӣ!

Замину осмон бар ҳоли ман гиряд,
Ки ҳоло дар хаёлам ҳастиву рафтӣ!
Намедонам, ки он бар ту чӣ кард эҳсон,
Зи қавли пучи он сармастиву рафтӣ.
Худо ҳофиз, ту аз ман чун шудӣ безор?
Чу мурғе аз қафас зуд растиву рафтӣ!.

* * *

Эй маҳлиқо, ҷонам фидо, бин хоҳиши ҳамхонаро,
Бистар биё, каш зарқабо, масрур кун парвонаро.
Гар бингарӣ бар ахтаре, бинӣ зи ман як ахгаре
Дар роҳу дар ҳар маҳзаре, гирам ҳуши ҷононаро!
Ман як наям, сад пораам, сад пораи оворам,
Ман шоҳаму бечораам, монам каси девонаро!
Дар роҳаму бо ҳар касе, хонам суруди хуш басе,
Бо мо бисабзад ҳар хасе, меъмор мо вайронаро!
Мо соликони роҳи дил, пайдо шудем аз обу гил,
Гаштем наздик мил ба мил, бикшо дари майхонаро!
Дидем, к-ин гунбад ба мо бахшид борону сафо,
Шаҳзод омад мунтаҳо, итмом кун афсонаро!

Ба ДИЛ....

Ман парешонам, парешонам, чӣ созам, эй Худо!
Дода будам дил ба як хандонлабе, буд бевафо.
Ман гунаҳкорам ба ҳар як лаҳза бо ӯ буданам,
Ӯ гунаҳкор аст баҳри он, ки ман девонаам.
Ғайри ман дигар касе натвонад ӯро дӯст дошт,
Кӣ намедонам ба қалбаш донаи манфур кошт?!
Зиндагӣ бар дидаам бе ӯ ҷаҳаннам беш нест,
Чун бубинам бо дигар касе, бар дилам ҷуз неш нест.
Ё зи ёдаш рафта он айёми бо ман буданаш,
Хандааш, ҳар як таманноям камоҳӣ карданаш.
Ман наметонам фаромӯшаш кунам аз ёди хеш,
То зи ёдаш рафтанам сад бор мурдан беш, беш.
Эй малаксимои ман, эй нозанини симтан,
Бо ту будан орзуям, як нигар бар сӯйи ман,
То ба поят резам ин буду набудамро, биё
Дӯст дорам ман туро,
Дӯст дорам бериё!

ШОДМОН АМОНУЛЛОЕВ



Шодмон Амонуллоев соли 1947 дар гузари Ашӯрмаҳмади шаҳри Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон таваллуд шудааст. Аз синни 5-солагӣ дар тарбияи модари солхӯрда ба воя расидааст. Соли 1965 синфи 11-уми мактаби рақами 33-юми ноҳияи Самарқандро хатм намуда, ҳамон сол ба факултаи гидромелиоративии Донишкадаи хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон дохил шудааст. Соли 1970-ум баъди бомуваффақият хатм намудани донишкада бо қарори комиссияи давлатӣ дар вазифаи муаллими фанни «Гидравлика» дар ҳамин факултаи институт ба кор мондааст.

Соли 1972 ба аспирантураи Донишкадаи гидромелиоративии шаҳри Новочеркасск дохил шудааст. Вале бо сабаби шароити вазнини оилавӣ хонданро дар аспирантура қатъ карда, соли 1972 ба зодгоҳаш – шаҳри Самарқанд баргаштааст.

Аз соли 1973 то соли 2002 дар техникуми гидромелиоративии шаҳри Самарқанд аз фанҳои «Геодезия», «Ташкили корҳои сохтмони иншоотҳои обӣ» дарс додааст. Баробари омӯзгорӣ солҳо дар истеҳсолот ба вазифаи инженерӣ фаъолият нишон дода, 3 ихтирои ратсионализаторӣ эҷод ва бо мукофотҳои пулӣ сазовор гардидааст.

Аз соли 2002 нафақахӯр аст. Ба эҷоди мақолаву ҳикояҳо шавқи калон дорад. Маҷмӯи нахустини ҳикояҳои Шодмон Амонуллоев ба чоп тайёр аст.

РӮЗИ ВИДОИ МОДАРИ ПУРАРМОН
(Ҳикояи воқеӣ)

Дар айёми бачагиам гувоҳи як воқеае шуда будам. Ҳоло, ки синнам ба ҷое расидааст, ҳамоно он воқеа маро ором намегузорад. Ман бо амри дил қалам ба даст гирифтам.

Солҳои охири 50 - ум ва аввалҳои 60 - уми асри гузашта буд.

Тобистон. Ду тарафи кӯчаро дарахтони ба ҳамдигар зичи ақоқиё (акация) оро медод, бӯйи гулҳояш ба машом хеле форам мерасид ва қариб, ки одамро маст мекард. Вақте, ки аз тарафи шаҳр оед, дар тарафи рости кӯча, аввало ресторан (тарабхона), баъд дорухонаву клуби боҳашамат (солҳои 1930 бо сарварии Алихонбобо ва фаъолони деҳа бо маблағе, ки Алихонбобо боғи падарро фурӯхта ба ин бино сарф карда, сохта шуда буд, ба ғайр аз ин бо сарварию маблағи он марди хирадманду маърифатпарвар бинои мактаби № 2 сохта шуда буд. Алихонбобо дар ин дунё зан нагирифта тамоми буду шудашро барои маърифату ободонии халқ сарфу харҷ карда гузашт. Бо ёрии Муллосултонмуаллиму Фатуллохонмуаллим соли 1919, якумин мактаби замонавиро ташкил карда буданд ва дар ин бора соли 1957 дар

рӯзномаҳо дарҷ гардида буд) ба назар мерасид. Пас аз клуб шӯрои деҳоти Қӯлбаи поён ва ошхонаи баланду чойхона ҷойгир буданд. Аз тарафи чап бошад, “Универмаг”. Дар пеши он истгоҳи автобус воқеъ буд. Автобус аз шаҳр меомаду аз назди клуб чарх зада, дар истгоҳ қарор мегирифт ва мусофиронро мефароварД.

Зани на он қадар солхӯрдае дар сараш пардаи сафед, дар дасташ асо дар хараки истгоҳ менишаст. Ин зан чашмашро аз роҳ, ки аз тарафи шаҳр меомад, намеканд ва бо диққат нигоҳ карда менишаст.

Баногоҳ автобусе, ки вз тарафи шаҳр меомад, ба назар намоён шуду зан ҷаста аз ҷояш хест:

- Ана бо ҳамин автобус писарам Умрбек омада истодааст,- гӯён бо азоб ба пешвози автобус баромад.

Автобус дар назди клуб чарх зад ва дар истгоҳ омада қарор гирифту дарашро во кард. Аз даруни автобус мусофирон бо навбат фаромадан гирифтанд.

Ин зани асодор бошад, ба ҳар яки мусофирони фаромада бо диққат менигарист. Автобус холӣ шуд, вале писари зан - Умрбеки 17-солае, ки бо аризаи худаш ба фронт рафта буд, афсӯс, дар байни мусофирон набуд. Модар оҳе кашиду:

- Хайр майлаш, писарам Умрбек бо ин автобус наомад, Худо хоҳад бо автобуси дигар меояд, - гуфту боз асозанон ба ҷояш омада нишаст.

Пас аз ягон соат боз автобус аз тарафи шаҳр омаду баргардонда, дар истгоҳ қарор гирифту дарашро кушод. Боз мусофирон бо навбат фаромаданд. Автобус холӣ шуд. Аммо писари модар Умрбек дар қатори ин мусофирон ҳам набуд. Модари дар назди дари автобус рост истода, набудани писарашро бо чашмонаш дид. Вале ноумед нагашта, боз ба ҷояш омада нишаст.

Автобусҳо меомаданду мерафтанд. Вале модар ҳамоно интизорӣ мекашид. Ба ин ҳоли модар дили бисьёриҳо месӯхт. Вале илоҷе надоштанд, ки ҳақиқати ҳолро гӯянд.

Офтоб ба тарафи уфуқ менишаст. Яке аз роҳгузарон гуфт:

- Холаҷон, рӯз ҳам бегоҳ шуда истодааст. Акнун дигар автобус намеояд, шумо ҳам ба хонаатон равед.

- Хайр майлаш, Худо хоҳад, писарам Умрбек имрӯз наомад, албатта пагоҳ меояд, - гӯён модар асозанон оҳиста - оҳиста ба тарафи хона раҳсипор шуд.

Раҳораҳ пеши чашмони модар манзараҳои замонҳои мудҳиши босмачигарӣ, ташкилёбии хоҷагиҳо (колхозӣ), вафоти шавҳар, ба фронт гуселонидани писари ягонааш падидор мегаштанд.

Баъди сари падар Умрбеки наврас бо модар деҳқонӣ мекард. Модар колхозчии пешқадам буд. Пас аз дарс дар корҳои саҳроии хочагӣ (колхозӣ) ба модараш мадад мерасонд. Умрбек хеле ҷавон бошад ҳам, асрори мураккаби деҳқониро аллакай омӯхта буд. Бо

вучуди душвориҳо модару писар тинчу осоишта зиндагӣ мекарданд. Аммо ин дер давом накард. Ҷанги хонумонсӯзи дуюми ҷаҳонӣ сар шуд. Умрбеки 17- сола бо амри дил ва меҳру муҳаббати баланд нисбат ба модар ва Ватан ба фронт раҳсипор шуд. Модар ҳар боре, ки аз писараш мактуб мегирифт, як ҷаҳон хушбахт мешуд ва аз гаштаву баргашта хондани он лаззат мебурд.

- Ҳа янгамулло, омадҳо аз куҷо?

Ногоҳ яке аз колхозчизаноне, ки дар майдони сари роҳ кор мекарданд, хаёлоти ӯро парронд.

- Аз истгоҳи автобус омада истодаам, - модар лаҳзае ба асояш такя карда гуфт, - имрӯз Умрбек наомад, пагоҳ Худо хоҳад мебиёяд. Ҳа, аз хотирам набарояд, ҳӯ дина ман ба шумоён сандуқи Умрбекро нишон дода будам - ку, он каме камбудие дошт.(Модар, борҳо колхозчизанону духтаронро дар хона даъват карда, сандуқи ба нияти писараш гирифта мондаро, ки пур аз матоъҳо яъне тӯҳфуз буд нишон медод.Духтаракон матоъҳоро ба пеши танашон намоиш медоданд, чуғур-чуғуркунон бо орзуҳо хурсандӣ мекарданд, аммо ду нафар зани калонсол ботинан мегиристанд, чунки ҳақиқати ҳолро баён карда наметавонистанд, мумкин ҳам набуд ва духтаракон ин сирру асрорро намедонистанд). Чӣ хел як матои навбаромаде будааст, номаш аз хотирам баромад. Ҳоло чӣ буд?

- Парча мегӯянд - гуфт як колхозчидухтар.

- Э ҳа, парча-мӣ – пурча-мӣ дина бегоҳӣ Ҳайитқул аз картошкафурӯшӣ 2 - 3 хел матоъҳои навбаромад овард. Шукри Худо сандуқ лабрез шуд.

- Холамуллоҷон, ҳама чизҳои тӯй тайёр - ку, - гуфтанд колхозчиён.

- Ҳа, навас ва гӯсфанд ҳам тайёр. Акнун фақат гап ба омадани писарам. Писарам, ки омад шумоён ҳар дуятон, - гӯён ба ду нафар колхозчизанони калонсол ишора кард модар, - бо авсунам ба хостгорӣ меравед ва тӯйро сар мекунем.

- Холамуллоҷон, моро ҳам ба тӯй хабар мекунед? - кунҷковона пурсиданд духтарҳо.

- Э албатта, шумоён пеш - пеши келин рақс карда набиёед, магар мани кампир асозанон рақс мекунам?

Бо ҳамин сӯҳбати онҳо ба охир расиду модар ба сӯйи хонааш равон гардид.

Колхозчизанони калонсол аз паси модар нигариста, каме ашки ҳасрат рехтанд.

Маънои ин ашкро духтаракон сарфаҳм нарафтанд. Баногоҳ овози звено баланд шуд:

- Кани духтаракон, ғайрат кунед, рӯз ҳам бевақт шуда истодааст. Каланди помидори ҳамин дандонаро ҳам ба охир расонем.

... Дар роҳ дар пеши назари модар фақат маросими тӯй, яъне ёр - ёр, дар гирди оташ давр занондани арӯс, таъзим додани арӯс, ҷомаи

беқасам пӯшидани Умрбек... менамуд. Бо ин хаёлҳои ширин ба назди дарвозахонаи ҳавлӣ омада монданашро нафаҳмида монд. Аз ҳавлӣ ҷиянкелину ҷияннабераҳо ба пешвози бибӣ баромаданд.

- Аммамуллоҷон, таоми шом тайёр, дадеш ҳозиракак аз кор омаданд, мо интизори шумо, - гуфт ҷиянкелин.

Ин ҷиянкелин завҷаи додарзодаи модар- Ҳайитқул буд. Пас аз якка мондани модар Ҳайитқули ҷавон бо аммаш зиндагонӣ мекард. Дар ҳамин ҷо хонадор шуд ва бо зану фарзандонаш ҳоло бо ӯ якҷоя мезист ва ба аммааш нигоҳу бин мекарданд.

- Эҳ келинмулло, Умрбекам имрӯз ҳам наомад.

- Э аммамуллоҷон, зиқ нашавед, ягон кори зарурашон баромадагист ана мебинед Умрбекакем албатта меоянд! - гӯён келин ба тарафи ошхона равон шуд. Модар ба навасу гӯсфанди ба нияти тӯйи Умрбек бастамондаро дида, ба назараш боз маросими тӯй намуд: ёр - ёру келинфурориву дар гирди оташ давр занондани арӯс... Як пули калони ҳамонвақтаро (он солҳо ба ин пул 10 кг. гӯшт харид кардан мумкин буд) дар як ҷой руст карда монда буд, ин ба нияти он, ки вақте, ки арӯс пагоҳӣ ба пеши модарарӯс ба салом мебарояд, ба болои қоши арӯс мехалонад.

Интизории модар то охири умраш давом ёфт.

Модар вақте, ки бемори бистарӣ шуд ва ба истгоҳи автобус набаромада монд, ду чашмашро аз дару дарвоза намеканд ва агар дар кушода шавад:

- Ана писарам Умрбек омад! - гӯён бо ҳавли ҷон аз бистар мехест.

Аввали моҳи май дар арафаи Иди ғалаба дили пурорзуи модари қаҳрамон аз задан бозмонд. Рӯзи ҷаноза ҳавои форами баҳорӣ ҳукмфармо гардид ва ба ҷаноза мардуми зиёде ҷамъ омаданд. Дар қатори пеш фронтчиёни деҳаи Равонак менишастанд: Мӯсоамаку Облоқуламак, Гадойқул - Тӯраеву Раҳматзода, усто Абдурашидакаю усто Аслиака, Хуррамакаю Норқулака, Боронакаю Аббосхонака, Қаҳҳорхонбобову Меликқулака, Асроракаю Абдуфаттоҳмуаллим, усто Абдуфаттоҳу муаллими ҳарбӣ Ҳасанов (падари Толибака). Фузайлов - муаллиму Азимбойака, ҳар ду Холбойамакҳову Музаффарака бо додарашон Неъматовҳо, Бӯримухторамак-раисбобо (собиқ раиси кохози “Комсомол”, ки дар солҳои ҷанг бисьёр маҳсулоти озуқавориро вагон- вагон худашон бевосита ба фронт бурдаанд. Ба ғайр аз ин, дар солҳои ҷанг аъзоёни хоҷагиҳои ҳамсоя аз гуруснагӣ азият мекашиданд, ҳатто якчанд нафарон аз гуруснагӣ ҷон доданд. Аммо аъзоёни ин хоҷагии “Комсомол” бо сарварии ин марди хирадманду софдил - Бӯримухтор, гуруснагиро кам ҳис карданд, чунки ин колхоз яке аз колхозҳои намунавӣ дар Ӯзбекистон ҳисоб меёфт) рост меистоданд. Бисёриҳо барои ин модаре, ки то охири умр интизори қаҳрамонписараш буд ва бо армон аз ин дунё рафта истодааст бо дили сӯзон ашки ҳасрат мерехтанд. Вале иштирокчиёни ҷанг, онҳо ботинан

мегиристанд, чӣ хеле, дар урфият мегӯянд “аз рӯяшон аз ашк ҳам пурзӯртар - хок меборид”, чунки онҳо дар майдони муҳорибаҳо,ки дар вақти дар дасташон ҷон додани қаҳрамонписарон ба монанди Умрбекҳо, дӯстони ба ҷон баробару ҳамяроқашон, тамоми ашку оби чашмонашонро мисли ҷӯйбор рехта буданд, дар ҳамон ҷо тамом шуда буд ва он дӯстони қаҳрамонашонро ба хоки бегона супоридаанд. Имрӯзҳо ба болои қабри муқаддаси онҳо тамоман одамони бегона гул мегузоранд.

Ба ногоҳ садои кадоме баланд шуд:

- Салоти ҷаноза, ба салоти ҷаноза!

Ҳама саросемавор ба хондани ҷанозаи модар саф кашиданд. Пас аз ҷаноза мардон ба бардоштани тобут шитофтанд. Тобут даст ба даст намерасид. Вақте, ки ҷараёни мавҷи мардум ба кӯчаи асосии Равонак баромад, маълум шуд, ки одамон аз ҳад зиёданд. Кӯчаи калон тангӣ мекард ва дар роҳу пайраҳа намеғунчиданд. Гусели модари номурод ба ҷараёни калони дарё монанд буд. Ҳангоме, ки мардум ба истгоҳи автобус наздик шуданд, ронандаи автобус, ки акнун тараддуди ба роҳ даромадан буд ,фавран мотори автобусро хомӯш кард ва дарҳои автобусро кушод. Мардони даруни автобус зада аз автобус фаромада, барои бардоштани тобут шитофтанд. Ронандаи автобус сигнал дод,чунки ӯ модари дар тобут хобидаро хуб мешинохт. Дурудароз сигнал дод. Ба вай пайравӣ карда, овози сигнали дигар мошинҳо ҳам баланд шуд. Садои сигнали видоъомези дурударози мошинҳои бисьёр дилҳоро ба риққат оварда, оби чашми мардумро ҷӯйбор месохтанд...

ШУКРУЛЛОХОН ВАЛИЗОДА



Шукруллохон Вализода соли 1949 дар деҳаи Қумзори ноҳияи Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба дунё омадааст.

Ӯ факултети забон ва адабиёти Донишкадаи Самарқандро хатм намудааст.

Солҳои тӯлонӣ дар таъмиру тармими ёдгориҳои таърихӣ саҳми муносиб гузоштааст.

Ҳоло дар нафақа бошад ҳам, ба эҷоди асарҳои бадеӣ машғул аст. Шеърҳояш дар матбуоти даврӣ нашр шудаанд.

Китобҳояш бо номҳои «Бо дуои падар», «Пайравии падар», «Розу ниёзи дил», «Хазинаи бебаҳо» ва «Шашсаду шаш рубоӣ» чоп шудаанд.

ҒАЗАЛҲО

Ман, ки аз дилдор дур афтодаам,
Бедилу бемор дур афтодаам.
Шому рӯзи ман баробар торик аст,
Аз рухи он ёр дур афтодаам.
Нашъаи дидори созад беқарор,
Ман аз он дидор дур афтодаам.
Гар сабо ҳадсе зи мо пешаш барад,
Донад он дилдор: дур афтодаам.
Дурии рӯяш асар бар дил намуд,
Дил чу шуд афгор, дур афтодаам.
Шавқи васлаш ҳеч гаҳ аз дил нарафт,
Лек ман ҳар бор дур афтодаам.

* * *

Аз пайи кибру ҳавас оқил нашуд,
Чун зи харчу дахли бад ғофил нашуд.
Ҳар қадам дониста мебардошт ӯ,
З-ин қазоват пой бар ботил нашуд.
Орзуи сарвату давлат накард,
Ҳам дучори миннату мушкил нашуд.
Ҷомае аз хоксорӣ дӯхт, лек
Дар хаёли махмалу маҳмил нашуд.
Хайру эҳсон дар вуҷуди поки ӯст,
Гарм бе дидори вай маҳфил нашуд.
В-он, ки бар сар дошт фикри молу зар,
Дар раҳи умр одами комил нашуд.

* * *

Бар он нодон насиҳат чорагар нест,
Суханҳои баҳикмат чорагар нест.
Насозад гӯш ҳарфи пиру барно,
Варо панду надомат чорагар нест.
Агар даъват намоӣ бар тамизӣ,
Ҳазор андарзу даъват чорагар нест.
Куҷо нафъе расад аз вай ба мардум,
Мафоди кору меҳнат чорагар нест.
Намедонад азобу ранҷи дунё,
Чунин касро диёнат чорагар нест.
Ба некӣ бо бадӣ посух бигӯяд,
Ба бадгавҳар мурувват чорагар нест.

* * *

Зи ман бишнав, зи бадгӯён бипарҳез,
Зи фарди зишту бевиҷдон бипарҳез.
Ҳавас ҳаргиз макун дидори бадхӯ,
Зи суҳбатҳои бадхӯён бипарҳез.
Машав ту ҳамнишин бо бадсиголон,
Зи гуфтори сияҳрӯён бипарҳез.
Намо андеша пеш аз кору гуфтор,
Аз он рафтори нофармон бипарҳез.
Дили инсон басе ҳам зудранҷ аст,
Зи афкори бадандешон бипарҳез.
Худоҷӯву худотарсу матин бош,
Зи афроди тиҳимағзон бипарҳез.

* * *

Кош, ту аз аҳли вафо мешудӣ,
Дуртар аз ҷавру ҷафо мешудӣ.
Бар мани бечора сафо мерасид,
Гар зи раҳи макр ҷудо мешудӣ.
Ҳам раҳу ҳам маслаки ман ошиқист,
Кош, дар ин ҷода ту ҷо мешудӣ.
Муҳри вафо бар варақи дил занӣ,
Чун маҳаки ишқ расо мешудӣ.
Ҷой ба дил мешудӣ амсоли ишқ,
Низ сазовори сано мешудӣ.

БАҲОР ОМАД, НИГОРИ МАН НАЁМАД

Баҳор омад, вале ёрам наёмад,
Чаро насрини гулзорам наёмад?
Дамид аз хоки покаш лола, аммо,
Нигори ман ба дидорам наёмад.

* * *

Аҷал аз ман ҷаҳони ман ҷудо кард,
Маро аз меҳрубони ман ҷудо кард.
Чӣ созам? Қисмату тақдир ногоҳ
Танам аз рӯҳу ҷони ман ҷудо кард.

* * *

Ба аксат бингарам, дил реш гардад,
Ниҳодам мисли он дарвеш гардад.
Нигоҳи сокитат дилро таконад,
Зи ғам нӯши ҷаҳонам неш гардад.

* * *

Аниси дил, куҷо рафтӣ, куҷоӣ?
Чӣ созам бо ҳама ранҷи ҷудоӣ?
Ман андар кунҷи узлат боумедам,
Ки шояд ногаҳон аз дар даровӣ.

БОЙЧЕЧАК

Мо – бачагон омадем,
Хуб ғазалхон омадем.
Бойчечак, бойчечак!

Овардем мо бойчечак,
Ба кампиру келинчак.
Бойчечак, бойчечак!

Ба абрӯ молид кампир,
Мехост ӯ, ки шавад пир.
Бойчечак, бойчечак!

Келин буда беқарор
Ба байти зер интизор:
«Сафедори бутокдор,
Шавед Шумо писардор!»
Бойчечак, бойчечак!

Ин гули зарди Наврӯз,
Паёми фасли фирӯз.
Бойчечак, бойчечак!

Мужда бароред имрӯз,
Ин ҳам бувад ду-се рӯз.
Бойчечак, бойчечак!

Ҳозир бошад, ба моён,
Бояд кушоед ҳамён.
Бойчечак, бойчечак!

Хазинабон аст Қодир,
Ба шумурдан ӯ моҳир.
Бойчечак, бойчечак!

Қанду мавизу бодом
Медоданд пештар бобом.
Бойчечак, бойчечак!

Имрӯз фақат пул бошад,
Аз ҳама зарур бошад.
Бойчечак, бойчечак!

Ба ошу манту вақт нест,
Чунки ҳамсоя кам нест.
Бойчечак, бойчечак!

Хайр, саломат бошетон!
Ба Соли Нав расетон!
Бойчечак, бойчечак!

ХАЗИНА

Китоб ҳам қути ҷон аст,
Илму донишро кон аст.
Пиру ҷавон пайваста
Ин замон китобхон аст.

Ҷевонҳои пуркитоб,
Бинам, равам бошитоб.
Варақгардон намоям,
Ёбам чизи хонданбоб.

Мӯниси шахси танҳо,
Махзани меҳру вафо.
Бошад ёри беғараз,
З-ин рӯ бошад бебаҳо.

Гарчи ҳоло хурдсолам,
Китобро дӯст медорам.
Шеъру таронаҳоро
Бурро-бурро мехонам.

ШУҲРАТ БОБОҶОНОВ



Шуҳрат Бобоҷонов дар шаҳри Ангрени вилояти Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар оилаи коргар тавлид ёфтааст.

Хатмкардаи ДД Хуҷанд, ДД Самарқанд ва ДДО Тошканд мебошад. Факултетҳои таърих ва технологияро хатм намудааст.

Фаъолияти педагогии худро аз соли 1996 дар мактаби зодгоҳаш ҳамчу муаллими синфҳои ибтидои оғоз намуд. Аз соли 1999 дар сифати муаллими фанни таърих кор бурд. Шогирдонаш дар Слети ҷумҳуриявии «Яшил чироқ» иштирок намуда, сазовори ҷои аввал гаштаанд.

Бо ташаббуси ӯ ашъори бузургон ба монанди Умар Хайём, Ҳофиз, Лоиқ, Камоли Хуҷандӣ, Фонӣ, Айнӣ ва дигарон аз нав рӯи чопро дидаанд.

Ӯ мухбирии рӯзномаи «Ховар»-ро низ дар вилояти Тошканд бар зиммаи худ гирифтааст.

ӮЗБЕКИСТОНИ МАН

Гӯямат хуррамзаминӣ, Ӯзбекистони манӣ,
Мулки неъматофаринӣ, Ӯзбекистони манӣ.
Мадҳи ту мегӯяму донам наарзад заррае,
Нест мислат сарзамине, Ӯзбекистони манӣ.
Испитомон, Тӯмарис, Темуру Бобур додаӣ,
Ҳам қавию ҳам матинӣ, Ӯзбекистони манӣ.
Шуд гулистон маърифатгоҳ аз камоли илми ту,
Сарви танҳои баринӣ, Ӯзбекистони манӣ.
Ёди ту бинмудан имрӯз фарз бошад баҳри ман,
Сарзамини беҳтаринӣ, Ӯзбекистони манӣ.
Мадҳи ту гуфтанду гӯям, боз гӯям сад ҳазор,
Бар дилу ҷонам қаринӣ, Ӯзбекистони манӣ.
Шукри Ҳақ кун, Шӯҳрато, мадҳи Ватан мекун мудом,
Аз ҳама зеботаринӣ, Ӯзбекистони манӣ!

ШУКРОНА

Ман зодаи ин сарзамин, шукри Худо, шукри Худо,
Ин ҷаннати рӯи замин, шукри Худо, шукри Худо!
Аз моҳ ҳам маҳрӯйтар, аз меҳр ҳам тобандатар,
Дар ин ҷаҳон зеботарин, шукри Худо, шукри Худо.
Чун сулҳу осойиштагӣ бар мо муҳайё кардаӣ,
Бар ҳиммати ту офарин, шукри Худо, шукри Худо.

Дар роҳи истиқлоли ту ҷонам фидо бод, эй Ватан,
К-ин роҳ роҳи беҳтарин, шукри Худо, шукри Худо.
Бар сарвари мо додаӣ ту хислати Нӯширавон,
Аз раҳбарон донотарин, шукри Худо, шукри Худо.

МОДАРАМ

Модарам рафта зи олам, ҷисму ҷонам даргирифт,
Дар фироқаш чун бинолам, устухонам даргирифт.
Ҳар шабе ҳангоми хуфтан алла бар ман месуруд,
Чун ба ёд омад сурудаш, мағзи ҷонам даргирифт.
Хонаам гирдоби ғам шуд баъди рафти он ҳилол,
Дар ғами дидори рӯяш ошёнам даргирифт.
Хостам, мадҳаш намоям, хома бигрифта ба даст,
Чун сухан гӯям ба ёдаш, ки равонам даргирифт.
Умри кӯтоҳе бидиду тӯйи фарзандон надид,
Гӯӣ баъди рафтанаш умри ҷавонам даргирифт.
Модаро! Аз хоки тар бархез, бинад Шӯҳратат,
Чун сухан гуфтам ба ёди ту, забонам даргирифт.

ОРЗУСТ

Дидани рухсораву чашми хумораш орзуст,
Накҳате з-он рӯйи гул, бӯйи баҳораш орзуст.
Бар нигоҳи дилрабояш шеъри зебо хонамаш,
Сӯҳбату дилдориҳои шаҳдбораш орзуст.
Чеҳраи шириншамоил, пайкари ҳуримисол,
Чашмҳои меҳрубону ғамгусораш орзуст.
Меҳри ӯро бар замини қалби худ коридаам,
Як нигоҳи дилрабову дилшикораш орзуст.
Қомати ӯ, чеҳраи ӯ гар маро девона кард,
Хандаҳои ҷонфизову ғамбараораш орзуст.

ҶУДО ГАШТАМ

Аё қисмат, ту раҳме кун, ки аз ёрон ҷудо гаштам,
Дар ин мулки хароботӣ, чӣ гӯям, зери по гаштам.
Кушо дасту дуъо бинмо, дигар ҳоҷат надорам ман,
«Дуо гӯед, ало ёрон, ки муҳтоҷи дуо гаштам»[45].
Ба ишқи он санам зорам, ба роҳаш дидаҳо чорам,
Дар ин дунё, ки ӯ фонист, девонай Худо гаштам.

[45] Маъно аз Бобораҳим Машраб.

Ту ҳастӣ қодиру танҳов танҳоӣ ба ту зебад,
Худоё, яккаву танҳо дар ин арзу само гаштам.
Ҷигарҳо хун шуд аз гиря, намо лутфу бикун шодам,
Чаро ин сон нагирям ман, ки аз ёрон ҷудо гаштам?
Дилам бисёр мехоҳад, ки рӯят як раҳе бинам,
Ва гӯям аз дили зорам: Чу дунё бебақо гаштам.

ЗЕБАНДА КУН

Қодиро, бар ман накӯ кун, гандаатро банда кун,
Аз гуноҳам бигзару бар ҷаннатат зебанда кун.
Ҷонгиранда омада гар меҳмони ман шавад,
Амр бинмо, Холиқо, лабҳошро пурханда кун.
Чор ёри Мустафо дар Кавсарат биншастаанд,
Қарае аз оби раҳмат ҳам маро нӯшанда кун.
Ҳарф агар чинам зи оятҳои «Қуръон», он замон,
Савти чун булбул ба ман бахшо, маро гӯянда кун.
Рӯйи гарму бахти некӯ бар мани шарманда деҳ,
Назди дигар бандагонат бандаи арзанда кун.
Афв бинмо Шӯхрататро, чашми ӯ дар гиря аст,
Аз гуноҳаш бигзару бар ҷаннатат зебанда кун!

ДАР ҶАВОНӢ

Дар ҷавонӣ хурраму болида аз даврон будам,
Парвариш мекардаму устоди фарзандон будам.
Бингар акнун бар ману ибрат бигир аз ҳоли ман,
Ман ҳам айёми ҷавонӣ пур зи шаъну шон будам.
Бар сарам ғам бораду як ғамшарике не ба ман,
Мисли гулҳои баҳорӣ ман ҳаме хандон будам.
Аз адам баргаштаму одам шуданро хостам,
Меҳри инсонро ҳарису ташнаи инсон будам.
Одамиро не бақо, таърихи одам бобақо,
Ман аз ин фарҳанги инсон андаке пурдон будам.
Машъали илму адаб меҷӯшад андар синаам,
Зери хок аммо чу зар аз дидаҳо пинҳон будам.
Шӯхрато, ғамгин чароӣ, бебақо дунёи дун,
Боз мегӯӣ, ки: «Ман ҳам бандаи Яздон будам!»

ГУЗАШТ

Ҳасрато, дар лаҳзае дунёи рангинам гузашт,
Вақти пирӣ даррасиду фасли гулчинам гузашт.

Як даме шодӣ надидам дар ғаму андӯҳи ту,
Талхкомиҳо расид, айёми ширинам гузашт.
Дилбари аввал ту будӣ, ишқи охир ҳам туӣ,
Бо ту, эй ёри азиз, ишқи нахустинам гузашт.
Дар фироқат дил надорад лаҳзае сабру қарор,
Эй аниси қалби ман, орому таскинам гузашт.
Ман ба роҳат интизорам, номаву таҳсин куҷост?
Сабру тамкинам сар омад, нома-таҳсинам гузашт.

РАФТАМ

Аз ин дунёи номардон, дареғо, чашми тар рафтам,
Шукӯҳу салтанат ҳайфо, ки ман бо карру фар рафтам.
Чу дунё ҷамъ овардам, насиби ман нашуд охир,
Ба он дунё, ки он боқист, ман бесиму зар рафтам.
Замона пур шуд аз фосиқ, чӣ гӯям боз аз ин, эй дӯст,
Макун айбам ту, эй ёрам, зи дунё бесамар рафтам.
Чу шохи хушкгашта Шӯҳрато дар ҳолати назъаст,
Агар гӯяд, аҷаб манмо, ки: «Ман бешоху бар рафтам».

ЁДИ ОШИҚ

Ҷон равад аз ин бадан, ёд аз мани ошиқ кунед,
Гар равам ман бекафан, ёд аз мани ошиқ кунед.
Сӯхтам дар ёди ёре, обпошед, ошиқон,
Доғ шуд дил дар чаман, ёд аз мани ошиқ кунед.
Рӯи ӯ ёдам расиду дарди дил гуфтам ба об,
Дар фарози ҳар сухан, ёд аз мани ошиқ кунед.
Мекашам бори фироқи дӯстон ҳамчун Камол,
Чун манам дур аз Ватан, ёд аз мани ошиқ кунед.
Гарди хоки ёр гаштан орзӯи Шӯҳрат аст,
Рафта дар кӯҳу даман, ёд аз мани ошиқ кунед.

ХАТО КАРДӢ

Нигоро, бар дили зорам муҳаббатро ато кардӣ,
Сазовораш набудам ман, хато кардӣ, хато кардӣ.
Дили манро рабудиву маро аз худ бадар карди,
Дар охир, эй ҳабиби ҷон, ба ишқат мубтало кардӣ.
Зимистонам баҳорон шуд, баҳоронам хазон гардид,
Ту эй беаҳду бепаймон, дилам бар ғам раҳо кардӣ.
Ба ҳоли ман дилаш сӯзад, ҳамон Фарҳоди Кӯҳкан ҳам
Бигӯ байти ҷамили ман чаро мотамсаро кардӣ?

ЭРГАШИ САНГИН



Эргашбой Тоҳиров 14 -уми ноябри соли 1979 дар деҳаи Кумарғи ноҳияи Айнӣ таваллуд ёфтааст. Баъд аз хатми мактаби миёна ба курси кӯтоҳмуддати ронандагӣ дохил шуда, онро соли 1997 хатм намудааст,

Эргашбой Тоҳиров аз синни хурдсолӣ ба шеър ва суруду мусиқӣ шавқи зиёд дошт. Ба хотири он ки истеъдоди худро пеш барад, ӯ соли 2006 ба Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон, факултаи филология, бахши забон ва адабиёти тоҷик дохил шуда, таҳсили худро давом додааст.

Эргашбой Тоҳиров соли 2008 боз ба курси кӯтоҳмуддати филиали омӯзишгоҳи касбӣ-техникии № 53 дохил шуда, онро соли 2009 хатм кард.

Ҳоло ӯ дар мактаби миёнаи таҳсилоти умумии рақами 46 аз фанни забон ва адабиёти тоҷик ба шогирдон дарс мегӯяд.

Китобҳояш бо унвонҳои «Фарёди ишқ», «Ёдат мекунам», «Таронаи муҳаббат» ва «Шукуфаи Ватан» чоп шудааст.

ТОҶИКИСТОН

Зебост Тоҷикистон,
Барност Тоҷикистон.
Аз баҳри миллати мо
Яктост Тоҷикистон.

Зебандаи ҷаҳон аст,
Чун боғи бехазон аст.
Дар пайкари ману ту,
Умре мисоли ҷон аст.

Бошад мадори пирон,
Илҳоми навҷавонон.
Аз ганҷи рӯйи дунё
Болост Тоҷикистон.

Сардори оқили мо,
Шуд шамъи маҳфили мо.
Эмомалии Раҳмон,
Ҷо гашт дар дили мо.

Озод кишвари мост,
Сарсабзии сари мост.
Доим азиз бар мо
Монанди модари мост.

ТОҶИКИСТОН

(мувашшаҳ)

Тоҷикистон, эй билоди номдор,
Обшорони ту бошад бешумор.
Ҷо шудӣ дар синаам монанди дил,
Ин дилам бе ту ҳамегардад хиҷил.
Кишварам, ҳастӣ мисоли модарам,
Ифтихори ман ту ҳастӣ, кишварам.
Солҳо монанди модар дар канор
Ту маро парвардаӣ фарзандвор.
Он қадар ҳам дӯст медорам туро,
Нест ғунҷон дар ҳудуди шеърҳо.

МЕХОҲАД ДИЛАМ

Мехоҳад дилам рӯйи ҷаҳонро бинам,
Ҳар гунаву ҳар ранг одамонро бинам.
Бо нокасу бо кас ошноӣ карда,
Рафтори тамоми ину онро бинам.
Мехоҳад дилам равам ба сайри олам,
Ин олами беҳад бекаронро бинам.
Бо духтари ҳар миллат шавам ҳамсӯҳбат,
Ман нози тамоми духтаронро бинам.
Мехоҳад дилам, ки ман равам бар дурӣ,
Уқёнусу ҳам баҳри дамонро бинам.
Биншаста ба назди соҳилу ҳар бегоҳ
Бетоқатиҳои моҳиёнро бинам.
Мехоҳад дилам, ки шаб нишинам бо ёр,
Дар зери фалак ман ахтаронро бинам.
Ман Эргашам, дилам нагардад сокит,
Хоҳам, ки висоли ошиқонро бинам.

БИШАВ МЕҲМОН

Эй дилбари хушхони ман,
Эй нур дар чашмони ман,
Эй ахтари тобони ман,
Як шаб бишав меҳмони ман!

Ман лоиқу ёри туям,
Ман худ вафодори туям.
Умре ҳаводори туям,
Як шаб бишав меҳмони ман!

Аз дил маро берун макун,
Дилро дигар пурхун макун,
Ёрам, маро Маҷнун макун,
Як шаб бишав меҳмони ман!

Ҳастӣ ту дар пеши назар,
Нозону хандон, ҷилвагар,
Бар Эргаши ошиқ нигар,
Як шаб бишав меҳмони ман!

АНДАРЗ

Чаро нолӣ зи баҳри молу мансаб?
Чаро беҳуда бигзорӣ ту матлаб?
Чаро умри азизат мекунӣ хор?
Чаро гардидаӣ бар ғам гирифтор?
Ту охир одамӣ, одамгарӣ кун,
Дилу ҷонро аз ин ғамҳо барӣ кун.
Мазан ту таънаи беҳуда бар кас,
Ба қадри одаму одамгарӣ рас.
Макун ту гандагӣ бар ҳеҷ одам,
Макун тӯҳмат ба кас дар рӯйи олам.
Ту некиро шиори хеш бинмо,
Дари дилро ба рӯйи халқ бикшо.
Амал созӣ агар аз рӯйи ин панд,
Шавӣ андар диёрат обрӯманд.

ФАХР ДОРАД МИЛЛАТАМ

Тоҷикистон, ҳастиям аз туст,
Шӯру шавқу мастиям аз туст.
Ҷашну идат бод афзун,
Эй биҳишти зери ин гардун!
Тоҷикистон, эй диёри афсона,
Хонумонӣ бар ману хона.
Ман ба васфи ту сухан гӯям,
Рози дилро ба анҷуман гӯям.
Кишварам, аз ту файз меборад,
Бар дили кас фараҳ меорад.
Фахр дорад миллатам аз ту,
Бар тану рӯҳ медиҳӣ нерӯ.

НАВРӮЗИ АҶАМ ОМАД

Айёми баҳор омад,
Чун ҳуру ногор омад,
Шодӣ ба канор омад,
Наврӯзи Аҷам омад.

Ин меҳру муҳаббат бин,
Ин ҳусну малоҳат бин,
Ин файзу тароват бин,
Наврӯзи Аҷам омад.

Бар кишвари тоҷикон,
Бому дари тоҷикон;
Зебу фари тоҷикон,
Наврӯзи Аҷам омад.

Ҳар ғунча шукуфо шуд,
Ҳар мурғ ба хунё шуд,
Ободии дунё шуд,
Наврӯзи Аҷам омад.

Монанди арӯси сол,
Овард ҳазор иқбол;
Хуш бод туро омол,
Наврӯзи Аҷам омад.

ПАНДИ ПАДАР

Мекунад моро насиҳатҳо падар,
Чун адаб ганҷе набошад, эй писар.
Илму донишро ба даст орӣ агар,
Ту намебинӣ дар ин дунё зарар.

Беадаб ҳар вақт расво мешавад,
Хислати зишташ ҳувайдо мешавад.
Боадаб хорӣ набинад ҳеҷ гоҳ,
Хок дар дасташ чу тилло мешавад.

Ғайбати мардум гунаҳгорат кунад,
Бар ғаму андуҳ гирифторат кунад.
Танбалию ғофилию ҷоҳилӣ
Дардманду сусту беморат кунад.

МУНДАРИҶА

Пешгуфтор.....3
Абдувакил Раҷабӣ.....7
Абдукарим Ғанизода 9
Абдураззоқи Раззоқ 12
Абдурасул Иброҳимзода 16
Абдурауф Муродӣ.....20
Абдурофеъ Рабизода.....24
Абдуҷаббори Суруш.....28
Абулҳай Саидқосим 32
Амирҳамзаи Ҳоҷӣ Сайидолим 35
Амрулло Авезов.....39
Анварбеки Абӯнаср.....43
Асад Гулзодаи Бухороӣ.....47
Аслиддин Қамарзода 51
Аслиддин Одинаев.....55
Ато Карим.....59
Афсар Сармад.....63
Бахтиёри Ҷумъа.....68
Беҳрӯз Маъруфӣ.....72
Виркан Музаффарпур.....75
Ғофили Пағнагӣ.....79
Гулафзо.....83
Гули Мурод.....87
Гулрез 91
Давлатшоҳи Тоҳирӣ.....95
Дилшодаи Фарҳодзод.....99
Доро Наҷот 103
Замираи Шамсиддин 109
Зарнигори Шодӣ 113
Зарринаи Шодӣ.....117
Зиёд Ашӯр 120
Зубайдуллоҳи Амонуллоҳ 124
Ибодуллоҳи Раҷаб 128
Ибодуллоҳи Солеҳ.....132
Иброҳими Мирмуҳаммад.....136
Иброҳими Наққош 140
Иброҳими Савтӣ.....144
Иброҳимҷон Дӯстализода.....148
Искандари Раҳмон 152
Исматуллоҳи Неъматзода.....156
Исмоил Зарифӣ.....161
Карим Нофеӣ.....165
Комилҷон Ҷӯразода.....169
Кӯҳзоди Фатҳулло.....176
Қозӣ Абдуҷаббор Махдуми Урметанӣ.....181
Қозӣ Махдум.....184
Қутбӣ Киром.....189
Лоиқ Шералӣ.....193
Луқмон Қурбон 197
Маликаи Бахтиёр 202
Мартабаи Ориёӣ.....206
Маҳбуба Неъматзода 210
Маҳбуба Турсунова.....214
Меҳрафзои Суҳроб.....218
Меъроҷиддини Рухшонӣ.....220
Мирзо Маҳмуд 223
Мирзо Ҳамдам.....228
Мирзоюнус Одилзода 232
Мирзоюсуф Тоҳирӣ.....236
Моҳира Валиева 240
Моҳира Раҳимзода 243
Музаффар Суғдзод.....247
Муллозуҳур Тоҳирӣ 251
Мулло Қурбони Шайдо 255
Мурод Қурбонзода.....259
Мурод Саидалии Мазорӣ 262
Муродбибӣ Баҳриддинова.....266
Мутриб.....269
Муҳаммадшарифи Рустам 273

Мӯсозода Шаҳрбону.....276
Набиҷон Мустафозода 281
Носири Шарифи Боқӣ 285
Нусрати Мирак.....289
Озарахш.....293
Озари Ориф.....296
Олимҷон Орифӣ.....300
Орзу Шодӣ.....303
Ориф Гулхании Самарқандӣ.....307
Ороста Ниёз.....311
Паймон Шерматзода 314
Парисо.....318
Равшани Ҳамроҳ.....322
Раҳмат Юсуфӣ.....326
Раҳматуллоҳ Неъматов.....329
Раъно Насриддинова 332
Ромиши Ҳоҷипур 336
Рӯзиқули Абдувалӣ.....340
Сабоҳиддини Баҳриддин.....342
Саид Ризо 345
Саиди Юнусиён.....349
Саидбурҳон Икромӣ.....353
Солеҳ Саид Мурод.....357
Субҳон Туйғун.....361
Сӯҳроб Ғаффорӣ 364
Толиб Юнусзода 366
Тоҷибой Султонӣ.....370
Убайдуллои Мирзоюнус.....376
Ӯктами Иброҳим.....380
Файзуллоҳи Холмуҳаммад..... 383
Фарзон Назрӣ..... 387
Фаридуни Фарҳодзод..... 391
Фарҳод Вализода..... 395
Фозил Шукурзод..... 399
Хиромони Усмон..... 403
Хосият Норова 407
Хушдили Абдулғафур 411
Ҳадяи Бухоройӣ..... 415
Ҳазрати Ғайрат..... 419
Ҳазраткул Ҳамроқулов..... 424
Ҳаким Гӯё..... 428
Ҳамза Ҷӯра..... 432
Ҳасан Сулаймонӣ 435
Ҳоҷар..... 439
Ҳоҷӣ Сайидолими Каздонӣ..... 443
Ҳоҷибой Маҳкамзода 447
Ҳусниддин Зулфонов..... 451
Ҷамшед Обидов 455
Ҷафокаш..... 458
Шамсия 461
Шариф Исматӣ..... 468
Шариф Ярашов 472
Шарифи Шарифзод..... 476
Шаҳзод Кенҷазода 480
Шодмон Амонуллоев 483
Шукруллохон Вализода..... 488
Шуҳрат Бобоҷонов..... 492
Эргаши Сангин..... 496



Намуна аз дафтари ғазали мураттиби китоб Иброҳими Наққош



Хушнависи “Бисмиллоҳ”
бо қалами Иброҳими Наққош

СУХАНВАРОНИ ЗАРАФШОН

(мухтасари ҳасби ҳол ва намунаи эҷодиёти бархе аз шоирону нависандагони гуногунпояи муосири водии Зарафшон)

Мураттиб:
Иброҳими Наққош

Ҳайати таҳрир:
Бахтиёр Ҷумъазода, Аслиддин Қамарзода, Исмоил Зарифӣ, Равшани Ҳамроҳ, Абдуҷаббори Суруш, Афсар Сармад ва Фаридуллоҳи Убайдуллоҳ

Ба матбаа 10.07.2019 супорида шуд. Андозаи 70х100 1/16. Коғази офсетӣ. Ҳуруфи адабӣ. Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопӣ 31,5. Адади нашр 200 нусха.

Дар матбааи ҶДММ “Бебок” батабъ расид.